**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ**
**ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS**

# ПАЁМИ
# МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД
**№1 (40)**
**(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)**

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ВЕСТНИК
**№1 (40)**
**(научно-практический журнал)**

# THE FINANCE AND ECONOMIC BULLETIN
**№1 (40)**
**(science-practical journal)**

Душанбе, 2024

**Сармуҳаррир**

Абдуалимзода Ҳ.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муовинони сармуҳаррир:**

Саидмуродов Л.Ҳ. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қодиров Ф.А.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аъзои ҳайати таҳририя:**

Хайрзода Ш.Қ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара

Раҳимзода Ш. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Эргашев Р.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонмамадов Ш.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аминов И. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қандиёрова Д.О. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мирсаидов С.А – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов М.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сафаров Б.Г. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фарайдунов О.Қ. - номзади илмҳои физика-математика, Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдуллоев Ф.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.**

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №242/МҶ– 97 аз 12.04.2022 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2022
Паёми молия ва иқтисод
Маҷалла ба Феҳристи тақризшавандаи маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм чоп мешаванд.
Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Намояи иқтибосоварии илмии Россия (НИИР) шудааст.

**Главный редактор**

Абдуалимзода Х.А. – кандидат экономических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Заместители главного редактора:**

Саидмуродов Л.Х. – член-корр. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кодиров Ф.А– кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Редакционная коллегия:**

Хайрзода Ш.К. - доктор экономических наук, ректор Дангаринского государственного университета

Рахимзода Ш. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета, директор Института экономики и демографии НАНТ

Эргашев Р.Х. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономики Каршинского инженерно-экономического института Республики Узбекистан

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джонмамадов Ш.Б. - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета

Аминов И. - доктор экономических наук, профессор кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шарипов Б.М. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Мирсаидов С.А. - доктор экономических наук, профессор кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета

Содиков М.С. - доктор экономических наук, доцент, заведующий кафедрой мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета

Сафаров Б.Г. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по международным связям Таджикского государственного финансово-экономического университета

Фарайдунов О.К. – кандидат физико-математических наук, Началник управления по науке и инновации Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдуллоев Ф.К. - кандидат экономических наук, доцент, директор Технологического парка Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Журнал печатается на таджикском, русском и английских языках.**

Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под №242/ЖР - 97 с 12.04.2022г.

Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2022

Финансово-экономический Вестник

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

**CHIEF EDITOR**

Abdualimzoda H. A. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

**DEPUTY CHIEF EDITORS:**

Saidmurodov L. H. – Corresponding Member of National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

Qodirov F.A.– candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

**EDITORIAL BOARD:**

Khayrzoda Sh.Q. - Doctor of Economic Sciences, Rector of the Danghara State University

Rahimzoda Sh. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics, Director of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

Ergashev R.Kh. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economics, Karshi Engineering and Economic Institute of the Republic of Uzbekistan

Faqerov H.N. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic of enterprise and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Jonmamadov Sh.B. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of World Economy and International Trading of the Tajik State University of Finance and Economics

Aminov I. - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department Management of the Tajik State University of Finance and Economics

Sharipov B.M. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of Tajik State University of Finance and Economics

Qandiyorova D.O. - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Mirsaidov S.A.– Doctor of Economic Sciences, Professor of the department of customs activities of the Tajik State University of Finance and Economics

Sodiqov M.S. – Doctor of Economic Sciences, the Head of Department of the World economy and international business of the Tajik State University of Finance and Economics

Safarov B.G. – candidate of Economic sciences, associate professor, Vise-Rector on International Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

Faraidunov O.Q. - candidate of Physical and Mathematical Sciences, Head of the Department of Science and Innovation of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydulloev F.K. – candidate of Economic sciences, associate professor, the Director of Tecknological Park of the Tajik State University of Finance and Economics



**The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.**

The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan №242/ЖР – 97 from 12.04.2022

The Tajik State University of Finance and Economics, 2022

The Finance and Economic Bulletin

The journal is included in the list of scientific journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, in which the main scientific results of dissertations for the degree of doctor and candidate of science should be published.

The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

**УДК: 334.7**

## ТАЪСИРИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ ХУСУСИИ ИКТИСОДИЁТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аминов Иномҷон**
**Аминов Фотеҳҷон Иномҷонович**

**Аннотатсия.** Дар мақола таъсири рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иктисодиёт ба шуғли аҳолӣ баррасӣ гардидааст. Қайд карда шудааст, ки таъмини шуғли аҳолии қобилияти корӣ дошта яке аз масъалаҳои муҳимтарини давраи ҳозираи рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар асоси таҳлили маводҳои оморӣ нишон дода шудааст, ки дар кишвар шумораи аҳолии қобилияти кории дар иқтисодиёт истифода нашуда нисбат ба миқдори захираҳои меҳнатӣ сол аз сол бо суръати баландтар меафзояд. Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ низ зиёд шуда истодааст. Асоснок карда шудааст, ки роҳи ҳалли ин масъала бештар рушд додани соҳибкорӣ дар бахши хусусии иктисодиёт мебошад.
**Калидвожаҳо:** захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, аҳолиии қобилияти корӣ, муҳоҷират, бекорӣ, соҳибкорӣ, бахши хусусӣ.
**Барои иқтибос:** Аминов И. Таъсири рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иктисодиёт ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. Аминов, Ф. И. Аминов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 5-11.

## ВЛИЯНИЕ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ЧАСТНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ НА ЗАНЯТОСТЬ НАСЕЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Аминов Иномджон**
**Аминов Фотехджон Иномджонович**

**Аннотация.** В статье рассматривается влияние развития предпринимательства в частном секторе экономики на занятость населения. Отмечается, что обеспечение занятости работоспособного населения является одним из важнейших вопросов современного периода социально-экономического развития страны. На основе анализа статистических материалов аргументировано, что количество недоиспользования рабочей силы растет более высокими темпами, чем общее количество трудовых ресурсов. Число трудовых мигрантов с каждым годом увеличивается. Обосновывается, что основным путём решения данной проблемы является дальнейшее развитие предпринимательства в частном секторе экономики.
**Ключевые слова:** трудовые ресурсы, рабочая сила, население трудоспособного возраста, миграция, безработица, предпринимательство, частный сектор.

## THE IMPACT OF ENTREPRENEURSHIP DEVELOPMENT IN THE PRIVATE SECTOR OF THE ECONOMY ON EMPLOYMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Aminov Inomjon**
**Aminov Fotekhdzhon Inomdzhonovich**

**Annotation.** The article examines the impact of entrepreneurship development in the private sector of the economy on employment. It is substantiated that ensuring employment of the working population is one of the most important issues of the modern period of the country's socio-economic development. Based on the analysis of statistical materials, it is argued that the amount of underutilization of labor is growing at a faster rate than the total number of labor resources. The number of labor migrants is increasing every year. It is substantiated that the main way to solve this problem is the further development of entrepreneurship in the private sector of the economy.
**Key words:** labor resources, labor force, working age population, migration, unemployment, entrepreneurship, private sector.

**Гузориши масъала.** Дар давраи ҳозираи рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини шуғли аҳолӣ яке аз масъалаҳои мубрамтарини давраи ҳозираи рушди кишвар мебошад. Ракамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки шумораи қувваи кории ба иқтисодиёт ҷалб нашуда сол аз сол меафзояд. Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд мешавад.. Таъсиси ҷойҳои кории нав ва ҷалби бештари аҳолӣ ба иқтисодиёти мамлакат тақозои замон гардидаст. Дар ҳалли ин масъала рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт аҳамияти аввалиндараҷа пайдо намуданд. Бинобар дар оянда ба масъалаи номбаршуда бояд диққати бештар дода шавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт дар тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии онҳо саҳми калон доранд. Бинобар баррасии ин масъала дар шароити имрузаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

**Мақсади мақола** – таҳлили захираҳои меҳнатии кишвар, аз ҷумла шуғли аҳолӣ, қувваи кории ба иқтисодиёт ҷалбнашуда, муҳоҷирати меҳнатӣ, бекорӣ ва асоснок намудани рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иқтисодиёт дар таъмин намудани дараҷаи шуғли аҳолии қувваи коридоштаи мамлакат ба фаъолияти меҳнатӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Рушди иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҳар як сохти ҷамъиятӣ мебошад. Ҳал намудани ин масъала шуғли пурмаҳсули аҳолиро талаб менамояд. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22 декабри соли 2022 қайд шудааст, ки “бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад”[1]. Ҳамин тавр, масъалаи шуғли аҳолӣ ҳама вақт дар маркази диққати Пешвои миллат ва Ҳукумати кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, таъмин намудани мувозинати байни талабот ва пешниҳодот дар бозори меҳнат яке аз вазифаҳои муҳимтарини давраи ҳозираи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Имрӯзҳо ин масъала то он дараҷа муҳим мебошад, киояндаи рушди ҳаматарафаи кишвар аз он вобастагии зич дорад.

Барои равшантар баён намудани муаммо таҳлили шумораи захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла аҳолии машғули кор ва қувваи кории дар иқтисодиёт истифода нашуда дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ аҳамияти махсус дорад. Пеш аз ҳама қайд менамоем, ки “бозори миллии меҳнат маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ, воситаҳо байни кормандон (моликиятдорони қувваи корӣ), байни соҳибкорон (корфармоён) ва давлат оид ба хариду фурӯши (киро кардани) қувваи корӣ, шарту шароит ва пардохти меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин, такрористеҳсолкунӣ, тақсимот ва тақсимоти такрории қувваи корӣ, омодасозӣ ва такроран омодасозии мутахассисони баландихтисос, таъмини шуғлнокии аҳолӣ ва роҳҳои танзими муҳоҷирати меҳнатиро бо назардошти иҷрои қонуни талаботу пешниҳод фаро мегирад” [2, С.15]. Масъалаи муҳимтарини таҳлили бозори меҳнат ин дар ҷамъи умумии захираҳои меҳнатӣ муайян намудани шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт, шумораи бекорони расман эътирофшуда, шумораи қувваи кории дар иқтисодиёт истифоданашуда мебошад. Таъмини тавозуни талабот ва пешниҳодоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат яке аз масъалаҳои муҳимтарини давраи ҳозираи рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тавозуни талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат дар асоси қиёси маҷмӯи талабот бо маҷмӯи пешниҳод муайян карда мешавад. Ба фаъолияти иқтисодӣ ҷалб намудани аҳолии берун аз шуғли расмӣ имконият медиҳад: а). ҳар чӣ бештар рушди иқтисодиёт таъмин карда шавад; б). даромадҳои пулии аҳолӣ афзуда, сатҳи зиндагонии халқ беҳтар гардад. Бинобар тамини мувозинатнокии бозори меҳнат ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини дар иқтисодиёти кишвар мебошад.

«Мувозинати бозори меҳнат – ин баробарвазнии миқдориву сифатии захираҳои меҳнатӣ аз рӯи намудҳои фаъолият, соҳаҳои иқтисодиёт ва минтақаҳои кишвар, аз рӯи маълумотномаи касбиву ихтисосмандии қувваи корӣ нисбат ба талаботи соҳаҳо, минтақаҳо, ташкилоту ширкатҳо, муассисаҳо бо ҳисоби афзоиши миқдори ҷойҳои корӣ ва илова бар ин, мутахассисони кории аз нав ҷалбшаванда ба истеҳсолот» мебошад” [2, С.19]. Ба фикри мо, асосии мувозинати бозори меҳнатро баробарвазнии миқдории нишондиҳандаҳои талаботу пешниҳод, баробарвазнии сифатӣ (яъне, мутобиқати маълумотномаи касбиву ихтисосмандии қувваи корӣ нисбати талабот ва такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ бо назардошти афзоиши ҷойҳои корӣ ва қувваи кории ба таври иловагӣ ба истеҳсолот ҷалбшаванда ташкил менамояд [2. С.19].

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар вазъият тавозуннокии талабот ва пешниҳодот дар бозори меҳнати кишвар душвор гардид. Шумораи захираҳои меҳнатӣ дар

кишвар бо суръти баланд афзоиш ёфт. Ҳиссаи аҳолии машғули кор дар иқтисодиёт сол аз сол паст рафт. Ҳиссаи қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт сол аз сол афзуд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. – Захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2022

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ҳазор нафар** | | | | | **2022 сол бо % ба** | | | |
| | **1991** | **2000** | **2010** | **2020** | **2022** | **1991** | **2000** | **2010** | **2020** |
| Захираҳои меҳнатӣ, ҳаз. нафар | 2526 | 3186 | 4530 | 5585 | 5754 | в 2,28р | 180,6 | 127,0 | 103,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| -қувваи корӣ, ҳаз. нафар;<br>бо % нисбати захираҳои меҳнатӣ | 1971<br>78,0 | 1794<br>56,3 | 2280<br>50,3 | 2557<br>45,8 | 2600<br>45,2 | 131,9 | 144,9 | 114,0 | 101,7 |
| аз он: | | | | | | | | | |
| -аҳолии машғул, ҳаз. нафар;<br>бо % нисбати захираҳои меҳнатӣ | 1971<br>78,0 | 1745<br>54,8 | 2233<br>49,3 | 2506<br>44,9 | 2545<br>44,2 | 129,1 | 145,8 | 114,0 | 101,6 |
| -бекории расман эътирофшуда, ҳаз. нафар<br>бо % нисбати захираҳои меҳнатӣ | | 42<br>1,7 | 48<br>1,1 | 51<br>0,8 | 55<br>0,8 | … | 131,0 | 114,6 | 107,8 |
| қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт, ҳаз. нафар;<br>бо % нисбати захираҳои меҳнатӣ | 555<br>22,0 | 1392<br>43,7 | 2250<br>49,7 | 3068<br>54,9 | 3154<br>54,8 | 568,3 | 226,6 | 140,2 | 102,8 |

**Сарчашма**: [3, С. 81].

Аз рақамҳои дар ҷадвал овардашуда дида мешавад, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар захираҳои меҳатӣ дар мамлакат 2,28 маротиба афзудаанд. Аммо аҳолии машғул дар иқтисодиёт ҳамагӣ 29,1 фоиз зиёд шудааст. Муаммои асосӣ аз он иборат аст, ки миқдори қувваи кории дар иқтисодиёт истифода нашуда 5,68 маротиба афзудааст. Дар натиҷа ҳиссаи шумораи аҳолии машғул аз 78,0% то 44,2%, яъне 33,8% коҳиш ёфтааст. Ҳиссаи миқдори қувваи кории дар иқтисодиёт истифоданашуда аз 22,0% то 54,8% ё ки 32,8% зиёд шудааст. Шумораи бекорони расман эътирофшуда дар соли 2022 55 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбати соли 2000 13 ҳазор нафар зиёд аст. Дар баробари ин дар кишвар шумораи зиёди шахсони худмашғул ҳаст, ки онҳоро мардикорон ҳам меноманд. Вале дар бораи шумораи умумии онҳо дар омори ҷумҳуриявӣ ва дигар сарчашмаҳо маълумотҳои саҳеҳ мавҷуд нестанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар кишвар сол аз сол афзудани миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ меафзояд. Дар бораи шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар маълумотҳои гуногун мавҷуданд. Қисми асосии муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷумҳурӣ дар Федератсияи Россия мебошанд. Санаи 17 апрели соли 2023 дар шаҳри Москав дар брифинг доир ба натиҷаҳои сафарии кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия Президенти он кишвар Владимир Путин кайд намуд, ки дар Россия 1,2 млн. нафар тоҷикон дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд [4]. Тибқи маълумотҳои интернетӣ дар дар соли 2022 3,1 млн. тоҷикон дар Россия буданд [5]. Дар ин рақами оварда шуда, он шаҳрвандолни ҷумҳурӣ, ки шаҳрвандии дутарафа доранд ба назар гирифта шудааст, ки онҳо дар он кишвар ҳамчун муҳоҷир ҳисобида намешаванд. Тибқи маълумоти дигар, дар соли 2023 қариб 987 ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурии ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ ба Федератсияи Россия рафтаанд [6]. Умуман, дар оянда муҳоҷирати меҳнатиро коҳиш додан ва дар кишвар ҷойҳои зиёди кориро таъсис додан ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин мубаддал гаштааст.

Ҳамин тавр, масъалаи мувозинатнокии бозори меҳнат яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа мебошад, ки бояд барои ҳалли он чораҳои зарурираро дидан лозим аст. Роҳи ҳалли ин масъала ҳарчи бештар сохтани ҷойҳои кории нав мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ, аз ҷумла рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусӣ, аз ҷумла ва корхонаҳои хурду миёна ва соҳибкории инфродӣ дар таъсиси ҷойҳои корӣ нақши

муҳим доранд. Дар ин бора дар гузорише, ки Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) омода кардааст, гуфта мешавад. Тибқи маълумоте, ки аз 99 кишвари ҷаҳон ҷамъоварӣ шудааст, ин "бизнесҳои хурд" ба истилоҳ 70 дарсади тамоми ҷойҳои кориро ташкил медиҳанд ва онҳо омили муҳими шуғл ба ҳисоб мераванд [7 ]. Бесабаб нест, ки дар кишвари мо ба рушди бахши хусусӣ диққати махсус дода мешавад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз саънаи 28 декабри соли 2023 қайд карда шудааст, ки “Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд” [8].

Дар натиҷаи амалигардии сиёсати пешгирифтаи ҳукумати кишвар кишвар шумораи корхонаҳо дар бахши хусусӣ дар мамлакат сол аз сол меафзояд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2 – Шумораи корхонаҳо аз рӯи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Адад | | | | | 2022 сол бо % ба | | | |
| | 1991 | 2000 | 2010 | 2020 | 2022 | 1991 | 2000 | 2010 | 2020 |
| Ҳамагӣ | 8797 | 21286 | 25083 | 47639 | 52134 | 4,3 м. | 2,5 м. | 2,0 м. | 109,4 |
| аз он ҷумла аз рӯи шаклҳои моликият: | | | | | | | | | |
| -давлатӣ | 4197 | 5784 | 2592 | 10150 | 10541 | 2,5 м. | 180,2 | 4,1 м.. | 103,9 |
| - хусусӣ ва коллективӣ | 4430 | 15174 | 21496 | 36434 | 40371 | 9,1 м. | 2,7 м. | 187,8 | 110,8 |
| -дигар шаклҳои моликият (аз ҷумла моликияти омехта, моликияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрвандон ва шахсони бетаба | 170 | 328 | 995 | 1052 | 1222 | 7,2 м. | 3,7 м. | 122,8 | 116,2 |
| бо % | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - | - | - | - |
| | | | | | | | | | |
| -давлатӣ | 47,8 | 27,2 | 21,6 | 21,3 | 20,2 | - | - | - | - |
| - хусусӣ ва коллективӣ | 50,3 | 71,3 | 76,8 | 76,5 | 77,4 | - | - | - | - |
| -дигар шаклҳои моликият (аз ҷумла моликияти омехта, моликияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрвандон ва шахсони бетаба | 1,9 | 1,5 | 1,6 | 2,2 | 2,4 | - | - | - | - |

Сарчашма: [3, 226 ].

Таҳлили рақамҳои дар ҷадвал овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои соҳибиқтиқлолиии кишвар шумораи корхонаҳо дар ҷумҳурӣ 4,3 маротиб афзудааст. Шумораи корхонаҳои давлатӣ ҳамагӣ 2,5 маротиб зиёд шудааст, шумораи корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ бошад ба суръати баландтар, яъне 9,1 маротиб афзудааст.. Дар натиҷа ҳиссаи корхонаҳои хусусӣ то ба 77,4 расидааст, ки нисбат ба соли 1991 27,1% зиёд аст. Ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ бошад аз 47,8%-и соли 1991 то ба 20,2% коҳиш ёфтааст. Ҳамин тавр, саҳми корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат рӯз аз рӯз меафзояд. Бояд қайд намуд, ки миқдори корхонаҳои дигар шаклҳои моликият дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар аз 170 адад то ба 1222 адад расид, яъне 7,2 маротиб афзудааст. Ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии корхонаҳо аз 1,9% то ба 2,4% зиёд шудаст. Аммо миқдори онҳо нокифоя буда, зиёдшавиро талаб менамояд. Рушди ин гуна корхонаҳо имконият медиҳад, ки дар кишвар бештар таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ворид карда шавад, инвеститсияҳо бештар ба иқтисодиёти кишвар ҷалб карда шаванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ шуғли аҳолӣ бештар дар бахши хусусӣ рӯ ба тараққӣ ниҳодааст(ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2022.

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳазор нафар | | | | | 2022 сол бо % ба | | | |
| | 1991 | 2000 | 2010 | 2020 | 2022 | 1991 | 2000 | 2010 | 2020 |
| Ҳамагӣ машғул дар иқтисодиёт | 1971,3 | 1745,4 | 2233,3 | 2506,2 | 2545,0 | 129,1 | 145,8 | 114,0 | 101,5 |
| Аз он ҷумла аз рӯи шаклҳои моликият: | | | | | | | | | |
| -давлатӣ | 1176,7 | 558,5 | 432,9 | 497,5 | 502,4 | 42,7 | 90,0 | 116,1 | 101,0 |
| - хусусӣ | 376,0 | 751,7 | 1406,6 | 1770,5 | 1784,9 | 474,7 | 237,4 | 126,9 | 100,8 |
| - коллективӣ | 418,0 | 415,2 | 371,1 | 216,2 | 235,5 | 56,3 | 56,7 | 63,5 | 108,9 |
| - омехта бо иштироки хориҷиён | 0,6 | 14,1 | 16,2 | 4,8 | 5,1 | 850,0 | 36,2 | 31,5 | 106,3 |
| - омехта бе иштироки хориҷиё | - | 5,9 | 6,5 | 17,2 | 17,1 | - | 289,8 | 263,1 | 99,4 |
| бо фоиз | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ машғул дар иқтисодиёт | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - | - | - | - |
| в том числе по формам собственности: | | | | | | | | | |
| -давлатӣ | 59,7 | 32,0 | 19,4 | 19,9 | 19,7 | - | - | - | - |
| - хусусӣ | 19,0 | 43,1 | 63,0 | 70,6 | 70,1 | - | - | - | - |
| - коллективӣ | 21,2 | 23,8 | 16,6 | 8,6 | 9,3 | - | - | - | - |
| - омехта бо иштироки хориҷиён | 0,03 | 0,8 | 0,7 | 0,2 | 0,2 | - | - | - | - |
| - омехта бе иштироки хориҷиён | - | 0,3 | 0,3 | 0,7 | 0,2 | - | - | - | - |

Сарчашма: [3, С.82-83].

Таҳлили рақамҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки дар солҳои рушди иқтисодиёти бозоргонӣ дар мамлакат ҳиссаи аҳолии машғул дар иқтисодиёт дар бахши моликияти давлатӣ аз 59,7% то 19, 7% коҳиш ёфтааст. Дар айни замон дар соҳаи моликияти хусусӣ он аз 19,0% то 70,1% афзудааст. Новобаста ба он, ки шумораи аҳолии машғул дар бахши моликияти омехта бо хориҷиён дар солҳои 1991-2022 8,5 маротиб афзудааст, аммо ҳиссаи он дар дар шумораи умумии аҳолии машғули кор дар соли 2022 ҳамагӣ 0,2%-ро ташкил намуд, ки нокифоя буда, дар оянда барои рушди корхонахои моликияташон омехта бо хориҷиён бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Дар солҳои соҳибистиқлоли инчунин корхонаҳои моликияташон омехта бе хориҷиён низ арзи ҳастӣ намуданд, вале ҳиссаи онҳо дар ҷалби аҳолии машғули кор ҳамаги 0,2%-ро ташкил намуд ва оянда ба соҳибкорӣ дар ин равия бояд диққати бештар дода шавад. Ҳамин тавр, дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ саҳми моликияти хусусӣ рӯз аз рӯз меафзояд.

Бояд қайд намуд, ки шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда истодааст. Дар ҳолати 01.01 соли 2023 шумораи умумии онҳо 707813 ададро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамон давраи соли 2016 (446695 адад) 158,5% зиёд шудааст [3, С.222; 9, С. 227 ]. Дар ин давра миқдори шахсони ҳуқуқӣ аз 42358 адад то ба 48625 адад расид ва нисбати соли 2016 114,8% % зиёд шуд. Бояд қайд намуд, ки бо суръати баландтар шумораи соҳибкорони инфродӣ афзудааст. Агар дар аввали соли 2016 шумораи онҳо 403843 нафарро ташкил намуда бошад, дар ҳолати ҳамон давраи соли 2022 ба 627173 нафар расид ва 55,3% зиёд шуд. Дар миқдори умумии субъектҳои хоҷагидорӣ ҳиссаи соҳибкорони инфродӣ аз 91,53% то ба 92,72% афзуд. Ҳамин тавр, саҳми соҳибкории инфродӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат давра ба давра афзуда истодааст.

Бояд қайд намуд дар давраи солҳои 2017-2023 шумораи филиалҳо ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷӣ аз 494 адад адад то 640 адад зиёд шуд. Ҳиссаи онҳо дар ҷамъи умумии субъектҳои хоҷагидорӣ 0,01%-ро ташкил дод, ки нокифоя мебошад [3, С.222; 9, С. 227 ].

Умуман, саҳми бахши хусусӣ дар таъмини шуғлнокии аҳолӣ назаррас мебошад. Барои пурқувваттар шудани тасдиқи ин фикрҳо иқтибосеро аз Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз саънаи аз санаи 28 декабри соли

2023 меорем: “Рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид. Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд.

Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд.

Соли ҷорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону азнавсозии 139 иншоот анҷом дода шуд” [8].

**Хулоса.** Дар масъалаи таъмини шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммоҳои зиёд вуҷуд доранд. Ҷалби аҳолии қобилияти меҳнатӣ доштаро бояд ба иқтисодиёт зиёд намудан, шумораи муҳоҷирони меҳнатиро коҳиш додан вазифаҳои муҳимтарини давраи ҳозираи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мебошанд. Бинобар, соҳаи бахши хусусиро бояд дар иқтисодиёт, соҳибкорӣ ва махсусан соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфродиро тараққӣ додан тақозои замон мебошад. Дар оянда бояд ба рушди дигар шаклҳои моликият (аз ҷумла моликияти омехта, моликияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрвандон ва шахсони бетаба) бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар ҷумҳурӣ барои саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат захираҳои табиӣ ва меҳнатии ба таври кофӣ мавҷуданд. Бояд оид ба инфрасохтори тараққикунанда, инвеститсияҳои хориҷиву дохилӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва махсусан дорои таҳсилоти касбии миёнаи махсус ва касбҳои оммавии корӣ ва монанди ин андеша намудан зарур аст. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба рушди саноатӣ-инноватсионӣ бо назардошти истифодаи васеи дастовардҳои инқилобҳои чорум ва панҷуми саноатӣ роҳандозӣ намуд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22 декабри соли 2022. Захиравҳои электронӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/14089/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-muhtaram-emomali-rahmon-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri. Саънаи муроҷиат: 02 феврали соли 2024

2. Аминов И. Муминова Н.Р. Рынок труда Республики Таджикистан: тенденции развития и пути обеспечения сбаланстрованности. Душанбе “Ирфон”, 2021. - 184 с.

3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2023.. Агентии (оҷонсии) омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2023 – 419 с.

4. Сколько таджикских мигрантов в России? Захираҳои электронӣ: https://comunicom.ru/interesnoe-pro-tajikistan/271-skolko-tadzhikskikh-migrantov-v-rossii. Саънаи муроҷиат: 10 феврали соли 2034.

5. Сколько из числа мигрантов в России составляют граждане Таджикистана? Захираҳои электронӣ: https://tj.sputniknews.ru/20230622/migranty-russia-grazhdane-tadjikistan-1057848400.html. Саънаи муроҷиат: 10 феврали соли 2024.

6. Таджикистан — один из лидиров по числу приехавших в Россию трудовых мигрантов. Источник: Avesta.tj. Захираҳои электронӣ; https://avesta.tj/2023/05/12/tadzhikistan-odin-iz-lidirov-po-chislu-priehavshih-v-rossiyu-trudovyh-migrantov/. Саънаи муроҷиат: 10 феврали соли 2024.

7. Большинство рабочих мест в мире создается за счет малого бизнеса и индивидуальной трудовой деятельности, говорится в новом докладе МОТ. Захираҳои электронӣ. https://www.ilo.org/moscow/news/WCMS_724036/lang--ru/index.htm. Саънаи муроҷиат: 10 феврали соли 2024.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз саънаи 28.12. соли 2023. Захиравҳои электронӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/14089/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-muhtaram-emomali-rahmon-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri. Саънаи муроҷиат: 5 феврали соли 2024.

9. Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 522 с.


**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Аминов Иномҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Нишонӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/1. E-mail: i_aminov@mail.ru, Тел.: (+992) 92 7709825.

**Аминов Фотеҳҷон Иномҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Деҳоти 1/2. E-mail: aminov_f@mail.ru, Тел.: (+992) 935763355.

**Информация об авторах:**

**Аминов Иномджон** – доктор экономических наук, профессор кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово- экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/1. E-mail: i_aminov@mail.ru, Тел.: (+992) 92 7709825.

**Аминов Фотехджон Иномджонович -** кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского государственного университета коммерции, Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти 1/2. E-mail: aminov_f@mail.ru, Тел.: (+992) 935763355.

**Information about the authors:**

**Aminov Inomjon** – Doctor of Economics, Professor of the Department of Management, Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/1. E-mail: i_aminov@mail.ru, Ph.: (+992) 92 7709825.

**Aminov Fotekhdzhon Inomdzhonovich** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Management and Marketing, Tajik State University of Commerce, Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhoti Street 1/2. E-mail: aminov_f@mail.ru, Ph.: (+992) 935763355

**УДК: 336.71**

## АҲАМИЯТИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ХИЗМАТРАСАНИҲОИ РАҚАМИИ БОНКӢ

**Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич**
**Исхаков Дилшод Илҳомович**

**Аннотатсия**. Дар мақола масъалаҳои марбут ба хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аз нигоҳи назараи аҳамияти иқтисодию иҷтимоии онҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ баррасӣ мешаванд. Таҳлили фарқияти асосӣ байни хизматрасониҳои анъанавӣ ва рақамии бонкӣ гузаронида шуда, омилҳои асосии таъсиррасон муаян карда шудаанд. Аҳамияти иқтисодию иҷтимоии хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ ба мизоҷон ва давлат муаян карда шудаанд. Ҳамзамон, аҳамияти иқтисодии хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун имконияти барпо намудани занҷираи ҳамкориҳо байни субъектони хоҷагидорӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои давлатӣ, барассӣ шудаанд. Пешниҳодҳо оиди беҳтар намудани таъсири иқтисодӣ иҷтимоии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, аҳамияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, рақамикунонӣ, иқтисоди рақамӣ, нақши давлат, низоми бонкӣ.

**Барои иктибос:** Ҳикматов У.С. Аҳамияти иқтисодию иҷтимоии хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ / У. С. Ҳикматов, Д. И. Исхаков // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 11-19.

## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ЦИФРОВЫХ БАНКОВСКИХ УСЛУГ

**Хикматов Умеджон Сафаралиевич**
**Исхаков Дилшод Ильхомович**

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы, связанные с цифровыми банковскими услугами, с точки зрения их социально-экономического значения в условиях перехода к цифровой экономике. Проведен анализ основных различий между традиционными и цифровыми банковскими услугами, определены основные влияющие факторы. Определено социально-экономическое значение цифровых банковских услуг как для клиентов, так и для государства. В то же время, экономическое значение цифровых банковских услуг для кредитных организаций рассматривается как возможность создания цепочки

сотрудничества между хозяйствующими субъектами, кредитными организациями и государственными организациями. Представлены предложения по улучшению социально-экономического воздействия цифровых банковских услуг в условиях цифровизации экономики.

**Ключевые слова:** цифровые банковские услуги, кредитные организации, социально-экономическое значение, цифровизация, цифровая экономика, роль государства, банковская система.

## THE SOCIO-ECONOMIC IMPORTANCE OF DIGITAL BANKING SERVICES

**Hikmatov Umedjon Safaralievich**
**Iskhakov Dilshod Ilhomovich**

**Annotation**. The article discusses issues related to digital banking services from the point of view of their socio-economic importance in the context of the transition to the digital economy. The analysis of the main differences between traditional and digital banking services has been carried out, and the main influencing factors have been identified. The socio-economic importance of digital banking services for both customers and the state has been determined. At the same time, the economic importance of digital banking services for credit institutions is considered as an opportunity to create a chain of cooperation between business entities, credit institutions and government organizations. Proposals are presented to improve the socio-economic impact of digital banking services in the context of digitalization of the economy.

**Key words:** digital banking services, credit organizations, socio-economic importance, digitalization, digital economy, the role of the state, the banking system.

**Гузориши масъала.** Равандҳои рақамикунонии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ яке аз масъалаҳои аввалиндарача ба ҳисоб рафта, ҳалли он ворид намудани техника ва технологияҳои нав дар раванди фаъолият, даст кашидан аз усулҳои дастӣ ташкил намудани кор ва тағйир додани мафкураи кормандонро талаб менамояд.

Низоми бонкӣ дар ин раванд яке аз нақшҳои калидӣ бозида, саҳми он дар рақамикунонии иқтисодиёт ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рақамикунонии иқтисодиёт таваҷҷуҳи калон зоҳир менамояд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ қайд намуданд: «Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем. Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд» [10].

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Раванди татбиқи рақамикунонӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии иқтисодчиёни ватанӣ: Хайрзода Ш.Қ., Саидов Р.Н.  ва олимони хориҷӣ,  аз ҷумла дар таълифоти илмии Алленых М.А., Гулькова Е. Л., Карп М. В. мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мақсади мақола** ин таҳлили масъалаҳои марбут ба хизматрасониҳои рақамии бонкӣ аз нигоҳи иқтисодию иҷтимоии онҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ баррасӣ мешаванд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Хизматрасониҳои рақамии бонкӣ омили тасодуфӣ набуда натиҷаи рушди иқтисодиёт, технологияҳои нав ва иваз гардидани эҳтиёҷотҳои мизоҷон мебошад. Дар асл, хизматрасониҳои рақамии бонкӣ – ин ҳамон хизматрасонии бонкӣ буда, фарқият дар усули пешниҳоди он мебошад. Бояд қайд намоем, ки хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ин «нусхаи» хизматрасониҳои бонкӣ мебошанд, ин маънои онро дорад, ки дар номгӯйи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ягон хизматрасонӣ мавҷуд нест, ки он бо роҳи (усули) муқкарарӣ пешниҳод карда нашавад. Аммо байни хизматрасониҳои муқкарарии бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳое, мавҷуданд, ки дар номгӯйи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ нестанд. Ҳамчун мисол метавон хизматрасониҳоеро овард, ки бо амалиётҳои ба гарав мондани амволи ғайриманқул, тасдиқи намунаи имзоҳо барои шахсони ҳуқуқӣ ва ғайра вобастаанд.

Мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ мехоҳанд, интихоб дошта бошанд ва онро хизматрасониҳои рақамии бонкӣ таъмин менамоянд. Аз тарафи дигар, аҳамияти иқтисодии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар шароити муосир ниҳоят калон буда, он соҳаи мухталифи иқтисодиёти ватаниро дарбар мегирад. Ин ҳамкории судманд, дар навбати худ, сабаби пайдо шудани занҷираи ҳамкориҳо байни субъектони хоҷагидорӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои давлатӣ мегардад (ниг. расми 1.).




**Расми 1. Ҳамкориҳои ташкилотҳои қарзӣ бо шарикони рушд***

*Аз тарафи муаллифон, дар асоси омӯзиши ҳолати муосири ҳамкориҳои ташкилотҳои қарзӣ бо шарикони рушд, тартиб дода шудааст.

**Агенти бонкии пардохтӣ - шахси ҳуқуқӣ, ба истисноӣ ташкилоти қарзии молиявӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ барои анҷом додани амалиёти алоҳидаи бонкӣ мутобиқи қонунгузории амлкунанда ҷалб карда мешавад.

Аз тарафи дигар, то ҳол баҳсҳо оид ба бартарияти кадоме аз усулҳои пешниҳоди хизматрсониҳои бонкӣ: анъанавӣ ё рақамӣ идома доранд? Ҷавоб ба ин савол дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.-**Фарқияти асосӣ байни хизматрасониҳои анъанавӣ ва рақамии бонкӣ***

| Нишондиҳандаҳо | Хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ | Хизматрасониҳои рақамии бонкӣ |
|---|---|---|
| Нархи амалиёт | Гарон | Арзон |
| Хавфи «омили инсонӣ» | Баланд | Паст |
| Вақт барои хизматрасонӣ | Зиёд | Кам |
| Бехатарии амалиётҳо | Паст | Баланд |
| Шумораи амалиётҳо | Кам | Зиёд |
| Шумораи нуқтаҳои хизматрасонӣ | Зиёд | Лозим нест |
| Самаранокӣ | Паст | Баланд |

*аз тарафи муаллифон дар асоси пурсиши мутахассисони 20 ташкилоти қарзӣ тартиб дода шудааст.

Тавре аз хулосаҳои ҷадвали 1 бармеояд, аз рӯйи нишондиҳандаҳои таҳлилшуда самаранокии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ нисбати хизматрасониҳои анъанавӣ баландатар буда, бартариҳои зиёд дорад. Бояд қайд намуд, ки ба туфайли пайдо шудани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ, аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва давлат дастрасӣ ба хизматрсониҳоеро пайдо карданд, ки пештар маҳдуд будаанд. Аҳамияти иқтисодии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ барои ташкилотҳои қарзӣ чунинанд:

1. Нархи амалиётҳои рақамӣ нисбат ба малиётҳои анъанавӣ ба маротиб пасттар мебошад. Тибқи таҳлилҳо фарқияти байни онҳо 10-12 [4, С.224] маротибаро ташкил медиҳад.
2. Шумора ва намгӯйи амалиётҳо ба маротиб зиёд шудаанд. Бояд қайд намуд, ки чанде пеш, як қатор амалиётҳо танҳо тавасути КВД БДА «Амонатбонк» амалӣ мегаштанд ва дигар ташкилотҳо имконияти амалӣ намудани онҳоро надоштанд (пардохти қисми зиёди андозу боҷҳои давлатӣ барои шахсони воқеӣ, қисми пардохтҳои комуналӣ ба монанди пардохти хизматрасониҳои шабакаҳои гармидиҳӣ ва ғайра). Ҳамзамон, амалиётҳои наве дастрас гаштанд, ки ташкилотҳои қарзӣ бинобар ташкили амалии онҳо тавасути онлайн (қабули пардохти ҳаққи алоқаи мобилӣ, интренет ва дигар намуд амалиётҳо, ки ба фаолияти операторони мобилӣ вобастагӣ дорад) ба онҳо дастрасӣ пайдо карданд.
3. Ташкили мунтазами хизматрасониҳои беистироҳат. Ба роҳ мондани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ба ташкилотҳои қарзӣ имконият дод, ки ба ғайр аз хизматрасониҳои анъанавӣ дар филиалу марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ / маблағгузории хурд, ки вақту соати фаолияти онҳо маҳдуд аст, инчунин, қисми зиёди хизматрасониҳоро тариқи онлайн ташкил намоянд, ки он дар навбати худ тибқи принсипи 24/7/365 кор мекунад.
4. Кам кардани амалиётҳои вобаста ба қоғаз – яъне зарурияти қисми зиёди ҳуҷҷатгузорӣ, ки одатан дар намуди қоғазӣ корбарӣ ва нигоҳ дошта мешуд, аз байн меравад. Гардиши ҳуҷҷатҳо дар дохили ташкилоти қарзӣ электронӣ амалӣ гашта нигоҳдорӣ, бурдани ҳисоби онҳо, дар вақти зарурӣ зуд дарёфт намудан бо осонӣ амалӣ мешавад. Ҳамзамон, хавфи нест кардани ҳуҷҷатҳо (аз тарафи кормандон ҳангоми қаллобӣ ва дигар намуди ҷинояткорӣ) ва дар ҳолатҳои ногувор ба осонӣ барқарор намудани онҳо тавассути ҳуҷҷатгузории электронӣ амалӣ намудан мумкин аст.
5. Болоравии самаранокии кормандон – сарфаи вақт, яке аз омилҳои асосии рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз аз ҳисоби сарфаи вақт ва бо истифодаи технологияҳо замонавӣ самаранокии кормандон боло меравад. Имконияти зиёдтар коркард намудани ҳуҷҷатҳо, хизматрасонӣ ба мизоҷон ва кам гаштани омили инсонӣ пайдо мешавад. Мисоли оддӣ, ворид намудани хизматрасонии рақамии бонкӣ – скорринг дар асоси зеҳни сунъӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ имконият дод, то самаранокии мутахассисони қарзиро 32% зиёд намояд. Пешниҳоди қарзҳои хурд тавассути скорринг дар 20 дақиқа пешниҳод мешавад, ҳоло он ки пештар чунин қарз дар давоми 2 рӯз пешниҳод карда мешуд.

6. Ҷамъоварии миқдори зиёди маълумотҳо – пешниҳоди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ба ғайр аз он бартариҳое, ки мо алакай гуфта гузаштем, боз имконияти ҷамъоварии миқдори зиёди маълумотҳо дар бораи мизоҷон, аз қабили сину соли мизоҷ, ҷинс, намуди амалиётҳои анҷом додашуда, маблағи амалиётҳо, маблағи миёнаи ҳар як амалиёт, ва номгӯи калони дигар маълумотҳоро медиҳад. Бешубҳа, таҳлили ин маълумотҳо имконияти пешниҳоди хизматраснаиҳои иловагии гуногунро, ки ташкилоти қарзӣ дар номгӯйи хизматрасониҳои худ дорад, фароҳам меорад. Мисол, ба мизоҷоне, ки мунтазам пули интиқолӣ мегиранд, барномаи ташкилоти қарзӣ тавассути скорринг имконияти пешниҳоди маблағи қарзро дар асосои маълумотҳое, ки дар барнома алакай ҳаст (маблағи интиқоли пулии ҳармоҳа, пардохтҳое, ки мизоҷ тавассути барнома / ҳамёни электронӣ амалӣ менамояд), ҳисоб карда мебарояд ва он ба мизоҷ ҳамчун «фурӯши параллелӣ»" пешниҳод карда мешавад.

6. Онлайн идентификатсия (мушаххассозӣ) -и мизоҷон – хизматрасонии рақамии бонкӣ ба шумор рафта, имкон медиҳад, то дар муддати кӯтоҳ муқаррар намудани мушаххасоти мизоҷ фосилавӣ ба анҷом расонда шавад, ки дар навбати худ, кушодани суратҳисоби бонкӣ, пешниҳоди онлайн қарзҳо, пешниҳоди кортҳои вертуалӣ (маҷозӣ) ва дигар намуд хизматрсониҳоро муяссар месозад. Яъне тавассути ин намуд хизматрсонӣ мизоҷ метавонад дастрасӣ ба қисми зиёди хизматрасониҳои бонкиро бидуни ташриф ба бонк амалӣ намояд.
7. Имконияти ташкили бойгонии электронӣ – ни бартарӣ бо бартарии рақами 4 зич алоқаманд мебошад. Бояд қайд намуд, ки ташкил ва идораи бойгониҳои анъанавӣ барои ташкилотҳои қарзӣ душвориҳои зиёдеро ба миён меорад. Якум, он ҷои махсусгардонидашударо талаб менамояд. Дуюм, бо зиёд шудани амалиётҳо ва чун натиҷа зиёд гаштани ҳуҷҷатҳо, ҳаҷми бойгонӣ сол аз сол васеътар мегардад, ки на ҳама вақт имконияти васеъ намудани он фароҳам аст. Сеюм, бинобар зиёд шудани ҳуҷатҳои қоғазӣ бояд шумораи кормандони бойгонӣ зиёд карда шавад. Чорум, хавфи пурраи аз даст додани ҳуҷҷатҳо баланд мебошад (сӯхтор,

нестунобуд кардани онҳо аз тарафи кормандони ташкилоти қарзӣ, зери об мондани ҳуҷҷатҳо ва ғайра). Панҷум, дар аксари ҳолатҳо бойгониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар Саридора маҳфузанд, дар баъзе ҳолатҳо дар филиалҳои минтақавӣ низ метавонанд маҳфуз бошанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳуҷҷатҳо бояд қисман аз филиалу МХБ-ҳо (дар вақту соати муқараршуда) ҷамъоварӣ карда шуда, ба ин бойгониҳо оварда супорида шаванд. Дар ҳолате, ки ба филиал ё МХБ-и дурдаст ин ё он ҳуҷҷат лозим мешавад, он аз бойгонӣ дархост карда мешавад ва то ба ҷои лозима расонида шудани он ҳуҷҷат дар баъзе мавридҳо (хусусан дар фасли зимистон) то як ҳафта вақт сарф мешавад. Дар сурати ташкили бойгонии электронӣ мушкилоти номбурда аз байн мераванд.

8. Чат-ботҳо. Дар низоми бонкӣ самаранокии истифодабарии чат-ботҳо пурра исботи худро пайдо кард. Тибқи таҳқиқотҳо, барномаҳои автоматикӣ дар хизматрасонии мизоҷон ёрӣ расонида 67% суръати онро метезонанд [14]. Тибқи пурсише, ки аз тарафи BI Intelligence гузарода шуд, ҳангоми истифодабарии мушовирҳои виртуалӣ хароҷотҳои корхона барои дастгирии мизоҷон 29% коҳиш меёбанд. Самаранокии баланд ҳангоми истифодабарӣ дар бахши фурӯш ба назар мерасад. Сарфаи маблағҳо дар ташкилотҳои қарзӣ - 36% ва дар ширкатҳои суғуртавӣ - 60% ташкил медиҳад [14, С.46]. Ба номгӯи хизматрасониҳое, ки аз тарафи чат-ботҳо пешкаш мешаванд, инҳо дохил мешаванд:
   - қабул ва коркарди саволҳо аз тарафи мизоҷон;
   - қабули шикоятҳои мизоҷон;
   - пешниҳоди маълумот оид ба маҳсулотҳои бонкӣ ва хизматрасониҳо;
   - пешниҳоди маълумотҳои муқаррарӣ ва ғайра.
9. Пуш-паёмакҳо. Паст кардани хароҷотҳо ҳангоми равон намудани хабарҳо (оиди маҳсулотҳои нав, хизматрасониҳо ва дигар маълумоти муҳим) ба мизоҷон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Баъд аз пайдо шудани алоқаи мобилӣ яке аз роҳҳои расонидани маълумот ба мизоҷон ин смс-паёмакҳо ба ҳисоб мераванд. Ин намуди расонидани хабар қулай мебошад, аммо он як камбудии ҷиддӣ дорад – нархи гарон. Агар дар ташкилоти қарзӣ шумораи зиёди мизоҷон бошад ва яку якбора ба ҳамаи онҳо маълумоти (хабар) муҳим равон кардан лозим шавад, маблағи умумӣ хароҷоти калонро ташкил медиҳад. Дар ин маврид, пуш-паёмак, роҳи ҳалли ин мушкилӣ мебошад, ки ба ташкилоти қарзӣ бехароҷот буда, роҳи расонидани маълумот (хабар) тез ва қулай мебошад. Агар смс-паёмак тавассути алоқаи мобилӣ ва ба рақами мизоҷ равона карда шавад, пуш-паёмак тавасути барномаи мобилии ташкилоти қарзӣ расонида мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ин паёмак танҳо ба дорандагони барномаи мобилии ташкилоти қарзӣ, ки он аз тарафи мизоҷ ба телефон ё компютер насб карда шудааст, расонида мешавад.

Аҳамияти иқтисодии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ барои аҳолӣ инҳоянд:

1. Осон ва қулай гаштани хизматрасониҳои бонкӣ. Сарфаи вақт ва маблағ ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ яке аз бартариҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Истифодабарии ин намуд хизматрасониҳо зарурияти ташриф ба ташкилоти қарзиро аз байн бурданд. Ин дар навбати худ, як қатор бартариҳоро барои мизоҷон эҷод намуд. Масалан, мизоне, ки дар давоми рӯз банд аст ва имконияти дар давоми рӯз ба ташкилоти қарзӣ омаданро надорад, акнун бе мамоният метавонанд тавассути хизматрсониҳои рақамии бонкӣ аз ҷои кор, ё ин ки аз хона, дилхоҳ вақту соат, амалиётҳои худро анҷом диҳанд.
2. Дастрасӣ ба маълумотҳои суръатҳисоби бонкии худ. Санҷидани тавозуни суратҳисоб, гирифтани маълумот оид ба амалиётҳо ва дигар амалиётҳо бе мушкилӣ ба мизоҷон дастрасанд.
3. Идоракунии суратҳисоби бонкии худ. Барномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзӣ имконияти пурраи идоракунии суратҳисоби худро ба мизоҷ дастрас менамоянд. Мизоҷон ҳатто метавонанд дилхоҳ вақт дастрасӣ ба суратҳисоби худро хомӯш намоянд (дар ҳолатҳои будани шубҳаи дуздида шудани корти бонкӣ ва ё дастрасӣ пайдо намудани нафарони бегона ба маълумотҳои корт).
4. Кэш-бек ва дигар намуди ҳавасмандгардонӣ барои мизоҷон. Рақобат байни ташкилотҳои қарзӣ онҳоро водор менамояд, ки ба мизоҷон намудҳои гуногуни ҳавасмандкуниро ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ пешниҳод намоянд. Дар баъзе мавридҳо ҳаҷми кэш-бек барои пардохтҳои давлатӣ то 1% ва ҳангоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар нуктаҳои савдо аз 5 то 30% метавонад ташкил намояд.
5. Паст гардидани хавфи нодуруст бурдани ҳисобҳо ҳангоми пардохтҳои ҳатмӣ. Бурдани ҳисобҳо тавассути расидҳо ва дафтарҳои махсус, ки пештар ҳамаи ташкилоту идораҳои хизматрасонии коммуналӣ, фаолияти худро ба роҳ монда буданд, душвориҳои зиёдеро ба аҳолӣ меовард. Ҳолатҳои зиёде ба чашм мерасиданд, ки ба баҳсҳо оварда мерасонид. Ҳолат чунин буд, ки ҳатто баъди амалӣ намудани пардохт ба кормандони ташкилотҳои коммуналӣ, кафолати гузаронидани он дар барномаи он ташкилот набуд. Ба роҳ мондани хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар ин самт, душвориҳои номбурдаро аз байн бурд. Акнун

пардохтҳо электронӣ амалӣ шуда, рост ба суратҳисоби корхона ворид мешаванд. Ҳамаи амалиётҳо дар барномаи бонкӣ сабт шуда, дилхоҳ вақт дастрасӣ ба ин маълумотҳо барои мизоҷон таъмин шудааст.

6. Баланд гардидани сатҳи саводнокии молиявии рақамии аҳолӣ. «Саводнокии молиявии рақамӣ аз донистани мафҳумҳои асосии молиявии рақамӣ иборат буда, қобилияти шахсро дар қабули қарорҳои мутавозин зимни коркарди маҳсулоти молиявӣ дар шабакаи Интернет ва инчунин огоҳии ӯро дар бораи хатарҳои молиявии рақамӣ инъикос мекунад» [13].

Бартариҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ.

1. Зиёд гардидани шумораи харидорон. Сол аз сол шумораи нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, ки ба ғайр аз пули нақд, инчунин имконияти ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро, ҳангоми ҳисобҳо, ба мизоҷон пешниҳод мекунанд, зиёд шуда истодааст ва ин тасодуфӣ нест, чунки гурӯҳи назаррасӣ харидорон пайдо шудаанд, ки мехоҳанд ғайринақдӣ, тавассути корт ва ё QR пардохтҳоро амалӣ созанд. Чун натиҷа, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, ки ҳарду роҳи ҳисоббаробаркуниро пешниҳодкунанда, шумораи мизоҷон, ҳаҷми фурӯш зиёд мешавад.
2. Ташкили онлайн мағозаҳо ва дигар намуд хизматрасониҳои фосилавӣ. Хизматрсониҳои рақамии бонкӣ ба рушди соҳибкорӣ бевосита алоқаманд мебошад, зеро имкониятҳои васеъро барои соҳибкорон таъмин менамояд. Айни замон шумораи зиёди соҳибкорон ба ғайр аз нуқтаҳои фурӯши анъанавӣ (мағоза, нуқтаи савдо дар бозор, ресторан ва ғайра) боз иловатан нуқтаи фурӯши фосилавӣ (рақамӣ) ташкил намудаанд. Бо ёрии платформаҳои махсус ва шабакаҳои иҷтимоӣ соҳибкорон фаъолияти худро ба таври онлайн низ ба роҳ мондаанд, ки ин роҳи савдо ҳаҷми фурӯш, шумораи мизоҷон ва рақобатпазириро баланд мебардорад.
3. Истифодаи эквайринги савдо, ки ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод менамоянд, ба субъектҳои соҳибкорӣ як қатор бартариҳо медиҳад:
    - имконияти қабули пардохтҳои ғайринақдӣ (тавассути корт ва QR рамз) аз мизоҷон;
    - ниёз ба танга аз ҳисоби пардохтҳои ғайринақдӣ ба маротиб кам мешавад;
    - имконияти дастрасӣ ба ҳисоботҳо оид ба ҳаҷми фурӯш, шумораи амалиётҳо ва ғайра;
    - хароҷотҳое, ки бо ҳамлу нақли пул вобаста аст, коҳиш меёбад;
    - хавфи қалобӣ (мисол пешниҳоди пулҳои қаллобӣ) аз байн меравад.

Барои ташкилотҳои ёрирасон ва коммуналӣ бартариҳо инҳоянд:

1. Ҳаҷми ҷамъоварии маблағҳо аз ҳисоби пурра ворид гаштани онҳо ба суратҳисоб таъмин мегардад. Ҳолатҳои зиёд ба чашм мерасиданд, ки маблағҳои аз аҳолӣ ҷаъмшуда ба хазинаи ташкилотҳои ёрирасон ё коммуналӣ ворид намегаштанд ва ё ин ки вориди нопурра сурат мегирад. Сабаби асосӣ дар машғул будани кормандони ин ташкилотҳо бо ҷамъоварии ин маблағҳо аз аҳолист. Онҳо маблағҳоро нақдӣ ҷамъ мекарданд ва хавфи сарфшавии онҳо баланд буд.
2. Коҳишёфтани ҳаҷми кормандон ва хароҷотҳои ба онҳо вобаста. Бо таъмини пардохтҳои ғайринақдӣ зарурият ба кормандоне, ки бо ҷамъовари пардохтҳо машғуланд, аз байн меравад.
3. Таъмини дурусти ҳисоботҳо. Истифодаи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо барои бехатарӣ ва таъмини маълумотҳои пурра имконият фароҳам меоранд, ки дар мавриди пайдо шудани баҳсҳо ба осонӣ роҳи ҳаллӣ худро меёбанд.

Барои давлат чунин бартариҳо ба даст оварда мешаванд:

1. Низоми андоз ва андозбандӣ беҳтар кор мекунад. Рушди институтсионалии раванди рақамикунонӣ ҳамчун омили муайянкунандаи тағйирёбии механизми идоракунии андозбандӣ метавонад дар чор ҷанба ишора карда шавад:
    - ба шакли рақамӣ табдилёбии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба мақомоти андоз;
    - автоматикунонии назорати андоз;
    - ташаккули муҳити мусоиди андоз барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба технологияҳои рақамӣ;
    - танзими андозбандии маҳсулоти рақамӣ.
2. Кам шудани сатҳи коррупсия. Аз нуқтаи назари И.Н. Клюковская ва И.Н. Тер-Аванесова, дар шароити муосир маҷмуи чораҳои муқовимат ба ҷиноятҳории коррупсиониро бе истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҳз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бояд барои пурра кардани маҷмуи усулҳои мавҷуда оид ба муқовимат ба коррупсия ва мусоидат ба бартарафсозии самараноки он пешбинӣ гарданд [6, С.157].
3. Коҳишёбии хароҷоти пули нақд. Гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, зарурати барои гирифтани пули нақд аз байн мебарад, ки ин дар навбати худ боиси сарфаи вақту хароҷоти иловагӣ

мегардад. Ғайринақдӣ гардонидани раванди пардохтҳо аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ дошта, истифодаи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ ҳангоми анҷом додани пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ин равандро осон ва мувофиқ мегардонад [9]. Бояд қайд намуд, ки сол аз сол ҳаҷми пули нақд дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда истодааст. Ба санаи 30 июни соли 2023 вобаста ба рушди иктисодиёт ва афзудани даромадҳои аҳолӣ хаҷми пулҳои захиравӣ 35,1 млрд. сомонӣ ва хаҷми пули нақд дар муомилот 29,7 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба хамин санаи соли гузашта мутаносибан 8,6 фоиз ва 6,8 фоиз зиёд мебошанд [3]. Зиёд шудани ҳаҷми пули нақд хароҷотҳои Бонки миллии Тоҷикистонро меафзояд. Ҳамзамон, нодуруст нигоҳдорӣ ва истифодаи пули нақд ин хароҷотҳоро боз ҳам зиёд мегардонад. Аз ин лиҳоз Бонкии миллии Тоҷикистон дар Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 чунин муайян кардааст: «рушди низоми пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, ҷиҳати кам намудани ҳиссаи пули нақд дар муомилот» [11, С.7].

Аҳамияти иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз он бар меояд, ки ин намуд хизматрасониҳо ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, пиронсолон, шахсоне, ки муваққатан ба ташкилотҳои қарзӣ ташриф оварда наметавонанд (аз сабаби беморӣ), дастрасӣ ба хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар шароити муосир, таъмин менамояд. Акнун шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд метавонанд бе ёрии шахсони сеюм амалиётҳоро анҷом диҳанд. Ин дар навбати худ, баланд бардоштани бехатарии иттилоотии маълумотҳои шахсӣ, коҳиш ёфтани сатҳи қаллобӣ ва суръатҳисоби худро пурра идора кардани табақаи иҷтимоии осебпазири аҳолиро муяссар месозад. «Тибқи иттилои Агенти суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 апрели соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи маъюбон 154 ҳазору 459 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 16 ҳазору 981 нафарашон ба гурӯҳи-I, 76 ҳазору 160 нафарашон ба гурӯҳи-II, 33 ҳазору 379 нафарашон ба гурӯҳи III дохил мешаванд. Теъдоди маъюбони то 18-сола 31 ҳазору 939 нафарро ташкил медиҳад» [8]. Аз маълумотҳои оварда шуда бар меояд, ки қисми назаррасӣ аҳолӣ аз хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ барканоранд. Ки чунин ҳолат набояд аз ин пас муқаррарӣ бошад. Албата, ин табақаи аҳолӣ бояд аз тарафи давлат, ташкилотҳои қарзӣ ва ҳамаи тарафҳое, ки бевосита манфиятдоранд, омӯзонида шаванд. Ин раванд, дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун яке аз самтҳои муҳимтарин арзёбӣ шудааст: «Бо мақсади баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар асоси доимӣ таълим ва бозомӯзии аҳолиро, аз ҷумла табақаҳои осебпазири аҳолӣ: занон, нафақахӯрон, бекорон, муҳоҷирон ва маъюбонро ҷиҳати фарогирии малакаҳои рақамӣ амалӣ менамоянд. Ин барои таъсис ва пур кардани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ ва тақсимоти одилонаи дивидендҳои он муҳим аст» [7, С.28].

Бояд қайд намуд, ки равандҳои рақамикунонӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон солҳои охир вусъат ёфта истодааст. Қабули барномаю консепсияҳои давлатӣ, ки ба онҳо дохил мешаванд, инҳоянд: Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон; Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025; Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҳикистон барои солҳои 2022-2026 ва ташкили сохтори алоҳида - Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар байни ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт низоми бонкӣ пешсаф мебошад. «Ба низоми бонкӣ тағйироти доимӣ хосанд: он барои таъсири беруна кушода аст, қодир аст маълумотро аз муҳити беруна ҷамъ кунад, онро коркард кунад ва омӯзад. Сохтори институтсионалии низоми бонкӣ, ки дар шаклҳои гуногун, ба монанди санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, схемаҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҳамкорӣ амалӣ карда мешавад, тағйирёбанда буда, доимо шакливазкунанда мебошад. Аз ин рӯ, низоми бонкӣ яке аз соҳаҳои иқтисодиёт мебошад, ки дар он технологияҳои нав фаъолона истифода мешаванд. Аз як тараф, низоми бонкӣ технологияҳои нави рақамиро истифода мебарад ва аз тарафи дигар, ташаббускори чунин навовариҳо мебошад» [1. С. 4].

Зимни ноил шудани низоми бонкӣ ба натиҷаҳои назаррас дар масъалаи рақамикунонӣ мушкилиҳое зиёд вуҷуд доранд, ки бояд дастаҷамъона роҳи ҳалли худро ёбанд. Пеш аз ҳама чунин тадбирҳо бояд амалӣ шаванд [2, С. 32-33]:

- мукаммалгардонии заминаи техникию технологии хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар, бахусус дар ноҳияҳои дурдаст;
- баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии минтақаҳои дурдасти кишвар оид ба истифодаи хизматрасониҳои электронии низоми бонкӣ, такмили стратегияи фарогирии молиявӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои молиявии муосир оид ба содагардонии раванди иҷрои амалиёт дар низоми бонкӣ;
- рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ;
- таъсиси маркази ҳамоҳангсозии савдои электронӣ бо низоми бонкӣ;
- ба таври назаррас зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ;
- тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ дар самтиислоҳоти татбиқшуда ва баланд бардоштани саводнокии рақамии истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ.

Ташкилотҳои қарзие, ки аз равандҳои рақамикунонӣ ақиб мемонанд, ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ

мешаванд. Пеш аз ҳама, рақобатпазирӣ коста гашта, нархи хизматрасониҳо дар сатҳи баланд боқӣ мемонанд. Дуюм, хавфи аз даст додани қисми мизоҷон, дар оянда пурра аз даст додани мизоҷон вуҷуд дорад, ки инро ташкилотҳои қарзӣ бояд ба назар гиранд. Сеюм, кадрҳои роҳбарикунандаи ташкилотҳои қарзӣ бояд ба равандҳои рақамикунонӣ, дуруст баҳо дода тавонистани ин равандҳо мутобиқ бошанд. Чорум, сатҳи имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ба гузариши рақамӣ бояд басанда бошад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти иқтисодии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар шароити муосир, аз ҳадафҳои он аён гашта, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ равона карда шудааст. Коҳиш додани нархи амалиётҳо аз ҳисоби гузариш ба хизматрасониҳои рақамӣ, сарфаи вақт, баланд бардоштани самаранокии кормандони ташкилотҳои қарзӣ, ҳамзамон, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо – ин аст рӯйхати ноппураи аҳамияти иқтисодии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ. Ба он метавон илова намуд, болоравии рақобатпазирӣ аз ҳисоби технологияҳои муосир, ҷалби мизоҷони нав, ки намехоҳанд вақти худро барои ташриф ба ташкилоти қарзӣ сарф кунанд.

Аҳамияти иҷтимоӣ дар он ифода мегардад, ки хизматрасониҳои рақамии бонкӣ масъалаҳои иҷтимоии аҳолиро дар доираи имкониятҳои худ ҳал менамояд. Акнун шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, пиронсолон, шахсоне, ки муваққатан ба ташкилотҳои қарзӣ ташриф оварда наметавонанд (бинобар беморӣ) дастрасӣ ба хизмарасониҳои рақамии бонкиро пайдо карданд.

Бояд қайд намуд, ки новобаста ба бартариҳои зиёде, ки хизматрасониҳои рақамии бонкӣ доро мебошанд, ин маънои онро надорад, ки нуқтаҳои (филиалу марказҳои хизматрасонӣ) ташкилотҳои қарзӣ аз байн мераванд. Қисми зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ҳол шахсан ба ташкилотҳои қарзӣ ташриф меоранд. Яқинан, ҳиссаи онҳо сол аз сол кам мешавад, вале ба фикри мо, пурра аз байн намеравад, зеро дар ҳар давру замон мизоҷоне ёфт мешаванд, ки ба ғайр аз хизматрасониҳои бонкӣ, барои онҳо боз муошириати «зинда» аҳамияти калон дорад.

**Ҳамин тариқ,** бо назардошти ин омилҳо, ташкилотҳои қарзӣ бояд фаъолияти худро дар ҳарду самт (онлайн ва оффлайн) пурзӯр намоянд.

## Адабиёт


1. Алленых М.А. Банковская система как институт рыночной экономики. Банковские услуги. – 2007. – № 8. – С. 2-8.
2. Барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. №441, аз 16.06.2021. – 65 с.
3. Бонки миллии Тоҷикистон. Шарҳи монетарӣ (январ-июни 2023). [Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://nbt.tj/upload/iblock/031/c5bd1yswgjr6r397ecxkudmrsd251ryk/ Sharh_monetari_2023_2kv.tj.pdf (Санаи дастрасӣ: 30.11.2023).
4. Ветрова Е.А., Сопова Е.В., Скирневская Л.Н. Цифровизация оказания финансовых услуг лицам с ограниченными возможностями и обеспечение финансовой надежности банка // Тенденции развития Интернет и цифровой экономики: труды III Всерос. с междунар. участием науч.-практ. конф. (РФ, Симферополь – Алушта, 4–6 июня 2020 г.). – С. 224–227.
5. Гулькова Е. Л., Карп М. В., Типалина М. В. Налоговые вызовы цифровой экономики // Вестник университета. – 2019. – № 4. – С. 89–95.
6. Клюковская И.Н., Тер-Аванесова И.Н. Развитие современных информационно-коммуникационных технологий и их влияние на динамику коррупционных проявлений // Гуманитарные и юридические исследования – 2021. – № 1. – С. 152 – 160.
7. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 642, аз 30.12.2019. – 33 с.
8. «Маъюбон қисми ҷудонашавандаи ҷомеа мебошанд». [Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/12169-mayubon-ismi-udonashavandai-omea-meboshand-imrz-dar-toikiston-rzi-mayubon-va-pironsolon-ashn-girifta-meshavad.html (Санаи дастрасӣ: 30.06.2023).
9. Низоми пардохтҳои ғайринақдӣ. Ҷорӣ намудани он тақозои замон буда, дар пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд. [Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.tajmedun.tj/tj/akhbor/?ELEMENT_ID=24024 (Санаи дастрасӣ: 27.07.2023).
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (Санаи дастрасӣ: 27.01.2024).
11. Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Душанбе. 2020. – 9 с.
12. Саидов, Р.Н. Покупательная способность денежных доходов населения в Республике Таджикистан / Р.Н. Саидов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2020. № 2 (70). С. 125-132.

13. Финансовая грамотность населения в условиях цифровизации экономики. [Маводи электронӣ]. – Речаи дастрасӣ: https://glavnayatema.com (Санаи дастрасӣ: 04.06.2023).
14. Фурсова В., Терновская Т.Н., Романов Е.В. Внедрение чат-ботов в технологии дистанционного банковского обслуживания // Вестник МФЮА. – № 4. – 2020 – С.45-52.
15. Хайрзода, Ш.Қ. Дигаргуншавии сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ноустувории молиявӣ / Ш.Қ. Хайрзода // Паёми молия ва иқтисод. № 3 (23). С. 7-18.
16. Чат-бот банка. Что это и как работает. [Маводи электронӣ]. – Речаи дастрасӣ: https://express.ms/blog/obzory/chat-boty-bankov-kak-rabotayut-tsifrovye-pomoshchniki/ (Санаи дастрасӣ: 04.06.2023).

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** – доктори илмҳои иқтисод. Профессори кафедраи кори бонкӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷуён. Тел: +992 93 931-70-70 e-mail: UShikmatov@gmail.com

**Исхаков Дилшод Илҳомович** – унвонҷӯи кафедраи кори бонкӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷуён. E-mail: di780-85@mail.ru Тел.: (+992 88) 771-88-88.

**Информация об авторах:**

**Хикматов Умеджон Сафаралиевич** – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни 37.Тел: +992-93-931-70-70. E-mail: UShikmatov@gmail.com

**Исхаков Дилшод Ильхомович –** соискатель кафедры банковского дела Таджикского национального университета. Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, Студенческий городок. Тел.:(+992 88) 771-88-88 E-mail: di780-85@mail.ru

**Information about authors:**

**Hikmatov Umedjon Safaralievich –** Doctor of Economics, Professor of Banking department. Tajik National University. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 37 Ayni str. Phone: +992 93 931-70-70. E-mail: UShikmatov@gmail.com

**Iskhakov Dilshod Ilhomovich** – Applicant to the Department of Banking. Tajik National University. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni Hisorak str. Phone(+992 88) 771-88-88 E-mail: di780-85@mail.ru

**УДК: 336 (575.3)**

## СТРАТЕГИЯИ РУШД ВА ТАЪСИРИ ОН БА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Низомов Самариддин Фахриевич**
**Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна**

**Аннотатсия**. Дар мақола паҳлӯҳои назариявӣ-амалии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва таъсири он ба ҷараёни ташаккули нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон ба он назаранд, ки стратегия рушди бонкҳои тиҷоратӣ метавонад барои тақвияти амалиёти бонкӣ, устувории молиявӣ ва суботи доимии ташкилотҳои қарзӣ заминаи мусоидро фароҳам оварда, сатҳи рақобатпазирии бонкҳоро таҳким бахшад. Илова ба ин, дар мақола нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, таъсири стратегия рушд ба раванди ташаккули онҳо баррасӣ гардидааст.

Ҷиҳати тақвияти минбаъдаи низоми бонкӣ ва таъсири бештари стратегияи рушд ба афзоиши нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ аз ҷониби муаллифон пешниҳодҳои муфид тавсия гардидааст.

**Калидвожаҳо:** бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ, стратегияи рушд, баҳодиҳӣ, банақшагирӣ, даромаднокии бонкҳо, пардохтпазирӣ, низоми бонкӣ.

**Барои иқтибос:** Низомов С.Ф. Стратегияи рушд ва таъсири он ба раванди ташаккули нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ф. Низомов, Ш. Т. Қобилова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 19-30.

# СТРАТЕГИЯ РАЗВИТИЯ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ ФИНАНСОВЫХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Низомов Самариддин Фахриевич**
**Кобилова Шафоатджон Толибджоновна**

**Аннотация**. В статье исследуются теоретические и практические аспекты стратегии развития коммерческих банков и ее влияние на процесс формирования финансовых показателей кредитных организаций. Авторы полагают, что стратегия развития коммерческих банков может обеспечить благоприятную основу для укрепления банковских операций, финансовой устойчивости и постоянной развитии кредитных организаций, а также повысить уровень конкурентоспособности банков. Кроме того, в статье анализируются финансовые показатели банковской системы Республики Таджикистан и обсуждается влияние стратегии развития на процесс их формирования.
С точки зрения дальнейшего укрепления банковской системы и большего влияния стратегии развития на рост финансовых показателей банковской системы авторами рекомендованы полезные предложения.
**Ключевые слова:** коммерческие банки, кредитные организации, стратегия развития, оценка, планирование, рентабельность банков, ликвидность, банковская система.

# DEVELOPMENT STRATEGY AND ITS INFLUENCE ON THE PROCESS OF FORMATION OF FINANCIAL INDICATORS OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Nizomov Samariddin Fakhrievich**
**Kobilova Shafoatjon Tolibjonovna**

**Annotation**. The article examines the theoretical and practical aspects of the development strategy of commercial banks and its impact on the process of forming financial indicators of credit institutions. The authors believe that the development strategy of commercial banks can provide a favorable basis for strengthening banking operations, financial stability and continuous development of credit institutions, as well as increase the level of competitiveness of banks. In addition, the article analyzes the financial indicators of the banking system of the Republic of Tajikistan and discusses the influence of the development strategy on the process of their formation.
From the point of view of further strengthening the banking system and the greater influence of the development strategy on the growth of financial indicators of the banking system, the authors recommended useful proposals.
**Key words:** commercial banks, credit organizations, development strategy, assessment, planning, bank profitability, liquidity, banking system.

**Гузориши масъала.** Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҳамчун институти махсус ба фаъолият оғоз намуд. Махсусан, баъд аз гузариш ба низоми дузинагии бонкдорӣ, фаъолияти низоми бонкӣ фарох гардида, аҳамияти он дар иқтисодиёти кишвар боло рафт. Ташкили низоми муассири бонкӣ ва роҳандозии фаъолияти он тибқи принсипҳои иқтисоди бозорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти молиявӣ – иқтисодии зиёдро ба вуҷуд овард. Новобаста аз мушкилоти молӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ичтимоӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки заминаи асосии фаъолияти низоми бонкиро роҳандозӣ намояд ва ҷанбаҳои институтсионалии онро таҳким бахшад. Бо тақвияти тадбирҳо дар самти дастгирии давлатӣ ва таҳкимбахшии фаъолияти институтҳои алоҳидаи низоми бонкӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисоди миллиро роҳандозӣ намуда, ҳамкории густурдаи бонкҳоро бо соҳаҳои афзалиятнок ва стратегии кишвар ба роҳ монд. Таҳияи заминаи қонунгузорӣ ва ташкили инфрасохтори зарурӣ барои низоми бонкӣ аз самтҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар мадди назари ҳукумати кишвар қарор доштанд ва стратегияи иқтисодии давлатӣ дар ин самт ҷоннок гардида буд.

**Таҳлили тадқиқот ва нашрияҳои охирин.** Аз оғози солҳои 1991 низоми бонкӣ ҳамчун ниҳоди молиявии афзалиятнок дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ташаккул ва рушди мунтазами он таъмин карда шуд. Низоми бонкии босубот барои таъмини иқтисоди воқеӣ бо захираҳои қарзӣ ва рушди такрористеҳсолот заминаи мусоид фароҳам оварда, метавонад, ки татбиқи сиёсати пуливу қарзии самаранокро ба роҳ монад. Аз нигоҳи иқтисодӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди устуворона ва суботи молиявии низоми бонкӣ тадбирҳои заруриро андешида, татбиқи стратегияҳои

гуногунро дар ин самт ба роҳ монд, то ки низоми бонкӣ пойгоҳи асосии таъминкунандаи иқтисодиёт бо захираҳои пулӣ бошад. Қабули “Стратегияи рушди низоми бонкии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015” барои пешравии низоми бонкӣ, ташаккули институтҳои он ва таъмини рақобати солим таъсири мусбӣ расонид. Дар натиҷаи татбиқи самараноки “Стратегияи рушди низоми бонкии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015” Бонки миллӣ заминаи қонунгузории соҳаи бонкиро такмил дода, мушкилоти вуҷуддоштаро, ки аз ҷониби созмонҳои молиявии байналхалқӣ ба монанди Хазинаи Байналхалқии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ ва ғайраҳо пешниҳод шуда буд, аз байн бурд. Дар асоси татбиқи ин Стратегия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” такмил ёфта, ба стандартҳои байналхалқӣ мутобиқ гардонида шуданд. Мукаммалгардонии заминаи ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрӣ имкониятҳои ташкилотҳои қарзиро васеъ гардонида, чараёни иҷроиши стратегия низоми бонкиро таъмин месозад.

**Мақсади мақола** – баррасӣ ва таҳқиқи нақши стратегияи рушд дар раванди густариши нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ арзёбӣ мегардад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Баъдан зина ба зина, оид ба тақвияти низоми бонкӣ ва густариши он вобаста ба шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ барномаҳо ва стратегияи гугогунсатҳ қабул гардиданд. Дар қабул ва коркарди барномаҳову стратегияҳои соҳавӣ, ки ба низоми бонкӣ тааллуқ доранд, мақеи Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) низ баланд арзёбӣ карда мешавад. Қабули санадҳои муҳиме ба монанди: “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2025” ва “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” нақши низоми бонкиро дар иқтисодиёт такмил дода, аҳамияти иқтисодии онро тақвият бахшиданд. Қабули як қатор санадҳои стратегӣ дар самти низоми бонкӣ гувоҳи он аст, ки пешрафти соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва рушди иқтисоди воқеӣ аз такмилёбии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ тақозо намуд, ки низоми бонкӣ дорои сохтори дузинагӣ бошад ва дар ин замина Бонки миллии Тоҷикистон 28-уми июни соли 1991 таъсис дода шуд [1,с.11]. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун институти танзимкунанда ва назораткунандаи чараёни фаъолияти ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар ташаккули низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоидро фароҳам оварда, пешрафти сохтори институтсионалии онро таъмин намуд.

Сохтори институтсинонали низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина ташаккул ёфта, маҷмӯи маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкиро барои муштариён пешниҳод намуда истодааст. Қобили қайд аст, ки ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ аз сатҳи инкишофи сохтори институтсионалии он вобастагии зиёд дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи воҳидҳио сохтории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2019-2023 мунтазам ташаккул ёфта, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳову маҳсулотҳои бонкӣ таъмин шудааст **(Ҷадвали 1).**

**Ҷадвали 1.** Шумораи ташкилотҳои қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019 -2023
**(бо адад, дар охири давра)**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирёбӣ бо адад (2019/2023) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои қарзӣ, ҳамагӣ** | **75** | 69 | 63 | 64 | 63 | -12 |
| **Бонкҳо** | **17** | 19 | 14 | 15 | 15 | -2 |
| **Бонкҳои анъанавӣ** | **16** | 18 | 13 | 14 | 14 | -2 |
| **Бонкҳои исломӣ** | **1** | 1 | 1 | 1 | 1 | - |
| **Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ** | **0** | 0 | 0 | 1 | 1 | +1 |
| **Ташкилотҳои маблағгузории хурд** | **58** | 50 | 49 | 48 | 47 | -9 |
| **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | **22** | 18 | 18 | 19 | 19 | -3 |
| **Ташкилотҳои қарзии хурд** | **6** | 5 | 4 | 3 | 3 | -3 |
| **Фондҳои қарзии хурд** | **30** | 27 | 27 | 26 | 25 | -5 |

**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 (№ 12 (293); №12(305),-С.22; -С. 21; №12(341) –С.20).

Маълумотҳои ҷадвали 1. шаҳодат аз он медиҳанд, ки сохтори институтсионалии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 ба таври динамикӣ рушд накардааст. Яъне, соли 2023 нисбат ба соли 2019 шумораи умумии ташкилотҳои қарзии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ба таври назаррас коҳиш ёфтаанд. Масалан, агар соли 2019 шумораи ташкилотҳои қарзӣ 75 ададро ташкил карда бошад, соли 2023 нишондиҳандаи мазкур 63 ададро ташкил намуд, ки нисбати соли 2019 ба андозаи 16% ва ё ки 12 адад коҳиш ёфтааст. Бонкҳои тиҷоратӣ низ дар ин давра 2 адад кам гардиданд. Коҳишёбии шумораи бонкҳои тиҷоратӣ бо муфлис эълон гардидани ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” алоқамандӣ дорад. Соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаи ду бонки тиҷоратӣ, ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” бозхонд гардид, ва ин сабаби он шуд, ки дар сохтори институтсионалии низоми бонкӣ тағйирот ба миён ояд [4.с.20]. Воқеан, муфлис эълон гардидани ду бонки низомсоз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иқтисоди миллӣ ва ташаккули шохаҳои хоҷагии халқи мамлакат таъсири манфӣ расонида, дар коҳишёбии воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ замина гузошт. Дар давраи таҳлилӣ шумораи бонкҳои исломӣ дар ҳудуди мамлакат бетағйир боқӣ мондааст. Яъне ҶСК “Тавҳидбонк” дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун бонки исломӣ фаъолият намуда истодааст ва фаъолияти ин бонк ба воситаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бонкдории исломӣ” танзим ва назорат карда мешавад. Шумораи ташкилотҳои мабалғузории хурд (ТМХ) низ дар ин давра ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Агар соли 2019 дар низоми бонкӣ 58 адад ТМХ фаъолият намуда бошад, пас ин шумора дар соли 2023 то ба 47 адад расидааст, ки коҳишёбӣ 9 адад ва ё 15,5%-ро ташкил медиҳад. Коҳишёбии шумораи ТМХ-ҳо бо бозхонд намудани иҷозатномаи онҳо алоқаманд мебошад. Соли 2020 аз ҷониби БМТ иҷозатномаи 7-то ТМХ бозхонд гардид ва шумораи онҳо дар ин сол ба 50 адад расид [2.с.56]. Инчунин, соли 2021 иҷозатномаи ду ташкилоти маблағгузории хурд ҶДММ ТҚХ “Мадина ва ҳамкорон” ва ҶСП ТАҚХ “СМТ-Сармоя” бозпас гирифта шуд, ки ба камгардии шумораи ТМХ-ҳо таъмири манфӣ расонид [2.с57]. Таҳлиҳо нишон медиҳанд, ки шумораи ташкилотҳои амонатӣ-қарзии хурд таи солҳои 2019-2023 камтар коҳиш ёфта, аз 22 адади соли 2019 ба андозаи 3 адад кам гардида, дар соли 2023 19 ададро ташкил додаанд. Фондҳои қарзии хурд дар давоми солҳои таҳлилӣ ба ҳадди 5 адад кам гардида, аз 30 ададиі соли 2019 ба 25 адад дар соли 2023 расидаанд. Коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳо ва омилҳои гуногун пайвастагӣ дорад, ки таҳқиқи онҳо метавонад камгардии шумораи ташкилотҳои қарзиро пешгирӣ намояд. Ба чораёни коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаккулёбии бухронҳои молиявӣ, омилҳои дохилииқтисодӣ, менеҷменти бонкӣ, сатҳи рақобатпазирӣ дар низоми бонкӣ ва идоракунии бесифат, баҳодиҳии ғайрисамараноки хавфҳои бонкӣ, истифодаи ғайримақсадноки захираҳои бонкӣ ва ғайри вобастагии амиқ дорад. Илова ба ин, муфлис эълон гардидани бонкҳои низомсози кишвар ба монанди ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ба вазъи молиявии дигар ташкилотҳои қарзӣ бетаъсир намонд ва занҷигари иқтисодӣ миёни бонкҳои тиҷорат ғайрифаъол гардид, ки дар натиҷа баъзе аз ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти худро пеш бурда натавонистанд. Аз ҷониби дигар, сард гардидани муносибати муштариён бо бонкҳо ва поёнравии нуфузи ташкилотҳои қарзӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътимоднокии низоми бонк таъсири манфӣ расонида, боварии аҳолиро коҳиш дод.

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки тағйирёбии сохтори институтсионалии низоми бонкӣ ба коҳиш ёфтани воҳидҳои сохторӣ дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегузорад, ки ин дастрасии аҳолиро ба маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ кам мегардонад. Рушди воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ метавонад дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои бонкӣ тақвият бахшида, амалишавии самараноки “Стратегияи фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” – ро таъмин менамояд. Зеро тибқи пешгӯии Стратегияи мазкур то соли 2026 дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ тақвият ёфта, то ба 26% дар ҳудуди мамлакат меафзояд. Масалан, агар соли 2020 маҷмӯи фиалҳои ташкилотҳои қарзӣ ба сари аҳолии калонсоли кишвар ба 100 ҳазор нафар 6-адад рост ояд, пас ин шумора дар соли 2026 то ба 8-адад афзоиш дода мешавад [2.с.56]. Масъалаи ташкили рақобати солим дар низоми бонкӣ вобаста ба рушдёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ карда мешавад. Танҳо дар асоси фаъолияти густурда ва афзоишёбии воҳидҳои сохторӣ мо метавонем, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобати солимро ба роҳ монем (Диаграммаи 1.).

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии шумораи воҳидҳои сохтории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023**




**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 (№ 12 (293); №12(305),-С.22; -С. 21; №12(341) –С.20).

Таҳлили диаграммаи 1. нишон медиҳад, ки воҳидҳои сохторӣ қисми асосии сохтори институтсионалии низоми бонкиро ташкил дода, дар пешрафти бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва татбиқи рақобати солим нақши калидӣ доранд. Филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ, ки сохтори асосӣ дар раванди иҷроиши амалиёти бонкӣ арзёбӣ мегарданд, таи солҳои таҳлилӣ (2019-2023) тамоюли камшавӣ доранд. Соли 2019 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби 348 филиал ба муштариён маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод карда мешуд, ки ин шумора дар соли 2023 ба 310 адад расид. Дар робита ба ин, таи солҳои 2019-2023 шумораи филиалҳо ба таври назаррас кам гардидааст, агар соли 2019 филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ 348 ададро ташкил карда бошад, соли 2023 нишондиҳандаи мазкур то 310 адад кам гардидааст, ки 38 адад ва ё 10,9% коҳишёбӣ ба назар мерасад. Коҳишёбии назаррасӣ филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ пеш аз ҳама бо муфлис эълон гардидани якчанд бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла: ҶСК “Агроинвестбонк”, ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, ҶСК “Бонки Осиё” ва дигар ташкилотҳои қарзӣ алоқамандӣ дорад. Илова ба ин, сабаби дигаре, ки бевосита метавонад ба чараёни коҳишёбии шумораи филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ таъсир мерасонад, ин мавҷуд набудани стратегияи афзоишдиҳии шумораи филиалҳо дар стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ мегардад. Яъне, бонкҳои тиҷоратии дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда, зимни таҳияи стратегия рушд бояд раванди густуриши ташкили филиалҳоро мушаххас намоянд ва муайян карда шавад, ки дар солҳои татбиқи стратегияи таҳиягардида шумораи филиалҳои бонк то чӣ андоза зиёд карда мешавад. Масалан, таҳлили стратегияи рушди ҶСК “Бонки Эсхата” ва стратегияи рушди ҶСП “Спитамен Бонк” нишон дод, ки вобаста ба афзоишдиҳии шумораи филиалҳо тадбирандешӣ нашудааст. Дар “Стратегияи ҶСП “Спитамен Бонк” барои солҳои 2020-2022” самтҳои афзалиятноки рушди тиҷорат, маркетинги бонкӣ, идоракунии корпоративӣ, идоракунии ҳайати кормандон инъикос гардидааст, вале вобаста ба таҳким бахшидани мавқеи бонк бо таъсиси филиалҳо мушаххасан таъкид нагардидааст [4.с№12(293),-С.21]. Инчунин, дар “Стратегияи рушди ҶСК “Бонки Эсхата” барои солҳои 2022-2026 (аз 22.08.2022, №16)” низ оид ба ин масъала тадбирандешии мушаххас ба назар намерасад [№12(305),-С.22]. Аз инҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷиҳати тақвияти шумораи филиалҳо бонкои тиҷоратиро зарур меояд, ки зимни қабули стратегияи рушд дақиқ намоянд, ки то фарҷоми иҷроиши стратегияи бо кадом роҳу воситаҳо шумораи филиалҳои бонк ва марказҳои хизматрасониро метавонанд афзоиш диҳанд. Зеро дар шароити муосири иқтисодӣ дастрасӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ заминаи асосиро дар таъмини рақобатпазирӣ ва эътимоднокии бонк таҳия менамояд. Марказҳои хизматрасонии бонкӣ ҷузъи асосии филиалҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба шумор рафта, бо коҳишёбии шумораи филиалҳо шумораи онҳо низ ихтисор мегардад. Агар як филиали бонки тиҷоратӣ ба ҳисоби миёна дар зертобеи худ аз 1 то 10 ва зиёд аз он марказҳои хизматрасониро дошта бошад, пас бо қатъ гардидани фаъолияти 1 филиали бонк, шумораи марказҳо тадриҷан коҳиш меёбад. Дар соли 2019 шумораи умумии марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 1577 ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 то 1229 адад коҳиш ёфт. Яъне дар давоси солҳои 2019-2023 шумораи умумии марказҳои хизматрасонӣ 348 адад ва

ё 22% коҳиш ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки коҳишёбии назарраси марказҳои хизматрасонии бонкӣ на танҳо ба сатҳи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ, балкӣ ба ҳолати дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ таъсири манфӣ расонида, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро паст менамояд.

Дар ин робита зарур аст қайд намоем, ки ташкили филиалҳо ва марказҳои хизматрасонӣ дар баробари таҳкими мавқеи бонк дар бозор, барои бонк хароҷоти зиёдеро ба вуҷуд меоранд, ки ҳар як ташкилоти қарзӣ наметавонад чунин хароҷотҳоро аз ҳисоби даромади худ рӯйпуш намояд (барои таъсиси филиал бонкҳои тиҷоратӣ бояд иҷозати хаттии БМТ-ро гиранд) [6 с.87]. Аммо, вақте, ки ташкилоти қарзӣ дар раванди таҳияи стратегияи рушд зина ба зина ташкил намудани филиалҳоро ба нақша гирифта бошад, пас таъсиси филиалҳо барои бонк мушкилии молиявӣ эҷод намекунад. Зеро то анҷоми татбиқи стратегияи рушд давра ба давра бонк ба ҳадафҳои гузошташуда ноил мегардад ва нақши ташкили филиалҳову дигар воҳидҳои сохториро иҷро мекунад. Вале, дар ҳолати зимни таҳияи стратегияи рушд ба инобат нагирифтани таъсиси филиалҳо, бонк ба мушкилии молиявӣ гирифтор мегардад, ки дар натиҷа метавонад ба вазъи пардохтпазирии он таъсири манфӣ расонад. Дар ин замина, таҳлили вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда зарур ва ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегардад (ҷадвали 2.).

**Ҷадвали 2. -Тамоюли рушди нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2019-2023 бо млн. сомонӣ**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирёбӣ бо фоиз (2019/2023) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дороиҳо дар маҷмуъ** | **21 976** | 26 307,38 | 22 414,74 | 30 030,66 | 37679,52 | +41,6 |
| **Дороиҳои бонкҳо** | 18 217 | 22 643,43 | 18 009,41 | 25 326,19 | 31697,98 | +42,5 |
| **Дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ** | - | 147,04 | 207,07 | 261,94 | 294,13 | +50,0 |
| **Дороиҳои ТМХ** | 3 250 | 3 517,00 | 4 198,26 | 4 378,70 | 5568,43 | +41,6 |
| **Уҳдадориҳо** | **15 749** | 19 131,70 | 17 339,05 | 23 731,65 | 30318,83 | +48,0 |
| **Уҳдадориҳои бонкҳо** | 13 043 | 16 634,66 | 14 277,35 | 20 506,57 | 26061,46 | +49,9 |
| **Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ** | - | 50,10 | 79,02 | 117,43 | 163,72 | +69,3 |
| **Уҳдадориҳои ТМХ** | 2 207 | 2 446,94 | 2 982,68 | 3 077,10 | 4048,63 | +45,4 |
| **Сармоя** | **6 226** | 7 175,74 | 5 075,69 | 6 299,01 | 7360,69 | +15,4 |
| **Сармояи бонкҳо** | 5 174 | 6 008,78 | 3 732,06 | 4 819,62 | 5636,52 | +8,2 |
| **Сармояи ташкилотҳои қарзии исломӣ** | - | 96,90 | 128,05 | 144,51 | 130,42 | +25,7 |
| **Сармояи ТМХ** | 1 043 | 1 070,06 | 1 215,58 | 1 301,60 | 1519,80 | +31,3 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023. №12(341), -С. 24-36.

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 2. таи солҳои охир нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Агар соли 2019 ҳаҷми умумии дороиҳои низоми бонкӣ маблағи 21976 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас дар соли 2023 ҳаҷми дороиҳои низоми бонкӣ 37679,52 млн. сомониро ташкил дод, ки 41,6% афзоишёбӣ ба назар мерасад. Дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи таҳлилӣ (2019-2023) тадриҷан афзоиш ёфта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 42,5% зиёд шудаанд. Агар дороиҳои низоми бонкиро дар маҷмӯъ таҳлил намоем, пас маълум мегардад, ки қисми зиёди дороиҳои низоми бонкӣ дар ихтиёри бонкҳои тиҷоратии анъанавӣ қарор дорад. Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2. нишон медиҳад, ки дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар соли 2023 84,1%-и дороиҳои низоми бонкиро ташкил медиҳанд. Яъне 84,1%-и дороиҳои низоми бонкӣ дар ихтиёри бонкҳои тиҷоратии анъанавӣ мебошад. Дигар субъектони низоми бонкӣ (ТМХ, ТАҚХ, Фондҳои қарзӣ ва ҳ.) ҳамагӣ 15,9 фисади дороиҳои низоми бонкиро дар ихтиёр доранд. Ғайр аз ин, ӯҳдадориҳои низоми бонкӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 48% афзуда, маблағи 30318,83 млн. сомониро ташкил дод. Афзоишёбии ӯҳдадориҳои низоми бонкӣ бо зиёдшавии ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ вобастагӣ дошта, қисми уҳдадориҳои тавозуни ташкилотҳои қарзиро тақвият додааст. Дар ин замина, ӯҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратии анъанавӣ низ тақвият ёфта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба ҳаҷми 13018,46 млн сомонӣ ва ё 49,9% фузун гардидааст, ки

аз фаъолияти густурда ва фарохи бонкҳои тиҷоратӣ дарак медиҳад. Ба андозаи 49,9% афзоиш ёфтанни қисми ӯҳдадориҳои тавозунии низоми бонкӣ барои рушди муносибтаҳои қарзӣ ва таъмини иқтисодиёт бо захираҳои молиявӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Бояд қайд кард, ки дар давраи таҳлилӣ фаъолияти ташкилотҳои молиявии исломӣ низ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас гардида, дороиҳои онҳо афзоиш ёфт ва мавқеи молиявии онҳо густурда гардид, ки ин барои такмилёбии сохтори институтсионалии низоми бонкии мамлакат хизмат менамояд. Таи солҳои 2020-2023 қисмати дороиҳои тавозунии ташкилотҳои молиявии исломӣ афзуда, филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкдории исломӣ дар мамлакат зиёд шуд. Ғайр аз ин, соли 2023 дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ маблағи 294,13 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбати соли 2020-ум 120,13 млн. сомонӣ ва ё 50% зиёд мебошад. Воқеан густаришёбии сохтори институтсионалии низоми бонкӣ аз воридшавии субъектҳои нав вобаста аст. Ташкилотҳои молиявии исломӣ ҷараёни ташаккули низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳким бахшида бо пешниҳоди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ метавонанд, ки дастрасии пурраи аҳолиро бо хадамоти бонкӣ таъмин созанд. Дар ин давра қисми ӯҳдадориҳои ташкилотҳои молиявии исломӣ низ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Агар соли 2020 ӯҳдадориҳои ташкилотҳои молиявии исломӣ ҳамагӣ 50,1 млн. сомониро ташкил медод, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм 163,72 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки 69,3% зиёдшавӣ дида мешавад. Зиёдшавии сармояи худии ташкилотҳои қарзӣ ба назар мерасад, ки ин яке аз унсурҳои асосии фаъолияти босуботи бонкҳо арзёбӣ карда мешавад. Соли 2023 сармояи ташкилотҳои қарзӣ дар маҷмӯъ 7360,69 млн. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса бо соли 2019-ум 15,4% фоиз ва ё ба маблағи 1134,69 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Афзоишёбии сармояи худии ташкилотҳои қарзӣ вазъи пардохтпазирии бонкҳоро таҳким бахшида, ба ҳолати молиявӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки БМТ дар Дастурамали №176 ҳадди ақали сармояи оинномавӣ, кифоятии сармоя барои ташкилотҳои қарзиро ба таври мушаххас муайян намудааст. Тибқи муқаррароти Дастурамалӣ №176-и БМТ меъёри кифоятии сармоя барои ташкилотҳои қарзӣ (К1-1) ба андозаи 12% муқаррар гардидааст [3.с.141]. Яъне давра ба давра таҳким ёфтани сармояи ташкилотҳои қарзӣ аз як тараф мавқеи молиявии бонкҳоро дар иқтисодиёт устувор гардонида, аз тарафи дигар ба пешрафти ташкилӣ-сохтории муассисаҳои молиявӣ ва низоми бонкӣ замина мегузорад. Ғайр аз ин, афзишёбии сармояи худӣ метавонад, ки коэффисиенти молиявиро паст намояд ва ин омили суботи молиявии бонк мегардад. Ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ) ҳамчун ҷузъи муҳими низоми бонкӣ дар давоми солҳои 2019-2023 фаъолияти густурда нишон дода, тавонистанд, ки суботи молиявии худро нигоҳ доранд. Алалхусус, дороиҳои ТМХ-ҳо дар соли 2023 ба тари назаррас боло рафта, маблағи 5568,43 млн. сомониро ташкил дод. Зиёдшавии дороиҳои ТМХ-ҳо дар давраи таҳлилӣ (2019-2023) 41,6%-ро ташкил намуд. Зиёдшавии дороиҳои ТМХ-ҳо агар аз як тараф бо афзунгардии шумораи онҳо вобастагӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар бо фаъолияти самаранок ва босуботи онҳо алоқаманд мебошад. Дар робита ба гуфтаҳои боло ва натиҷаи таҳлили ҷадвали 2.2. қайд намуда ба маврид аст, ки инкишофи пайвастаи сармоя, дорои, ӯҳдадориҳо ва таъмини суботи молиявии ташклотҳои қарзӣ аз татбиқи самараноки стратегияи рушд вобастагии амиқ дорад.

Дар ҷараёни таҳияи стратегияи рушд ба назар гирифтани ҷалби пасандозу амонатҳо яке аз самтҳои муҳим ба шумор меравандд. Ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки зимни ташкили стратегияи рушд маҷмӯи имтиёзҳо ва тадбирҳои самарабахшро ҷиҳати ҷалби пасандозҳо коркард намуда, барои муштариён пешкаш намоянд (ҷадвали 3.).

**Ҷадвали 3. -Бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2019-2023, бо млн. сомонӣ**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирёбӣ бо фоиз (2023/2019) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Амонатҳо дар маҷмӯъ** | **9 742,2** | 11 414,2 | 10 159,3 | 15 507,8 | 19462,62 | +49,9 |
| **Бо пули миллӣ** | **5 174,0** | 6 368,3 | 5 636,0 | 8 633,0 | 10802,40 | +52,1 |
| **Бо асъори хориҷӣ** | **4 568,2** | 5 045,9 | 4 523,3 | 6 874, 8 | 8660,21 | +47,2 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2023, №12(341), -С. 33.

Вобаста ба маълумотҳои омории ҷадвали 3. ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар давоми солҳои таҳлилӣ (2019-2023) бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ба таври динамикӣ афзоиш ёфтаанд. Соли 2019 ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ мабалғи 9742,2 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2023 ба андозаи 49,9% камтар мебошад. Яъне дар соли 2023 бақияи пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ нисбати соли 2019-ум 49,9% ва ё ба маблағи 9720,62 млн. сомонӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Дар ин давра зиёдшавии ҳиссаи пасандозҳо бо асъори миллӣ, яъне сомонӣ низ ба назар

мерасад, ки ин раванди мусбӣ арзёбӣ гардида, онро метавон ҳамчун омили боварии аҳолӣ ба асъори миллӣ дониста. Агар соли 2019 бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ 5174,0 млн. сомониро ташкил намуда бошад, нишондиҳандаи мазкур соли 2023 то ба ҳадди 10802,40 млн. сомонӣ ва ё 52,1% афзоиш ёфт. Афзоишёбии пасандозҳо бо асъори миллӣ метавона ба устувории қурби он замина гузошта, долларикунонии иқтисодиётро коҳиш медиҳад. Нигоҳдории пасандозҳо бо пули миллӣ барои аҳолӣ низ аҳамияти зиёд дорад. Зеро пули миллӣ бо лаппишҳои қарбӣ ва таваррум камтар гирифтор мегардад ва даромади пайвастаи фоизиро барои аҳолӣ таъмин менамояд, ки ин омилро бояд ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми таҳияи стратегияи рушд ба инобат гиранд. Дар ин чараён бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ метавонанд, ки барои пасандозгузорон бо пули миллӣ имтиёзҳо ва дигар намуди ҳавасмандиро (ташкили ҳар гуна бозиҳо, ҳавасмандии фоизӣ, тухфаҳои идона, хизматрасонии ройгон ва ҳ.) коркард намоянд ва ин амал бояд дар стратегияи молиявии бонк инъикос гардад. Маълумотҳои чадвали 3. гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳиссаи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ дар соли 2023 нисбати соли 2019 ба андозаи 47,2% зиёд шудааст. Афзоишёбии пасандозҳо бо асъорӣ хориҷӣ аз густариши муносибатҳои иқтисодӣ-молиявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак дода, суботи низоми асъори миллиро таъмин месозад. Яъне ҷиҳати таъмини муомилоти пулӣ ва гардиши пулӣ миёни субъектони иқтисодӣ ва субъектони беруниқтисодӣ асъори хориҷӣ низ лозим аст ва нигоҳдории асъори хориҷии аҳолӣ дар бонкҳо ҷараёни татбиқи муносибатҳои молиявиро сода мегардонад. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз шароит ва таъсири омилҳои макро ва микроиқтисодӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзиро зарур меояд, ки роҳҳои ҷалби бештари пасандозу амаонатро коркард намоянд ва барои муштариён пешниҳод созанд. Зеро сарчашмаи асосии пулҳои ликвиднок барои ташкилотҳои қарзӣ ин пасандоз ба шумор меравад [5.с170]. Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки яке аз омилҳое, ки метавонад ба ҷараёни ҷаби бештари пасандозҳо сабаб гардад, ин меъёри фоизӣ ба шумор меравад. Агар ташкилотҳои қарзӣ фишанги фоизиро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ истифода намоянд, метавонанд ҳаҷми маблағҳои пасандозии худро афзоиш диҳанд. Аммо беасос боло бурдани фоизи пасандзо низ барои ташкилотҳои қарзӣ хавфнок арзёбӣ карда мешавад. Дар ҳоли истифодаи мақсаднок ва пурраи захираҳои молиявии ҷалбшуда ва афзоиши талабот ба қарз ташкилотҳои қарзӣ метавонад, ки фоизи пасандозҳоро боло бардоранд (**ҷадвали 4.**).

**Ҷадвали 4. -Меъёри фоиз аз рӯи пасандозҳо (амонатҳо) - и бонкҳо (фоизи солона, барои солҳои 2019-2023)**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирёбӣ бо фоиз (2023/2019) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи амонатҳо бо пули миллӣ | **0,48** | 0,50 | 0,54 | 0,44 | 0,35 | - 0,13 |
| амонатҳои дархостшаванда | **0,30** | 0,24 | 0,25 | 0,28 | 0,15 | -0,15 |
| амонатҳои пасандозӣ | **0,52** | 0,99 | 0,94 | 0,40 | 0,25 | -0,27 |
| амонатҳои мӯҳлатнок | **9,23** | 8,15 | 10,07 | 10,43 | 13,14 | +0,3,91 |
| Ҳамаи амонатҳо бо асъори хориҷӣ | **0,12** | 0,11 | 0,12 | 0,11 | 0,09 | -0,3 |
| амонатҳои дархостшаванда | **0,02** | 0,01 | 0,01 | 0,00 | 0,03 | +0,01 |
| амонатҳои пасандозӣ | **0,13** | 0,19 | 0,24 | 0,17 | 0,06 | -0,07 |
| амонатҳои мухлатнок | **4,03** | 3,99 | 3,27 | 4,21 | 4,25 | +0,22 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023. №12(341), -С.33.

Мувофиқи ҷадвали 4. фоизи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои 2019-2023 паст гардидааст. Маълумотҳои ҷадвали мазкур нишон медиҳанд, ки дар соли 2023 меъёри фоизи пасандозҳо нисбати соли 2019 дар маҷмӯъ 0,13% коҳиш ёфтааст. Коҳишёбии меъёри фоизи амонатҳо бо пули миллӣ метавонад, ки ҳаҷми умумии мабалағҳои амонатиро кам гардонад ва аҳолӣ маблағҳои худро ба бонкҳо барои нигоҳдорӣ пешниҳод накунад. Тартиби ҷалби пасандозҳо ва амонат бояд дар стратегияи рушд муайян карда шавад ва дар асоси он бонк тавонад, ки давра ба давра фаъолияти худро татбиқ намояд ва ба ҳадафҳои гузоштташуда ноил гарданд.

Барои дақиқ муайян намудани ҳолати молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлили нишондиҳандаҳои якчанд бонки тиҷоратӣ дар алоҳидагӣ зарур арзёбӣ мегардад. Зеро татбиқи сиёсати молиявии бонк ва роҳандозии самраноки стратегияи рушд барои бонкҳои тиҷоратӣ аз сатҳи

афзоиши нишондиҳандаҳои молияии онҳо оғоз мегардад (ҷадвали 5.).

**Ҷадвали 5. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2021-2023, бо млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳои молиявӣ | 2021 | Вазни қиёсӣ бо % | 2022 | Вазни қиёсӣ бо % | 2023 | Вазни қиёсӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА"** | | | | | | |
| **Дороиҳо** | 2444,00 | 100 | 3248,90 | 100 | 4264,50 | 100 |
| **Ӯҳдадориҳо** | 1993,40 | 81,5 | 2674,40 | 82,3 | 3442,00 | 80,7 |
| **Сармояи худӣ** | 450,5 | 18,4 | 574,5 | 17,7 | 822,5 | 19,3 |
| **ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД"** | | | | | | |
| **Дороиҳо** | 991,3 | 100 | 1122,90 | 100 | 1132,10 | 100 |
| **Ӯҳдадориҳо** | 846,7 | 85,4 | 955,5 | 85,1 | 934,4 | 82,5 |
| **Сармояи худӣ** | 144,6 | 14,6 | 167,4 | 14,9 | 197,7 | 17,5 |
| **ҶСП "БОНКИ АРВАНД"** | | | | | | |
| **Дороиҳо** | 566,2 | 100 | 766,2 | 100 | 1005,40 | 100 |
| **Ӯҳдадориҳо** | 458,9 | 81,0 | 641,3 | 83,7 | 829,4 | 82,5 |
| **Сармояи худӣ** | 107,3 | 19,0 | 124,8 | 16,3 | 176 | 17,5 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023. №12(341), -С.38-40.

Вобаста ба маълумотҳои ҷадвали 5. чунин қайд намудан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратии ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" ва ҶСП "Бонки Арванд" сол аз сол афзоиш ёфтааст. Аз ҷадвали 5. дида мешавад, ки вазни қиёсии сармояи худии ҶСК "Бонки Эсхата" дар соли 2023 нисбати соли 2021-ум 1,2% афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2021-ум вазни қиёсии сармояи худии ҶСК "Бонки Эсхата" нисбат ба дороиҳои бонк 18,5%-ро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 то 19,3% расидааст. Инчунин дар ин давра афзоишёбии вазни қиёсии ухдадориҳои ҶСК "Бонки Эсхата" ба назар мерасад, агар соли 2021 ҳиссаи ухдадориҳои бонки мазкур нисбат дороиҳо 81,5%-ро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 то ба андозаи 82,3% расидааст. Дар соли 2023 бошад ухдадориҳои ҶСК "Бонки Эсхата" нисбати дороиҳо 80,7%-ро ташкил намудааст. ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" дар ин давра нишондиҳандаҳои молиявии худро тақвият бахшида, вазни қиёсии сармояи худиро дар соли 2023 нисбат ба соли 2021 ба андозаи 17,5% афзоиш додааст. Қисми ӯҳдадориҳои ин бонк дар соли 2021 нисбати дороиҳо 85,4%-ро ташкил намуда, дар соли 2023 то 82,5% коҳиш ёфтааст. ҶСП "Бонки Арванд" дар ин давра ҳаҷми ухдадориҳои худро нисбат ба дороиҳо дар соли 2021 ба 81,0% расонидааст. Дар соли 2023 бошад ҳиссаи ӯҳдадориҳои ин бонк нисбати дороиҳо 82,55-ро ташкил намудааст, ки аз фаъолияти фарохи он гувоҳӣ дода, иҷроиши стратегияи рушдро кафолат медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз се бонки муқоисагардида, нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК "Бонки Эсхата" ба таври динамикӣ рушд ёфта, мавқеи бонки мазкурро ҳамчун бонки низомсоз дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшидааст. Бояд қайд намуд, ки афзоишёбии сармояи худии бонкҳо нисбат ба дороиҳо метавонад, ки сатҳи хавфҳоро коҳиш дода, даромаднокии бонкро таҳким бахшад ва суботи молиявии онро устувор нигоҳ дорад. Натиҷаи ниҳоии афзоишёбии самояи худии бонк ба меъёри кифоятии сармоя таъсири мусбӣ мегузорад. Зеро мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон меъёри кифоятии сармоя, коэффисиенти К-1.2. бояд на камтар аз 10% бошад [4.с38-40]. Дар ҳолати аз 10% кам буданни нишондиҳандаи К-1.2. БМТ метавонад, ки фаъолияти бонки тиҷоратиро қатъ намояд. Меъёри кифоятии сармоя (Коэффисиенти К-1.2.) дар ҶСК "Бонки Эсхата" барои соли 2023 17,68%-ро ташкил намуд, ки аз нишондиҳандаи муқаррарнамудаи БМТ 7,68% зиёд мебошад [4.с38-40]. Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки таъмини рушди устувори бонк ва татбиқи ҳамаҷонибаи стратегияи рушд аз болоравии нишондиҳандаҳои ташкилотҳои қарзӣ вобастагии амиқ дорад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар иҷроиши стратегияи рушди ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ даромаднокӣ аҳамияти махсус дорад. Чунки, афзоиши даромади бонк имкониятҳои молиявии онро таҳким бахшида, метавонад, ки барои фаъолияти минбаъдаи бонк заминаи сармоягузориро фароҳам оварад (ҷадвали 6.).

**Ҷадвали 6. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2021-2023, бо млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳои молиявӣ | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирёбӣ 2023/2021, бо% |
|---|---|---|---|---|
| **ҶСК “БОНКИ ЭСХАТА”** | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 3,5 | 3,8 | 7,4 | +3,9 |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 17,1 | 20,2 | 38,6 | +21,5 |
| Даромади фоизии холис (NIM) | 15,1 | 13,7 | 15,2 | +0,01 |
| Фоидаи соф (бо млн. сомонӣ) | 77,2 | 116,0 | 317,2 | +75,5 |
| **ҶСП “АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД”** | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 1,3 | 2,6 | 3,5 | +2,2 |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 8,8 | 17,4 | 19,9 | +11,1 |
| Даромади фоизии холис (NIM) | 15,2 | 15,5 | 17,3 | +2,1 |
| Фоидаи соф (бо млн. сомонӣ) | 12,7 | 29,1 | 39,4 | +67,7 |
| **ҶСП “БОНКИ АРВАНД”** | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 0,6 | 1,2 | 5,1 | +4,5 |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 3,1 | 7,2 | 29,3 | +26,2 |
| Даромади фоизии холис (NIM) | 14,5 | 13,2 | 15,1 | +0,6 |
| Фоидаи соф (бо млн. сомонӣ) | 3,3 | 9,0 | 51,5 | +93,5 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023. (https://nbt.tj/files/suboti-moliyavi/ 2023/FIS% 20taj.pdf, санаи муроҷиат: 20.01.2024).

Вобаста ба маълумотҳои ҷадвали 6. қайд намудан имконпазир аст, ки дар давоми солҳои 2021-2023 даромаднокии дороиҳои (ROA) ҶСК “Бонки Эсхата” зина ба зина афзоиш ёфтааст. Яъне аз се бонки таҳлилгардида, нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳои ҶСК “Бонки Эсхата” баланд мебошад. Агар соли 2021 дароманокии дороиҳои ин бонк 3,5%-ро ташкил намуда бошанд, баъд ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба андозаи 3,9% боло рафта 7,4 фисадро ташкил намуд, ки аз бонкҳои муқоисашаванда аз ҳама зиёд арзёбӣ мегардад. Ғайр аз ин, даромаднокии сармоя (ROE) низ дар ҶСК “Бонки Эсхата” таи солҳои 2021-2023 ба таври назаррас таъмин гардидааст. Соли 2021 даромаднокии сармоя дар ҶСК “Бонки Эсхата” 17,1%-ро ташкил намуд ва он дар соли 2023 бошад 38,6% гардид. Фоида софи ин бонк дар соли 2023 317,2 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбати соли 2021 ба андозаи 75,5% зиёдшавӣба назар мерасад. Бонкҳои тиҷоратии ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” ва ҶСП “Бонки Арванд” низ дар ин давра тавонистанд, ки даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармояро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доранд. Агар соли 2021 даромаднокии дороиҳои ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” 1,3%-ро ташкил карда бошад, соли 2023 ин нишондиҳанда ба 3,5% расид, ки 2,2% афзоишёбӣ ба чашм мерасад. Даромаднокии сармоя низ дар ин бонк афзоиш ёфта, соли 2021 8,8%-ро ташикл намуд. Ва ин нишондиҳанда соли 2023 19,9%-ро ташкил намуд, ки дар муқоиса бо соли 2021 11,1% афзоишёбӣ дида мешавад. Фоидаи софи ин бонк дар соли 2023 маблағи 39,4 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 67,7% зиёдшавӣ дида мешавад. Дороиҳои ҶСП “Бонки Арванд” низ дар давраи таҳлилӣ (2021-2023) барои бонк манфиат оварда, соли 2021 0,6%-ро ташкил доданд. Баъдан соли 2023 даромаднокии дороиҳои ин бонк ба маротиб афзоиш ёфта, 5,1%-ро ташкил дод. Даромаднокии сармоя дар ин бок соли 2021 3,1%-ро ташкил дода, дар соли 2023 то ба ҳадди 29,3% расид, ки нисбати соли 2021 26,2% зиёд мебошад. Фоидаи софи ҶСП “Бонки Арванд” дар ин давра ба таври назаррас боло рафта, соли 2023 маблағи 51,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса бо соли 2021 93,5% афзудааст.

Дар робита ба гуфтаҳои боло зикр намудан ба маврид аст, ки даромаднокии сармояи ҶСК “Бонки Эсхата” соли 2023 з8,6%-ро ташикл намудааст, ки нишондиҳандаи баланд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда мешавад. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва ҷорисозии технологияи муосир зимни пешниҳоди хизматрасониҳо имкониятҳои техникӣ молиявии бонкро тақвият медиҳад. Афзоишёбии даромаднокии сармояи худии бонк (ROE) ба андозаи 38,6% инъикосгарӣ он аст, ки 1 сомонии бонки мазкур ба андозаи 38,6 дирам дар соли 2023-юм даромад овардааст. Зиёдшавии даромаднокии холис дар бонкҳои муқоисашуда (NIM) аз густришёбии амалиётҳои активии бонкҳо гувоҳӣ медиҳад. Афзудани даромаднокии сармояи худии бонкҳои болозикр бештар бо зиёдшавии фоидаи соф алоқамандӣ дорад. Зикр намудан ба маврид аст, ки афзоиши даромаднокии сармояи бонк барои саҳомон муҳимтарин маълумот ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи муқоисаи андозаи он бо дигар бонкҳо онҳо метавонанд доир ба хариди саҳмияҳо ва ё сармоягузорӣ ба бонк қарори дахлдор қабул кунанд. Илова ба ин, таъмини даромаднокии бонкҳои тиҷоратӣ метавонад, ки бозгӯкунандаи татбиқи самараноки стратегияи рушд бошад.

**Ҳамин тавр,** Фаъолияти густурдаи ташкилотҳои қарзӣ метавонад барои густариши амалиёти фосилавӣ заминаи мусоид фароҳам орад ва татбиқи ҳамаҷонибаи стратегияи рушдро таъмин намояд. Барои роҳандозии густурдаи амалиёти бонкӣ ва татбиқи ҳадафҳои бонк, зарур аст, ки стратегияи бонк ба таври мукаммал таҳия карда шавад. Яъне стратегияи рушд бояд кулли самтҳои фаъолияти ташкилоти қарзиро фаро гирифта, вобаста ба шароити муосири иқтисодӣ таҳия карда шавад. Аз ҷумла ба назар гирифтани гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи мақсадноки технологияи муосир ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасониҳо бояд аз ҷанбаҳои афзалиятнок дар стратегияи рушд бошанд. Махсусан дар шароити муосир, ки рақобат миёни ташкилотҳои қарзӣ афзуда истодааст, бояд таҳия стратегияи рушд ва сиёсати молиявии бонк бо назардошти вазъи бозори молиявӣ ва имкониятҳои иштирокчиёни он таҳия карда шавад. Бонкҳоро зарур аст, ки аз вазъи молиявии рақибони худ огоҳ бошанд ва дар асоси он стратегияи рушдро омода созанд.

Таҳлили вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ташкилотҳои қарзӣ давра ба давра нишондиҳандаҳои молиявии худро тақвият бахшида, ҳолати рақобатпазириро таҳким бахшида истодаанд. Аммо ҷиҳати рушди устувор ва суботи молиявии доимӣ зарурият ба амал меояд, ки фаъолияти худро вобаста ба шароити муосир роҳандозӣ намоянд. Чунки, имрӯз бидуни ба назар гирифтани омилҳои таъсирбахш дар сатҳи макро ва микро-иқтисод бонк наметавонад, ки самаранокии фаъолият, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ, даромаднокӣ ва касби мавқеи устуворро дар бозори хизматрасониҳои бонкиро таъмин намояд.

## АДАБИЁТ:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19.05.2009, №524. –С.11.
2. Стратегияи фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026.-С.56.
3. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ” аз 17.06.2022, №550. –С.14.
4. Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 (№ 12 (293); №12(305),-С.22; -С. 21; №12(341) –С.20).
5. Ғаюров, Ғ. Ҳ. Таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ / Ғ. Ҳ. Ғаюров, Ф. О. Худоиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. –№8. – С. 170-178. – EDN GJBIEK.
6. Ғаюров, Ғ. Ҳ. Шакл, усулҳо ва ташкили ҳамкорӣ байни давлат ва бахши бонкӣ / Ғ. Ҳ. Ғаюров, С. П. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №. 8. – С. 127-133. – EDN GPWMRJ.
7. Ғаюров, Ғ. Ҳ. Таъсири хавфи қарзӣ ба нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ / Ғ. Ҳ. Ғаюров, Л. М. Ҳалимов, М. М. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – №. 4-1(43). – С. 95-102. – EDN QKYFLG.
8. Мазарифов М.К. Ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис...барои дарёфти номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ/ М.К. Мазарифов. –Душанбе, -2021. –С.48.
9. Манбаи электронӣ: https://nbt.tj/files/ bankingsystem/overview_ banking/ hisobot_ dar_borai_ ijroishi_ strategiya_ tj.pdf. (Санаи дастрасӣ 24.08.2023).
10. Манбаи электронӣ:https://nbt.tj/upload/iblock (Санаи дастрасӣ 19.02.2023).
11. Манбаи электронӣ:https://nbt.tj/upload/iblock/83a/year_2020_tj.pdf (Санаи дастрасӣ 19.02.2023). https://nbt.tj/upload/iblock/ (Санаи дастрасӣ 19.02.2023).
12. Манбаи электронӣ: https://www.spitamenbank.tj/ru/personal/ (Санаи воридшавӣ 06.11.2023).
13. Манбаи электронӣ: https://eskhata.com/about/bank/ (Санаи воридшавӣ 06.11.2023).
14. Манбаи электронӣ: https://nbt.tj/files/images /jurnal/2023/Julay_ septamber-2023-sait.pdf (санаи муроҷиат: 24. 12. 2023).


**Маълумот дар бораи муаллиф:**


**Низомов Самариддин Фахриевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17, тел.: (+992) 904 49 04 25, E-mail: samaridin@mail.ru

**Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна –** докторанти курси 3-юми кафедраи кори бонкӣ Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова, 1. 92-890-00-67, E-mail shafoatchon@bk.ru


**Сведения об авторах:**

**Низомов Самариддин Фахриевич** - доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учета, Таджикского национального университета, ул. Рудаки 17, 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, E-mail: samaridin@mail.ru, тел.: (+992) 904 49 04 25

**Кобилова Шафоатджон Толибджоновна** - докторант 3-го курса кафедры Банковское дело Государственное Учебное Учреждения «Худжандский государственный университет имени академика БободжонаГафурова» проспект Мавлонбекова, 1. Тел: +99292-890-00-67 E-mail:shafoatchon@bk.ru

**Information about the author:**

**Nizomov Samariddin Fakhrievich** - Doctor of economic sciences, associate professor the department of accounting, National university of Tajikistan, 17 Rudaki str.734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, E-mail: samariddin@mail.ru, Tel:(+992) 90449 04 25

**Kobilova Shafoatjon Tolibjonovna** - doctoral student of the 3nd year of the Department of Banking State Educational Institution "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov" Mavlonbekov Avenue, 1. Tel: +99292-890-00-67 E -mail: shafoatchon@bk.ru

**УДК: 37**

## ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ СОЛИМИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚӢ, МАЪРИФАТӢ ИҚТИСОДИЮ МОЛИЯВӢ ДАР ҶОМЕА

**Оймаҳмадов Гулмаҳад Нигмамадович**
**Расулов Ғафур**

**Аннотатсия.** Дар мақола муаллифон масъалаи муҳими рӯз - ташаккули тафаккури солими сиёсию ҳуқуқӣ, маърифатӣ иқтисодию молиявӣ дар ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Онҳо таъкид намудаанд, ки истеҳсолкунандаи аз ҳама асосии маҳсулот дар ҷомеаи ҷаҳонӣ - инсони фаъол, созандаю таҷдиднамоянда ва навсозанда ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба низом даровардани муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ ва сиёсӣ Конститутсия ва қонунҳои мухталиф қабул карда шуданд, ки дар заминаи онҳо ташаккули моликиятҳои гуногун ва иштироки онҳо дар рушду такомули муносибатҳои бозорӣ таъмин карда мешаванд.

Бо муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла ММД, буҷети мамлакат, даромади аҳолӣ ва афзоиши теъдоди муассисаҳои илмию фарҳангӣ дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ба сатҳи нисбатан нав баланд гардидани тафаккури солими сиёсию ҳуқуқӣ, маърифатӣ иқтисодию молиявии аҳли ҷомеа тасбит карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** тафаккури солим, инсони созандаю фаъол, қувваҳои истеҳсолкунанда, олот ва предмети меҳнат, тарзи истеҳсолот, солимии авзои сиёсию ҳуқуқӣ, рушди босуботи иқтисодиёт, ММД, буҷет, даромадҳо ва хароҷотҳои буҷетӣ.

**Барои иқтибос:** Оймаҳмадов Г. Н. Ташаккули тафаккури солими сиёсию ҳуқуқӣ, маърифатӣ иқтисодию молиявӣ дар ҷомеа / Г. Н. Оймаҳмадов, Ғ. Расулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 30-35.

## ФОРМИРОВАНИЕ ЗДОРОВОГО ПОЛИТИЧЕСКОГО И ПРАВОВОГО МЫШЛЕНИЯ, ЭКОНОМИЧЕСКОГО И ФИНАНСОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ОБЩЕСТВА

**Оймахмадов Гулмахад Нигмамадович**
**Расулов Гафур**

**Аннотация.** В статье авторы обсудили важную проблему современности - формирование здорового политико-правового, образовательного, экономического и финансового мышления в обществе. Они подчеркнули, что важнейший производитель продукции в мировом обществе – это активный, творческий, новаторский и инновационный человек. В Республике Таджикистан были приняты Конституция и различные законы, регулирующие производственно-экономические и политические отношения, на основе которых обеспечивалось формирование различных объектов собственности и их участие в развитии и совершенствовании рыночных отношений.

Сравнивая экономические и социальные показатели, в том числе ВВП, бюджет страны, доходы населения и увеличение числа научных и культурных учреждений за период независимости государства

Таджикистан, подтверждено, что здоровый политическое и правовое, познавательное, экономическое и финансовое мышление людей общества поднялось на относительно новый уровень.

**Ключевые слова:** здоровое мышление, творческая и активная личность, производительные силы, орудия и предметы труда, способ производства, здоровье политико-правовой среды, устойчивое экономическое развитие, ВВП, бюджет, бюджетные доходы и расходы.

## FORMATION OF HEALTHY POLITICAL AND LEGAL THINKING, ECONOMIC AND FINANCIAL EDUCATION IN SOCIETY

**Oymahmadov Gulmahad Nigmamadovich**
**Rasulov Gafur**

**Annotation.** In the article, the authors discussed an important problem of our time - the formation of a healthy political, legal, educational, economic and financial thinking in society. They emphasized that the most important product producer in global society is an active, creative, innovative and innovative person. The Republic of Tajikistan adopted a Constitution and various laws regulating production and economic relations, on the basis of which the formation of various property objects and their participation in the development and improvement of market relations was ensured.

Comparing economic and social indicators, including GDP, the country's budget, personal income and the increase in the number of scientific and cultural institutions during the period of independence of the state of Tajikistan, it is confirmed that the healthy political and legal, cognitive, economic and financial thinking of people in society has risen to a relatively new level .

**Key words:** healthy thinking, creative and active personality, productive forces, tools and objects of labor, method of production, health of the political and legal environment, sustainable economic development, GDP, budget, budget revenues and expenses.

**Гузориши масъала.** Қувваҳои истеҳсолкунанда ва инсон, ки муҳимтарин қисми таркибии он аст, асоси ҳар як тарзи истеҳсолот ба ҳисоб меравааанд. Тараққиёти ҳар як тарзи истеҳсолот, асосан, аз мувофиқати муносибатҳои истеҳсолӣ ба дараҷа ва характери инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда вобастааст ва ин амали қонуни умумии иқтисодии рушд аст. Номувофиқатии қонуни номбаршуда боиси гузариш аз як тарзи истеҳсолот ба тарзи дигар мегардад.

Чунин тағйирот махсусан дар охири асри XX дар заминаи тағйир ёфтани вазъи сиёсии ҷаҳон, ба шикаст рӯбарӯ гардидани низоми сотсиалисти дар Иттиҳоди Шӯравӣ, Аврупои Шарқӣ ва баъзе қисматҳои ҷаҳон ба амал омад. Вобаста ба дигаргуниҳои зикршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағироти куллӣ рух доданд ва онҳоро муаллифон ба таври мушаххас таҳқиқ намуданд. Дар ин робита, тафаккури сиёсию ҳуқуқӣ, маърифатӣ ва иқтисодию молиявии аҳли ҷомеа дар алоқамандӣ бо рушди баамаломада ташаккул ва такомул ёфт.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар мавзӯи нақши қувваҳои истеҳсолкунанда, муносибатҳои истеҳсолӣ ва фаъолияти инсон назарияҳои зиёде мавҷуданд. Мутобиқи онҳо муносибатҳои истеҳсолӣ, маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии моддии байни одамон дар раванди истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмолоти ҷамъиятиро фаро мегиранд.

Дар таълимоти марксизм барои истехсолот одамон ба алока ва муносибатҳои муайян дохил мешаванд ва танҳо дар доираи ҳамин алоқаҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибати онхо бо табиат вучуд дорад ва истеҳсолот ба амал меояд. [3. 6].

Вақте ки бухрони шадиди солҳои 1929-1933 аксари кишварҳои оламро фаро гирифт, роҳбарияти давлатҳои абарқудрат ба олимон мурочиат карданд, ки барои барқарорсозии муътадили иқтисодиёт ақидаҳои зиддибуҳронии назариявию амалиашонро пешниҳод кунанд. Яке аз олимоне, ки роҳи аз буҳрон баромаданро дар асоси илмӣ пешниҳод кард, ин иқтисодчии машҳури англис Ҷ. Кейнс буд. Вай дахолати бевоситаи давлатро ба ҳаёти иқтисодии ҷомеа пешниҳод намуд ва изҳор дошт, ки чунин муносибат метавонад зиддияти байни рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро аз байн барад [4].

Ин назарияро президенти ҳамовақтаи ИМА Ф. Рузвельт дар амал татбиқ намуда, аз ҳисоби давлат ҷойҳои кории зиёд ташкил кард ва ба лоиҳаҳои бузургтарини инфрасохторӣ ва техникӣ маблағгузорӣ намуд [8.28].

**Мақсади мақола** муайян кардани мувофиқати муносибати истеҳсолӣ ба дараҷа ва характери инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва мутобиқати он нисбати амалигардии сенарияҳои рушди дар стратегияҳо пешниҳодшуда мебошад. Дар ин маврид, қайд кардан зарур аст, ки дар давлат бо ҷомеа дар якҷоягӣ бо қабул ва такмили Сарқонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ (истеҳсолӣ)-ро ба сатҳу дараҷаи қувваҳои истеҳсолкунанда мувофиқ месозад. Муаллифон чараёни тараққиёти иқтисодиёт Ҷумҳурии

Тоҷикистонро вобаста ба сенарияҳои рушд барои давраи соли 2030-ро таҳқиқ намуданд.

**Муҳтавои асосии асосии мақола.** Ташаккули тафаккури солими сиёсию ҳуқуқӣ, маърифатӣ иқтисодию молиявии ҷомеъа омили асосии рушду иқдидори давлат ва ҳалли мушкилотҳои ҷамиятӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳамин, ҳар як тарзи истеҳсолоте, ки инсоният паси сар кардааст ва ё дар он давра умр ба сар бурдааст, бо муаммои дар сархат овардашуда дар алоқа бо рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи он ҷомеа алоқаманд аст.

Куллан навсозию такмилу таҷдиди олот ва предмети меҳнат на танҳо рушди қувваҳои истесолкунанда, балки сатҳи аз тарафи инсон азбарномоии қувваҳои табиатро инъикос менамоянд. Аз воситаҳои истеҳсолот, ки аз олот ва предмети меҳнат иборат аст дар пешрафти ҷомеа сатҳу дараҷаи рушди олоти меҳнат нақши муҳимро иҷро менамояд.

Бо вуҷуди нақши муҳим доштани олоти меҳнат, истеҳсолкунандаи аз ҳама асосӣ одам мебошад, ки рушди қуваҳои истесолкунандаро дар шароити гуногун оқилона ва дар сатҳи зарурӣ таъмин менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри соли 2023 дар ин бобат чунин таъкид намуданд: “Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад”[6].

Мавриди зикр аст, ки ҳар як тарзи истеҳсолот на бо маҳсулоти истеҳсолкардааш, балки бо кадом олоти меҳнат истеҳсол шудани он маҳсулот аз якдигар фарқ менамояд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, чӣ тавре ки дар боло ёдовар шудем, дар ин маврид истеҳсолкунандаи аз ҳама асосии маҳсулот дар ҷомеаи ҷаҳонӣ - инсони, аз як тараф созандаю таҷдиднамоянда, навсозанда ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар он ҳам аз нигоҳи миқдорӣ ва ҳам аз лиҳози сифат инсон дониши амиқу таҷрибаи зиёди корӣ, ташаббускорӣ ва қобилияту истеъдодашро дар алоқа бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ҳамаҷониба такмил дода, аз паси эҷод ва бунёдкориҳои нав мешавад.

Бинобар ҳамин, қувваи пешбарандаи ҳар як тарзи истеҳсолотро амали қонуни умумии иқтисодии рушди тарзҳои истеҳсолот, яъне мувофиқати сатҳу дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда нисбат ба муносибатҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳад. Номувофиқ будани муносибатҳои зикршуда сабаби азбайнравии ҷамъияти коммунистӣ ва баркарор шудани муносибатҳои истеҳсолии капиталистӣ ва ё иқтисоди бозорӣ гардид.

Гузариш аз як тарзи истеҳсолот ба дигараш, ки 9 сентябри соли 1991 оғоз ёфт ба воқеаи муҳими таърихӣ - соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба давлати мустақил табдил ёфтани он вобаста мебошад

Солимии авзои сиёсию ҳуқуқӣ ва маърифати иқтисодию молиявӣ пеш аз ҳама дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кулли муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятиро нисбати истифодаи шаклҳои гуногуни моликият ва рушди мамлакат муқаррар менамояд, таъмин гардида, ба низоми муайян даромад [1].

Ин воқеаи муҳим боиси ташаккули тафаккури солимии сиёсию ҳуқуқӣ, маърифатӣ иқтисодию молиявии ҷомеа ва омили асосии рушду иқтидори давлат ва ҳалли муаммоҳои мухталифи ҷамиятӣ гардид, ки барои рушди иқтисоди давлати соҳибихтиёр заминаи муҳайё намуд. Қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 6-ноябри соли 1994 амалӣ гардид ва се маротиба дар солҳои 1999, 2003, 2016 бо раъйпурсии байнахалқӣ ба он илова намудани тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, инъикосгари солимии сиёсию ҳуқуқии ҷамъият ва такомули бахши қонунгузории мамлакат мебошад.

Ҳамаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо талаботи моддаҳои Сарқонуни мамлакат қабул гардиданд, ки номувофиқатии сатҳу дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаро аз байн бурда, барои дар сатҳи баландтар рушд ёфтани иқтисодиёти мамлакат мусоидат намуданд.

Аз ҷумла, ба қонун дар бораи соҳибкориҳо, ки 23-декабри соли 1991 қабул карда шуда буд, дар заминаи талаботи Конститутсия солҳои 1995, 1996, 1997 ва 1999 тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд ва бо ҳамин муносибатҳо нисбати истифодаи шаклҳои гуногуни моликият тадриҷан такмил ёфтанд. Илова ба ин, 14-майи соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ қабул карда шуд ва ба он солҳои 2002, 2003, 2009, 2016 тағйиру иловаҳо ворид гардиданд [2]. Тадбири зикршуда барои ташкилу истифодаи шаклҳои гуногуни моликияту рушди соҳибкориҳо имкониятҳои васеъ фароҳам овард.

Қайд кардан зарур аст, ки ташкил ва рушду инкишофи муносибатҳои иҷтимоии иқтисодӣ дар ҶумҳурииТоҷикистон бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тандурустӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи соҳибкорӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” бо тағйиру иловаҳо ба он дар солҳои 2011, 2012, 2015, 2020, 2021 ба низом даровварда шуданд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар қонунҳои иҷтимоӣ ба таври васеъ дар амал татбиқ гардиданд. Таҷриба нишон дод, ки ташаккули солимии сиёсию ҳуқуқӣ ва маърифати иқтисодию молиявии ҷомеа ҳамчун омили асосии рушди иқтидори давлатӣ

ва ҳалли муаммоҳои ҷамъиятӣ нақши созанда мегузорад.

Бо соҳибистиқлолгардии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор муаммоҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мудофиавию амниятӣ, ки то ин давра вуҷуд надоштанд, ба миён омаданд, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкорӣ бо давлатҳои бо мо дӯсту шарики иқтисодӣ ва инчунин, созмонҳои байналмилалӣ бомуваффақият ҳал намуд.

Давраи аз нигоҳи таърих начандон калони соҳибистиқлолиро аз рӯйи муҳлат ба се давраи хурд, ки бо хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодияшон аз якдигар фарқ менамоянд, ҷудо намудан баёнгари воқеият аст.

**Давраи аввал** аз сентябри соли 1991 то рӯзи ваҳдати миллӣ 1997 мебошад, ки бо кандашавии ҳамгироиҳои иқтисодию иҷтимоӣ мудофиавию бехатарӣ ва аз муқовимати шарвандон, расидан то ба ризояти миллӣ рӯзи ваҳдат аз дигар давраҳо фарқ менамояд.

**Давраи навбатӣ** аз соли 1997 то соли 2000-ро дар бар мегирад, ки бо таьсиси ҳамгироиҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва баромадан аз ҳолати бuҳронии иқтисодиёт, ғалабаи муносибатҳои истеҳсолии ба иқтисоди бозорӣ хос, ва ташкили сохтор ва идораи мамлакатро пурра бо мувофиқат овард.

**Давраи сеюм** солҳои 2000-ум то ба имрӯз ва ояндаро дар бар мегирад, ки бо мувофиқати муносибатҳои истеҳсолӣ ба дараҷа ва характери рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, бо рушди бо суботи иҷтимоии иқтисодияш аз дигар давраҳо фарқ менамояд.

Нишондиҳандаҳои омории рушди иҷтимои иқтисодии солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон музаффарияти он солҳоро инъикос менамояд[7]; [5].

Нишондиҳандаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 –ум то ба имрӯз, бо вуҷуди таъсири бuҳрони иқтисодию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти кишварамон дар солҳои 2009, танҳо рушди босуботро инъикос менамояд. Масалан, ММД аз 1,7 миллиард дар соли 2000-ум то ба 115,7 миллиард сомонӣ, яъне зиёда аз 68,0 маротиба рушд ёфтааст. ММД ба хар сари аҳолӣ бошад, аз 288,4 сомонӣ то ба 11808 сомонӣ расидааст.

**Ҷадвали 1. -Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи солҳои 1991-2022**

| Солҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (ҳазор нафар) | 5505,6 | 5701,4 | 6264,6 | 6742,2 | 7621,2 | 8551,2 | 9716 | 1007,8 |
| Афзоиши табиӣ аҳолӣ, ҳаз. нафар | 179,5 | 158,9 | 137,9 | 149,3 | 206,5 | 190,3 | 200,4 | 200,4 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулбудаҳо дар иқтисодиёт ҳаз. нафар | 1971 | 1853 | 1745 | 2112 | 2283 | 2381 | 2506 | 2545 |
| Шумораи бекорони расмӣ ҳаз.нафар | - | 37 | 43 | 44 | 48 | 51 | 51 | 55 |
| Даромадҳои пулии аҳолӣ млн. сомонӣ | 10,5 | 45,8 | 1004,6 | 3816,0 | 13256,0 | 25569,8 | 65347,0 | 95124,1 |
| Хароҷоти пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ (ҳазор сомонӣ) | 10,0 | 40,4 | 909,9 | 3857,2 | 13948,5 | 34968,0 | 72555,7 | 110606,2 |
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд як корманд бо сомонӣ | 0,37 | 0,92 | 15,57 | 83,58 | 354,44 | 878,9 | 1393,78 | 1760,2 |
| Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа бо сомонӣ | 0,17 | 0,39 | 4,06 | 27,51 | 125,24 | 228,17 | 320,90 | 323,5 |
| ММД (бо нархҳои амалии солҳои мутобик), млн. сомонӣ | 13,4 | 69,8 | 1786,8 | 7206,8 | 24707,1 | 50978,8 | 83958,3 | 115739,4 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ, бо сомонӣ | 2,5 | 12,3 | 288,4 | 1062,8 | 3285,8 | 6031 | 8922,2 | 11808,0 |
| Сармоягузорӣ млн. сомонӣ | 2,2 | 5,6 | 108,6 | 682,5 | 4669,4 | 11775,5 | 9750,0 | 16665,2 |
| Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, млн. сомонӣ | 1,2 | 2,5 | 81,6 | 363,9 | 2119,2 | 7266,8 | 4129,5 | 5803 |
| Хизматрасони пулакӣ ба аҳолӣ | - | 1156,8 | 1818,4 | 4156,5 | 7174,7 | 15040,4 | 9615,8 | 20358,8 |
| Даромади буҷети давлатӣ млн. сомонӣ | 6,1 | 9,8 | 251,7 | 1433,2 | 7024,8 | 16060,9 | 24812,5 | 36056,8 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 5,0 | 9,4 | 261,8 | 1402,7 | 6712,6 | 15674,6 | 24812,5 | 35338,9 |
| Шумораи муассисаҳои табобатӣ | 374 | 434 | 445 | 454 | 423 | 474 | 525 | 535 |
| Шумораи мактабҳои рӯзона, маълумоти дуюм | 3179 | 3416 | 3557 | 3764 | 3741 | 3846 | 3911 | 3967 |
| Хонандагон дар мактабҳо, ҳазор нафар | 1310,2 | 1310,1 | 1504,4 | 1663,5 | 1694,0 | 1784,4 | 2108,9 | 2232,3 |
| Шумораи мактабҳои олӣ | 13 | 24 | 30 | 36 | 33 | 38 | 41 | 46 |
| Миқдори донишҷӯёни онҳо | 69,3 | 74 | 77,7 | 132,4 | 151,7 | 176,5 | 245,9 | 218,1 |
| Ҳамагӣ нафақахурон, ҳазор нафар | 572 | 566 | 559,4 | 520,4 | 569,8 | 617,4 | 729,4 | 763,9 |
| Адади китобхонаҳо | 1747 | 1560 | 1441 | 1414 | 1392 | 1366 | 1363 | 1366 |
| Театрҳо | 15 | 12 | 15 | 15 | 16 | 17 | 26 | 26 |

Даромадҳо ва хароҷотҳои буҷетӣ дар ҳамин солҳо дар мувофиқа бо зиёдшавии ММД 94,6 маротиба рушд ёфтаанд, ки таъминнамояндаи асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳамаи давлатҳо мувофиқ ба ухдадориҳои ичтимой-иқтисодии давлат бауҳдагирифта мебошад.

Дар давраи рушди босубот шумораи муассисаҳои табобатӣ аз 445 то ба 535 адад расидааст. Теъдоди мактабҳои рӯзона аз 3557 то ба 3967 афзуда, яъне ба 447 адад зиёд шудаанд. Шумораи хонандагони мактабҳо аз 1504,4 ҳазор то ба 2232,3 ҳазо афзоиш ёфтааст [9, с. 163].

Чӣ тавре ки аз маълумоти дар ҷадвали боло зикрёфта дида мешавад, шумораи нафақахӯрон низ тадриҷан аз 559,4 ҳазор то ба 763,4 ҳазор нафар боло рафтааст. Ҳамзамон, теъдоди муассисаҳои фарҳангии кишвар низ рӯ ба афзоиш овардааст. Шумораи театрҳо дар давраи баррасишаванда то ба 26 адад расидаст, яъне ки нисбат ба соли муқоисавӣ наздики ду маротиба зиёд шудааст, ки ин ҳама нишондиҳандаи болоравии маърифат ва таҷҷуҳи давлат нисбат ба ҳифзи ичтимоии шаҳрвандон мебошад.

Маълумоти оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар таркиби сабади истеъмолӣ торафт ҳиссаи хизматрасониҳои иттилоотӣ, маърифатию тиббӣ, ки такрористеҳсоли сармояи инсониро таъмин менамоянд, зиёд мешаванд. Ин тамоюли мусбат дар дар давраи ояндаи дарозмуддат низ идома хоҳад ёфт.

Суръати рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар зарфи 7 соли охир 7,5 фоизро ташкил дод, ки ин инъикосгари сенарияи рушди индустриалии тамоюл ба сенарияи индустриалӣ-инноватсионидошта мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 2023) вазифа гузошта шудааст, ки дар соли 2024 рушди ММД мамлакат на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад, ки он заминаи гузариш ба рушди индустриалӣ-инноватсионӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дкшанбе, 1994.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, таҳти рақами 1402 тасдиқ гардидааст.

3. К. Маркс ва Ф. Энгельс. Асархо). , нашри 2, ч. 6, саҳ.6
4. Кейнс Ҷ. М. Общая теория занятости, процента, денег. М.: «Гелиос АРВ», 2002
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 2023.
7. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ, с. 2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
8. Умаров Х.У. Сравнительный анализ доктрин марксизма и кейнсианства (ЭССЕ), Душанбе, 2023г.].
9. Саидмуродов, Л. Х. К вопросу построения многофакторной модели для оценки внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан / Л. Х. Саидмуродов, А. И. Сафаров // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С. 162-171. – EDN ZVPTBK.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Оймаҳмадов Гулмаҳад Нигмамадович** - н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14
**Расулов Ғафур** - н.и.и., мудири озмоишгоҳи маркетинг ва ояндабинии Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Айни 299/3. E-mail: rasulov53@mail.ru

**Сведение об авторах:**
**Оймахмадов Гулмахад Нигмамадович** - к.э.н., доцент кафедры финансов Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: 734067, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14
**Расулов Гафур** - к.э.н., заведующий лабораторией маркетинга и прогнозирования Центра по исследованию инновационных технологий Национальной академии Таджикистана. Адрес: г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Айни 299/3E-mail: rasulov53@mail.ru

**Information about the authors:**
**Oymahmadov Gulmahad Nigmamadovich** - c.e.s. Ph.D., Associate Professor, Department of Finance, State Financial and Economic University of Tajikistan. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14
**Rasulov Gafur** - c.e.s., Head of the Laboratory of Marketing and Forecasting, Center for Research of Innovative Technologies of the National Academy of science Tajikistan. Address: Dushanbe city, Republic of Tajikistan, str. Ayni 299/3. E-mail: rasulov53@mail.ru

---

**УДК: 334.7**

## САМТҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

**Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич**

**Аннотатсия.** Дар мақола самтҳои асосии рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ фаъол намудани фаъолияти инноватсионӣ бо мақсади татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди амалинамои ва инкишоёби ва соҳаи истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада кушода дода шудаанд.
Муаллиф муносибатҳои мухталифи назариявӣ ва методологиро ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда хулосабандӣ намуда, собит карда шудааст, ки рушди инноватсионии соҳибкории хурду миёна гузариш ба сатҳи сифатан нав, ки он бо пурзӯр шудани фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидор дар хоҷагии қишлоқ, азнавташкилдиҳии иқтисодиёт дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, истифода бурдани равандҳои пешрафти технологӣ, азхуд кардан ва истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазири хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад.
**Вожаҳои калидӣ:** соҳибкорӣ, инноватсионӣ, минтақа, технология, иқтисодӣ, хоҷагидорӣ, хоҷагии қишлоқ, истеҳсолӣ, рақобат, рушд, деҳот, хурд, миёна, инвеститсия.
**Барои иқтибос:** Шодиев К.Қ. Самтҳои фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии соҳибкории хурд ва миёна дар хоҷагии қишлоқ / К. Қ. Шодиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 35-41.

# НАПРАВЛЕНИЯ АКТИВИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

**Шодиев Кухзод Курбонбаевич**

**Аннотация.** В статье обозначены основные направления развития малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве, активизация инновационной деятельности с целью комплексного применения инновационных технологий в процессе внедрения и развития, а также раскрываются области практического использования полученных результатов

Автором сделаны выводы о различных теоретико-методологических подходах к исследованию рассматриваемого вопроса и доказано, что инновационное развитие малого и среднего предпринимательства представляет собой переход на качественно новый уровень, что связано с активизацией инновационной активности хозяйствующих субъектов в сельском хозяйстве, рассматривается реорганизация экономики на основе внедрения инновационных технологий, использования процессов технического прогресса, освоения и производства новой конкурентоспособной сельскохозяйственной продукции.

**Ключевые слова:** предпринимательство, инновации, регион, технологии, экономика, сельское хозяйство, производство, конкуренция, развитие, село, малое, среднее, инвестиции.

# DIRECTIONS FOR ACTIVATING INNOVATION ACTIVITIES OF SMALL AND MEDIUM ENTERPRISE IN AGRICULTURE

**Shodiev Kuhzod Kurbonbayevich**

**Annotation.** The author's article outlines the main directions for the development of small and medium-sized businesses in agriculture, the activation of innovation activities with the aim of integrated application of innovative technologies in the process of implementation and development, as well as the areas of practical use of the results obtained.

The author made conclusions about various theoretical and methodological approaches to the study of the issue under consideration and proved that the innovative development of small and medium-sized businesses represents a transition to a qualitatively new level, which is associated with the intensification of innovative activity of business entities in agriculture, the reorganization of the economy based on the introduction of innovative technologies, the use of technological progress processes, the development and production of new competitive agricultural products.

**Key words:** entrepreneurship, innovation, region, technology, economy, economy, agriculture, production, competition, development, rural, small, medium, investment.

**Гузориши масъала.** Яке аз самтҳои асосии рушди соҳибкории хурду миёна дар кишоварзӣ минтақа фаъол намудани фаъолияти инноватсионӣ бо мақсади татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди амалинамои ва инкишоёбӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки рушди инноватсионии соҳибкории хурду миёна гузариш ба сатҳи сифатан нав, ки он бо пурзӯр шудани фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидор дар кишоварзӣ, азнавташкилдиҳии иқтисодиёт дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, истифода бурдани равандҳои пешрафти технологӣ, азхуд кардан ва истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазири соҳаи кишоварзиро муайян мекунад.

Амалия нишон медиҳад, ки тағйироти робитаи илм, техника ва тараққиёти иқтисодиёт яке аз хусусиятҳои муҳимми иқтисодиёти муосир мебошад. Ташаккули соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии он бештар аз дараҷаи мувозинатии он ба самти соҳибкории инноватсионӣ, бахусус фаъол гардонидани фаъолияти инноватсионии соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ вобаста аст.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар мавзуи роҳи инноватсионии рушди хоҷагии қишлоқ, ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа назарияҳои зиёде мавҷуданд. Асоснокунии самтҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионии соҳибкории хурду миёна ҷустуҷӯи асосҳои нави ташкилию иқтисодии фаъолсозии онро тақозо менамояд. Ба ақидаи олимони ватанӣ «Ҷузъи иқтисодии механизми ташкилию иқтисодӣ афзоиши маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва мутамарказкунии захираҳо ба самтҳои афзалиятнок, дастгирии лизинги молиявии соҳибкории

инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи фишангҳои иқтисодӣ (нарх, андоз, молия, қарз ва ғайра) танзими давлатӣ дар комплекси агросаноатиро дарбар мегирад. Он дар доираи сиёсати инноватсионии давлат амалӣ гардида, ба баланд бардоштани фаъолияти инноватсионӣ дар хоҷагии қишлоқ дар самтҳои афзалиятноки рушди ин раванд нигаронида шудааст» [7, с. 96].

**Мақсади мақола** муайян кардани ташаккули хоҷагии қишлоқ, баландбардории қобилияти рақобатпазирии он ба таври назаррас аз самтнокии инноватсионии мувозӣ кардашудаи соҳаи соҳибкорӣ, махсусан аз фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии шаклҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ дар кишоварзӣ, вобаста аст. Дар ин маврид, қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои инноватсионӣ як қатор проблемаҳои ташкилӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ халал мерасонад.

**Муҳтавои асосии асосии мақола.** Ташаккули амсилаи инноватсионии бахши аграрӣ имкон медиҳад, ки самтҳои нави рушди иқтисодӣ, зарурияти ҳамгироии дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии ба даст овардашуда, ба ҳам пайвастани натиҷаҳои кори олимон ва таҷрибадорон баррасӣ карда шаванд [9, с. 169]. Истифодаи омили инноватсионӣ якҷоя бо ислоҳнамоии сиёсати аграрии давлат дар соҳаи инноватсия имкон медиҳад рушди нақшавии потенсиали ақлонӣ, истеҳсолоти аграрӣ, маҳсулоти рақобатпазир таъмин карда шавад, ки ба вазифаҳо ва мақсадҳои оянда хоҷагии қишлоқ ҷавобгӯ хоҳад буд.

Чи тавре, ки Масъуд Н.М. ва Мадаминов А.А., қайд намудаанд, «Корхонаи хурд, ки дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ба яке аз симои асосии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст, дар илми иқтисод ҳамчун навоваре маънидод карда мешавад, ки бо тартиби барои расидан ба мақсадҳо, омилҳои истеҳсолоти дар ихтиёраш бударо (сармоя ва меҳнат) самаранок истифода мебарад. Дар ин асос дар коркарди истеҳсоли маҳсулот бо истифода аз технологияи муосир барои баланд бардоштани сифати маҳсулот таъсир расонида тарзи коркарди истеҳсоли маҳсулот ислоҳ карда мешавад [3, с. 57]. Илова бар ин, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо дар заминаи гузариш ба технологияҳои нави инноватсионӣ афзоиши истеҳсолот зиёд гардида ва дар ин асос рушди иқтисодии кишвар устувор мегардад. Тавре, ки Ашуров М.Н. дуруст қайд мекунад, «Рушди инноватсионии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон бояд як идеяи асосӣ, ва вазифаи дурнамои дарозмуддати рушди соҳаи саноат дар кишвар гардад» [2, с. 130-137].

Бояд гуфт, ки пурзуркунии соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи технология ва усулҳои муосири идоракунӣ метавонад ба таври қобили мулоҳиза самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, таъсиси объектҳои нави андозбандӣ дар минтақаҳои кишвар ва ба ин васила сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳотро баланд мебрадорад. Тавре Мӯсоева З.А. қайд мекунад: «Тараққиёти минбаъдаи кишоварзӣ тавассути пурзур намудани он, аз нав муҷаҳҳазгардонии техникӣ, азнавсозии, азнавташкилдиҳӣ ва умуман гузаштан ба заминаи муосири саноатӣ танҳо дар сурати ташаккули босуръат ва фаъолияти фаъоли соҳаи муосири соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёт имконпазир аст [4, с. 265].

Вазъияти кунунии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инноватсионӣ бо гуногунии навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва фарқияти технологияи истеҳсолии он муайян карда мешавад. Ислоҳоти гузаронидашуда имкон дод, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна дар кишоварзӣ шароити аввалиндараҷа фароҳам оварда шавад. Мо мувофиқ ба он ҳастем, ки соҳибкории хурду миёна «Ба рушди муносибатҳои рақобатпазири истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт саҳм мегузоранд, ба бозорҳои истеъмолӣ маҳсулоте, ки аз ҷиҳати хосиятҳояшон гуногунанд, барои ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ иқтидор доранд, ва фаъолона ҷори намудани технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ» саҳм мегузоранд [1, с. 182,189].

Рушди инноватсионии соҳибкории хурду миёна ҳамчун гузариш ба зинаи сифатан наве фаҳмида мешавад, ки бо ҷоннокшавии фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидор дар кишоварзӣ бо мақсади азнавташкилкунии иқтисодиёт дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, истифодабарии равандҳои пешқадаму дорои технологияҳои пешрафтаи таҳиякунӣ ва тавлиди маҳсулоти нави рақобатпазири кишоварзӣ ҳамроҳ сурат мегирад.

Ташаккули соҳаи кишоварзӣ, баландбардории қобилияти рақобатпазирии он ба таври назаррас аз самтнокии инноватсионии мувозӣ кардашудаи соҳаи соҳибкорӣ, махсусан аз фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии шаклҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ дар кишоварзӣ, вобаста аст. Таҳлили вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки равандҳои инноватсиониро як қатор қазияҳои ташкилӣ, молиявӣ ва ниҳодӣ боз медоранд. Мавҷуд набудани тадбирҳои саривақтӣ ва самаранок оид ба аз нав сохторбандӣ кардани иқтидорӣ илмию технологӣ, сермаҳсулгардонии фаъолияти инноватсионӣ имкон надод, ки рушди иқтисодии сохторҳои соҳибкорӣ дар кишоварзӣ пурра ба танзим доваварда шавад.

Такрористеҳсоли инноватсияро дар кишоварзӣ хоҷагиҳои тухмипарварӣ, заводҳои зотпарварӣ, корхонаҳои мошинсозӣ, фабрикаҳои биологӣ ҷорӣ менамоянд. Ин зимни шарти азнавсозии пайдарҳами идоракунии равандҳои иқтисодӣ ва тағйири самт

кардани онҳо ба истифодаи захираҳои инноватсионию ақлонӣ имконпазир мебошад. (Расми 1).




**Расми 1. - Принсипҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ***
Таҳияи муаллиф

Дар минтақаҳои Тоҷикистон, ҷоринамоии технологияҳои инноватсионӣ ва фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо норасогиҳои воситаҳои молиявӣ пайвастаанд. Бояд қайд намуд, ки соҳибкории инноватсионӣ дар кишоварзӣ унсури низоми умумии ташкилӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки вай, зимни шарти ба таври бояду шояд сохтан ва истифода бурдан, ба фаъолгардонии раванди инноватсионӣ мусоидат менамояд.

Ба ақидаи мо, рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ бидуни дарназардошти хусусиятҳои зерини бахши аграрӣ имконнопазир мебошад:

- ҳассосӣ (қобилияти сохтани дурнамои қазияҳо ва воситаҳои бартарафнамоии онҳо, тасмимгирии стратегӣ, ба шароитҳои иқлимӣ мутобиқшавӣ);

- таҷрибагузаронӣ (дараҷаи объективии арзёбии ақидаҳои нав), алоқа (қобилияти паҳннамоии иттилооти дахлдор);

- таваккалҳо (қобилияти сармоягузорӣ кардан ба равандҳои инноватсионӣ, ҳатто дар шароити номуайянӣ, бо мақсади беҳтаргардонии фаъолияти худ).

Таҳқиқотҳо собит кардаанд, ки дар солҳои охир дар як қатор ноҳияҳои Тоҷикистон ба ҷорӣ кардани технологияи инноватсионӣ дар парвариши зироатҳои алоҳидаи сабзавот шурӯъ кардаанд. Нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолии технологияи инноватсионӣ дар натиҷаи истифодаи доираи васеъи кишти помидор, бо риояи саривақтии талаботҳои технологияро нишон медиҳад.

Нишондиҳандаҳои қиёсии ин технологияҳо дар мисоли маводҳои хоҷагии деҳқонии «Кишоварзони Навгилем» (соҳибкории хурд) - и ноҳияи Исфара ва кооперативи хоҷагии деҳқонии «Сарҳад» (соҳибкории миёна) - и ноҳияи) Мастчоҳи вилояти Суғд оид ба парвариши зироати помидор дар соли 2022 чунин мебошад (нигар ба ҷадвали 1). [8, с. 129-137].

**Ҷадвали 1.-Самаранокии технологияҳои инноватсионӣ дар хоҷагии деҳқонии «Кишоварзони Навгилем»–и ноҳияи Исфара ва кооперативи хоҷагии деҳқонии «Сарҳад» –и ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд оид ба парвариши зироати помидор дар соли 2023**

| Нишондиҳанда | «Кишоварзони Навгилем» (соҳибкории хурд) | | | «Сарҳад» (соҳибкории миёна) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Технологияи анъанавӣ | Технологияи инноватсионӣ | Технологияи инноватсионӣ бо % нисбат ба технологияи анъанавӣ | Технологияи анъанавӣ | Технологияи инноватсионӣ | Технологияи инноватсионӣ бо % нисбат ба технологияи анъанавӣ |
| Майдон, га | 25,4 | 13 | 51,2 | 38,5 | 21,1 | 55,0 |
| Ҳосилнокӣ, сент. га | 348,3 | 612,7 | 175,9 | 410,5 | 790,0 | 192,4 |
| Ҷамъоварии умумӣ, тонна | 884,74 | 796,53 | 90,0 | 106,62 | 166,69 | 156,3 |
| Хароҷот ба 1 сент. маҳсулот, сомонӣ | 149,8 | 114,72 | 76,6 | 145,5 | 110,4 | 75,8 |
| Ҷамъи хароҷот, ҳаз. сомонӣ | 132,53 | 91,38 | 68,9 | 155,13 | 184,03 | 118,62 |
| Сарфи меҳнат ба 1 сент. маҳсулот, одам - соат | 5,6 | 3,3 | 58,9 | 5,1 | 2,9 | 56,8 |
| Нархи миёнаи фурӯши 1 сент. маҳсулот, сомонӣ | 240 | 240 | 100,0 | 240 | 240 | 100,0 |
| Фоида аз 1 сент. маҳсулот ё аз 1 га, сомонӣ | 90,2 | 125,28 | 138,89 | 94,5 | 129,6 | 137,14 |
| Фоида аз 1 га маҳсулот, сомонӣ | 31416,7 | 76759,6 | 2,44м | 38792,25 | 102384,0 | 2,63м |
| Дараҷаи даромаднокӣ, % | 60,2 | 109,2 | 181,3 | 65,0 | 117,39 | 180,6 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар заминаи маводҳо ва ҳисоботҳои хоҷагии деҳқонии «Кишоварзони Навгилем»–и ноҳияи Исфара ва кооперативи хоҷагии деҳқонии «Сарҳад»–и ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд.

Аз рақамҳои дар ҷадвали 1 овардашуда бар меояд, ки соҳибкории миёна нисбат ба соҳибкории хурд дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд самараноктар мебошад, дар аввалӣ нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсоли помидор нисбат ба дуюм бештар фарқкунанда мебошад. Ба ғайр аз ин, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар парвариши зироати помидор нисбат ба технологияҳои анъанавӣ самараи калони иқтисодиро дар намуди сарфанамоии сарфи меҳнат ва воситаҳои пулию моддӣ, инчунин баландбардории даромаднокии истеҳсолот меорад.

Чунончӣ, дар натиҷаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ назар ба истифодаи технологияҳои анъанавӣ сарфи меҳнат ба 1 сентнер маҳсулот дар соҳибкории хурд 41,1% ва дар соҳибкории миёна 43,2%, арзиши аслии маҳсулот, мутобиқан 23,4 ва 24,2% коҳиш ёфтааст, даромаднокии истеҳсолот бошад – дар аввал он 109,2 ва дар дуюм - 117,39 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба технологияи анъанавӣ боло рафтааст.

Бояд эътироф кард, ки фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ асосан бо марҳилаи рушди раванди инноватсионӣ алоқаманд аст. Ин барои муайян кардани манбаъҳои маблағгузории инкишофи инноватсионӣ ва ташаккули механизми дахлдори ташкилии ҷорӣ намудани инноватсиониро аз тарафи истеҳсолкунандаи мол дарбар мегирад. Дар инкишоф додани истеҳсолот, ё табдил додани навоварӣ бо ташаббуси субъектони фаъолияти соҳибкорӣ то ки ба манфиатҳои тиҷоратӣ ноил гарданд, ба амал баровarда мешавад.

Бо назардошти мушкилоти рушди фаъолияти инноватсионӣ Наимов Д.М. шартҳои зеринро, ки рушди фаъолияти инноватсионии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ бозмедоранд, қайд мекунад:

- низоми самараноки ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти инноватсионӣ вуҷуд надорад;

- бозори маҳсулоти илмию техникӣ дида намешавад;

- хизматрасонии бонкҳои тиҷоратӣ, сохторҳои иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва маркетингӣ, ки ба рушди инноватсионии соҳаи саноат мусоидат мекунанд, суст инкишоф ёфтааст.

- низоми андозбанди комил нест[6, с. 74].

Ба ақидаи Мирзоева Е.Ш., баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсиониро бо роҳҳои зерин ба даст овардан мумкин аст.

Якум, тавассути таъсиси институтҳои рушди инноватсионӣ, ки ташаккули афзалиятҳои миллии рушди инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ, баҳодиҳии дурусти захираҳои илмию технологии зарурирo барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда таъмин мекунанд;

Дуюм, таҳкими иқтидори илмию техникии кишвар тавассути баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии корхонаю ташкилотҳо;

Сеюм, ташаккули асосҳои институтсионалии ташаккули бозори миллии инноватсионӣ [5, С. 92-99].

Бо назардошти воқеияти муосир ба андешаи мо нақш ва аҳамияти фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст:

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии инноватсионии соҳаи кишоварзӣ, ки манфиатҳои давлат, истеҳсолкунанда ва сармоягузорро ба инобат мегирад, инчунин механизми дастгирии давлатии рушди инноватсионии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ бо назардошти талаботи СУС;

- ташаккули низоми самарабахши маблағгузории асосӣ ва саривақт баргардонидани маблағҳои буҷетӣ бо мақсади ба амалия наздик кардани натиҷаи онҳо, пурзӯр намудани масъулияти мақомотҳои дахлдори давлати тавассути назорат аз болои хароҷоти маблағҳои буҷетӣ;

- дар вақти омузиши талабот онро бо инноватсия, омузиши маркетингро бошад бо унсури таркибии ташаккули фармоишҳо барои коркарди таҳкикоти илмӣ таъмин намояд. Ҳангоми интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ санҷиши амиқ ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои фаъолият ва хатарҳоро бояд гузаронид;

- таъсис додани системаи муосири иттилоотӣ - машваратӣ ва инфрасохтории фаъолияти инноватсионӣ, ки бояд ташкилотҳои махсусгардонидашуда дар шакли фондҳои инвеститсионӣ ва инноватсионии соҳавии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, итифоқҳои технологӣ-илмӣ ва дигар сохторҳо (комплексии-инкубаторҳо, клиринг, муҳандисӣ, марказҳои франчайзинг, паркҳои технологӣ ва ғайра)-ро дарбар гиранд, инчунин ташкилотҳое, ки дар асоси инноватсия хизматрасониҳои машваратӣ ва муҳандисӣ равона гардидаанд ба рушди корхонаҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд;

- таъсиси механизми самарабахши рушд ба амалигардонии навоварӣ дар истеҳсолот равона гардад;

- ташкили низоми дастгирии давлатии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд (бо таъмини андозбандии имтиёзнок, грантҳо, субвенсияҳо), ташкилотҳои молиявию қарзӣ барои додани қарзҳо ба корхонаҳои фаъолияти инноватсионӣ равона намоянд;

- ҷорӣ намудани механизми лизингии техника ва технологияҳои инноватсионӣ;

- фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва истеҳсолиро дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои кишоварзӣ пурзур намоянд, манфиатҳои муассисаҳои илмӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва давлатро ба ҳам мувофиқ кунанд;

- ҳавасманд намудани корхонаҳои кишоварзӣ дар маблағгузории илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳамроҳшавӣ ба кластерҳо, ки шакли муосири иттиҳодияи корхонаҳо, ташкилотҳо, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ дар асоси фаъолияти муштарак дар ҳудуди муайян оид ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири кишоварзӣ;

- барои таъмин ва ҷалб кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи кишоварзӣ дастгирии давлатӣ лозим аст;

- фаъолгардонии инфрасохтори ичтимоӣ дар деҳот зарур аст;

- дастгирии афзалиятноки рушди илм ва маориф дар соҳаи кишоварзӣ таъмин намояд;

- таъмини ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва баланд бардоштани сифати қувваи корӣ;

- барои афзоиши талаботи бозор ба инноватсия дар истеҳсолоти кишоварзи шароит фароҳам оварад;

- мусоидат ба рушди муҳити рақобат, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсия;

- таъмини вазъи муътадили иқтисодии кишвар ҷиҳати ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ.

Ҳамин тавр, қайд кардан лозим аст, ки стратегияи рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ асоси банақшагирии стратегӣ мебошад, ки маҷмӯи чорабиниҳо бо барориши маҳсулоти намуди нав, ҷоринамоӣ ва истифодаи технологияҳои нав, инкишофи фурӯш, ташкили истеҳсоли алоқамандро ба шакл медарорад. Стратегияи рушди инноватсионии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳамчун низоми амалҳои нақшавӣ ва дурнамоӣ, ки ба истифодаи давраи пурраи инноватсионию технологӣ барои ноилгардӣ ба мақсадҳои муайян равона карда шудаанд, баррасӣ намоянд. Ҳар кадом стратегияи интихоб кардашуда

бояд ба шароитҳои тағйирёбанда мутобиқ гардонида шаванд.

Стратегияи нави инноватсиониро бо роҳи такрористеҳсоли сиёсати кўҳнаи рушди пешрафти илмию техникӣ наметавон ҷорӣ намуд. Вазифаи асосӣ коркард ва татбиқи (тавассути барномаҳо, лоиҳаҳо, стратегияҳо) механизмҳои нави ангезонандаи раванди инноватсионӣ, таъмини тиҷоратикунонӣ ва дархости бозорӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки лоиҳаи инноватсионӣ ҳамчун нақшаи амал, тағйирёбии таркибдиҳандагони техникӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фурўши маҳсулоти инноватсионӣ баррасӣ карда шавад.

**Рўйхати адабиёт**

1. Азимов П.Х., Мирзобеков Х.Д. Малое и среднее предпринимательство в Республике Таджикистан: особенности, тенденции и проблемы // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. 2016. №3 (245). –С. 182-189.

2. Ашуров, М.Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – С. 130-137.

3. Масуд Н.М., Мадаминов А.А. Основы формирования малых предприятий в сельском хозяйстве//Кишоварз. 2012. № 1. С. 57.

4. Мусаева З.А. Проблемы и перспективы развития малого предпринимательства в АПК депрессивного региона // Никсоновские чтения. 2006. №11. –С. 265.

5. Мирзоева Е.Ш., Бобошерова Ф.Г. Особенности государственного финансирования в инновационное развитие системы образования / Е.Ш. Мирзоева., Ф.Г. Бобошерова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 3 (37). – С. 92-99.

6. Наимов Д.М. Инновационные процессы в аграрном секторе Республики Таджикистан: сущность и проблема развития//Аллея науки. 2019. Т. 2. № 1 (28). С. 74.

7. Шарофов У., Иззатов А., Шарофов П. Сельскому хозяйству инновационный путь развития// Кишоварз. 2015. № 3. С. 96.

8. Шодиев К. Қ. Мукаммалгардонии моҳияти соҳибкории хурду миёна дар хоҳагии қишлоқ / К. Қ. Шодиев, О. Д. Шерқулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – С. 129-137.

9. Саидмуродов, Л. Х. К вопросу построения многофакторной модели для оценки внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан / Л. Х. Саидмуродов, А. И. Сафаров // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С. 162-171. – EDN ZVPTBK.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Шодиев Кўҳзод Қурбонбоевич** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru.

**Сведения об автор:**

**Шодиев Кухзод Курбонбаевич** – кандидат экономический наук., доцент, заведующий кафедрой экономического анализа и статистики, Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru

**Information about the author:**

**Shodiev Kuhzod Kurbonbayevich** - Candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of economic analysis and statistics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14 E-mail: kuhzod-8686@mail.ru

**УДК: 331.57 (575.3)**

## НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР ҶАЛБИ ЗАНОН БА ФАЗОИ ИҚТИСОДИИ ҶОМЕА

**Ҳакимов Матлабшоҳ Абдумаликович**
**Буриева Мастура Чориевна**

**Аннотатсия.** Рушди занон яке аз мушкилоти иҷтимоӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, пайваста дар маркази таваҷҷўҳи ҳукумати кишвар қарор дорад.

Дар мақолаи мазкур мушкилоти ба фазои иқтисодӣ ҷалб намудани занон ҳамчун қишри осебпазири ҷомеа тавассути ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ баррасӣ гардидааст.
Дар шароити муосир, ҷалби васеи занон ба фазои иқтисодӣ барои кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо мушкилии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ташаккули соҳибкории занон ва шуғлнокии онҳо мусбӣ арзёбӣ гардида, чунин ташкилотҳо метавонанд ҷиҳати рушди занон дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла фаъолияти омӯзишӣ - машваратӣ, ҷалби грантҳои байналмилалӣ, малакаи пешбурди соҳибкорӣ, истифодаи замин ва ғайра мусоидат намоянд. Дар ин замина фаъолияти самараноки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар шароити кунунӣ метавонад ҷиҳати паст кардани шиддати мушкилоти иҷтимоӣ кумак намояд.
**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, соҳибкории занон, соҳибкории иҷтимоӣ, табақаи осебпазири аҳолӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, рушди иқтисодӣ, камбизоатӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, бозори меҳнат.
**Барои иқтибос:** Ҳакимов М.А. Нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҷалби занон ба фазои иқтисодии ҷомеа / М. А. Ҳакимов, М. Ч. Буриева // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 41-48.

## РОЛЬ НЕКОММЕРЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ПРИВЛЕЧЕНИИ ЖЕНЩИН В ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПРОСТРАНСТВО ОБЩЕСТВА

**Хакимов Матлабшох Абдумаликович**
**Буриева Мастура Чориевна**

**Аннотация.** Развитие женщин считается одной из социальных проблем и приоритетов государственной политики и постоянно находится в центре внимания правительства страны. В данной статье рассматривается проблема привлечение женщин в экономическое пространство как уязвимой части общества, через некоммерческие организации.
В современных условиях широкое вовлечение женщин в экономическое пространство считается социальной проблемой для стран мира, в том числе и для нашей страны. Поэтому роль некоммерческих организаций в формировании женского предпринимательства и занятости оценивается положительно, и может способствовать развитию женщин в различных формах, включая учебно - консультационную деятельность, привлечение международных грантов, навыки ведения бизнеса, землепользование и т. д. В этом контексте эффективная деятельность негосударственных организаций в нынешних условиях может помочь снизить серьезность социальных проблем.
**Ключевые слова:** предпринимательство, женское предпринимательство, социальное предпринимательство, уязвимый слой населения, некоммерческие организации, экономическое развитие, бедность, социальные проблемы, рынок труда.

## THE ROLE OF NON-COMMERCIAL ORGANIZATIONS IN INVOLVING WOMEN IN THE ECONOMIC SPACE OF SOCIETY

**Hakimov Matlabshoh Abdumalikovich**
**Burieva Mastura Chorievna**

**Annotation.** Women's development is considered one of the social problems and priorities of government policy and is constantly in the focus of attention of the country's government. This article examines the problem of attracting women to the economic space as a vulnerable part of society through non-profit organizations.
In modern conditions, the widespread involvement of women in the economic space is considered a social problem for countries around the world, including our country. Therefore, the role of non-profit organizations in the formation of women’s entrepreneurship and employment is assessed positively, and can contribute to the development of women in various forms, including training and consulting activities, attracting international grants, business skills, land use, etc. In this context, the effective activities of non-governmental organizations in current conditions can help reduce the severity of social problems.
**Key words:** entrepreneurship, women's entrepreneurship, social entrepreneurship, vulnerable segment of the population, non-profit organizations, economic development, poverty, social problems, labor market.

**Гузориши масъала.** Дар шароити муосири иқтисодӣ, соҳибкории хурд муҳаррики рушди иқтисодии давлатҳо ҳисоб меёбад. Новобаста аз дараҷаи тараққиёти давлатҳо таъмини ҷойи корӣ, хусусан барои ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, ки занон ба ин гурӯҳ шомил мешаванд, масъали мубрам ҳисоб меёбад. Зиёда аз 50,8% - и аҳолии Тоҷикистонро занон ташкил медиҳанд ва таъмини шуғлнокии онҳо тавассути ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ масъалаи муҳим мебошад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашриҳо.** Масоили соҳибкории занон ва шуғлнокии онҳо дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ Исломов С.И., Субҳонов А.И, Г.М.Маҳкамова ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мақсади мақола.** Нишон додани мушкилоти ҷойдошта дар самти шуғлнокии занон ва ҳалли онҳо тавассути ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Таъсиси ҷойҳои корӣ шарти зарурии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ҳисоб меёбад. Дар ин асос, кишварҳои ҷаҳон новобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ба ин масъала, хусусан масоили шуғлнокии ашхоси аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир дучор гардида, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки имрӯзҳо ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ баромад мекунанд, метавонанд ҷиҳати рафъи чунин мушкилот мусоидат намоянд.

Солҳои охир дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз баланд шудани дараҷаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ, паст шудани дараҷаи бекорӣ, афзоиши даромади ҳақиқӣ, шумораи аҳолии дар ҳолати камбизоатӣ қарордошта ҳанӯз ҳам мушкилии иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои давлат боқӣ мемонад.

Вазъи зикршуда ба афзоиши табиии аҳолӣ вобаста буда, афзоиши аҳолӣ ва қувваи корӣ, инчунин суст инкишоф ёфтан ва набудани ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба кор ва шуғлнокӣ масъалаи мубрам ҳисоб меёбад.

Пас аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон нақш ва мақоми занон дар бозори меҳнат куллан дигар шуда, ба ин раванд гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо бӯҳрони ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд мебошанд, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он таъсири калон расонид.

Бинобар сабабҳои ноороминҳои дохилии ҷумҳурӣ аз соли 1991 то соли 1998 камшавии вазни хоси занони коргар ба назар расид. Дар соҳаи саноат шумораи занон аз 22,4% то 17,7 %, дар хоҷагии манзилию коммуналӣ ва навъҳои ғайриистеҳсолӣ, хизмати маишӣ аз 3,2% то 2,1%, дар соҳаи илм ва ҳизматрасонии илмӣ аз 0,9% то 0,1% коҳиш ёфт [2].

Дар Тоҷикистони муосир, мушкилоти демографӣ ва иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, аз сатҳи ҷудошавии оилаҳо ва дар ин замина афзоиши шумораи занони танҳо вобаста буда, зарурати пайдо намудани манбаи мустақили даромади занонро, ки бештар дар шакли соҳибкорӣ инъикос меёбад, бештар мекунад.

Вобаста ба ин вазъ, зарурати шадиди баромадани занон ба бозори меҳнат ба вуҷуд омада, заминаҳои ибтидоии ташаккули соҳибкории занон хусусан соҳибкории хонаводагӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Дар ин замина ҷиҳати ба эътидол овардани бозори меҳнат зарурати татбиқи чораҳои давлатӣ ҷиҳати беҳтарнамоии баробарии гендерӣ дар мамлакат ба миён омад, ки дар ин самт нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Яке аз дастовардҳои асосии Тоҷикистон дар самти баробарии гендерӣ, татбиқи Декларатсияи Пекин ва Чаҳорчӯбаи амалиёт (1995) ин таҳияи сиёсат ва қабули қонунҳои соҳавӣ дар ҷодаи баробари гендерӣ ва баланд бардоштани мақом ва ҳуқуқи зан дар ҷомеа мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши вазъи бозори меҳнат, аз ҷумла масъалаи шуғл ва мушкилоти бекорӣ пайваста таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Вобаста ба ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар байни масъалаҳои афзалиятдор, тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасӣ, амнияти озуқаворӣ, беҳтар намудани обтаъминкунӣ, санитарӣ ва сохтори озуқа, паст намудани нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ дар ҳамаи шаклҳои онҳо, инчунин устувории экологӣ қайд шудаанд.

Таҷрибаи хориҷии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ собит менамояд, ки барномаҳои дастгирӣ дар самти соҳибкорӣ, ҳамчун механизми ба бозори меҳнат баромадани занон, гирифтани маълумот ва пайдо кардани малака оид ба соҳибкорӣ баромад менамоянд. Дар ин раванд нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти омӯзишӣ-маълумотдиҳӣ, омӯзонидани малакаи соҳибкорӣ, таъмин намудани маълумот оид ба вазъи бозори меҳнат ва ғайра зоҳир мегардад, ки дар шароити имрӯза мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Тадқиқотчиёни хориҷӣ Л.Ҷонатан ва М.Ҳарт қайд мекунанд, ки занон аксар вақт кормандони иҷтимоӣ шуда фаъолият менамоянд, зеро музди маоши паст имкони қонеъ кардани талаботи мардонро надорад [9]. Ин вазъият занонро ҳамчун як қишри осебпазири ҷомеа будан нишон медиҳад ва зарурати такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар самти дастгирии фаъолияти занон, ҳамчун қишри осебпазири ҷомеа, талаб менамояд.

Вобаста аз таҷрибаи байналмилалӣ, шуғли расмии занон бештар дар соҳаҳои иҷтимоӣ, таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти иловагӣ, фарҳанг ва тандурустӣ, хадамоти иттилоотию машваратӣ дар соҳаи ҳуқуқ, баҳисобгирии муҳосибӣ, равоншиносӣ, мӯд ва дигар хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ба назар мерасад. Дар баъзе давлатҳои ҷаҳон ҳиссаи корхонаҳое, ки ба онҳо занон роҳбарӣ менамоянд, 50 – 60% - ро ташкил медиҳанд. Дар Олмон ва ИМА 50 – 52%, дар Италия – 60%, дар Ҷопон – 55% - и ҳаҷми ММД аз ҳисоби ширкатҳое, ки занон роҳбарӣ менамоянд, таъмин карда мешавад [5].

Ҷиҳати ҷалби васеи занон ба бахши соҳибкорӣ дар сатҳи давлатӣ тадбирҳои лозимӣ андешида шуда, нақш ва мақоми зан дар рушди ҷомеа, хусусан дар соҳаи соҳибкории хурд аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода мешавад. Ҳамин тариқ ҳамасола зимни вохурӣ ва мулоқоташ бо соҳибкорони кишвар як қатор масоили

марбут ба рафъи монеаҳо дар рушди соҳибкорӣ ва дастгирии давлатии онҳо матраҳ мегардад.

Ҳамрадиф бо ин, ҷиҳати фаъолгардонии занон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста чораандешӣ шуда, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №269 тасдиқ карда шудааст.

Стратегияи мазкур бо мақсади беҳтар намудани вазъи занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат, фаъолгардонии шуғли занон ва нақши онҳо дар бозори меҳнат, дастгирии рушди соҳибкории занон, баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти занон, ташаккули дарки зарурати таъмини баробарии ҳуқуқу имкониятҳо дар тафаккури ҷамъиятӣ, пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва таҳкими оила таҳия гардидааст.

Дар ин замина нақши занон дар ҳаёти гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон назаррас буда, қариб дар тамоми сохторҳои идораи давлатӣ фаъолият намуда, марҳила ба марҳила баробарии гендерӣ тақвият бахшида мешавад. Далели ин гуфтаҳо дар ҷадвали 1, ки тибқи таҳлилҳои охирони Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардидаанд, нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1. Мавқеи занон дар ҳаёти сиёсии кишвар.**

| Мавқеи занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Фаъолнокии занон (бо %) | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Ҳиссаи ҷойҳое, ки занон дар Парлумон ишғол намудаанд, (ҳамагӣ, фоиз) | 20,6 | 20,6 | 20,6 | 20,6 | 23,8 |
| Тақсими кормандон дар мақомоти идоракунии давлатӣ машғул (ҳамагӣ, фоиз) | 33,9 | 32,0 | 33,0 | 31,3 | 31,6 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллаи «Занҳо ва мардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» с.2020.

Вобаста ба ҷадвали овардашуда қайд кардан мумкин аст, ки фарогирии занон дар Тоҷикистон ба ҳаёти сиёсӣ тамоюли афзоиш дорад. Вобаста ба ин Пешвои миллат дар Паёмҳои хеш оид ба мақоми зан дар ҷомеа ва шуғлнокии онҳо иброз намуда, дар паёми навбатии хеш қайд намуданд, ки «…Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд.

Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд [11, с. 65].

Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд.

Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад.

Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст.

Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол гардидани занону бонувон дар иқтисодиёти кишвар мебошанд» [4].

Аз гуфтаҳои Пешвои миллат бараъло мушоҳида намудан мумкин аст, ки яке аз роҳҳои мукаммалгардонии низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти дастгирии занон ин ташкили фазои мусоид нисбати соҳибкории занону бонувон дар Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати густариш ёфтани соҳибкории занон ва ба фаъолияти меҳнатӣ бештар ҷалб намудани онҳо чораҳои зарӯрӣ дар сатҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешида мешавад.

Дар Ҷуҳурии Тоҷикистон соҳибкории занон дар асоси қонунҳои соҳавӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан фармон «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа» стратегияву барномаҳои давлатӣ, инчунин роҳнамоӣ ва тавсияҳои ташкилоти ғайритиҷоратии Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон роҳандозӣ ва пеш бурда мешавад. Ташкилоти мазкур соли 1995 таъсис ёфта, тавассути 23 филиали мавҷудаи худ, ки дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ ҷойгиранд, тренингҳо доир ба омӯзиши малакаи соҳибкорӣ, курсҳои касбомӯзӣ ва дигар намудҳои барномаҳои омӯзиширо ҷиҳати ба занон омӯзонидани малакаи соҳибкорӣ мегузаронад.

Бояд қайд намуд, ки 30% - и ММД ва ҳудуди 35%- и шуғлнокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби бахши хусусӣ таъмин карда мешавад[3].

То 1 январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 338762 андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст, ки аксарияти онҳоро соҳибкорони инфиродӣ

(41,5%), хоҷагиҳои деҳқонӣ (49,2%) ва танҳо 9,5% корхонаҳо мебошанд ташкил медиҳанд.

Занон бошанд, танҳо як қисмати ками тиҷорати сабти номшударо ташкил медиҳанд. Танҳо 23,3% - и корхонаҳои ба қайд гирифташударо занон сарварӣ мекунанд [1]. Гузашта аз ин, аксарияти занон (46,5%) дар асоси патент фаъолият менамоянд [10, с. 165]. Бо дар назардошти урфу одат ва суннатҳои миллӣ дар кишвари мо занон нисбат ба дигар кишварҳои ҷаҳон камтар ба фаъолияти меҳнатӣ, хусусан тиҷорат машғул мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки занон ба қишри осебпазири ҷомеаи мо дохил мегарданд ва ба дастгирии давлатӣ ниёз пайдо мекунанд. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки барои ҳалли ин масъала бештар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҷалб карда мешаванд.

Мувофиқи маълумотҳо ҳамагӣ 11,2% - и шахсони ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда аз ҷониби занон роҳбарӣ карда мешаванд [7]. Бинобар ин, дар ин самт накши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти омӯзишии занон, соҳибкасб намудани онҳо дар самтҳои истифодаи замин, дузандагӣ, малакаи идоракунии соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла худмашғулӣ ба воситаи фаъолияти соҳибкории иҷтимоии худ, бояд бештар зоҳир гардад.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки дар шароити кунунии кишварҳои ҷаҳон, ки дар ҳолати ноустувори иқтисодию иҷтимоӣ қарор доранд, «бекории пинҳонӣ» вуҷуд дорад, ки он дар омори расмӣ инъикос наёфтааст, ки ин пеш аз ҳама ба бекории занон ва қишри осебпазири ҷомеа тааллуқ дорад.

Вобаста аз вазъи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақсимтоти демографӣ, қисми зиёди аҳолӣ деҳотнишин буда, пайдо кардани кор дар ин манотиқ на танҳо барои занон балки барои мардон низ душвор мебошад. Зимни ин занони хонашин, ки пешбурди фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагиро бар ӯҳда доранд, метавонанд фаъолияти хешро бо кори муздноки ҷамъиятӣ якҷо намоянд ва ё дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна иштирок намоянд.

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимоти занону мардон аз рӯи намудҳои шуғл тафовути назаррас дорад. Дар баъзе касбҳо занон (аксаран бо маоши паст) ва дар дигар касбҳо мардон бартарӣ доранд.

**Ҷадвали 2. Таҳлили тақсимоти шуғли занон аз рӯи соҳаҳо ва касбҳо.**

| Соҳаи фаъолият | Фаъолнокии занон (бо фоиз %) | Шумораи умумии афроди машғул дар соҳа (ҳаз.нафар) |
|---|---|---|
| Иқтисодиёт | 46,4% | 262,9 |
| Кишоварзӣ | 17% | 283,6 |
| Маориф | 59,2% | 146,4 |
| Тандурустӣ | 67,2% | 78,5 |
| Хизматрасонӣ | 37% | 278,6 |
| Соҳаи истеҳсолӣ | 10% | 1,3 |
| Саноати коркард | 17% | 14,8 |
| Сохтмон | 4% | 4 |
| Шумораи умумии занони коргар дар соли 2021 | 567,2 ҳазор | |

**Сарчашма**: коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои Центрально-азиатская программа ЕБРР «Женщины в бизнесе». Базовая оценка развития женского предпринимательства в Республике Таджикистан. Апрель 2022г. С.30.

Дар асоси маълумотҳои дарҷшуда қайд кардан мумкин аст, ки шумораи бештари занон дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва иқтисодиёт фаъол мебошанд.

Қисми зиёди занон 73,8% аз шумораи умумии занон дар деҳот зиндагӣ намуда, 77,5% -и занон қобили меҳнатро ташкил дода, шумораи занони зикршуда имконияти иштирок дар бозори меҳнатро надоранд. Бинобар ин, дар кишвар ҷиҳати фаъолияти самараноки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба фаъолияти машваратдиҳӣ ба занон дар деҳот ҳамчун табақаи осебпазири ҷомеа ва тахассунок намудан онҳо, инчунин фароҳам овардани шароитҳои мусоид, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ, дастгирии молиявӣ ва ғайримолиявӣ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ фаъолият намудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ лозим мебошад.

Тавре, ки нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 нишон медиҳанд, панҷ соли охир дар кишвар доир ба рушди соҳибкории занон, теъдоди занони соҳибкор тамоюли афзоиш пайдо карда, ба ҳолати 1 январи соли 2022 79003 нафарро ташкил дода, аз ҷумлаи андозсупорандагони фаъол мебошанд. Дар давраи таҳлилӣ ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 қариб 20104 нафар афзоиш ёфтааст, аммо суръати ин афзоиш ночиз буда, ҳиссаи он ҳамагӣ 3,6 банди фоизӣ афзуда, 23,1%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар 5 соли охир шумораи корхонаҳое, ки ба онҳо занон роҳбарӣ менамоянд аз 3192-и соли 2017 ба 3492 –и соли 2022 ва ё 300 корхона афзоиш ёфта, хоҷагиҳои деҳқоние, ки занон роҳбарӣ менамоянд аз 35493 – и соли 2017 ба 38711 – и соли 2022 афзоиш кардаанд.

**Ҷадвали 3. Шумораи андозсупорандагони ба қайд гирифташуда, аз ҷумла заноне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.**

| № | Субектҳои соҳибкорӣ | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ дар Тоҷикистон | 301298 | 305890 | 326491 | 335306 | 338762 |
| 2 | Аз ҷумла занон | 58899 | 65089 | 76418 | 77331 | 79003 |
| 3 | Вазни хос | 19,50% | 20,60% | 23,40% | 23% | 23,10% |
| 1.1 | Соҳибкорони инфиродӣ (патент) | 95953 | 101370 | 105337 | 105400 | 104191 |
| 2.1 | Аз ҷумла занон | 16121 | 19289 | 28286 | 28901 | 30092 |
| | Вазни хос | 17% | 19% | 27% | 27% | 28% |
| 1.2 | Соҳибкорони инфиродӣ (шаҳодатнома) | 32097 | 33572 | 34604 | 37264 | 36635 |
| 2.2 | Аз ҷумла занон | 4093 | 4731 | 6388 | 6508 | 6708 |
| | Вазни хос | 12,70% | 14% | 18% | 17,50% | 18% |
| 1.3 | Шахсони ҳуқуқӣ | 31205 | 31174 | 30929 | 31265 | 30938 |
| 2.3 | Аз ҷумла занон роҳбарӣ мекунан | 3192 | 3297 | 3375 | 3461 | 3492 |
| | Вазни хос | 10,20% | 10,60% | 10,90% | 11% | 11,20% |
| 1.4 | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 142043 | 149774 | 155621 | 161377 | 166998 |
| 2.4 | Аз ҷумла занон роҳбарӣ мекунанд | 35493 | 37772 | 38369 | 38461 | 38711 |
| | Вазни хос | 24,90% | 25,20% | 24,60% | 24,80% | 23,30% |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳиссаи занон дар фаъолияти роҳбарӣ/идоракунии корхонаҳои хурд, миёна ва калон дар кишвари мо нисбат ба Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ кам ба назар мерасад. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки занон тақрибан 20% - кормандони бахши хусусиро ташкил медиҳанд. Инчунин бояд қайд кард, ки фаъолияти бештари занони соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва шаҳодатнома ба қайд гирифта шуда, аз ин рӯ дар соли 2017 шумораи ин занони соҳибкор, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият мекунанд, ҳамагӣ 12028 нафар ё 10,9% -ро аз шумораи умумии соҳибкорони дар асоси патнет фаъолияткунанда ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо ба ҳолати 1 –уми яннвари соли 2022 ба 36,8 ҳазор расида, 26,1% - ро аз шумораи умумии соҳибкорони дар асоси патнет фаъолияткунанда ташкил додааст. Бинобар ин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол то сол шумораи заноне, ки дар асоси патент фаъоляит доранд, тамоюли афзоиш дошта, ҷиҳати нигоҳ доштани ин тамоюл зарурати такмили қонунгузорӣ оид ба дастгирии молиявӣ ва ғайримолиявии заноне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент машғул мебошанд, ба миён меояд. Аз ин рӯ, нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти машваратӣ доир ба омӯзиши малакаи соҳибкорӣ дар асоси патент, ҷалби грантҳо аз ташкилотҳои байналмилалӣ, дастгирии молиявӣ ва ғайримолиявӣ ба ин самт, бояд афзоиш ёбад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба густариш ва оммавӣ гардонидани соҳибкории занон омилҳои зерин мусоидат менамоянд:

- ➢ Шарҳи қонунӣ ва таҳияи консепсияи соҳибкории занон ва таҳияи меъёрҳои дастгирии соҳибкории занон;
- ➢ Таҳияи роҳнамо оид ба муайян намудани меъёрҳои лоиҳаҳои соҳибкории занон ва таъсиси фондҳои махсуси дастгирии соҳибкории занон;
- ➢ Бунёди инфрасохтор доир ба дастгирии соҳибкорзанони серфарзанд ва ё модарҳои танҳо. Ташаккули инфрасохтории иҷтимоии рушдёфта дар минтақаҳо шарти зарурии рушди соҳибкории занон мебошад;
- ➢ Таҳия ва татбиқи барномаҳои махсуси омӯзишӣ барои соҳибкорзанони фаъол ва навкор (стартапҳо) ва бекор намудани навъҳои манъшудаи касбу ҳунар барои занон, ки ҳуқуқ ва имконоти занонро дар бозори меҳнат маҳдуд мекунад;
- ➢ Таъсиси шуъбаи махсус оид ба рушди соҳибкории занон дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо, ҳамзамон таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорзанон бо ҷалби тамоми ҷонибҳои манфиатдор ва ҷудо намудани маблағ аз буҷет ҷиҳати иҷрои ин барнома;
- ➢ Мустаҳкам намудан ва инкишоф додани низоми таъминоти молиявию қарзии занони соҳибкор тавассути қарзҳои хурд ва имтиёзнок;

Вобаста ба вазъи муосири иқтисодӣ машғул шудани занон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар корҳои давлатию ҷамъиятӣ тақозои замон ҳисоб ёфта, фаъолияти онҳо метавонад ҳамчун механизми коҳиш додани дараҷаи камбизоатӣ ва бекорӣ баромад намояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби занон роҳбарӣ карда мешаванд, на танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм хурдтар, балки онҳо инчунин дар бахшҳои ғайриистеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ки шумораи зиёди коргарон талаб карда намешавад фаъолият менамоянд.

Аз ин лиҳоз бо мақсади вусъат бахшидан ва бо дар назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Парлумони мамлакат солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карданд. Зеро беш аз 73% - и аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва маҳз дар деҳотҷойҳо зарурати рушди соҳибкории занон ба миён меояд, чунки шумораи занони бекор нисбат ба аҳолии шаҳрнишин зиёд буда, рушди соҳибкории занон метавонад ҳамчун сарчашма ғанигардонии буҷети оилаҳо ва маҳал баромад намояд.

Мушкилоти асосӣ дар самти густариши соҳибкории занон ин рушди ин шакли соҳибкорӣ дар минтақаҳои дурдаст хусусан деҳотҷойҳо, ки масъалаи баланд бардории сифати зиндагӣ дар асоси тараққиёти минбаъдаи инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоӣ, таъйиннамоии нуқтаҳои аҳолинишини деҳот бо воситаҳои коммуникатсионӣ – наклиётӣ, оби нушокӣ, афзоиши фарогирии шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернетӣ, таъмин карда мешавад, ҳисоб меёбад. Бинобар ин, ташкили фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз ҳисоби грантҳои байналмилалӣ, ҷиҳати ҳалли ин мушкилот зарур мебошад.

Бояд қайд кард, ки соҳибкорӣ дар деҳотҷойҳо асосан дар шакли тиҷорати хурд (сехҳои хурди дузандагӣ, дорухонаҳо, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар соҳибкории занонро метавон дар соҳаҳои пахтакорӣ, ғаллакорӣ, зироатҳои полизӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, мурғпарварӣ, сабзавоткорӣ, гулпарварӣ ва ғайра густариш дод. Дар ин бобат, нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар омӯзонидани фарҳанги муосири истифодаи замин дар мисоли ташкили боғҳои интенсивӣ, гармхонаҳо, парвариши дарахтони нодир ва ғайра аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Ҳамзамон зарур аст, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба таҳияи механизм ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ шарикии иҷтимоиро ҷиҳати баланд бардоштани намояндагӣ ва иштироки занони соҳибкор дар муколамаи байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ бо мақсади ҳалли масоили бо ҳам алоқаманд доир ба рушди иқтисодӣ дар кишвар сафарбар карда шаванд. Дар чунин механизм ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бояд диққати асосӣ ба оилаҳои камбизоат ва серфарзанд равона шуда, барномаҳои имтиёзноки қарздиҳӣ барои оилаҳо таҳия намуда, таъсиси корхонаҳои хурдро ҷиҳати коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, хизматрасонии маишӣ ва ғайра ҳавасманд кардан лозим аст.

Ҷорӣ намудани механизмҳои дастгирии занони соҳибкор, таҳияи лоиҳаҳои мавҷуда ва бунёди лоиҳаҳои нав бояд самти фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ бо мақсади афзоиши ташаббуси соҳибкорӣ дар байни занон бошад. Ин имкони оғоз намудани фаъолият ва ба зинаҳои нав расидани занонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

**Хулоса.** Фаъолияти самараноки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба таконҳои гуногун тобовар буда, тағйиротҳои макроиқтисодӣ низ ба чунин ташкилотҳо таъсири манфии камтар мерасонанд, ҳатто дар ҳолати таназули иқтисодӣ ба афзоиши шуғлнокӣ метавонанд мусоидат намоянд. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти ба фаъолияти меҳнатӣ бештар ҷалб намудани занон бо роҳи густариши соҳибкории занон ҳамчун механизми калидӣ дар самти паст кардани мушкилоти иҷтимоии ҷомеа баромад намуда, ба рафъи падидаи камбизоатӣ, баланд бардоштани некўаҳволии оила ва беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагӣ қишрҳои гуногуни осебпазири ҷомеа аз ҷумла занон мусоидат менамоянд.

**Адабиёт:**


1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Сборник «Женщины и мужчины Республики Таджикистан»
2. Бобосадыкова Г.Б., Шамсиев К.Б. Проблемы участия женщин в предпринимательстве Таджикистана. –Душанбе, 2006. -120 с.
3. Исследование «Программы развития ООН «Влияние COVID-19 на жизнь, средства к существованию ММСП в Таджикистане»
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022
5. Руденко, Л. Г. Формы инфраструктурной поддержки малого женского предпринимательства / Л. Г. Руденко, О. Н. Быкова // Московский экономический журнал. – 2019. – № 3. – С. 7. – DOI 10.24411/2413-046X-2019-13007. – EDN TUMASH

6. Ҳакимов, М. А. Фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун воситаи шуғлнокии ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд / М. А. Ҳакимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 262-272. – EDN UPHACT.
7. Центрально-азиатская программа ЕБРР «Женщины в бизнесе». Базовая оценка развития женского предпринимательства в Республике Таджикистан. Апрель 2022г.
8. Empowerwomen. [Электронный ресурс]. URL: http://www.empowerwomen.org
9. Jonathan L., Hart M. Business and Social Entrepreneurs in the UK: Gender, Context and Commitment // International Journal of Gender and Entrepreneurship. 2011. № 3 (3). P. 200–217.
10. Саидмуродов, Л. Х. К вопросу построения многофакторной модели для оценки внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан / Л. Х. Саидмуродов, А. И. Сафаров // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С. 162-171. – EDN ZVPTBK.
11. Саидмуродов, Л. Х. Стратегические ориентиры реализации экономического потенциала Республики Таджикистан / Л. Х. Саидмуродов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2017. – № 3(4). – С. 64-71. – EDN CSQOVX.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Ҳакимов Матлабшоҳ Абдумаликович –** ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 985-09-82-89. E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru
**Буриева Мастура Чориевна-**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.:987-33-01-49. E-mail: mastura-1975@mail.ru

**Информация об авторах:**
**Хакимов Матлабшох Абдумаликович -** ассистент кафедры международных финансовых и кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. тел:985-09-82-89, E-mail:
**Буриева Мастура Чориевна –** кандидат экономических наук, доцент кафедры международных финансовых и кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. тел:987-33-01-49,E-mail: mastura-1975@mail.ru

**Information about the authors:**
**Hakimov Matlabshoh Abdumalikovich-**Assistant of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik State Financial and Economic University. tel: 985-09-82-89, E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru
**Burieva Mastura Chorievna –** Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik State University of Finance and Economics. Tel: 987-33-01-49, E-mail: mastura-1975@mail.ru

---

**УДК:338.436.3**

## ОПЫТ РАЗВИТЫХ СТРАН В ФОРМИРОВАНИИ ИННОВАЦИОННОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Мирзоева Евгения Шуджоатбековна**

**Аннотация.** В статье исследуется опыт развитых стран в формировании инновационной инфраструктуры для промышленных предприятий, таких как Россия, США, Европейский союз, Южная Корея, Китай и Япония. Определена ключевая роль инновационной инфраструктуры в обеспечении условий для разработки, внедрения и масштабирования новых технологий и подходов, что способствует конкурентоспособности и устойчивому росту экономики. Автор подчеркивают важность инвестирования в инновационную инфраструктуру для промышленных предприятий в современной экономической среде как стратегически важного шага, способствующего инновационной активности и устойчивому развитию бизнеса.

**Ключевые слова:** инновационная инфраструктура, инновации, инновационная деятельность, инновационная активность, устойчивое развитие, экономический рост, промышленные предприятия.

**Для цитирования:** Мирзоева Е.Ш. Опыт развитых стран в формировании инновационной инфраструктуры промышленных предприятий / Е. Ш. Мирзоева // Финансово-экономический вестник. – 2024. – No. 1(40). – С. 48-54.

## ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ПЕШРАФТА ДАР ТАШАККУЛИ ИНФРАСОХТОРИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Мирзоева Евгения Шуҷоатбековна**

**Аннотасия.** Дар мақола таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ташаккули инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз қабили Русия, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Кореяи Ҷанубӣ, Чин ва Ҷопон баррасӣ шудааст. Нақши асосии инфрасохтори инноватсионӣ дар фароҳам овардани шароит барои таҳия, татбиқ ва васеъ намудани технологияҳо ва равишҳои нав муайян карда шудааст, ки ба рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад. Муаллиф аҳамияти сармоягузорӣ ба инфрасохтори инноватсиониро барои корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосири иқтисодӣ ҳамчун як қадами муҳими стратегӣ, ки ба фаъолияти инноватсионӣ ва рушди устувори соҳибкорӣ мусоидат мекунад, таъкид мекунад.

**Калидвожаҳо:** инфрасохтори инноватсионӣ, инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, фаъолгардонии инноватсионӣ, рушди устувор, рушди иқтисодӣ, корхонаҳои саноатӣ.

## EXPERIENCE OF DEVELOPED COUNTRIES IN THE FORMATION OF INNOVATIVE INFRASTRUCTURE OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

**Mirzoeva Evgeniya Shudzhoatbekovna**

**Annotation**. The article examines the experience of developed countries in the formation of innovation infrastructure for industrial enterprises, such as Russia, the USA, the European Union, South Korea, China and Japan. The key role of innovation infrastructure in providing conditions for the development, implementation and scaling of new technologies and approaches is identified, which promotes competitiveness and sustainable growth of the economy. The author emphasizes the importance of investing in innovation infrastructure for industrial enterprises in the modern economic environment as a strategically important step that promotes innovation activity and sustainable business development.

**Key words:** innovation infrastructure, innovation, innovation activity, innovation activity, sustainable development, economic growth, industrial enterprises.

**Постановка проблемы:** В условиях современного мира, где инновации становятся ключевым фактором успеха для промышленных предприятий, актуальной становится проблема формирования эффективной инновационной инфраструктуры. Отмечается, что развитие инновационной инфраструктуры имеет значительное влияние на конкурентоспособность и устойчивый рост экономики как национального уровня, так и уровня промышленных предприятий. Однако, несмотря на определенные успехи в этой области, существуют ряд проблем и вызовов, требующих внимания и анализа. Это включает в себя вопросы эффективности инвестиций в инновационную инфраструктуру, механизмы стимулирования инновационной активности на предприятиях, а также вопросы связанные с трансфертом технологий и интеграцией инновационных процессов в производственную деятельность.

**Анализ последних исследований и публикаций** в области формирования инновационной инфраструктуры промышленных предприятий подчеркивает важность этой темы и ее актуальность для современной экономики. Множество работ выделяют ключевые аспекты, такие как роль государства в развитии инновационной среды, взаимосвязь между инновациями и экономическим ростом, а также механизмы поддержки инновационной деятельности на уровне промышленных предприятий. Особое внимание уделяется анализу успешных практик развития инновационной инфраструктуры в различных странах и регионах мира, их адаптации к собственным условиям и выявлению факторов, способствующих успешному реализации инновационных инициатив. Этот анализ позволяет обобщить современные тенденции и лучшие практики в области формирования инновационной инфраструктуры и определить направления для будущих исследований и действий. В области формирования инновационной инфраструктуры промышленных предприятий проводили исследования и анализ этой проблемы различные зарубежные и отечественные ученые, такие как::::::::::::::

**Целью данной статьи** является анализ зарубежного опыта формирования инновационной инфраструктуры промышленных предприятий с целью выявления основных проблем и поиска эффективных путей их решения.

**Изложение основного материала.** Инновационная инфраструктура играет важную роль в поддержке стартапов и развитии малого бизнеса. Создание инкубаторов и акселераторов позволяет молодым компаниям получить необходимые ресурсы, экспертизу и финансирование для развития своих идей и проектов. Это способствует появлению новых игроков на рынке и стимулирует инновационную активность в промышленном секторе.

Инновационная инфраструктура способствует устойчивому развитию промышленных предприятий путем повышения их инновационной активности и конкурентоспособности. Внедрение новых технологий позволяет снижать негативное воздействие на окружающую среду, оптимизировать использование ресурсов и создавать инновационные продукты и услуги, отвечающие потребностям рынка.

В современном мире страны стремятся к устойчивому и инклюзивному экономическому росту, который основан на инновациях, социальной стабильности и экологической ответственности. Россия, США, Европейский союз, Южная Корея, Китай, Япония - каждая из этих стран разрабатывает свои собственные стратегии и меры для обеспечения устойчивого развития.

В США и Европейском союзе основной упор делается на инновации, развитие зеленой экономики и обеспечение социальной инклюзии. В Южной Корее и Китае активно инвестируются в исследования и разработки, а также в развитие чистых технологий и возобновляемых источников энергии. Япония стремится к инновационному росту и цифровизации экономики, а также активно работает над развитием зеленых технологий. Россия, в свою очередь, придает большое значение инновациям, цифровой экономике и устойчивому развитию. (см.табл.1.)

**Таблица 1.-Основные приоритеты инновационного развития в развитых странах**

| **Страны** | **Приоритеты инновационного развития** |
|---|---|
| США | Стремятся к устойчивому экономическому росту путем инвестирования в инновации, образование и инфраструктуру.<br>Особое внимание уделяется развитию зеленой экономики, внедрению чистых технологий и снижению выбросов парниковых газов. |
| Европейский союз | Стратегия "Европа 2020" была направлена на обеспечение устойчивого и инклюзивного роста, стимулирование зеленых инвестиций и повышение конкурентоспособности;<br>Поддержка инноваций, развитие возобновляемой энергетики и борьба с изменением климата являются ключевыми приоритетами. |
| Южная Корея | Основной акцент делается на инвестициях в исследования и разработки, создании высокотехнологичных отраслей и стимулировании экспорта инновационной продукции;<br>Страна также придает большое значение экологической устойчивости и росту зеленой экономики. |
| Китай | Стремится к переходу от модели экономического роста, основанной на высокой энергопотребляемости и загрязнении окружающей среды, к устойчивому и инклюзивному развитию.<br>Основные меры включают в себя инвестиции в чистые технологии, развитие возобновляемых источников энергии и повышение энергоэффективности. |
| Япония | Устойчивый рост связан с инновациями, цифровизацией экономики и развитием технологий для борьбы с изменением климата и улучшения качества жизни.<br>Страна также активно развивает зеленые технологии и инфраструктуру для поддержания устойчивого развития. |
| Россия | Стратегия "Устойчивое развитие - цель 2030" направлена на сбалансированный экономический рост, социальную стабильность и экологическую безопасность.<br>Поддержка инноваций, развитие цифровой экономики и переход к экологически чистым технологиям играют важную роль в обеспечении устойчивого развития. |

Источник: Составлено автором на основе стат.данных развитых стран. [1],[10],[12],[13],[14],[15], [16]

Несмотря на свои уникальные особенности и вызовы, каждая из этих стран предпринимает шаги для достижения устойчивого экономического роста, который обеспечит благополучие своих граждан и способствует решению глобальных вызовов, таких как изменение климата и неравенство. Далее мы рассмотрим подробнее основные меры и инициативы,

предпринимаемые каждой из этих стран в этом направлении.(см.табл.2.)

**Таблица 2.-Меры по поддержки инноваций в развитых странах мира**

| Страны | Программ и организации по поддержки инноваций | Конкретные меры по поддержке инноваций |
|---|---|---|
| Россия | -Национальная технологическая инициатива (НТИ);<br>-Программа развития инноваций на период до 2030 года | -развернута сеть технопарков, инновационных центров и инкубаторов, которые обеспечивают поддержку стартапам и инновационным проектам;<br>-предоставление финансовой помощи и инфраструктуры для развития инноваций. |
| США | -Small Business Innovation Research (SBIR);<br>-Small Business Technology Transfer (STTR) Program, | -предоставляют финансовую поддержку стартапам и малому бизнесу для разработки и внедрения инноваций;<br>-активно развивается технологический трансфер из академической среды в промышленность через коллаборации между университетами, научными центрами и частными компаниями. |
| Европейский союз | -Программа Horizon Europe;<br>-Программа European Innovation Council (EIC) | -реализует программы финансирования исследований и инноваций, которые предоставляют гранты и финансовую поддержку проектам в области науки, технологий и инноваций.<br>-предоставляет финансирование и помощь в развитии инновационных идей для поддержки стартапов и малого бизнеса. |
| Южная Корея | - Программа Korea Innovation Investment Program (KIIP)<br>- Программа Creative Economy Innovation Centers (CEICs), | -предоставляют финансовую помощь и экспертную поддержку стартапам и инновационным проектам;<br>-существует ряд инкубаторов и акселераторов, а также технологических парков и центров, которые обеспечивают инфраструктуру и ресурсы для развития инноваций. |
| Китай | -Программа Made in China 2025<br>- Программа Internet Plus | -активно развивает свою инновационную экосистему, которая направлена на стимулирование развития высокотехнологичных отраслей и цифровой экономики.<br>- существует множество инкубаторов, акселераторов и технологических парков, а также государственные и частные венчурные фонды, которые поддерживают стартапы и инновации. |
| Япония | -Инициатива Japan Revitalization Strategy;<br>- Инициатива Council for Science, Technology and Innovation (CSTI). | - оказывают финансовую поддержку инновационным проектам;<br>-существуют технологические инкубаторы, инновационные парки и центры исследований, которые обеспечивают поддержку и инфраструктуру для разработки и внедрения новых технологий. |

Источник: Составлено автором на основе стат.данных развитых стран. [1],[10],[12],[13],[14],[15], [16]

Эти программы и инициативы способствуют созданию благоприятной среды для развития и внедрения инноваций в каждой из рассмотренных стран. Мы изучили опыт в поддержки развития инноваций таких стран как Россия, США, Европейского союза, Южная Корея, Китай и Япония. Следует отметить, что США остаются одним из мировых лидеров в области инноваций и технологий. Страна вкладывает существенные средства в исследования и разработки, поддерживает стартапы и технологические инновации через программы финансирования и налоговые льготы. В США более 500 миллиардов долларов ежегодно вложено в исследования и разработки, что делает страну лидером в мире по инновациям.

Как известно, инновационная инфраструктура включает в себя различные элементы, такие как научные и исследовательские центры, технопарки, инкубаторы, акселераторы, инвестиционные фонды и технологические кластеры.

Например, в США только в 2020 году инновационная экосистема способствовала созданию

более 3,5 миллионов рабочих мест и привлечению более $400 миллиардов инвестиций в инновации.[16] Создание такой экосистемы способствует обмену знаниями и опытом между предприятиями, университетами, научными учреждениями и инвесторами, что стимулирует появление новых идей и технологий.

Европейский союз также активно развивает инновации и технологии, сосредоточившись на таких областях, как зеленая энергия, цифровая трансформация, биотехнологии и т.д. ЕС поддерживает инновации через финансовые инструменты, гранты и программы исследований.

Европейский союз выделяет около 100 миллиардов евро на исследования и инновации каждый год, что составляет значительную часть общего бюджета ЕС. [1]

**Гузориши масъала.** Рушди соҳаҳои анъанавии саноати коркард, бахусус саноати хӯрокворӣ ва сабук бевосита бо заминаи ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла, пахта, чигит, ғаллагиҳо ва меваю сабзавот ҳамбастагӣ дорад. Тайи солҳои охир дар натиҷаи андешидани чораҳои саривақтӣ ва амалисозии Барномаҳои соҳаи кишоварзӣ рушди бемайлони соҳа таъмин гардида истодааст.

Қайд кардан зарур аст, ки аз ин ҷо номувозинатии рушди соҳаҳо баръало ба назар мерасад ва худи ҳамин рақамҳо зарурати рушди соҳаҳои ақибмондаро, яъне чорводориро талқин мекунанд. Рушди соҳаи чорводорӣ ба таъмини амнияти озуқавории кишвар, бахусус ба дастрасии аҳолӣ ба ғизои солим аз қабили гӯшт, шир ва тухми парранда таъсири бевосита дорад.

**Мақсади мақола.** Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити бамаротиб баланд гардидинаи талабот ба маҳсулотҳои кишоварзӣ ва дар тамоми манотики кишвар ба таври мутавозин рушд додани соҳаи кишоварзӣ заруияти таҳқиқ ва рушди масъалаи мазкурро ба миён овард. Ба ин хотир мақолаи мазкур ҷанбаҳои амалӣ ва таҳлилии рақобатпазирии ҳудудии бозорҳои кишоварзии кишварро дар ҳудудҳои муаян ва иконияти мавҷудаи онҳо дар бар мегирад, ки моҳияти он дар мақолаи мазкур пурра баррасӣ гардидааст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҳаҷми маҷмуии маҳсулоти истеҳсолгардидаи соҳаи кишоварзӣ дар соли 2018 ба 8,1 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиш бо нархҳои муқоисавӣ 105,2 фоиз расонида шуда, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 ба маблағи 969,1 млн. сомонӣ ва нисбат ба соли 2014 ба маблағи 2,4 млрд. сомонӣ афзоиш ёфтааст (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. - Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар комплекси агросаноатии вилояти Суғд (млн. сомонӣ)**




**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 / Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. С.?.

Чуноне аз диаграммаи 1 мушоҳида мегардад, дар давоми солҳои 2014-2018 суръати рушди миёнаи солона тақрибан ба 8,6% баробар будааст. Аз миқдори умумии маҳсулоти истеҳсолгардидаи соҳаи кишоварзӣ дар соли 2018 75,4 фоиз ё 6,1 млрд. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 24,6 фоиз ё 1,98 млрд. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ мансуб мебошад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои рушди мамлакат ва иҷрои муқаррароти Барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ, бахри таҳкимбахшии заминаи ашёи хоми соҳаи саноати коркард ва таъмини якмароми бозори истеъмолии вилоят бо маҳсулоти тару тозаи истеҳсоли ватанӣ, инчунин таъмини содироти маҳсулот, дар соли 2018 аз ҳисоби кам кардани майдони кишти ғалладонагиҳо майдони кишти пахта ва сабзавоту картошка афзоиш дода шуд. Аз ҷумла, дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 майдони кишти ғалладонагиҳо 6,6 ҳазор гектар кам карда шуда, майдони кишти пахта 6,4 ҳазор гектар, сабзавот 1,6 ҳазор гектар ва картошка 4,9 ҳазор гектар васеъ карда шуд.

Дар ин замина афзоиши ҳаҷми истеҳсоли сабзавоту картошка таъмин гардида, дар маҷмуъ 416,0 ҳазор тонна картошка ва 517,9 ҳазор тонна сабзавот истеҳсол карда шуд, ки нисбати соли қаблӣ мутаносибан 91,1 ва 37,4 ҳазор тонна зиёд мебошад. Ба номусоидии боду ҳаво дар аввали баҳор ва якбора гарм шудани ҳаво дар давраи нашъунамои пахта нигоҳ накарда, дар соли 2018 ба миқдори 110,3 ҳазор тонна ҳосили пахта ҷамъоварӣ карда шуд.

**Диаграммаи 2.- Майдони кишти зироатҳо дар вилояти Суғд (ҳазор гектар)**




Истеҳсоли пахтаро дар сатҳи се минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба кишти ин зироат машғул мебошанд, дар давоми солҳои 2015-2021 дида мебароем, таносуби замини кишти пахта, ҷамъоварии ҳосили он, дараҷаи ҳосилнокии пахта чӣ гуна аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Таносуби нишондиҳандаҳои истеҳсоли пахта дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | |
| Замини кишти пахта, ҳаз. га | 113,0 | 115,5 | 119,6 | 122,4 | 122,1 | 124,2 | 121,2 |
| Ҷамъоварии ҳосил, ҳаз. тонна | 188,3 | 93,0 | 259,3 | 178,8 | 266,8 | 277,2 | 270,0 |
| Ҳосилнокӣ, с/га | 16,7 | 16,8 | 21,7 | 14,6 | 21,9 | 22,3 | 22,3 |
| **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | | | | | | | |
| Замини кишти пахта, ҳаз. га | 3,6 | 2,8 | 3,7 | 6,2 | 5,1 | 3,1 | 2,8 |
| Ҷамъоварии ҳосил, ҳаз. тонна | 7,1 | 6,1 | 10,0 | 11,3 | 9,4 | 6,2 | 6,2 |
| Ҳосилнокӣ, с/га | 19,6 | 21,5 | 27,4 | 18,1 | 18,6 | 20,4 | 22,1 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | |
| Замини кишти пахта, ҳаз. га | 43,0 | 44,2 | 50,8 | 57,2 | 58,5 | 58,2 | 49,7 |
| Ҷамъоварии ҳосил, ҳаз. тонна | 74,7 | 85,6 | 117,4 | 110,3 | 126,8 | 112,6 | 112,6 |
| Ҳосилнокӣ, с/га | 17,9 | 19,4 | 23,7 | 19,3 | 22,5 | 19,4 | 23,3 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 / Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. С.277-278.

Аз маълумоти ҷадвали 1 маълум мегардад, ки аз рӯйи майдони кишти заминҳои пахта минтақаи Хатлон нишондиҳандаи аз ҳама бештар дошта, субъектҳои хоҷагидор дар ин минтақа дар соли 2015 дар майдони 113 ҳазор гектар пахта кишт кардаанд. Ҳамин нишондиҳанда дар соли мазкур дар НТҶ 3600 гектар ва дар минтақаи Суғд ба 43 ҳазор гектарро ташкил додааст. Дар минтақаҳои Хатлон ва Суғд дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 майдони кишти пахта васеътар шуда, мутаносибан 121,2 ва 49,7 ҳазору гектарро ташкил додааст. Дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, баръакс, майдони кишти пахта кам шуда, аз 3,6 ҳаз. га дар соли 2015, то ба 2,8 ҳаз.га дар соли 2021 расидааст.

Ҳамзамон, агар мо дар минтақаи Хатлон дар солҳои 2015-2021 бемайлон зиёд шудани масоҳати майдони кишти пахтаро мушоҳида кунем, дар минтақаи Суғд каму зиёдшавии он ба назар мерасад. Чунончи дар ҷадвал омадааст, ки дар соли 2015 тамоми категорияҳои хоҷагиҳо дар минтақаи Суғд дар 43 ҳазор гектар пахта коридаанд. Дар соли 2016 ин рақам ба 44,2 ҳаз.га, 2017-50,8, 2018-57,2 расида, дар солҳои 2019-2020 аз 58 ҳазор гектар ҳам зиёдтар шуда, дар соли 2021 бошад, якбора коҳиш ёфтааст.

Чунин каму зиёдшавӣ аз вокуниши саривақтии субъектҳои хоҷагидор ба тағйироти бозор дарак медиҳад. Яъне, чунин хулосабарорӣ мешавад, ки дар солҳои истиқлоли давлатӣ, дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти амиқи соҳаи кишоварзӣ, аввалан, субъектҳои хоҷагидор соҳибихтиёрии комил ба даст оварданд ва имконият пайдо карданд, ки вобаста ба вазъи бозору тақозои он, баркашидани фоидаю зарари худ, зироати дилхоҳи худро кишт кунанд. Чунки дар замони шуравӣ, якказироатӣ ҳукмрон буд ва кишоварзони минтақа маҷбур буданд, ки ба хотири пӯшонидани талаботи фабрикаю коргоҳҳои Россия асосан пахта кишт кунанд. Дар соли 1991 танҳо дар вилояти Суғд дар майдони 88,4 ҳазор гектар пахта корида буданд. Дар ҳамон сол дар вилояти Хатлон 189,5 ва дар НТҶ 20,9 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ барои кишти пахта махсус гардонида шуда буданд. Сонияи, бо назардошти он, ки пахта маҳсулоти муҳими содиротӣ ба ҳисоб меравад, вобастагии кишоварзон аз бозори ҷаҳонӣ низ ба вуҷуд омад.

Як чиз боиси таассуф аст, ки нишондиҳандаи муҳими истеҳсоли пахта, яъне, миқдори ҳосилғундорӣ аз як гектар замин, дар се минтақаи болозикр дар давоми солҳои 2015-2021 ҳанӯз ба сатҳи соли 1991 нарасидааст. Маълумотҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳосилнокии пахта дар соли 2021 дар минтақаҳои Хатлон, Суғд ва НТҶ мутаносибан 22,3 с/га, 23,3 ва 22,1 с/га –ро ташкил додаанд. Ҳол он ки дар соли 1991 ин рақам мутаносибан ба 27,9, 26,9 ва 25,8 с/га баробар буд. Ба андешаи мо, сабаби асосии пастравии ҳосилнокӣ дар сатҳи баланди механизатсия ва мелиоратсияи ҷараёни кишти пахта дар даврони шуравӣ ва торафт майдатар шудани хоҷагиҳои пахтакор дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки нисбат ба колхозҳои замони шуравӣ хеле хурд мебошанд, аз ӯҳдаи харидани техникаи пуриқтидор намебароянд. Илова бар ин, дар натиҷаи ба қитъаҳои хурди хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷудо шудани заминҳои кишоварзӣ масъалаи обёрии онҳо низ хеле мушкил шудааст. Аз як тараф, пойгоҳҳои азими обкашӣ аз кор баромадаанд ва зӯри хоҷагиҳо ба таъмиру азнавсозии онҳо намерасад, аз тарафи дигар,

корхои захбуркашӣ, тибқи технологияи муосир ба роҳ мондани киштукор ба мисли собиқа нест. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ё кооперативҳои истеҳсолӣ, ки имрӯз категорияҳои асосии хоҷагидор мебошанд, наметавонанд, ки ҳар кадом агроном ё агротехнолог киро кунанд. Аз ин рӯ, ҳар кадом субъекти хоҷагидор маҷбур аст ба таҷрибаю маҳорати андӯхтаи кормандони худ такя кунад.

Таносуби ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар комплекси агросаноатии минтақаи Суғд мувофиқи соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ дар давоми солҳои 2014-2018 дар шакли диаграмма нишон дода шудааст (диаграммаи 3).

**Диаграммаи 3.- Ҳаҷми махсулоти кишоварзӣ дар комплекси агросаноатии вилояти Суғд мувофиқи соҳаҳо (млн. сомонӣ)**




**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 / Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. С.?.

Чуноне аз диаграммаи 3 дида мешавад, таносуби истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ нисбат ба махсулоти чорводорӣ дар соли 2014 – андаке зиёдтар аз 2,5 баробар (71,6%/28,4%), дар соли 2015 – 2,4, 2016 – 2,5, 2017 – 2,9 ва дар соли 2018 – 3 баробар зиёдтар будааст. Ҳамзамон, маълум гардид, ки маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2014 ба андозаи 150,8% афзоиш ёфта, суръати миёнаи солонаи рушди он ба ҳисоби миёна 10,16%-ро ташкил додааст. Аммо, махсулоти чорводорӣ бошад, дар соли 2018 нисбат ба соли 2014 ба андозаи 123,9% афзоиш ёфта, суръати миёнаи солонаи рушди он ба ҳисоби миёна 4,7%-ро ташкил додааст.

Новобаста аз он, ки ҳиссаи соҳаи чорводорӣ дар ташаккули маҷмӯӣ маҳсулоти кишоварзии вилоят тайи солҳои охир коҳиш ёфта истодааст, дар соли 2018 бо дода шудани имтиёзҳо ба соҳаи паррандапарварӣ саршумори парранда дар вилоят нисбат ба соли 2017 зиёда аз 1,0 млн. сар афзуда, ба 2,77 млн. сар расонида шуд. Саршумори бузу гӯсфанд нисбат ба соли 2017 ба 29,2 ҳазор сар ва нисбат ба соли 2014 ба 171,7 ҳазор сар афзудааст.

Тайи солҳои охир коҳиш ёфтани базаи хӯроки чорво ва бо сабаби баланд шудани арзиши аслии хӯроки омехта, кунҷора ва сабӯсу пасмондаҳои гандум аз ҳисоби болоравии нархи ашёи хом ба монанди гандуму пахта, ба таъмини рушди босуръати соҳаи чорводорӣ як қадар монеа эҷод намуд. Бо назардошти ин омилҳо ва бахри таъмини рушди соҳаи чорводорӣ як зумра Барномаҳои давлатию соҳавӣ қабул гардида, мавриди амал қарор дода шуданд. Дар натиҷа, вазъи соҳа тадриҷан беҳтар карда шуда, афзоиши саршумори чорвои калони шохдор, аз ҷумла модагов сол аз сол бештар таъмин гардида истодааст, ки ин бевосита ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли гӯшту шир мусоидат хоҳад кард. Дар соли 2018 нисбат ба соли қаблӣ саршумори чорвои калони шохдор 13,1 ҳазор сар, аз ҷумла модагов 8,4 ҳазор сар зиёд карда шуда, ҳамагӣ саршумор ба 644,1 ва 347,4 ҳазор сар баробар шудааст.

Дар соли 2018 ҳаҷми истеҳсоли гӯшти чорвою парранда 56,5 ҳазор тонна, шир 264,9 ҳазор тонна ва тухм 222,7 млн. дона расонида шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 1,9 ҳазор тонна, 9,3 ҳазор тонна ва 55,2 млн. дона зиёд мебошад.

**Хулоса.** Чуноне сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дод, раёсати омори кишоварзӣ ва ҳифзи

муҳити зисти Агентии мазкур пас аз ҷамъоварӣ, коркард ва ҷамъбасти ҳисоботҳои омории пешниҳодгардида муайян намуд, ки дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар 107,9 дарсадро ташкил додааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар нимсолаи якуми соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ ба 18 миллиарду 658,7 миллион сомонӣ баробар шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 бо нархҳои муқоисавӣ 7,9 фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумла, дар соҳаи растанипарварӣ 13 миллиарду 224,3 миллион сомонӣ, ё 10,4 фоиз ва чорвопарварӣ бошад, 5 миллиарду 434,4 миллион сомонӣ ё 2,4 фоиз зиёд аст.

Бояд гуфт, ки дар ин давра ҳиссаи вилояти Хатлон дар маҷмуи умумии маҳсулоти кишоварзии мамлакат 64,1 фоизро ташкил дода, ҳаҷми истеҳсол ба 11 миллиарду 953,7 миллион сомонӣ ё 106,0 фоиз баробар гардидааст.

Тибқи иттилоъ, дар нимсолаи якуми соли 2023 ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 10,2 фоизро ташкил додааст, ки ин нишондод дар хоҷагиҳои вилоятҳои Суғд 21,1 фоиз, Хатлон 5,5 фоиз, ВМКБ 0,5 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 15,6 фоиз баробар аст.

Аз ҷумла, дар ин давра ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 45,5 фоизи ҳиссаи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд. Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 44,3 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар хоҷагиҳои ВМКБ 96,7 фоиз, вилоятҳои Суғд 38,5 фоиз, Хатлон 44,5 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 49,3 фоизро ташкил медиҳад. Яъне, ба истиснои вилояти Суғд дигар дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ баланд аст.

**Адабиёт:**


1. Астапенко М.С. Теории и концепции пространственной экономики: сущностные аспекты и эволюция подходов [Электронное издание] // Вестник Евразийской науки 2018, №1, Том 10. ISSN 2588-0101: https://esj.today
2. Дюркгейм Э. Социология и социальные науки // Дюркгейм Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение. М: Канон, 1995. 350 с. С.20
3. Кандыерова Д.О., Каримова И.И. Теоретические основы развития экономического пространства регионов / монография. – Душанбе: ТГФЭУ, 2018.-220с.
4. Каримова Н.И. Вербализация концепта «Пространство» в русской, польской и таджикской национально-культурных картинах мира. / Монография. – Душанбе: РТСУ, 2020. – 174с. ISBN 978-99975-63-55-2
5. Николаева О.В. Понятие концептуального пространства в методологии языкознания // Личность. Культура. Общество. 2011. Т. 13. Вып. 2 (6364). С. 186-196.
6. Рахимов Р.К. Общеэкономические пропорции в народном хозяйстве Республики Таджикистан [Текст] / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов // Вестник РТСУ. – Душанбе, 2015. -№1(48). С.58-66.
7. Симарова И.С. Обоснование регионального развития с учетом связанности экономического пространства: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Симарова Ирина Сергеевна; [Место защиты: Тюмен. гос. нефтегаз. ун-т]. – Тюмень, 2014. – 146 с.
8. Ярошевский Б.Е. Теория периферийной экономики. М.: Мысль, 1973. 214 с.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Муслихова Тахмина Тагоевна –** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.

**Информация об авторе:**

**Муслихова Тахмина Тагоевна –** к.э.н., доцент, заведующая кафедрой банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

**Information about the author:**

**Muslikhova Tahmina Tagoevna** - candidate of economics sciences, associate professor of the banking department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14.


---

**УДК: 336.63**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ МОЛИЯИ ХОҶАГИҲОИ ХОНАВОДАГӢ

**Саидов Раҷабали Назифович**

**Аннотатсия.** Мақола фарогири таҳқиқи таҳаввулоти назариявию амалии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ мебошад. Муаллиф нуқтаи назари иқтисодчиёнро оид ба фаҳмиш ва моҳияти хоҷагиҳои хонаводагӣ ва молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ омӯхтааст. Дар рафти таҳқиқот муайян карда шудааст, ки фаҳмишҳои пешниҳоднамудаи иқтисодчиён асосан ба унсурҳои таркибдиҳандаи онҳо тафовут дорад. Муҳаққиқ оид ба рушди нисбатан ноустувори хоҷагиҳои хонаводагӣ ишора намуда, густариши муносибатҳои молиявиро дар хоҷагиҳои мазкур аз пешрфти онҳо вобаста медонад. Ҳамчунин дар мақола мушкилоти муосири рушди муносибатҳои молиявии хоҷагиҳои хонаводагии кишвар оварда шуда, ҷиҳати бартараф намудани он тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидаанд.
**Калидвожаҳо:** молияи хоҷагии хонаводагӣ, низоми молиявӣ, шуғл, сатҳи зиндагӣ, қобилияти харидорӣ, истеъмолот, такрористеҳсол, иқтисоди бозорӣ, сармоягузорӣ.
**Барои иқтибос:** Саидов Р.Н. Асосҳои назариявию амалии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. -2024. – № 1 (40). – С. 81-88.

## ТЕОРЕТИКО-ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФИНАНСОВ ДОМАШНИХ ХОЗЯЙСТВ

**Саидов Раджабали Назифович**

**Аннотация.** Статья посвящена исследованию теоретико-практической эволюции финансов домохозяйств. Автор изучил взгляды экономистов на понимание и сущность домашних хозяйств и финансов домашних хозяйств. В ходе исследования установлено, что понятия, предлагаемые экономистами, различаются преимущественно по составляющим элементам. Исследователь указывает на относительно неустойчивое развитие домашних хозяйств и считает, что развитие финансовых отношений в этих хозяйствах зависит от их прогресса. Также в статье представлены современные проблемы развития финансовых отношений домохозяйств страны и представлены научно-практические рекомендации по их преодолению.
**Ключевые слова:** финансы домашних хозяйств, финансовая система, занятость, уровень жизни, покупательная способность, потребление, воспроизводство, рыночная экономика, инвестиции.

## THEORETICAL AND PRACTICAL FOUNDATIONS OF HOUSEHOLD FINANCE

**Saidov Rajabali Nazifovich**

**Annotation.** The article is devoted to the study of the theoretical and practical evolution of household finances. The author studied the views of economists on the understanding and essence of households and household finances. The study found that the concepts proposed by economists differ mainly in their constituent elements. The researcher points to the relatively unstable development of households and believes that the development of financial relations in these households depends on their progress. The article also presents modern problems of the development of financial relations of the country's households and presents scientific and practical recommendations for overcoming them.
**Key words:** household finance, financial system, employment, standard of living, purchasing power, consumption, reproduction, market economy, investment.

**Гузориши масъала.** Новобаста ба он, ки муносибатҳои молиявӣ дар хоҷагиҳои хонаводагӣ амалан вуҷуд доранд, лекин то кунун дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати рушди соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар мафҳуми молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ ба чашм намерасад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ хоҷагиҳои хонаводагӣ ҳамчун субъектҳои фаъоли муносибатҳои молиявӣ амал карда истодаанд. Рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ аз мавқеи такмили заминаҳои назариявию меъёрии он ва фароҳам овардани шароити мусоиди амалӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти бардавом ва босамари хоҷагиҳои мазкур мусоидат менамояд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявию амалии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар таълифоти илмии иқтисодчиёни ватанӣ: Хайрзода Ш.Қ., Нурализода А.Н., Бобомуродов Б.Э., иқтисодчиёни рус: Барулин С.В., Беккер Г.С., Белов А.В., Белозеров И.Ф., Екшембиев Р.С., Фетисов В.Д. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола** аз муайян ва ошкор намудани заминаҳои ташаккул ва рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ иборат мебошад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Ҷой доштани зарурати эътирофи фаҳмиши ягонаи молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ ва амалан истифодабарии он. Молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар иллати камдаромад будани қисмати асосии аҳолӣ то кунун тамоюли устувори рушдро соҳиб нагардидааст. Аз ин рӯ, ба фаъолиятҳои сердаромад пайвастани аҳолӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли молӣ дар хоҷагиҳои хонаводагӣ, самаранок истифодабарии дороиҳо, аз ҷумла масраф намудани даромадҳои хоҷагиҳои мазкур барои ба даст овардани дороиҳои фаъол тадбирҳое мебошанд, ки барои баланд бардоштани нерӯи молиявии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Дар шарити кунунӣ ҷудо намудани молияи хоҷагии хонаводагӣ ҳамчун категорияи комил ва мустақили илми молия зарурати воқеӣ дорад. Иқтисодчиёни зиёде эътироф менамоянд, ки молияи хоҷагии хонаводагӣ унсури мустақили низоми молиявӣ буда, маҷмӯи муносибатҳои пулиро оид ба ташаккулёбӣ ва истифодабарии буҷетҳои оилавӣ дар бар мегирад. Албатта, молияи хоҷагии хонаводагӣ дорои субъект ва объеки мушаххас буда, дар низоми молияи миллии ҳар як давлат нақши калидӣ дорад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, дар таҳқиқоти мазкур нақши калидии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои молиявӣ аз мавқеи омӯзиши таҳаввулоти назариявӣ он ба роҳ монда шудааст.

Барои омӯзиши дақиқи молияи хоҷагии хонаводагӣ пеш аз ҳама муайян намудани фаҳмиши худи хоҷагии хонаводагӣ зарур мебошад. Вобаста ба ин, дар қисмати аввали таҳқиқот ба омӯзиши фаҳмиши хоҷагии мазкур мепардозем. Дар луғати нави иқтисодӣ, зери таҳрири Азрилиян А.Н. фаҳмиши хоҷагии хонаводагӣ ҳамчун воҳиди иқтисодӣ, ки аз як ва ё якчанд фард иборат буда, дар заминаи сарфаи захираҳо даромад мегирад ва онро барои хариди молҳо, хизмат ва дар маҷмуъ, қонеъ намудани талаботи моддии аъзоёни худ истифода менамояд, маънидод шудааст [10, с.202]. Аз мафҳуми пешниҳоднамудаи Азрилиян А.Н. бар меояд, ки хоҷагии хонаводагӣ танҳо дар натиҷаи сарфаи захираҳо имконияти рӯзгузаронии аъзоёни худро ба даст меорад.

Беккер Г.С., Ланкастер К.Ҷ, Минсер Д. оид ба хоҷагиҳои хонаводагӣ мавқеи илмии худро муайян кардаанд, ки меҳнати илмии онҳо ба назарияи нави иқтисодии хоҷагии хонаводагӣ алоқаманд мебошад. Ғояи марказии назарияи мазкур аз он иборат мебошад, ки имконияти дар ихтиёрдоштаи оилаҳо на танҳо барои истеъмоли неъматҳо дар бозор (танҳо истеъмолкунанда) истифода шавад, инчунин барои истеҳсоли неъматҳои муайян низ бояд сафарбар карда шавад. Беккер Г.С. хоҷагии хонаводагиро ба «фабрикаи на он қадар калон», ки омехтакунии захираҳо, ашёи хом ва меҳнатро таъмин намуда, тозагии хона, омодакунии хӯрок ва тарбияи фарзандонро амалӣ менамояд, нисбат медиҳад [2, с.160].

Ба ақидаи мо, дар ҳар ҳолат фарқ намудани хоҷагии хонаводагӣ ва оила зарур шуморида мешавад. Новобаста аз он, ки мафҳуми хоҷагии хонаводагӣ ва оила ба ҳамдигар назидик мебошанд ва онҳо то андозае муносибатҳои хешовандиро тавсиф менамоянд, аммо на ҳама унсурҳои сохтори иҷтимоӣ, ки онҳо дар бар мегиранд, ба ҳамдигар мувофиқ мебошанд, яъне ҳудуди унсурҳои мазкур дар онҳо тафовути назаррас дорад. Оила пеш аз ҳама падидаи иҷтимоӣ, демографӣ ва равонӣ мебошад ва аъзоёни муносибатҳои оилавӣ ба якдигар нигаронида шудаанд. Арзишҳои муштараки оилавӣ тахти бархурди фарҳанг ва урфу одати намояндаҳои тарафҳо ташаккул меёбад. Хоҷагии хонаводагӣ бошад, дар навбати худ ҷабҳаҳои иқтисодии ҳаёти ҷомеаро муайян менамояд.

Хусусиятҳои асосии хоҷагии хонаводагӣ бузургии он, нерӯи молиявӣ, шумораи иштирокчиён, синну сол, сатҳи донишу малакаи онҳо, инчунин дигар аломатҳои мувофиқ маҳсуб меёбанд. Яке аз махсусиятҳои фарққунандаи хоҷагии хонаводагӣ нисбат ба оила дар он дида мешавад, ки дар ҳайати хоҷагии хонаводагӣ на танҳо хешовандон, балки, ашхоси бегона низ мавҷуданд. Новобаста аз он, ки варианти нисбатан паҳнгардидаи хоҷагиҳои хонаводагӣ дорои шумораи зиёди иштирокчиён мебошад, аммо дар баъзе ҳолатҳо хоҷагиҳои мазкур нисбат ба оила хӯрд буда, як иштирокчӣ доранд.

Хоҷагии хонаводагӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ таърихи тӯлонӣ надошта, дар ҳар кишвар ва минтақа бо назардошти таъмини шароити мустақили иқтисодии аҳолӣ пайдо гардидааст. Иқтисоди бозорӣ, ки амалкарди шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро дар назар дорад, заминаи ташаккул ва рушддиҳандаи хоҷагиҳои хонаводагӣ мебошад. Гузариши иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бозорӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ ва чараёни ташаккули институти моликияти хусусӣ, ки охири асри XX ва аввалҳои асри XXI боиси мураккаб шудани фаъолиятҳои иқтисодӣ гардида буд, аҳамият ва мубрамии таҳқиқоти илмиро дар соҳаи хоҷагии хонаводагӣ ба миён овард. Аз ин ҷост, ки дар илми иқтисодӣ мафҳуми умумиқабулшудаи «хоҷагии хонаводагӣ» то кунун вуҷуд надорад ва олимони соҳа мавқеи худро нисбати ибораи мазкур бо мазмунҳои мухталиф пешниҳод кардаанд.

Воқеан, фаҳмиши нисбатан мушаххас ва то андозае характери умумидошта, ки хоҷагии хонаводагиро ҳамчун яке аз се субъекти фаъолияти иқтисодӣ, яъне дар баробари мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, субъектҳои бахши тиҷоратии иқтисодиёт тавсиф менамояд, дар луғати муосири иқтисодӣ, зери таҳрири умумии Райзберг Б.А. оварда шудааст. Тибқи фаҳмиши пешниҳодшуда хоҷагии хонаводагӣ объектҳои иқтисодӣ ва ҷараёнҳоеро дар бар мегирад, ки шахс ва оила дар онҳо зиндагии доимӣ менамоянд [14, с.247].

Аз муқоиса ва таҳлилу омӯзиши мавқеи иқтисодчиён оид ба фаҳмиши хоҷагии хонаводагӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки инсон дар ҷаҳони дорои захираҳои маҳдуди иқтисодӣ зиндагӣ менамояд. Бинобар ин, новобаста аз он, ки фард дар кадом низоми иқтисодӣ амал мекунад, кӯшиш менамояд, то хароҷотро ба ҳадди ақҷал расонида, сатҳи даромадро афзоиш диҳад ва ба ин васила, самаранокии фаъолияташро таъмин намояд. Аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки ба натиҷаҳои фаъолият манфиати мустақим доранд, аз ин рӯ, баланд бардоштани самаранокии кори хоҷагӣ ҳадафи аввалиндараҷаи онҳо мебошад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нуқтаи назари иқтисодчиён оид ба фаҳмиши хоҷагии хонаводагӣ муайн гардида, ба низоми муайян дароварда шуд (ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1.-Мавқеи иқтисодчиён оид ба мазмуни хоҷагии хонаводагӣ**

| Муаллифон | Мавқеъ | Манбаъ |
|---|---|---|
| Азрилиян А.Н. | Хоҷагие мебошад, ки аз ҳисоби сарфаи захираҳо рӯзгузаронии аъзоёни худро таъмин менамояд. | [10, с.202]. |
| Беккер Г. С. | Хоҷагие, ки на танҳо истеъмолкунандаи неъматҳо, инчунин истеҳсолкунандаи онҳо баромад менамояд. | [2, с.160]. |
| Райзберг Б.А. | Хоҷагие мебошад, ки ҳаёт ва фаъолияти иқтисодию иҷтимоии шахс ва оиларо дар бар мегирад. | [14, с.247]. |
| Жеребин В.М., Романов А.Н. | Хоҷагие, ки аъзоёни он истиқомати муштарак ва буҷети муттаҳидкардашуда дорад. | [9, с.136]. |
| Радаев В.В. | Ҳамчун соҳаи шуғл эҳтиёҷоти аъзоёни худро ба маҳсулоти табиӣ ва хизматҳо қонеъ менамояд | [13, с.69]. |
| Бобомуродов Б.Э. | Шакли махсуси хоҷагидорӣ буда, аз як ё якчанд нафар одамоне иборат аст, ки дар як манзили истиқоматӣ, ё дар як қисмати он зиндагӣ мекунанд ва маблағҳои худро пурра ё қисман муттаҳид карда, харҷ менамоянд. | [5, с.143]. |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Дар назарияи классикии илми молиявӣ, молияи аҳолӣ ҳамчун унсури мустақили низоми молиявӣ амалан дида баромада нашудааст, аммо намояндагони неокласикҳо ба таҳқиқи рафтори иқтисодии фард танҳо дар рафти ташаккули муносибатҳои байни аъзоёни хоҷагии хонаводагӣ шуруъ кардаанд. Қаблан фард дар низоми муносибатҳои иқтисодию молиявӣ на субъекти иқтисодии дорои салоҳияти қабули қарорҳои иқтисодию молиявӣ, балки ҳамчун намояндаи ғайрифаъол дар доираи муносибатҳои мазкур нақши назарнорас дошт.

Молияи аҳолӣ ҳамчун қисми таркибии низоми молиявӣ муносибатҳои иқтисодии пулиро оид ба ташаккулёбӣ ва истифодабарии фондҳои воситаҳои пулӣ ва бо мақсади таъмини такрористеҳсоли шароити моддию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти аъзоёни ҷомеа дар бар мегирад. Молияи аҳолӣ дар сатҳи хоҷагии хонаводагӣ ва ё оилаи алоҳида ҳамчун унсури нахустини сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа баромад менамояд. Дар муқоиса ба молияи субъектҳои хоҷагидор, ки он дар бунёди молия, тақсимоти аввалия ва истифодабарии арзиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ нақши калидӣ дорад, молияи аҳолӣ дар маҷмӯи муносибатҳои молиявӣ нақши марказиро дар марҳилаҳои хотимавии ҷараёнҳои такрористеҳсолӣ, аз ҷумла марҳилаи мубодила ва истеъмолот мебозад.

Дар ташаккулёбии молияи аҳолӣ хоҷагии хонаводагӣ ва ё оилаҳо ҳамчун субъекти иқтисодӣ дида баромада мешаванд, ки аз натиҷаи фаъолияти онҳо на танҳо некуаҳволии воҳидҳои хоҷагиҳои мазкур дар алоҳидагӣ, балки сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва фаъолияти такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ба онҳо вобаста аст. Хоҷагии хонаводагӣ ва оила ҳамчун намуди асосии хоҷагидорӣ аз ҷониби як ва ё якчанд шахсиятҳо, ки зиндагии муштарак ё буҷети умумӣ доранд, пеш бурда мешавад. Аз ин ҷост, ки хоҷагии хонаводагӣ дар фарқият аз оила нисбатан мураккаб буда, метавонад дар сохтори худ на танҳо хешовандон, балки дигар ашхосро дар бар гирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон молияи аҳолӣ аз солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар то ба имрӯз дар ташаккули мақоми молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо масъалаи баҳсҳои баландшиддати соҳаҳои қонунӣ ва ҷомеаи илмӣ, балки объекти рӯзмара қарор гирифта аст. Бо назардошти ин, дар илми муосири молия то кунун фаҳмиши молияи аҳолӣ ҳамчун унсури бунёдии низоми молиявии давлат ва иҷрокунандаи нақши калидии механизми таъсиррасон ба фаъолияти иқтисодиёти миллӣ ва танзими талаботи истеъмолӣ вуҷуд надорад. Натиҷаи ҳолати ҷойдошта масъалаи баҳсҳои байни намояндагони консепсияҳои гуногуни илмӣ буда, баъзеҳо истифодабарии фаҳмиши «молияи аҳолӣ»-ро беасос ва қисмати дигар қобили қабул медонанд.

Намояндагони консепсияи тақсимотӣ молияро ҳамчун соҳаи тақсимоти муносибатҳо ва тарафдорони консепсияи такрористеҳсолӣ онро ҳамчун категорияи такрористеҳсол таъриф додаанд. Намояндагони ин консепсияҳо оид ба мавҷудияти молияи аҳолӣ нуқтаи

назари худро баён накардаанд. Аз мавқеи назарияи классикӣ молия танҳо дар ҷараёни такрористеҳсол ба вуҷуд меояд. Аммо молияи аҳолӣ маъмулан дар истеҳсоли моддӣ иштирок намекунад, дар марҳилаи тақсимот низ имконияти пайдошавӣ надорад, инчунин дар хоҷагиҳои хонаводагӣ ҷараёни такрористеҳсоли муқаррарӣ, ки дар он таҷассуми мол ва ё хизмати расонидашуда ба вуҷуд меояд, мушоҳида намешавад. Мантиқан ҷараёни такрористеҳсол танҳо барои қонеъ намудани марҳилаи истеъмолот вуҷуд дорад, чунки дар сурати дархост нашудани молҳои истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ, дигар марҳилаҳо ба монанди марҳилаи истеҳсолот, тақсимот ва мубодила маънои худро гум мекунанд. Вобаста ба ин, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маҳаки асосии муайянкунандаи ҳаҷм ва сохтори молҳои истеҳсолшуда ва хизматҳо талаботи аҳолӣ мебошад.

Иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҷараёни тақсимот, мубодила ва истеъмолот сохтори ҷараёни такрористеҳсолро тағйир медиҳад. Бинобар ин, афзалияти хоҷагиҳои хонаводагӣ ва таъсири қарорҳои онҳо ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорию давлат дар илми молия оварда шудааст.

Хоҷагиҳои хонаводагӣ асосан барои субъектҳои хоҷагидорӣ таъминкунандаи захираҳои меҳнатӣ мебошанд, ки дар иваз намудҳои гуногуни молҳо, хизмат, дороиҳои молиявӣ ва дигар арзишҳоро ба даст меоранд. Дар баробари ин, хоҷагиҳои мазкур ҳамчун субъектҳои иқтисодӣ аз натиҷаи фаъолият дар бозори меҳнат неъматҳои истеъмолӣ ва хизматҳоро ба вуҷуд оварда, ба бозори молиявӣ захираҳои самоягузорию амонатҳоро пешниҳод менамоянд, ки барои дигар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷомеа манфиатрасон буда, барои ташаккули нерӯи истеҳсолӣ мусоидат менамоянд. Оид ба ин масъала иқтисодчиёни ватанӣ Хайрзода Ш.Қ., Бобомуродов Б.Э. дар яке аз мақолаҳои илмии худ қайд менамоянд, ки «иқтидори сармоягузории пасандозҳои хонаводаҳо дар шароити барқарор намудани боварӣ ба устуворӣ ва пардохтпазирии бонкҳо манбаи асосии ташкили сармояи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва омили маблағгузории дохилӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ шуда метавонад» [17, с.84]. Инчунин дар баъзе мавридҳо хоҷагиҳои хонаводагӣ ва аъзоёни онҳо ҳамчун сармоягузорони хусусӣ дар ҷараёни ташаккулёбии нерӯи сармоягузории бахши воқеии иқтисодиёт мустақиман ширкат меварзанд.

Молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ қисми таркибии категорияи нисбатан васеи молияи аҳолӣ буда, дорои мазмун, таркиб ва сохтори муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар дохили хоҷагиҳои мазкур байни аъзоёни оила ва дар муҳити берунӣ бо дигар субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба вуҷуд меояд. Молияи хоҷагии хонаводагӣ унсури марказии хоҷагии мазкур буда, он дар шароити рушди муносибатҳои молиявии байни субъектҳои иқтисодӣ на танҳо дар доираи фаъолияти иқтисодии хоҷагии хонаводагӣ, инчунин иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дорад. Аз ин ҷост, ки иқтисодчиёни зиёде дар таҳқиқотҳои худ алоқаи хоҷагиҳои хонаводагиро ба муҳити берунӣ, яъне таъсири ин хоҷагиҳо ба иқтисоди миллӣ ва таъсири баръакси иқтисоди миллиро ба онҳо омӯхтаанд. Бо назардошти аҳамияти хоҷагиҳои хонаводагӣ дар пешрафти иқтисоди миллӣ, таҳқиқи ин хоҷагиҳо аз мавқеи дарёфти имкониятҳои рушддиҳӣ ва баланд бардоштани нақши онҳо дар иқтисодиёт мубрам арзёбӣ мегардад.

Таърифи молияи хоҷагии хонаводагиро дар асоси ақидаи гуногуни илмӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, фаҳмиши муосири он, ки хоҷагиҳои мазкурро ҳамчун субъектҳои хоҷагидории дар ҳама соҳаҳои асосии иқтисодиёт амалкунанда тавсиф менамояд, асоснок менамоем.

Барои тавсифи молияи хусусӣ ва ё ғайримарказонидашуда, ки ба аҳолӣ марбут аст, муҳаққиқон таърифҳои гуногунро истифода кардаанд, аз ҷумла: «молияи аҳолӣ» (С.Лушин, А.Ковалёв), «молияи хоҷагии хонаводагӣ» (Т.Ковалёва, Т.Матскуляк, Г.Поляк, Е.Пономоренко), «молияи хоҷагии хонаводагӣ ва соҳаи иҷтимоӣ» (А.Бабич, Л.Павлова), «молияи шаҳрванд ва оила» (В.Глушенко, И.Глушенко), «молияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» (А.Литовский, И.Шевченко), «молияи бахши истеъмолӣ» (В.Останин), «молияи шахсӣ» (В.Галанов, В.Глухов, А.Чернов, М.Яндиев), «молияи шаҳрванд» (И.Балабанов), «молияи шахсони воқеӣ» (Г.Колпакова), «молияи фардӣ» (В.Слепов, Р.Екшембиев), «селаҳои молиявии бозори истеъмолии аҳолӣ» (В.Живалов), «молияи соҳибкорони инфиродӣ» (А.Коваленко, А.Грязнова, Е.Маркина).

Маҳаққиқон мазмуни категорияи молияи хоҷагиҳои хонаводагиро аз мавқеи зарурӣ будани он дар таркиби бахши ғайримарказонидашудаи низоми молиявӣ гуногун шарҳ додаанд. Аз нигоҳи С.Барулин молияи хоҷагии хонаводагӣ маҷмӯи муносибатҳои пулиеро дар назар дорад, ки дар ҷараёни ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои молиявию даромадҳои хоҷагӣ, равандҳои таъминоти молиявии фаъолияти инфиродӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва ғайриистеҳсолӣ, истеъмолоти шахсию оилавӣ, инчунин ҷараёни баргардонии ухдадориҳои буҷетӣ ба вуҷуд меояд [1, с.554].

Категорияи «молияи шахсони воқеӣ» чун муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодии ҷомеа оид ба ташаккулёбӣ ва истифодабарии фондҳои пулии субъектҳои иқтисодии воқеӣ, яъне муносибатҳои пулии дар рафти ташаккулёбӣ ва истифодабарии фондҳои пулии шахсони воқеии оила ва наздикони он, ки дар фаъолияти иқтисодӣ иштироки фаъол ва ғайрифаъол доранд, аз ҷониби В.Д.Фетисов ва Т.В.Фетисова мавриди истифода қарор гирифтааст [16, с.158].

Аз нуқтаи назари Р.Екшембиев молияи хоҷагии хонаводагӣ ин низоми ташаккулёбӣ ва истифодабарии даромадҳои пулии гурӯҳи ашхосе мебошад, ки дар як манзил истиқомат менамоянд ва фаъолияти хоҷагиро

бо мақсади истеъмолот ва пасандозкунии муштарак пеш мебаранд [8, с.15].

Р.Дмитриева чунин меҳисобад, ки молияи хоҷагии хонаводагӣ маҷмӯи муносибатҳои пулие мебошад, ки бунёд ва истифодабарии фондҳои пулии хоҷагии хонаводагӣ ва аъзоёни алоҳидаи онро дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодиашон дар назар дорад [7, с.7].

Ба ақидаи А.Белов новобаста аз он, ки дар ҷомеаи имрӯза муносибатҳои бозорӣ ва пулӣ доман паҳн кардаанд, аммо алоқаи дохилӣ дар хоҷагии хонаводагӣ байни аъзоёни он хоси муносибатҳои иқтисодӣ набуда, як қисми алоқаи мутақобилаи шахсӣ мебошад [3, с.38].

Белозеров С.А. чунин меҳисобад, ки молияи хоҷагии хонаводагӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиро оид ба ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодабарии фондҳои воситаҳои пулӣ, ки ба хоҷагии хонаводагӣ аз ҳисоби иштирокчиёни он дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоию иқтисодиашон ворид мегарданд, дар бар мегирад [4, с.35].

Молияи хоҷагии хонаводагиро бисёре аз муаллифон ба бунёди фондҳои воситаҳои пулӣ, дороиҳои моддию ғайримоддӣ ва ухдадориҳо вобаста медонанд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон зерин ин мафҳум ташаккулёбии буҷетҳо ва даромадҳоро дар назар доранд, ки бо мақсади истеъмолоти муштарак ва андухткунӣ истифода мешаванд. Гурӯҳи сеюми муаллифон молияи хоҷагии хонаводагиро ба маҷмӯи муносибатҳои иқтисодию пулие нисбат медиҳанд, ки байни аъзоёни хоҷагии хонаводагӣ барои қонеъкунии талаботи шахсӣ ва оилавӣ дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоию иқтисодиашон ба вуҷуд меоянд.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мо, зери мафҳуми молияи хоҷагии хонаводагӣ муносибатҳое фаҳмида мешавад, ки дар рафти амали мутақобилаи аъзоёни хоҷагии мазкур, давлат ва дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва новобаста ба субъекти ин муносибатҳо бaромад карданашон ба вуҷуд меоянд [18, с.67]. Мафҳуми хоҷагии хонаводагӣ ва молияи хоҷагии хонаводагӣ, ки аз ҷониби иқтисодчиён пешниҳод карда шудааст, то андозае вобаста ба мазмун ва асосан аз унсурҳои таркибдиҳандаи он фарқ менамояд.

Муайян гардид, ки молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ ба монанди молияи давлатӣ ва молияи корхона аз қисми даромаду хароҷот иборат мебошад. Аз ин рӯ, даромадҳо ва хароҷоти хонаводаҳо низ сарчашмаҳои ташаккулёбии воситаҳо ва самтҳои истифодабарии худро доранд. (расми 1).




**Расми 1.**-Сарчашмаҳои ташаккулёбии даромадҳо ва самтҳои хароҷоти онҳо дар хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти **омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.–2022.–С.116-117.

Воқеан, фаъолиятҳои сердаромад, ки бомаротиб афзоишдиҳии даромадҳои аҳолиро таъмин менамоянд, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қисмати асосии аҳолӣ дастрас нестанд. Шумораи ками хоҷагиҳои хонаводагӣ истеҳсолоти молиро роҳандозӣ намуда, аксарияти онҳо шуғли нисбатан камдаромад доранд. Аз ин рӯ, дар шароити рушди бемайлони муносибатҳои иқтисодӣ, бунёди муҳити озоди иқтисодии шаҳрвандон, ки ба омезишҳои нави омилҳои ташаккули даромадҳои аҳолӣ оварда мерасонад, зарур мешуморем [15, с.168]. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта зарур мешуморем: а) пайвастани аҳолӣ ба фаъолиятҳои баланддаромади иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла тиҷорати хӯрд; б) истифодаи даромадҳои аҳолӣ барои ба даст овардани дороиҳои фаъол, яъне дороиҳое, ки мунтазам аҳолиро

бо даромади муайян таъмин мекунанд; в) зиёд намудани ҳиссаи молу маҳсулоти истеҳсоли хоҷагиҳои хонаводагӣ дар сохтори бозори истеъмолӣ.

Хоҷагии хонаводагӣ ҳамчун воҳиди иқтисодии низоми муносибатҳои молиявӣ аз сохтори дорои буҷетҳои шахсӣ иборат мебошад. Аз ин ҷост, ки ҳар як аъзои хонавода молияи шахсии худро дорад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми нисбатан назарраси аъзоёни хонаводаҳо дар низоми молияи хоҷагии хонаводагӣ асосан ба ду ҳолати зерин вобаста мебошад: а) на ҳама аъзоёни хоҷагиҳо, ки неруи гирифтани даромадро доранд, соҳиби даромад мебошанд; б) дар сатҳи лозимӣ рушд накардани фаъолиятҳое, ки таъмини шуғл ва даромади устувори аъзоёни оилаҳоро таъмин намоянд. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, зарур мешуморем, то рушди фаъолиятҳои иқтисодие, ки ҷиҳати афзоиши шуғл ва даромадҳои аҳолӣ мусоидат менамоянд, таъмин карда шавад. Аз нигоҳи мо, яке аз чунин намуди фаъолиятҳои бартаридоштаи иқтисоди бозорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Муҳаққиқи ватании масоили хоҷагиҳои хонаводагӣ Бобомуродов Б.Э. низ дар мақолаи илмии худ ба дастгирии фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои хонаводагӣ ишора карда, қайд менамояд, ки «азбаски рушди соҳибкории хурду миёна ба таври воқеӣ даромадҳои хонаводаҳоро зиёд мекунад, бинобар ин, татбиқи чораҳои дастгирии молиявии фаъолияти мазкур муҳим арзёбӣ мегардад» [6, с.116].

Дар низоми иқтисоди бозорӣ молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ захираи молиявии калидӣ мебошад, ки бузургии он сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва тамоюли рушди кишварро муайян менамояд. Аммо бо иллати дар сатҳи зарурӣ рушд накардани хоҷагиҳои мазкур, хусусан дар маҳалҳои деҳотнишини ҷумҳурӣ, устувории молиявии онҳо таъмин карда нашудааст. Тавре иқтисодчии ватанӣ Нурализода А.Н. қайд менамояд, «сатҳи зиндагӣ бозгуи дараҷаҳои сифатии шароити мавҷудияти инсон мебошад ва ниолгардӣ ба сифати зиндагӣ аз дастгирии давлатии соҳаҳои калидӣ вобастагии зиёд дорад» [11, с.131,133]. Вобаста ба ин, дастгирии давлатии хоҷагиҳои хонаводагиро аз тариқи фароҳам овардани шароити қарздиҳии имтиёзнок ва мусоидат ба рушди истеҳсоли молии онҳо зарур мешуморем.

Дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ ба ин афзалият ишора шудааст ва заминаҳои рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ фароҳам оварда шуда, қайд карда мешавад, ки афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ ва имкониятҳои молиявии онҳо хонаводаҳо ва табақаи миёнаро ба сатҳи сармоягузорони асосии дохилӣ мерасонад. Вобаста ба шароити фароҳамовардашуда, бо итминони комил гуфта метавонем, ки давоми даҳсолаҳои баъдӣ ҳиссаи молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар неруи молиявии ҷумҳурӣ ба таври назаррас зиёд мегардад.

**Ҳамин тавр**, маълум карда шуд, ки устувор гардонидани нақши молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мутобиқшавии аҳолӣ ба шароити иқтисоди бозорӣ, афзоиши неруи иқтисодии шаҳрвандон, баланд будани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва имкониятҳои сармоягузории пасандозҳои шахсӣ ба бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ вобаста мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқи таҳаввулоти назариявии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ хулосаю пешниҳодҳои зерин коркард шуданд:

1.Бояд дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи молия мафҳуми «молияи хоҷагии хонаводагӣ» ворид карда шавад.

2.Зарур мешуморем, ки дар барномаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барномаҳои рушди муносибатҳои молиявӣ, масъалаи рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ нишон дода шавад.

3.Муайян карда шуд, ки рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ ба фаъолнокиии аъзоёни хоҷагии мазкур вобаста мебошад, яъне ҳамон қадар иштироки аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагӣ дар фаъолиятҳои гуногуни истеҳсолию хизматрасонӣ, тиҷоратӣ, иҷрои уҳдадориҳо ва ҳатто истеъмолоти шахсию оилавӣ назаррас бошад, барои рушди молияи хоҷагиҳои мазкур бештару хубтар шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

4.Муносибатҳои молиявие, ки натиҷаи он ба манфиати аҳолӣ нигаронида мешаванд, зарурати густариш доранд. Аз ин рӯ, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди пешрафти хоҷагиҳои хонаводагӣ ва дар ин замина, фароҳам овардани шароити рушди иқтисоди миллӣ амри зарурӣ мебошад.

## Адабиёт


1.Барулин С.В. Финансы: учебник. М.: КноРус, 2010. 640 с.

2.Беккер Г. С. Человеческое поведение: экономический подход. Избранные произведения по экономической теории: пер. с англ. / Г.С. Беккер. — М.: ГУ ВШЭ, 2003. — 671 с.

3.Белов А.В. Финансы и кредит. Структура финансов рыночной экономики: курс леций. М.: ФОРУМ, 2008. – 224 с.

4.Белозеров С.А. Сущность и функции финансов домашнего хозяйства // Вестник СПбГУ. Сер. 5: Экономика. 2006. Вып. 2. С. 30–40.

5.Бобомуродов Б.Э. Масоили назариявии ташаккули захираҳои молияи хоҷагиҳои хонавода / Б.Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. 2020.-№ 1.- (21).-С. 140-147.

6.Бобомуродов Б.Э. Самтҳои дастгирӣ ва танзими давлатии устувории захираҳои молиявии хонаводаҳо / Б.Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. 2021.-№ 2.- (26).-С.112-122.

7.Дмитриева Е.А. Финансы домохозяйств: учеб. пособие. Магадан: Ин-т экономики; Кордис, 2007. – 74 с.

8.Екшембиев Р.С. Персональные финансы в финансовой системе государства / под ред. В.А. Слепова. М.: Ма гистр, 2008. – 302 с.
9.Жеребин В. М. Экономика домашних хозяйств / В. М. Жеребин, А. Н. Романов. – М.: Финансы: ЮНИТИ, 1998. – 231 с.
10.Новый экономический словарь / Под ред. А.Н.Азрилияна.-3-е изд.-М.: Институт новой экономики, 2008.- С.202.
11.Нурализода А.Н. Асосҳои назариявии сифати зиндагии аҳолии деҳот ва танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосир / А.Н. Нурализода, М.С. Назаров // Паёми молия ва иқтисод. 2022.-№ 1.- (30).-С. 127-133.
12.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.–2022.– 414 с.
13.Радаев В. В. Человек в домашнем хозяйстве / В. В. Радаев // Социологические исследования. – 1997. – № 4. – С. 64–72.
14.Райзберг Б. А. Современный экономический словарь / Б. А. Райзберг, Л. Ш. Лозовский, Е. Б. Стародубцева. – М.: Инфра-М, 2023. – 512 с.
15.Саидов Р.Н. Заминаҳои назариявии танзими даромадҳои аҳолӣ / Р.Н. Саидов // Паёми “Молия ва иқтисод”.–Душанбе.-2022.– № 1.- (30).-С.161-169.
16.Фетисов В.Д., Фетисова Т.В. Финансы и кредит: учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по специальностям экономики и управления (060000). 2-е изд., перераб. и доп. М.: ЮНИТИ-Да на, 2006. – 399 с.
17.Хайрзода Ш.Қ. Арзёбии иқтидори сармоягузории пасандозҳои хонаводаҳо дар пасманзари коҳиши эътимод ба низоми бонкӣ / Ш.Қ. Хайрзода, Б.Э. Бобомуродов // Иқтисодиёти Тоҷикистон.-Душанбе.-2021.- № 52.-С.79-90.
18. Саидмуродов, Л. Х. Стратегические ориентиры реализации экономического потенциала Республики Таджикистан / Л. Х. Саидмуродов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2017. – № 3(4). – С. 64-71. – EDN CSQOVX.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Саидов Раҷабали Назифович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Информация об автора:**
**Саидов Раджабали Назифович**-кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии *Таджикского государственного финансово-экономического университета*. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Information about the author:**
**Saidov Rajabali Nazifovich**-candidate of economic sciences, associate professor of the department of audit and revision, Tajik state finances-economy university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nakhimov 64/14. Tel: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**УДК: 336.71**

## ХАВФҲО ДАР НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ИСТЕЪМОЛӢ ВА УСУЛҲОИ БАТАНЗИМДАРОРИИ ОН

**Ҷураев Беҳзод Машрафович**
**Файзалии Сафаралӣ**

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба масъалаи рушди бемайлони бозори қарзӣ, алалхуссус қарздиҳии истеъмолӣ бахшида шудааст. Дар мақола вазъи кунунии бозори қарзӣ мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ба зариби таҷаммуъи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои низоми бонкӣ зоҳир гардидааст. Мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии соҳавии батанзимдарорандаи қарздиҳии истеъмолӣ боиси ба миён омадани хавфҳои иҷтимоӣ гардида метавонад. Афзоиши ҳиссаи қарздиҳии истеъмолӣ дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ нигаронкунанда мебошад. Паҳлуҳои мусбӣ ва манфии қарздиҳии истеъмолӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст.
**Калидвожаҳо**: низоми бонкӣ, сандуқи қарзӣ, қарзи истеъмолӣ, зариби таҷаммуъ, дороиҳои бонкӣ, хавфи иҷтимоӣ, хавфи қарзӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ.

**Барои иқтибос:**Ҷураев Б.М. Хавфҳо дар низоми қарздиҳии истеъмолӣ ва усулҳои батанзимдарории он / Б. М. Ҷураев, С. Файзалӣ // Паёми молия ва иқтисод. -2024. – № 1 (40). – С. 88-96.

## РИСКИ В СИСТЕМЕ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО КРЕДИТОВАНИЯ И СПОСОБЫ ИХ РЕГУЛИРОВАНИЯ

**Джураев Бехзод Машрафович**
**Файзалии Сафарали**

**Аннотация.** Данная статья посвящена вопросу устойчивого развития кредитного рынка, особенно потребительского кредитования. В статье анализировано современная ситуация на кредитном рынке. Основное внимание уделено соотношению совокупного кредитного портфеля в составе активов банковской системы. Отсутствие нормативного правового документа, регулирующего потребительское кредитование, может привести к возникновению социальных рисков. Вызывает беспокойство увеличение доли потребительского кредитования в составе кредитного портфеля финансово-кредитных организаций. Исследованы положительные и отрицательные стороны потребительского кредитования.
**Ключевые слова**: банковская система, кредитный портфель, потребительский кредит, коэффициент концентрации, банковские активы, социальный риск, кредитный риск, кредитно-финансовые институты.

## RISKS IN THE SYSTEM OF CONSUMER LOANS AND WAYS TO REGULATE THEM

**Juraev Behzod Mashrafovich**
**Fayzalii Safarali**

**Annotation.** This article is devoted to the issue of sustainable development of the credit market, especially consumer lending. The article analyzes the current situation in the credit market. The main attention is to the ratio of the total loans portfolio to the assets of the banking system. The absence of a regulatory legal document on consumer lending may lead to social risks. The increase in the share of consumer lending in the loan portfolio of financial and credit organizations is a cause for concern. The positive and negative aspects of consumer lending have been explored, as well.
**Key words**: banking system, loan portfolio, consumer loans, concentration ratio, banking assets, social risk, credit risk, financial institutions.

**Гузориши масъала.** Ба ҳамагон маълум аст, ки низоми бонкӣ яке аз муҳаррикҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёт ба шумор меравад. Ҷузъи асосии низоми бонкӣ ин низоми қарздиҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ қарздиҳии оқилона иқтисодиётро бо пул таъмин намуда, боиси таъмини намудани рушди босуботи иқтисодӣ мегардад. Аммо қарздиҳии ба таҳлилҳои дақиқ ва муайян накардани пардохтпазирӣ метавонад ба буҳрони иқтисодӣ оварда расонад.

Аз ин рӯ, зарурати ба танзимдарории муносибатҳои қарзӣ, алалхусус қарздиҳии истеъмолӣ тақозои замон аст. Солҳои охир ҳиссаи қарздиҳии истеъмолӣ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ босуръат афзуда истодааст. Муқаррар накардани меъёри муайяни ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ метавонад ба оқибатҳои ногувор оварда расонад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Роҷеъ ба масъалаи қарздиҳӣ ва нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ҳамзамон идоракунии хавфи қарзӣ мақолаҳои зиёд навишта шудааст. Аз ҷумла, мақолаҳои илмӣ аз ҷониби як қатор олимони шинохтаи ватанӣ: Саидмуродов Л.Ҳ., Умаров Х.У., Султонов З., Шариф Раҳимзода, Шарипов Б.М., Ҳикматов У.С. Раҷабов Р.К., Ниёзов М.А. ва Сайфуров ба масъалаҳои низоми қарздиҳӣ ва муаммоҳои дар ин самт ҷой дошта бахшида шудаанд.

Раҷабов Р.К. қайд менамоянд, ки «..хавф - ин эҳтимоли пайдо шудани зарар ва ё нагирифтани даромадҳо дар муқоиса бо варианти пешгӯишаванда мебошад» [2].

Дар мисоли низоми бонкии ватанӣ, бо назардошти он, ки ҳиссаи қарздиҳӣ дар таркиби амалиёти бонкӣ назаррас мебошад, хавфи асосӣ барои низом пеш аз ҳама хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Хавфи қарзӣ – ин эҳтимоли зиён дидани ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи аз ҷониби қарзгиранда дар муҳлати тибқи шартномаи қарзӣ муқарраргардида, иҷро нагардидани уҳдадориҳо оид ба қарзи гирифтааш мебошад.

**Мақсади мақола** муайян намудани нақши қарздиҳии истеъмолӣ дар низоми бонкӣ, алалхусус дар таркиби сандуқи қарзии низом. Асоснок намудани

таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии соҳавии батанзимдарории қарздиҳии истеъмолӣ. Дар ҳолати муқаррар накардани меъёр нисбат ба ҳиссаи қарзи истеъмолӣ дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ метавонад ба аз ҳад зиёд қарздиҳӣ дар ин самт ва дар ҳолати бухронҳои молиявӣ ва якбора коста гардидани пардохтпазирии қарзгирандагон ба бухрони ғайричашмдошти бонкӣ оварда расонад.

Аз ин рӯ, муайян намоӣ ва пешгирии хавфи қарзҳои истеъмолӣ масъалаи мубрами рӯз боқи мемонад.

**Муҳтавои асосии асосии мақола.** Моҳияти «хавф»-ро ҳамчун эҳтимоли таҳдиди ҳодисаи номатлуб муайян кардан мумкин аст, ки метавонад боиси талафоти гуногуни дар фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ гардад. Хавф ҳамчун ҳодиса дар фаъолияти ҳаррӯзаи мо ҷой дорад, онро пурра нест кардан ғайриимкон аст, аммо пешгирӣ ва ё то андозае паст кардани он имконпазир аст.

Хавфҳо дар фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидорӣ, новобаста аз намуди фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, таҳлил, назорат ва ҷустуҷуи роҳҳои мувофиқи ҳалли худро дар соҳаи идоракунӣ тақозо менамояд.

Мафҳуми «хавф» бо мафҳуми «эҳтимол» робитаи ҷудонашаванда дорад. Чунки хавф хосияти эҳтимолӣ дошта, онро пешакӣ ба таври аниқ муайян кардани фаросии ин ё он ҳодиса имконнопазир буда, вале эҳтимол наметавонад муайянкунандаи хавф бошад.

Ҳамзамон мафҳуми «хавф» бо мафҳуми «фоида» низ аз ҳам вобастагӣ доранд. Аз ҷумла, ин алоқамандиро асосгузори иқтисодиёти класикӣ Адам Смит дар китоби худ «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» қайд намудааст: «ҳатто ба даст овардани меъёрҳои муқаррарии фоида ҳамеша бо хафви калон ё хурд алоқаманд аст» [1].

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба хавфи андозӣ ва низоми идоракунии хавфҳои андозӣ чунин қайд карда шудааст: “Хавф - эҳтимолияти пурра ё қисман иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз), ки метавонад боиси ворид нашудани маблағҳо ба буҷети давлатӣ гардад” [5].

Яъне хавф ин ҳодисае мебошад, ки бевосита ба фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир мерасонад ва дарёфти роҳҳои бартараф ва паст намудани он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи хоҷагидор ба ҳисоб меравад.

Хавф вобаста ба шакли фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкилию ҳуқуқии субъекти хоҷагидорӣ гуногун буда метавонад. Аз ҷумла, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ як қатор хавфҳое, мавҷуд ҳастанд, ки пешгирӣ ва идоракунии онҳо бевосита ба худи ташкилоти қарзӣ, ба тамоми қишрҳои ҷомеа ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсир расонида метавонад.

Масъалае, ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор мегирад ин хавфи қарзҳои истеъмолӣ мебошад.

Чи тавре ки қайд кардем, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ хавфҳои гуногун мавҷуд ҳастанд, аз ҷумла:

- ✓ Хавфи пардохтпазирӣ;
- ✓ Хавфи амалиётӣ;
- ✓ Хавфи асъорӣ;
- ✓ Хавфи қарзӣ;
- ✓ Хавфи идоракунии корпоративӣ;

Дар мисоли низоми бонкии ватанӣ, бо назардошти он, ки ҳиссаи қарздиҳӣ дар таркиби амалиёти бонкӣ назаррас мебошад, хавфи асосӣ барои онҳо пеш аз ҳама хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Хавфи қарзӣ – ин эҳтимоли зиён дидани ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи аз ҷониби қарзгиранда дар мухлати тибқи шартномаи қарзӣ муқарраргардида, иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо оид ба қарзи гирифтааш мебошад.

Чӣ қадаре ки дар таркиби сохтори дороиҳои бонкӣ ҳиссаи маблағгузориҳои хавфнок баланд бошад, ҳамон қадар бозоргирии он пасттар мегардад.

Барои таҳлили сохтори дороиҳои бонкӣ шаклҳои гуногуни гурӯҳбандии бандҳои дороиҳои бонкӣ истифода мегарданд. Дар диди умум, аз руйи моҳияти мантиқӣ ва вобаста ба дараҷаи хавф дороиҳои бонкиро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

1. Хазина, суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон – маблағҳои дар хазина, дар суратҳисобҳои муросилотӣ буда;
2. Маблағҳо дар ташкилотҳои қарзӣ - ҷойгиркуниҳои мухлатнок, бақияи дар ҳисобҳои Ностро дар бонкҳои корреспондентӣ;
3. Сандуқи қарзӣ – қарзҳои додашуда, овердрафт;
4. Коғазҳои қимматноки маблағгузоришуда;
5. Воситаҳои асосӣ;
6. Дигар дороиҳо.

Дар умум дороиҳои дорои хавфи баланд дошта ин сандуқи қарзӣ, коғазҳои қимматнок ва маблағҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб мераванд.

**Ҷадвали 1. Ҳиссаи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар таркиби дороиҳои низом дар маҷмуъ дар солҳои 2018-2023**

| Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои низоми бонкӣ дар солҳои 2018-2023 |
|---|

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми дороиҳои бонкӣ (млн.сомонӣ) | 21 201.0 | 21 975.8 | 26 307.4 | 22 414.7 | 30 030.7 | 37 679.5 |
| Суръати афзоиши дороиҳои бонкӣ (бо %) | 5.23% | 3.7% | 19.7% | -14.8% | 33.9% | 25.5% |
| Бақияи сандуқи қарзӣ (млн.сомонӣ) | 8 677.2 | 9 703.2 | 10 882.5 | 11 970.4 | 13 577.6 | 17 844.8 |
| Суръати афзоиши бақияи сандуқи қарзӣ (бо %) | 14,9% | 11.8% | 12.2% | 10.00% | 13.4% | 31.4% |
| Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои бонкӣ (бо %) | 40.93% | 44.15% | 41.37% | 53.40% | 45.21% | 47.36% |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php -

Маълумотҳои ҷадвал шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳаҷми дороиҳои бонкӣ дар 6 соли охир пайваста тамоюли афзоишро доранд, ба истисноӣ соли 2021, ки дар натиҷаи таъсири бемории COVID -2019 ва аз ҳисоби гаравҳои гирифташуда барои бозфурӯш ва коғазҳои қиматноки бонкҳои мушкилидошта (ҶСК “Агроинвестбонк ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) коҳиш ёфтаанд. Ба ҳисоби миёна суръати афзоиши дороиҳои низоми бонкӣ дар давраи таҳлилшаванда 12% ташкил дода, дар соли 2023 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 қариб 78% зиёд шудааст, ки ин нишондиҳандаи хуб мебошад.

Бояд ба назар гирифт, ки байни шумораи иштирокчиёни бозори қарзӣ ва рушди иқтисодиёт вобастагӣ ҷой дорад. Аз ин лиҳоз, зиёдшавии шумораи иштирокчиёни бозори қарзӣ бевосита ба таъсисдиҳии ҷойҳои нави корӣ, паст шудани сатҳи камбизоатӣ ва ғайраҳо таъсир расонида метавонад [4]. .

Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ низ тамоюли афзоишро дошта, суръати миёнаи афзоиши ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилшаванда 15,6% ташкил дода, дар соли 2023 нисбат ба соли 2018 зиёда аз 105% афзоиш ёфтааст. Бо боварӣ метавон гуфт, ки агар мушкилии пешомадаи бемории COVID-2019 ва бонкҳои мушкилидошта (ҶСК “Агроинвестбонк ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) ҷой намедоштанд, ин нишондиҳанда боз афзоиш меёфт.

Ҳиссаи бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии низоми бонкӣ дар таркиби дороиҳои низом дар давраи таҳлилшаванда қариб, ки ҳамасола ба таври ҷиддӣ тағйир наёфта, дар доираи 45,4%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз ба таври кофӣ бо қарздиҳӣ машғул набудани ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ин нишондиҳанда дар маҷмуъ дар низом гирифта шудааст ва ба таври алоҳидагӣ ба фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзӣ рабт надорад. Чунки дар таҳлилҳои минбаъда мебинем, ки ҳастанд ташкилотҳои қарзие, ки бевосита фаъолона бо қарздиҳӣ машғул ҳастанд ва ҳам ҳастанд ташкилотҳои қарзии молиявие, ки навташкилбуда, дар раванди ба роҳмонии амалиёти қарздиҳӣ ҳастанд ва ё ба дигар амалиёти бонкӣ, аз қабили амалиёти асъорӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ такя мекунанд.

**Ҷадвали 2. Ҳиссаи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар таркиби дороиҳои онҳо дар алоҳидагӣ дар соли 2023**

| | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ | Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ) | Сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ) | Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳо (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП "Бонки Арванд" | 1205.0 | 960.6 | 80% |
| 2 | ТАҚХ "ФИНКА" | 387.3 | 308.3 | 80% |
| 3 | ТАҚХ "Имон интернешнл" | 1894.0 | 1485.6 | 78% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | ТАҚХ "Фурӯз" | 145.5 | 103.6 | 71% |
| 5 | ТАҚХ "Ҳумо" | 1622.2 | 1153.7 | 71% |
| 6 | ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 1175.1 | 684.2 | 58% |
| 7 | ТАҚХ "Матин" | 134.5 | 74.2 | 55% |
| 8 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 5678.3 | 3018.5 | 53% |
| 9 | ҶСК "Тавҳидбонк" | 243.6 | 129.4 | 53% |
| 10 | КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 784.8 | 389.7 | 50% |
| 11 | ҶСП "Спитаменбонк" | 1782.1 | 877.5 | 49% |
| 12 | ҶСК "Алифбонк" | 1339.8 | 532.2 | 40% |
| 13 | ҶСП "Коммерсбонки Тоҷикистон | 1613.8 | 617.7 | 38% |
| 14 | ҶСК "Ориёнбонк" | 5287.3 | 2008.4 | 38% |
| 15 | КВД БДА ҶТ "Амонатбонк" | 7579.3 | 1756.4 | 23% |
| 16 | ҶСП "Бонки Байналмилалии Тоҷикистон" | 2573.3 | 573.6 | 22% |
| 17 | ҶСП "Душанбе сити Бонк" | 1823.9 | 108.9 | 6% |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон - https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/

Сабаби дар фаъолияти ташкилоти қарзӣ хавфи асосӣ хавфи қарзӣ ба ҳисоб рафтанаш дар он аст, ки қисми асосии дороиҳои ташкилотҳои қарзиро маҳз сандуқи қарзӣ ташкил медиҳанд. Маълумотҳои ҷадвали 2 ин гуфтаҳоро собит месозанд.

Дар таркиби дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ зиёд будани сандуқи қарзӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳиссаи асосии дороиҳоро дороиҳои даромадоварданда ташкил дода, ташкилоти қарзӣ асосан бо қарздиҳӣ машғул аст. Ба таркиби дороиҳои даромадоваранда дохил мешаванд: қарзҳои бонкӣ, маблағҳои дар суратҳисоббуда, ҷойгиркуниҳои муҳлатнок ва ғайраҳо.

Дар навбати худ зиёд будани сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳо бевосита хавфҳои муайянеро доранд, ки аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ бомаҳорат идоракунии онҳоро тақозо менамояд. Агар сандуқи қарзӣ қолабӣ бошад, хавфе ҷой надорад, аммо дар ҳолати зиёд шудани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ бевосита хавфи барнагаштани қарзҳо зиёд мешаванд ва ташкилкунии ФПТИ боиси хароҷоти иловагӣ ба ташкилоти қарзӣ мегардад.

Нишондиҳандаи ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар тавозуни бонк имкон медиҳад, ки муайян карда шавад, ки то кадом андоза фаъолияти бонк дар самти сафарбаркунии маблағҳо дар шакли қарз ба бозори сармояи қарзӣ равона карда шудааст.

Афзоиши ин ҳисса аз болоравии муҳимияти фаъолияти бонк дар самти қарздиҳӣ ва ҳамзамон аз эҳтимолияти афзоиши хавфи қарзӣ шаҳодат дода, ифодакунандаи то чӣ андоза дороиҳои бонкӣ ба бозори қарзӣ нигаронида ва ё муттамарказонида шудаанд, мебошад. Ин нишондиҳандаро зариби таҷаммуъ (коэфициент концентрации) низ меноманд.

Чи тавре, ки аз таҳлилҳо мебинем зариби таҷаммуъ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ то ба 80% расидааст, ки ин бо паст будани сатҳи даромаднокӣ ва баланд будани сатҳи хавфҳои дигар амалиётҳои фаъол вобаста мебошад. Аммо ин на ба ҳама ташкилотҳои қарзӣ таалуқ дорад, чунки дар як қатор ташкилотҳои қарзӣ гарчанде зариби таҷаммуъ камтар аз 50% бошанд, ҳам аммо, онҳо ҷиҳати ба роҳ мондани хизматрасониҳои фосилавӣ руй ба хизматрасониҳои кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ овардаанд.

Хавфи барнагаштани қарзҳо аз намуд ва шартҳои пешниҳод қарз вобастагии калон дорад. Айни замон дар ҷумҳурӣ ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади ҷалби бештари муштариён шакл ва намудҳои гуногуни қарзҳоро бо шартҳои нисбатан осон ва дастрас пешниҳод намуда истодаанд. Аз ҷумла, шакли аз ҳама маъмули пешниҳоди қарз ин қарзҳои истеъмолӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки қарзҳои истеъмолӣ аз як тараф мушкилоти шахсони воқеиро дар шакли сарфаи вақт, ҳуҷҷатгузории кам, ҷадвали мусоиди баргардонидани қарз ва ғайраҳо ҳал менамояд, аммо, аз тарафи дигар, ин гуна рафтор боиси фориғболӣ ва бемасъулиятии қарзгирандагон гашта, хавфи барнагаштани қарзҳоро зиёд намуда, боиси хавфи иҷтимоӣ гардида метавонад.

Қарздиҳии истеъмолӣ барои кишвари мо як падидаи нисбатан нави бомаром рушдёбандаи соҳаи хизматрасонии бонкӣ мебошад. Барои бомаром рушд ёфтани ин намуди қарз дар ҷумҳурии мо ва дар тамоми ҷаҳон ба ҳам пайвастани манфиатҳои се тарафи дар он иштироккунанда сабаб гаштааст. (I) Аз як тараф, он

сабагор шуд, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ шакли нави маҳсулотро пешниҳод намоянд, то ин ки доираи муштариёни худро васеъ намоянд. (II) Аз тарафи дигар, ширкатҳои савдо, сохтмон ва дигар ширкатҳо имконият пайдо менамоянд, ки бо ёрии ин маҳсулоти бонкӣ доираи харидорони эхтимолии худро, ки маблағи кифоя барои пардохти зуд ва якдафъаинаи мол ва хизматрасонӣ надоранд, зиёд намоянд. (III) Ва нихоятан, қарзи истеъмолӣ имкон фароҳам меорад, ки талаботи аҳолиро ҷиҳати бетаъхир ба даст овардани моли зарурӣ бе ҷамъ намудани маблағи зарурӣ, қонеъ гардонад. Ба шарофати манфиати мутақобилаи қарздиҳанда, фурӯшанда ва истеъмолкунанда, қарздиҳии истеъмолӣ ба технологияи пешбари маблағгузории харид ва хизматрасонӣ табдил ёфта, иқтидори бозорро ба таври назаррас фаррох менамояд.

Дар даҳсолаи дуюми асри XXI мавҷуд набудани заминаи кофии батанзимдарории ҳуқуқии меъёрӣ инчунин, таҷрибаи ташкилотҳои қарзии ватанӣ дар бозори навташаккулёбандаи қарзи истеъмолӣ ва ҷустуҷӯи фаъолонаи роҳҳои ҳалли масъалаи мазкур ба натиҷаҳои мусбӣ оварда расониданд, аз ҷумла: доираи ҷуғрофӣ ва шаклҳои қарзҳои истеъмолӣ пай дар пай фаррох гардида, фоизи қарзҳо паст ва шартҳои қарздиҳӣ соддагардонида шуданд.

Ба таври назаррас афзудани аҳамияти қарздиҳии истеъмолӣ дар солҳои охир, ки дар заминаи мавҷуд набудани консепсияи ягонаи танзими ҳуқуқии ин соҳа, инчунин консепсияҳои ҳамшафат ба вуҷуд омадаанд, нигарондкунанда мебошад, дар ҳоле ки рӯйхати масъалаҳои ҳалталаб дар ин ҷода афзуда истодаанд.

Қарздиҳии истеъмолӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 2010 оғоз гардида, кӯшишҳои ба танзимдарории қонунгузорӣ дар ин соҳа дар солҳои 2015 қабул шуда буданд ва то ҳол идома доранд.

Боиси қайд аст, ки моҳи декабри соли 2022 бо Қарори №157 Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон Дастурамали №255 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” тасдиқ гардида, 9 феврали соли 2023 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, аммо санади мазкур умумимеъёрӣ буда, дар маҷмуъ барои батанзимдарории қарздиҳӣ равона гардидааст [6].

Дар баробари ин, танҳо қонунгузории муассир, ки дар асоси мушаххасоти дақиқи заминаи меъёрӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки манфиатҳои молиявии тарафҳоро аз ҳолатҳое, ки дар натиҷаи аз иҷрои қасдан ё маҷбурӣ саркашӣ кардан аз иҷрои уҳдадориҳояшон аз руйи шартномаи қарзи истеъмолӣ ба вуҷуд омадаанд, зуд ва бо хароҷоти камтарин дар суд ҳифз намояд.

Аз ин рӯ, имрӯз зарурат ба миён омадаст, ки санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи соҳавӣ “Дар бораи қарзи истеъмолӣ” таҳия ва тасдиқ карда шавад, то ин ки тамоми паҳлуҳои нозуки масъалаи мазкурро ба танзим дарорад. Ҳадафҳои ин ҳуҷҷат ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қарзгирандагон ва қарздиҳандагон, таҳкими эътимод ба низоми бонкии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани устувории низоми молиявӣ ва фароҳам овардани шароит барои пешгирии рақобати носолим дар соҳаи қарз додан ба истеъмолкунандагон мебошад. Масъалаи аввалиндараҷа дар ин руйхат аз лиҳози хуқуқӣ ҳимоя намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои қарзӣ, тасдиқи дуҷонибаи ҷавобгарии тарафҳо ҳангоми риоя нагардидани шартҳои шартнома, мукаммалгардонии амалиёти бюрои қарзӣ оид ба ҷамъоварии маълумот оид ба қарзгирандагон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, дар доираи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур бояд ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ меъёри муайяни ҳиссаи қарздиҳии истеъмолӣ дар сандуқи қарзӣ муқаррар карда шавад. Таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар доираи 30-50% нигоҳ дошта мешавад.

Маълумотҳои оморӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳаҷми қарздиҳии истеъмолӣ, алалхусус ба шахсони воқеӣ дар ҷумҳурӣ афзуда истодааст.

**Ҷадвали 3. Ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар солҳои 2019-2023 (млн. сомонӣ)**

| | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давра | 7 665 | 8 904 | 11 650 | 14 382 | 18 991 |
| аз ҷумла: | | | | | |
| Бақияи қарзҳои хурди додашуда | 4 810 | 6 251 | 9 26 3 | 10 527 | 13 586 |
| аз ҷумла: | | | | | |
| **Қарзҳои истеъмолӣ** | **1 983** | **2 829** | **4 492** | **5 985** | **8 232** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бо %) | 25.9% | 31.8% | 38.6% | 41.6% | 43.3% |
| Ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби қарзҳои хурди додашудаи низом (бо %) | 41.2% | 45.2% | 48.5% | 56.9% | 60.6% |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Бюлетени омори бонкӣ барои солҳои 2019-2023- https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php

Маълумотҳои ҷадвали 3 шаҳодат аз он медиҳанд, ки бозори қарздиҳӣ дар ҷумҳурӣ нигоҳ накарда ба ҷолишҳои сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, омилҳои беруна, бемории COVID, муфлисшавии як қатор бонкҳои ватанӣ ва ғайраҳо дар солҳои охир тамоюли бемайлони рушдро дорост. Танҳо дар соли 2023 ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ зиёда аз 18,9 млрд. сомонӣ қарз додаанд, ки ин нисбат ба соли 2019 қариб 2,5 маротиба зиёд буда, афзоиши миёнасолона дар давраи таҳлилшаванда 23,3% ташкил медиҳад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки афзоиши мунтазами қарздиҳӣ боиси таъмин гардидани иқтисодиёт бо пул гардида, ҳамчун мултипликатор барои рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад [3].

Аммо дар ҷадвали 3 нигаронкунанда он аст, ки дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи қарзҳои хурд, аз ҷумла қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби қарзҳои додашуда пайваста афзуда истодааст. Дар соли 2023 қариб 71,5% қарзҳои додашудаи низоми бонкиро қарзҳои хурд ташкил мекарданд. Танҳо соли 2023 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 13,5 млрд. сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки ин нисбат ба соли 2019 қариб 2,83 маротиба зиёд буда, суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои хурд дар давраи таҳлилшаванда 29,3% ташкил мекунад, ки он нисбат ба суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои додашуда дар маҷмуъ 6,0 банди фоизӣ зиёдтар мебошад.

Дар навбати худ, ҳиссаи асосиро дар таркиби қарзҳои хурд қарзҳои истеъмолӣ ташкил медиҳанд, ки он низ сол то сол тамоюли афзоишро дорад. Агар дар соли 2019 ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 25,9% ва дар таркиби қарзҳои хурди додашуда 41,2% ташкил карда бошад, пас дар соли 2023 ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 43,3% ва дар таркиби қарзҳои хурди додашуда 60,6%-ро ташкил намудааст. Суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои истеъмолӣ дар панҷ соли охир 43,9% ташкил медиҳад. Чунин бо суръат афзоиш ёфтани қарздиҳии истеъмолӣ ҳам паҳлуи мусбӣ ва ҳам паҳлуи манфӣ дорад.

Паҳлуҳои мусбӣ дар он аст, ки:

- ✓ Дастрасии истеъмолкунандагон ба захира ва ё манбаъҳои молиявӣ, ки дар акси ҳол барои аксари онҳо дастнорасанд, муҳайё мегардад;
- ✓ Имконияти истеъмолии аҳолиро зиёд намуда, боиси фаъол гардидани тиҷорат ва ғанӣ гардидани буҷет мегардад;
- ✓ Шартҳои соддаву осон ва фоизҳои нисбатан рақобатпазири қарзи истеъмолӣ ба истеъмолкунандагон имконияти дар доираи зарфиятҳои буҷавии худ интихоб намудани нақша ва давраҳои пардохтии мухталифро фароҳам меоранд;
- ✓ Барои ба роҳ мондани таърихи қарзии мизоҷон низ қарзҳои истеъмолӣ ҳамчун яке аз маҳсулотҳои маъмулӣ низоми бонкӣ мусоидат менамоянд.

Паҳлуҳои манфӣ дар он аст, ки:

- ✓ Пеш аз ҳама қарздиҳии истеъмолии аз ҳад зиёд метавонад ба хавфи иҷтимоӣ дар ҷомеа оварда расонад. Бо назардошти дар сатҳи кофӣ набудани маърифати молиявии аҳолӣ, онҳо бе таҳлили дақиқ ва бе назардошти даромадҳои дар оянда ба дастмеовардаашон, қарзҳои истеъмолиро мегиранд ва ҳангоми сари вақт пардохт карда натавонистани он нисбат ба низоми бонкӣ норозигӣ ба миён меояд;
- ✓ Фоизҳои гарони (баланди) қарз, ки баъзан ба сатҳи даромад ва ё буҷаи истеъмолкунандагон рост намеояд;
- ✓ Хавфи дефолт ва ё муфлисшавӣ, ки ба бад шудани таърихи қарзии истеъмолкунандагон ва ё андешидани чораҳои таъсиррасон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ нисбати истеъмолкунанда оварда мерасонад;
- ✓ Таваррум ва таҷаммуи қарзӣ, ки ба зиёд шудани хавфҳои низоми молиявӣ дар натиҷаи таъсири назарраси омилҳои макроиқтисодӣ ба бӯҳрон оварда мерасонад;
- ✓ Таъсири манфии пардохтҳои фоизҳои зиёд дар давраи кутоҳмуддат ва таъйини ҷаримаҳои зиёд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми батаъхир афтодани партохти қарзҳои истеъмолӣ, ки ба оқибатҳои ногувори молиявӣ оварда мерасонад.

Табиист, ки сохтори соҳавии таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии кишвар тақрибан сохтори

соҳавии иқтисодиёти кишварҳоро бозгу менамояд. Бинобар ин, бо дарназардошти сохтор ва ҳолатҳои фарққунандаи иқтисодии кишварҳои ҷаҳон, ягон меъёри ягонаи қабулшудаи ҷаҳонӣ вобаста ба қарзҳои истеъмолӣ айни ҳол вуҷуд надорад. Новобаста аз ин, бояд қайд намуд, ки дар бисёре аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон лимитҳо ва ё худ меъёрҳои хавфи таҷаммуъ вобаста ба ҳолати иқтисодӣ, устувории молиявӣ-иқтисодии кишвар ва дараҷаи хавфпазирии танзимгари соҳа (маъмулан бонкҳои марказӣ) ҳудудҳо ва ё худ лимитҳои хавфи таҷаммуъро дар соҳаҳои иқтисодиёт муайян карда, бо ин роҳ сиёсатҳои макропруденсиалии худро ҷиҳати нигоҳдошти суботи молиявӣ пеш мебаранд.

Дар аксар давлатҳои пешрафтаи Аврупо ва Америкаи Шимолӣ меъёрҳо ва ё худ ҳадди ниҳоии қарзҳо вобаста ба даромад ва ё нишондиҳандаи сарбории (гаронии) қарз муқаррар шудаанд, ки шояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имконияти ҷорӣ намудани чунин меъёрҳо фаро расида бошад. Аз ҷумла, дар Федератсияи Русия аллакай чунин меъёрҳои макропруденсиалӣ ҷорӣ буда, дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар раванди амалишавӣ қарор дорад.

Якчанд методҳои муайян намудани сатҳ ва ё меъёри имконпазири қарзҳои истеъмолӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла мустақим ва ғайримустақим тавассути фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ:

- ✓ Тавассути гузаронидани стресс-тестҳо;
- ✓ Дар асоси нишондиҳандаҳои таърихӣ ва дар муқоиса бо давлатҳои минтақа ва ҳаммонанд;
- ✓ Дар асоси нишондиҳандаҳо ва сиёсати макроиқтисодӣ;
- ✓ Дар асоси гузаронидани таҳлилҳои эмпирикӣ-сенариявӣ;
- ✓ Инчунин, дар алоҳидагӣ дар худи ташкилотҳои қарзӣ ба роҳ мондани чунин меъёрҳо мустақиман дар мувофиқа бо танзимгари соҳа.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, танзимгари соҳа Бонки миллии Тоҷикистон шояд, нисбат ба аз ҳад зиёд афзоиш ёфтани қарздиҳии истеъмолӣ нигаронӣ намуда, меъёри муайяни ҳиссаи қарздиҳии истеъмолӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзиро муқаррар намояд.

Ҳамзамон, ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба сиёсати идоракунии хавфҳо ва афзалиятҳои ба даст овардани фоидаи молиявӣ метавонанд, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт ва тавсияҳои муаллифон ва коршиносони соҳа ба маврид истифода баранд.

## АДАБИЁТ


1. А. Смит  Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Наука. 1993. – саҳ. 572
2. Раджабов Р.К. Финансовый менеджмент. - Душанбе: ТТУ. - 1998. – саҳ. 87
3. Ҷураев Б.М. Фаъолияти бонкӣ (китоби дарсӣ), Душанбе 2014.- 456 саҳ.
4. Ҷураев Б.М., Абдулқайси С. Ташаккулёбӣ ва рушди бозори қарзҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Иқтисодиёти Тоҷикистон, 2018, №4 саҳ.104-112
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021. –саҳ. 93
6. Дастурамали №255 «Дар бораи  тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” 30 декабри соли 2022
7. https://nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php -сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Ҷураев Беҳзод Машрафович** – н.и.и., дотсент, сардори шуъбаи таҳлил ва ҷалби маблағгузории ФҚХ “Фонди бозтамвил”. Суроға 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Истаравшан 18, телефон: 433 777 779, E-mail : bjuraev@rund.tj

**Файзалии Сафаралӣ** – сардори шуъбаи маъмурии ФҚХ “Фонди бозтамвил”. Суроға 735140 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Истаравшан 18, телефон: 433 777 770, E-mail: f.safarali@rfund.tj

**Сведение об авторах:**

**Джураев Бехзод Машрафович** - к.э.н., доцент, начальник отдела анализа и привлечения инвестиции МКФ «Фонд рефинансирования». Адрес: 735140, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Истаравшан 18, телефон: 433 777 779,    E-mail : bjuraev@rund.tj

**Файзалии Сафарали** – начальник административного отдела МКФ «Фонд рефинансирования». Адрес: 735140, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Истаравшан 18, телефон: 433 777 770, E-mail: f.safarali@rfund.tj

**Information about the authors:**

**Juraev Behzod Mashrafovich -** c.e.s. Ph.D., Associate Professor, Head of analysis and investment attraction department MCF “Refinancing Fund” Address: 735140, Tajikistan, Dushanbe, st. Istaravshan 18. Tel: 433 777 779, E-mail: bjuraev@rund.tj

**Fayzalii Safarali** - Head of administrative department MCF "Refinancing Fund" Address: 735140, Tajikistan, Dushanbe, st. Istaravshan 18. Tel: 433 777 770, E-mail: f.safarali@rfund.tj

**УДК: 339.727.22**

## САРМОЯГУЗОРӢ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ИҚТИСОДӢ ВА МАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ КАФОЛАТИ ҲУҚУҚҲОИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ

**Саидов Қиёмиддин Тағоймуродович**

**Аннотатсия**. Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим, яъне масъалаи сармоягузории хориҷӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии пешниҳоди кафолатҳо ба сармоягузорони хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақолаи муаллиф ҳам меъёрҳои миллии қонунгузорӣ ва ҳам меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи кафолати ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ инъикос гардидаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз омилҳои асосии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ин пеш аз ҳама пешниҳоди кафолатҳо ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар мақола асоснок гардидааст, ки сармоягузориҳои хориҷӣ яке аз самтҳои муҳим дар инкишофи иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта метавонанд боиси рушди иқтисодӣ ва баландшавии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии давлат гарданд.

**Калидвожаҳо:** сармоягузории хориҷӣ, кафолатҳои сармоягузорон, иқтисодиёт, рушди иқтисодӣ, кишварҳои қабулкунанда, меъёрҳои ҳуқуқӣ, давлат, танзими сармоягузорӣ.

**Барои иқтибос:** Саидов Қ.Т. Сармоягузорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва манбаҳои ҳуқуқии танзими кафолати ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ / Қ.Т. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 96-101.

## ИНВЕСТИЦИИ КАК ЭКОНОМИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ И ПРАВОВЫЕ ИСТОЧНИКИ РЕГУЛИРОВАНИЯ ГАРАНТИЙ ПРАВ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТОРОВ

**Саидов Киёмиддин Тагоймуродович**

**Аннотация**. В данной статье рассматривается один из актуальных и важных вопросов, а именно вопрос иностранных инвестиций и правовых источников предоставления гарантий иностранным инвесторам. В статье автора отражены как национальное законодательство, так и нормы международных договоров как источник гарантирования прав иностранных инвесторов. Автор отмечает, что одним из основных факторов привлечения иностранных инвестиций в национальную экономику является обеспечение гарантий и защиты прав и интересов иностранных инвесторов. Также в статье обосновано, что иностранные инвестиции считаются одним из важных направлений развития национальной экономики и могут привести к экономическому развитию и увеличению макроэкономических показателей государства.

**Ключевые слова:** иностранные инвестиции, гарантии инвесторов, экономика, экономическое развитие, страны реципиенты, правовые нормы, государство, инвестиционное регулирование.

## INVESTMENTS AS AN ECONOMIC CATEGORY AND LEGAL SOURCES OF REGULATION OF GUARANTEES OF THE RIGHTS OF FOREIGN INVESTORS

**Saidov Qiyomiddin Tagoymurodovich**

**Annotation**. This article discusses one of the current and important issues, namely the issue of foreign investment and legal sources of providing guarantees to foreign investors. The author's article reflects both national legislation and the norms of international treaties as a source of guaranteeing the rights of foreign investors. The author notes that one of the main factors in attracting foreign investment into the national economy is to ensure guarantees and protection of the rights and interests of foreign investors. The article also substantiates that foreign investment is considered one of the important areas of development of the national economy and can lead to economic development and an increase in the macroeconomic indicators of the state.

**Key words:** foreign investment, investor guarantees, economy, economic development, recipient countries, legal norms, state, investment regulation.

**Гузориши масъала.** Яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодии давлатҳо дар баробари сармоягузориҳои миллӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ низ ба ҳисоб меравconfigured, ки аз ҷониби кишварҳои қабулкунанда ҷалб карда мешаванд. Аз ин сабаб, давлатҳое, ки сармояи хориҷиро қабул мекунанд, бояд кафолатҳои дахлдори ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии сармоягузорони хориҷӣ, инчунин механизмҳои дахлдори ҳуқуқии татбиқи онҳоро, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат менамоянд, таъмин намоянд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявию амалии рушди хизматрасониҳои логистикию нақлётии дар таълифоти илмии иқтисодчиён ба монанди: Қаюмов Р.И., Лошкарев А.В. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола –** ин омузиши масъалаҳои сармоягузории хориҷӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии пешниҳоди кафолатҳо ба сармоягузорони хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҳамзамон, татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии сармоягузорони хориҷӣ бо ёрии кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳам дар қарордодҳои басташуда, қонунгузории миллии давлатҳои қабулкунандаи сармоягузориҳои хориҷӣ, созишномаҳои дуҷонибаи байналмилалии сармоягузорӣ ва ҳам дар шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ карда мешаванд. Дар робита ба ин, кафолатҳои ҳуқуқии сармоягузорони хориҷиро метавон ҳамчун кафолатҳои ҳуқуқии хусусие, ки дар шартномаҳои байни давлатҳои қабулкунандаи сармояи хориҷӣ ва сармоягузорони хориҷӣ баста мешаванд, кафолатҳои ҳуқуқие, ки дар қонунгузории миллии давлати қабулкунандаи сармояи хориҷӣ мавҷуданд, инчунин кафолатҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии ҷамъиятие, ки дар созишномаҳои гуногуни байналмилалӣ инъикос ёфтаанд, тасниф намуд.

Инчунин, сармоягузорони хориҷӣ пеш аз ҳама ба кафолатҳои дорои хусусияти ҳуқуқии хусусӣ ниёз доранд. Ин кафолатҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузориҳои миллӣ, ки муносибатҳоро бо сармоягузори хориҷӣ ҳангоми бастани шартномаҳо танзим менамоянд, оварда шудаанд. Дар навбати худ, муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузориро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқие тавсиф кардан мумкин аст, ки аз шартномаи байни сармоягузори хориҷӣ ва давлати қабулкунанда басташуда бармеояд ва ба воқеияти гузориш дар шакли сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти давлати қабулкунанда, инчунин гирифтани даромад аз ҷониби сармоягузори хориҷӣ аз сармояи гузошташуда асос ёфтааст.

В.Н. Лисица қайд менамояд, ки ба шартномаҳои сармоягузорӣ шартномаҳои хариду фурӯш (арзишҳои асъорӣ, коғазҳои қиматнок, саҳмияҳо дар сармояи оинномавии ширкатҳо), шартномаҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ғайраро низ дохил кардан мумкин аст.

Илова бар ин, кафолатҳоро метавон ҳамчун амалисозии ҳуқуқ ба ҷуброн дар ҳолати риоя накардани онҳо, на ин ки дар ҳолати расидани зарар баррасӣ намуд. Масалан, яке аз тарафҳои шартномаи ҳуқуқӣ ҳангоми пешниҳоди кафолатҳои дахлдор метавонад дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқвайронкунӣ, ки бо сабаби тағйир ёфтани вазъият ба амал омадааст, ҷавобгар набошад. Дар амалияи ҷаҳонӣ кафолатҳои ҳуқуқиро ба тарзҳои гуногун муайян кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, барои риояи талаботи қонун шартҳои муайяни объективӣ, тадбирҳои мақсадноки ташкилӣ, шаклҳои дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, воситаҳо ва ғайра заруранд, ки дар маҷмуъ ҳамчун кафолати таъмини қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ баромад менамоянд [3].

Як қатор муҳаққиқон кафолати ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷиро ҳамчун ӯҳдадориҳое муайян менамоянд, ки давлат барои таъмини шароити пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ қабул намудааст [4].

Ҳамзамон, дар амалияи ҳуқуқӣ таърифи кафолатҳои ба сармоягузорони хориҷӣ додашаванда, ҳамчун тадбирҳое, ки сармоягузориҳоро аз як қатор рӯйдодҳои сиёсӣ ва амалҳои мақомоти давлати қабулкунанда муҳофизат мекунанд, пешниҳод мегардад. Дар назарияи умумии ҳуқуқ муҳаққиқон кафолатҳоро тавсиф намуда, қайд менамоянд, ки таҳти кафолати қонунии тартибот шароитҳо, омилҳо ва воситаҳои мусбии амалкунанда фаҳмида мешаванд. Дар баробари ин, кафолатҳои умумӣ (кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ) ва махсус (ҳуқуқӣ, равонӣ ва идоракунӣ) ҷудо карда мешаванд.

Ҳамзамон, чунин ба назар мерасад, ки амалисозии кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва ғайра тавассути кафолатҳои ҳуқуқӣ сурат мегиранд, зеро кафолатҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳатмии татбиқи ин кафолатҳоро дар бар мегиранд. Дар робита ба ин, кафолатҳои ҳуқуқиро на ҳамчун кафолатҳои махсус, балки ҳамчун кафолатҳои умумии бунёдӣ тасниф кардан мумкин аст, ки бо ёрии онҳо ҳамаи кафолатҳои дигар амалӣ мегарданд [7].

Р. Иеринг қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба маънои объективӣ ин маҷмуи принсипҳои ҳуқуқие мебошад,

ки аз тарафи давлат татбиқ карда мешавад, тартиби ҳуқуқии ҳаёт аст, ба маънои субъективӣ бошад ҳуқуқ ин таҷассуми аниқи қоидаи абстрактӣ дар салоҳияти мушаххаси шахси алоҳида мебошад. Метавон гуфт, ки ба ин монанд, бо татбиқи қоида дар салоҳияти мушаххаси сармоягузори хориҷӣ татбиқи кафолатҳои ҳуқуқии сармоягузори хориҷӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ, ки аз рӯи хусусияти ҳуқуқии худ муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ мебошад, низ ба амал меояд.

Кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ муқаррар карда мешаванд ва дар амалия мафҳумҳои гуногуни кафолатҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи А.В. Лошкарев кафолатҳои ҳуқуқӣ ин воситаҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд, ки татбиқи онҳо метавонад имконияти татбиқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин намояд [2].

Чунин ба назар мерасад, ки ин меъёрҳои асосии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама конститутсияҳои давлатҳо ба ҳисоб меравад, ки онҳо кафолатҳои асосии умумии ҳуқуқии миллиро дар бар мегиранд.

Муҳаққиқони хориҷӣ ҳуқуқи сармоягузории хориҷиро тавсиф намуда, хусусиятҳои зерини онро таъкид менамоянд. Ҳуқуқи сармоягузории хориҷӣ дар худ ҳуқуқи умумии байналмилалӣ, стандартҳои умумии ҳуқуқи иқтисодии байналхалқӣ ва меъёрҳои алоҳидаи ба ин соҳа хосро таҷассум менамояд. Омӯзиши ин соҳа бояд ҳар се ҷузъро ба инобат гирад. Ғайр аз ин, меъёрҳо оид ба сармоягузориҳои хориҷӣ дар мавриди зарурат хусусиятҳои қонунгузории миллии давлате, ки сармоягузории хориҷиро қабул менамояд низ дар бар мегиранд [9].

Ҳамин тавр, танзими кафолатҳои ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ аз ҳудуди як соҳа берун баромада, на танҳо меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ, балки меъёрҳои ҳуқуқи оммавиро низ ифода менамоянд.

Г.Е. Вилков қайд менамояд, ки дар асоси принсипи соҳибихтиёрии давлатӣ, давлат барои танзими масъалаҳои марбут ба моликияти амвол ва милликунонии он ҳуқуқи истисноӣ дорад.

Дар амалия чунин принсипҳои муҳими ҳифзи сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷониби давлатҳои қабулкунанда, аз қабили ҳифзи ҳуқуқи моликияти сармоягузори хориҷӣ ва додани ҳуқуқ ба сармоягузори хориҷӣ барои ихтиёрдории амвол муайян карда шудаанд [10]. Ин принсипҳои ҳифзи сармоягузориҳои хориҷии аз ҷониби давлатҳои қабулкунанда додашавандаро кафолатҳои ҳуқуқӣ, ки ба сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи моликияташон дода мешаванд, номидан мумкин аст. Л.А. Лунтс қайд менамояд, ки мушкилоти низоъӣ аз он сабаб ба миён меояд, ки шаҳрванди хориҷӣ ҳамчун шахси қобили амал ё субъекти ҳуқуқ дониста мешавад.

Ҳамин тавр, тибқи қонунгузориҳои миллӣ, амволи сармоягузорони хориҷӣ, ки мақоми дахлдор доранд, метавонад ҳиссаи сармоягузорони хориҷӣ дар сармояи оинномавии ҷамъият ё ҳиссаи сармояи муштараки ширкатро дар бар гирад. Масалан, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба субъектҳои хориҷӣ мувофиқи принсипи баробарҳуқуқӣ ва нафъи ҳамдигарӣ ва бо иҷозати Шурои давлатии Чин дар ҳудуди худ бо шарикони хитоӣ бунёди корхонаҳои муштаракро иҷозат медиҳад [5].

Ҳамзамон, бо таъсиси корхонаҳои муштарак ва бастани баъзе соҳаҳо ба рӯи сармоягузорони хориҷӣ истисноҳо дар низоми миллӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, вале ин ба давлат имкон медиҳад, ки технологияҳои навро ҷалб намояд, омодагии кадрҳоро талаб кунад ва ҷойҳои кориро кафолат диҳад. Давлат танҳо бо тавсифи шакли ташкилию ҳуқуқӣ маҳдуд шуда, худро аз имконияти идоракунии раванди сармоягузори маҳрум месозад, зеро сармоягузорони хориҷӣ бо ба Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд (ҶДММ), Ҷамъияти саҳомӣ (ҶС) ва ғайра табдил ёфтан ба шахсони ҳуқуқии миллии давлати қабулкунанда низ табдил меёбанд.

Инчунин, бояд бо он розӣ шуд, ки давлат дар муносибатҳои моликиятӣ - шаҳрвандӣ бояд ҳамчун субъекти баробари тарафи дигар иштирок намояд. Кафолатҳои ҳуқуқӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ва механизмҳои ҳуқуқии татбиқи онҳо инчунин дар қонунҳое, ки барои танзими муносибатҳои сармоягузорӣ бо унсури хориҷӣ қабул шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Дар амалия қайд карда мешавад, ки вақтҳои охир ба даст овардани созиш оид ба ҳуқуқи байналхалқии иқтисодӣ барои давлатҳо торафт душвор шуда истодааст. Қабули қонуни дохилӣ, ки сатҳи дилхоҳи ҳимояи сармоягузориҳои хориҷии давлатро муқаррар мекунад, метавонад назар ба он ки ҳангоми гузаронидани гуфтушунид оид ба шартнома бо як ё якчанд шарикон давлат хароҷотҳоро анҷом медиҳад, қулайтар бошад [8].

Дар баробари ин, субъектҳои ҳудудие, ки ба сармоягузорони хориҷӣ кафолатҳои ҳуқуқӣ медиҳанд, инчунин бояд дар назди онҳо дар сурати вайрон кардани ин кафолатҳои ҳуқуқӣ аз рӯи ӯҳдадориҳояшон ҷавобгар бошанд. Ҳолатҳои ҳалли баҳсҳои байналмилалии сармоягузорӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ ва субъектҳои ҳудудии давлате, ки сармоягузориҳои хориҷиро қабул мекунад, дар амалияи Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ (МБҲБС) инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тавр, субъектҳои ҳудудӣ дар баробари давлате, ки сармоягузории хориҷиро қабул менамояд, инчунин субъектҳое шуда метавонанд, ки аз рӯи ӯҳдадориҳои худ ҷавобгаранд. Аз ин лиҳоз, яке аз самтҳои қонунгузории миллӣ муқаррар намудани

кафолатҳои дахлдори ҳуқуқӣ барои сармоягузорони хориҷӣ бо мақсади ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад, зеро сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти давлати қабулкунанда нақши муҳим доранд.

Инчунин, кафолатҳои зерини ҳуқуқиеро, ки дар қонунгузории миллии давлатҳои қабулкунандаи сармоягузориҳои хориҷӣ пешбинӣ шудаанд, бояд қайд намуд: режими миллӣ; кафолати ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ; кафолати гузаштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои сармоягузори хориҷӣ ба шахси дигар; кафолат аз тағйироти номусоид дар қонунгузорӣ ва ғайра.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки кафолатҳои ҷубронӣ, яъне кафолати ҷуброн ҳангоми милликунонии амволи сармоягузори хориҷӣ, ки дар қонунгузории давлатҳои гуногун пешбинӣ шудаанд, барои сармоягузорони хориҷӣ хеле муҳиманд. Кафолатҳои ҷубронӣ бо амалҳои мусодира, ки дар натиҷаи онҳо амволи сармоягузорони хориҷӣ метавонад дар давлати қабулкунанда ҳабс ё мусодира карда шавад, алоқаманданд. Тадқиқотчиён қайд менамоянд, ки дар кишварҳои қабулкунанда хатарҳои сиёсӣ метавонанд бо таҳримҳо ё сиёсатҳое, ки сармоягузориҳои хориҷиро маҳдуд менамоянд, алоқаманд бошанд [11].

Дар баробари ин, хатарҳои ғайритиҷоратӣ (сиёсӣ) хавфҳое ҳисобида мешаванд, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои рафънопазир ба вуҷуд меоянд ва дорои хусусияти сиёсӣ мебошанд [1].

Дар адабиёти хориҷӣ қайд мегардад, ки хатарҳои сиёсӣ - ҷанг, инқилоб, ҳабси амволи сармоягузорони хориҷӣ, маҳдудиятҳои интиқоли фоида аз сармоягузориҳо дар давлати қабулкунандаро дар бар мегиранд. Масалан, дар марҳалаи кунунии рушди муносибатҳои сармоягузории фаромарзӣ ба чунин ҷангҳо ва ноороимиҳои шаҳрвандӣ, чунон ки муҳаққиқони хориҷӣ қайд менамоянд, метавон ҷанги дохилии Сурияро дохил намуд, ки оқибатҳои харобиовари дохилӣ доштанд ва бешак ба кишварҳои ҳамсоя низ таъсир расониданд. Ноороимиҳо дар Миср дар тӯли 12 моҳ боиси тағйири режими амалкунанда гардиданд ва ҳамлаҳо ба маркази тиҷоратии «Westgate» дар Кения боиси тазоҳурот шуданд [12]. Бешубҳа ин шароитҳо барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин кишварҳо мусоидат карда натавонистанд.

Тадқиқотчиён ҳамчунин қайд менамоянд, ки то имрӯз кишварҳои Африқои Ғарбӣ ба далели набудани қонунгузории муассир, бесуботии иқтисодӣ ва сиёсӣ, инфрасохтори рушднаёфта ва самаранокии пасти мақомотҳои давлатӣ дар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ муваффақ нашудаанд. Бинобар ин, барои ҷалби самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии сармоягузорони хориҷӣ зарур аст.

Ба навъи дигари кафолатҳои миллӣ - ҳуқуқӣ, кафолатҳо барои ҳалли баҳсҳои сармоягузории байнисарҳадиро дохил кардан мумкин аст.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки чунин кафолатҳои миллӣ -ҳуқуқӣ, ба монанди кафолати ҳуқуқи моликият барои сармоягузори хориҷӣ низ муҳиманд.

Аз кафолатҳои миллӣ - ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи моликият, ки дар боло қайд гардиданд, кафолатҳои миллӣ - ҳуқуқии интиқоли молу мулки сармоягузорони хориҷӣ бар меоянд. Тавре ки дар амалия қайд мегардад, муносибатҳои сармоягузорӣ ин муносибатҳои моликиятӣ ва инчунин нисбат ба моликият – муносибатҳои истеҳсолӣ мебошанд. Дар баробари ин, сармоягузориҳои хориҷӣ ҷузъи моликияти сармоягузорони хориҷӣ мебошанд, ки аз мафҳуми сармоягузории хориҷӣ бармеояд:

**Сармоягузории хориҷӣ** - ин гузориши сармояи хориҷӣ ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ дар қаламрави давлатҳо дар шакли объектҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошад, ки ба сармоягузори хориҷӣ тааллуқ дорад.

Ҳамзамон, дар баробари додани кафолатҳои ҳуқуқӣ ба сармоягузорони хориҷӣ, инчунин барои сармоягузори хориҷӣ маҳдудиятҳои муайян муқаррар кардан зарур аст, то тавозуни манфиатҳо байни сармоягузори хориҷӣ ва давлати қабулкунандаи сармоя ба сифати тарафҳои шартномаи ҳуқуқӣ нигоҳ дошта шавад.

Ҳамин тавр, Г.В. Цепов қайд менамояд, ки бароварданн гардиши саҳмияҳо аз доираи салоҳияти миллӣ боиси аз даст додани назорати давлатӣ аз болои соҳибкорӣ мегардад, ки албатта ин қобили қабул нест [6]. Аз ин лиҳоз, давлате, ки сармояи хориҷиро қабул менамояд, бояд воридшавии сармояи хориҷиро ба соҳаҳои муайяни аз ҷиҳати стратегӣ муҳими иқтисодиёт низ танзим намояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, қайд кардан кардан зарур аст, ки устувории қонунгузории аз ҷониби давлатҳои қабулкунанда барои сармоягузорони хориҷӣ муқарраршуда бемаҳдудият буда наметавонад, зеро дар навбати худ давлатҳое, ки сармоягузории хориҷиро қабул менамоянд, бояд амнияти миллии худро низ ҳифз кунанд.

Дар робита ба ин, метавон хулоса кард, ки чунин кафолатҳои миллӣ - ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ, аз қабили кафолатҳои ҷубронӣ ва кафолатҳои ҳалли баҳсҳои сармоягузории байнисарҳадӣ аз кафолатҳои асосие, ки ҳуқуқи моликият ва кафолатҳои интиқоли моликияти сармоягузорони хориҷиро таъмин менамоянд, ба ҳисоб меравand ва онҳо дар татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи моликияти онҳо нақши дастгирикунанда мебозанд.

**Ҳамин тавр,** кафолатҳои миллӣ - ҳуқуқии ба сармоягузорони хориҷӣ пешниҳодшаванда - ин ӯҳдадориҳои давлатҳои қабулкунанда мебошанд, ки дар қонунгузории миллии онҳо, инчунин дар шартномаҳои ҳуқуқие, ки бо сармоягузорони хориҷӣ баста шудаанд, муқаррар гардидаанд. Қонунгузории миллӣ, ки кафолатҳои ҳуқуқии сармоягузорони хориҷиро дар бар мегирад, бар хилофи созишномаҳои дуҷониба оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ, метавонад ҳам нисбат ба сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам нисбат ба сармоягузорони миллӣ татбиқ карда шавад. Илова бар ин, муқаррар намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ барои сармоягузорони хориҷӣ дар қонунгузории миллӣ метавонад барои давлати қабулкунанда нисбат ба бастани созишномаи сармоягузории байналмилалӣ қулайтар бошад. Дар баробари ин, зарур аст, ки кафолатҳои миллӣ - ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ ба кафолатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат кунанд.

Кафолатҳои миллӣ - ҳуқуқии сармоягузорони хориҷиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд.

1. Кафолатҳои ҳуқуқие, ки дар қонунгузории миллии давлати қабулкунандаи сармояи хориҷӣ мавҷуданд;

2. Кафолатҳои ҳуқуқии хусусие, ки дар шартномаҳои байни давлати қабулкунандаи сармояи хориҷӣ ва сармоягузори хориҷӣ баста шудаанд;

Дар навбати худ, ин кафолатҳои ҳуқуқӣ бояд на танҳо ба манфиатҳои сармоягузорони хориҷӣ, балки ба манфиатҳои давлати қабулкунандаи сармояи хориҷӣ низ мувофиқат кунанд, ки принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро инъикос менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Каюмов Р.И. Международное частно - правовое страхование иностранных инвестиций: Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – К., 2009г. – С.7. URL: http//dvs.rsl.ru.
2. Лошкарев А.В. Правовые гарантии: теоретические проблемы определения понятия и классификации: Автореф. дис... канд. юрид. наук. – К. – 2009г. – С.9. URL: https://dvs.rsl.ru.
3. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учебник. – М.: Норма: ИНФРА-М. – 15, 2012г. – С.542
4. Овчинников А.А. [и др.] Инвестиционное право: Учебник для бакалавриата и магистратуры / Серия: Бакалавр и магистр. Академический курс // 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт. – 2015г. – С.228.
5. Правовые основы бизнеса в Китае / Отв. ред. А.Е. Молотников, В. Шань. – М.: Издательство РКЮО. – 2018г. – С.187.
6. Цепов Г.В. Акционерные общества: теория и практика: Учеб. пособие. – М.: ТК Велби; Проспект. – 2007г. – С.29
7. Шумилов В.М. Международное финансовое право: Учебник / 2-е изд., перераб. и доп. – М.: 17 Междунар. отношения. – 2011г. – С.260.
8. Jarrod Hepburn. Domestic investment statutes in international law. American Journal of 34 International Law. Volume 112, Issue 4. October 2018.- P.662.
9. Rudolf Dolzer and Christoph Schreuer. Principles of International Investment Law: New York: Oxford University Press // First published 2008. – P.3.
10. Sornarajah M. The International Law on Foreign Investment / Third Edition: Cambridge University Press. – 2014. – P.16.
11. World Investment and Political Risk 2009. The World Bank. 1818 H Street. NW. Washington. DC 55 20433. USA. - P.28.
12. World Investment and Political Risk 2013. World Investment Trends and Corporate Perspectives The Political Risk Insurance Industry Breach of Contract. 2014. The International Bank for Reconstruction and Development/The World Bank. – P.31.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Саидов Қиёмиддин Тағоймуродович –** номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 285, ҳуҷраи 39. E-mail: Qiyomiddin-1983@mail.ru Телефон: (+992) 918-66-61-08, 908-66-61-08

**Информация об авторе**

**Саидов Киёмиддин Тагоймуродович –** кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры мировой экономики финансово-экономического факультета Таджикского национального университета. Адрес:

734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, район Шохмансур, улица Айни 285, кв.39. E-mail: Qiyomiddin-1983@mail.ru Телефон: (+992) 918-66-61-08, 908-66-61-08

**Information about author**

**Saidov Qiyomiddin Tagoymurodovich -** candidate of economic sciences, senior lecturer of Department of world economy, faculty of Finance and economics, Tajik National University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shokhmansur district, 285 Aini street, apartment 39. E-mail: Qiyomiddin-1983@mail.ru Phone: (+992) 918-66-61-08, 908-66-61-08

**УДК: 338.45**

## ВЛИЯНИЕ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ФАКТОРОВ НА РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Зокир Хушмухаммадзода**
**Яъкуб Хасанзода**

**Анотация.** В этом исследование анализируется и обосновывается влияние инвестицинных факторов на недостаточное развитие промышленной системы страны. Промышленная система на основе инновационному типу развития возможен только в условиях в благоприятной инвестиционной среды, которая нацелено на производства различного спектра отечественных экспортоориентированных и импортозамещающих товаров. Объём инвестиции в сфере промышленности стране год за годом увеличивается, однако его производительность уменьшается, это свидетельствует о том, что оно не эффективно используется. Исходя из проведёного анализа авторы утверждают, что инвестиционные средства должным образом необходимо направить на приобретение высокотехнологичной, экономически эффективной и конкурентоспособной промышленной продукции. Перед промышленной отрасли стоит задача оперативного и адекватного реагирования на изменения внешней среды, которое без функционирования модели невозможно анализировать внешных факторов.

**Ключевые слова:** промышленная система, производственные мощности, инвестиционые средства, производительность инвестиции, совокупной факторной производительности, цифровые технологии, трудовые ресурсы, добавленная стоимость, ускоренное развитие, регрессионная зависимость.

**Для цитирования:** З. Хушмухаммадзода. Влияние инвестиционных факторов на развитие промышленной системы Республики Таджикистан / З. Хушмухаммадзода, Я. Хасанзода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – No. 1(40). – С. 101-107.

## ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ САРМОЯ ДАР РУШДИ НИЗОМИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зокир Хушмуҳаммадзода**
**Яъқуб Ҳасанзода**

**Анотатсия.** Дар ин таҳқиқот таъсири омилҳои сармоягузорӣ ба рушди нокифояи низоми саноати кишвар таҳлил ва асоснок карда шудааст. Низоми саноатии ба навъи инноватсионии рушд асос ёфта, танҳо дар шароити мусоиди сармоягузорӣ имконпазир аст, ки он ба истеҳсоли навъҳои гуногуни молҳои содиротии ватанӣ ва воридотивазкунанда нигаронида шудааст. Ҳаҷми маблағгузорӣ ба саноати кишвар сол то сол меафзояд, вале хосилнокии он кам шуда истодааст, ки ин аз самаранок истифода бурда нашудани он шаҳодат медихад. Дар асоси таҳлил, муаллифон бар ин назаранд, ки маблаҳҳои сармоягузорӣ бояд барои ба даст овардани маҳсулоти баландтехнологӣ, камхарҷ ва рақобатпазир равона карда шаванд. Дар назди бахши саноат вазифа гузошта мешавад, ки ба тағйироти муҳити беруна, ки бе амалнамоии модел таҳлили омилҳои беруна ғайриимкон аст, сари вақт ва ба таври мувофиқ вокуниш нишон диҳад.

**Калидвожаҳо:** низоми саноат, иқтидори истеҳсолӣ, воситаҳои сармоягузорӣ, ҳосилнокии сармоягузорӣ, ҳосилнокии омили маҷмуӣ, технологияҳои рақамӣ, захираҳои меҳнатӣ, арзиши иловашуда, рушди босуръат, вобастагии регрессионӣ.

# INFLUENCE OF INVESTMENT FACTORS IN THE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Zokir Khushmukhammadzoda**
**Yakub Khasanzoda**

Дар Ҷопон нақшаҳои миллӣ мавҷуд буда, рушди иҷтимоию иқтисодӣ барномаҳое мебошанд, ки иқтидори пурраи кишварро ба манфиатҳои миллӣ равона ва сафарбар мекунанд. Ногуфта намонад, ки муҳаққиқон борҳо мураккабии муносибатҳои ҳукумат ва тиҷоратро дар Ҷопон қайд кардаанд, аз ҷумла муҳаққиқони сиёсати саноатии Ҷонсон Ч. [2. С.412] ва Макмиллан Ч. [3. С.400]. Низоми иттиҳодияҳои истеҳсолӣ ва дигар иттиҳодияҳо («протексионист», муассисаҳо, гурӯҳҳои манфиатдор) бастани шартномаҳои ошкоро ва пинҳонӣ, дер боз инкишоф меёфт ва сохтори бисёрмарҳила дошт. Таърихан, ин соҳа ҳамчун аҳромӣ иерархӣ ташаккул ёфтааст, ки болои он (зайкай - ҷаҳони тиҷорат») аз ҷониби гурӯҳҳои калонтарин (зайбатсу) ишғол карда мешуд.

Дар ИМА давлат механизмҳои бозорӣ ва воситаҳои танзими давлатиро барои рушди соҳаҳо истифода мебарад. Махсусан, ба ширкатҳои миллӣ дар мубаризаи рақобат бо ширкатҳои хориҷӣ ҳарҷониба кӯмк мерасонад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Таҷрибаи ИМА равшан нишон дод, ки сиёсати ҳарбию техникӣ яке аз шаклҳои сиёсати навоварона мебошад.

Дар охири асри XX вазорати мудофиаи ИМА барномаи «critic Technologies»-ро муайян ва маблағгузорӣ кард, ки аз ин 75% ҳадафи дугона доштанд. Дар натиҷа, барои рушди инноватсионии иқтисоди Амрико такони пурқувват ба вуҷуд омад. Дар маҷмӯъ, кишварҳои пешрафтаи саноатӣ пешрафти илмию техникӣ ва интеллектуализатсияи истеҳсолотро ҳамчун механизми муҳими нигоҳ доштани пешсафии ҷаҳонии худ истифода мебаранд. Донишҳои наве, ки дар технология, таҷҳизот, таълим, истеҳсолот дар кишварҳои пешрафта таҷассум ёфтаанд, аз 70% то 85% афзоиши ММД-ро ташкил медиҳанд. Самтҳо ва воситаҳои сиёсати иқтисодии ҳукуматҳои ин кишварҳо аз идомаи навсозии саноат шаҳодат медиҳанд, ки ба нигоҳ доштани афзалиятҳои рақобатии истеҳсолкунандагони миллӣ нигаронида шудаанд.

Чун қоида, дар давраи афзоиши мушкилоти иқтисодӣ кишварҳои мутараққӣ бо истифодаи равиши «Кейнсионӣ» ба сиёсати иқтисодии давлатӣ хос аст, ки афзоиши дараҷаи таъсири давлатро дар назар дорад. Доираи чунин таъсири давлат метавонад то расонидани кӯмаки бевоситаи давлат ва ҳатто милликунонии интихобии баъзе объектҳои махсусан муҳим, ки мақомоти ИМА дар давраи бӯҳрони молиявии солҳои 2008-2009 нишон доданд, паҳн шавад. Баръакс, дар давраи рушди иқтисодӣ ба императиви муносибатҳои бозорӣ афзалият дода мешавад ва кам шудани дахолати давлат ба иқтисодиёт бо гузаштан ба усулҳои танзими бозорӣ мушоҳида мешавад, ки метавонад рушди иқтисодиро самараноктар ҳавасманд гардонад ва барои маблағгузории инноватсия шароит фароҳам оварад.

Ногуфта намонад, ки аксарияти технологияҳои пеш аз саноатӣ мавҷудияти инсонро танҳо дар сатҳи зинда мондани ҷисмонӣ ё на он қадар баландтар таъмин мекарданд. Аксарияти аҳоли ба таъмини рӯзгор нигаронида шуда буд. Масалан, 80%-и аҳолии Аврупои асримиёнагӣ дар хоҷагии қишлоқ кор мекард. Танҳо баъзе ҷомеаҳои пеш аз саноатӣ, аз қабили Юнони қадим, асосан аз ҳисоби тиҷорат вуҷуд доштанд, ки юнониёни озодро бо сатҳи нисбатан баланди зиндагӣ таъмин мекарданд. Аммо онҳо низ аз истифодаи меҳнати ғуломӣ хеле вобаста буданд, аз ин рӯ, ба ҳисоби миёна дараҷаи зиндагонии ҷамъияти Юнони қадим низ паст буд.

Гуруснагии оммавӣ як падидаи муқаррарӣ буд ва танҳо он ҷомеаҳое, ки дар онҳо мубодилаи мол инкишоф ёфтааст, аз ҷумла воридоти маҳсулоти кишоварзӣ (Англияи асримиёнагӣ, Нидерландия, хилофати араб, давлатҳои шаҳрҳои Италия, Рими Қадим) медонистанд, ки чӣ тавр аз такрори он канорагирӣ кунанд. Масалан, дар Нидерланд дар асри XVII ё Афина дар асри V аз милод 70-75%-и маҳсулоти озуқаворӣ оварда мешуд [4]. Инкишофи пешрафти илмию техникӣ сохтори омилҳои тараққиёти саноатро тағйир дод. Сарфи назар аз он, ки дар мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи саноат дар сохтори ММД мунтазам кам шуда истодааст, афзоиши умумии иқтисодиёт ҳанӯз асосан аз ҳисоби истеҳсолот вобаста аст. Омили инсонӣ ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи рушди саноат дар мадди аввал баромад, ки онро захираҳои инсонӣ (пешниҳоди меҳнат, маориф, интизом, ҳавасмандкунӣ) ва технология (илм, муҳандисӣ, менеҷмент, соҳибкорӣ) муайян мекунанд.

Дар ИМА зиёда аз 93%-и ширкатҳои Амрико бо шумора мавҷуд буда, 50 нафар ва аз ин ҳам зиёд коргарон системаҳои такмили ихтисоси худро, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, бо пул таъмин мекунанд. Зиёда аз 70 %-и аҳолии қобили меҳнат бевосита дар ҷои кор аз ин ё он шакли таълим гузаштаанд. Ҳар сол тиҷорати хусусии Амрико барои ташкили курсҳои такмили ихтисоси дохилӣ 7,7 млрд. доллари ИМА ва барои пардохти ҳаққи онҳое, ки аз берун ба ин омӯзгорон ҷалб мешаванд, беш аз 5,5 млрд. доллари ИМА сарф мекунад.

Ҷанбаҳои макроиқтисодии сиёсати саноатии кишварҳои пешрафта асосан ба вазъи умумии иқтисодии ҳар як кишвар вобаста аст. Бо вуҷуди ин, ду вазифаи умумиро метавон муайян кард, ки бо таъсири макроиқтисодӣ дар тамоми кишварҳои пешрафта ҳал карда мешаванд. Ин вазифаҳо иборатанд аз:

1) Тадбирҳои таъсири устуворгардонӣ (зиддибӯҳронӣ);

2) Фароҳам овардани шароити институтсионалии рушди рақобат.

Тадбирҳои таъсири мӯътадилгардонӣ (зиддибӯҳронӣ) системаи танзими ғайримустақими равандҳои такрористеҳсолӣ аз ҷониби давлат дар тамоми иқтисодиёти миллӣ буда, паст кардани тағйирёбии объективии даврӣ дар иқтисодиёт, нигоҳ доштани сатҳи зарурии фаъолияти иқтисодӣ (аз ҷумла, ҷанбаҳои иқтисодии хориҷии он - тавозуни пардохт, савдо ва қурби асъор), маҳдуд кардани тамоюлҳои таваррум ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, дар давраи бӯҳрони молиявии солҳои 2008-2009 муҳимтарин самти сиёсати макроиқтисодӣ танзими фасеҳи пулию қарзӣ, ворид намудани маблағҳои буҷетӣ ба системаи молиявӣ, эҳёи фаъолияти сармоягузорӣ аз ҳисоби паст кардани фоизҳо (дар ИМА онҳо то 1% кам карда шуданд) ва ғайра ба ҳисоб мерафтанд.

Сиёсати саноатии мамлакатҳои мутараққӣ ба он нигаронида шудааст, ки афзоиши ҳаҷми молу хизматҳои истеҳсолшаванда аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар асоси истифодаи воситаҳои самарабахши меҳнат, технология ва шаклҳои самарабахши ташкили истеҳсолот таъмин карда шавад. Саноат омилҳои экстенсивию интенсивиро ба ҳам пайваста, дар айни замон, чун қоида, омилҳои интенсивӣ бартарӣ доранд. Дар баробари ин дигаргунсозии сифатии омилҳои истеҳсолот ба даст оварда шуда, пешрафти илмию техникӣ тезонда мешавад, ки ин дар навбати худ, барои рушди чунин категорияи иқтисодӣ, ба монанди сармояи зеҳнӣ шароит фароҳам меорад.

Дар аксар қайд карда мешавад, ки бо инкишофи пешрафти илмию техникӣ қобилиятҳои зеҳнии инсон ба моликияти зеҳни ва баъд ба сармояи зеҳни табдил ёфта, мухторияти такрористеҳсолкуниро ба даст меоранд. Консепсияи рушди рақобати баландтехнологӣ ба постулат асос ёфтааст, ки "кафолати" ҷомеаи муосир аст - пешравии тараққиёти босуръати технологӣ мебошад, ки ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунанда табдил додани илм асос ёфтааст ва тадбири ин гуна пешравӣ ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта ва васеъ намудани имкониятҳои эҷодии инсон мебошад. Аз ин рӯ, дар тақсимоти байналхалқии меҳнат сиёсати давлатии саноатии мамлакатҳои тараққикарда ба истеҳсоли маҳсулоти нодире нигаронида шудааст, ки бо технологияи навтарин истеҳсол карда мешаванд ва дар ҷаҳон ҳамто надоранд. Дар сохтори арзиши аслии ин гуна молҳо хароҷоти тадқиқоти илмӣ 8-15%-ро ташкил медиҳад.

Тағйироти институтсионалии саноат ба он оварда расонд, ки муҳимтарин омили рушди иқтисодӣ маҷмӯи қувваҳои пешбаранда дар асоси дониш ва зеҳн (маориф, технология, тахассуси кадрҳо, инноватсия, иттилоот ва ғ.) буд, ки номи умумии «иқтисод дар асоси дониш (иқтисоди дониш), истеҳсоли иттилоот (навъи иттилоотии рушди иқтисодӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, ҷомеаи баъдисаноатӣ). Саноат шакли "techno structuration" (ба гуфтаи Ҷ. Галбрейт) мегирад ва кормандони он технократҳо (менеҷерҳо, мутахассисон, олимон, технологҳо, конструкторҳо) мешаванд, ки технологияҳои муосир доранд ва воқеан фаъолияти корпоратсияҳои калонро таъмин мекунанд.

Дар саноати муосир объекти истифодаи меҳнати инсон на техника ва технология, на унсурҳои алоҳидаи ташкили истеҳсолот, балки тамоми низоми хоҷагӣ мебошад. Дар ҳақиқат ахборот, дониш ва технология характери тамоми фаъолияти инсонро дар иқтисодиёт бо тамоми гуногунии худ фаро гирифта, муайян мекунад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ташаккули асосҳои иқтисоди дониш дар ҷомеаи баъдисаноатӣ имкон медиҳад, ки на танҳо истеҳсолот ба ҳадди аксар рушд кунад, аммо дигар институтҳои гуногуни ҷамъият ва пеш аз ҳама сармояи инсонӣ барои инкишоф ва пурратар истифода бурдани он имкониятҳои васеъ фароҳам меоваранд. Ба ҳам пайвастани истеҳсолот, иқтисодиёт ва институтҳои иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани шакли нави сохти ҷамъиятӣ мегардад ва ба ҷамъияти баъдисаноатӣ, ки асоси онро ахборот ва дониш ташкил медиҳад табдил мегардад. Ин вазъият ба он оварда мерасонад, ки дар байни характери саноатии истеҳсолот ва шакли баъдисаноатӣ он фарқи хеле намоён ба вуҷуд ояд.

Тағйироти сохторӣ дар саноат. Сиёсати макроиқтисодӣ дар кишварҳои пешрафта дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX боиси тағйири сохтори соҳавии иқтисодиёт гардид. Соҳаи хизматрасонӣ дар иқтисодиёт вазни бештарро ба даст оварда, масалан, дар ИМА саноати аэрокайҳонӣ ва автомобилсозиро иваз кард. Ин вазъият бештар аз он иборат аст, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ шаклҳои махсуси таъсиррасонӣ ба баъзе соҳаҳои иқтисодиёт бо роҳи ба соҳаҳои дигар мақсаднок расондан ба вуҷуд омадаанд. Масалан, соҳаи хизматрасонӣ аз он сабаб тараққӣ карда метавонад, ки пешрафти илмию техникӣ эҳтиёҷоти нав ба вуҷуд меоварад ва саноат онро қонеъ гардонда метавонад. Ҳамин тариқ, рушди шабакаи алоқаи мобилӣ тавассути истеҳсоли дастгоҳҳо ва таҷҳизоти техникии қулай имконпазир гардид.

Саноат омили сиёсати макроиқтисодӣ мегардад, ба рафти такрористеҳсолкунӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани талаботи нав, инчунин танзими ҳаҷм ва сохти он таъсир мерасонад. Тағйироти сохторӣ дар саноат ба соҳаҳои иҷтимоии ҷомеа таъсири мултипликаторӣ мерасонад, масалан, касбҳое, ки меҳнати зеҳнӣ бартарӣ доранд, афзоиши асосии шуғлро ташкил медиҳанд бо чунин таносуб аст: 85% дар ИМА, 89% дар Британияи Кабир, 90% дар Ҷопон ва амсоли инҳо, ки дар навбати худ ба соҳаи маориф, ҷараёни иттилоот ва ғайра таъсир мерасонад.

Усули нави технологии ҳисоббарори истеҳсолот ба вуҷуд омад ва қувваи коргарӣ аз саноатӣ ба қувваи кории иттилоотӣ “information Workship” табдил ёфт. Агар дар соли 1960 ИМА дар давоми 10 сол мутахассисони соҳаи илм ва техникаро ду баробар зиёд карданд, пас дар солҳои 1965-1985 бошад мутахассисони соҳаи техникаи ҳисоббарорро 10 баробар афзуд. Бо афзоиши умумии шумораи ҷойҳои корӣ 25%, шуғли мутахассисони соҳаи технологияҳои олӣ 40-75% меафзояд. Дониш омили ҷоруми истеҳсолот мегардад ва аҳамияти он аз захираҳо ва сармоя афзалият дорад.

Тағйироти сохторӣ дар кишварҳои пешрафта инчунин дар он инъикос меёбад, ки саноат раванди фаъоли ҳамроҳшавӣ ва харидро аз сар мегузаронад, ки боиси таъсиси ширкатҳои миллии бузургтарин дар ҷаҳон мегардад, аз ин рӯ, масалан, ширкатҳои амрикоӣ аз рӯи ҳаҷми фурӯш аз рӯи 13 соҳаи дар ҷои аввал мебошанд. Дар баробари муттаҳидсозии ширкатҳо дар кишварҳои пешрафта, соҳибкории хурду миёна дар саноат ба таври васеъ рушд кардааст, ки масалан дар Иттиҳоди аврупо 99,8% тамоми корхонаҳои хусусӣ, 66% шумораи умумии ҷойҳои корӣ ва 65% гардиши умумиро ташкил медиҳад.

Омилҳои асосии маҳдудкунандаи рушди саноат метавонанд инҳо бошанд:

а) нопурра ва нокифоя фаъолияти равандҳои хусусигардонӣ ва азнавсозии корхонаҳои саноатӣ;

б) рушди сусти бозори аутсорсинги саноатӣ;

в) зуд-зуд тағйирёбии заминаи меъёрӣ ва таносуби пасти он бо стандартҳои байналмилалӣ;

г) тафовути баланди дараҷаи бочҳои воридотӣ ба маснуот ва маҳсулоти тайёр, ки асосан ташкили истеҳсолоти расмии кооперативии ба истилоҳ профили васлкуниро шарҳ медиҳад [5].

Самтҳои асосии сиёсати саноатӣ бо зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии саноат муайян карда шуда, чунин асосҳоро дар назар дорад:

1) муттаҳидсозии захираҳо ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди саноат;

2) рушд ва ташкили бозорҳои технология ва маҳсулоти инноватсионӣ;

3) рушди инфрасохтори саноатӣ;

4) ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаҳо дар соҳаҳои технологӣ;

5) нигоҳ доштани рақобат;

6) дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ

Сиёсати саноат усулҳои муайяни банақшагириро истифода мебарад. Ҳамин тавр, дар баъзе мамлакатҳои Аврупо (Фаронса) ва Ҷопон нақшаҳо ва барномаҳои тараққиёти миёна ва дарозмуддат, ки бо низоми ҳавасмандгардонии молиявӣ ва қарзӣ барои татбиқи онҳо пурра карда шуда дар сиёсати саноат татбиқ карда мешаванд, ин “банақшагирии индикативӣ” мебошад. Ин нақшаву барномаҳо характери мустақими надоштанд, вале дар тараққиёти соҳаҳои пешқадами иқтисодиёт нақши калон бозиданд ва муайянкунандаи пешрафти илмӣ-техникӣ гардиданд. Дар мамлакатҳои Скандинавия банақшагирии индикативӣ дар шакли ҳамкории “институтсионалӣ” ё “созиши иқтисодӣ” дар он ифода меёбад, ки ҳамаи қарорҳои асосии тараққиёт бо роҳи гуфтушунид ва ба ҳам мувофиқ кунондани манфиатҳои тарафҳои гуногун қабул карда мешаванд.

Ҷопон стратегияи гирифтани технологияи пешрафтаро истифода бурда, на танҳо ба сатҳи ҷаҳонӣ расид, балки тавонист дар таҳқиқот ва таҳияи амалӣ, инчунин дар идоракунии инноватсия нисбат ба ИМА ва Аврупо бартариҳои муайянро ба даст орад. Тараққиёт ва аз нав кардани саноати Ҷопон дар асоси низоми идоракунии стратегӣ ба амал бароварда мешавад, ки он дар ширкатҳои Ҷопон назар ба ширкатҳои Амрико ва Аврупои Ғарбӣ хеле пештар ба вуҷуд омада, хеле васеътар истифода мешавад.

“Сиёсати саноатии Ҷопон ба қисми содиротии афзоиши иқтисодиёт нигаронида шуда, маҳсулоти соҳаҳои доништалаб дар ИМА бомуваффақият фурухта шуд. Ҳиссаи содиротии иқтисодиёт умуман 17% дар саноат қариб 35%-ро ташкил медиҳад. Умуман, маҳсулоти мошинсозӣ қариб 80 фоизи экспорти Ҷопонро ташкил медиҳад. Сиёсати саноатии Ҷопон дар солҳои охир ба таҳкими принсипҳои бозор бо тавaҷҷӯҳ ба ташаббусҳои ширкатҳои бахши хусусӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот манфиатдоранд, нигаронида шудааст” [6. С.435]. Барои муваффақ шудан дар рақобати байналмилалӣ, ширкатҳои саноатӣ бояд ба бозор бо маҳсулоти ултра нав ворид шаванд, ки эҷоди донишҳои навро талаб мекунад.

Кишварҳои ғарбӣ дар содироти иҷозатномаҳо барои кашфиёт, ихтироъ ва коркардҳои навтарини худ пешсафанд, ки ин боиси вобастагии технологии кишварҳои дигар мегардад. Танҳо дар ИМА даромад аз содироти иҷозатномаҳо, ноу-хау ва дигар моликияти зеҳнӣ ҳамасола тақрибан 30 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар муомилоти тиҷорати хориҷии ИМА бо моликияти зеҳнӣ савдои дохилии корпоративӣ бартарӣ дорад, ки хоҳиши ширкатҳои дорои ин намудро барои нигоҳ доштани дараҷаи муайяни назорат аз болои онҳо инъикос мекунад.

Дар баробари суханҳои болозикр боиси қайд аст, ки саҳми саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола аҳамияти мӯҳим пайдо намудааст. Дар ин самт, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «...Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои

корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар – ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад» [8].

Инчунин, вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шералӣ Кабир дар яке аз ҳисоботҳои худ қайд намуданд, ки “Дар нимсолаи аввали соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 19,1 млрд. сомонӣ (беш аз 1,8 млрд. доллари ИМА) расида, суръати афзоиш 117,3%-ро ташкил дод, ки ин рақамҳо дар байни кишварҳои ИДМ баландтарин мебошанд” [7]. Боиси қайд аст, ки аз ҳаҷми умумии маҳсулот беш аз 57% ба саноати коркард рост меояд. Инчунин, афзоиши сармоягузорӣ ба бахши саноат дар соли 2022 зиёда аз 2,4 млрд. ташкил намуд, ки нисбат ба соли қабли қариб 40 млн. Сомонӣ зиёдтар мебошад.

**Ҳамин тариқ,** пас аз таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар инкишофи соҳаҳои саноат тавассути фаъолияти соҳибкорӣ чунин хулосагирӣ намудан мумкин аст:

1. Такмили рушди фаъолияти институтҳои миллӣ, ки ба тағйироти механизмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии танзими шароити истеҳсолот, фароҳам овардани шароити мусоид дар кишвар барои навсозии саноат ва нигоҳ доштани ризоияти ҷамъиятӣ ҳамчун шарти хусусияти муттасил ва пешрафти илмӣ-техникӣ мусоидат мекунад;

2. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир бо дастгирии субсидияи давлатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифат бо назардошти диверсификатсияи маҳсулот;

3. Таҷрибаи омӯзиши мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳони нишон дод, ки дар аксар ҳолат рӯ овардан ба маҳсулотҳои илм талаб яке аз роҳҳои расидан ба ҳадаф мебошад. Аз ин рӯ, ба таври кифоягӣ маблағгузорӣ ба соҳаи пешрафти илму техника ва ноил гардидан ба истеҳсоли маҳсулоти илм талаб аз манфиат холӣ нест.

## АДАБИЁТ:


1. Василенко И.А. Административно-государственное управление в странах Запада: США, Великобритания, Франция, Германия: Учебное пособие. Изд. 2-е, перераб. и доп. - М.: Издательская корпорация «Логос», 2001. – С. 5.

2. Johnson, Ch. MITI and the Japanese Miracle. The Growth of Industrial Policy. 1925-1975. - California: Stanford University Press, 1982. – 412 P.

3. Макмиллан Ч. Японская промышленная система. - М.: Прогресс, 1988. – 400 с.

4. История индустриализации. [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ, URL: https://ru.wikipedia.org/w/index., кушода. Санаи муроҷиат: 10.03.2024.

5. Промышленная кооперация: зарубежный опыт развития производства. [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ, URL: http://www.uzdaily.com/ru/post/57333., кушода. Санаи муроҷиат: 12.03.2024.

6. Государство и рынок: американская модель / Под ред. д.э.н., проф. М.А. Портного и д.э.н., проф. В.Б. Супяна. – М.: Издательство «Анкил», 2009. – 435 с.

7. Объем промышленного производства в Таджикистане в 2022 году вырос на 17%. [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ, URL: https://tass.ru/ekonomika/15248863., кушода. Санаи муроҷиат: 1.03.2024.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шаҳри Душанбе. 26.12.2018. [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ, URL: http://prezident.tj/node/19088., кушода. Санаи муроҷиат: 11.02.2024.



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Шарипов Ҳасан Абдусаломович** – омӯзгори калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055. Тел. (+992) 559670060, E-mail: sharipovhasanjon@mail.ru

**Сафоев Абдумаҷид Каримович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055. Тел. (+992) 907733247, E-mail: safoev@list.ru

**Сведение об авторах:**

**Шарипов Хасан Абдусаломович** – старший преподаватель кафедры экономической теории и предпринимательской деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, 734055. Тел. (+992) 559670060, E-mail: sharipovhasanjon@mail.ru

**Сафоев Абдумаджид Каримович** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедры экономической теории и предпринимательской деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, 734055. Тел. (+992) 907733247, E-mail: safoev@list.ru

**Information about the authors:**

**Sharipov Hasan Abdusalomovich** – senior lecturer at the Department of Economic Theory and Entrepreneurship Activity, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, 734055. Tel. (+992) 559670060, E-mail: sharipovhasanjon@mail.ru

**Safoev Abdumadzhid Karimovich** – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Theory and Entrepreneurship Activity, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, 734055. Tel. (+992) 907733247, E-mail: safoev@list.ru

**УДК: 364. 1**

## АРЗЁБИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ

**Охунова Дилфуза Ӯктамовна**

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба таҳлил ва арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар соҳаи маориф ва тандурустӣ бахшида шудааст. Дар асоси методикаи омӯхташуда шароитҳои базавии тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии минтақа арзёбӣ шудааст, ки имкон медиҳад сатҳи рушди онро аз ҷиҳати миқдор ва сифат нишон диҳад. Мубрамият ва аҳамияти масъалаҳои баррасишаванда бо зарурати баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии минтақа муайян карда шудааст. Дар доираи таҳқиқот хулоса оид ба вазъи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ коркард шудааст. Тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалияи усулҳои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** инфрасохтор, низоми иқтисодӣ, минтақа, инфрасохтори иҷтимоӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, низоми нишондиҳандаҳои арзёбӣ.

**Барои иқтибос:** Охунова Д. Ӯ. Арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар низоми иқтисодиёти минтақавӣ / Д. Ӯ. Уктамова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 120-128.

## ОЦЕНКА РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В СИСТЕМЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Охунова Дилфуза Уктамовна**

**Аннотация.** Данная статья посвящена анализу и оценке развития социальной инфраструктуры региона в сфере образования и здравоохранения. На основе изученной методики оценены основные условия социально-экономического развития региона, что позволяет показать уровень его развития в количественном и качественном показателях. Актуальность и важность обсуждаемых вопросов определяется необходимостью повышения качества жизни населения региона. В рамках исследования разработано заключение о состоянии развития социальной инфраструктуры. Представлены рекомендации по практическому использованию методов оценки развития социальной инфраструктуры.

**Ключевые слова:** инфраструктура, экономическая система, регион, социальная инфраструктура, социально-экономическое развитие, система показателей оценки.

## ASSESSMENT OF SOCIAL INFRASTRUCTURE DEVELOPMENT IN THE SYSTEM OF REGIONAL ECONOMY

**Okhunova Dilfuza Uktamovna**

**Abstract.** This article is devoted to the analysis and assessment of the development of social infrastructure of the region in the sphere of education and health care. On the basis of the studied methodology the basic conditions of socio-economic development of the region are estimated, which allows to show the level of its development in quantitative and qualitative indicators. The relevance and importance of the discussed issues is determined by the need to improve the quality of life of the region’s population. The study developed a conclusion on the state of social infrastructure development. Recommendations on the practical use of methods for assessing the development of social infrastructure are presented.

**Keywords:** infrastructure, economic system, region, social infrastructure, socio-economic development, system of evaluation indicators.

**Масъалагузорӣ.** Дар раванди рушди низоми иқтисодии минтақавӣ инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ нақши муҳимро бозида, шароити фаъолияти иқтисодии фардҳо ва ташкилотҳоро ташаккул медиҳад ва чун омили калидии иқтисодиёт ҷойҳои кории нав бунёд намуда, дар ин замина ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ низ мусоидат мекунад ва дар охир некӯаҳволии аҳолии минтақаро баланд мегардонад.

Боиси зикр аст, ки ҷанбаи назариявӣ [7] ва усулҳои арзёбии [8] масъалаи мавриди назар махсусан инфрасохтори иҷтимоӣ ва урбанизатсияи аҳолӣ дар доираи дигар асарҳои илмии мо баррасӣ шудааст. Аз ин лиҳоз дар доираи мақолаи мазкур кӯшиш карда мешавад, ки таъсири инфрасохтори минтақа ба рушди иқтисодиёти минтақа мавриди таҳлил қарор дода шавад. Ин ба ақидаи мо имкон медиҳад, ки ба рушди инфрасохтори минтақа дар кишвар ва мавқеи он дар иқтисодиёти минтақа хулосаҳои зарури баровара шуда тавсияҳои муносиб пешниҳод карда шаванд. Вале дар ибтидо зарур мешуморем, ки ба аҳамияти инфрасохтор, хосатан инфрасохтори иҷтимоӣ ақида ронда бошем.

Инфрасохтор чун маҷмӯи шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки рушди тамоми раванди истеҳсолот ва ташаккули муайяни ҳудудию иқтисодиро таъмин менамояд, баррасӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз дар низоми омилҳое, ки ба самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонад, бояд шартҳои муайянкардаи инфрасохтори иҷтимоӣ ба назар гирифта шавад. Институтҳои инфрасохтори иҷтимоӣ барои такрористеҳсоли васеи қувваи корӣ, ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони соҳибихтисос заминаҳо фароҳам меорад ва тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ ба натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти инсон таъсири бевосита дорад.

Инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмӯи объектҳои ба соҳаҳои иҷтимоии минтақаҳо тааллуқ доштаро дар бар мегирад, ки ба тараққиёти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути ташаккули шароити мусоид барои гузаронидани ҳаёти солим ва таҷдиди тавлиди аҳолӣ, рушди арзишҳои зеҳнӣ, таъмини иқтисодиёти минтақа бо захираҳои меҳнатӣ ва ғайра мусоидат мекунад ва омили муҳимми таъсиррасон ба раванди урбанизатсия ва агломератсия маҳсуб меёбад [3].

Зикр кардан зарур аст, ки дар низоми омилҳое, ки ба самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонад, бояд шартҳои муайянкардаи инфрасохтори иҷтимоӣ ба назар гирифта шавад. Институтҳои инфрасохтори иҷтимоӣ барои такрористеҳсоли васеи қувваи корӣ, ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони соҳибихтисос заминаҳо фароҳам меорад.

Мадракҳои илмӣ дарак медиҳанд, ки то замони муосир инфрасохтори иҷтимоӣ нисбат ба соҳаҳои асосии истеҳсолоти моддӣ нақши дуюмдараҷа дошт. Пайдоиши унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар давлатҳои мухталифи рушд алоқаманд аст. Инфрасохтори иҷтимоӣ махсусан дар ҷамъоварии дороиҳои ғайримоддӣ (инсонӣ, ташкилӣ, идоракунӣ) муҳим арзёбӣ мегардад, ки маблағгузориро ба сармояи моддӣ ба таври назаррас таъмин намуда, нақши манбаи стратегии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва рақобатпазириро мебозад.

Сарчашмаҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ имкони фаъолгардонии омили инсониро медиҳад ва дар ин асос ба зиёд шудани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ кӯмак мерасонад [5,7].

Тадқиқоти муҳаққиқони соҳа аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавҷудияти инфрасохтори иҷтимоӣ метавонад таъсири омилҳои манфиро ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва вазъи равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳадди ақал расонад. Инфрасохтори маънавию динӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ, маданӣ, иттилоотӣ, маишӣ, ва савдо ба истифодаи оқилонаи вақти холӣ, таъмини сарфаи меҳнат, барқарорсозии қобилияти корӣ мусоидат мекунад [5].

Масъалаи арзёбӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тайи чанд солҳои охир ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Инфрасохтори иҷтимоӣ имконияти қонеъ намудани талаботҳои ҷамъиятӣ оид ба нигоҳдории саломатӣ, гирифтани таълим, кафолати сатҳи имконпазири сифати зиндагӣ дар минтақа, таъмини такрористеҳсолоти захираҳои инсониро медиҳад. Инфрасохтори иҷтимоии инкишофёфта ба минтақа таъсири мураккаб дорад, зеро ҷолибияти минтақаро зиёд мекунад ва баробари ин шиддати иҷтимоиро дар он паст мекунад, ки барои нигоҳ доштани захираҳои меҳнатии худи онҳо ва ҷалби захираҳои нав аз дигар ҷойҳо мусоидат мекунад.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ дар кишвар, инчунин таҳқиқоти олимони ватанӣ дарак медиҳанд, ки масъалаи арзёбӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ то ҳол ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Муҳаққиқон ба он назаранд, ки инфрасохтори иҷтимоӣ омили муҳими ҳамгироии рушди иқтисодии минтақа мебошад, зеро инфрасохтор чӣ қадаре, ки рушд ёбад, дар иқтисодиёти минтақа заминаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва шукуфоӣ ҳамон кадар мустаҳкамтар мешаванд [6].

Арзёбии нокифоягии нақши инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар давраи тӯлонӣ ба он оварда расонд, ки унсурҳои он талаботи аҳолиро қонеъ намегардонад. Албатта бархе аз таҳқиқотҳои муҳақиқони соҳа мушоҳида мегарданд, ки бевосита барои арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа [9] мусоидат мекунанд. Вале маҳз арзёбию таҳлили

тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ афзору усулҳои хосаро тақозо менамояд. Дар чунин вазъият ба дараҷаи ҳозираи тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ баҳо дода, дар ҳамин асос стратегияи рушди минбаъдаи онро тартиб додан лозим аст.

**Таҳлили тадқиқотҳо ва мақолаҳои охирин**. Мо равишҳои методиро барои арзёбии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар асоси усули пешниҳоднамудаи муҳаққиқони рус Артёмова О.В. ва Логачёва Н.М. истифода намудем. Таҳлил вобаста ба соҳаҳои тандурустӣ ва маориф амалӣ шудааст, ки аз нигоҳи муаллиф асосӣ мебошад [1].

Барои арзёбии сатҳи рушди унсурҳои болозикри инфрасохтори иҷтимоӣ низоми нишондиҳандаҳо коркард шудаанд. Интихоби онҳо бо назардошти дастрасии иттилоот ва эътимоднокӣ сурат гирифтааст. Ин талабот маънои онро дорад, ки нишондиҳандаҳои интихобшуда аз омори расмӣ бармеоянд ва тавассути онҳо ҳисобу арзёбӣ имконпазир мебошад.

Муҳаққиқони соҳа Артёмова О.В. ва Логачёва Н.М. дар асоси равиши методии овардашуда нишондиҳандаҳоро интихоб ва ба се гурӯҳ тақсим карда, зимнан барои ба низом даровардани ҳисобҳо нишондодҳои ягона пешниҳод намудаанд.

Гурӯҳи аввали нишондиҳандаҳо (блоки аввал) шароити асосии минтақаеро, ки дар он тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ ба амал меояд, тавсиф мекунанд ва чунин зергурӯҳи нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад:

1) маҷмӯи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ $К^{м}_{МММ}$, млн. сомонӣ/ба сари аҳолӣ, ки аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$К^{м}_{МММ} = \frac{МММ_м}{Ш_а} \quad (I)$$

ки дар инҷо: $МММ_м$- маҷмӯи маҳсулоти минтақаи дахлдор (бо ифодаи млн. сомонӣ), $Ш_а$- шумораи аҳолии минтақа (ҳазор нафар);

2) зичии аҳолии минтақа $К^{м}_{ЗА}$ нафар/км$^2$, ки аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$К^{м}_{ЗА} = \frac{Ш_а}{М_м} \quad (II)$$

ки дар инҷо: $М_м$-масоҳати минтақа, (ҳазор.км$^{2)}$;

3) таъминоти буҷетии минтақа ба ҳар сари аҳолӣ $К^{м}_{ТБ}$ (ҳазор сомонӣ)/ба сари аҳолӣ, ки формулаи ҳисоби он чунин аст:

$$К^{м}_{ТБ} = \frac{ДБ_м}{Ш_а} \quad (III)$$

ки дар инҷо: $ДБ_м$- даромади буҷети минтақа, (млн.сомонӣ);

4) даромади миёнаи аҳолии минтақа $К^{м}_{ДМ}$, (сомонӣ).

**Ҳадафи мақола.** Таҳлил ва таҳқиқи таъсири инфрасохтори минтақа ба рушди иқтисодиёти минтақа.

**Ҷанбаҳои арзёбии предмети таҳқиқ.** Дар асоси нишондиҳандаҳои омории вилояти Суғд ва равишҳои болозикр коэффитсиентҳо ҳисоб кардашуда дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Арзёбии тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ дар в. Суғд барои давраи солҳои 2000-2022**

| Нишондиҳанда | Формулаи ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Маҷмӯи маҳсулоти минтақа, $К^{м}_{МММ}$(млн.сом/ба сари аҳолӣ) | $К^{м}_{МММ} = \frac{МММ_м}{Ш_а}$ | 0,25 | 0,86 | 2,54 | 4,79 | 7,77 | 9,73 | 11,1 |
| Зичии аҳолии минтақа, $К^{м}_{ЗА}$(нафар/км$^2$) | $К^{м}_{ЗА} = \frac{Ш_а}{М_м}$ | 75,5 | 81,3 | 89,2 | 99,6 | 110,4 | 112,06 | 113,9 |
| Таъминоти буҷетии минтақа, $К^{м}_{ТБ}$(хаз.сом/ба сари аҳолӣ) | $К^{м}_{ТБ} = \frac{ДБ_м}{Ш_а}$ | 0,01 | 0,05 | 0,21 | 0,5 | 0,66 | 0,86 | 0,89 |
| Даромади миёнаи аҳолии минтақа, $К^{м}_{ДМ}$ (сомонӣ) | - | 17,45 | 75,19 | 277,96 | 380,01 | 671,05 | 854,22 | 1014,63 |

**Сарчашма.** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб шудааст: Омори солонаи вилояти Суғд /Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Хуҷанд, 2023. – С.9-13, 23, 123, 159-161.

Аз натиҷаҳои таҳлили дар ҷадвали 1 амалишуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилоят рӯ ба тараққӣ ниҳода, маҷмӯи маҳсулоти минтақа ба ҳар сари аҳолӣ аз 0,25 ба 11,1 баробар гаштааст. Ин аз афзоиши ҳаҷми ин нишондиҳанда дар минтақа бо назардошти шумораи аҳоли дарак медиҳад. Зичии аҳолии минтақа аз 75,5 то ба 113,9 афзоиш ёфта, таъминоти буҷетӣ бошад, вобаста ба афзоиши табиӣ аҳолӣ аз 0,01 то ба 0,89 зиёд шудааст. Даромади миёнаи аҳолии минтақа дар соли 2000 ба 17,45 баробар буда, дар соли 2022 он ба 1014,63 сомонӣ расидааст, ки наздик 1000 сомонӣ афзоиш ёфта аст. Зикр кардан зарур аст, ки дар доираи нишондиҳандаҳои таҳлилшуда, нишондиҳандаҳои ифодаи пулӣ дошта, номиналӣ мебошанд ва тавассути

онҳо дар фосилаи вақти зиёд баҳои объективӣ додан ғайриимкон мебошад.

Илова ба ин нишондиҳандаҳои дар блоки аввал овардашуда нисбӣ мебошанд ва хислати муқоисавӣ дорад, ки имкон медиҳад онҳоро дар байни минтақаҳо муқоиса намоем. Ҳамчун асос барои ташаккули намояҳои муқоисашаванда арзиши мувофиқи миёнаи миллиро истифода бурдан мумкин аст. Ҳамин тариқ, барои блоки якум намояҳои зерин ба даст оварда шуданд:

- намояи маҷмӯи маҳсулоти минтақа ба сари аҳолӣ $Н_{МММ}=К^{м}_{МММ}/ К^{чт}_{МУМ}$, ки $К^{чт}_{МУМ}$- маҷмӯи маҳсулоти миллии мамлакат ба сари аҳолӣ, (млн.сомонӣ/ба сари аҳолӣ);

- намояи зичии аҳолии минтақа $Н_{ЗА}=К^{м}_{ЗА}/ К^{чт}_{ЗА}$, ки $К^{чт}_{ЗА}$- зичии аҳолии кишвар, (нафар/км$^{2}$);

- намояи таъминнокии буҷетии минтақа ба сари аҳолӣ $Н_{ТБ} = К^{м}_{ТБ}/К^{чт}_{ТБ}$, ки $К^{чт}_{ТБ}$- коэффитсиенти таъминнокии буҷетии ҷумҳурӣ ба ҳар сари аҳолӣ, (ҳазор сомонӣ/ба сари аҳолӣ);

- намояи даромади миёнаи аҳолӣ $Н_{ДМ} = К^{м}_{ДМ}/К^{чт}_{ДМ}$, ки $К^{чт}_{ДМ}$-даромади миёнаи аҳолии ҷумҳурӣ, (сомонӣ).

Натиҷаи намояҳои мазкур дар ҷадвали 2 ҳисоб шудаанд. Дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисобшуда нишондиҳандаи интегралӣ муайян карда мешавад. Тибқи арзёбии муҳаққиқон Артёмова О.В. ва Логачёва Н.М. дар байни нишондиҳандаҳои блоки якум намояи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ вазни қиёсии аз ҳама бештар доранд ва қимати он ба 0,4 баробар аст. Таъминоти буҷетӣ ба ҳар сари аҳолӣ бошад ба 0,3, даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ ба 0,2 ва зичии аҳолии минтақа ба 0,1 баробар мебошанд.

Дар асоси арзёбии зерин нишондиҳандаи интегралиро аз рӯи формулаи (4) ҳисоб мекунем:

$$НИ_1 = 0{,}4Н_{МММ} + 0{,}1Н_{ЗА} + 0{,}3Н_{ТБ} + 0{,}2Н_{ДМ} \quad (IV)$$

**Ҷадвали 2.-Арзёбии шароитҳои базавии тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии в.Суғд барои солҳои 2000-2022**

| Намояҳо | Формулаи ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Намояи маҷмӯи маҳсулоти минтақа, $Н_{МММ}$(млн.сом/ба сари аҳолӣ) | $Н_{МММ}=К^{м}_{МММ}/ К^{чт}_{МУМ}$ | 0,89 | 0,82 | 0,78 | 0,80 | 0,90 | 0,97 | 0,96 |
| Намояи зичии аҳолии минтақа, $Н_{ЗА}$(нафар/км$^{2}$) | $Н_{ЗА}=К^{м}_{ЗА}/ К^{чт}_{ЗА}$ | 1,72 | 1,70 | 1,67 | 1,67 | 1,61 | 1,60 | 1,59 |
| Намояи таъминоти буҷетии минтақа, $Н_{ТБ}$(ҳаз.сом/ба сари аҳолӣ) | $Н_{ТБ} = К^{м}_{ТБ}/К^{чт}_{ТБ}$ | 0,25 | 0,24 | 0,23 | 0,26 | 0,26 | 0,28 | 0,25 |
| Намояи даромади миёнаи аҳолии минтақа, $Н_{ДМ}$(сомонӣ) | $Н_{ДМ} = К^{м}_{ДМ}/К^{чт}_{ДМ}$ | 1,03 | 1,35 | 1,46 | 1,28 | 1,29 | 1,25 | 1,28 |
| Нишондиҳандаи интегралии минтақа ($НИ_1$) | $НИ_1 = 0{,}4Н_{МММ} + 0{,}1Н_{ЗА} + 0{,}3Н_{ТБ} + 0{,}2Н_{ДМ}$ | **0,81** | **0,84** | **0,84** | **0,82** | **0,86** | **0,88** | **0,87** |

**Сарчашма.** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб шудааст: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. – С.10-13, 25-28, 114-118.

Аз рӯи ҳисобҳои дар ҷадвали 2 гузаронидашуда чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки намояи маҷмӯи маҳсулоти минтақа барои солҳои 2000-2022 аз 0,89 то ба 0,96 афзоиш ёфта, намояи зичии аҳолӣ бошад аз 1,72 ба 1,59 коҳиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи урбанизатсия дар минтақа хеле паст буда, як қисми аҳолӣ баҳри баланд бардоштани некӯаҳволии худ дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Дар асоси арзёбии шароитҳои базавии тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии вилояти Суғд гуфтан мумкин аст, ки **нишондиҳандаи интегралии минтақа аз соли 2000 то соли 2022 тағйирёбии хеле ночиз дорад ва ин нишондиҳанда аз қимати 1 поёнтар аст.** Барои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ин нишондиҳанда дар минтақа бояд аз 1 калон мегардид. Аз ин бармеояд, ки шароитҳои базавии тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ дар вилоят такмилталаб аст.

Блокҳои дуюм ва сеюм маҷмӯи нишондиҳандаҳоеро дар бар мегирад, ки барои арзёбии сатҳи инкишофи унсурҳои инфрасохтори иҷтимоии минтақа хизмат мекунанд. Блоки дуюм сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи тандурустиро тавсиф намуда, аз рӯи нишондиҳандаҳои нисбии зерин муайян карда мешавад, ки натиҷаи ҳисоби он дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. – Нишондиҳандаҳои тавсифи сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи тандурустӣ**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Иқтидори муассисаҳои тиббии минтақа $К_{ИТ}^{м}$ | 135 | 142 | 142 | 162 | 177 | 179 | 180 |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо $К_{ИД}^{м}$ | 19778 | 21228 | 22711 | 21417 | 22568 | 22669 | 22864 |
| Маблағгузориҳои минтақа ба нигаҳдории тандурустӣ ба ҳар сари аҳолӣ $К_{МТ}^{м}$ | 298,4 | 365,4 | 498,7 | 532,4 | 552,8 | 601,9 | 653,7 |
| Дар минтақа ба истифода додани беморхонаҳо $К_{ИБ}^{м}$ | 74,8 | 70,4 | 62,7 | 58,5 | 56,1 | 54,4 | 54,5 |
| Дар минтақа ба истифода додани муассисҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо $К_{ИД}^{м}$ | 102 | 103,1 | 101,0 | 85,2 | 82,0 | 80,2 | 80,9 |

**Сарчашма.** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб шудааст: Омори солонаи вилояти Суғд /Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Хуҷанд, 2023. – С.12-13, 137, 181-182.

Дар асоси ҳисоби нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи тандурустӣ маълум гардид, ки иқтидори муассисаҳои тиббии минтақа барои таъмини аҳолӣ дар соли 2000 хеле паст буда, тадриҷан вусъат ёфтааст ва дар соли 2022 ба 180 адад расидааст. Сатҳи иқтидори амбулаторӣ-дармонгоҳҳо дар давраи таҳлилӣ аз 19778 адад то ба 22864 адад расидааст, ки назаррас афзоиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки имкониятҳои хизматрасонии нуктаҳои тиббӣ ва муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо дар шароити имрӯза рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Маблағгузории вилоят барои нигоҳдории соҳаи тандурустӣ дар соли 2022 ба 653,7 ҳазор сомонӣ баробар шуда, баракс шумораи ба истифода додани беморхонаҳо, муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо коҳиш ёфтааст.

Агар тарзи ҳисобҳои анҷомдодашударо дар ҷадвали 3 шарҳ диҳем, чунин аст:

1) иқтидори муассисаҳои тиббии минтақа $К_{ИТ}^{м}$, ки бо шумораи кати беморхонаҳо ба ҳар 10000 нафар аҳолӣ чен карда мешавад;

2) иқтидори муассисаҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо $К_{ИД}^{м}$, ки аз рӯи шумораи муроҷиати аҳолии минтақа дар як баст ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ чен карда мешавад;

3) маблағгузориҳои минтақа ба нигаҳдории тандурустӣ ба ҳар сари аҳолӣ $К_{МТ}^{м}$, ки бо ҳазор сомонӣ/ба сари аҳолӣ чен карда шуда, аз рӯи формулаи $К_{МТ}^{м} = МТ_{м}/Ш_{а}$ муайян карда мешавад;

4) дар минтақа ба истифода додани беморхонаҳо $К_{ИБ}^{м}$, ки аз рӯи шумораи катҳо ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолии минтақа муайян карда мешавад;

5) дар минтақа ба истифода додани муассисҳои амбулаторӣ-дармонгоҳҳо $К_{ИД}^{м}$, ки аз рӯи теъдоди қабули аҳолӣ дар як баст ба ҳисоби 10000 нафар аҳолӣ муайян карда мешавад.

Блоки сеюм нишондиҳандаҳоро дар бар мегиранд, ки сатҳи рушди унсурҳои инфрасохтори соҳаи маорифро тавсиф мекунад ва натиҷаи ҳисобии он дар ҷадвали 4 оварда шудааст. Равиши арзёбии мазкур чунин нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад:

1) фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таълимии томактабӣ дар минтақа $К_{ТТ}^{м}$, ки шумораи кӯдакони синну соли дахлдори минтақаро ташкил медиҳад;

2) фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии минтақа $К_{ШХ}^{м}$- шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шумораи умумии аҳолии минтақа, ки дар асоси формулаи $К_{ШХ}^{м} = ШХ_{м}/Ш_{а}$, ҳисоб мегардад ва $ШХ_{м}$- шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии минтақа (бо ҳазор нафар) аст;

3) фарогирии минтақа бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (МТУК, МТМК, МТОК) $К_{МК}^{м}$ - ҳиссаи толибилмон дар ин зинаҳои таҳсил аз шумораи умумии аҳолии минтақа, тавассути формулаи $К_{МК}^{м} = (ШТУК_{м} + ШТМК_{м} + ШТОК_{м})/Ш_{а}$ муайян карда мешавад:

ки дар инҷо $ШТТИ_{м}$-шумораи толибилмони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии минтақа (бо ҳазор нафар);

$ШТМК_{м}$- шумораи толибилмони муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ (бо ҳазор нафар);

$ШТОК_{м}$ -шумораи донишҷӯёни мактабҳои олии касбии минтақа (бо ҳазор ҳазор нафар) аст;

4) маблағгузории минтақа ба соҳаи маориф ба ҳар сари аҳолӣ $К_{ММ}^{м}$ (ҳазор сомонӣ/нафар) тавассути формулаи $К_{ММ}^{м} = ММ_{м}/Ш_{а}$ муайян карда мешавад, ки дар инҷо $ММ_{м}$- маблағгузорӣ ба маорифи минтақа мебошад;

5) ба истифода додани муассисаҳои томактабии минтақа $К^{м}_{МТМ}$-шумораи ҷойҳо ба 100 нафар кўдакони синни томактабии минтақа.

**Ҷадвали 4. – Нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи маориф**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Фарогирии кўдакон ба муассисаҳои таълимии томактабии минтақа $К^{м}_{ТТ}$ | 19,2 | 23,2 | 25,7 | 38,7 | 40,3 | 42,2 | 44,7 |
| Фарогирии кўдакон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии минтақа $К^{м}_{ШХ}$ | 0,25 | 0,23 | 0,21 | 0,19 | 0,20 | 0,21 | 0,20 |
| Фарогирии минтақа бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (МТУК, МТМК, МТОК) $К^{м}_{МК}$ | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,02 |
| Маблағгузории минтақа ба соҳаи маориф ба ҳар сари аҳолӣ $К^{м}_{ММ}$ | 464,4 | 580,5 | 725,7 | 907,1 | 1133,9 | 1378,3 | 1530,6 |
| Ба истифода додани муассисаҳои томактабии минтақа $К^{м}_{МТМ}$ | 73 | 87 | 85 | 99 | 116 | 100 | 117 |

**Сарчашма.** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб ва низомбандӣ шудааст: Омори солонаи вилояти Суғд /Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Хуҷанд, 2022. – С.23-24, 49-50, 52-56.

Аз рўи натиҷаи ҳисоби дар ҷадвали таҳлилӣ инъикосёфта чунин ба назар мерасад, ки дар соли 2000 танҳо 19,2 фоизи кўдакони синну солашон дахлдор ба муассисаҳои таълимии томактабии вилоят фаро гирифта шуда, дар солҳои дигари таҳлилӣ ин нишондиҳанда тадриҷан зиёд шудааст. Дар соли 2022 кўдакони ба муассисаҳои таълимии томактабии вилоят фаро гирифта шуда ба 44,7 фоиз расидааст, ки 25,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Фарогирии кўдакон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии минтақа аз 0,25 то 0,2 дар давраи таҳлилӣ коҳиш ёфта аст. Фарогирии минтақа бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар давоми 22 соли таҳлилӣ бетағйир мондааст. Маблағгузории минтақа барои нигоҳдории соҳаи маориф аз соли 2000 то инҷониб афзоиш ёфта, дар соли 2022 ба 1530,6 ҳазор сомонӣ баробар гаштааст. Дар ин замина шумораи муассисаҳои томактабии вилоят низ аз 73 адад ба 117 адад расидааст.

Барои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои блокҳои дуюм ва сеюм, намояҳоро муайян мекунем, ки сатҳи миёнаи нишондиҳандаи миллиро ҳамчун асос барои муқоиса гирифтан мумкин аст.

Намояҳои блоки дуюм тавассути формулаҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

1) намояи иқтидори муассисаҳои тиббии минтақа $Н_{ИТ} = К^{м}_{ИТ}/К^{чт}_{ИТ}$, ки $К^{чт}_{ИТ}$- иқтидори муассисаҳои тиббии мамлакат мебошад ва он шумораи катҳои беморхонаро ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ нишон медиҳад;

2) намояи иқтидори амбулаторияҳои тиббӣ-дармонгоҳҳои минтақа $Н_{ИД} = К^{м}_{ИД}/К^{чт}_{ИД}$, ки $К^{чт}_{ИД}$-иқтидори амбулаторияҳои тиббӣ ва марказҳои саломатии кишварро ифода менамояд ва шумораи муроҷиати аҳолӣ дар як баст ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ ифода меёбад;

3) намояи маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ ба ҳар сари аҳолӣ $И_{МТ} = К^{м}_{МТ}/К^{чт}_{МТ}$, ки $К^{чт}_{МТ}$-маблағгузориҳо ба ҳар сари аҳолии мамлакат, ҳазор сомонӣ/нафар;

4) намояи ба истифода додани беморхонаҳо, ки аз рўи шумораи катҳо ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолии минтақа муайян карда мешавад, $Н_{ИБ} = К^{м}_{ИБ}/К^{чт}_{ИБ}$, ки $К^{чт}_{ИБ}$-ба истифода додани беморхонаҳо дар мамлакат, ки он шумораи катҳои беморхонаро ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ ифода мекунад;

5) намояи ба истифода додани амбулаторияҳои тиббӣ-дармонгоҳҳо $Н_{ИД} = К^{м}_{ИД}/К^{чт}_{ИД}$, ки $К^{чт}_{ИД}$- ба истифода додани амбулаторияҳои тиббӣ дар кишвар, ки шумораи муроҷиати 10 ҳазор нафар аҳолиро дар як баст нишон медиҳад.

**Ҷадвали 5. – Арзёбии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар соҳаи тандурустӣ**

| Намояҳо | Формулаи ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Намояи иқтидори муассисаҳои тиббии минтақа | $Н_{ИТ} = К^{м}_{ИТ}/К^{ЧТ}_{ИТ}$ | 0,30 | 0,31 | 0,33 | 0,34 | 0,34 | 0,34 | 0,34 |
| Намояи иқтидори амбулаторияҳои тиббӣ-дармонгоҳҳои минтақа | $Н_{ИД} = К^{м}_{ИД}/К^{ЧТ}_{ИД}$ | 0,33 | 0,31 | 0,33 | 0,32 | 0,33 | 0,32 | 0,33 |
| Намояи маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ ба ҳар сари аҳолӣ | $И_{МТ} = К^{м}_{МТ}/К^{ЧТ}_{МТ}$ | 1,5 | 2,2 | 3,1 | 4,5 | 6,4 | 11,6 | 15,6 |
| Намояи ба истифода додани беморхонаҳо | $Н_{ИБ} = К^{м}_{ИБ}/К^{ЧТ}_{ИБ}$ | 1,14 | 1,20 | 1,25 | 1,28 | 1,28 | 1,27 | 1,27 |
| Намояи ба истифода додани амбулаторияҳои тиббӣ-дармонгоҳҳо | $Н_{ИД} = К^{м}_{ИД}/К^{ЧТ}_{ИД}$ | 1,07 | 1,06 | 1,13 | 1,09 | 1,13 | 1,12 | 1,16 |

**Сарчашма.** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб ва низомбандӣ шудааст: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. – С.14,152.

Тибқи натиҷаи арзёбии сатҳи инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар соҳаи тандурустӣ намояи иқтидори муассисаҳои тиббии вилоят дар муқоиса бо иқтидори муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ дар сатҳи паст қарор дошта, 34 фоизи иқтидори муассисаҳои тиббии мамлакатро ташкил медиҳад. **Иқтидори амбулаторияҳои тиббӣ-дармонгоҳҳои вилоят** дар давоми 22 соли охир нисбат ба ҷумҳур бетағйир боқӣ мондааст. Маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ аз 1,5 ҳазор сомонӣ ба 15,6 ҳазор сомонӣ зиёд шуда, намояи ба истифода додани беморхонаҳо дар вилоят нисбат ба ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба 1,27 афзоиш ёфтааст.

Намояҳо аз рӯи блоки сеюм тавассути формулаҳои зерин муайян карда мешавад:

1) намояи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабии минтақа $Н_{ТТ} = К^{м}_{ТТ}/К^{ЧТ}_{ТТ}$, ки $К^{ЧТ}_{ТТ}$-фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабии мамлакат мебошад ва он ҳиссаи шумораи кӯдакони синну солашон дахлдорро ифода мекунад;

2) намояи фарогирии минтақа бо муассисаҳои таълимии умумӣ $Н_{ШХ} = К^{м}_{ШХ}/К^{ЧТ}_{ШХ}$, ки $К^{ЧТ}_{ШХ}$-фарогирии мамлакатро бо муассисаҳои таълимии умумӣ ва ҳиссаи хонандагони муассисаҳои таълимии умумиро нисбат ба шумораи умумии аҳолии кишвар ифода мекунад;

3) намояи фарогирии минтақа бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (МТУК, МТМК, МТОК) $Н_{МК} = К^{м}_{МК}/К^{ЧТ}_{МК}$, ки $К^{ЧТ}_{МК}$-фарогирии мамлакат бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (МТУК, МТМК, МТОК) мебошад ва ҳиссаи донишҷӯёни муассисаҳоро нисбат ба шумораи умумии аҳолии мамлакат ифода менамояд;

4) намояи маблағгузории минтақа ба соҳаи маориф $Н_{ММ} = К^{м}_{ММ}/К^{ЧТ}_{ММ}$, ки $К^{ЧТ}_{ММ}$-маблағгузорӣ ба соҳаи маориф дар мамлакатро ба ҳар сари аҳолӣ ифода менамояд;

5) намояи ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ дар минтақа $Н_{МТМ} = К^{м}_{МТМ}/К^{ЧТ}_{МТМ}$, ки $К^{ЧТ}_{МТМ}$-ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ дар мамлакат ва шумораи ҷойҳои таълимиро ба 10 ҳазор нафар кӯдакони синну солашон мактабӣ ифода мекунад;

6) намояи ба истифода додани муассисаҳои таълимии умумӣ $Н_{ИМТ} = К^{м}_{ИМТ}/К^{ЧТ}_{ИМТ}$, ки $К^{ЧТ}_{ИМТ}$-ба истифода додани муассисаҳои таълимии умумӣ дар кишвар мебошад ва шумораи ҷойҳои нишасти кӯдакони синнашон мактабиро ифода мекунад.

**Ҷадвали 6. – Арзёбии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар соҳаи маориф**

| Намояҳо | Формулаи ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Намояи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабии минтақа | $Н_{ТТ} = К^{м}_{ТТ}/К^{ЧТ}_{ТТ}$ | 0,36 | 0,37 | 0,41 | 0,42 | 0,41 | 0,42 | 0,44 |
| Намояи фарогирии минтақа бо муассисаҳои таълимии умумӣ | $Н_{ШХ} = К^{м}_{ШХ}/К^{ЧТ}_{ШХ}$ | 1,04 | 0,92 | 0,95 | 0,90 | 0,91 | 0,95 | 0,91 |
| Намояи фарогирии минтақа бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (МТУК, МТМК, МТОК) | $Н_{МК} = К^{м}_{МК}/К^{ЧТ}_{МК}$ | 0,08 | 0,08 | 0,09 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,11 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Намояи маблағгузории минтақа ба соҳаи маориф | $Н_{ММ} = К_{ММ}^{м}/К_{ММ}^{чт}$ | 9,2 | 10,2 | 11,4 | 12,7 | 14,1 | 15,5 | 13,3 |
| Намояи ба истифода додани муассисаҳои томактабӣ дар минтақа | $Н_{МТМ} = К_{МТМ}^{м}/К_{МТМ}^{чт}$ | 0,95 | 0,94 | 0,96 | 0,95 | 1,23 | 1,03 | 1,20 |

**Сарчашма.** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб ва низомбандӣ шудааст: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. – С.25,44-46.

Низоми нишондиҳандаҳо ва равишҳои методии пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки алгоритми арзёбӣ дар асоси бандҳои зерин таҳия карда шавад:

- ташаккули низоми нишондодҳо, ки аз се блок иборатанд;

- ба шакли муқоисашаванда овардани нишондиҳандаҳо (ба сифати стандарт қиммати миёнаи миллӣ баромад мекунад);

- муайянсозии намояҳо тавассути формулаҳои баррасишуда;

- муайян намудани нишондиҳандаҳои интегралии блокҳои баррасишуда.

Зикр кардан зарур аст, ки услуби арзёбии тавсияшаванда як қатор ҷанбаҳои мусбӣ дорад:

- дараҷаи баланди дастрасии иттилоот ва эътимоднокии нишондиҳандаҳои истифодашаванда барои арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро фароҳам меорад;

- қулаю осон будани истифода ва суръати тези ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ;

- имкони муқоисаи нисбатан саҳеҳи байниминтақавӣ ва раддабандии минтақаҳо аз рӯи меъёрҳои гуногун;

- имконияти истифода барои таҳлили динамикӣ;

-чандирии услуби арзёбӣ, зеро имкони тағйир додани нишондиҳандаҳои интихобшуда ё васеъ кардани номгӯи нишондиҳандаҳое, ки унсурҳои якхела ё иловагии инфрасохтори иҷтимоии минтақаро тавсиф мекунанд, мавҷуд аст.

**Хулоса ва тавсияҳо.** Аз арзёбии гузаронидашуда бармеояд, ки дар оянда нишондиҳандаи интегралии минтақа бояд афзоиш дода шаванд. Дар акси ҳол рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба таври зарурӣ таъмин нашуда, метавонад пасомадҳои манфӣ дошта бошад. Илова ба ин, иқтидори амбулаторияҳои тиббӣ-дармонгоҳҳои вилоят низ тадриҷан афзоиш дода шаванд.

Боз ҳам тақвият додани намояи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабии минтақа, намояи фарогирии минтақа бо муассисаҳои таълимии умумӣ, намояи фарогирии минтақа бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, намояи маблағгузории минтақа ба соҳаи маориф ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқи масоили арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа метавон хулоса намуд, ки маҳз тавассути равишҳои комилан мувофиқ имконияти арзёбии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъсири он ба рушди минтақа ва дар маҷмӯъ мамлакат имконпазир мегардад.

## АДАБИЁТ

татбиқи иқтидори шахсии онҳо шароит фароҳам оварда, фаъолияти низоми идоракунии мақомоти иҷроияи давлатро такмил дода, дар фаъолияти он ба самаранокии бештар ноил гардад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот”/ Манбаи электронӣ / Усули дастрасӣ: http://ncz.tj/
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот/Манбаи электронӣ/ Усули дастрасӣ: http://ncz.tj/
3. Консепсияи хукумати электронӣ / Манбаи электронӣ/ Усули дастрасӣ: http://ncz.tj/
4. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ / Манбаи электронӣ/ Усули дастрасӣ: http://ncz.tj/
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030./ Манбаи электронӣ/ Усули дастрасӣ: https://medt.tj/ - 85с.
6. Аврамчикова Н.Т., Иванов Д.С. Ресурсный потенциал региона: структура и эффективность использования//E-Management. 2022. Т. 5, - № 4. - С. 54–63.
7. Артемьев А.А., Лазарева О.С. Применение геоинформационных систем в современных условиях: основные достоинства и перспективы развития. / Вестник ТвГУ. -2016. -№ 2.С. 231-239
8. Бердзенишвили,С.Г., Попова О.С.. Географические информационные системы и подсистемы // Наука. Техника. Технологии (политехнический вестник). – 2013. – № 3. – С. 17-18.
9. Дупленко А. Г. Этапы и тенденции развития геоинформационных систем // Молодой ученый. — 2015. — №9. — С. 115-117
10. Карпенко, С. А. Геоинформационное обеспечение функции учета объектов территориального управления / С. А. Карпенко // Ученые записки Таврического национального университета им. В. И. Вернадского. Серия: География. – 2014 – Т. 22 (61). – № 1. – С. 39–47.
11. ИТ Услуги. Разработка программного обеспечения в Согдийской области и Аутсорсинг центров хранения и обработки данных [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://tj.bizorg.su/pendzhikent
12. Самые цифровые страны мира: рейтинг 2020 год [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://hbr-russia.ru.Дата доступа- 15.12.2022.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович** - ассистетни кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 169. E-mail: ashraf_r0004@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Рахматуллоев Ашрфджон Умеджонович** - ассистент кафедры Товароведение и таможенное дело Института экономики и торговля Таджикского государственного университета коммерции. Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, проспект И.Сомони, 169.E-mail: ashraf_r0004@mail.ru

**Information about the author:**

**Rahmatulloev Ashrafjon Umedjonovich** - assistant of the Department of Commodities and customs activity of the Institute economics and trade University state business of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Sughd region, s. Khujand, I. Somoni Avenue, 169.E-mail: ashraf_r0004@mail.ru


**УДК: 336.71**

## РАВАНДИ ТАТБИҚИ РАҚАМИКУНОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич**

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур муаллиф яке аз масъалаҳои баҳсталаб ва муосир – тадбиқи рақамикунонӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ ва зери таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Рақамикунони дар бонкҳои тиҷоратӣ ин истилоҳи нав воридшуда дар низоми бонкдории кишвари мо ба ҳисоб меравад.

Рақамикунонии фаъолияти бонкҳо имконият медиҳад, ки барои субъектҳои низоми бонкӣ манбаъҳои нави даромад ба вуҷуд оянд.
Ворид намудани рақамикунонӣ ба низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳнишавӣ рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ барои бунёди низоми рақобатпазири хизматрасонӣ шароити зарурираро таъмин намуда, арзиши адои хизматрасониҳоро коҳиш дода, суръати иҷрои амалиётҳоро баланд ва фоидаи бонкро ба сатҳи максималӣ мерасонад.
**Калидвожаҳо**: бонк, бонки тиҷоратӣ, инноватсионӣ, технологияҳои электронӣ, рақамикунонӣ, хизматрасонӣ, мизоҷон, идоракунии корпоративӣ, мадел, омил, рушд,
**Барои иқтибос:** Абдулхайров Ф.М. Раванди татбиқи рақамикунонӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. М. Абдулхайров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 140-149.

## ПРОЦЕСС ВНЕДРЕНИЯ ЦИФРОВИЗАЦИИ В ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич**

**Аннотация.** В данной статье автор обсуждает один из самых спорных и современных вопросов - применение цифровизации в коммерческих банках, а также подвергает его исследованию и анализу. Цифровизация в коммерческих банках – новый термин в банковской системе нашей страны. Цифровизация банковской деятельности позволяет создать новые источники доходов субъектов банковской системы.
Внедрение цифровизации в банковскую систему коммерческих банков в условиях кризиса, цифровизация деятельности коммерческих банков обеспечивает необходимые условия для создания конкурентоспособной системы услуг, снижает стоимость оказания услуг, увеличивает скорость операций и максимизирует прибыль банка.
**Ключевые слова:** банк, коммерческий банк, инновационные, электронные технологии, цифровизация, услуги, клиенты, корпоративное управление, модель, фактор, развитие.

## THE PROCESS OF INTRODUCING DIGITALIZATION INTO THE ACTIVITIES OF COMMERCIAL BANKS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abdulkhairov Fakhriddin Mahmadshoevich**

**Annotation.** In this article, the author discusses one of the most controversial and modern issues - the use of digitalization in commercial banks, and also subjects it to research and analysis. Digitalization in commercial banks is a new term in the banking system of our country. Digitalization of banking activities makes it possible to create new sources of income for subjects of the banking system.
The introduction of digitalization into the banking system of commercial banks in a crisis, digitalization of the activities of commercial banks provides the necessary conditions for creating a competitive system of services, reduces the cost of providing services, increases the speed of operations and maximizes bank profits.
**Key words:** bank, commercial bank, innovative, electronic technologies, digitalization, services, clients, corporate governance, model, factor, development

**Гузориши масъала.** Воқеан, дар амалияи имрӯзаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ раванди баландсуръати рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ яке аз афзалиятҳои рақобатӣ мебошад. Роҳандозии технологияҳои рақамӣ ва дар ин асос, таҳлили ҳаҷми нисбатан калони иттилоот имконият медиҳад, то ҷиҳати рӯи кор овардани хадамоти комилан нави бонкӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Дар шароити ҷаҳнишавӣ рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ барои бунёди низоми рақобатпазири хизматрасонӣ шароити зарурираро таъмин намуда, арзиши адои хизматрасониҳоро коҳиш дода, суръати иҷрои амалиётҳоро баланд ва фоидаи бонкро ба сатҳи максималӣ мерасонад. Ба ақидаи баъзе аз таҳлилгарони соҳаи бонкӣ дар шароити рақамикунонӣ яке аз омилҳои манфии ба сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ таъсиррасон хароҷоти калони бадастории воситаҳои нави рақамӣ ва хатарҳои марбут ба ҷорӣ намудани онҳо мебошад [1, с.350-360].

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Раванди татбиқи рақамикунонӣ дар фаъолияти

бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии иқтисодчиёни ватанӣ: Хайрзода Ш.Қ., Ҳикматов У.С., Саидов Р.Н. ва олимони хориҷӣ, аз ҷумла дар таълифоти илмии Алленых М.А., Белоусова Е.М. мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мақсади мақола.** Бонкҳои тиҷоратӣ бояд хизматрасониҳоро бо истифодаи технологияҳои фаъолтарини рақамӣ роҳандозӣ намоянд.

Таъмини мутақобилаи муштараки воситаҳои рақамӣ ва фаъолият дар ҳалли масъалаҳои инфрасохтори технологияҳои коммуникатсионӣ ва истифодаи фаъоли инфрасохтори молиявӣ ва рақамӣ дар соҳаи саводнокии молиявӣ, ташкили корҳои ҳавасмандгардонӣ барои рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Рақамикунонии фаъолияти бонкҳо имконият медиҳад, ки барои субъектҳои низоми бонкӣ манбаъҳои нави даромад ба вуҷуд оянд. Рақамикунонӣ самти фаъолияти афзалиятноки бонкро муайян менамояд, аз ин рӯ, муассисаҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар стратегияи рушди худ раванди рақамикунониро ба инобат гиранд. Аз нигоҳи мо, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ваколатдор бояд ҷиҳати тезонидани раванди рақамикунонии бонкҳои тиҷоратии кишвар аз тариқи дастгирии молиявии IT-инфрасохтори низоми бонкӣ, бизнес-инкубаторҳо ва ширкатҳои мустақили коркардкунандаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мусоидат намояд [2, с.44].

Дар шароите, ки субъектҳои низоми ғайрибонкӣ хизматрасониҳои молиявиро бо истифодаи усулҳои муосири инноватсионӣ иҷро менамоянд, барои бонкҳои тиҷоратӣ то андозае монеа эҷод мекунанд. Дар натиҷа, даромаднокии хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш меёбад, ки ҳолати мазкур мушкилоти дарёфти сарчашмаҳои нави ташаккулёбии даромадро пеш меорад. Бо назардошти вазъияти ҷойдошта бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки аз тариқи пешниҳоди хизматрасониҳои рақамии баландсифати муносиб, қулай ва дастрас талаботи муштариёнро қонеъ намуда, мавқеи худро дар бозори молиявӣ устувор нигоҳ дорад.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ бе технологияҳои инноватсионии муосир фаъолият кардани бонкҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо ғайриимкон аст, чунки солҳои охир истифодаи васеи воситаҳои хизматрасонӣ ва технологияҳои муосири пардохт, аз ҷумла бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг, QR кодҳо ва интиқоли электронии маблағҳо дастрасиро ба хизматрасониҳои бонкӣ беҳтар кардааст.

Масъалаи рақамикунонӣ дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир, махсусан дар бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар масъалаи рақамикунонии соҳаи бонкдорӣ – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ таъкид намуданд, ки “Бонки миллиро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати тавсеаи бахши молиявӣ фарогирӣ дар кишвар, рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, таъмини гуногунии хизматрасониҳои молиявӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дониши молиявии онҳо корҳои назарас намоянд [10]”. Дар тамоми соҳаҳои ҳаётии имрӯзаи кишвар низоми рақамикунонӣ ҷараён дорад ва таъмини сифати кори низоми мазкур аз андешидани чораҳои зерин вобаста мебошад:

- ✓ Осон намудани ҳаёти муштариён тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои инноватсионӣ ва рақамии бонкӣ;
- ✓ роҳандозии технологияҳои молиявӣ ва пешниҳоди маҳсулоти инноватсионӣ ба соҳибкории хурду миёна ва аҳолӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар;
- ✓ пайдо кардани мавқеъ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ;
- ✓ баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- ✓ баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт;
- ✓ таъсиси ҷойҳои нави корӣ;
- ✓ паст кардани сатҳи амалҳои коррупсионӣ.

Дар ин давра рақамикунонии низоми бонкӣ дар таҳия ва татбиқи замимаҳои электронии пардохт, аз ҷониби ҶСҶ «Алиф Бонк» дар мавқеи пешсаф қарор дорад. Низоми пардохтии ҶСК “Бонки Эсхата”, БДА ҶТ “Амонатбонк” ва ҶСП “Душанбе Сити Бонк”, имкони пардохтҳои ғайринақдӣ дар мағозаҳо ва бозорҳо, дар низоми пардохти пули коммуналӣ, бар гардонидани қарзҳо бо тариқи POS-терминалҳо, QR-рамз, ва интиқоли маблағҳо дар дохил ва хориҷӣ кишварро васеъ мекунад. Ҷорӣ намудани интернет-банкинг ба соҳибкорон имкон дод, ки хароҷоти молиявӣ ва вақти истифодаи хизматрасониҳои бонкиро кам кунанд. Вобаста ба ин, андешидани тадбирҳое зарур аст, ки рушди низоми рақамиро дар кишвар тақвият бахшад, зеро рақамикунонии ҳар як бахши иқтисодиёт ва дар маҷмӯъ кишвар ба як падидаи ногузир табдил ёфта истодааст. Барои боз ҳам тақвият бахшидани рушди иқтисодиёти рақамӣ, ба инобат гирифтани ҷиҳатҳои зеринро зарур мешуморем:

- ✓ баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ. Роҷеъ ба ин масъала, иқтисодчии ватанӣ Саидов Р.Н. дар яке аз мақолаҳои илмии худ қайд менамояд, ки ҳар чӣ бештар сафарбар намудани маблағҳои озоди аҳолӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ дар намуди депозитҳо боиси ташаккули даромади иловагии мардум мегардад. Аммо аз нигоҳи

муҳақиқ ҷиҳати таъмини чунин шароит баландбардории фарҳанги молиявии аҳолӣ зарур мебошад [7, с.128];

- рушди инфрасохтори рақамӣ;
- тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар соҳаи иттиллотии муосир;
- баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ аз низоми рақамӣ тавассути роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳӣ ва гузаронидани семинарҳо дар самтҳои муайян;
- устувории сохторҳои корпоративӣ ва ҷиҳатҳои муҳим.

Зикр кардан ба маврид аст, ки рақамикунонӣ дар ҷаҳони муосир яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Инчунин, роҳҳои нави рушдро кушода, ба ин васила гузариши бахши бонкии иқтисодиётро ба сатҳи нав таъмин намуда истодааст. Олимон ва коршиносони соҳа итминони комил доранд, ки ояндаи рушди иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ аз низоми бонкдории рақамӣ вобаста мебошад.

Технологияҳои электронӣ дар бахши бонкӣ босуръат рушд карда истодааст ва бозори умумии молиявӣ тадриҷан ба меъёри хизматрасонии фосилавӣ мегузарад. Ба зудӣ дидан мумкин аст, ки чӣ гуна ин технологияҳо нақши худи бонкҳоро тағйир медиҳанд, онҳоро бештар мобилӣ мегардонанд ва инчунин, ба бозор мизоҷони комилан навро меоранд. Дар айни замон, қариб ҳар як бонки Тоҷикистон барномаи мобилии худро дорад, ки барои ҳалли вазифаҳои ҳаррӯзаи муштариёнаш хизмат мерасонад. Дар замони муосир таҳияи замимаҳои мобилӣ хеле зиёд гардидааст. Ҳама бонкҳои мобилӣ дорои вазифаҳои асосӣ барои анҷом додани пардохтҳои асосӣ ва интиқолӣ мебошанд. Ҳар сол сатҳи рушди бонки рақамӣ афзоиш ёфта, шумораи хизматрасониҳо аз ҷониби бонк пешниҳодшаванда меафзояд. Ҳоло дар бозори замимаҳои мобилӣ на ҳалли мушкилоти муайян, балки иттилооте, ки корбарон мегиранд ва чӣ гуна онҳо метавонанд онро истифода ва назорат кунанд, муҳимтар мешавад.

Яке аз мушкилоти асосии имрӯза саводи молиявӣ надоштани баъзе аз афроди ҷоомеа мебошад, ки боиси нобоварии пурраи шаҳрвандон (хусусан миёнасолон ва калонсол) ба технологияҳои молиявии рақамӣ зоҳир мегардад. Бонкҳои ҳозира дар самти таълими молиявӣ ва саводнокии молиявӣ нисбатан фаъолона кор мекунанд. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти амалиётӣ оптималӣ ва ба таври назаррас коҳиш дода шавад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои қарзӣ омили паҳншавии минбаъдаи рақамӣ мегарданд. Технологияҳои муосири IT ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд, ки онҳо бартариҳои зиёд ба даст оранд ва дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ сатҳи рақобатпазирии худро баланд бардоранд. Дар чунин шароит амалкарди низоми хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ҳамчун фазои ягонае, ки тиҷорати бонкӣ ва муҳити рақамиро муттаҳид мекунад, мубрам арзёбӣ мегардад [3, с. 61-63].

Рақамикунонии бонкӣ як қадами муҳим дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ гардидаст. Ташкилотҳои қарзӣ технологияҳои рақамиро дар фаъолияти худ ҷорӣ намуда, ба онҳо имкон медиҳанд, ки муваффақ ва рақобатпазир бошанд. Дар бахши бонкӣ ҳангоми табдилдиҳии низоми хизматрасонии рақамӣ вазифаи аввалиндараҷа бояд татбиқи амнияти иқтисодӣ ва иттилоотӣ бошад, зеро платформаҳои гуногуни электронӣ ба муҳити ҳамлаҳои киберӣ табдил меёбанд.

Дар шароити кунунии рушди имкониятҳои инноватсионӣ хизматрасониҳои рақамии аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ анҷомдодашуда ҳам ба манфиати мизоҷон ва ҳам ба фоидаи бонкҳо мебошад (Ниг. ба расми 1.).

Тавре аз маълумоти расми 1 бар меояд, ки низоми хизматрасониҳои рақамии бонкӣ барои манфиати бонкҳо ва мизоҷон имкон медиҳанд, ки раванди ташаккули пойгоҳи муштариёнро суръат бахшад. Зеро самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти бонкӣ маҳз аз ҳамин равандҳо ва пешниҳоди босифати хадамот аз ҷониби муштариёни онҳо тавассути каналҳои рақамӣ ва хизматрасониҳои нав вобаста мебошад.

Таҳавуллоти хизматрасониҳои бонкӣ дар миқёси ҷаҳонӣ якчанд марҳилаҳоро паси сар кард, ки ба гузариш ба модели рақамии бонкӣ мусоидат намуд (расми 2.).




**Расми 1.-** Афзалиятҳои татбиқи низоми хизматрасонии рақамӣ барои мизоҷон ва бонкҳо.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.




**Расми 2.-** Мадели хизматрасонии бонкӣ

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Гузариш ба модели анъанавии хизматрасонии бонки то соли 1920 сурат гирифт.Баъд модели гузариши хизматрасонии бонкӣ ба вучуд омад, ки аз соли 1920 то соли 2006 давом кард. Аз соли 2006 вуҷуд дорад гузаштан ба модели рақамии хизматрасониҳои бонкӣ амалӣ карда шуд. Ин гузариш асосан бо рақамикунонии иттилооти бонкӣ алоқаманд буд; рақамикунонии раванди хизматрасонӣ ба мизоҷони бонкӣ; шудан Интернет-банкинг, инчунин гузариш ба трансформатсияи рақамии бонкӣ ба категорияҳои гуногуни мизоҷон хизмат мерасонад [3, с. 27-30].

Таҷрибаи бонкҳои тиҷоратии ватанӣ нишон медиҳад, ки шароити мусоиди гузариши онҳо ба рақамикунонӣ бунёд ёфта истодааст. Ҳамасола зиёд гардидани муштариёни истифодабарандаи хизматрасониҳои фосилавӣ ҳолати мазкурро исбот менамояд. Ниг. ба ҷадв. 1.

**Ҷадвали 1.**Нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2019 маротиба |
| Бонкҳо | 18 | 21 | 19 | 21 | 24 | 1,3 |
| Миқдори умумии кортҳои пардохтӣ дар муомилот | 2 483 861 | 3 247 851 | 3 479 109 | 5 060 793 | 6 711 241 | 2,7 |
| Миқдори дорандаҳои кортҳои пардохтӣ | 2 420 658 | 3 016 946 | 3 371 317 | 4 662 545 | 6 524 142 | 2,7 |
| Микдори банкоматҳо | 878 | 1 249,00 | 1 412 | 1 724 | 2 240 | 2,6 |
| POS-терминал | 3 535 | 3 811 | 3 030 | 3 872 | 6 939 | 2,0 |
| QR-рамз | 1 813 | 5 266 | 11 036 | 17 433 | 12 560 | 6,9 |
| Шумораи амалиёт тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ | 6 005 | 6 897 | 6 309 | 8 550 | 12 764 | 2,1 |
| Шумораи амалиётҳо тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ба сари ҳар 1000 адад корт, адад | 2,4 | 2,1 | 1,8 | 1,7 | 1,9 | 0,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ. - 2019. - 12(293) - С.99- 100; Бюллетени омори бонкӣ. – 2020. - 12(305). - С.99-100; Бюллетени омори бонкӣ. - 2021. - 12(316) - С.78-79; Бюллетени омори бонкӣ. - 2022. - 12(329). - С.81-82; Бюллетени омори бонкӣ. - 2023. - 12(341). - С.83-84;

Новобаста аз он, ки рафти рақамикунонии хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратии кишвар бомаром идома дорад, лекин, бо сабаби норасоии интернет ва нисбатан паст будани суръати он дар аксарияти манотиқи ҷумҳурӣ доираи хизматрасониҳои фосилавӣ дар сатҳи зарурӣ паҳн нагардидааст. Масалан, миқдори кортҳои пардохтии дар муомилотбуда сол то сол зиёд гардида, шумораи онҳо соли 2023 нисбати соли 2019 ба андозаи 2,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Аммо мутаассифона миқдори амалиётҳои тавассути кортҳо анҷомдодашуда то кунун нокифоя боқӣ мондааст [4, с. 97-8]. Новобаста аз зиёдгардии миқдори корҳо амалиётҳои тавассути онҳо анҷомдодашуда давоми солҳои таҳлилшуда тамоюли коҳишёбӣ доранд. Аз нигоҳи мо, сабаби асосии ҷой доштани ҳолати мазкур ба он вобаста аст, ки аксарияти кортҳо танҳо барои пардохти музди меҳнат ва нафақа истифода мешавад. Бинобар ин, ҷиҳати зиёд намудани амалиётҳои ғайринақдӣ ҷорӣ намудани кортҳои дорои имкониятҳои зиёдро муҳим мешуморем.

Дар шароити муосир яке аз роҳҳои асосии ҷалби муштариён пешниҳоди хизматрасонии бонкии осон ва дастрас мебошад. Рақамикунонии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ имконият медиҳад, ки доираи васеи аҳолӣ ба хизматрасониҳои мазкур дастрасӣ дошта бошанд. Амалияи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ низ аз имкониятҳои инноватсионӣ истифода карда, ба аҳолӣ намудҳои мухталифи хизматрасониҳои рақамиро пешниҳод менамоянд.

Вобаста ба ин масъала, иқтисодчии ватанӣ Хайрзода Ш.Қ.., иброз намуданд, ки рушди институтсионалии низоми бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, бояд тазаккур дод, ки

коҳиши субъектҳои институтсионалии фаъолияти бонкӣ дар робита ба саноатикунонӣ ва рақамикунонии соҳаи бонкӣ қонунияти умумии рушди хоҷагии ҷаҳонии бонкӣ мебошад [8, с. 7-18].

Яке аз бартариятҳои фаъолияти инноватсионии бонкҳои тиҷоратӣ иҷрои фаврии хизматрасониҳо мебошад. Вобаста ба ин, аз нигоҳи мо, дар кутоҳтарин вақт кушодани суратҳисобҳо барои муштариён, фавран додани кортҳои бонкӣ ва интиқоли маблағҳои онҳо, инчунин бо суръати баланд иҷро намудани дигар хизматрасониҳои фосилавӣ метавонад раванди рақамикунонии бонкҳои тиҷоратиро фаъол гардонад.

Аз нигоҳи мо, яке аз монеаҳои асосии раванди татбиқи рақамикунонӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории нисбатан ноустувори бонкҳои тиҷоратӣ ба IT-ширкатҳо мебошад. Вобаста ба ин, бонкҳоро зарур аст, ки дар нақшаҳои рушди кутоҳмуддат ва дарозмуддати худ масъалаи густариши ҳамкориро бо IT-ширкатҳо ба инобат гиранд ва ин самтро ҳамчун самти афзалиятнок ва дорои сатҳи баланди ҷолибияти сармоягузорӣ эътироф намоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити кунунӣ гузариши бонкҳои тиҷоратӣ ба низоми фаъолияти рақамӣ имконнопазир мебошад, аз дигар ҷониб якбора ба пуррагӣ гузаштани бонкҳо ба низоми рақамии хизматрасонӣ метавонад хавфи калони аз даст додани муштариёнро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, механизми рақамикунонӣ бояд оқилона роҳандози гардида, ба суботи молиявии бонкҳои тиҷорати мусоидаткунанда бошад.

Рақамикунони бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, то шаффофияти иттилоот таъмин ва самаранокии иҷрои корҳо баланд бардошта шаванд. Аз ин нуқтаи назар рақамикунонӣ ба устувории молиявии низоми бонкӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Мутахассиси ватанӣ қайд намудааст, ки устувории молиявии низоми бонкӣ дар заминаи суботи он ба даст оварда мешавад. Суботи молиявӣ фаъолнокии бахшҳои низоми молиявӣ ва миёнаравии молиявии босамарро таъмин намуда, барои устувор гардидани рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд [6, с. 252-258].

Ҷиҳати ба низоми муайян даровардани хизматрасониҳои рақамии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи шароиту имкониятҳои рақамикунонии иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ коркарди сиёсати рушди рақамии низоми бонкӣ мубрам арзёбӣ мегардад. Дар шароити кунунӣ барои доираи васеи аҳолӣ имконияти истифодабарии технологияҳои рақамӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ин рӯ, бонкҳо бояд хизматрасонии худро аз тариқи рақамӣ роҳандозӣ намоянд. Дар минтақаҳое, ки аҳолии дорои имкониятҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ зиндагӣ менамоянд, бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки ҳар чи бештар хизматрасониҳои рақамиро ба онҳо пешниҳод намоянд.

Ҷиҳати рақамикунонии бонкҳои тиҷоратии кишвар бояд SWOT-таҳлил гузаронида шуда, тарафҳои устувор, заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо муайян карда шавад. Банақшагирии фаъолияти рақамӣ такмил дода шуда, ҳамкории фаъол бо ширкатҳои коркарди технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин корҳо дар самти ҷалби муштариёни нав ва нигоҳдории муштариёни қаблӣ ҷоннок карда шуда, назорати доимии сифати хизматрасониҳои рақамии ба муштариён расонидашаванда таъмин гардад [9, с. 102].

Ҷиҳати суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бонкҳои тиҷоратӣ бунёди шароити мусоид амри зарурӣ мебошад. Ниг. ба расми 3.




**Расми 3.**-Шароити мусоиди рушди рақамикунонии бонкҳои тиҷоратӣ.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Дар расми 3 шароити мусоиди ба рушди рақамикунонии бонкҳои тиҷоратӣ таъсиррасон оварда шудааст. Таъмини дастрасии доираи васеи муштариён ба хизматрасониҳои рақамии баландсифат ва фавран иҷрошаванда, иҷрои пардохтҳои пулӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ, бо назардошти рушди соҳаи тиҷорат пайваста такмил ёфтани хизматрасониҳои рақамӣ, таҳлили иттилооти лозимӣ бо мақсади мавқеъгирӣ дар бозори молиявӣ, инчунин амалкарди низоми ҳамоҳангсозии рушди дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ барои рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ шароити созгорро фароҳам меоранд.

Бонкҳои тиҷоратӣ бояд хизматрасониҳоро бо истифодаи технологияҳои фаъолтарини рақамӣ роҳандозӣ намоянд. Дар шароити кунунӣ рақамикунонӣ бояд барои бонкҳои тиҷоратӣ шароити зеринро таъмин карда тавонад: а) таъмини рақобатпазирии бонкҳо; б) дарки талаботи муштариён ба хизматрасониҳои рақамӣ ва қонеъгардонии он; в) таъмини дастрасии муштариён ба хизматрасониҳои бонкӣ новобаста аз ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо; г) сари вақт ва саҳеҳ иҷро гардидани хизматарсониҳо; ғ) коҳишёбии арзиши хизматрасониҳо аз ҳисоби кам гардидани хароҷоти иҷрои онҳо.

Дар шароити рақамикунонӣ ба таъмини рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ омилҳои манфӣ таъсир мерасонанд, аз ҷумла: коҳишёбии муошырати рӯ ба рӯ байни кормандони бонк ва мизоҷон, набудани танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сатҳи нисбатан пасти рушди технологии аксарияти муштариён, ҷой доштани муҳимияти ҳимояи иловагии маълумоти шахсии муштариён ва зарурати азхудкунии технологияҳои муосири мобилӣ.

Бо назардошти монеаҳо ва имкониятҳои ҷойдошта ҷиҳати рақамикунонии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ андешидани як қатор чораҳои муҳим амри зарурӣ мебошад. Ниг. ба расми 4.




**Расми 4.-** Чораҳои муносиби рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

Татбиқи чораҳои дар расми 4 овардашуда имконият медиҳад, ки хатарҳои киберӣ ва қаллобии дар бозори молиявии рақамӣ ба вуҷуд оянда коҳиш дода шавад ва хусусияти рақамии хизматрасониҳои

молиявӣ ва имкониятҳои он аз ҷониби аҳолӣ ва кормандони мақомоти давлатӣ дарк карда шавад. Инфрасохтори молиявии рақамӣ рушд меёбад ва дар ҳама гуна шароит талаботи муштариёнро ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ қонеъ мегардонад.

**Ҳамин тавр,** дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти рақамикунонӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Ба ақидаи мо, яке аз шартҳои муҳими тезонидани раванди рақамикунонӣ бунёди муҳити созгори ҷорикунии имкониятҳои инноватсионӣ мебошад, аз ҷумла:

1.Мавҷудияти стратегияи рушди дарозмуддати рақамикунонии ба афзоиши фоидаи бонкӣ нигаронидашуда.

2.Рушди муносибатҳои ҳамкории бонкҳои тиҷоратии кишвар бо ширкатҳои коркардкунандаи технологияҳои рақамии молиявӣ ва бо Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати мусоидат ба шароити созгори рушди рақамикунонӣ.

3.Омодакунии мутахассисони дорои малакаҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ, пеш аз ҳама, ҷалби мутахассисони боистеъдод аз ҳисоби ҷавононе, ки метавонанд эҳтиёҷоти муштариёнро ба хизматрасониҳои бонкии рақамӣ ба хуби дарк кунанд.

4.Муайян гардид, ки то кунун аксарияти хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар шакли анъанавӣ амалӣ карда мешавад ва эҳтиёҷоти муштариён низ бо пуррагӣ ба хадамоти рақамӣ қонеъ намегардад. Ҳолати ҷойдошта аз он шаҳодат медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратии ватанӣ бонкҳои рақамӣ нестанд.

5.Муайян карда шуд, ки барои тезонидани раванди рақамикунонии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шартҳои муҳим – ин зиёд будани имконияти молиявию ташаббускории бонкҳо дар муқоиса ба ширкатҳои коркардкунандаи технологияҳои рақамӣ мебошад.

6.Амалияи имрӯза нишон медиҳад, ки аз ҳисоби шумора аксарияти муштариёни бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони воқеӣ мебошанд ва имрӯз онҳо яке аз истифодабарандагони фаъоли технологияҳои рақамӣ низ гаштаанд. Аз ин рӯ, бо назардошти тамоюли мусбии сатҳи зиндагӣ ва устувор гардидани ҳолати молиявии аҳолӣ бояд пайваста имкониятҳои хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, аз ҷумла бонкдории мобилӣ зиёд карда шаванд.

7. Таъмини мутақобилаи муштараки воситаҳои рақамӣ ва фаъолият дар ҳалли масъалаҳои инфрасохтори технологияҳои коммуникатсионӣ ва истифодаи фаъоли инфрасохтори молиявӣ ва рақамӣ дар соҳаи саводнокии молиявӣ, ташкили корҳои ҳавасмандгардонӣ барои рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ.

8. Таҷрибаи амалияи бонкҳои хориҷӣ оиди хизматрасонии рақамикунонӣ ва тадбиқи он дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон борои фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонӣ ба муштариёнашон.

**Адабиёт**


1. Абдулхайров, Ф.М., Таҷрибаи байналмилалии идоракунии корпоративии бонкҳо ва истифодабарии он дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.М. Абдулхайров // Паёми Молия ва иқтисод. 2023 №1 (35). С. 350-360.

2. Алленых, М.А. Цифровизация банковской системы как новая реальность // Кронос. 2020. №6 (44).

3.Белоусова, Е.М., Третьякова И.Н. Конкурентоспособность банков в условиях цифровизации экономики / В сборнике: Качество в производственных и социально-экономических системах. сборник научных статей 10-й Международной научно-технической конференции. Юго-Западный государственный университет. Курск, 2022. С. 61-63.

4. Бюллетени омори бонкӣ. – 2019. - №12 (293). - 121 с., 2020. - №12 (305). - 122 с., 2021. - №12 (315). - 98 с., 2022. - №12 (329). -103 с., 2023. - 12(341). – 104с

5. Е. С. Вдовина, М. А. Куликова. Цифровизация банковского сектора в современных условиях // Тамбов Издательский центр ФГБОУ ВО «ТГТУ» 2022. 102 стр

6. Оев, А. Д. Масъалаҳои назариявии таҳлили устувории молиявии низоми бонкӣ / А. Д. Оев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 252-258. – EDN GCKGWV.

7. Саидов, Р.Н. Покупательная способность денежных доходов населения в Республике Таджикистан / Р.Н. Саидов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2020. № 2 (70). С. 125-132.

8. Хайрзода, Ш.Қ. Дигаргуншавии сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ноустувории молиявӣ / Ш.Қ. Хайрзода // Паёми молия ва иқтисод. № 3 (23). С. 7-18.

9. Ҳикматов, У.С. Саводнокии молиявӣ (васоити таълимӣ) / У.С. Ҳикматов // Душанбе, 2021 С.340.

10.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 12:30, шаҳри Душанбе, 2022 (http://www.prezident.tj)

11. Содиков, М. С. Некоторые теоретические вопросы развития международной экономической интеграции / М. С. Содиков, Ф. Х. Фародов // Финансово-экономический вестник. – 2018. – № 4(16). – С. 20-27.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич –** ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru**

**Информация об авторе:**

**Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич -** ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail:** Fakhriddin0007@mail.ru

**Author information:**

**Abdulkhairov Fakhriddin Mahmadshoevich -** Assistant of the Department of Audit and Audit of the Tajik State University of Finance and Economic.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail:** Fakhriddin0007@mail.ru

**УДК: 330. 338.2**

## ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Носирзода Ҳусейни Саъдулло**
**Носиров Нозим Саъдуллоевич**

**Аннотатсия.** Соҳаи саноати хӯрокворӣ солҳои охир бо вазъи номуносиби амнияти озуқаворӣ дучор омдааст: нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғизо боло рафта, номукаммалии идоракунии онҳо эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, ин соҳаи бениҳоят муҳим, ҳамчун таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ ва рушди босуботи иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус мехоҳад.

Бояд гуфт, ки вазъи соҳа айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи маълумотҳои оморӣ ба таври кофӣ рушд накарда, натиҷаи самаранок он дар сатҳи зарурӣ нарасидааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиши рушди устувори инноватсионӣ ва татбиқи он дар раванди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Зимни омӯзиши масъалаи мазкур масъалаҳои асосии саноатӣ дар асоси Стратегияи инноватсионӣ, воридоти техника ва технологияҳои муосир, маблағгузорӣ ба ин соҳа ва омодакунии кадрҳои баландихтисосу дастгирии давлатӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифта шудааст.

Таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар асоси татбидқи стратегияи милли рушд, стратегияи инноватсионӣ, воридоти технологияҳои инноватсионӣ, ташкили фондҳои венчурӣ, маблағгузории молиявӣ ба самти илм ва инноватсия ва дастгирии бевоситаи давлат амалӣ мегардад.

**Вожаҳои калидӣ:** инноватсия, саноати хӯрокворӣ, рушди устувор, техника ва технология, амнияти озуқаворӣ, корхонаҳои саноатӣ, самаранокии иқтисодӣ, ҳаҷми истеҳсолот, илму техника, маҳсулоти хурокворӣ, комплекси саноатӣ ва фондҳои венчурию маблағгузории молиявӣ.

**Барои иқтибос:** Носирзода Ҳ. С. Таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир / Ҳ. С. Носирзода, Н. С. Носиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 149-156.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Носирзода Хусейни Саъдулло**
**Носиров Нозим Саъдуллоевич**

**Аннотация.** В последние годы пищевая промышленность столкнулась с неблагоприятной ситуацией продовольственной безопасности: цены на продукты питания и продукты питания растут, ощущается несовершенство управления ими. Поэтому этот чрезвычайно важный сектор как поставщик продовольственной безопасности и устойчивого экономического развития требует особого внимания.

Следует сказать, что современное состояние отрасли в Республике Таджикистан по статистическим данным развито недостаточно, а ее эффективные результаты не достигли необходимого уровня. С этой точки зрения исследование устойчивого инновационного развития и его внедрение в процесс инновационной деятельности предприятий пищевой промышленности считается одним из важнейших вопросов научных исследований в стране.

В ходе изучения данного вопроса были исследованы и проанализированы основные проблемы отрасли, основанные на инновационной стратегии, импорте современного оборудования и технологий, финансировании данной сферы и подготовке высококвалифицированных кадров и государственной поддержке.

Обеспечение устойчивого инновационного развития пищевой промышленности реализуется на основе реализации национальной стратегии развития, инновационной стратегии, импорта

инновационных технологий, создания венчурных фондов, финансового финансирования направления науки и инноваций, прямая государственная поддержка.

**Ключевые слова:** инновации, пищевая промышленность, устойчивое развитие, техника и технологии, продовольственная безопасность, промышленные предприятия, экономическая эффективность, объем производства, наука и технологии, продукты питания, промышленный комплекс и венчурные фонды.

## ENSURING SUSTAINABLE INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE FOOD INDUSTRY IN MODERN CONDITIONS

**Nosirzoda Husseini Sadullo**
**Nosirov Nozim Sadulloevich**

**Annotation.** In recent years, the food industry has faced an unfavorable food security situation: food and food prices are rising and there is poor management. Therefore, this extremely important sector as a provider of food security and sustainable economic development requires special attention.

It should be said that in recent years an unfavorable situation with food safety has developed in the food industry: prices for food and food products are rising, and there is an imperfection in their management. Therefore, this extremely important sector as a provider of food security and sustainable economic development requires special attention.

In the course of studying this issue, the main problems of the industry were investigated and analyzed, based on an innovation strategy, import of modern equipment and technologies, financing of this area and training of highly qualified personnel and government support.

Ensuring sustainable innovative development of the food industry is implemented on the basis of the implementation of the national development strategy, innovation strategy, import of innovative technologies, creation of venture funds, financial financing of science and innovation, direct government support.

**Key words:** innovation, food industry, sustainable development, engineering and technology, food security, industrial enterprises, economic efficiency, output, science and technology, food, industrial complex and venture capital funds.

**Гузориши масъала.** Таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ буда, барои қонеъ гардонидани талаботи асосии аҳолӣ ба озуқа нигаронида шудааст. Дар шароити пешрафти илму техника ва рушди бемайлони иқтисодӣ таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ ба ҳисоб рафта, ба ин соҳаи мазкур бештар диққат дода шавад. Зеро соҳаи мазкур таъминкунандаи молҳои хушсифат баҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи зикргардида, иқтидори пурқуввати содиротӣ дошта, самаранокии ин соҳа дар он аст, ки дар натиҷаи афзудани ҳаҷми маҳсулот нишондиҳандаи ММД зиёд мегардад. Ҳамзамон, рушди иқтисодиёти милии инноватсиониро дар рейтинги глобалии инноватсионӣ нишон медиҳад.

Дар ин баробар, самараи иқтисодии ин соҳа дар бехатар будани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии истеҳсолот дар натиҷаи афзудани ҳаҷми истеҳсолот ва корхонаҳо ифода меёбад.

Бо назардошти зудрушдёбандаи иқтисоди бозорӣ, инчунин, марҳила ба марҳила татбиқ гардидани иқтисодиёти рақамиву инкишофи илму техника масъалаи мукаммалгардонии низоми инноватсионии саноати хӯрокворӣ барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ бисёр муҳим мебошад. Зеро дар вазъияти зудтағйирёбандаи муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон таъмини рушди устувори саноати хӯрокворӣ яке аз масъалаҳои асосии стратегии давлат ба ҳисоб рафта, он ба устувории саноатикунонӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳукумати мамлакат низ дар самти ташаккул ва рушди устувори саноатикунонӣ корҳои зиёдеро анҷом дода, дар ин ҷода ба комёбиҳои муваффақ ноил гашта истодааст.

Дар маҷмуъ масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ, идоракуниву ташкилӣ ва амалидошта мебошад, ки таҳқиқу омӯзишҳоро аз равзанаи стратегии инноватсионии миллӣ тақозо дорад.

**Мақсади мақола** ин коркарди тавсияҳои методии таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ, фаъолсозии корхонаҳои саноати хӯроковрӣ ва беҳтар намудани молҳои хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина ҷиҳати рақобатпазирии он дар бозори дохилию хориҷӣ мебошад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Масъалаи таъмини рушди устувори инноватсионӣ, механизи идоракунии он ва танзимнамоии чараёнҳои фаъолияти инноватсиониро олимони тоҷик Умаров.Х., Комилов С.Ҷ., Файзулло М.Қ., Низомова Т.Д., Мирсаидов А.Б., Қодиров Ф.А., Раҳмонов Ҷ.Р., Мирзоева Е.Ш., Муқимова Н.Р. ва дигарон низ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

**Мухтавои асосии мавод.** Таҷрибаи беш аз 30-солаи рушди иқтисоди ҷумҳурӣ дар раванди муносибатҳои бозор собит сохт, ки саноати кишвар ба рақобати шадиди аз иқтисоди ҷаҳонӣ баромада дучор гаштааст. Муқовимати муваффақи он ба ин рақобат танҳо дар шароити бунёди имкониятҳои мусоид барио ҷорӣ намудани инноватсияҳо амалӣ мегардад.

Бо назардошти тағйироти куллии иқтисодии ҷаҳонӣ корхонаҳои саноатии кишвар барои рушди устувори инноватсионӣ, амалӣ гардонидани стратегияи тараққиёти корхона ва ниҳоят, расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Ҳоло

корхонаҳои саноатии ватанӣ дар шароити зуҳуроти манфии ҳам хусусияти объективӣ ва ҳам субъективӣ қарор гирифта, дар сатҳи зарурӣ ба натиҷаҳои рушди устувори инноватсионӣ комёб нашудаанд.

Бо назардошти талаботи муносибатҳои бозорӣ ва пешрафти илму техника Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030-ро ҳамчун ҳуҷҷати рушди иқтисодиёти миллӣ зарур мешуморад. Дар Стратегияи миллии рушд қайд шудааст, ки ҳадафи чоруми рушд – саноатикунонии босуръат бояд ба таври рӯзафзун ҷараён гирифта, ба дастовардҳои инноватсионӣ ноил гардад.

Дар ин маврид қайд мегардад, ки "Саноатикунонӣ нақши калидиро дар инкишофи хоҷагии халқ ва таъмини рушди иқтисод, беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии моддӣ ва сифатии аҳолӣ, тараққии соҳаҳои ғайрисаноатӣ, таъмини бехатарӣ ва суботи иқтисодиёт ва эҷоди шароит барои афзунгардонии суръати тараққиёти иқтисодиёт фароҳам меоварад" [7, 135]. Аммо бо вуҷуди ин, дар равандҳои саноатикунонии босуръати кишвар масъалаҳое вуҷуд доранд, ки то ҳол ҳалли худро комилан наёфтаанд. Онҳо сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳо ба соҳаи саноати хӯрокворӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, техника ва технологияҳои инноватсионӣ, хизматрасонии нокифоя, надоштани мавқеи устувор дар бозори ҷаҳонӣ ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, таъсиси корхонаҳои нав, ворид намудан ва истифодаи васеи техника ва технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани маърифати техникӣ-молиявӣ ва рақобатнокӣ дар бозор, қобилияти идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон яке аз омилҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди ин, дар равандҳои саноатикунонии босуръати кишвар масъалаҳое вуҷуд доранд, ки то ҳол ҳалли худро комилан наёфтаанд. Онҳо сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳо ба соҳаи саноати хӯрокворӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, техника ва технологияҳои инноватсионӣ, хизматрасонии нокифоя, надоштани мавқеи устувор дар бозори ҷаҳонӣ ва ғайра мебошанд.

Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои асосии стратегӣ чунин омилҳои асосиро пешниҳод менамоем, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ метавонад мавқеи худро дар бозори дохилию хориҷӣ пайдо намоянд:

**1. Татбиқи Стратегияи рушди инноватсионӣ** - яъне ба воситаи стратегия корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба бартараф намудани мушкилоти дар назди давлат ва ҷомеа дар соҳаи рушди инноватсияҳо қарордошта, муайян намудани мақсаду ҳадафҳо ва афзалиятҳои соҳа фаъолияти худро ба роҳ мемонанд;

**2. Воридоти техника ва технологияҳои инноватсионӣ** - ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва воридоти техникаву технологияҳои баландсифатро аз ҷониби соҳибкорон дастгирӣ намоем ва тавассути ҳамкориҳо бо шарикони рушд ба фаъолсозии идоракунии инноватсионӣ таъсири мусбат расонида, таъсиси ҷойҳои кории нав ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатноки ватаниро афзоиш диҳем. Чончӣ: "Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисод ва гузариш ба модели нави иқтисодиёт, инчунин, табдил додани иқтисоди агросаноатӣ ба иқтисоди саноатию аграрӣ тадбирҳо андешида шуда, истифодаи техника ва технологияҳои муосир ҳамчун омили асосии рушди соҳаи иқтисодиёт ва корхонаҳои ватанӣ эътироф гардид [10,6];

**3. Маблағгузории молиявӣ ё сармоягузорӣ** - барои ҷалби сармояи мустақим ва ғайримустақим, инчунин, маблағгузории молиявӣ ба соҳаи илм ва инноватсия, ки дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ нақши калидӣ мебозанд, чораҷӯи намуд.

**4. Омодасозии кадрҳои баландихтисос - б**арои ноил шудан ба чунин мақсадҳои асосӣ бояд ба рушди сармояи инсонӣ, ки омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳо, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, техника ва технологияҳои муосир ба ҳисоб меравад, диққати махсус зоҳир намуд. Зеро сармояи инсонӣ барои давлату ҳукумат ва рушди босуботи соҳаҳои снаоат, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва истеҳолот аҳаммияти бузург дорад.

5. **Дастгирии давлатӣ.** Давлат дар иқтисодиёт мавқеи асосиро ишғол намуда, ягона фишанги асосии рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Механизмҳои бозорӣ дар шароити имрӯза бидуни сиёсати давлатӣ ва танзимнамоӣ аз ҷониби он аз имкон берун буда, мушкилоти ҷойдоштаро танҳо стратегияи давлатӣ бартараф менамояд.

Омилҳои зикргардида, дар раванди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, алалхусус, саноати хӯрокворӣ нақши калидӣ бозида, барои таъмини рушди устувори фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд.

Қодиров Ф.А. дар ин хусус чунин менигорад: "Рушди фаъолияти инноватсионӣ бо омилҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ алоқамандӣ дорад. Дар асоси ин метавон гуфт, ки фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили асосии татбиқи сиёсати босуръати саноатикунонӣ ва механизми мураккаб, шароити мусоидро тақозо мекунад."[3, 163]. Албатта, бидуни таъсири омилҳо низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ такмил намеёбад.

Аз ин рӯ мо бояд роҳу воситаҳое ҷӯем, ки самаранокии фаъолияти инноватсиро таъмин созанд. Яке аз омилҳои рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ташаккул ва самаранок истифода бурдани неруи инноватсионии онҳо мебошад. Сиёсати инноватсионӣ ва стратегияи инноватсионии фаъолияти онҳо дар рушди бозори муосир нақши назаррас дорад.

Муқимова Н.Р. қайд менамояд, ки "....барои баланд бардоштани самаранокӣ ва фаъолсозии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои бахши саноатӣ бояд сиёсати инноватсионӣ дошта бошанд. Онҳо бояд мақсадҳо, афзалиятҳои рушди илмӣ-инноватсионӣ,

фаъолият, роҳҳо ва воситаҳои расидан ба онҳоро муайян намоянд” [5, 55].

Барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ маҳз соҳибкорон бо ҷорӣ намудани инноватсия, алалхусус ворид ва истифодаи технологияҳои муосир, ҷалби мутахассисон ба кор ва идораи истеҳсолот метавонанд дар рушди босуботи иқтисоди миллӣ саҳм гузор гузоранд.

Омӯзиш ва таҳлили низоми инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ва пешниҳодҳои муфид ҳамчун воситаи асосии методологӣ на танҳо ба ташкилоту корхонаҳо ва кору хизматрасониҳо, балки ба муҳити инноватсионии онҳо низ таъсири мусбат мерасонад. Аз нигоҳи Султонов З.С.: “...муҳити инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсонӣ ҳамчун пайвасткунандаи робитаи байни илму техника, низоми таълим, истеҳсолот, истеҳсоли баландтехнологӣ ва ба бозор фиристодани он амал мекунад”[9, 24].

Албатта, андешаҳои олимони соҳа барои пешрафт ва рушди потенсиали инноватсия ва ташаккули механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбат расонида, ҳар як назария системанокии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро ифода мекунад. Инчунин, назарияи олимони соҳаи иқтисодиёт ҳамчун мезанизм ва методологияи такмилдиҳии соҳаҳои саноат ва рушди бемайлони инноватсионии он мебошад.

Соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз категорияи мураккаб ва бисёрҷанбае мебошад, ки равиши систематикиро талаб мекунад. Дар навбати худ, идоракунии инноватсионии ин соҳа, ки аз истеҳсолот иборат мебошад, ба мақсадҳои зерин равона мегардад:

- ба вуҷуд овардан ва ташкили истеҳсоли маҳсулоти сифатан нав ё дорои хусусиятҳои нави истеъмоли маҳсулот (мол, кор ва хизматрасонӣ);

-таъсис ва татбиқи нав ё навсозии усулҳои мавҷудаи истеҳсол, тақсим ва истифодаи он;

-татбиқи навовариҳои сохторӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, кадрӣ, иттилоотӣ ва дигар навовариҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (мол, кор ва хизматрасонӣ), ки сарфи хароҷотро таъмин мекунанд ё барои чунин сарфа шароит фароҳам меоранд;

-идоракунии равандҳои тиҷоратикунонии технология;

-таъсис ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ соҳаи саноати хӯрокворӣ.

Таъсири инноватсия дар соҳаи саноати хӯрокворӣ фаъолиятро осону босамар, истеҳсолотро афзоиш, хароҷотро коҳиш, сарчашмаҳои нави истеҳсолотро пайдо ва ҳаҷми хизматрасониро дар корхона зиёд менамояд, ки мо онро дар чунин шакл тавсир намудем (расми 1.).




**Расми 1.**Таъсири инноватсия дар соҳаи саноати хӯрокворӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Омӯзиши рушди устувори инноватсионӣ ва татбиқи он дар раванди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Зимни омӯзиши инноватсияҳо дар саноати хӯрокворӣ ва тамоми унсурҳои комплекси саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд технологияҳои иттилоотӣ ба назар гирифта шавад.

Вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ нишон медиҳанд, дараҷаи баланди тараққиёти иқтисодии давлат, ба соҳаҳои дигар таъсир расонида, имкониятҳои васеи рушди соҳаи иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Дуруст аст, ки рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ дар кишвар манфиатҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишварро дар бар мегирад. Баробари руйи кор омадани шаклҳои нави идоракунӣ, тағйирёбии сохторию соҳавӣ ба амал омада, корҳои зиёде бояд мавриди омӯзиш қарор гиранд, аз ҷумла:

- ташаккули инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ;
- арзёбии вазъи муҳити инноватсионӣ, робитаи он бо унсурҳои ҳамгирой ва муайян кардани мушкилоти ҷойдошта дар рушди он;
- муайян кардани унсурҳои нави равандҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ;
- татбиқи усулҳои нави идоракунии муосир дар чараёни фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ;
- такмили механизмҳои рушди инноватсионӣ;
- ҳавасмандгардонии иқтисодии инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- натиҷагирӣ аз раванди идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ.

Тазаккур бояд дод, ки замони соҳибистиқлолӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда ва афзудани рақобатнокӣ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ водор месозад, кибарои густариши раванди рақамикунонии иқтисод ва татбиқи иқтисоди сабз роҳу воситаҳои зарурӣ дарёфт карда шуда, бо истифода аз неруи инсонӣ ба рушди технологияҳои инноватсионӣ дар иқтисоди миллӣ тақвият дода шавад.

Фаъолсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ на танҳо асоси рушд, балки афзоиши динамикаи истеҳсолоти маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ низ ба ҳисоб меравад. Идоракунии фаъолияти саноати хӯроквориро аз руйи нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ ба назар гирифта, зарурати такмил додани фаъолнокии равандҳои инноватсионии он ба миён меояд.

Дар ҳар сурат фаъолнокии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар кишвар ба назар расида, шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ афзудааст. Ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хӯроки умумӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2015 135,1% (шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ) 154,1% (шумораи ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хӯроки умумӣ) рушд кардааст (ҷадвали 2.20).

**Ҷадвали 2.20. Шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ ва ҷойҳои корӣ дар онҳо.**

| Солҳо / Теъдоди корхона ва ҷойи кор | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2021 нисбат бо соли 2022 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ (воҳид) | 2717 | 2757 | 2802 | 3095 | 3176 | 3109 | 3671 | 135,1% |
| Шумораи ҷойи кор дар корхонаҳои хӯроки умумӣ (ҳазор) | 141,3 | 169,9 | 275,9 | 170,2 | 245,0 | 214,0 | 217,8 | 154,1% |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон дар рақамҳо, 2023. –С.124.

Чунин афзоиш кофӣ набуда, барои фаъолсозии корхонаҳои хӯрокворӣ ва зиёд намудани теъдоди ҷойҳои кори холӣ бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. Зеро корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар иқтисодиёт ва рушди ММД нақши калидӣ мебозанд.

Бояд гуфт, ки аз руйи Барномаи рушди саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ба саноати хӯрокворӣ 568,8 млн. сомонӣ маблағгузорӣ пешбинӣ гардидааст. Дар Барнома омадааст, ки барои устуворӣи мавқеи маҳсулоти ватанӣ, гузариши соҳаи хӯрокворӣ ба сатҳи нави технологияҳои инноватсионӣ, зиёдшавии гуногуннавъии маҳсулоти истеҳолшавандаи ватанӣ ва таъминӣ аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат замина фароҳам оварда шудааст.

Имрӯз рушди фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ торафт устувор мегардад, ки ба афзоиши ММД таъсири мусбат мерасонад. Дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ эҷоди маҳсулоти нав, усулҳои идоракунии нав ва иҷрои ҳадафҳои пешбинишуда ба амал меояд, ки боиси рушд, зиёдшавии захираҳо ва руйи кор омадани лоиҳаҳои нави инноватсионӣ мегардад.

Падидаи ичтимоию иқтисодии имрӯзаи ҷаҳонӣ низоми куҳнаро ҷоиз нашуморида, бо тағйирёбии иқтисодӣ низоми навро қабул дорад. Яъне, модели нави иқтисодӣ бояд қабул гардад, ки он барои рушди идоракунии иқтисодӣ тариқи инноватсия, махсусан, дар соҳаи саноат мусоидат хоҳад кард. заминагузор мебошад.

Тағйирёбии идоракунии иқтисодии инноватсионӣ, пеш аз ҳама, ба шиддат рушд ёфтани рақобатпазирии иқтисоди ҷаҳонӣ иртибот дорад. Фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ вазъи иқтисодиёти кишварро тағйир ва беҳтар месозад. Инноватсия имкон медиҳад, ки яку якбора фаъолият рӯ ба беҳбудӣ оварда, самаранокии истеҳсолот таъмин гардад.

Ба андешаи С.Ҷ. Комилов “Сатҳи баланди самаранокии иқтисодии истеҳсолоти саноатӣ истифодаи пурраи захираҳои истеҳсолии корхонаро талаб мекунад. Барои ин, пеш аз ҳама, коркарди нишондодҳо ва муайян намудани имкониятҳои истеҳсолии корхона зарур аст. Яке аз ин нишондодҳо иқтидори истеҳсоли комплексӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он тамоми фаъолияти асосии истеҳсолӣ дар назар дошта мешавад”[2, 49]. Ба андешаи мо, сатҳи баланди самаранокии иқтидори истеҳсоли саноатӣ ба истифодаи дурусти захираҳои истеҳсолӣ, иқтидори фондҳои асосии техникӣ ва идоракунии самараноки чараёни истеҳсолот иртибот дорад.

Бояд гуфт, ки дар давлатҳои пешрафта ба фаъолнокии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ диққати махсус дода, бо дастгирии молиявӣ мушкилоти ҷойдоштаро бартараф мекунанд. Масалан, дар ИМА Қонун дар бораи маблағгузории давлат ба ширкатҳои хурд барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ амал мекунад. Тибқи ин қонун вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ҳамасола аз ҳисоби буҷаи худ ба ширкатҳо барои корҳои илмию таҳқиқотӣ кумаки молиявӣ мерасонанд. Дар Чин корхонаҳо ба рушди эҷодӣ диққати махсус медиҳанд. Онҳо муносибатро тағйир дода, фаъолияти навоварона ва истеҳсоли маҳсулоти навро ба роҳ мемонанд. Ҳатто баъзе аз корхонаҳои истеҳсолӣ бо марказҳои илмӣ-техникӣ ва донишгоҳҳои бонуфуз шартнома баста, аз ҳисоби

буҷаи худ барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва навовариҳо маблағгузорӣ менамоянд.

Албатта, давлатҳои мутараққӣ, ки ба марҳилаи нави иқтисодӣ ворид гаштаанд, имкони таъмини дигар давлатҳоро бо техникаю технологияҳои муосир доранд. Онҳо пайваста оид ба модели нави рушди устувори иқтисодӣ ва рушди босуръати инноватсионӣ чораҳои зарурӣ меандешанд. Дар ин маврид Зинова В.Г. чунин меандешад: "Яке аз омилҳои муҳимми васеъ кардани миқёси навоварӣ дар иқтисодиёти кишварҳои мутараққӣ рушди босуръати корҳои инноватсионӣ шудааст, ки сифати ҳаётро таъмин мекунад ва ба ниёзҳои инсон нигаронида шудааст"[1, 20].

Тибқи маълумотҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон барои рушди устувори иқтисодиёт суръати инноватсионӣ ва васеъ намудани миқёси навоварӣ фондҳо ташкил карда шудаанд, ки дар ҳалли масъалаҳои идоракунии инноватсионӣ накши муҳим мебозанд.

- фонди дастгирии рушди инноватсионӣ ва ғояҳои инноватсонӣ;
- фонди маблағгузории илм ва дастгирии инноватсия;
- фонди рушди тиҷоратӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ;
- фонди дастгирии ҷавонони лаёқатманд [11].

Ташкили чунин фондҳо дар кишвари мо низ барои пешбурди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ муҳим аст. Давлат дар ин соҳаҳо бояд ташаббус нишон дода, маблағ ҷудо карда, барои ташкили фондҳои зикршуда дар соҳаи инноватсия шароит фароҳам созад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Узбекистон дар гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи даромади миёнаашон пасттар мақоми даҳумро ишғол намуда, дар рушди сармояи инсонӣ, сатҳи инфрасохтор ва рушди бозори дохилию идоракунии инфрасохторҳои соҳибкорӣ миёни онҳо фарқ мекунад.

Аз ин бармеояд, ки Ҷумҳурии Узбекистон барои баланд бардоштани идоракунии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ созмонҳои илмӣ ташкил намуда, рушди устувори босуботи иқтисодиётро дар шароити муосир таъмин мекунад.

Бояд гуфт, ки усулҳои идоракунии равандҳои инноватсионии давлатҳои хориҷа мустақим ва ғайримустақим буда, аз як тараф, ба ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсионӣ ва, аз тарафи дигар ба фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи фаъолияти илмию техникӣ созгор ва мувофиқанд.

Бояд тазаккур дод, ки кишвари мо низ метавонад аз таҷриба ва усулҳои фаъолсозии равандҳои инноватсионии давлатҳои хориҷа барои рушди минбаъдаи равандҳои инноватсионӣ ва фаъолияти илмӣ-техникӣ истифода барад. Барои рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ мустақиман фаъолият бурдану, қарорҳои иқтисодӣ баровардан доираи фаъолиятро густурда месозад. Давлат бояд дар ташаккули иҷтимоӣ низ саҳм гузошта, шароити хуби инноватсионӣ фароҳам оварад. Дар навбати худ вазорату идораҳои давлатӣ ба корхонаҳое, ки ба муфлисшавӣ наздиканд, ёрии иқтисодӣ расонида, бо идеяҳои нав онҳоро аз ин варта берун созад.

Хулоса, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори истеҳсолӣ дар бештари маврид бо ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ сурат гирифта, зери таъсири он динамикаи тағйирёбандаи иқтисодиёти берунӣ ва дохилӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, давлатҳои пешсаф ҷорӣ намудани инноватсияро дар фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамчун омили бартарафсозии мушкилоти иқтисодӣ ва рушди устувори инноватсионии саноатӣ меҳисобанд.

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ дар иқтисодиёти миллӣ ин дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисод, ҳифзи манфиатҳои он ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ мебошад, ки бо ҷорӣ намудани равандҳои нави иқтисодӣ ҳалли худро меёбад. Аз ин рӯ, равандҳои нави иқтисодӣ моро водор месозад, ки оид ба масъалаи сарчашмаҳои нави рушди иқтисод, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва идоракунии технологияҳои иттилоотӣ кӯшиш намоем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ишора намуданд: "...дар шароити зудтағйирёбанда ва вазъи шиддатноки ҷаҳони муосир мо бояд, қабл аз ҳама, ба иқтидору имкониятҳои дохилии кишвар такя карда, барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи саломатии шаҳрвандон боз ҳам бештар талош намоем" [8].

Дар шароити кунунӣ, вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои муносибатҳои байналмилалӣ ҳимояи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба иқтисоди муосир муҳим арзёбӣ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Зинова, В.Г. Инновационное развитие компании: управление интеллектуальными ресурсами / Учеб. Пособие.- М.: Издательство «Дело» АХН, 2009. -С.20.
2. Komilov, S. J. Capacity of the enterprises of an industry of building materials of Republic Tajikistan // Herald of the Tajik State University of Commerce. – 2021. – No. 1(35). – P. 47-53.
3. Кодиров, Ф.А. Некоторые вопросы ускоренной индустриализации и инновационной активности университетских технопарков // Таджикистан и современный мир. – 2020. – № 4(72). – С. 160-172.
4. Мирсаидов, А.Б., Шомадова Н.С. Рушди инноватсионии системаи саноати шаҳри Душанбе / Монография, Ирфон, “Бахманруд”. Душанбе, 2019. -С. 17. 160
5. Мукимова, Н. Р. Инновационное развитие промышленности Республики Таджикистан: оценка и стратегические ориентиры / Н. Р. Мукимова // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2018. – Т. 2, № 3(43). – С. 54-59.
6. *Мухамедьяров, А.М.* Инновационный менеджмент / пособие Учебное. ИНФРА-М”, 2008. - С.137.
7. Низомова, Т. Д. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т. Д. Низомова, Ҷ. Р. Раҳмонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – No. 2(78). – P. 134-149;
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумхурӣ”.–26.01.2021с.–[Захираи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 06.08.2021с.).
9. Султонов, З. С., Окилов И.С. Формирование институционально-инновационной среды управления человеческим капиталом // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2019. – № 1(65). – С. 22-29.
10. Умаров, Ҳ. идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ / Ҳ. Умаров, Ҳ. С. Носирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 4-1. – P. 14-21.

**Маводи интернетӣ**

**11.** Инновационный Узбекистан: страна бросит силы на развитие 6 научных отраслей (Электронный ресурс) **https://uz.sputniknews.ru/20210406/ innovatsionnyy-uzbekistan-strana-brosit-sily-na-azvitie-6-nauchnyx otrasley 18172624.html** (дата обращения: 10.05.2024)



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Носирзода Ҳусейни Саъдулло –** унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. **E-mail:** nosizoda.0707@mail.ru. Телефон: (+992) 206-07-07-91.

**Носиров Нозим Саъдуллоевич** – магистранти курси 1-уми ихтисоси 1-25010800 “баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит”. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. Телефон +992 887-30-01-00.

**Сведения об авторах:**

**Носирзода Хусейни Саъдулло** - соискатель кафедры экономической теории Таджикский государственный финансово-экономический университет. **Адрес**: Республика Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: nosirzoda.0707@mail.ru. Тел,: +992 206-07-07-91.

**Носиров Нозим Саъдуллоевич** – магистра 1-го курса по специальности 1-25010800 "Учет анализ и аудит" **Адрес**: Республика Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел,: +992 887-30-01-00.

**Information about authors:**

**Nosirzoda Husseini Sadullo** - applicant for the Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. **Address:** Republic of Tajikistan, 734067, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. E-mail: nosirzoda.0707@mail.ru. Tel: +992 206-07-07-91.

**Nosirov Nozim Sadulloevich -** 1st year master's degree in specialty 1-25010800 "Accounting analysis and audit" Address: Republic of Tajikistan, 734067, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Tel: +992 887-30-01-00.

**УДК: 339.138**

## СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТИББӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Амидов Зикриё Саъдулоевич**

**Анотатсия.** Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии муҳимияти коркард ва амалигардонии стратегияи маркетингӣ дар бозори мол ва хизматрасонии тиббӣ омухта шудааст. Муаллиф бо таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур нахуст нақш ва мавқеи хизматрасониҳои соҳаи тандурустиро асоснок намуда, сипас, ҷиҳати рушди сифати хизматрасониҳои тиббӣ коркард ва интихоби стратегия маркетингиро тавсия намудааст.

Дар раванди таҳқиқот аз натиҷаи корҳои илмии олимон ва коршиносони ватанию хориҷӣ истифода намуда, мафҳум, моҳият, мақсад, вазифа шаклҳои асосии стратегияи маркетингиро бо таваҷҷӯҳ ба махсусиятҳои бозории соҳаи тандурустӣ, пешниҳод намудааст. Инчунин муаллиф бо мақсади таъмини самаранокии стратегияи маркетингӣ истифодаи фишангҳои иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ, маъмурию ҳуқуқӣ, маркетингӣ ва иҷтимоию ахлоқиро тавсия намудааст. Ҳамзамон дар доираи таҳқиқоти мазкур марҳилаҳои муҳими раванди коркард ва татбиқи стратегияи маркетингӣ дар бозори мол ва хизматрасониҳои тиббӣ тасниф ва пешниҳод шудааст. Муаллиф тасдиқ мекунад, ки дар шароити шиддат гирифтани қувваҳои рақобатӣ ва мавҷудияти номуайяниҳои тиҷоратӣ, коркард ва татбиқи стратегия имаркетингӣ дар соҳаи тандурустӣ амали сариваќтӣ ва муҳим мебошад.

**Вожаҳои калидӣ:** маркетинг, стратегия, тандурустӣ, аҳолӣ, хизматрасонии тиббӣ, талабот, коммуникатсия, технология, инноватсия.

**Барои иқтибос:** Амидов З. С. Стратегияи маркетингии рушди бозори хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити муосир / З. С. Амидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 156-164.

## МАРКЕТИНГОВАЯ СТРАТЕГИЯ РАЗВИТИЯ РЫНКА МЕДИЦИНСКИХ УСЛУГ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Амидов Зикриё Саъдулоевич**

**Аннотация.** В данной статье изучены теоретические аспекты значение разработки и реализации маркетинговой стратегии на рынке товаров и медицинских услуг. Обращая внимание на этот вопрос, автор сначала обосновал роль и положение служб здравоохранения, а затем рекомендовал разработку и выбор маркетинговой стратегии развития качества медицинских услуг.

В процессе исследования, используя научные результаты отечественных и зарубежных ученых и специалистов, автор предложил понятие, сущность, цель, задачу основных форм маркетинговой стратегии с учетом рыночной специфики сферы здравоохранения.Также для обеспечения эффективности маркетинговой стратегии автор рекомендовал использовать экономические, организационно-управленческие, административно-правовые, маркетинговые и социально-нравственные механизмы регулирования. При этом в рамках данного исследования классифицированы и представлены важные этапы процесса разработки и реализации маркетинговой стратегии на рынке медицинских товаров и услуг. Автор подтверждает, что в условиях усиления конкурентных сил и существования коммерческой неопределенности, разработка и реализация стратегии маркетинга в сфере здравоохранения является актульным.

**Ключевые слова:** здравоохранение, цифровизация, государство, население, медицинские услуги, информация, связь, технологии, инновации.

## MARKETING STRATEGY FOR THE DEVELOPMENT OF THE MEDICAL SERVICES MARKET IN MODERN CONDITIONS

**Amidov Zikriyo Saduloevich**

**Annotation.** This article examines the theoretical aspects of the importance of developing and implementing a marketing strategy in the market for goods and medical services. Paying attention to this issue, the author first substantiated the role and position of health services, and then recommended the development and selection of a marketing strategy for developing the quality of medical services.

In the process of research, using the scientific results of domestic and foreign scientists and specialists, the author proposed the concept, essence, goal, task of the main forms of marketing strategy, taking into account the market specifics of the healthcare sector. Also, to ensure the effectiveness of the marketing strategy, the author recommended the use of economic, organizational, managerial, administrative -legal, marketing and social and moral mechanisms of regulation. At the same time, within the framework of this study, important stages of the process of developing and implementing a marketing strategy in the market of medical goods and services are classified and presented. The author confirms that in the context of increasing competitive forces and the existence of commercial uncertainty, the development and implementation of a marketing strategy in the healthcare sector is relevant.

**Keywords:** healthcare, digitalization, state, population, medical services, information, communications, technology, innovation.

**Гузориши масъала.** Пуршиддат гардидани муносибатҳои бозорӣ дар шароити муосир бо он алоқаманд дониста мешавад, ки фазои муносибатҳои иқтисодии ҷаҳон зарурати фаъолияти шариконаро ба вуҷуд овардааст. Ин гуна тарҳи фаъолият, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ба худ хосро касб намудааст. Аниқтараш дар шароити фаъолияти ҳамгиро талаботи аҳолӣ зуд ва бо сифати баланд қонеъ гардонида шуда, илова бар ин мубодилаи таҷриба ва захираҳои раванди истеҳсолот сурат мегиранд. Ҷанбаҳои манфии ин падида бо он алоқаманд дониста мешавад, ки дар ин раванд рақобат пуршиддат гардида, воситаи асосии рушд ташаккул ва такмили пайвастаи фаъолияти инноватсионӣ баромад мекунад, ки дар ин гуна вазъият баъзан соҳибкорон ба шиддати қувваҳои рақобати бозорӣ тоб наоварда муфлис ва аз байн меравад. Аммо, сохторҳои хоҷагидорӣ, ки дорои стратегия ҷадиди маркетингӣ мебошад дар ин гуна муносибатҳо ғолиб омада, амзамон ҳиссаи бозории худро соҳиб мешаванд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Ташкили маркетинг дар соҳаи тандурустӣ ба сифати як консепсияи замонавӣ метавонад бисёр нобаробариҳои бозорӣ ва маҳдудиятҳои молиявии соҳаи тандурустиро бартараф намояд. Дар робита ба ин бисёр олимони дохилӣ ва хориҷӣ далелҳо пешниҳод намудаанд. Баъзе аз онҳо маркетинги соҳаи тандурустиро ҷузъи муҳими маркетинги иҷтимоӣ мешуморанд ва барои дар чорчубаи муносибатҳои бозорӣ ташаккул ва рушд додани соҳаҳои иҷтимоӣ истифодаи технология маркетингиро муҳим арзёбӣ намудаанд. Гуруҳи дигари муаллифон бошанд чунин андеша доранд, ки маркетинги тандурустӣ бо дарназардошти махсусияти талабот ва эҳтиёҷот, хусусиятҳои истеҳсол ва пешниҳоди молу хизматрасонӣ ва дараҷаи фаврияти анҷоми аҳди муносибатҳои бозорӣ аз дигар стртаегияҳои маркетингӣ комилан фарқ мекунад. Вобаста ба ин маркетинги тандурустиро зарур аст, ки стратегияи ягона ва бозоргири хоси худро дошта бошад то дар муносибатҳои рақибона мавқеи худро аз даст надиҳад.

**Мақсади мақола –** ин пешниҳод намудани муҳимияти коркард ва амалигардонии стратегияи маркетингӣ дар бозори мол ва хизматрасонии тиббӣ маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Лозим ба ёдоварист, ки соҳаи тандурустӣ аз ҷумлаи сохторҳои хоҷагидорие мебошад, ки ба шароити иқтисоди бозорӣ нисбатанд дертар ворид гардида, ҳанӯз бо мушкилоти бозорёбӣ ва сармоягузории раванди рушди фаъолияти худ бархурд дорад. Айни замон яке аз муҳимтарин воситаҳои таъмини рушд ва бозорёбии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, ин коркард ва мавриди истифода қарор додани стратегияи маркетингӣ ба шумор меравад. Ин ва дигар далелҳо вуҷуд доранд, ки ба таҳқиқот ҷалб намудани масъалаи коркард ва амалигардонии стратегияи маркетингии рушди бозори хизматрасониҳои тиббиро дар шароити Тоҷикистони муосир муҳим арзёбӣ мекунад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки коркард, пешниҳод ва мавриди амал қарор додани стратегияи маркетингӣ дар соҳаи тандурустӣ тақозои замон ба шумор меравад, аммо самараи амалии он танҳо дар шароите муайян мегардад, ки таҳияи стратегия бо таваҷҷӯҳ ба махсусиятҳои хизматрасонии тиббӣ ва эҳтиёҷоту талаботи инсон сурат гирад.

Дар воқеъ имрӯзҳо талабот ба мавҷудияти моделҳои такмилёфтаи маркетинг дар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ вуҷуд дорад. Вобаста ба ин дар яке аз сарчашмаҳо қайд шудааст, ки вазифаи муҳими истифодаи присипҳои маркетинг дар соҳаи тандурустӣ аз омӯзиши талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва банақшагирии фаъолияти ҷорию дурнамои ташкилотҳои муолиҷавию ташхисӣ иборат буда, барои ноил гардидан ба натиҷаҳои максималии муолиҷа ва самараи иқтисодии он заминаи хуб мегузорад. Дигар вазифаи муҳими маркетинги соҳаи тандурустӣ ин дар раванди корҳои тадқиқотию омӯзишӣ ошкор намудани мушкилоти тиҷоратӣ, механизми нави танзим ва идоракунии раванди фаъолияти хизматрасонии тиббӣ мебошад [4, с.91]. Воқеан, агар чунин бошад ташкили фаъолияти маркетингӣ ҷиҳати болоравии сифат, дараҷаи қаноатмандӣ ва рушди соҳаи тандурустӣ таъсири мусбӣ мегузорад.

Бо назардошти ин гуна вазъият, коркард ва пешниҳои стратегияи маркетингиро равиши мувофиқ дар мутобиқсозии соҳаи тандурустӣ ба тағйиротҳои бозорӣ мешуморем. Аммо қабл аз барассии стратегияи маркетингӣ, рушди бозори хизматрасониҳои тандурустӣ ва қонеъсозии талаблоти аҳолӣ ҷиҳати солимгардонӣ зарурати омузиши ҷузъии маркетинг, хизматрасонӣ, хизматрасонии тиббӣ, бозори хизматрасониҳои тиббӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд, ки ин унсурҳо набояд аз мади назар дур карда шаванд.

Дар айни замон вобаста ба технология коркард ва пешниҳои шаклҳои муҳими стратегияи маркетингии бозори мол ва хизматрасониҳои тандурустӣ корҳои зиёд анҷом дода шудаанд, ки бо дарназардошти натиҷагирии ин таҳқиқотҳо шаклҳои зерини стратегияи маркетинги тандурустиро ҷудо намудан мумкин аст:

– стратегияи рақобатӣ, стратегияи рушди корхонаҳои соҳаи тиб;
– стратегияи маркетинги инноватсионии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ;
– стратегияи бозорёбӣ (маркетингӣ)-и нархгузорӣ;
– стратегияи иртиботии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ (реклама, PR, намоиш, таблиғоти тиҷоратӣ, ҳавасмандгардонии фурӯш ва ғ.).

Дар радифи ин стртаегияҳо, инчунин модел ва усулҳои ташкили фаъолияти маркетингӣ вуҷуд доранд, чун стратегия истифода шудаанд, аммо бо таваҷҷӯҳ ба хусусияти ҳатмият ва дароумрии ин самтҳои фаъолият ин номгуи стртаегияҳо аз ҷумлаи асосиҳо ба шумор мераванд.

Нуқтаи муҳими дигар, ки дар мавриди интихоб ва тавсияи стратегия маркетинги муассисаҳои тандурустӣ бояд мавриди назар қарор дода шавад, ин муайян намудани мақсад, вазифа ва шаклҳои стратегияи маркетингӣ бо таваҷҷӯҳ ба манфиатҳои соҳаи тандурустӣ ва дараҷаи қаноатмандии аҳоли аз натиҷаи фаъолияти соҳаи мазкур мебошад, ки ба таври мухтасар дар расми 1 нишон дода шудаанд.

**Расми 1. - Таснифоти фаҳмиши илмию назариявии стратегияи маркетингӣ дар бозори мол ва хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ**

**ФИШАНГҲОИ АСОСИИ РУШД ВА ТАНЗИМИ СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ**

МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

**Моҳият.** Маркетинги стратегии соҳаи тандурустӣ – ин таъйинот ва ҳуҷҷати асосии раванди фаъолияти хоҷагидории муасисаҳои соҳаи тандурустӣ мебошад, ки дар асоси он чараёни банақшагирӣ, коркард ва таъмини фурӯши хизматрасониҳои тиббӣ бо таваҷҷӯҳ ба таъмини дараҷаи олии қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба амал бароварда мешавад.

**Мақсад.** Маҷсади асосии маркетинги стратегии соҳаи тандурустӣ аз қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба солимгардонӣ, таъмини иҷроиши функсияи иҷтимоии давлат дар самти беҳдошти миллӣ ва рушди муносибатҳои хоҷагидории субъетҳои соҳаи тандурустӣ иборат мебошад.

**Вазифа.** Ба сифати муҳимтарин вазифаҳои маркетинги стратегии соҳаи тандурустӣ инҳо дохил мешаванд: 1) таҳлили муҳиди дохила, ки муайян намудани дараҷаи таъсири ҳайати кормандони соҳа, таҷҳизоти тиббӣ, захира ва маҳсулоти доруворӣ, сохтори идоракунӣ ва ғ. алоқаманд дониста мешавад; 2) таҳлили муҳиди беруна, ки муайян намудани сиёсати давлат вобаста ба соҳаи тандурустӣ, дараҷаи вобастагӣ аз захираҳои зарурии берунӣ, вазъи солимии аҳолӣ, вазъи демографӣ, тавоноии иқтисодӣ, фарҳанги тиббӣ ва ғ. вобаста аст.

САМТҲОИ СТРАТЕГИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МУҲИТИ МАРКЕТИНГИИ МОЛ ВА ХИЗМАРАСОНИҲОИ ТИББӢ

**Стратегияи корпоративӣ.** Самтҳои афзалиятноки рушд, таъйинот ва ҳадафи глобалии муассисаҳои соҳаи тандурустиро муайян мекунад. Масалан, нигоҳ доштани пешсафии соҳа дар бозори дохилӣ ё афзоиши фоидаи ҳамасола то 30%. Ин стратегия бо таваҷҷӯҳ ба ояндаи дур пешбинӣ мешавад.

**Стратегияи маркетингӣ.** Захираҳои муассиса оқилона тақсим карда шуда, ҳадафҳои стратегии маркетинг барои 5 сол муқаррар карда мешаванд. Ин ҳадафҳо дар заминаи роҳ ёфтан ба бозори ҷаҳонӣ гузошта, амалӣ мешаванд. Масалан, барои зиёд кардани фоида, бояд сегментҳои нави бозорро бо инноватсия ва ҳамкории бефосила ҷазб намоед.

**Стратегияи коммуникатсияи маркетингӣ.** Амалҳоро дар соҳаҳои гуногун барои соли оянда тавсиф мекунад. Яъне, барои таъмини расидан ба ҳадафҳои маркетинг маҳз чӣ кор кардан лозим аст. Масалан, барои ҷалби аудиторияи нав, шумо бояд маъракаҳои брендиро дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҳия ва оғоз кунед, то 50% огоҳии ҳамасола афзоиш додан лозим аст.

ФИШАНГҲОИ АСОСИИ РУШД ВА ТАНЗИМИ СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

- ИҚТИСОДӢ
- МАРКЕТИНГӢ
- ТАШКИЛИЮ ИДОРАКУНӢ
- МАЪМУРИЮ ҲУҚУҚӢ
- ИҶТИМОӢ-АХЛОҚӢ

Тибқи маълумотҳои расми 1, ки низоми фаҳмиши мухтасари нақш ва мавқеи стртаегияи маркетингӣ дар бозори мол ва хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ пешниҳод кардидааст, маълум мегардад, ки робитаи манфиатҳои субъектҳои бозори солимгардони ба ҳам комилан мувофиқ мебошанд. Танҳо дар асоси танзим ва идоракунии равандҳои маркетингӣ натиҷаи ниҳоии қаноатмандии онҳо таъмин канда мешавад. Вобаста ба ин коркард ва интихоби стратегияи маркетингии бо талаботи замон мувофиқ шарти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи таҳқиқотҳо вобаста ба коркард ва пешниҳоди стратегияи маркетингӣ дар соҳаи мазкур низон медиҳад, ки ин як раванди душвор, тулонӣ ва дар ниҳояд иборат аз марҳилаҳои гуногун аст. Дар маҷмуъ онҳоро ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

**Марҳилаи I. Таҳлили маълумот.** Дар ин марҳила бо мақсади таҳияи заминаи устувори стратегияи маркетингӣ дар бозоритандурустӣ омӯзиши чунин омилҳои муҳим тавсия дода мешавад: рақибон, аҳолӣ, маҳсулот (хизматрасонӣ), шабакаҳои таблиғотӣ, имкониятҳои худи муассиса ё соҳа, сиёсати давлат ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ғ. Дар ин марҳила дигар масъалаи муҳим интихоби дурусти усулҳои таҳқиқотбарии маркетингӣ ва кадрҳои босалоҳият ба шумор мераванд.

**Марҳилаи II. Банақшагирии стратегияи маркетинг.** Дар ин марҳила, бо таваҷҷӯҳ ба дараҷаи саҳеҳият ва мубрамияти маълумотҳои ҷамъоваришуда, ҳадафҳо ва вазифаҳо муайян карда мешаванд, захираҳо баҳо дода мешаванд, инчунин самтҳои афзалиятноки тиҷоратӣ интихоб карда мешаванд. Вобаста ба ин хулосабарорӣ мешавад, ки иҷроиши кадом вазифа ва бахшҳои муҳими фаъолият, талаби захираҳои раванди истеҳсолотро бо кадом сифат ва стандарт доранд.

**Марҳилаи III. Татбиқи стратегияи маркетинг.** Дар ин марҳила, чорабиниҳои маркетингӣ ва таблиғоти тиҷоратӣ дар шабакаҳои интихобшудаи омавӣ-таблиғотӣ таҳия ва оғоз карда мешаванд. Вақт, буҷет, ва усулҳои арзёбии самаранокӣ дар нақшаи стратегияи маркетинг муқаррар гардида нақши субъектҳо бо назардошти талаботи онҳо ба амал бароварда мешавад.

**Марҳилаи IV. Назорати ҷараён ва натиҷаҳо.** Дар марҳилаи навбатӣ сохтор ва технологияи ташкилу татбиқи назорат дар шакли мониторинг бо дарназардошти ду омили муҳим, вақт ва буҷет ташкил ва амалӣ гардонида мешавад. Тибқи корбарии пайваста дар асоси талаботҳои маниторинги мазкур бартариятҳо, камбудиҳо, хатарҳо, таҳдидҳо ва дигар унсурҳои фаъолияти маркетингӣ пурра ошкор гардида, мақсад ва вазифаҳои нави рушд ба вуҷуд меоянд. Натиҷаи чунин такрористеҳсолӣ боси он мегардад, ки соҳаи тандурустӣ такмил ёфта рақобатпазирии молу хизматрасониҳои соҳа таъмин мегардад.

Стратегияи рақобатӣ ва стратегияи рушди корхонаҳои соҳаи хизмати тиббӣ. Стратегияи пешсафӣ дар мавриди ҳазина (хароҷот) аз ҷалби харидорон аз ҳисоби ба дараҷаи камтарин расонидани ҳазинаи истеҳсолот, маҳсулот ва хизматҳо вобаста мебошад. Ин стратегия ба истеҳсолнокӣ такя мекунад ва одатан бо мавҷудияти асари таҷрибаи каҷ алоқаманд мебошад. Амалисозии чунин стратегия дар амал дар соҳаи тиббӣ бо як қатор ҳолатҳо душвор мегардад, аз ҷумла дар хизматрасонии тиббӣ асари масштаб чун қоида аҳамияти муҳим надорад. Чунин камҳассосии хароҷоти тандурустӣ ба тағйири нарх аз ҷумла бо ин ҷиҳатҳо алоқаманд мебошад:

– одамон чунин меҳисобанд, ки тандурустӣ намоишкории боигарӣ нест, балки зарурат мебошад, ивазкунандаи босамари хизмати тиббӣ қариб мавҷуд нест;
– хизматҳои тиббӣ асосан ҳангоми ҳолатҳои фалокатбор пешниҳод мегарданд, ки дар он маврид мулоҳиза оид ба нарх таваҷҷуҳбарангез нест;
– аксарияти мизоҷон муносибати дарозмуҳлатро бо духтурҳо афзал мешуморанд ва кам воқеъ мегардад, ки табиби дигарро ҷустуҷӯ кунанд (вақте ки нархҳо қимат мешаванд);
– аксарияти истифодабарандагони хизмати тиббӣ суғурта шудаанд ва онҳоро нархҳои хизмати тиббӣ на он қадар ба ташвиш меорад.

Барои муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонии тиббӣ стратегияҳои нисбатан қобили қабули рушд инҳо будан метавонанд: тавсеаи фишурда (интенсивӣ) ва рушди танаввуъ (диверсификатсионӣ). Рушди фишурда (башиддат) ҳамон вақт қобили истифода аст, ки корхона то охир имкониятҳои доштаи худро дар кори хизмат/маҳсулот ва бозорҳо ба кор набурда бошад. Навъҳои аниқи стратегияи рушди пуршиддат инҳо мебошанд:

• стратегияи пурзӯрнамоии мавқеъ дар бозор. Дар ин ҳолат корхона ҳама корро мекунад, ки бо маҳсулот/хизмати мазкур дар бозори алоҳида мавқеи беҳтаринро ба даст оварад. Барои амалисозии стратегияи мазкур кӯшиши зиёди бозорёбӣ (маркетингӣ) талаб карда мешавад;

• стратегияи тавсеаи бозор, ки аз ҷустуҷӯи бозорҳои нав барои хизматҳои аллакай истеҳсолшуда иборат аст;

• стратегияи тавсеаи маҳсулоти дарназардошташуда барои ҳалли вазифаҳои рушд аз ҳисоби истеҳсоли хизматҳои наве, ки барои ба фурӯш баровардан дар бозорҳои аллакай азхудкардаи корхона дар назар дошта шудааст.

Стратегияи навоварӣ (инноватсионӣ)-и корхонаи соҳаи хизмати пизишкӣ. Бисёр корхонаҳои

соҳаҳои хизматрасонӣ даҳсолаҳои охир ба таври зана ба зинагӣ, бошиддат (интенсивӣ) ба иқтисодиёти навоварӣ муттаҳид мешаванд. Зеро боқӣ мондан ва рушди муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонии тиббӣ бо натиҷаҳои раванди ташкили арзишҳо зич алоқаманд аст. Барои он ки ин ҳадаф амалӣ гардад, дар корхона бояд стратегияи навоварӣ таҳия гардад. Навоварӣ дар соҳаи хизмат ин натиҷаи фаъолияти навоварӣ (маҳсули сервисӣ, фановарӣ ё унсурҳои алоҳидаи он, ташкили нави фаъолияти сервисӣ ва ғайра) мебошад, ки барои босамар қаноатманд кардани талаботи ҷомеа имкон дорад. Навоварӣ як ҷараёни мунтазами эҷод, тестикунонӣ ва ҷоринамоии ғояҳои нав ба ҳисоб меравад. Ташкилот барои фаъолияти навоварӣ бояд бизнес-сабабҳои назаррас дошта бошад, яъне, навоварӣ ба худии худ як ҳадаф нест.

Дар муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонии тиббӣ таҳия ва ҷоринамоии навоварӣ хусусиятҳои хоси худро дорост, ки аз ташкил ва идораи навоварӣ дар соҳаи истеҳсолот фарқ мекунад.

Якум, ҳиссаи калони навоварӣ дар соҳаи хизмати пизишкӣ ба патентгирӣ эҳтиёҷ надорад, ки ин марҳалаи ҳаётии навовариро ба таври назаррас кам мекунад.

Дувум, ба навоварӣ дар соҳаи хизмати пизишкӣ номуайянии баланди оқибатҳо хос мебошад.

Сеюм, дар соҳаи хизмати пизишкӣ самаранокии навовариро арзёбӣ кардан бисёр душвор аст.

Чорум, дар соҳаи хизмати пизишкӣ барои ҷории навоварӣ равиши маҷмуӣ зарур мебошад.

Як қатор аломатҳои таснифии навовариро дар муассисаҳои тиббӣ ҷудо кардан имкон дорад. Вобаста ба объекти тағйирот метавон чунин навъҳои навовариро ҷудо намуд:

- техникӣ, алоқаманд бо ҷоринамоии намудҳои нави техникаи тиббӣ, олотҳо, асбобҳо, ҳамчунин усулҳои техникию фановарии кор дар хизмат ба мизоҷон;
- ташкилию фановарӣ алоқаманд бо шаклҳои нави хизмати пизишкӣ, шаклҳои нисбатан самараноки хизмат;
- идоракунӣ, ки ба такмили алоқаҳои берунӣ ва дохилии муассисаи тиббие, ки усул ва шаклҳои менеҷментро ба кор гирифтааст;
- маҷмуӣ, ки дар як вакт ҷанбаҳо ва ҷиҳатҳои гуногуни фаъолиятро дар бар мегирад.

Вобаста ба ташаббускори тағйирот навоварӣ дар муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонии тиббиро метавон ба қисматҳои зерин ҷудо кард:

– навоварӣ «аз боло ба поён», ки аз тарафи роҳбарияти ташкилот ба роҳ монда шудааст;

– навоварӣ «аз поён ба боло», ки аз тарафи кормандони тиббӣ ба роҳ монда шудааст.

Стратегияи бозорёбӣ (маркетингӣ)-и нархгузорӣ дар бозори хизматҳои пизишкӣ. Талаботи тандурустии амалӣ ангезаи бузург барои фаъолмандӣ аз рӯйи мушкилоти арзёбии нархгузорӣ дар тиб гардиданд. Усули асосноки таъини нарх, сиёсати боадолати нархгузорӣ ва мунтазам иҷро намудани он шарти зарурии амалкарди босамари муассисаи тиббӣ дар шароити сахти рақобат ба ҳисоб меравад. Таъини дурусти нарх эътибори муассисаи тиббиро ба чунин андозаҳое монанди сифати хизмати он, пардохтпазирӣ ва боваринокӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои ба зимма гирифта муайян мекунад. Нархи хизмати пизишкӣ дар табодули рақобатии бозори хизмати тандурустӣ ҷойи марказиро ишғол мекунад ва яке аз фишангҳои танзими ин бозор мебошад.

Нарх ҳамчун воситаи таъини муносибатҳои иқтисодӣ байни муассисаи тандурустӣ ва истифодабарандагони хизмати пизишкӣ, ҳамчунин маҳсулоти таъиноти тиббӣ хизмат хоҳад кард. Ин нархҳо метавонанд даромаднокӣ (фоидаоварӣ)-ро дар бар гиранд ва чун натиҷа устувории молиявӣ, ба зиндагӣ тобоварии ташкилоти тиббиро маълум кунанд. Онҳо воситаи дастрасӣ ба ҳадафҳои ташкилоти мазкур ва мубориза рақобатӣ дар бозори хизмати тандурустӣ мебошанд.

Махсусияти сиёсати нархгузории соҳаи тиб на рақобати нархӣ, балки рақобати сифат ва хизматҳои иловагӣ барои масрафкунанда мебошад. Нархи хизмати пизишкӣ ин ҳамон маблағи пулиест, ки мизоҷ тайёр аст бо он харад, духтур бошад (ташкилоти тиббӣ, истеҳсолкунанда) омода аст хизмати мазкури тиббиро фурӯшад. Бозорҳои иртиботдошта бо дору бо як колоҳои сохтагӣ – саломатӣ сару кор доранд.

Стратегияи нархгузорӣ яке аз мушкили мураккабтарини идораи стратегии ташкилоти тандурустӣ мебошад. Ин бо омилҳои зерин пайвандӣ дорад:

1. Методикаи нархгузорӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар мавриди истифода дар соҳаи тандурустӣ хусусияти хоси худро дорад. Тибқи мантиқи назарияи талабот ва пешниҳод ҳамон қадар беморӣ зиёд бошад, ҳамон қадар нархи хизмати пизишкӣ бояд баланд гардад. Агар дар нархгузории соҳаи тиб қоидаи талабот ва пешниҳод истифода бурда шавад, он ғоҳ сатҳи даромади духтурон аз беморӣ ва талабот ба хизмати пизишкӣ вобаста хоҳад буд. Аз рӯйи қоидаи бозорёбӣ барои ҳимояи иҷтимоиву иқтисодии манфиатҳои худ пизишкон бояд қабл аз вазъияти номатлуби бозор барои онҳо кор кунанд ва аз қабл шароит (конъюктура)-и бозори матлубро шабеҳсозӣ (моделикунонӣ) кунанд.

2. Асоси нархгузорӣ дар тиб ин арзёбӣ барои масрафкунанда мебошад. Объекти нархгузорӣ на танҳо маблағи муайяни мукофотонии пулӣ барои хизмати пизишкӣ, балки сохти системавии «нарх –

сифат» мебошад. Дар бозорҳои тиббӣ хизматҳои ғайриашёӣ, сустстандарткардашуда бо сифати номуайян пешниҳод мегардад, ки он асосҳоеро, ки дар он нархҳои ҷорӣ асоснок ва мутафовут карда мешаванд, тамоман ношаффоф мегардонанд. Бисёр вақт нарх ҳамчун индикатори сифати хизмати пизишкӣ баромад мекунад.

3. Қиматҳои бозорӣ барои хизмати пизишкӣ фақат каме бо хусусиятҳои хизмати пизишкӣ ё клиникаҳо таъин мешавад, он чӣ бештар аҳамият дорад касбӣ (ҳирфаӣ) будани пизишкон ва вазъияти як муассисаи табобатӣ аст. Дар соҳаи тиб ду навъи ташкилотҳоро ҷудо намудан мумкин аст – стандартгаро ва мақомгаро. Дар ҳолати аввал нархҳо ба параметрҳои маҳсулот ва махсусиятҳои онҳо мутобиқат мекунанд. Дар ҳолати дувум онҳо ҳам бо мақоми фурӯшанда ва ҳам харидор мутобиқ мешаванд.

4. Тандурустӣ ҳамчун соҳаи алоҳида сохтори мураккаб дорад. Аз ин рӯ, ҳамон як методикаи нархгузориро барои ташкилотҳои гуногун истифода бурдан номумкин мебошад.

5. Низоми тарифии нархгузорӣ дар соҳаи тиб босамар нест, зеро омилҳои хориҷиро ба ҳисоб намегирад ва наметавонад қобили тафкик (дифферентсия) бошад.

6. Ба нархи хизмати пизишкӣ, ҳамчунин марҳалаи чархаи зиндагӣ низ таъсир мерасонад.

Мафҳуми сифати хизмати пизишкӣ бо ҳар як қадами нави рушди илми тиббӣ муайян карда мешавад, ки барои афзоиши нарх асоси дигар медиҳад.

Иҷрои стратегияи нархгузорӣ тавассути истифодаи намудҳои зерини нарх метавонад амалӣ кунонида шавад: нархи ягона; нархҳои инъитофпазир, қиматҳои муътабар; нархҳои таъминкунандаи ҳиссаи даромад пасттар аз он ки ягон вақт метавонад бошад; ҳудуди қимат, ки ба қабатҳои гуногуни аҳолӣ нигаронида шудааст; мувофиқгардонии нарх, ки аз тариқи тағйири листи қимат (прейскурант), истисноҳо, нишонагузорӣ, тахфиф, ҷуброни хисорот анҷом мешавад.

Стратегияи иртиботии муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонии тиббӣ. Ҳамаи стратегияи классикии хадамоти бозорёбии мо ба далели бадастории қаноатмандии мизоҷон сохта ва равона шудааст. Ба масрафкунандагон чашидан (дидан, санҷидан, эҳсос кардан…)-и чизе ва қаноатманд шудан аз онро талқин мекунад. Чунин стратегия хеле босамар аст ва метавонад масрафкунандаро водор намояд, ки қаноатмандиро ба ҳамон миқдоре баҳравар шавад, ки ба имкони харидории ӯ маҳдуд гашта бошад. Аммо дар соҳаи тандурустӣ ин кор амалишаванда нест.

Расонидани хизмати пизишкӣ бо каме истисно бо гирифтани роҳату қаноатмандӣ шарик нест. Аз ин рӯ, аксарияти усулҳои классикии ҷалби масрафкунандагон ва пешниҳоди маҳсули худ дар тиб босамар наменамояд. Ба хизмати пизишкӣ ягон кас барои баҳраварӣ ва ҳисси қаноатмандию роҳат мурочиат намекунад. Ин ҷо реклама, ки ба роҳат асос ёфтааст, ин ҷо коргар нест. Талабот ба хизмати пизишкӣ (дар ҳолати классикӣ) ба таври объективӣ асосноккардашуда (мавҷудияти мушкилӣ дар саломатӣ) мебошад ва наметавонад ба таври сунъӣ ба мизоҷ водор карда шавад ё ба хости субъективии мизоҷ барои гирифтани хизмати пизишкӣ, табобаткунӣ ва монанди инҳо вобаста бошад.

Муассисаҳои имрӯзаи табобатӣ дорои низоми мураккаби алоқаҳои бозорёбӣ мебошанд. Яке аз вазифаҳои он барқарор кардани муносибатҳои иртиботӣ бо мизоҷон, миёнаравон (ширкатҳои суғуртавӣ, духтурҳои муассисаҳои дигари тиббӣ), сохторҳои гуногуни танзимгар ва назоратгар, ҷомеа – дар умум, мебошад. Барои бозорёбии низоми хизмати пизишкӣ истифодаи маҷмуии қисмҳои алоҳидаи таркибии он муҳим маҳсуб мешавад, зеро хизмати пизишкӣ гуногунранг аст, усулҳои пешбарӣ ва фурӯши он ҳатто вобаста ба омили мавсим тағйир ёфта меистад, зарурати равиши яклухт, ягона ба бозорёбӣ бошад, замонавӣ боқӣ мемонад. Дар соҳаи тандурустӣ махсусан назар ба иртиботи муттаҳидонидаи бозорёбӣ масъалаи замонавӣ маҳсуб мешавад. Иртиботи муттаҳидонидаи бозорёбӣ самаранокии худро туфайли натиҷаи асари ҳамафзоӣ (синергетикӣ) аз ҳамкории унсурҳо ва истифодаи ба он алоқаманди иқтидорҳои коҳиши ҳазина ҳангоми ҷоринамоии фишангҳои гуногуни маҷмуи иртиботот афзун менамояд. Мафҳуми мавҷуди иртибототи бозорёбии якпорча (муттаҳидгашта), ки асари он аз тариқи таомил (ҳамкорӣ) ва нуфузи таблиғот, равобити умумӣ, пешбурди фурӯш ва соири каналҳои бозорёбӣ анбошта (аккумулятсия) мешавад, дар ҳавзаҳои мухталифи фаъолиятҳои тавсидӣ муассиртарин аст, аммо асосан ба он (мушаххасоти тиббӣ) тавҷеҳ намешавад. Дар дарки имрӯзаи идораи иртиботи муттаҳидонидаи бозорёбӣ дар соҳаи тандурустӣ на танҳо рекламаи анъанавӣ, алоқа бо ҷомеа, ҳавасмандии фурӯш, директ-бозорёбӣ, интернет-маркетинг, балки ҳамаи нуқтаҳои дигари бархӯрд бо мизоҷон (намои клиника, хушмуомилагии кормандон, ки ин ҳам яке аз таркиби иртибот бо мизоҷон аст) фаҳмида мешаванд. Пешниҳод мешавад, ки харитаи ҳамкорӣ бо мизоҷ тартиб дода шавад, ки он ҳамаи нуқтаҳои ҳамкории муассисаи тиббиро бо мизоҷ ба қайд хоҳад гирифт. Ба он дохил мешавад: машварат ва қайд барои қабул тавассути интернет, маълумоти рекламавӣ, тахфифи махсус барои хизматрасонӣ, мавҷудияти бейҷҳо дар ҳайти корӣ, давомнокии қабули табиб, ороиши бино, имкони иштироки волидон дар қабули духтур ва монанди инҳо. Ҳамаи таркиботи иртиботи муттаҳидонидаи бозорёбӣ барои тавсеаи

бомуваффақияти вазифаҳои зерини дар назди муассисаи табобатӣ истода лозиманд:

• маълумотдиҳии аудиторияи мақсаднок;

• огоҳкунонӣ дар бораи хизмати пизишкии расонидашаванда;

• тарғиби шакли солими зиндагӣ;

• ташкил ва дастгирии эътибор (имич)-и мусоид;

• афзоиши садоқати беморони мавҷуд;

• ҷалби мизоҷони нав;

• идораи паҳнкунии иттиллот ба шакли «аз забон ба забон»;

• афзоиши даромад аз фурӯши хизмати пизишкӣ.

Дар стратегияи иртиботи муассисаи тиббӣ ҷойи махсусро бозорёбии бевосита ё иртибот байни духтур ва мизоҷ ишғол мекунад. Махсусиятҳои равонии бемор дар шароити муносибатҳои байниҳамдигарии табобатӣ ва ҳамкориҳо дар бархӯрд бо махсусиятҳои равонии корманди тиббӣ (духтур, равоншинос, хоҳари шафқат, корманди иҷтимоӣ) мегузаранд. Ин аст, ки дар бораи аҳамияти ҳамкории байниҳамдигарии босамар ва беҷанҷоли бемор бо кормандони тиббӣ баробари як параметрҳои равонӣ ҳамчун салоҳияти иртиботӣ сухан ба миён гузошт. Дар ҷараёни ҳамкории корманди тиббӣ ва бемор нақши муҳимро қабул, дарк ва фаҳмиши байниҳамдигарии иштирокчиёни иртиботи мазкур мебозад. Ин ҷо интизорот (экспектатсия)-и ширкаткунандагон дар таомили ташхисӣ ва дармонӣ аз таҷаллии ҳар кайфият ва рафтори якдигар зарурӣ аст. Вобаста ба ин мафҳумҳои “идеалӣ” ва “воқеӣ”-и духтур ва беморро ҷудо мекунанд. Ба сифатҳо ва хислатҳои “духтури идеалӣ” хусусиятҳои ҷинсияту синнусолӣ, вижагиҳои шахсиятӣ ва махсусиятҳои шахсӣ, сабки таомули байнифардӣ, тахассусмандию шоистагиро дохил мекунанд. Муҳимтарин дар тасвири “доктори иделӣ” аз нуктаи назари мизоҷ тавоноии ҳамдилӣ ва сабки муроҷиат (иртиботӣ) аст. Ҷиҳати муҳимми ҳамкории коркуни тиббӣ ва бемор ахлоқ ва деонтолия мебошад. Ба қатори қоидаҳои базисии ахлоқи биотиббӣ қоидаҳои зеринро дохил мекунанд:

а) мухтория,

б) нарасонидани зиён,

в) аъмоли хуб;

г) адолат. Меъёрҳои аниқи ахлоқии истифодашаванда дар тиб ростқавлӣ, ҳарими хусусӣ, роздорӣ, вафодорӣ ва шоистагиро дар мегиранд.

**Хулоса.** Дар иртиботи бозорёбии соҳаи хизмати пизишкӣ низомҳои Таблиғоти равобити умумӣ (PR-пешбарӣ) хеле муҳим арзёбӣ мешаванд. Унсури пойгоҳии PR-пешбарӣ паҳнкунии иттиллоот дар бораи ширкат ва маҳсулоти он дар воситаҳои гуногуни ахбори умум мебошад.

Дар фаъолияти тиҷоратӣ бояд ҳатман барномаҳои сарпарастӣ, ройгонӣ, коҳиши нарх, хайрия, ростқавлӣ, рафтори самти хушахлоқӣ пешбинӣ карда шаванд. Эътибори мусоиди ташкилоти тандурустӣ, садақаҳои холисонаи он фазои боварии равониро ба вуҷуд меорад ва дар ниҳоят натиҷаи дилхоҳи тиббӣ ва иқтисодӣ ба даст меоянд. Дар охир қайд бояд кард, ки бозорёбӣ (маркетинг) дар соҳаи тандурустӣ ин соҳаи махсуси бизнес мебошад, ки дар он манфиатҳои ширкат, бадастории даромад бо манфиатҳои ҷомеа ва ҳар як шахс набояд дар зиддият бошад.

## АДАБИЁТ


1. Аксёнова ЕИ, Зудин АБ. Маркетинг медицинских организаций: инструменты привлечения и удержания пациентов. Вестник Авиценны. 2020;22(4):548-52.
2. Ашуров М.Н., Каримов М.И. Капитал здоровья как экономическая категория: теоретико-методологические аспекты//Финансово-экономический вестник. 2018. № 4 (16). С. 52-57.
3. Власюк Ю.А. Стратегия маркетинга предприятий сферы медицинских услуг/ Электронный источник: 146-163 (4).pdf
4. Ермакова А. Д. Стратегии маркетинга в медицине: сборник трудов конференции. // Научное и образовательное пространство: перспективы развития: материалы Всерос. науч.-практ. конф. с международным участием (Чебоксары, 22 июня 2020 г.) / Редкол.: О. Н. Широков [и др.] – Чебоксары: Центр научного сотрудничества «Интерактив плюс», 2020. – С. 108-111
5. Каримов М.И. Необходимость организации предпринимательской деятельности в сфере здравоохранения// Наука и инновация. 2014. № 1. С. 216-218.
6. Каримов М.И. Необходимость организация маркетинга в сфере здравоохранения [Текст] / М.И. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2013. №2/7(123). С91-93.
7. Каримов М.И., Амидов З.С. Такмил ва рушди бозори хизматрасонии тиббӣ: равиши маркетингӣ// Endless Light in Science. 2023. № 4 (4). С. 210-216.
8. Каримов М.И., Амидов З.С. Ташкили маркетинг дар соҳаи тандурустӣ: ҷанбаҳои илмию назариявӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2022. № 2. С. 192-200.

9. Шарабчиев Ю.Т. Маркетинговая стратегия в управлении здравоохранением// Журнал «Медицинские новости». Электронный адрес: www.mednovosti.by!

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Амидов Зикриё Саъдулоевич** – докторанти (PhD)-и кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тел: (+992) 909121617, E.mail: zakariyoa96@gmail.com

**Сведения об авторе:**
**Амидов Зикриё Садулоевич** – докторант (PhD) кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета, тел: (+992) 909121617, e-mail: zakariyoa96@gmail.com

**Information about the author:**
**Amidov Zikriyo Saduloevich** – doctoral student (PhD) of the Department of Management and Marketing of the Tajik National University, tel: (+992) 909121617, e-mail: zakariyoa96@gmail.com

**УДК: 164.01**

## РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЛОГИСТИКИЮ НАҚЛЁТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**Ҳикматов Муҳамадназар Назруллоевич**

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои хизматрасониҳои логистикӣ дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт дар самтҳои гуногун бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва субъектҳои гуногун мавриди амал қарор мегирад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт логистикаи рақамӣ ҳамчун вокуниш ба мушкилоти глобалии иқтисоди рақамӣ ба вуҷуд меояд. Логистика дар иқтисодиёти рақамӣ муносибатҳои хизматрасонии оқилонаро ҳамчун як соҳаи нав эҷод мекунад, ки ҳам ҳаракати объектҳои ҷисмонӣ ва ҳам ҷараёни одамонро муттаҳид мекунад ва барои занҷирҳои таъминоти оянда дигаргуниҳои ҷиддиро талаб мекунад. Низоми логистикӣ ва равишҳои обективӣ ва субективии он ҳамчун самти калидии хизматрасониҳои рақамии логистикӣ ба ҳисоб мераванд.
**Калимаҳои асосӣ:** логистикаи рақамӣ, хизматрасониҳои логистикӣ, ҷаҳонишавӣ, иқтисоди рақамӣ, занҷираи таъмионт, шабакаҳои логистикӣ, таҳвили мол, низоми логистикӣ.
**Барои иқтибос:** Ҳикматов М.Н. Рушди хизматрасониҳои логистикию наклётии ҷумҳурии тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / М.Н. Ҳикматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024.- № 1 (40). – С. 164-171.

## РАЗВИТИЕ ЛОГИСТИКИ И ТРАНСПОРТНЫХ УСЛУГ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗИРОВАННОЙ ЭКОНОМИКИ

**Хикматов Мухамадназар Назруллоевич**

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются особенности логистических услуг в процессе цифровизации экономики по разным направлениям, отдельным отраслям экономики и различным субъектам. В условиях глобализации экономики цифровая логистика возникает как ответ на глобальные вызовы цифровой экономики. Логистика в цифровой экономике создает интеллектуальные сервисные отношения как новую область, которая сочетает в себе как перемещение физических объектов, так и потоки людей и требует значительных изменений для будущих цепочек поставок. Логистическая система, ее объективный и субъективный подходы рассматриваются как ключевое направление цифровых логистических услуг.
**Ключевые слова:** цифровая логистика, логистические услуги, глобализация, цифровая экономика, цепочка поставок, логистические сети, доставка товаров, логистическая система.

## DEVELOPMENT OF LOGISTICS AND TRANSPORT SERVICES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONDITIONS OF DIGITALIZED ECONOMY

**Hikmatov Mukhamadnazar Nazrulloevich**

**Abstract.** This article examines the features of logistics services in the process of digitalization of the economy in different areas, individual sectors of the economy and various entities. In the context of economic globalization, digital logistics arises as a response to the global challenges of the digital economy. Logistics in the digital economy is creating intelligent service relationships as a new area that combines both the movement of physical objects and the flow of people and requires significant changes for future supply chains. The logistics system, its objective and subjective approaches are considered as a key area of digital logistics services.

**Keywords:** digital logistics, logistics services, globalization, digital economy, supply chain, logistics networks, delivery of goods, logistics system.

**Гузориши масъала** ҷаҳонишавии ислоҳоти иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар солҳои охир хаёлҳоро дар бораи ҷузъи худтанзимкунии муносибатҳои бозаргонӣ аз байн бурданд. Ҳамгироии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ, яке аз равиши таъсири афзояндаи омилҳои экологӣ ба рушди иқтисодӣ, эҷоди «системаҳои пушидаи фаромиллии иқтисодӣ» бидуни ҳамоҳангсозии кӯшишҳои иштирокчиёни ин муносибатҳо ғайриимкон аст. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рушди иқтисоди рақамӣ ин вобастагии системавию афзояндаи иқтисодиёти кишварҳои гуногуни ҷаҳон мебошад, ки дар натиҷаи он аз байн рафтани сарҳадҳои байни кишварҳо, рушди алоқа ва нақлиёти байналмилалӣ, таъсиси корпоратсияҳои трансмиллӣ, муносибатҳои байналхалқии бозорӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси арзишҳои умумӣ ба вуҷуд меояд ва ҳамоҳангсозии хизматрасониҳо баланд хоҳад гашт.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявию амалии рушди хизматрасониҳои логистикию нақлётии дар таълифоти илмии иқтисодчиён ба монанди: Ковалева И.В., Фалченко О.Д. мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Маҳсади мақола** таҳлили рушди хизматрасониҳои логистикию нақлётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва ба як системаи ягонаи ҷаҳонӣ дохил шудани мамлакатҳо инкишофи воситаҳои ҳозиразамони алоқа, шабакаи умумиҷаҳонии Интернет, ба миён омадани муаммоҳои зиёде мусоидат мекунад, ки онҳоро бе иштироки захираҳои бузурги моддӣ ва қувваҳои интеллектуалӣ ҳал кардан мумкин нест.

Ҷаҳонишавии иқтисодиёт "ҷаҳони бидуни сарҳад" ва "шуури ҷаҳониро" тақозо мекунад. Иқтисодиёти нав, ки ба дониш, иттилоот ва иктишоф асос ёфтааст, ҷомеаи иттилоотиро ба вуҷуд меорад, ки дар он иттилоот моли асосӣ ва қувваи асосии истеҳсолкунанда мегардад. Тезонидани тараққиёти иктисодиёт, ба фикри мо, на танҳо бо ёрии технологияи нави истеҳсолот, балки бо роҳи зудтар қабул кардани қарорҳо ва зудтар ба амал баровардани тамоми амалиёти идоракунӣ таъмин карда мешавад. Аксарияти корхонаҳо аз рӯи сикли тезонидашуда фаъолият хоҳанд кард, ки равандҳои таҳлил, ҳисобкунӣ, тарҳрезӣ, баровардани маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои «фарҳангсоз»-ро мувофиқи талаботи муштариён муттаҳид мекунанд. Дар чунин ҷомеаи иттилоотӣ тафриқаи шадид ва табақабандии иҷтимоии одамон аз нигоҳи дониш, меҳнати ақлӣ, салоҳият ва касбият ба амал меояд. Чунин ҷомеа бо рушди афзалиятноки воситаҳои коркард ва интиқоли иттилоот, шабакаҳои глобалии компютерӣ, технологияҳои гуногуни иттилоотӣ ва комуникатсионӣ тавсиф карда мешаванд. Чунин инфраструктураи электро-оптикӣ кори самарабахши механизми идоракуниро таъмин мекунад.

Тафаккури умумиҷаҳонӣ, амал кардан ба таври маҳаллӣ маънои пеш аз ҳама, тамаркуз ба диди ҳамаҷонибаи занҷираи таъминот дар ягонагӣ ва номутобиқатии мушкилот ва равандҳои он мебошад. Дурнамои ҷаҳонии мушкилот ва зиддиятҳои логистикӣ боиси дарки онҳо мегардад, ки берун аз контексти муҳити беруна тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳалли самараноки онҳо танҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ имконпазир аст, ки муттаҳид кардани кӯшишҳои кормандони тамоми шӯъбаҳои корхонаро дар бар мегирад, зеро ҳалли ҷудогонаи мушкилоти глобалӣ дар як корхона метавонад ба оқибатҳои ғайричашмдошт оварда расонад, ки ба қисмҳои дигари занҷири таъминот таъсири манфӣ мерасонанд. Фаҳмидани равандҳои дар он рухдода, фаҳмидани робитаи мутақобила ва вобастагии сохторҳо ва равандҳои логистикӣ барои қабули қарорҳои мувофиқ, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунанд, зарур аст. Албатта, имрӯзҳо омили вақт нақши бузург мебозад, зеро барои қабули қарорҳои муҳим вақти кам ва камтар боқӣ мондааст. Бо вуҷуди ин, қарорҳои беандешашуда метавонанд оқибатҳои зиёде дошта бошанд, ки ба сатҳи сифати хизматрасонии логистикӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Логистикаи хизматрасонӣ қисмати провайдерӣ мебошад, ки муносибгардонии ҷараёни хизматрасониҳоро, ки аз ҷониби корхонаҳо ба

истеъмолкунандагони маҳсулоти ба ҳамдигар тақвиятшаванда аз ҷониби шарикони таъминкунандаи ғанисозии пешниҳодшуда ва инчунин даромади дохилӣ баҳо медиҳанд, ҳамоҳанг месозад.

Мақсади логистикаи хизматрасонӣ – идоракунии ҷараёни хизматрасонӣ ва маводҳои марбута, иттилоот, молиявӣ, кадрӣ ва дигар ҷараёнҳо барои идоракунии мизоҷони дохилӣ ва берунӣ бо имконият барои гирифтани хизматрасониҳои зарурӣ истифода бурда мешавад.

Дар шароити «бозори харидор», фурӯшанда маҷбур аст, ки фаъолияти худро дар асоси талаботҳои истеъмолӣ оғоз кунад. Дар айни замон, талабот барои мол маҳдуд нест. Харидор инчунин шароитҳои худро дар соҳаи таркиб ва сифати хизматрасонӣяш дар рафти таъмини ин маҳсулот қарор медиҳад. Кор дар бораи расонидани хизматрасонӣ, яъне бо қонеъ кардани талаботи шахсӣ хизмат номида мешавад.

Хизматрасонии логистикӣ ҳамчун маҷмӯи амалиёти ҳамоҳангии раванди муносибатҳоии иқтисодӣ, ки ҳадди аксар қонеъгардонии талаботи истеъмолиро дар раванди идоракунии маводҳои иттилоотӣ дар роҳи беҳтарин аз нуқтаи назари хароҷот таъмин менамояд. Ба ибораи дигар, хадамоти логистикӣ идоракунии ҷараёнҳои хизматрасонӣ мебошад [8].

Хусусияти фаъолияти логистикӣ имкон медиҳад, ки истеъмолкунанда бо ҷараёни моддию гуногуни хизматрасониҳои логистикӣ пешниҳод намояд. Хадамоти логистикӣ бо раванди тақсимотӣ алоқаманд аст ва маҷмӯи хизматрасониҳое, ки дар ҷараёни таҳвили мол пешниҳод шудаанд, мебошад ва он дар шароити муосир ба хизматрасонии саривақтии логистикӣ тавассути шабакаҳои рақамии логистикӣ бояд бароҳ монда шаванд.

Ҳамеша омузиши хизматрасониҳои локистикӣ аз инфрасрохтори техникии нақлиёт, роҳҳо ва боркашонии транзитӣ вобастагӣ дорад ва он бояд мавриди таваҷуҳи хосса дар шароити рақамкунонӣ бошад.

Масъалаи асосие, ки бояд рақамикунонии бахши нақлиёт ва логистикаро ҳал намояд, ин афзоиши ҳаҷми боркашонии транзитӣ мебошад. Интизор меравад, ки кам кардани вақт дар транзит барои зиёд намудани ҳаҷми боркашонии транзитӣ дар бахши роҳи оҳан аз рӯи ҳамаи самтҳо имконият медиҳад. Самараи асосӣ дар марҳилаҳои аввал аз ҳисоби гузариш ба гардиши электронии ҳуҷҷатҳо ва сипасаз ҳисоби ҷорӣ намудани системаи зеҳнии нақлиётӣ ба даст овардашуда, имконият медиҳад, ки ҳаҷми боркашонии автомобилӣ аз ҳисоби таъмини инфрасохтори сифатнок ва бехатари роҳ байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва роҳҳои алоқаи байналмилалӣ зиёд карда шавад. Системаи зеҳнии нақлиётӣ функсияҳои назорати видеоӣ, шиносномакунии рақамии роҳҳои автомобилгард, идоракунии ҳаракати роҳ, хабардиҳии ронандагон оид ба шароити боду ҳаво ва пардохти электронии хизматрасонии нақлиётиро муттаҳид менамояд.[6]

Рақамкунонии доираи васеъи хизматрасониҳо, ки дар ниҳояти кор на танҳо ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишварамон, балки ба соҳаи иҷтимоӣ низ таъсир расонд, ба андешаи мо, аз нуқтаи назари таҳияи заминаи методологии он, бунёди «чаҳорчӯбаи» мувофиқ (таъминоти нармафзор, платформа) каме фаҳмишро талаб мекунад, ки ба масъалаҳои табдилдиҳии рақамӣ муносибати систематикӣ дода шавад. Он чизе, ки имрӯз бо табдилдиҳии рақамии равандҳои инфиродӣ, амалиётҳо, воҳидҳои тиҷоратӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва занҷирҳои таъминот дар маҷмӯъ дар саноат, савдо ва хизматрасонӣ рӯй медиҳад, танҳо “бетартибиҳои рақамӣ” номида мешавад.

Дар асл, ҳар як занҷири таъминот имрӯз технологияҳои рақамиро истифода мебарад, аммо ба назар чунин мерасад, ки тасмимҳои рақамӣ бештар ба таври махсус, вобаста ба манфиатҳои кӯтоҳмуддат ё мушкилоти аз ҷиҳати стратегӣ калибршуда мебошанд. Илова бар ин, аксар вакт имкониятҳои технологияҳои рақамӣ, асбобҳои истифодашаванда пурра истифода намешаванд, ки ин ё ба сатҳи нокифояи дониш ва салоҳияти кадрҳо ё мураккабии татбиқи техникӣ вобаста аст.

Тамоюлҳои асосии рушди бозори ҷаҳонии логистика:

• ҷаҳонишавии фаъолияти ширкатҳои муштарӣ;

• муттаҳидсозии ширкатҳои логистикӣ тавассути ҳамроҳшавӣ ва харид;

• афзоиши нақши технологияҳои иттилоотӣ (рақамӣ) дар логистика ва маркетинги рақамӣ;

• дур шудан аз хизматрасониҳои махсус ва тамаркуз ба пешниҳоди ҳалли пурра ва ҳамгирошудаи мантиқӣ дар занҷирҳои таъминот;

• рушди интенсивии ҳамлу нақли байниҳамдигарӣ ва мултимодалӣ;

• афзоиши ҳиссаи бозори провайдерҳои 3PL.

**Ҷадвали 1. - Логистикаи ҷаҳонии тамоюли радар**

| Сатҳ | **Тамоюлҳои иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ** | **Тамоюлҳои технологӣ** |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| Баланд | Супершабакаи логистикӣ<br>Marketplace логистика<br>Зеленая логистика<br>Логистикаи рақамӣ<br>Omni-channel логистика | Мошинҳои мустақил (дронҳо)<br>Зеҳни сунъӣ<br>Автоматикунонии амалиёт ва роботҳо<br>Интернети чизҳо<br>Таҳлили маълумоти калон<br>Технологияҳои абрӣ |
| Миёна | Контейнеризатсияи оқилона<br>Як андозаи партия<br>Пасандозҳои муштарак<br>Логистикаи масъулиятнок ва боэътимод<br>Хизматрасонии истисноӣ<br>Силсилаи таъминоти ғизои тару тоза | 3D-печат<br>Блокчейн<br>Воқеияти васеъшуда<br>Технологияҳои насли нави бесим<br>Мошинҳои бе ронанда<br>Технологияҳои сенсории арзон |
| Паст | Грей Power-логистика<br>Логистикаи метроӣ | Бионика дар логистика<br>Воқеияти виртуалӣ |

**Сарчашма:** <www.dhl.com>.

Қайд кардан зарур аст, ки на танҳо нишондиҳандаҳои алоҳидаи низоми логистикӣ, балки сатҳи баландтарини сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ба ҳисоб гирифта мешавад (расми 1). Ба яке аз тамоюлҳои муосир расмиёти сифати хизматрасонӣ дохил мешавад. Раванди баланд бардоштани сифати дилхоҳ амалиёт (на танҳо дар соҳаи логистика) аз «назорати сифат» (quality control) оғоз шуда, ҳамзамон гузариш ба «сифати кафолатдор» (quality assurance), минбаъд – ба «назорати пурраи сифат» (total quality control) ва ниҳоят ба «ҳамкории пурра бо фармоишгар» (customer value) хотима меёбад.

**Расми 1.- Нақшаи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои логистикӣ**




Дар логистика сифати маҳсулоти нақлиётӣ – ин расонидани саривақтии маҳсулот ба истеъмолкунанда дар як миқдори муайян, дар рӯзи муайян ва дар як муддати муайян аст. Лавозимоти сифати маҳсулоти нақлиётӣ бояд ҷадвали мувофиқашуда, ки ҳамаи иштирокчиёни ташкили

низоми логистикиро дар ҷойивазкунии маҳсулот ба ҳам меорад, ба ҳисоб меравад. Ин вобастагиро ба таври риёзӣ чунин ифода намудан мумкин аст: y = f (O, K), (1) дар ин ҷо y – маҳсулоти нақлиётӣ, O – вазн (шумораи) маҳсулот ва К – сифати маҳсулот мебошад. Андозаҳои O ва К дар низоми нақлиётӣ бояд бо функсияҳои идоракунии мувофиқат кунонида шавад ва дар ин маврид андозаи К-ро метавон ба маҷмӯи ҷузъҳои гуногунсифати Kj = K1, K2, ..., Kn табдил дод, ки маҷмӯи нишондиҳандаҳои идоракунӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва дигари кори нақлиётиро ифода менамояд.[14]

Логистикаи нақлиётӣ ҷузъи муҳими ҳаётии (соҳаи функсионалии) логистикаро ифода менамояд. Бинобар ин дар фаъолияти амалии хизматрасонии ширкат ва муассисаҳои мухталиф истифодаи васеъро дорост. Барои хизматрасонии ташкилот ва муассисаҳои мухталиф заминаи асосиро амсилаи нақлиётии муносиби таҳияшуда ташкил медиҳад ва дар асоси он ҷадвали мувофиқашудаи расонидани маҳсулот ба истеъмолкунандагон ташкил карда мешавад. Дар ин нақша на танҳо воридшавии автомобилҳо ба анбори истеъмолкунанда, балки ҷавобгарии моддии иштирокчиёни раванди интиқол барои вайрон кардани ҷадвали ҳаракат муайян карда мешавад. Самти муҳими логистикаи нақлиётӣ бояд муносибати далелнок идоракунии ҷараёни маҳсулот бо мақсади коҳиш додани хароҷотҳо, таҳияи масирҳои ҳамлу нақли хизматрасонандаи минтақаҳо ва истеъмолкунандагони маҳсулот мебошад. Бояд на танҳо хароҷоти камтарин, балки стратегияи нақлиётӣ дар маҷмӯъ, инчунин тағйирёбии нархномаҳо, низомҳои идоракунӣ ва иттилоотӣ муайян карда шавад. Илова бар ин таҳияи амсилаҳои нақлиётӣ ва низомҳои нақлиётии таъминкунандаи расонидани маҳсулот ба истеъмолкунандагон «дар мӯҳлати аниқ» масъалаи муҳим боқӣ мемонад.

Дар намуди умумӣ мавзӯҳои тадқиққунандаи логистикаи нақлиётӣ бояд дар се самт баргузор шаванд: таҳияи амсилаҳо ва алгоритмҳои ҳалли масъалаҳо; ҷорӣ намудани пиндоштҳои нисбатан дурандешона; якҷоякунии амсилаҳои логистикӣ.[14]

Шабакаи роҳҳои Тоҷикистон дар шароити хоссе ташаккул ёфтааст, ки он ҳам ба вазъи муосири нақлиёт ва ҳам ба имкониятҳои рушди он таъсир мерасонад. Ин пеш аз ҳама ба мураккаб будани истифодаи техникаи нақлиётӣ дар ҳудуди кишвар, ки қисми зиёди он кӯҳсор аст, алоқаманд мебошад (расми 2).

**Расми 2. - Долонҳои нақлиётӣ асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Тибқи барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025, роҳандозии иқтисоди рақамӣ дар соҳаи нақлиёт, баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои танзими давлатӣ дар асоси истифодаи васеи ТИК, боло бурдани сатҳи бехатарӣ дар маҷмааи нақлиётӣ дар заминаи иттилоти пурра, дақиқ ва фаврӣ муайян кардани нақлиёти дар ҳаракат қарордошта, ошкоркунии саривақтии тамоюлҳои манфӣ ва рафъи оқибатҳо ва дигар омилҳо зарур мебошанд.

Дар давоми солҳои охир дар ҷумҳурӣ як қатор корхонаву ширкатҳои нақлиётӣ, аз ҷумла «Акиа-Авесто-Индастри», «Рахш таксӣ», «Эйшн Экспресс», «Сомон-таксӣ», «Глобал экспресс Душанбе»,

«Атластаксӣ», «Олуча-Авто» ва «Сити таксӣ» ба фаъолият шурӯъ намуданд ва бо усулҳои муосири рақамӣ-инноватсионӣ кору хизматрасониҳоро пешниҳод намуда истодаанд.[2]

Хизматрасониҳои нақлиётӣ тавассути рақамикунонӣ ва пардохти электронӣ пардохти электронии роҳкирои нақлиётии «Сити корт» (City Card) бештар дар шаҳри Душанбе ба роҳ монда шудааст ва роҳандозии ин таҷрибаи пешрафта дар дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби ҶДММ ТАҚХ барои сокинони шаҳри Душанбе ва Хуҷанд имконияти пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои мусофирбарӣ (автобус ва тролейбус) фароҳам оварда шудааст. Айни замон шумораи кортҳои пардохтии барои пардохти ҳаққи хизматрасониҳои мусофирбарӣ пешбинишуда 718 111 ададро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Душанбе бо истифода аз дастгоҳҳои рақамӣ низоми «Шаҳри бехатар» фаъолият менамояд, ки тавассути камераҳои мушоҳидавӣ омаду рафти нақлиёти ҷамъиятӣ, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, гаштугузори одамон, ҳодисаҳои ғайричашмдошт тариқи рақамӣ марказонидашуда назорат карда мешавад, ки он ба бехатарии нақлиёт ва сокинони пойтахт, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии он самараи хуб дода истодааст. [2]

Бунёди инфрасохтори муосири нақлиётӣ барои табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ аҳамияти ҳалкунанда дошта, ба афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд. Бо ин мақсад дар давоми солҳои 2016–2020 дар кишвар 13 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт амалӣ гардид, ки ба рушди инфрасохтори замонавӣ замина гузошта шуда, дар ин самт 5 лоиҳаи сармоягузорӣ мавриди амал қарор доранд. Дар натиҷа мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии муосир терминалҳои сарҳадӣ дар Қулма (бо иқтидори ҳамлу нақли 120 ҳаз. тонн/бор дар як сол), Панҷи Поён (780 ҳаз. тонн/бор дар як сол), Фотеҳобод (180 ҳаз. тонн/бор дар сол), Гулистон (450 ҳаз. тонн/ дар сол), Исфара, Бобоҷон Ғафуров ва Саразм ба фаъолият шурӯъ намуданд. 180. Терминали байналмилалӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе (бо иқтидори иҷозат додани 500 нафар дар 1 соат) фаъолият менамояд, ки бо таҷҳизоти муосиргардонидашудаи аэронавигатсионӣ, аз он ҷумла: таҷҳизоти рақамии «СМАРТ – Т» ва Маркази идораи ҳаракатҳои ҳавоии «Мастер» таъмин карда шуд. [2]

Сарфи назар аз муваффақиятҳои ба дастомада, дар соҳа мушкилоти зерин боқӣ мемонанд:

- номукамалии таъминот бо таҷҳизоти алоқаи мобилӣ, интернет, wi-fi дар баъзе қитъаҳои кӯҳии роҳҳои автомобилгарди кишвар;
- муҷаҳҳаз набудани роҳу нақлиёти дохилӣ, аз ҷумла мошинҳои боркаш, автобусҳо ва нақлиёти мусофиркаши фармоиши «таксӣ» бо таҷҳизоти GPS;
- мавҷуд набудани сохтори махсус вобаста ба татбиқ ва пешбурди фаъолияти иқтисоди рақамӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт;
- мавҷуд набудани низоми «Шаҳри бехатар» дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- муҷаҳҳаз набудани қитъаҳои роҳҳои алоҳидаи магистралӣ бо камераҳои мушоҳидавӣ, студияи радиоӣ ва телевизионии назорати роҳҳо;
- ба роҳ монда нашудани низоми ягонаи электронии логистикӣ барои ҳамлу нақли бору маҳсулот ва мусофиркашонӣ;
- бо стандарти ягона таҳия ва истифодаи низомҳои иттилоотӣ, инчунин ҳамкории электронӣ дар асоси истифодаи имзои электронии рақамӣ таъмин набудани соҳаи нақлиёт;
- бо низоми рақамии шабакаи роҳҳои автомобилгард таъмин набудани нақлиёти байналмилалӣ.[2]

Барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта чунин тадбирҳо пешбинӣ мешавад:

- идомаи раванди пайвастшавӣ ба низоми «Шаҳри бехатар» дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- таъмини низоми шаффоф ва махзани маълумот дар соҳаи нақлиёт тавассути рақамикунонии соҳа;
- таъмини истифодаи васеъи низоми GPS дар роҳу нақлиёти дохилӣ, аз ҷумла мошинҳои боркаш, автобусҳо ва нақлиёти мусофиркаши фармоиши «таксӣ»;
- таъмин намудан бо таҷҳизоти алоқаи мобилӣ, интернет, wi-fi дар қитъаҳои кӯҳии роҳҳои автомобилгарди кишвар;
- таъмину тақвияти низоми рақамикунонӣ дар шоҳроҳҳои автомобилгард ва низоми ягонаи ҷумҳуриявии технологияи рақамӣ байни шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- таъмин намудани низоми ягонаи электронии логистикӣ барои ҳамлу нақли бору маҳсулот ва мусофиркашонӣ;
- таъмин намудани соҳаи нақлиёт бо стандарти ягонаи истифодаи низомҳои иттилоотӣ, инчунин ҳамкории электронӣ дар асоси истифодаи имзои электронии рақамӣ;
- фарогирии шабакаҳои роҳҳои автомобилгард бо низоми рақамӣ.[2]

Дар натиҷаи баррасӣ ва таҳлил, мо метавонем ба хулосае барорем, ки татбиқи методология ва воситаҳои амалии рақамикунонии логистика ва занҷирҳои таъминоти корхонаҳо дар соҳаҳои мухталиф барои инфрасохтори хизматрасониҳои логистикию нақлётӣ бартариҳо ва имкониятҳои

назаррасро фароҳам меорад: аз дидани ниҳоӣ то таҳлили пешрафта ва автоматикунонии назорат ва идоракунии равандҳо дар занҷирҳои таъминот бояд ба инобат гирифта шаванд. Инҳо баъзе хусусиятҳои асосӣ самти мазкур мебошанд:

Намоиши ҳамаҷониба - намоёнӣ дар байни шарикони занҷираи таъминот, аз ҷумла таъминкунандагон, истеҳсолкунандагони шартномавӣ, интиқолдиҳандагон, провайдерҳои 3PL ва ғайра.

Мубодилаи муштараки иттилоот – ҳамкории байни тарафҳои занҷир дар вақти воқеӣ дар асоси сохтори шабакаи бисёрэшелонӣ ва технологияи blockchain.

Огоҳиҳои бармаҳал ва идоракунии истисноҳо - ҳалли мушкилоти занҷираи таъминот пеш аз он ки онҳо тиҷорати шарикони занҷирро халалдор кунанд.

Таҳлилҳои пешгӯишаванда ва дастурӣ ва дастгирии қарорҳо - бо истифода аз усулҳои пешрафтаи пешгӯӣ, зеҳни сунъӣ, моделсозии компютерӣ ва системаҳои бисёр-агентӣ.

Қабули тасмимҳои худмухтор ва назорати – кам кардани амалиётҳои муқаррарӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии кормандон, инфрасохтори истеҳсолӣ ва логистикӣ тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ: AI, ML, AR/VR, робототехника, мошинҳои бесарнишин ва чопи 3D.

Занҷираи таъминоти худ ислоҳшаванда бо қабули қарорҳои оптималӣ ва омӯзиши мошин.

**Дар хотима,** зарур аст, ки имкониятҳои ҳамкории уфуқии занҷирҳои таъминот дар ташаккули экосистемаи рақамӣ, аз ҷумла дар заминаи байнисоҳавӣ. Рушди ҳамгироӣ, аз ҷумла ҳамгироии иттилоотӣ, ташаккули экосистемаи рақамиро оғоз мекунад, ки имкон медиҳад ба мизоҷон хидматҳои ҳамаҷониба пешниҳод карда шавад. Қарорҳои рақамӣ метавонанд ба шарикони занҷири арзиш кӯмак расонанд, ки бо ҳам зичтар ҳамкорӣ кунанд. Ширкатҳои занҷири таъминот тамаркуз карда метавонанд ё худ экосистемаи рақамиро шакл ва ташкил кунанд ё ба хизматрасонии чароғе, ки ба таҷрибаи муштарӣ арзиш илова мекунад ва як қисми экосистемаи мавҷуда мегардад, тамаркуз кунанд.

Равишҳои методологии дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, мехоҳам изҳори умедворӣ намоям, ки истифодаи онҳо дар табдилдиҳии рақамии хизматрасониҳои логистикию нақлётӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисоди кишвари мо ба натиҷаҳои бештар мувофиқ оварда мерасонад.

**АДАБИЁТ:**


1. Азимов П.Х., Алибаева М.М. Роль и значение логистических центров в развитии экспортного потенциала Республики Таджикистан. Вестник Сургутского государственного университета. 2018;(2 (20)):12-20.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025.
3. В. В. Дыбская / Цифровые технологии в логистике и управлении цепями поставок: аналитический обзор/ В. В. Дыбская, В. И. Сергеев, Н. Н. Лычкина и др. ; под общ. и науч. ред. В. И. Сергеева; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». — М. : Изд. дом Высшей школы экономики, 2020. — 190.
4. Григорьев М.Н. Логистика. Базовый курс: учебник. М.: Юрайт, 2011. 782 с.
5. Гаджинский А.М. Логистика: учебник. 20-е изд. М.: Изд-во «Дашков и К», 2012. 484 с.
6. Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2019 № 642.
7. Қурбонализода Д.Т. Асосҳои назариявии рушди иқтисоди рақамӣ дар минтақаҳо: назарияҳо, таҳлилҳо ва пешниҳодҳо./Нурализода А.Н., Қурбонализода Д.Т.// Паёми молия ва иқтисод: Душанбе - ДДМИТ 2023, №1(35) саҳ 153-165.
8. Қурбонализода Д.Т., Логистика, (китоби дарсӣ)/Қурбонализода Д.Т., Нурализода А.Н., Наҷмуддинов А.М./// Душанбе – 2020, 434с.
9. Қурбонализода Д.Т., Нақши логистика дар рушди ҳадафҳо стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон/"Инноватсияи технологӣ" (Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявии конфренсиявии Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе-25.12.2020) саҳ.43-48.
10. Логистические услуги. URL: http://bor-ger.ru/articles/45 (дата обращения: 05.06.2014).
11. Логистика: учебник / А.А. Гайдаенко, О.В. Гайдаенко. 3-е изд., стер. М.: Кнорус, 2011. 268 с.
12. Интенсивный курс MBA: учеб. пособие. М.: ИНФРА-М, 2011. 544 с.
13. Хабибуллоев Х.Х. Формирование механизма антикризисного управления развитием предприятий сферы услуг. /Хабибуллоев Х.Х., Нуриддинов Н.Ш.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе: 2015. №3 (8), С. 27-33.-0,4 п.л. (авторских 0,2 п.л.).
14. Ҳабибуллоев Ҳ.Х. Логистикаи нақлётӣ (Китоби дарсӣ) /Хабибуллоев Х.Х., Душанбе : 2018. 415 саҳ.
15. Чернякова Е.В. Развитие логистических подходов к дистрибуции продукции информационных технологий: автореф. дис. … канд. экон. наук. М., 2008.

16. Ю.С. Якунина. Логистические услуги: особенности и специфика в условиях российского рынка / Ю.С. Якунина./ Вестник Удмуртского Университета. Экономика и право, 2014. Т. 24. Вып. 4.
17. www.dhl.com

**Маълумот дар бораи муаллиф**
**Ҳикматов Муҳамадназар Назруллоевич** - докторнати PhD курси 2 – юми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 918-41-91-75, E-mail: muhamadhikmatov57@gmail.com

**Информация об авторе**
**Хикматов Мухамадназар Назруллоевич –** докторант PhD второго курса Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. (+992) 918-41-91-75, E-mail: muhamadhikmatov57@gmail.com

**Information about the author**
**Hikmatov Mukhamadnazar Nazrulloevich -** second year doctoral PHD, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: (+992) 918-41-91-75, E-mail: muhamadhikmatov57@gmail.com

---

**УДК 336.71**

## БАРҚАРОРШАВИИ БАЪДИБУҲРОНИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич**

**Аннототсия.** Арзёбии таъсири буҳрони молиявӣ ва паёмадҳои он ба самаранокии фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба чо овардани таҳлили ҳамаҷонибаи аз ҷониби унсурҳои низоми бонкӣ иҷро гардидани вазифаҳои асосӣ дар иқтисодиёт ва барқароршавии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро талаб мекунад. Бонкҳои тиҷоратӣ, ки ҷараёнҳои пулиро дар иқтисодиёт идора мекунанд, ба суръати гардиши пул, бозтақсимкунии захираҳои пулӣ дар байни субъектҳои иқтисодӣ ва хосияти равандҳои такрористеҳсол дар мамлакат таъсир мерасонанд. Дар баробари ин, муҳити иқтисодие, ки дар он бонкҳо фаъолият мекунанд, ба равандҳои дигаргуниҳо дар низоми бонкӣ таъсири назаррас мерасонад. Ҳамаи ин барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими муътадилсозӣ ва рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муқаррар мекунад.
Дар мақолаи мазкур таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шуда, мушкилоти дар паёмади буҳрони молиявӣ дар он бамиёномада, ҳамчунин омилҳои ба пайдошавии душвориҳои молиявии баъдибуҳронии бонкҳо боисшуда таҳқиқ ва арзёбӣ карда мешаванд. Ба масъалаҳои норасоии пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ бо таъсири паёмадҳои буҳрони молиявӣ диққати муҳим чудо карда шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки сарфи назар аз тамоюлоти мусбати нишондиҳандаи қарздиҳии бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт дар мамлакат мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ баръало ба назар мерасад. Таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба рушди бахши бонкӣ ва барқарорсозии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, хавфи низом, хавфи пардохтпазирӣ, паёмадҳои буҳрони молиявӣ, ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ, иқтидори захиравии бонкҳо, таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя.
**Барои иқтибос:** Ҳаёев Қ. А. Барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ. А. Ҳаёев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024.- № 1 (40). – С. 171-177.

## ПОСТКРИЗИСНОЕ ВОССТАНОВЛЕНИЕ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Хаёев Киёмуддин Амонуллоевич**

**Аннотация.** Оценка влияния финансового кризиса и его последствий на эффективность деятельности банков и других кредитных организаций требует проведения комплексного анализа выполнения основных задач в экономике элементами банковской системы и восстановления финансовой устойчивости коммерческих банков. Коммерческие банки, управляющие денежными потоками в экономике, влияют на скорость денежного обращения, перераспределение денежных ресурсов между экономическими субъектами и свойств воспроизводственных процессов в стране. При этом экономическая среда, в которой функционируют банки, оказывает существенное влияние на процессы изменений в банковской системе. Все это определяет посткризисное восстановление банковской системы Республики Таджикистан как одну из важных задач стабилизации и развития деятельности коммерческих банков.

В данной статье исследуется влияние мирового финансового кризиса на банковскую систему Республики Таджикистан, исследуются и оцениваются проблемы, вызванные финансовым кризисом в ней, а также факторы, вызвавшие возникновение посткризисных финансовых трудностей у банков.

Особое внимание уделяется вопросам недостаточности резервной базы коммерческих банков из-за последствий финансового кризиса. Подтверждено, что, несмотря на положительную динамику показателя банковского кредитования, в стране очевидна проблема нехватки финансовых ресурсов. Исследовано влияние внешних и внутренних факторов на развитие банковского сектора и посткризисное восстановление банковской системы Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** мировой финансовый кризис, системный риск, риск ликвидности, последствия финансового кризиса, объем кредитования в банковской системе, резервный потенциал банков, обеспечение финансовой устойчивости коммерческих банков, показатели достаточности капитала.

## POST-CRISIS RESTORATION OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Hayoev Qiyomuddin Amonulloevich**

**Annotation.** Assessing the impact of the financial crisis and its consequences on the efficiency of banks and other credit institutions requires a comprehensive analysis of the implementation of the main tasks in the economy by elements of the banking system and restoration of the financial stability of commercial banks. Commercial banks that manage cash flows in the economy influence the speed of money circulation, the redistribution of monetary resources between economic entities and the properties of reproduction processes in the country. At the same time, the economic environment in which banks operate has a significant impact on the processes of change in the banking system. All this determines the post-crisis restoration of the banking system of the Republic of Tajikistan as one of the important tasks of stabilizing and developing the activities of commercial banks.

This article examines the impact of the global financial crisis on the banking system of the Republic of Tajikistan, examines and evaluates the problems caused by the financial crisis in it, as well as the factors that caused the emergence of post-crisis financial difficulties among banks.

Particular attention is paid to the insufficiency of the reserve base of commercial banks due to the consequences of the financial crisis. It is confirmed that, despite the positive dynamics of the bank lending indicator, the problem of lack of financial resources is obvious in the country. The influence of external and internal factors on the development of the banking sector and the post-crisis restoration of the banking system of the Republic of Tajikistan has been studied.

**Key words:** global financial crisis, systemic risk, liquidity risk, consequences of the financial crisis, volume of lending in the banking system, reserve potential of banks, ensuring the financial stability of commercial banks, capital adequacy indicators.

**Гузориши масъала.** Дар пайдо шудани душвориҳои молиявии баъдибуҳронии бонкҳо нақши омили инсониро, ки бо пешбурди номатлуби фаъолияти бонкӣ дар натиҷаи сиёсати нодурусти қарзӣ ва хавфи баланди қарз, сифати пасти идоракунӣ, низоми назорати дохилии ғайрисамаранок ва амалҳои нодуруст дар муайян кардани мавқеъҳои асъорӣ алоқаманд буд, бояд қайд кард. Паёмадҳои номатлуби буҳрони молиявӣ боиси зарурати дарки мушкилоти мавҷуда, муайян кардани нуқтаҳои заиф дар таъмини фаъолияти босамари бонкҳои тиҷоратӣ ва такмили танзими фаъолияти онҳо ба хотири барқарорсозии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Тавре таҷрибаи начандон калони фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор нишон медиҳад, буҳрони молиявӣ нуқтаи гардиш дар дигаргунсозии фаъолияти бонкӣ гардид.

Мушкилоти давраи гузариш ба бозор, «номутаносибиҳо дар рушди низоми бонкӣ, ки аз мудирияти ба фармонфармоӣ асосёфта ба мерос монда буданд, ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва устувории молиявии онҳо асари худро гузоштанд» [10, с. 98]. Паёмадҳои бӯҳрони молиявӣ мушкилоти дар низоми бонкӣ ғуншуда - норасоӣ ва гуногуншаклии сусти пойгоҳи захиравӣ, сатҳи нокифояи сармоякунонӣ барои пӯшонидани хавфҳо, камбудиҳо дар идоракунии корпоративӣ, назорати номуносиби бонкиро шадидтар карданд. Ҳалли ин масъалаҳо бо талошҳои мақомоти давлатӣ, назорати бонкӣ ва пеш аз ҳама худи бонкҳо метавонад низоми бонкии мамлакатро ба механизми фаъолияти самаранок табдил диҳад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар нимаи дуюми даҳаи аввали асри XXI низоми молиявии мамлакатҳои бузурги ҷаҳон, аз ҷумла ИМА ва як қатор мамлакатҳои Аврупоро бӯҳрони амиқи молиявӣ фаро гирифт. Барои раҳоӣ ёфтан аз бӯҳрон дар мамлакатҳои номбаршуда дар марҳилаи аввалии он ширкатҳои нисбатан калон таҳдиди сохтор карда, баъзе ширкатҳо ҳамчун пардохтнопазир ё муфлис эълон гардиданд. Дар баробари ин, бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ осебпазирии низоми молиявии мамлакатҳои мухталифро дар шароити таназзули минбаъдаи иқтисодӣ ошкор кард.

Акнун дар шароити бӯҳрони молиявӣ мафҳумҳои хавфи низом ва хавфи пардохтпазирӣ барои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ падидаи воқеӣ гардиданд, «дар бисьёр мамлакатҳо низоми молиявӣ амалан дар арафаи харобшавии бузург қарор дошт, ки бидуни чораҳои «наҷотбахшанда»-и бонкҳои марказӣ ва ҳукуматҳо, якбора бад шудани шароити фаъолияти бонкӣ метавонист ба мавҷи муфлисшавии оммавии бонкҳо оварда расонад» [15, с. 160].

Бояд қайд кард, ки бӯҳрони молиявии мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман таъсир нарасонид, зеро дар замони сар задан ва авҷи он сармояи бонкҳои тиҷоратии мамлакат дар бозорҳои молиявии мамлакатҳои ба бӯҳрон гирифторшуда додугирифт намешуд, ҳамчунин сармояи бонкҳои мамлакатҳои мазкур дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирок надошт. Дар баробари ин, бо сабаби назаррас набудани ҳаҷми бозори дохилии қоғазҳои қиматнок иштироки сармояи ИМА ва мамлакатҳои Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида намешуд. Аз ҷумлаи хавфҳои имконпазире, ки эҳтимоли таҳдиди онҳо ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд буд, пеш аз ҳама хавфи қурби асъорро метавон қайд кард, зеро он ба арзиши пасандозҳо ва амонатҳои бо асъори хориҷӣ гузошташуда, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии пасандозҳои солҳои аввали баъдибӯҳронӣ нисбатан баланд буд, бештар таъсир расонидааст.

**Мақсади мақола –** ин ба роҳ мондани таҳлили барқароршавии баъдибӯҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз дар соҳаи миёнаравии молиявӣ мавқеи нисбатан бартаридоштаро ишғол мекунанд, ба рушди иқтисодиёти мамлакат ва унсурҳои алоҳидаи он таъсири назаррас мерасонанд. Ин ҳолат баёнкунандаи далели он аст, ки дар низоми афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар давраи миёнамуҳлат ба масъалаҳои ислоҳоти низоми бонкӣ вобаста ба барқароршавии баъдибӯҳронии бонкҳои тиҷоратӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Мусаллам аст, ки бештари субъектҳои иқтисодии дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ фаъолияткунанда имрӯз дорои воситаҳои гардони худии кам мебошанд. Бинобар ин, ҳангоми набудани қарзи бонкӣ ҳамчун манбаи ташаккули сармояи гардон, субъектҳои иқтисодӣ ҳатто барои анҷом додани такрористеҳсоли оддӣ қодир нестанд. Бо ҳамин сабаб барои қарздиҳӣ ба субъектҳои иқтисодӣ захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ нокифоя мебошанд. Сабаби асосии паст шудани сатҳи фаъолнокии қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ хавфҳои қарзӣ ва дигар хавфҳои ҷамъшуда ва худдории бонкҳо дар ин шароит ба гирифтани хавфҳои нав мебошад. Барои раҳо шудан аз бӯҳрони низоми бонкӣ, инчунин барои барқарорсозӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ рушди муҳими миқдорӣ ва сифатии бахши бонкӣ, такмили сохтори низоми бонкии мамлакат, ислоҳот дар соҳаи идоракунии дороиҳо, уҳдадориҳо ва хавфҳои бонкӣ зарур аст. Ҳалли ин масъалаҳо дар асоси таҳлил ва арзёбии низоми бонкӣ ва муайян кардани роҳҳои барқарорсозии иқтидори захиравӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба даст омада метавонад.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегии миёнамуҳлат ва гузариш ба амсилаи сифатан нави рушд яке аз вазифаҳои асосӣ солимгардонии бахши бонкӣ ва тезонидани рушди бахшҳои молиявии ғайрибонкӣ ҳамчун асоси ташаккули захираҳои сармояи дохилӣ муайян гардидааст [1]. Дар барномаи мазкур қайд карда шудааст, ки бахши молиявӣ ва низоми бонкӣ ҳамчун унсури асосии он – соҳаи муҳими иқтисодиёти миллӣ, низоми таъминкунандаи суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, инчунин воситаи муассири маблағгузории эҳтиёҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мебошад. Тибқи маълумоти таҳлилии барномаи мазкур зиёда аз 96 фоизи дороиҳои молиявии мамлакат ба бахши бонкӣ рост меоянд. Бинобар ин, дар мамлакат ба хотири баррасии масъалаҳои таъмини устувории молиявӣ, арзёбии мунтазами суботи макроиқтисодию молиявӣ, муайян

намудани хавфҳо, пешгирӣ, коҳиш додан ва бартараф намудани таъсири номатлуби хавфҳо ба иқтисодиёти миллӣ ва роҳандозӣ намудани чораҳои саривақтӣ барои таъмини устувории низоми молиявӣ, бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ шуруъ аз соли 2018 Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №331) амал мекунад ва натиҷаҳои фаъолияти он дар самти ба эътидол овардани таъсири номатлуби хавфҳо дар низоми бонкии мамлакат назаррас мебошанд.

Маълумоти омори расмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳаҷми умумии қарздиҳии низоми бонкӣ (бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ) ба соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар соли 2014 – 8444 млн. сомониро ташкил медод, дар соли 2018 то ба 4646 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст, вале минбаъд ин нишондиҳанда тамоюл ба рушд дошта, дар соли 2023 ба 29817 млн. сомонӣ расидааст (диаграммаи 1). Афзоиши ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ аз аввалин натиҷаҳои мусбати барқарорсозии баъдибуҳронии он огаҳ менамояд.

**Диаграммаи 1. Пӯёи ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [3, с. 47; 4, с. 51; 5, с. 47; 6, с. 40; 7, с. 41; 8, с. 43]

Сарфи назар аз тамоюлоти мусбати нишондиҳандаи қарздиҳии бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт дар мамлакат мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ баръало ба назар мерасад. Бояд қайд кард, ки фаъолияти босамари бонкҳои тиҷоратии муосир, таъмини суръати баланди рушди онҳо, ки ба талаботи иқтисодиёт ва аҳолии мамлакат ҷавобгӯ бошад, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории молиявӣ асосан аз сатҳи иқтидори молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва сифати идоракунии захираҳои молиявии онҳо муайян мегардад. Ҷалби захираҳои молиявӣ вазифаи ҳаётан муҳим аст, ки бидуни он бонкҳои тиҷоратӣ фаъолияти босамар бурда наметавонанд. Қобилияти бонк барои ҷалби пасандозҳо, қарзҳои байнибонкӣ ва ҷойгиркунии қоғазҳои қиматноки худ маҳаки асосии эътирофи бонк аз ҷониби субъектҳои гуногуни бозори молиявӣ буда, «вазъи пойгоҳи захиравии бонки тиҷоратӣ маҳаки асосии арзёбии устуворӣ ва эътимоднокии бонк, нишондиҳандаи сифати хизматрасонии бонк ба мизоҷон аст. Рисолати идоракунии ташаккули пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ таъмини ҳаҷми муносиби захираҳои ҷалбшуда ба муҳлатҳои тӯлонӣ бо хароҷоти камтарин мебошад» [16, с.125]. Паёмадҳои номатлуби бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, мушкилоти давомдори бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ба сифати пасти захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, мушкилоти табдили пасандозҳо ба сармоягузорӣ ва манбаъҳои кӯтоҳмуҳлат ба сармоягузориҳои дарозмуҳлат, камбудиҳо дар идоракунии дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва таъмини пардохтпазирии онҳо баръало ишорат мекунанд.

Ба рушди бахши бонкӣ як қатор омилҳои берунӣ ва дохилӣ халал мерасонанд. Омилҳои берунии маҳдудкунандаи иқтидори захиравии бонкҳо, пеш аз ҳама нарасидани ӯҳдадориҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ва сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки қобилияти бонкҳоро барои ҷамъоварии маблағҳои устувори захираҳои молиявии аҳолӣ маҳдуд мекунанд. Тавре муҳаққиқ У.С. Ҳикматов қайд мекунад, боварии аҳолӣ «ин унсури стратегие аст, ки бидуни он бахши бонкӣ комилан пеш рафта ва рушд карда наметавонад. Ин дар даврае махсусан эҳсосшаванда аст, ки бахши бонкӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, вақте ки норасоии шадиди сармоягузории хориҷӣ вуҷуд дорад, ҷустуҷӯ ва афзоиши ҳаҷми манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ зарур аст ва масъалаи пардохтпазирӣ дар мадди аввал меистад, иқтисодиёт ба бахши бонкии пуркувват ниёз дорад» [17, с. 42].

Бад шудани вазъи молиявии як қатор ташкилотҳои қарзӣ ва падидаи бозхонди иҷозатномаҳои баъзе бонкҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) барои хавфи эҳтимолии хуруҷи пасандозҳои аҳолӣ замина фароҳам оварда, дар фаъолияти бозори қарзҳои байнибонкӣ низ боиси мушкилот гардид. Ба ҳолати имрӯз эътимоди аҳолӣ ба бонкҳои тиҷоратии мамлакат дар сатҳи паст қарор дорад, ки нишондиҳандаи ҳиссаи ҳаҷми пули нақди берун аз доираи фаъолияти бонкҳо дар муомилот

қарордошта аз ин шаҳодат медиҳад: дар моҳи декабри соли 2023 дар мамлакат ҳаҷми пули нақди берун аз доираи фаъолияти бонкҳо дар муомилот қарордошгта 26973,6 млн. сомонӣ ё 84,5%-и ҳаҷми умумии пули миллиро ташкил додааст [8, с. 16]. Ҳолати мазкур аз иқтидори нокифояи бахши молиявӣ барои табдили пули нақд ва амонатҳои кӯтоҳмуҳлат ба воситаҳои дарозмуҳлати дорои хавфи камтар ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми дастгирии молиявии субъектҳои иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин ба омилҳои берунии халалрасон ба рушди бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии қавии иқтисодиёти миллӣ аз ҳаҷми интиқолҳои пулии шаҳрвандони мамлакат, хусусан вобастагӣ аз вазъи сиёсию иқтисодии Федератсияи Россия мансуб мебошад.

Омилҳои дохилӣ дар баробари низоми нокифояи идоракунӣ, сатҳи сусти банақшагирии фаъолият ва менеҷменти ғайриқаноатбахш дар баъзе бонкҳо, сатҳи нокифояи захираҳои молиявии худии аксари бонкҳои тиҷоратиро дар бар мегиранд. Ҳамчунин метавон омилҳои дохилии хосияти умумидоштаеро қайд кард, ки ба рушди бахши бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ба мисли рушди сусти соҳаҳои истеҳсолӣ дар мамлакат, аз ҷумла саноат, ҳиссаи баланди воридот дар ҳаҷми молҳои истеъмолӣ ва воситаҳои истеҳсолот, сатҳи баланди фасод дар фаъолият ва низоми идоракунии ташкилотҳои қарзӣ.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2014 дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 138 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 120 ташкилоти маблағгузории хурд (42 - ташкилоти амонатии қарзии хурд, 42 – ташкилоти қарзии хурд, 36 – фонди қарзии хурд), 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 344 филиалҳои бонкҳо фаъолият мекарданд, ки ин ба баланд шудани дастрасии шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба захираҳои қарзии бонкҳо мусоидат кардааст. Ҳоло (ба ҳолати 31 декабри соли 2023) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 63 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 15 бонк, 47 ташкилоти маблағгузории хурд ва 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ фаъолият мекунанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Сохтори ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Ташкилотҳои қарзӣ | 31.12.2018 | 31.12.2019 | 31.12.2020 | 31.12.2021 | 31.12.2022 | 31.12.2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 17 | 17 | 19 | 14 | 15 | 15 |
| Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 62 | 58 | 50 | 49 | 48 | 47 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | - | - | - | - | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | 79 | 75 | 69 | 63 | 64 | 63 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [3, с. 74; 4, с. 80; 5, с. 78; 6, с. 18; 7, с. 19; 8, с. 19]

Андозаи дороиҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои арзёбии устувории молиявии низоми бонкӣ мебошад. Дар диаграммаи 2 ҳаҷми дороиҳои бонкҳо нишон дода шудааст.

**Диаграммаи 2. Дороиҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 31 декабри соли 2023**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [13]

Аз диаграммаи 2 мушоҳида мешавад, ки дар санаи 31 декабри соли 2023 дар мамлакат 10 ташкилоти қарзие фаъолият мекард, ки ҳаҷми дороиҳояшон аз 1 млрд. сомонӣ зиёд аст. Тибқи маълумоти БМТ дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ дар санаи мазкур маблағи 37679,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли пешини 2022 ба андозаи 7648,8 млн. сомонӣ ё 25,5% зиёд

мебошад [9]. Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби афзоиши бақияи сандуқи қарзӣ, маблағҳо барои гирифтан аз бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва БМТ ба амал омадааст.

Дар санаи 31 декабри соли 2023 бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ маблағи 17844,8 млн. сомониро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба маблағи 4267,3 млн. сомонӣ ё 31,4% афзоиш ёфтааст. Ин афзоиш аз ҳисоби зиёдшавии пешниҳоди қарзҳо ба шахсони воқеӣ, соҳаи тиҷорат ва соҳибкории хурду миёна ба амал омадааст. Ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) маблағи 2238,6 млн. сомонӣ ё 12,5%-и маблағи умумии қарзҳоро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 0,5 банди фоизӣ зиёд аст. Вобаста ба қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 2235,3 млн. сомонӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил карда шудааст.

Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми зарурии сармояи бонк, пеш аз ҳама, ҳадди ақалли иҷозатдодашудаи сармояи он ва меъёрҳои муқаррарнамудаи БМТ, ки ҳангоми ҳисоб кардани онҳо бузургии воситаҳои худии бонк истифода мешавад, бояд ба назар гирифта шавад. Яке аз чунин меъёрҳои асосӣ меъёри кифоятии сармоя мебошад, ки ҳамчун таносуби бузургии сармояи бонк ба маблағи дороиҳои дорои хавфи он муайян карда мешавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» (моддаи 29) меъёрҳои мақбули аз ҷониби БМТ муқарраршуда оварда шудаанд, ки барои арзёбии устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ ба кор бурда мешаванд, аз ҷумла [12]:

- ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкии навтаъсис;
- ҳадди ақали сармояи танзимшаванда барои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкии амалкунанда;
- андозаи ниҳойии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ;
- андозаи ниҳойии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд;
- меъёри кифоятии сармоя;
- меъёри пардохтпазирии ҷорӣ;
- меъёри хавфҳои асъорӣ, фоизӣ ва ғайра.

Барои арзёбии устувории низоми бонкӣ ва барқароршавии баъдибуҳронии он таҳлили нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ (даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя) муҳим аст. Пардохтпазирӣ – ин имконияти бонк барои саривақт ва пурра пардохт кардани уҳдадориҳои пулии худ мебошад. Даромаднокии дороиҳо дараҷаи фоида гирифтан аз амалиёти фаъоли бонкро нишон медиҳад. Даромаднокии сармоя – маҳсулнокии маблағҳои гузоштаи соҳибмулкони бонкро ифода мекунад ва нишондиҳандаи муҳими фоиданокии бонк мебошад. Ҳиссаи сармояи худӣ дар ҷамъбасти тавозуни бонк чӣ қадар зиёд бошад, ҳамон қадар бонк эътимоднoктар мешавад, аммо ноил шудан ба даромаднокии сармоя ҳамон қадар мушкилтар аст. Пӯёи манфии нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ба устувории молиявии бахши бонкӣ таъсири номатлуб расонида, ба пастшавии он меоварад. Қабули қарорҳои саривақтӣ ва таъсирбахш дар сатҳи давлатӣ ва дохилибонкӣ ба раҳоӣ ёфтан аз душвориҳо ва беҳтар гардонидани пӯёи нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ мусоидат мекунад.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, зарурати таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан афзуда, таҳияи роҳҳои муассири баланд намудани он ҳам барои худи бонкҳо ва ҳам барои танзимкунанда - БМТ вазифаи аввалиндараҷа ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 / Манбаи электронӣ / Усули дастрасӣ: https://www.medt.tj/.
2. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. - №12 (233). – 152 с.
3. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. - №12 (281). – 124 с.
4. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №12 (293). – 121 с.
5. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №12 (305). – 122 с.
6. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - №12 (316). – 100 с.
7. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - №12 (329). – 103 с.
8. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. - №12 (341). – 104 с., с. 43.
9. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 31 декабри соли 2023 / Манбаи электронӣ / Усули дастрасӣ: https://nbt.tj/.
10. Каримов Б.Ҳ., Ҳаёев Қ.А. Таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони молиявӣ / Б.Ҳ. Каримов, Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - №4. – С. 97-105
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» / Манбаи электронӣ / Усули дастрасӣ: https://mmk.tj/.

12. Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо / Манбаи электронӣ / Усули дастрасӣ: https://nbt.tj/.
13. Попова И.В., Никитина И.П. Влияние финансового кризиса на эффективность работы банков / И.В. Попова, И.П. Никитина // Бизнес. Образование. Право. Вестник Волгоградского института бизнеса. – 2016. - №3 (36). – С. 160-163.
14. Продолятченко П.А. Политика коммерсекого банка по финансовому обеспечению деятельности / П.А. Продолятченко // Вестник ОрелГИЭТ. – 2010. - №1 (11). – С. 124-134.
15. Хикматов У.С., Сайфуллозода С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан / У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2019. - №3 (67). – С. 41-52.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти (PhD) кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. E-mail: qiyom1995@mai.ru Телефон: +992 903-38-95-95

**Сведения об авторе:**
**Хаёев Киёмуддин Амонуллоевич -** Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, докторант (PhD) кафедры экономика предприятий и предпринимательства. Адрес: Республика Таджикистан, 735360, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. E-mail: qiyom1995@mai.ru Телефон: +992 903-38-95-95

**Information about the author:**
**Hayoev Qiyomuddin Amonulloevich -** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, doctoral student (PhD), Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. Address: Republic of Tajikistan, 735360, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street 16. E-mail: qiyom1995@mai.ru Phone: +992 903-38-95-95

**УДК: 339**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲИ СУҒУРТАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Орифҷонова Дилфуза Иномҷоновна**

**Аннотатсия.** Ҷанбаҳои назариявии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташаккул ва татбиқи сиёсати молияи мамлакат таҳқиқ карда шудааст. Моҳияти иқтисодии бозори хизматрасониҳои суғурта баррасӣ шуда, таърифи мутобиқ бо назардошти хусусиятҳои муносибатҳои суғурта дар кишвар коркард шудааст. Хусусиятҳои бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба низом дароварда шуда, ҷанбаҳои мусбию манфии онҳо баррасӣ карда шудааст. Дар асоси таҳқиқ камбудиҳои ҷойдошта дар баррасии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ муайян карда шуда, баъзе тавсияҳои муносиб пешниҳод гардидаанд.
**Калидвожаҳо:** суғурта, бозори суғурта, хизматрасониҳои суғуртавӣ, бозори хизатрасониҳои суғуртавӣ, назарияҳои суғурта, суғуртакунанда, суғурташаванда.
**Барои иқтибос:** Орифҷонова Д. И. Ҷанбаҳои назариявии рушди бозори хизматрасониҳи суғуртавӣ дар шароити муосир / Д. И. Орифҷонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024.- № 1 (40). – С. 177-183.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ РЫНКА СТРАХОВЫХ УСЛУГ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Арифджанова Дилфуза Иномжоновна**

**Аннотация.** Исследованы теоретические аспекты развития рынка страховых услуг как важнейшего инструмента формирования и реализации финансовой политики страны. Рассматривается экономическая сущность рынка страховых услуг, разработана соответствующая трактовка с учетом особенностей страховых отношений в стране. Систематизированы особенности рынка страховых услуг, рассмотрены их отрицательные и положительные стороны. На основе проведенного исследования выявлены существующие недостатки при рассмотрении рынок страховых услуг, предложены некоторые соответствующие рекомендации.

**Ключевые слова:** страхование, страховой рынок, страховые услуги, рынок страховых услуг, теории страхование, страхователь, страховщик

## THEORETICAL ASPECTS OF INSURANCE SERVICES MARKET DEVELOPMENT IN MODERN CONDITIONS

**Arifdzhanova Dilfuza Inomjonovna**

**Annotation.** Theoretical aspects of the development of the insurance services market as the most important instrument of formation and realization of the country's financial policy are studied. The economic essence of the insurance services market is considered, the corresponding interpretation is developed taking into account the peculiarities of insurance relations in the country. The peculiarities of the insurance services market are systematized, their negative and positive sides are considered. On the basis of the conducted research the existing shortcomings in the theoretical consideration of the insurance services market are revealed, some relevant recommendations are offered.

**Key words:** insurance, insurance market, insurance services, insurance services market, insurance theories, policyholder, insurer

**Гузориши масъала.** Ҷиҳати таҳқиқи ташаккулёбию рушди бозори суғурта ва хизматрасониҳои суғуртавӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кардан ба маврид аст, ки ҳоло ин раванд дар марҳилаи ибтидоии рушди худ қарор дошта, тараққиёти минбаъдаи он дар мамлакат аз сатҳу сифати идоракунии давлатии хизматрасониҳои суғуртавӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳама бахшҳои иқтисоди миллӣ вобаста мебошад. Илова ба ин, фаъолияти суғуртавӣ ба монанди дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ ба рушди соҳаҳои мухталифи соҳибкорӣ, махсуси бахши молиявии иқтисодиёти миллӣ таъсири калон дошта, вусъатёбии хизматрасониҳои суғуртаӣ ва дар маҷмўъ бозори суғурта бояд бо назардошти ин афзалият баррасӣ карда шаванд.

Дар шароити муосир барои таъмини амнияти иқтисодӣ на танҳо рушди босуботи иқтисодии мамлакатро муҳим медонанд, инчунин имконияти иқтисодиёти давлатро дар ҳифзи сатҳи ноилшудаи молиявӣ, иҷтимоӣ ва беҳбудии миллӣ зарурӣ меҳисобанд. Иртиботан ба масъалаҳои иброзёфта аз бисёр ҷиҳат суғурта метавонад ёрии амалӣ расонад. Зеро дар шароити муосир тавассути низоми суғурта, ки ба иқтисоди миллӣ комилан мувофиқ ташаккул ёфтааст, механизми қавии ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кулли субъектони иқтисодӣ, чӣ бахши хусусӣ ва чӣ давлатиро дар маҷмўъ таъмин намудан имконпазир аст.

**Таҳлили таҳқиқоти мавҷуда.** Ҳарчанд аз тарафи олимону муҳаққиқони мамлакат таҳқиқот дар соҳаи бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ хеле кам ба назар мерасад, аммо масъалаҳои назария ва амалияи суғурта, рушди бозори суғурта дар асарҳои олимони иқтисодшинос ба монанди А.Б. Мирсаидов, Ғ.Д. Ашуров, С.Ҷ. Комилов, М.Р. Кошонова, М. Нурмаҳмадов, Г.Н. Оймаҳмадов, З.А. Раҳимов, Ш. Раҳимзода, З.С. Султонов, Ҳ.У. Умаров, А. Ҷабборов, Б.М. Шарипов ва дигарон баррасӣ шудааст. Бо баробари ин консепсияҳои муносиби илмие, ки ба рушди бозори хизматрасониҳиҳои суғуртавӣ мусоидат менамоянд то ҳол низомбандӣ нашуда, инчунин равиши ягонаи муайян кардани моҳияти бозори хизматрасониҳиҳои суғуртавӣ мавҷуд намебошад.

**Ҳадафи таҳияи мақолаи илмӣ.** Мақсади навиштани мақолаи илмии мазкур таҳлили ҷанбаҳои илмию назариявии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ бо назардошти хусусиятҳои муосири рушди бозори суғрта дар мамлакат мебошад.

**Баёни маводи асосӣ.** Пеш аз баррасии моҳияти иқтисодии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии суғурта ва бозори суғурта дар доираи консепсияҳои иқистодӣ мувофиқи матлаб аст. Дар адабиёти иқтисодӣ якчанд назарияҳои илмии суғурта, ки онҳоро пойгоҳӣ ҳисобидан имконпазир мебошад тасниф мешаванд. Азҷумла чунин самтҳои назариявӣ: суғурта ҳамчун категорияи иқтисодӣ, моҳият ва таъиноти суғурта, назарияи механизмҳои суғурта, назарияи фонди суғурта. Назарияи умумии кори суғуртавӣ масъалаҳои моҳият ва таъиноти суғуртаро баррасӣ менамояд [11].

Илова ба гуфтаҳои болозикр дар чаҳорчӯбаи илми иқтисодӣ доир ба баъзе масъалаҳои ҷузъии суғурта таҳқиқот амалӣ карда мешавад. Инҷо сухан перомуни назарияи фонди суғурта, назарияи хавфи суғурта, назарияи ташкили суғурта, назарияи таснифи намудҳои суғурта, назарияи рушди бозори суғурта ва дар таркиби он назарияи ҷубронии суғурта меравад. Аз он сабабе, ки маҳз назарияи рушди бозори суғурта ва махсусан дар доираи ин назария “назарияи ҷубронии зарар” бар рушди бозори суғурта ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ равона шудааст дар чаҳорчўбаи таҳқиқот баррасӣ карда шаванд. Яъне дар доираи таҳқиқот назарияҳои ба предмети таҳқиқоти илмӣ алоқамандии назаррас надошта муфассал мавриди омўзиш қарор дода намешаванд.

Аз лиҳози гуфтаҳои болоӣ ва баррасии таҳқиқотҳои илмӣ бармеояд, ки назарияҳои суғуртаро ба назарияҳои умумии суғурта ва назарияҳои хос тасниф намудан имконпазир аст. Назарияҳои умумии суғурта ба моҳияти раванди суғурта ва таъиноти он равона мешаванд ва ин категорияи иқтисодиро амиқ баррасӣ менамоянд. Ба монанди: назарияи ҷуброни зарар, товони хисорот, назарияи товони зиён ва ғайра. Назарияҳои хоси суғурта ба ягон ҷанбаи алоҳидаи ин категория бахшида шуда, аҳамияти ҷузъии онро баррасӣ менамоянд. Ба ин назарияҳо пеш аз ҳама назарияҳои фонди суғуртавӣ, назарияи хавфи суғуртавӣ, назарияи таснифи суғуртаро мансуб намудан ба таҳқиқоти мавҷуда мувофиқат менамояд. Зарур аст, ки дар ибтидои баррасии назарияҳои илмӣ назарияҳои хосро мавриди омўзиш қарор диҳем.

Дар таҳқиқоти К. Маркс асосҳои фонди суғуртавӣ ва суғурта баррасӣ гардида, муайян мегардад, ки ӯ назараияи амартизатсионии суғуртаро инкор менамояд. Дар асари безаволи ӯ «Капитал» зарурат ва истифодаи фонди суғуртавӣ шарҳ дода мешавад. К. Маркс суғуртаро ба

сифати унсури базисии раванди такрористеҳсолоти васеъ баррасӣ карда меҳисобад, ки: "Микдори муайяни меҳнати изофа ҳамчун суғурта аз ҳодисаҳои нохуш бинобар вусъати зарурии доимии раванди такрористехсолот, ки ба инкишофи талабот ва пешрафти ахолӣ мувофик аст, талаб карда мешавад"[5]. Ҳамин тавр, суғуртаро К. Маркс аз фарсудашавӣ ва хароҷот барои таъмир ба куллӣ фарқунанда медонист. Аз ин лиҳоз назарияи фонди суғуртавӣ доираи назарияи фарсудашавии суғуртаро хеле маҳдуд карда буд. Боиси таъкид аст, ки дар назарияи марксистӣ фонди суғуртавӣ, инчунин чун фонди андӯхт баррасӣ мегардад, ки зимни ҷуброни зарар барои сармоягузории субъектони хоҷагидор дар раванди такрористеҳсолот мусоидат менамояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ консепсияи рағбати моликиятии сугурта низ баррасӣ мегардад, ки танҳо дар чаҳорчӯбаи суғуртаи моликият предмети муносибатҳои суғуртавӣ истифода шудааст. Зеро ӯҳдадории суғурткунанда танҳо дар ҷуброни зарари рӯйдода маҳдуд гардида, пурра барқарор кардани объекти суғуртаро тақозо намекунад. Дар шароити муосир бештар назарияи ҷубронии зарар дар шарҳи аҳамият ва мавқеи суғурта муҳим баррасӣ мегардад.

Таҳқиқи сарчашмаҳои мухталифи илмӣ дар самти суғурта дарак доданд, ки ҳафт назарияи пойгоҳии алоқаманд ба "назарияи ҷубронии зарар" ба монанди назарияи зарари суғуртавӣ, назарияи осеби суғуртавӣ, назарияи баргардонидани зарар, назарияи эвантуалии талабот, назарияи таъминотии суғурта, назарияи иҷтимоии суғурта ва назарияи ҳимояи суғуртавӣ мавҷуданд.

Яке аз назарияҳои ибтидоие, ки равишҳои назариявиро оид ба мундариҷа ва зарурати иҷтимоию иқтисодии суғурта, инчунин рушди бозори суғурта шарҳ медиҳад ин "назарияи ҷуброни зарар"-и пешниҳодкардаи А. Вагнер маҳсуб меёбад. Дар чаҳорчӯбаи назарияи мазкур шарҳ дода мешавад, ки зарар метавонад пасманзари дилхоҳ ҳодиса бошад ва аз паси худ коҳишёбии моликиятро ба миён оварад ё ба афзоиши он монеъа шавад.

Дар асоси назарияи ҷуброни зарар, қонунгузории имрӯзаи бисёр мамлакатҳо дар соҳаи суғуртаи амвол, аз ҷумла суғуртаи масъулият амал менамояд. Ба аҳамияти амалии ин назария нигоҳ накарда ҳангоми арзёбии арзиши ҳаёт ё саломатии инсон дар мундариҷаи ин назария мушкилоти ҷиддӣ ба миён меояд. Зеро бо сугуртаи шахсӣ маблағи пардохти суғурта ё ҷуброн ҳеҷ гоҳ ба зараре, ки дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ расонида шудааст, вобаста намебошад. Андозаи он дар вақти бастани шартнома муайян карда мешавад, ки ба маблағи суғурта баробар мебошад.

Боиси таъкид аст, ки доираи «назарияи ҷуброни зарар»-ро «назарияи ҷуброни осеб» аз рӯйдодҳои тасодуфӣ ва ғайричашмдошт, ки А.Вагнер пешниҳод карда буд дар бисёр мавридҳо иваз кардааст. Вале, пас аз зуҳури суғуртаи шахсии андӯхтшаванда, махсусан суғуртаи иҷтимоӣ (нафақаи иҷтимоӣ) муҳиммияти назарияи ҷуброни осеб коҳиш меёбад. Зеро дар суғуртаи андӯхтшаванда хисорот, зиён, зарар ва ё осеб мавҷуд намебошанд ва расидан ба сину соли муайян ва дигар шартҳо дар ҳаёти шаҳрвандон зарурати пардохти суғуртавӣ мегардад.

Пас аз рукуди аҳамияти назариявии назарияҳои болозикр назарияи эвантуалии талабот ва ё назарияи қонеъ кардани талаботи моликиятӣ, ки бештар аз ҳодисаҳои тасодуфӣ вобаста буданд мубрам мегарад. Мутобиқи ин назария ақидае пешниҳод мегардад, ки ҳадафи суғурта ин рӯйпӯш кардани талаботи моликиятии тасодуфан ба миён омадаи суғурташавандагон мебошад. Мутобиқи ин назария ба ҳодисаҳои суғуртавӣ на танҳо зарари моликият, балки аз даст додани даромад ҳангоми корношоямӣ ва аз даст додани қобилияти корӣ ҳангоми ҳодисаҳои нохӯш, аз даст додани воситаи рӯзгузаронӣ ҳангоми пиронсолӣ, инчунин иҷрои уҳдадориҳои муайяни ҳаёт (харидории ҷиҳози арусӣ) [4, с. 9] алоқаманд буданд. Албатта ин назария низ ба кулли масъалаҳо посух дода наметавонист, чунончӣ категорияи мазкур бештар дар самти эҳтиёҷу даромад номуайя шарҳ дода мешуд. Зеро суғурта дорои хусусияте муайян шуда буд, ки барои қонеъ намудани на танҳо эҳтиёҷоту талабот, балки суғуртаи шахсӣ ба гирифтани даромад дар давраи оянда низ пазируфта мегардид. Аз ин лиҳоз, назарияи қонеъ кардани талаботи моликиятӣ новобаста аз объекти фаррох доштан ҳама намудҳои суғурта ва хизматрасониҳои суғуртавиро муттаҳид накарда аст. Минбаъд дар оғози асри XIX барои шарҳи холигиҳои мавҷуда дар назарияи мазкур «назарияи умумии таъмини имконияти талабот» - коркар гардид, ки суғуртаро воситаи калидии таъмини талабот шарҳ медиҳад.

Дар чорчӯбаи назарияи умумии таъмини имконияти талабот ташаккулёбии фондҳои ташкилоти суғуртавӣ ва фондҳои давлатии суғурта хислат дода мешавад, ки тавассути идораи марказии молиявӣ танзим карда мешавад.

Зиддият дар назарияҳои болозикр боиси он гардид, ки назарияи кафолат ё таъминот дорои ақидаи фарогири кулли навъҳои суғурта ташаккул ёбад. Мутобиқи ин назария пардохтҳои суғуртавӣ чӣ барои суғуртаи моликият ва чӣ шахсӣ дорои хусусияти таъминотӣ буда ҳамчун категорияи кафолатдиҳандаи талаботҳои имконпазир шарҳ дода мешавад. Ҳангоми суғуртаи моликият хоҳиши суғурткунанда чун қоида ба барқарар кардани талафот ҳангоми рӯйдиҳии ҳодисаи суғуртавӣ нигаронида мешавад ва ҷуброни зарар бо ҳаҷми зарари расида маҳдуд мебошад.

Дар суғуртаи шахсӣ ҳадаф то ба пурра таъмин кардани талаботи суғурташаванда вусъат меёбад. Ҳамин тавр, мутобиқи назарияи мазкур ҳангоми мавҷудияти суғурта талаботи имконпазир ва хоҳиши суғурткунанда дар сатҳи муайян кафолат дода мешавад.

Боиси таъкид аст, ки назарияи таъминот ё кафолати суғурта дар асрҳои XIX ва миёнаи XX аҳамияти илмию назариявӣ дошта, зимни рушди бозори суғурта дар замони шӯравӣ тадриҷан таҳқиқи масъалаҳои назариявии фаъолият ва хизматрасониҳои суғуртавӣ мутобиқ ба низоми иқтисодиёти сотсиалистӣ амалӣ мегардид. Аз ҷумла дар ҳудуди имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми суғуртаи шуравӣ рушд меёбад. Рисолати низоми суғуртаи сотсиалистӣ дар он ифода меёфт, ки «усули аз нав барқарор намудани кувваҳои истехсолкунанда, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуши табиат корношоям шудаанд, воситаи муҳофизат аз ин харобиҳо, воситаи ба афзоиши минбаъдаи қуввaҳои истеҳсолкунандаи

иқтисодиёти сотсиалистӣ, муваффақиятҳои нави истеҳсолии он, ҳамчунин боз ҳам баланд бардоштани некуаҳволии моддӣ-мадании халқи шуравӣ» [10] пайгирӣ мешуданд. Аз рисолати низоми суғуртаи сотсиалистӣ мушоҳида мегардад, ки предмети суғурта асосан моликият пазируфта шуда, ба назарияи ҷуброни зарар асос ёфтааст.

Пас аз пошхӯрдани низоми иқтисодиёти нақшавию директивӣ ва гузариш Тоҷикистон ба иқтисодиёти бозорӣ ташаккулёбии низоми нави муносибатҳо дар бозори суғурта боиси он гардиданд, ки ба якчанд назарияҳои мухталиф, махсусан мундариҷаи назарияи таъминот ё худ кафолати суғурта рӯй оварда шавад. Вале то ҳол на танҳо аз ҷониби суғурташаванда балки суғуртакунандагон, махсусан ташкилоти суғуртаи давлатӣ низ ба суғуртаро чун воситаи ҷуброни зарар (хисорот ё талафот) мешуморанд.

Дар заминаи таҳқиқот метавон иброз намуд, ки новобаста аз бартарии дар назарияи таъминотии суғурта мавҷуда дар амалияи муосир хизматрасониҳои бозори суғурта бо ин назария асоснок карда намешаванд. Зеро, дар шароити кунунӣ на дар ҳама навъҳои суғурта уҳдадории суғуртакунанда дар амалӣ кардани таъминоти суғурта ифода меёбад. Дар суғуртаи шахсӣ бошад таъминоти пурра мушоҳида намегардад ва ба монанди суғуртаи моликият объекти суғурта то ба ҳолати рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ талофӣ нашуда, муайян кардани андозаи зарари он низ хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, пардохти суғурта аз андозаи даромади андӯхташуда ва ё маблағи суғуртапулӣ вобаста аст.

Илова ба гуфтаҳои боло «таъминот»-и суғурташаванда ҳамон вақт сурат мегирад, ки ҳодисаи суғуртавӣ нисбати суғуртаи моликият ё шахсии ӯ рӯй дода бошад. Дар ҳолати баръакс ба суғуртакунанда барои таъминот ё қонеъ кардани ягон талаботаш ҳеҷ як пардохт равона намегардад, ки дар натиҷа аз хусусияти таъминнокӣ доштани ин категория хусусияте боқӣ намемонад. Гузашта аз ин, назарияи таъминоти суғурта дар ҳолати ҳодисаи суғуртавӣ дорои хусусияти хавф будан ва дар фаъолияти суғуртакунанда ва суғурташаванда ҷой доштани он боз ҳам камаҳамият мегардад.

Аз лиҳози гуфтаҳои болозикр метавон хулоса намуд, ки муносибатҳои суғуртавӣ дар дилхоҳ вақт вуҷуд доранд, ҳатто дар вақте, ки ҳодисаи суғуртавӣ ба вуҷуд намеояд ва ё эҳтимолияти куллан ба миён наомадан мавҷуд бошад. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса намуд, ки назарияи таъминотии суғурта ба мундариҷаи суғурта фаҳмиши дақиқ намедиҳад ва камаҳамият мегардад.

Ба ақидаи мо назарияи таъминотии суғурта ҳангоми муносибатҳои суғуртавӣ бо намудҳои гуногуни суғурта, махсусан ҳангоми суғуртаи моликият пурра ҷавоб дода наметавонад ва дар ин маврид онро назарияи ҳифзи суғуртавӣ илова менамоянд.

Дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ В. Эренберга [8]. ва А.И. Худякова [11] муайян шудааст, ки ҳифзи сугуртавӣ барои ҷуброни хисорот ва ё пардохти маблағи дар шартнома нишондодашуда ба миён меояд. Дар заминаи шартномаи суғурта ӯҳдадории суғуртакунанда барои пардохти суғуртавӣ таъмин карда мешавад.

Дар шароити муносибатҳои шартномавӣ рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ба вуҷуд омадани навъҳои зиёди суғурта водор менамоянд, ки ҷанбаҳои назариявии суғурта низ вобаста ба ҳолат такмил ёбанд. Ба ақидаи мо дар шароити муосир муосибатҳои шартномавии суғуртавӣ бештар ба ҷуброни зарари суғурташуда равона шуда, чӣ дар суғуртаи шахсии андӯхшаванда ва чӣ суғуртаи моликият аз зуҳури ҳодисаи суғуртавӣ вобаста мебошанд. Дар чунин ҳолат назарияи таъминоти суғурта ва назарияи ҷуброни зарари суғурта барои шарҳи илмии суғурта ҳамчун категорияи иқтисодӣ муҳим мегарданд.

Дар шароити муосир таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккули бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ҷанбаҳои методии ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои мазкур хеле муҳим мебошад. Зеро рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар марҳилаи муосири муносибатҳои иқтисодӣ дар шароите ташаккулу вусъат меёбад, ки аз як ҷониб ҷузъиётҳои низоми иқтисодиёти бозорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ аз ҷумла бахши молиявӣ тадриҷан ташаккул ёфта, аз ҷониби дигар муносибатҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама дар бахши молиявии иқтисодии мамлакат рақамӣ карда мешаванд. Натиҷаи рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва бахшҳои он ҳатман ба иқтисодиёти мамлакат даромади изофаро фароҳам меоварад, ки дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тҷикистон то давраи соли 2040 асоснок шудааст. Аз ин лиҳоз дар чунин вазъ тақозо мегардад, ки рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар чаҳорчӯбаи иқтисоди рақамӣ ва шароити табодули рақамӣ баррасӣ карда шавад.

Бозори суғурта қиёсан аз бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ фаҳмиши васеъ мебошад. Рушди бозори суғурта метавонад рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавиро фаро гирад. Аз ин лиҳоз зарур мешуморем, ки пеш аз баррасии ақидаҳои илмӣ доир ба рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба ҷанбаҳои зуҳури ин категорияҳо назар намоем.

Дар шароити кунунии муносибатҳои иқтисодӣ бозори суғурта чун қисми таркибии муҳими низоми молиявӣ афзори фаъоли мусоидаткунандаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ, таъмини фаъолияти босуботи низоми молиявии мамлактҳо дар сатҳҳои мухталиф, ҷуброни зарари дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода бамиёномада маҳсуб меёбад. Аҳамияти бозори суғурта дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва дар маҷмӯъ дар иқтисоди миллӣ дар он ифода мегардад, ки низоми иқтисодиёти бозоргонӣ аз субъекти иқтисодӣ мустақилона таъмин кардани ҳифзи саломатӣ, ҳаёт ва моликиятро тақозо менамояд ва ин дар шароити кунунӣ танҳо тавассути суғурта имконпазир мегардад. Зеро инсоният доимо ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои нохуш бархурдааст, ки минбаъд замина барои рушди суғурта мегардад [13].

Мафҳуми суғурта аз вожаи русии «страх» гирифта шуда бо забони тоҷикӣ ба вожаҳои «бим», «ҳарос», «тарс» ва «ваҳм» бештар мувофиқ меояд. Категорияи иқтисодии суғурта ҳамчун афзори ҳифзи иҷтимоию иқтисодӣ пеш аз ҷомеаи феодалӣ зуҳур намуда, дар давраи ҷомеаи сармоядорӣ густариш

меёбад ва дар шароити рушди муосири иқтисоди бозорӣ ҷузъи ҷудонопазири низоми молияи мамлакатҳо гаштааст. Шакли муосири суғурта ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар ибтидо дар мамлакатҳо Аврупо ва минбаъд дар дигар кишварҳо паҳн гаштааст. Илова ба ин, суғурта соҳаи мустақил маҳсуб ёфта ҳадафи асосии он таъмини бефосилаи раванди такрористеҳсолот маҳсуб меёбад. Дар ин самт зикр кардан зарур аст, ки дар замони Иттиҳоди шӯравӣ кулли самтҳои хоҷагидорӣ, аз он ҷумла фаъолияти суғурта аз ҷониби давлат ва ташкилотҳои он амалӣ шуда, суғурта бо кулли шаклҳояш манополияи давлатӣ муайян карда шуда буд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ва ташаккулёбии низоми иқтисодии бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зарурати ташаккули бозори суғурта ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар шороити мусир ба соҳаи суғурта ҳамчун зернизоми калидии низоми молиявӣ олимони зиёди ватанӣ ва хориҷӣ диқати махсус зоҳир менамоянд. Вале, ба ин нигоҳ накарда дар мундариҷаи назариявии суғурта равишҳои мухталифи муайян кардани моҳияти бозори суғурта ва бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба мушоҳида мерасанд.

Дар доираи таҳқиқоти олимони ватанӣ Ш.Раҳимзода ва М.С.Ҳусайнов тавассути таҳқиқи сарчашмаҳои зиёди илмӣ моҳияти иқтисодии бозори суғурта чунин коркард шудааст: “Бозори суғурта ин муҳити махсуси иҷтимоию иқтисодиест, ки дар он субъектҳои асосии (ташкилотҳои суғуртавӣ) бозор дар шароити рақобати озод, дар доираи қонунгузории миллӣ фаъолият мекунанд”[7]. Ба таърифи муаллифони болозикр аз он нуктаи назар мо ҷонибдор мебошем, ки суғурташаванда ва суғуртакунанда ҳамчун субъектони муносибатҳои суғуртавӣ аз ҷониби муаллифон ба назар гирифта шудаанд ва муайян шудааст, ки хизматрасониҳои суғуртавӣ мутобиқи қонунгузориҳои давлатӣ амалӣ мегардад. Вале ба ақидаи мо на ҳама унсурҳои муосири бозори суғурта дар таърифи мазкур дарҷ шудаанд.

Ақидаи В.В. Шахов ба таърифи болозикр ки олимони ватанӣ пешниҳод кардаанд шабоҳат дошта ӯ меҳисобад, ки бозори суғурта «сохти махсуси иҷтимоию иқтисодӣ, муҳити муайяни муносибатҳои пулӣ мебошад, ки дар он объекти хариду фурӯш ҳифзи суғурта маҳсуб ёфта, дар асоси талабот ва пешниҳод ташаккул меёбад»[12]. Албатта дар ин таъриф категорияи муҳимми иқтисоди бозорӣ будани суғурта аз ҷониби муаллиф баррасӣ шудааст, вале на ҳама шаклҳои суғурта зимни мавҷудияти талаботи хосатан суғурташаванда ташаккул меёбанд. Махсусан дар ҳоле, ки суғуртаи ҳаёт ва саломатӣ дар шароити муосир дорои хусусияти ҳатмӣ мегардад.

Дар доираи таҳқиқоти олмиони хориҷа дигар таърифҳо низ оид ба муҳтавои бозори суғурта коркард шудааст. Аз ҷумла М.В. Жарова дар таҳқиқоти худ зикр кардааст, ки бозори суғурта ин низоми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар натиҷаи хариду фурӯши моли махсус (хизматрасониҳои суғуртавӣ) дар ҷараёни қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба воситаи манфиатҳои суғуртавӣ татбиқ мешавад ва қисми калонтарин ва ҷудонашавандаи бозори қарзӣ ба ҳисоб меравад. Бозори суғурта бо ҳамаи шохаҳои ҷараёни бо такрористеҳсол алоқаманд дар асоси қонуниятҳои бозор фаъолият ва дар навбати худ пурра ҳолат ва сатҳи рушди қувваи истеҳсолии ҷомеаро инъикос менамояд [3]. Боиси таъкид аст, ки дар ин таъриф фаҳмиши хеле васеъи бозори суғурта баррасӣ шудааст.

Дар таҳқиқоти Ғ.Д. Ашуров ба бозори суғурта чунин муайянкунӣ ворид шудааст: “Бозори суғурта маҷмӯи муносибатҳои байни ташкилотҳои суғуртавӣ, суғурташавандагон, мақоми танзим ва назорат оид ба ташаккул, мубодила, тақсимот, истеъмол ва идоракунии маҳсулоти суғуртавӣ мебошад, ки бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ иртибот дорад”[1]. Дар таърифи мазкур ба фаъолияти соҳибкорӣ иртибот доштани суғурта ва ташаккулёбии бозори суғурта шарҳ дода шудааст. Вале фаромӯш набояд кард, ки бозри суғурта ҳудудҳои муайяни амалигардонии фаъолият дорад, мисол бозорҳои суғуртаи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро тасниф менамоянд [9]. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир мо бояд ба бозори суғуртаи миллӣ чун объекти хариду фурӯш афкори назар намоем.

Ба андешаи мо объекти хариду фурӯш дар бозори суғурта хизматрасониҳои суғуртавии сершумор баромад мекунанд ва предмети он бошад ин ё он навъи суғурта маҳсуб меёбанд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” аз 2.01.2019 с., № 1573 объекти суғурта муносибатҳои тақсимотию азнавтақсимотӣ набуда, манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд маҳсуб меёбанд. Яъне дар ин санади меъёрӣ ҷанбаи молиявии ин категория пурра шарҳ дода нашуда самти ҳуқуқӣ ва манфиати субъекти асосии иқтисодӣ – давлат бештар ба инобат гирифта шудааст. Дар иртибот ба гуфтаҳои болозикр зарур аст, ки хусусиятҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити муосир баррасӣ гарданд. Ба андешаи мо чунин хусусиятҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити муосир мавҷуданд:

1) Пеш аз ҳама хизматрасонии суғуртавӣ ин замина барои азнавтақсимкунии даромадҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва дигар сатҳҳои он бо мақсади пешгирии хавфу хатарҳои эҳтимолӣ дар фаъолияти субъектони истифодабарандаи хизматрасонӣ тавассути ташкили фондҳои эҳтиётӣ дар ихтиёри ташкилотҳои махсусгардонидашуда мебошад, ки ҷонибҳои манфиатдор ба мавҷудияти он ҳавасманд мебошанд;

2) Дуюм, хизматрасонии суғуртавӣ ин ӯҳдадориҳоро оид ба ҷуброи зарари суғурташудагон ифода менамояд, ки дар асоси шартҳои сершумори тавассути шартнома муйяншуда танзим мегардад ва метавонад иҷро гардад ва ё бо сабаби гузаштани мӯҳлати амали хизматрасонӣ ва рӯй надодани ҳодисаҳои эҳтимолии суғуртавӣ иҷро карда нашавад. Вале суғурташаванда уҳдадор аст, ки пас аз бастани шартнома маблағи муайяншударо ба таъхир намонда зуд пардозад ва вобаста аз зуҳури ҳодиса манфиат гирифта бошад;

3) Сеюм, хизматрасониҳои суғуртавӣ то фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ барои харидори он эҳсоснашаванда мебошад ва арзёбии сифати ин

хизматрасонӣ то мавриди зуҳури ҳодиса низ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз барои кулли суғурташавандагон харидории хизматрасониҳои суғуртавӣ ғайришафоф боқӣ мемонад ва нофаҳмиҳою нобовариро ба ин категория ба миён меорад. Ин водор менамояд, ки пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ дар бозори суғурта бо равишҳои хоса ба харидорони хизматрасониҳо иртибот дошта бошанд;

4) Чорум, хизматрасонии суғуртавӣ танҳо тавассути шартномаи байни харидору фурӯшандаи хизматрасонӣ дар асоси навъҳои суғуртаи ихтиёрӣ, ҳатмӣ ва ё ҳатмии давлатӣ амалӣ карда мешавад, ки манфиатгиранда дар вақти зуҳури предмети хариду фурӯш суғурташаванда маҳсуб ёфта, пардохткунандаи ҳақи хизматрасонӣ метавонад дилхоҳ харидори хизмат бошад;

5) Панҷум, хизматрасонии суғуртавӣ тавассути рағбати суғуртавии харидори хизматрасонӣ, талаботи иқтисодии харидорон, имконият ва таваҷҷӯҳи онҳо дар қабули қарорҳо дар самти истифодаи хизматрасониҳо муайян ва дар амал истифода карда мешаванд. Дар акси ҳол аксари навъҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ ташаккул ва рушд намеёбанд;

6) Шашум, арзиши хизматрасониҳои суғуртавӣ иникоси худро дар тарифҳои суғуртавӣ меёбад ва тавассути имкониятҳои иқтидории субъектони пешниҳодкунандаи ин хизматрасониҳо, инчунин талаботу пешниҳод ба навъҳои хизматрасонӣ дар бозори суғурта муайян карда мешавад;

7) Ҳафтум, хизматрасониҳои суғуртавӣ дар низоми афзорҳои пешбарандаи сиёсати амнияти давлатӣ, ки самтҳои мухталифи сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инноватсионӣ, экологӣ ва ғайраро фаро мегирад шомил гардида, мавҷудияти он дар муносибатҳои иқтисодии муосир бехатарии иҷтимоию иқтисодии давлат ва дигар субъектонро таъмин менамояд;

8) Ҳаштум, пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо дар ҳолати зуҳур накардани ҳодисаҳои суғуртавӣ манфиат ба даст меоранд ва харидорони хизматрасониҳои суғуртавӣ пас аз зуҳури ҳодиса зарари бардоштаашон ҷуброн карда мешавад;

9) Нуҳум, дар раванди хизматрасониҳои суғуртавӣ эҳтиёҷи колективии суғурташавандагон ба инобат гирифта мешавад ва фондҳои суғуртавӣ танҳо ба зарардидагон равона карда мешавад;

10) Даҳум, зимни хизматрасониҳои суғуртавӣ тақозо мегардад, ки суғурташавандагон барои гирифтани ҷуброни зарар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро ба пешниҳодкунандаи хизматҳои мазкур омода намуда, дастрас намоянд, ки дар баъзе мавридҳо боиси даст кашидани онҳо аз маблағи зарар мегардад.

Маҳз натиҷаҳои таҳлилҳои болоӣ оид ба моҳияти "бозори суғурта", дар доираи таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ, инчунин хусусиятҳои "хизматрасониҳои суғуртавӣ", ки зимни таҳқиқот ифшо гардиданд, мо метавонем таърифи муаллифии "бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ"-ро дар шакли фишурда ва васеъ пешниҳод карда бошем. Ба ақидаи мо дар фаҳмиши васеъ бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ин маҷмӯи субъектони фаъолияти суғуртавии бо дигар иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавӣ мутақобилан вобаста мебошад, ки дар раванди зуҳури доираи муайяни муносибатҳои иқтисодӣ, зимни азнавтақсими даромадҳо тавассути қонеъ кардани талаботи харидорони хизматҳо вобаста ба ҳифзу ҷуброни суғуртавӣ ташаккул меёбанд. Дар чорчӯбаи чунин муносибатҳо объекти хариду фурӯш на танҳо ҳифзи суғуртавии истифодабарандагони хизматҳо, балки омилҳои сершумори таъсиррасон ба устуворӣ ва суботи иҷтимоию иқтисодии субъектони фаъолиятдошта дар сатҳи мамлакат ва минтақаю маҳалҳои он баромад мекунанд.

Ба ақидаи мо дар фаҳмиши маҳдуд бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ маҷмӯи муносибатҳои харидорону фурӯшандагони хизматҳои суғуртавиро ифода менамояд, ки дар асоси талаботи қонунгузориҳои давлатӣ ва қонуни талаботу пешниҳод дар бозори суғурта ташаккул ёфта, пешгирию ҷуброни ҳодисаҳои мухталифи эҳтимолӣ, суботи молиявию иқтисодӣ ва манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологиро таъмин менамояд.

Аз таърифҳои болозикр бар меояд, ки хизматрасониҳои суғуртавӣ дар бозори махсус зимни мавҷудияти объективонаи вазифаҳои суғурта, низоми ягонаи муносибатҳо, механизм ва омилҳои зиёди таъсиррасон ба рушди суғурта ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Дар шароити муосир бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ бо дигар бозорҳои дар таркиби бозори молиявӣ ва бозори хизматрасониҳои молиявӣ ташаккул ёфта, сохтори онҳоро пурра менамояд. Дар маҷмӯъ тавассути бозори молиявӣ таҷдиди воситаҳои пулӣ ба сармояи пулӣ амалӣ гардида, бозори хизматрасониҳои молиявӣ бо воситаи механизми махсус сармояи пулиро дар иқтисодиёт ба ҳаракат медарорад, ки суғурта дар ин раванд мавқеъи хоса дорад.

Аз ин лиҳоз, бозори хизматрасониҳои суғуртавиро ҳамчун як сегменти калидии бозори хизматрасониҳои молиявӣ баррасӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро ташкилотҳои суғурта метавонанд дар як вақт истеҳсолкунандаи хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ҳамзамон миёнарав дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ баромад кунанд. Гузашта аз ин ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд муассиси ташкилотҳои қарзӣ ва дигар миёнаравҳои бозори хизматраониҳои молиявӣ бошанд.

Ҳамин тавр, маҳз ҷанбаи молиявии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки дор доираи бозори хизматрасониҳои молиявӣ тавассути таъсиси фонди ҷамъиятии суғуртавӣ барои ҷуброни имконпазири талафоту зарарҳо пешбинишуда, суғуртаро ба унсури фаъоли бозори молиявӣ ташаккул медиҳад. Дар шароити муосир рушди хизматрасониҳои суғуртавӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ ба мушоҳида мерасад, ки иштироки давлатро дар сатҳҳои мухталиф дар раванди идоракунии давлатии хизматрасониҳои соҳа тавассути мақомоти ваколатдори давлатии дорои вазифаҳои мушаххас тақозо менамояд. Сараввал ташаккул ва дар пасманзари он рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он боиси татбиқи ҳимояи суғуртавии боварибахш гардида ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъсири мусбӣ мегузорад.

Дар таҳқиқоти Ғ.Д. Ашуров тасдиқ карда мешавад, ки низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ бояд

вобаста ба тарз ва усулҳои хизматрасониҳои он мукаммал карда шавад [2]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти тараққиёти хизматрасониҳо ва самаранокии онҳо зарурати объективӣ пеш омадааст, ки ба фаъолияти молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад.

Ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити рушди гуногуншаклии моликият ва ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ, инчунин рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат доираи фаъолияти ширкатҳои давлатиро дар соҳаи хизматрасониҳои суғуртавӣ маҳдуд намуда, моликияти хусусӣ, аз он ҷумла ширкатҳои суғуртавии ғайридавлатӣ тамоюли зиёдшавиро пайдо менамоянд ва манбаи ғайрибуҷавии маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ низ васеъ мегардад [6].

**Хуллас**, дар раванди идоракунии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ тақозо мегардад, ки мақомоти давлатӣ ба рушди стратегии бозори суғурта, тавассути қабул ва амалигардонии барномаҳои мақсадноки рушди хизматрасониҳои суғуртавӣ, ҳамоҳангсозии амалҳои субъектони фаъолияти суғуртавӣ, устуворгардонии вазъи молиявии ташкилотҳои суғурта ва ба шароити муосири муносибатҳои иқтисодӣ мутобиқ кардани хизматрасониҳо, арзёбии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ чораҳои дорои хусусияти таъсири мақсаднокро амалӣ намоянд. Дар оянда зарур аст, ки таҳқиқотҳо дар самти равишҳои методии арзёбии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ амалӣ карда шаванд.

**Адабиёт:**


1. Ашуров Ғ.Д. Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ. Душанбе: 2021. – 318 с.
2. Ашуров, Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан: дис. на соис. уч. степ. 08.00.05. /Г.Д.Ашуров. – Душанбе, 2011. – 134с.
3. Жарова, М.В. Страховой рынок и основные проблемы его становления в России: дисс. на соис. к.э.н./ М.В.Жарова. - Нижный Новгород, 2000. - 149с.
4. Манэс А. Основы страхового дела. – Москва, «Анкил», 1992. – с.30.
5. Маркс К. Капитал. Т. 3. М.: Изд-во политической литературы, 1975. – 927 с.
6. Рахимов, М.А. Становление рынка страхования в национальной экономике/М.А. Рахимов. – Худжанд: Худжан. гос. ун-т им. БГ Гафурова, 2012. - 189 с.
7. Раҳимзода Ш., Ҳусайнов М.С. Бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: мушкилотҳои ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2022. 192 **с.**
8. Серебровский В.И. Избранные труды по наследственному и страховому праву / В.И. Серебровский; Науч. ред.: Ем В.С. - 2-е изд., испр. - Москва: Статут, 2003. - 558 с.
9. Страховое дело в вопросах и ответах /Составитель М. М.Басков. — Ростов-на-Дону: Феникс, 1999. – С. 576.
10. Финансовое право. Учебник / Валлер Д.Б., Лавров В.В., Любимов Н.Н., и др.; Под ред.: Ровинский Н.Н. - Москва: Юрид. изд-во МЮ СССР, 1946. - 360 с.
11. Худяков, А. И. Теория страхования / А. И. Худяков. – Москва : Статут, 2010. – 656 с. – Режим доступа: по подписке. – URL: https://biblioclub.ru/index.php?page=book&id=448059 (дата обращения: 03.01.2024). – Библиогр. в кн. – ISBN 978-5-8354-0619-7. – Текст: электронный.
12. Шахов В.В. Страхование/Учебник для вузов. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2010. – 511с.
13. Zhang Hong, Chen Dihong. Principles of insurance//Tsinghua University Press. Beijing.2018. P.21-27.


**Маълумот дар бораи муаллиф:**


**Орифҷонова Дилфуза Иномҷоновна** – муаллимаи калони кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, И. Сомонӣ 169. Тел. +992-92-886-76-80. E-mail: safiy1979@mail.ru


**Информация об авторе:**


**Арифджанова Дилфуза Иномжоновна –** старший преподаватель кафедры «Финансы и кредит» Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции**.** Адрес: г. Худжанд проспект И. Сомони 169. Тел. +992-92-886-76-80. E-mail: safiy1979@mail.ru


**Information about the author:**


**Arifdzhanova Dilfuza Inomjonovna** is a senior lecturer at the Department of Finance and Credit, Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce. Address: Khujand, I. Somoni Avenue 169. Tel. +992-92-886-76-80. E-mail: safiy1979@mail.ru

**УДК: 332.05**

# САРМОЯГУЗОРИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ҲАМЧУН ШАКЛИ ДАСТГИРИИ ИННОВАТСИЯ

**Нурализода Амрулло Назрулло**
**Салиева Ҳилола Шодибоевна**
**Ли Литин**

**Аннотатсия.** Дар шароити кунунӣ ташкил ва арзёбии вазъи дигаргуншавии рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар доираи ташкили механизмҳои нави хоҷагидорӣ ба роҳ мондани навовариҳо, хизматрасонӣ ва сармоягузорӣ муҳим мебошад. Яъне дар заминаи ҳамоҳангсозии ниҳодҳои бахшҳои иқтисодӣ, алалхусус, мавриди истифода қарор додани намудҳои нави корхонаҳои хурд, омили муҳими васеъшавии иқтидори иқтисодӣ ва татбиқи чорабиниҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ зарур мебошад.

Ташаккул додани навовариҳо бевосита аз ба роҳ мондани таҳқиқотҳои илмӣ-техникӣ хеле таъсирбахш мебошад, ки онҳо барои рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории хурд мақоми хоса пайдо карда метавонанд.

Бинобар ин, дар мақолаи мазкур ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии соҳибкории хурд, раванди сармоягузорӣ ва инноватсияҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории хурд, раванди сармоягузорӣ, навоварӣ, сатҳи зиндагӣ, захираҳои моддӣ, пасандоз, воситаҳои асосӣ, омилҳои истеҳсолот, қувваи корӣ, захираҳои молиявӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳамгироии соҳибкории хурд.

**Барои иқтибос:** Нурализода А.Н. Сармоягузории соҳибкории хурд ҳамчун шакли дастгирии инноватсия / А Н. Нурализода, Ҳ. Ш. Салиева, Л. Ли // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 184-188.

# ИНВЕСТИЦИИ В МАЛОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО КАК ФОРМА ПОДДЕРЖКИ ИННОВАЦИЙ

**Нурализода Амрулло Назрулло**
**Салиева Хилола Шодибоевна**
**Ли Литин**

***Аннотация.*** В современных условиях важно организовать и оценить состояние изменений в развитии деятельности малого предпринимательства в рамках создания новых экономических механизмов внедрения инноваций, услуг и инвестиций. То есть в контексте координации институтов отраслей экономики, в частности, необходимо использовать новые виды малых предприятий - важный фактор расширения экономического потенциала и реализации мер по повышению уровня жизни населения.

Весьма эффективным является формирование инноваций непосредственно в результате реализации научно-технических исследований, что может получить особый статус для конкурентоспособности субъектов малого предпринимательства. Поэтому в данной статье обсуждаются теоретические, методологические и практические аспекты малого бизнеса, инвестиционного процесса и инноваций.

**Ключевые слова**: малое предпринимательство, инвестиционный процесс, инновации, уровень жизни, материальные ресурсы, сбережения, основные фонды, факторы производства, рабочая сила, финансовые ресурсы, социально-экономические отношения, внутренние и внешние факторы, интеграция малого предпринимательства.

# INVESTMENTS IN SMALL ENTERPRISE AS A FORM OF INNOVATION SUPPORT

**Nuralizoda Amrullo Nazrullo**.
**Salieva Khilola Shodiboevna**
**Li Liting**

***Annotation.*** In modern conditions, it is important to organize and assess the state of changes in the development of small business activities as part of the creation of new economic mechanisms for the introduction of innovations, services and investments. That is, in the context of coordinating institutions across economic sectors, in particular, it is necessary to use new types of small enterprises - an important factor in expanding economic potential and implementing measures to improve the standard of living of the population.

The formation of innovations directly as a result of the implementation of scientific and technical research is very effective, which can receive a special status for the competitiveness of small businesses. Therefore, this article discusses the theoretical, methodological and practical aspects of small business, the investment process and innovation.

**Key words:** small business, investment process, innovation, standard of living, material resources, savings, fixed assets, factors of production, labor, financial resources, socio-economic relations, internal and external factors, integration of small business.

**Гузориши масъала.** Дар шароити иқтисоди бозорӣ ташаккули соҳибкории хурд ҳамчун омили тақвиятдиҳандаи ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ баромад намуда, дар таъмини шуғл, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва ғанигардонии буҷети давлатӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. То имрӯз байни олимон ва коршиносони соҳаи иқтисодӣ барои муайян кардани соҳибкории хурд муносибати ягона вуҷуд надорад. Дар натиҷаи омӯзиш ва баррасии масъалаи мазкур, маълум карда шуд, ки истилоҳи "соҳибкории хурд" дар маҷмуъ, аз табиати мафҳуми "соҳибкорӣ" сарчашма гирифта, фаъолияти он дар доираи корхонаҳои хурд ба роҳ монда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки соҳибкории хурд вобаста ба имкониятҳои кишвар дар шароити кунунӣ тезмутобиқшаванда мебошад. Чунки бунёд ва ташаккули корхонаи хурд аз нигоҳи тағйири технологияи истеҳсолот, сохтори идоракунӣ ва пешбурди фаъолият нисбат ба корхонаи калон хеле осонтар ва мувофиқ мебошад. Нововбаста ба ин, барои ташкили соҳибкории хурд, сармоягузорӣ нақши ҳалкунанда дорад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар робита ба мавзуи мазкур як қатор олимони хориҷиву ватанӣ аз ҷумла, Ф. Котлер, А. Неганди, Бродел Б., Иванов С.А., Хосткин А.Дж., Комилов С.Дж., Сафаров Б.Г., Шодиев К.Қ. ва дигарон кори илмиро анҷом додаанд.

**Мақсади мақола** аз муайян намудани сармоягузории соҳибкории хурд ҳамчун шакли дастгирии инноватсия иборат аст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Гузариш аз даврони саноатӣ ба даврони иттилоотӣ хусусиятҳои корхонаҳоро ба монанди қобилияти зуд аз нав сохтани истеҳсолот ва қонеъ кардани дархостҳои инфиродии муштариро ба мадди аввал гузошт. Рушди соҳибкории хурд барои устуворгардонии иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам меорад, зеро дар заминаи он муҳити рақобат васеъ гардида, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва инфрасохтори иқтисоди миллӣ ривоҷ меёбад.

Барои ошкор кардани мафҳуми раванди сармоягузории соҳибкории хурд мо бояд, пеш аз ҳама мафҳумҳои "соҳибкории хурд" ва "раванди сармоягузорӣ"-ро алоҳида баррасӣ намоем. Бинобар ин, мафҳумҳои соҳибкории хурд ва тиҷорати хурд, ки дар адабиёт ҳаммаъно дарҷ гардидаанд [9, с. 14-15], ба ақидаи мо, онҳо гуногунмаъно буда, дар алоҳидагӣ шарҳ додани мафҳумҳои мазкур зарур мебошад.

Ба ақидаи Ф. Котлер тиҷорат як намуди даромад буда, дар доираи он сабади хоҷагии корхона метавонад аз якчанд тиҷорат иборат бошад, ки бо онҳо субъектҳои алоҳида навъҳои молҳоро аз рӯйи тамғаи ягона истеҳсол менамоянд, фаҳмида мешавад [4, с. 344]. Тибқи равиши мазкур, тиҷорати хурд метавонад ҳам дар шакли корхонаи хурд ва ҳам дар доираи корхонаи калон вуҷуд дошта бошад. Ба ақидаи К.Қ. Шодиев, “соҳибкории хурд ин ташкили фаъолияти шахси иқтисодиест, ки ба бунёди мол, кору хизматрасониҳои нав, ҷустуҷӯи ақидаҳои нави эҷодӣ бо мақсади бадастории манфиати иқтисодӣ ва қонеъгардонии талаботи доимафзоянда равона карда шудааст” [14, с. 147-153]. Ҳамин тариқ, мо бояд корхонаҳои хурдро ҳамчун субъектҳои мустақили хоҷагидорӣ ҷудо кунем, дар ҳоле ки тиҷорати хурд метавонад як қисми ширкати бонуфуз ё фаръии он бошад.

Дар ҳақиқат, як қатор муаллифон мафҳуми соҳибкории хурдро аз маҷмуи вазифаҳои соҳибкор, идоракунанда ва соҳибмулк бароварда, таърифи як қатор хусусиятҳои хоси корхонаҳои хурдро пурра мекунанд [12, с. 13-15].

Бояд қайд намуд, ки дар ибтидо вазифаҳои соҳибмулк, менеҷер ва соҳибкор дар як шахс муттаҳид карда шуданд. Аммо бо афзоиши доираи корхонаҳо, ин функсияҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд. Дар корхонаҳои хурд, бинобар ҳолатҳои муайян, ин вазифаҳо аз ҷониби як шахс ё гурӯҳи нисбатан хурди шахсон иҷро карда мешаванд. Дар натиҷа, назорати қатъии фаъолияти корхона имконпазир мегардад, сармояи он чандир ва пурзӯр мешавад ва худи корхона ба шароити мувофиқтарини бозор табдил меёбад. Инчунин, вобаста ба ин, масъалаи ҷолиб дар он аст, ки маҳз соҳибкории хурд дар лаҳзаҳои бухрони иқтисодӣ нақши як навъ бехатарии иқтисодиро мебозад. Аммо, баъзе корхонаҳои хурд дар шароити бухронӣ ба мушкилоти молиявӣ ва муфлисшавӣ дучор мегарданд. Тавре аз таҷриба маълум аст, аксари соҳибкорони хурд танҳо дар кӯшиши сеюм ва чорум ба тиҷорати боэътимод ноил мегарданд. Аз ин рӯ, муфлисшавии баъзе корхонаҳои хурд ба таъсиси корхонаҳои нав монеъ намешаванд, ки на танҳо дар шароити иқтисоди бухронӣ фаъолият карда метавонанд, балки ба бунёди ҷойҳои нави корӣ низ мусоидат менамоянд. Беҳуда нест, ки рушди соҳибкории хурд чун анъана ҳамчун яке аз роҳҳои мубориза бо бекорӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки корхонаи хурд як ташкилоти мустақил аст, ки дар он вазифаҳои соҳибмулк, соҳибкор ва менеҷер аз ҷониби як шахс иҷро ё назорат карда мешаванд, ки дар натиҷа, сармояи чунин ташкилот хеле чандир аст ва ҳамзамон, ягонагии назорат ва идоракуниро таъмин мекунад.

Пеш аз он ки мо ба баррасии шароите, ки дар он татбиқ ва рушди равандҳои сармоягузории корхонаҳои хурд ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, гузарем, муайян кардан лозим аст, ки мафҳуми "сармоягузории соҳибкории хурд" чист. Ба андешаи мо, мафҳуми сармоягузорӣ дар мазмуни васеъ воситаҳои пулӣ, арзишҳои молумулкӣ ва зеҳнии давлат, шахсони воқеию ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки ба таъсиси корхонаҳои нав, васеъ гардонидан, таъмир намудан ва аз лиҳози техникӣ ҷиҳозонидани корхонаҳои омодакунанда, бадастории амволи ғайриманқул, саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок бо мақсади гирифтани фоида ва ноил гардидан ба дигар натиҷаҳои муфид равона карда шудааст.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ муддати тӯлонӣ чунин ақида вуҷуд дошт, ки истилоҳи мувофиқ ба мафҳуми "инвеститсия" мафҳуми "сармоягузорӣ" мебошад, яъне маҷмуи хароҷоти захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулӣ, ки ба такрористеҳсоли васеи фондҳои асосии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ равона шудаанд. Аммо фондҳои асосӣ наметавонанд аз ҳисоби сармояи корӣ ва сармояи инсонӣ ба таври муқаррарӣ фаъолият

кунанд, онҳо худ аз худ на маҳсулот ва на пасандоз медиҳанд. Яъне мафҳуми инвеститсия дар пешрафти ҳаёти иқтисодии ҳар як давлат нақши муҳим дорад. Ҳамзамон, инвеститсия дар шароити муосир ҳамчун неруи пешбаранда дар рушди иқтисодиёти давлат эътироф гардидааст. Инкишоф наёфтани инвеститсия метавонад ба рушди истеҳсолот, махсусан истеҳсоли молҳои хоҷагии қишлоқ дар мамлакат таъсири манфӣ расонад. Дар амал, қариб ҳама гуна дороиҳои корхона метавонанд ҳамчун объекти сармоягузорӣ баромад кунанд: фондҳои нави истеҳсолӣ, фондҳои соҳаи ғайриистеҳсолӣ, дороиҳои молиявӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва ғайра. Ба ақидаи баъзе муаллифон, "агар шумо бояд фикр кунед, пас маълум мешавад, ки ба сармоягузорӣ чораҳои ратсионализатсия, чорабиниҳои ташкилӣ ва омӯзиши кормандон дохил карда мешаванд". Бисёре аз муҳаққиқон сармоягузорӣ ба захираҳои моддиро барои худи сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ мувофиқ медонанд [3, с. 511].

Ҳадафи сармоягузорӣ на танҳо ба даст овардани фоида (ва барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ - ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ), балки ба даст овардани самараи муфид мебошад, ки бо он нигоҳ доштани сатҳи бадастомадаи даромаднокӣ, кам кардани зарари имконпазир, васеъ кардани доираи истеъмолкунандагони маҳсулот, васеъ кардани бозорҳои мавҷуда ва ба даст овардани бозорҳои нав ва ғайра фаҳмида мешавад.

Ҳамзамон, сармоягузориҳои корхонаҳои хурд самти инноватсионии возеҳ доранд, ки аз таърифи мо дар бораи моҳияти соҳибкории хурд бармеояд. Дар ҳақиқат, агар соҳибкории хурд фаъолияти фаъоли инноватсиониро дар назар дошта бошад, пас қисми зиёди сармоягузориҳои амалишаванда на бо барқарор кардани иқтидори омилҳои мавҷудаи истеҳсолот, балки бо тақвияти он ё эҷоди комбинатсияҳои нави омилҳо алоқаманд хоҳанд буд. Ин махсусан бо назардошти он муҳим аст, ки фаъолияти корхонаҳои хурд аз марҳилаи давраи ташаккулёбии моли истеҳсолшуда вобастагии калон дорад. Сармоягузориҳои амалишаванда бояд имкониятҳои афзояндаи такрористеҳсолкуниро дар марҳилаи афзоиш таъмин кунанд, аммо муҳимтар аз ҳама, ба назари мо, сармоягузорӣ дар марҳилаи таназзул аст, ки дар он як мол бояд бо дигараш иваз карда шавад. Набудани сармоягузорӣ дар ин лаҳзаҳо эҳтимолан ба муфлисшавии хурдтарин корхона оварда мерасонад.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, чунин тафсир кардан мумкин аст: сармоягузории соҳибкории хурд ин роҳи ташкили такрористеҳсоли соҳибкории хурд мебошад, ки ба афзоиш ё барқарор кардани иқтидори омилҳои такрористеҳсоли корхонаҳои хурд равона карда шудаанд, ки ҳадафи асосии онҳо инноватсия мебошад.

Аён аст, ки сармоягузории тиҷорати хурд дар шароити муайян ба вуҷуд меояд ва сурат мегирад. Шарт он чизест, ки чизи дигареро имконпазир месозад, чизи дигаре аз он вобаста аст, ки чизи дигареро муайян мекунад [8, с. 951]. Шартҳои зарурӣ он чизест, ки татбиқи моҳияти ин падидаро имконпазир месозад. Нисбат ба соҳибкории хурд он чизест, ки ягонагии самарабахши вазифаҳои соҳибмулк, менеҷер ва соҳибкорро дар корхонаҳои хурд таъмин мекунад ва ҳамзамон, татбиқи самараноки ҳамаи хосиятҳои муҳими корхонаи хурдро, ки мо муайян кардем.

Ҳамаи дигар зуҳуроте, ки ба раванди сармоягузории соҳибкории хурд таъсир мерасонанд, мо чунин тақсимотро бо он асоснок мекунем, ки хавф ва имкониятҳои маблағгузорӣ дар доираи раванди мушаххаси сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд ва аз ин рӯ, омилҳое мебошанд, ки танҳо ба ин зуҳурот хос ва шарт мегузоранд. Дар айни замон, шароит (масалан, вазъи иқтисодӣ, сатҳи пешрафти илмӣ-техникӣ ва ғайра) новобаста ба сармоягузорӣ аз ҷониби корхонаи хурд вуҷуд доранд.

Дар назарияи муосири идоракунӣ ҳанӯз дар солҳои 70-80-уми асри XX тафсири ширкат ҳамчун "системаи кушода" мустаҳкам карда шуд, ки барои зинда мондан ва муваффақияти ширкат аҳамияти ҳалкунандаи тамоми унсурҳои муҳити берунаро таъкид мекунад. Шартҳои берунии соҳибкориро бо роҳҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст. Масалан, А. Хоскинг ҳафт унсури асосии муҳити берунаро ҷудо мекунад: вазъи иқтисодӣ, вазъи сиёсӣ, муҳити ҳуқуқӣ, муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, муҳити физикӣ ё ҷуғрофӣ, муҳити технологӣ ва муҳити институтсионалии ташкилию техникӣ.

Тибқи ақидаи А. Шулус, шароитҳои муҳити берунаро ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Маҷмуи бозорҳои калидии соҳибкории хурд: захираҳо (воситаҳои истеҳсолот, иттилоот, қувваи корӣ, захираҳои молиявӣ) ва фурӯш;

2. Унсурҳои муҳити беруна аз муҳимтарин (аз нуқтаи назари корхонаи хурд) институтҳои бозорӣ (давлатӣ ва молиявӣ-кредитӣ) ва агентҳо (корхонаҳои калон ва миёна);

3. Маҷмуаҳои (блокҳои) муносибатҳои ҷамъиятӣ: ҳуқуқӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсӣ, ки мутаносибан дар қонунгузорӣ, анъанаҳо ва меъёрҳои ахлоқ, ҷойгиркунии қувваҳои сиёсӣ;

4. Ҳамгироии равандҳо ва падидаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ: конъюнктураи иқтисодӣ, ҷинояткорӣ, экология, пешрафти илмӣ-техникӣ, сохтори хоҷагии халқ ва ғайра;

5. Унсури махсуси муҳити берунии корхонаи хурд [13, с. 86-87].

Ҳамзамон, А. Неганди таснифи шароити равандҳои сармоягузории соҳибкории хурд аз рӯйи унсурҳоро ба истилоҳи "бисёрқабата" ба се ҷузъ пешниҳод намудааст:

- "муҳити иҷтимоӣ" - унсурҳо ва зерсистемаҳои тамоми ҷомеа, ки ба ташкилот таъсир мерасонанд (муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсат, идеология, фарҳанг, сохти давлатӣ ва қонунгузорӣ, маориф, психологияи ҷамъиятӣ, анъанаҳои маҳаллӣ ва миллӣ);

- "муҳити мувофиқ" ё "муҳити вазифа" - маҷмуи зерсистемаҳо ва унсурҳое, ки робита бо онҳо дар натиҷаи вазифаи хоси истеҳсолӣ ва хоҷагии ин ташкилот ба вуҷуд меояд (соҳибон ва саҳмдорони ширкат, сармояи бонкӣ, соҳа ва омили бартаридоштаи рақобат, таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон, танзими давлатӣ ва фармоишҳо, ҷойгиршавӣ ва муҳити табиӣ);

- "муҳити дохили ташкилӣ" - унсурҳо ва зерсистемаҳое, ки дар дохили ташкилот ҷойгиранд ва

дар асл аз ҷониби он назорат карда мешаванд, аммо барои воҳидҳои алоҳида, хидматҳо ва ғайра ҳамчун муҳити беруна (захираҳои моддӣ-техникӣ, қувваи корӣ, технология, андоза ва конфигуратсияи ҳудудии ширкат, сиёсати роҳбарияти олӣ ва махсусан иқлими ташкилӣ) амал мекунанд [2, с. 74].

Аммо новобаста ба таснифоти истифодашуда, таъсири муҳими шароити беруна ба ҷараёни равандҳои сармоягузории корхонаҳои хурд рад карда намешавад. Маҳз муҳити беруна фазои мусоид ё номусоиди сармоягузории минтақа ва умуман кишварро ба вуҷуд меорад.

Барои таъмин намудани рушди босуръати соҳибкории хурд нисбат ба ҳозира, фаъолгардонии таъсири мусбати он ба рушди иқтисодиёт ва ҷомеа бояд муносибати систематикӣ ба ташаккули шароити муносиб барои зуҳури моҳияти соҳибкории хурд ва хосиятҳои атрибутивии он амалӣ карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки на танҳо шароити мусоид барои як намуди муайяни корхонаҳо бояд мақсаднок ташкил карда шавад. Аммо бояд муҳити иқтисодиро ташаккул дод, ки дар он хосиятҳои атрибутивии корхонаҳои хурд аз ҷониби тамоми системаи иқтисодӣ талаб карда мешаванд, дар асоси рушди корхонаҳои хурд тавлид ва тақвият дода мешаванд.

Аз ҷумла, бояд чунин шароити умуми иқтисодӣ ташаккул ёбад, ки дар он:

- роҳи бартаридоштаи ба даст овардани даромад барои тамоми тиҷорат соҳибкорӣ хоҳад буд, на тақсимоти даромади аллакай таъсисёфта;
- тамоюли бартаридоштаи тамоми тиҷорат мутобиқ кардани истеҳсолот ва маҳсулоти он ба ниёзҳои харидорон хоҳад буд, на ба муштариён таҳмил кардани натиҷаҳои истеҳсолоти бесамар;
- воситаи ҳалкунандаи таъмини пирӯзии соҳибкорон дар муборизаи рақобатӣ навъи инноватсионии такрористеҳсолкунӣ хоҳад буд, на амалияи монополистӣ ва на иттифоқ бо намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;
- воситаи муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии тиҷорат на дастгирии давлатӣ, балки ҳавасмандгардонии шаклҳои гуногуни рақобат хоҳад буд;
- усули асосии мутобиқ кардани муҳити ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ ба эҳтиёҷоти соҳибкорон на сарпарастии давлат, балки тавсеаи иштироки мустақими ҳамаи категорияҳои тиҷорат дар ташаккули муҳити ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ хоҳад буд.

Роҳҳои ташаккули шароити номбаршуда гуногунанд, аммо се роҳи асосии онҳо:

- якум, таъмини ҳимояи пайдарпайи ҳуқуқҳои гуногуни моликияти онҳое, ки дар айни замон аз онҳо маҳрум шудаанд - саҳмдорони миноритарӣ, пасандоздорон, истеъмолкунандагон, ихтироъкорон, соҳибони қувваи корӣ, соҳибони сармояи зеҳнӣ, соҳибкорони хурд. Ин ҳимоя имкониятҳои соҳибкорони калонро барои тақсимоти даромади дигарон ба манфиати худ ба таври назаррас коҳиш медиҳад ва онҳоро маҷбур мекунад, ки ба соҳибкорӣ табдил ёбад;
- дуюм кам кардани хароҷоти транзаксионӣ тавассути сармоягузории васеи давлат ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, иттилоотӣ, нақлиётӣ, рости тиҷорат. Ин тадбир имкон медиҳад, ки бартариҳои муқоисавии тиҷорати хурд, ки аз чандирӣ, ҳаракат, ҳаракати сармоя иборат аст, амалӣ карда шаванд;
- сеюм, рушди пайдарпайи озодии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. "Озодии истеъмол ва озодии фаъолияти хоҷагидорӣ бояд дар шуури ҳар як шаҳрванд ҳамчун ҳуқуқҳои асосии дахлдор қабул карда шаванд. Таҷовуз ба онҳо бояд ҳамчун сӯиқасд ба сохти ҷамъиятии мо ҷазо дода шавад" [15, с. 19].

Рушди озодии иҷтимоию иқтисодӣ имконият фароҳам меорад, ки қувваҳои пешбарандаи иҷтимоии дохилии фаъолияти иқтисодӣ ва рушди иқтисодӣ амалӣ карда шаванд, ки ба туфайли мавҷудияти онҳо тиҷорати хурд бо тиҷорати калон рақобат мекунад ва дар бисёр ҳолатҳо аз он болотар аст.

Муваффақияти рушди иқтисодии капитализм, тавре ки таърих нишон медиҳад, бо фарқ кардани шаклҳои гуногуни мубодила ва институтҳои ба онҳо мувофиқ, омезиши самаранокии онҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, ки ба соҳибкорони алоҳида ва давлатҳои алоҳида афзалиятҳои муқоисавӣ фароҳам меорад, таъмин карда мешавад. "Ду хусусияти муҳимтарини рушди ғарбӣ ҷамъбасти механизмҳои (табодули ворид кардани муаллифон) сатҳи олӣ ва сипас зарб кардани шумораи роҳҳо ва воситаҳо мебошад" [1, с. 106]. Дар ин ҳолат, шарти зарурии чунин фарқият ва омезиши муассир нигоҳдорӣ ва такрористеҳсолкунӣ дар ҳама шаклҳо ва соҳаҳои фаъолияти иқтисодии он хусусиятҳои системавии фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар доираи як навъ ҳуҷайраи генетикии ибтидоии капитализми муосир - соҳибкории хурд ба вуҷуд меоянд ва инкишоф меёбанд.

**Ҳамин тариқ**, дастгирии инноватсия бояд тавассути ҳавасмандгардонии рақобат ва фароҳам овардани шароити баробар барои ҳамаи иштирокчиёни бозор амалӣ карда шавад. Раванди сармоягузорӣ бояд ба талаботи иқтисоди муосир ва хусусиятҳои дохилии низоми соҳибкории хурд мувофиқ бошад. Вазифаҳои раванди сармоягузорӣ танҳо ҳамон вақт пурра иҷро мегардад, ки агар бунёди низомҳои рақобатпазирии ҳамкории соҳибкории хурду калон ва низомҳои шарикии ҳамгироии соҳибкории хурд ба низоми умумии макроиқтисодии кишвар ба даст оварда мешавад.

## Адабиёт


1. Бродель Б. Материальная цивилизация и капитализм. Т. 2. Игры обмена пер. с фр. / Б. Бродель. - М.: Изд-во «Весь мир», 2006. - 672 с.
2. Иванов С.А. Системное управление факторами внешней среды как основа устойчивого развития малого предпринимательства / С.А. Иванов. - СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2000. - 180 с.
3. Ковалёв В.В. Введение в финансовый менеджмент / В.В. Ковалёв. - М.: Финансы и статистика, 2001. - 260 с.

4. Котлер Ф. Маркетинг менеджмент. Анализ, планирование, внедрение, контроль / Ф. Котлер. - СПб.: Питер Ком, 1999. - 896 с.
5. Комилов С.Дж. Мониторинг качества жизни в системе анализа индекса развития человеческого потенциала /С.Дж. Комилов, Т.А. Алимардонов//Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Сборник материалов международной научно-практической конференции: под общей редакцией Факерова Х.Н. и Раджабова Р.К. - Душанбе: ТГУК. - 2019. - С.312-319.
6. Комилов С.Дж. Формирование инновационного потенциала как условие индустриально-инновационного развития национальной экономики. /С.Дж. Комилов// Проблемы современной экономики. - Санкт-Петербург. - 2019. - №2(70). - С.157-160.
7. Комилов С.Дж. Особенности занятости в условиях индустриально-инновационного развития /С.Дж. Комилов, Ш. Сафар// Таджикистан и современный мир. – Душанбе. - 2019. - №5(68). - С.68-78.
8. Краткий экономический словарь / под ред. А.Н. Азрилияна. 4-е изд. доп. - М.: Институт новой экономики, 2008. – 1088с.
9. Рубе В.А. Институциональные аспекты организации малого бизнеса в развитых странах и в России. Учебное пособие / В.А. Рубе. - М.: ИНФРА-М, 2004. - 980 с.
10. Сафаров, Б. Г. Динамика и структура привлечения иностранных инвестиций в открытую экономику Республики Таджикистан / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 2. – С. 65-70.
11. Хосткин А.Дж. Доверие: деньги, рынок и общество / А.Дж. Хосткинг. - М.: Московская школа политических исследований, 2012. - 79 с.
12. Чепуренко А.Ю. Малый бизнес в рыночной среде. Учебное пособие / А.Ю. Чепуренко. - М.: Издательский дом Международного университета в Москве, 2006. - 180 с.
13. Шулус А. Становление системы поддержки малого предпринимательства в России / А. Шулус // Российский экономический журнал. - 1997. - №5. - С. 85-94.
14. Шодиев К.Қ. Шаклҳои дастгирии молиявии рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ / К.Қ. Шодиев, Қ.Қ. Фатҳиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. - 2020. - №1(21). - С. 147-153.
15. Эрхард Л. Благосостояние для всех. пер. с нем. / Л. Эрхард. - М.: Начала-Пресс, 1991. - 320 с.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Нурализода Амрулло Назрулло** - н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14. E-mail: amrullon@mail.ru, Телефон: +992 918757668.

**Салиева Ҳилола Шодибоевна** - н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе. Тел.: +992 933232222, E-mail: shilola.86@mail.ru

**Ли Литин** - аспиранти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 30. Тел.: +372 2271571.

**Информация об авторах:**

**Нурализода Амрулло Назрулло** – к.э.н., доцент кафедры налога и страхования, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 918757668. E-mail: amrullon@mail.ru.

**Салиева Хилола Шодибоевна** – к.э.н., доцент кафедры экономики и управления филиала Национального исследовательского и технологического университета МИСиС в г. Душанбе. Телефон: +992 933232222. E-mail: shilola.86@mail.ru.

**Ли Литин -** аспирант кафедры экономической теории и мировой экономики Российско-таджикского (Славянского) университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсун-заде 30. Телефон:+372 2271571.

**Information about the authors:**

**Nuralizoda Amrullo Nazrullo** – Ph.D., Associate Professor of the Department of Taxation and Taxation, Tajik State University of Financial Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. E-mail: amrullon@mail.ru. Phone: +992 918757668.

**Salieva Khilola Shodiboevna** – Ph.D. in Economics, Associate Professor of the Department of Economics and Management of the branch of the National Research and Technological University “MISiS” in Dushanbe. E-mail: shilola.86@mail.ru. Phone: +992 933232222,

**Li Liting** - is a graduate student at the Department of Economic Theory and World Economy (Slavic) University of Russia and Tajikistan. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursun-zade 30. Phone:+372 2271571.

**УДК:336.71**

**АРЗЁБИИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРИИ БОЗОРИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚАҲО**

**Одинаев Абдухолиқ Саторович**
**Мирзоев Сайали Сайвалиевич**

***Аннототсия.*** Дар мақола самтҳои асосии бозори қарзи бонкӣ дар минтақаҳо ҳамчун нишондиҳандаи калидии омори макроиқтисодӣ, қарзгузории бонкҳо дар минтақаҳо бо пули миллӣ, баҳои омории самараноки бозори қарз, иқтидори таъминокии қарз дар минтақаҳо ва истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада баррасӣ карда шуда, дар такя ба мавқеи илмии олимони ватанию хориҷӣ масъалаи мазкур мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Собит карда шуда аст, ки арзёбии омории бозори қарз ва иқтидори таъминокии қарз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳлили омории сохторӣ ба даст оварда мешавад. Қайд карда мешавад, ки бозори қарзи бонкӣ яке аз унсурҳои таркибӣ ва мустақили бозори молиявӣ буда, ҳамчун омили устуворгардонии нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодӣ ва умуман, иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Бозори рушдкардаи қарзи бонкӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ шароити созгорро ба вуҷуд меорад.
**Калидвожаҳо:** бозори қарзи бонкӣ, молия, сатҳи зиндагӣ, қиёспазирии оморӣ, лизинг, хизматрасониҳои молиявӣ, қарзи кредиторӣ.
**Барои иқтибос:** Одинаев А.С. Арзёбии иқтисодӣ-омории бозори қарзи бонкӣ дар минтақаҳо / А. С. Одинаев, С. С. Мирзоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 189-194.

**ЭКОНОМИКО-СТАТИСТИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА РЫНКА БАНКОВСКИХ КРЕДИТОВ В РЕГИОНАХ**

**Одинаев Абдухолик Саторович**
**Мирзоев Саяли Саялиевич**

***Аннотация.*** В статье рассмотрены основные направления развития рынка банковских кредитов в регионах как ключевой показатель макроэкономической статистики, банковское кредитование регионов в национальной валюте, эффективная статистическая оценка рынка кредитов, потенциал кредитной экспансии в регионах и обсуждается практическое использование полученных результатов, исходя из научной позиции отечественных и зарубежных ученых, анализируется и изучается данный вопрос. Доказано, что статистическая оценка кредитного рынка и потенциала улучшения кредитования в регионах Республики Таджикистан может быть достигнута посредством структурного статистического анализа. Отмечается, что рынок банковских кредитов является одним из составных и самостоятельных элементов финансового рынка и рассматривается как фактор стабилизации показателей макроэкономического развития и национальной экономики в целом. Развитый рынок банковского кредита создает благоприятные условия для повышения уровня и качества жизни населения.
**Ключевые слова:** рынок банковского кредита, финансы, уровень жизни, статистическая сопоставимость, лизинг, финансовые услуги, кредиторская задолженность.

**ECONOMIC AND STATISTICAL ASSESSMENT OF THE BANK LOAN MARKET IN THE REGIONS**

**Odinaev Abdukholiq Satorovich**
**Sayali Sayalievich Mirzoev**

***Annotation.*** The article examines the main directions of development of the bank loan market in the regions as a key indicator of macroeconomic statistics, bank lending to regions in national currency, effective statistical assessment of the loan market, the potential for credit expansion in the regions and discusses the practical use of the results obtained, based on the scientific position of domestic and foreign scientists , this issue is analyzed and studied. It has been proven that a statistical assessment of the credit market and the potential for improving lending in the regions of the Republic of Tajikistan can be achieved through structural statistical analysis. It is noted that the bank loan market is one of the integral and independent elements of the financial market and is considered as a factor in stabilizing macroeconomic development indicators and the national economy as a whole. A developed bank loan market creates favorable conditions for improving the level and quality of life of the population.

**Key words:** bank loan market, finance, standard of living, statistical comparability, leasing, financial services, accounts payable.

**Гузориши масъала.** Устувории рушди иқтисодии кишвар, инчунин минтақаҳои он, аз ҷумла фаъол гардидани фаъолияти бонкӣ аз сатҳи қарздиҳии истеъмолӣ вобаста аст. Арзёбии омории самаранокии бозори қарз ва иқтидори таъминокии қарз дар минтақаҳо тавассути таҳлили омории сохторӣ ба даст оварда мешавад. Бозори қарз яке аз унсури таркиби ва мустақили бозори молия буда, ҳамчун омили калидии такондиҳандаи иқтисоди муосир ба дигар нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодӣ ё дар маҷмуъ, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Вобаста ба масъалаи мазкур як қатор олимони хориҷиву дохилӣ аз ҷумла, А.Маршал, Плошко И.И., Ю.Н. Иванов, Элтетэ ва Кэвеш, Шултс, Солиев М.Н. ва амсоли онон корҳои илмиро ба сомон расонидаанд.

**Мақсади мақола** –ин арзёбии иқтисодӣ-омории бозори қарзи бонкӣ дар минтақаҳо махсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Қобили зикр аст, ки омилҳои берунӣ ва дохилӣ, аз ҷумла таҳримҳои иқтисодӣ дар давраи муосир ба бозори қарз ва дар маҷмуъ, ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири бевосита мерасонанд. Ҳамзамон, омилҳои мазкур бо воситаи низоми нишондиҳандаҳои бозори қарзӣ ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ низ таъсиррасон буда, зарурияти омӯзиш ва таҳлили механизми бозори мазкурро тақозо менамояд.

Ба ақидаи аксари олимони соҳа «бозори қарз хусусияти объективии низомии иқтисодӣ мебошад ва тавсифи он бо фаъолияти воқеии рушди иқтисодиёт муқоиса карда мешавад". Бо ин маъно, таҳқиқоти назариявии рушди бозори қарз аҳамияти бузурги амалӣ дошта, бевосита бо назардошти низоми нишондиҳандаҳое, ки сохтори онҳоро инъикос мекунанд, гузаронида мешавад.

Падидаи рӯи коғаз овадашуда ба ақидаи муаллифон талаботро аз нигоҳи назариявӣ қонеъкунанда набуда, такмилдиҳии хизматрасониҳоро дар бозори қарз бе дахолати мақомотҳо ба роҳ мондан зарур дониста мешавад. Дар ин маврид талаботи аҳолӣ вобаста ба минтақа низ ба назар гирифтан аз манфиат холӣ нест. Маҳз муаммои мазкурро ба назар гирифта, иқтидори қарзро дар минтақаҳо мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Сараввал ба мафҳум ва моҳияти истилоҳи иқтидор назар менамоем. Истилоҳи иқтидор вобаста ба соҳаҳо мазмуни калони илмию амалӣ дошта, дар бештари адабиёти иқтисодӣ захираро дар назар мегирад. Масалан олими украинӣ Плошко И.И., дар маколаи худ бо номи «Таҳлили иқтисодии қувваи корӣ ва иқтидори он» бештар ба захираҳои кадри такия намуда, қайд менамояд, ки: "Чи қадар захираи кадри вобаста ба самт зиёд бошад иқтидори кадрӣ аз ҳисоби коэффитсиент самаранокии хуб нишон дода, ба дигар самтҳо таъсиррасон мегардад. Масалан, рақобати кадри сифати истеҳсол ва хизматрасонӣ, масъулият ва дар маҷмуъ сатҳ ва сифати хуби зиндагӣ". [1, с93-97]. Вобаста ба ин, ақидаи овардашуда дар бозори қарз истилоҳи иқтидор ба сифати имконияти вуҷуддошта, тавоноии молиявӣ, манъбаи захираи молиявӣ, садуқи қарзӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дорад. Хулоса вобаста ба самти таҳлил синоним ё ҳаммуродифи калима бо тавсифи муаллифӣ вохурда мешавад. Бо ақидаи Изаттулоев М., дар соҳаи сармоягузорӣ "ба иқтидор на танҳо васоитҳои бозоргир, инчунин васоити ғайриталаботӣ ё захираҳо дохил мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ мариди истифода қарор мегирад" [2, с93-97].

Тафсифи иқтидори бозори қарзӣ аз тарафи муҳаққиқон дар таҳлилҳои назариявӣ мафҳуми иқтидорро аз уҳдадорӣ ҷудо менамояд, аммо бо ақидаи муаллиф агар шахсият иқтидори фаъолияти кори надошта бошад, масъулият дар уҳдадорӣ ба воситаи этимолият ё эҳтимол арзёбӣ мегардад. Дар ин мисол шуда метавонад қарздории корхона ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ аз рӯи уҳдадорӣ.

**Ҷадвали 1.**-Сохтори қарздории корхона ва ташкилотҳо ҷумҳурӣ аз рӯи ӯҳдадорӣ (дар охири сол, ҳазор сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи қарздорӣ аз рӯи ӯҳдадорӣ | 44205244,6 | 72973317,5 | 92747494,3 | 136743681,5 | **94734202,9** | **102254498,5** |
| аз он ҷумла: муҳлаташ гузашта | 173291,6 | 965503,5 | 2223942,1 | 3490669,7 | 4218774,9 | 3809560,9 |
| Аз ҷамъи қарздорӣ қарзи кредиторӣ | 35481631,5 | 50905581,0 | 66335053,6 | 83830420,2 | 60526147,2 | 63185470,7 |
| аз он ҷумла: муҳлаташ гузашта | 152338,0 | 828255,7 | 2082464,4 | 1854585,3 | 2261698,3 | 2015022,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарздорӣ аз рӯи қарзҳои бонкҳо аз он ҷумла: муҳлаташ гузашта | 5312717,3 | 17996480,1 | 24807109,4 | 42482681,1 | 20930250,4 | 38976805,4 |
| | 76811,7 | 137247,8 | 141477,7 | 1560817, 0 | 1957637,7 | 1795945,9 |
| Қарздорӣ аз рӯи вомбарг аз он ҷумла: муҳлаташ гузашта | 3410895,8 | 4071256,4 | 1605331,3 | 10430580,2 | 13277805,3 | 92222,4 |
| | 20637,5 | - | | 75267,4 | -561,1 | -1407,2 |

**Манбаъ:** Омори молия саҳифаи 2022сол - 419.

Мувофиқи рақамҳои омори расмӣ ҷамъи қарздорӣ аз рӯи ӯҳдадорӣ соли 2022 нисбати соли 2017 ба андозаи 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин фарқият на он қадар калон аст. Тибқи ақидаҳои олимони классикии соҳаи иқтисодиёт агар таваррум ба назар гирифта шавад, нишондиҳанда дар намуди якранг бетағйир мондааст. Лекин бояд қайд намоем, ки дар баробари гуфтаҳои боло адои уҳдадорӣ яке аз шартҳои асосии бозори қарзӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯи усули афзоиши мутлақ бошад тағйироти зикршуда ба 58049253,9 ҳаз. сомонӣ рост меояд, ки 0,56% соли 2022-умро ташкил медиҳад. Ҷиҳати фаҳмо гардидани нишондиҳандаҳои боқимонда сохтори қардории корхона ва ташкилотҳои ҷумҳуриро аз рӯи уҳдадорӣ дар расми зер пешниҳод менамоем.




**Расми 1.-** Сохтори қарздории корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи уҳдадорӣ.

**Манбаъ:** Омори молия 2022 сол, дар асоси рақамҳои ҷадвал аз тарафи муаллиф ҳисоб ва таҳия ва тартиб дода шудааст.

Нишондиҳандаи аввал ҷамъи қарзи кредиторӣ аз соли 2017 якбора рӯй ба коҳишёбӣ ниҳодааст. Ин нишондиҳанда соли 2022 назар ба соли 2017 ба андозаи -18,5% коҳиш ёфтааст. Қарздори аз рӯи қарзи бонкҳо бошад, баракс, соли 2017 ва 2019 якранг, яъне 12% дар баробари ин соли 2022 се баробар нисбати солҳои 2017-2019 афзоиш дорад. Аз ин бар меояд, ки ҷалби корхонаҳо ба қарзи бонкҳо зиёд гаштааст, яъне саҳми бонкҳо ва ташнилотҳои молиявӣ-қарзӣ дар ин ҷодда хуб арзёбӣ мегардад. Қарзҳо аз рӯи вобаргҳо соли 2022 назар ба соли 2017 дар ҳаҷми -7,6% коҳиш ёфтааст, ки нуқтаи аз ҳама нигаронкунандаи соли 2022 мебошад. Ҳолати мазкур ба рушди корхонаву ташкилотҳо мустақиман таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳарчанд дар бозори қарзӣ истилоҳи қарздорӣ аз руи уҳдадорӣ танҳо дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ бештар ба назар мерасад, муаллифон онро низ дар шакли умумӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, маҷмуи иқтидори бозори қарзиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, воҳидҳои ҷудогонаи бозори қарзӣ вобаста ба миқдор ва сифати фаъолияти онҳо дар назар доранд. Ба ақидаи муаллифон **иқтидори бозори қарзиро** тамоми имконоти вуҷуддоштаро вобаста ба шароит, боваринокӣ, устувории молиявӣ дар соҳаи мазкур дуруст меҳисобад. Дар адабиёти классикии иқтисодӣ қайд мешавад, ки баробарии иқтидори бозори қарзии як мамлакат дар шакли тавозун дида мешавад. Масалан олими олмонӣ А.Маршал баробариро дар

минтақаҳои мамлакат бо тартиби зерин арзёбӣ менамояд:

$$IK=\sum IKM; (1)$$

Дар инҷо: IK –иқтидори (потенсиал) бозори қарзӣ;

∑ IKM- ҳаҷми умумии қарзҳо дар минтақаҳои кишвар.

Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки бозори қарзӣ дар омори молия аз руи аломатҳои махсус муаян карда мешавад, аз ҷумла:

- ҳаҷми ҷалб ва тақсимоти захираҳои бозори қарзӣ дар минтақа;
- тавсифи омории имконият ва тавоноии пешниҳоди қарз дар минтақа.

Вобаста ба аломатҳои овардашуда бояд қайд намуд, ки иқтидори бозори қарзӣ чун маҷмуи иқтидори ҷалбнамоии воситаҳои истифоданашуда, марбут ба минтақа номидан мумкин аст.

Бояд тазаккур дод, ин муаммои дигари рушди бозори қарзии минтақавӣ мебошад, ки барои расидан ба ин мақсад, яъне ноилгардӣ ба сатҳи зарурии рушди бозори қарзӣ ҳаҷми ҷалби иқтидори қарзиро ба нуқтаи кулминатсионӣ расонидан зарур аст.

Самаранокии бозори қарзии мнтақавиро бо усули афзоиши мутлақ чунин муайян кардан мумкин аст:

$$SBK=IBK-GIBK \quad (2)$$

Дар инҷо: SBK-самаранокии иқтидори бозори қарзӣ;

IBK- иқтидори пурраи бозори қарзӣ;

GIBK-ҷалби иқтидори минтақавии бозори қарзӣ.

Барои истифодаи амалии мафҳум ва моҳияти иқтидори бозори қарзӣ ба ақидаи мо сатҳҳои зеринро бояд мавриди таҳқиқ қарор дод:

- ✓ сатҳи рушди бозории қарзии минтақавӣ (бо истифодаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ);
- ✓ муаяннамоии имконияти максималии сатҳи рушди бозори қарзи дар шароити муайяни таҳлилӣ;
- ✓ ошкорнамоии сатҳи иқтидори бозори қарзӣ (васоит ё захираҳои истифоданашуда);
- ✓ қиёспазирии нобаробарии минтақавӣ дар робита бо дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ;
- ✓ таҳлил ва ошкорнамоии сатҳи баланди нархҳо ба хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла фоизҳои баланд аз рӯи қарзҳо. [3, с93-97]. (СМР-2030)

Зери маҳфуми иқтидори истифоданашуда, захираҳо ва иқтидори тавоноии рушди бозори қарзии минтақа истифода мегардад. Барои тавсиф ва таҳлили миқдории иқтидории истифоданашудаи бозори қарзӣ таҳлили қиёспазирии оморӣ ба мақсад мувофиқ аст. Барои таҳлили қиёспазирии оморӣ баҳои рейтингӣ вобаста ба соҳа, минтақа ва дигар ҷиҳатҳо дар адабиёти иқтисодӣ-оморӣ васеъ истифода гаштааст. Масалан дар васоити таълимии Солиев М.Н., "Математикаи олӣ дар иқтисодёт" "Усули коркарди арзёбии рейтингии оморӣ ин усулҳои таҳлилии баҳои комплексии детерминированидашуда, ба монади: ҷамъи нишондиҳандаҳо, усули баҳои коэфитсиенти, яъне усули ҷамъ аз руи макон, замон, фосила ва ғ., мебошад". [4, с93-97]. Яке аз усулҳои маъмул ва мақбули ҳисобии арзёбии омории рейтингӣ ин усули фосилавӣ ва модификатсияи вай мебошад, ки ҳамчун коэфитсиенти вазнӣ истифода мешавад. Моҳияти усули мазкур ошкорнамоии тамоюли наздикшавии объекти таҳлилшаванда бо омузиши арзёбии нишондиҳандаҳо ба объект ва маҳак мебошад. Зери маҳаки минтақа объекти шартӣ бо нишондиҳандаҳои калидии бозори карзи истифода мешавад, ки аз нигоҳи назариявӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ ҳамчун нишондиҳандаи рушди бозори қарзӣ ном бурда мешавад. Бештари маврид рушди бозори қарзӣ сол то сол афзоиши нишондиҳандаҳоро дар назар дорад, лекин аз тарафи дигар, ҳангоми ҳиссаи зиёди қарз маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ифода менамояд.

Вобаста ба усулҳои гуфташудаи боло на танҳо усулҳои қаторҳои вақтӣ рушди бозорӣ қарзиро ифода карда метавонад, инчунин муқоисаи ду минтақа, ва ё якчанд минтақа ҳамзамон мумкин аст сатҳи имконияти истифодаи иқтидори бозори қарзиро муаян кард. Бо ин васила, пояи асоси ҳисобӣ барои арзёбии оморӣ ва муайяннамоии рейтинг, натиҷаи баланд аз маҷмуи минтақаҳои қиёсгашта дар муҳити бозори кунунӣ баромад менамояд. Бояд тазаккур дод, ки дар амалияи омори байналмилалӣ тибқи усули индекси қиёспазирии минтавқавӣ гузаронида мешавад. Чунин амалиёт бо усули Индекси ЭКШ ҷиҳати расидан ба мақсади таҳқиқот мусоидаткунанда мебошад. Ба ақидаи олими рус Ю.Н. Иванов "Индекси мазкур тавсифдиҳандаи бартарият ва ё рейтинги минтақаҳои қиёсшаванда мебошад, ки моҳиятан бо ҳисоби миёна чанд андоза аз якдигар пешсафӣ дорад, муайян мегардад. [5, с93-97]. Истилоҳи ЭКШ сарҳарфҳои насаби се олимони соҳаи омор (олимони венгерӣ - Элтетэ ва Кэвеш, инчуни олими полиякӣ Шултс [6, с93-97]. мебошад. Усули мазкур дар рафти гузаронидани таҳлилҳо мавриди истифода қарор гирифта, то кунун дар сатҳи байналмиллалӣ истифода мегардад. Формулаи ҳисобӣ чунин намуд дорад:

$$ЭКШ = \sqrt[n]{\left(F_{A/B}\right)^2 \frac{F_{AJ}}{F_{BJ}}} : \qquad (3)$$

Дар асоси ақидаҳои қайдгашта, истифода аз маълумотҳои расмии блютени омори бонкӣ бозори қарзи минтақаҳои ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

**Ҷадвали 2.**-Қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи минтақаҳо (ҳаз.сомонӣ, дар давра)

| Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аломати шартӣ | Соли 2022 | Муқоисаи минтақаҳо бо якдигар ва дар маҷмуъ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | В.Суғд | В.Хатлон | НТҶ | ВМКБ | Ҳамагӣ |
| | | | **A** | **B** | **C** | **D** | ∑ |
| В.Суғд | **A** | 499587,9 | - | 1,53 | 2,25 | 34,3 | 47,1 |
| В.Хатлон | **B** | 326527,0 | 0,65 | - | 1,47 | 22,4 | 30,7 |
| НТҶ | **C** | 221579,9 | 0,44 | 0,67 | - | 15,2 | 20,8 |
| ВМКБ | **D** | 14563,3 | 0,02 | 0,04 | 0,06 | - | 1,4 |
| Ҳамагӣ | ∑ | 1062258,1 | 47,1 | 30,7 | 20,8 | 1,4 | 100 |

**Сачашма:** Ҷадвал дар асоси маълумоти блютени омори бонкӣ, 2022 сол 12 (329) , аз тарафи муаллиф таҳия ва ҳисоби шудааст.

Истифода аз формулаи овардашуда ва ҷадвали ҳисобии муаллиф чунин натиҷа ба даст оварда шуд:

$$ЭКШ = \sqrt[4]{(0{,}65)^2 \left(\frac{0{,}44}{0{,}67}\right)\left(\frac{0{,}02}{0{,}04}\right)} = \sqrt{0{,}139} \;\; = 0{,}37.$$

Моҳияти индекси ЭКШ дар он аст, ки норасоии пешниҳоди маблағи қарзро дар минтақаҳо бо ҳисоби миёнаи банди фоизӣ пешниҳод менамояд. Асос бо натиҷаи бадастовардашуда мувофиқи назария агар тақсимоти сохтори хуб бароҳ монда шуда бошад ба 1 баробар мегардад. Ҳангоме, ки нобаробари дар талабот ва таклифоти бозори қарзӣ вуҷуд дошта бошад ба камшавӣ ва дар ҳолати иешниҳоди аз меъёр зиёд аз 1 боло мегардад.

Мутобиқи натиҷаи ноилгардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар минтақаҳо на он қадар алоқаманди байни онҳо ва бозори қарзӣ вуҷуд дорад. Дар баробари ин мумкин аст, минтақаҳоро дар шакли ҷудогона баҳогузорӣ намуд. Дар асоси таҳлили овардашуда, қобили қайд аст, ки аз ҳама минтақаи пешсаф вилояти Суғд буда, нисбатан бодигар минтақаҳо дар ҳаҷми 47,1% мавқеъи аввалро касб намудааст. Дар ҷойи дуюм вилояти Хатлон аз ҳисоби шумораи аҳолӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ қарор дорад. НТМ 20,8% ва ВМКБ ба 1,4% баробар гаштааст.

**Хулоса.** Аз таҳқиқоти гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки минтақаҳоро мутобиқ бо имконият ва такомули рушди бозори қарзи бонкӣ мавриди омӯзиш бояд қарор дод. Мавриди зикр аст, ки агар бозори қарзи бонкӣ дар минтақаҳо рушд намояд, пас таъсири мусбии он бевосита ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мерасад. Комилан зарур үониста мешавад, ки иқтидори бозори қарзи бонкӣ вобаста ба талабот ва таклифот дар минтақаҳо мавриди амал қарор дода шавад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, ба як қатор муаммоҳо ва пешниҳодҳо ақидаҳои худро мутамарказ менамоем:

1.Зарурияти интихоби нишондиҳандаҳои калидии бозори қарз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботи онҳо мавриди таҳқиқ қарор додан бомаврид аст**.**

2.Зарурияти интихоб ва мувофиқатии нишондиҳандаи ҳаҷми иқтисодиёт вобаста ба вакт.

3.Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои асосии қарзҳои пешниҳодшуда, истифода аз таҳлилҳои намуда, зарурияти танзими он вобаста ба ҳолати бозорӣ ва бозоргирӣ дар давраи муайян.

4.Банақшагирӣ ва дурнамо вобаста ба танзими пулҳои дар муомилот буда. Тавассути он метавон самти рушди ояндаи бозори қарзӣ ва устувории иқтисодиёти миллиро муайян намуд.

5.Таҳияи ташабуссҳои стратегӣ барои ҷалби захираҳои маҳдуд бахри татбиқи боварӣ ба хизматрасонии бонкӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6.Ноил гардидан ба ҳадаф ва истифодабарии максималии бартариятҳои қарзҳои бонкӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта.

**Адабиёт:**


1. Блютени омори бонкӣ 2021/12 (224) ва 2022/12(329).
2. И.И.,Плошко Эфективност потнциал рабочий сила в рынок труда //монография. Киев 2022. Саҳ.239
3. Иванова Ю.Н. Экономическая статстика.2-е изд., доп.: Учебник под ред.Ю.Н.Иванова.-М.: ИНФОРМ-М.2000, саҳ.210-211.
4. Изатуллоев М.Н.,Таҳлили омори иқтисодии сармояи хориҷӣ дар давраи муносибатҳои иқтисодӣ ДДМИТ Молия ва иқтисод саҳ.128.

5. Маҷмӯаи оморӣ молияи Тоҷикистон: 30 – соли истиқлояти давлатӣ : саҳ.437.
6. Омори молия саҳифаи 2022 сол-419
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022.-429с.
8. Солиев М.Н., Математикаи оли дар иқтисодиёт васоити таълимӣ душанбе 2021 саҳ.66-67.
9. Статистика: учебник\под ред. ИИ Елесеева-М:Издателство Юрайт, Висшееобразавание,2010 саҳ. 229.
10. Фридман, М.: Количественная теория денег/ М.Фридман. -М., 1996 - 296 с
11. Холов Р.Ш Таҳлили сохтории таъсири омилҳо ба сатҳ ва динамикаи монетизатсияи иқтисодиёт./Р.Ш. Холов// Паёми молия ва иқтисод (маҷалаи илмӣ-амалӣ) Душанбе-2020.№1(9). –с129-140.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Одинаев Абдухолиқ Саторович** - муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон:919-33-63-63, E-mail: Odinaev- 8686@mail.ru

**Мирзоев Сайали Сайвалиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: 919-00-11-02, E-mail: sajali_76@mail.ru

**Информация об авторах:**

**Одинаев Абдухолик Саторович** – старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 919-33-63-63, E-mail: Одинаев-8686@mail.ru

**Мирзоев Саяли Саялиевич** – кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики Национального университета Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: 919-00-11-02, E-mail: sajali_76@mail.ru

**Information about the authors:**

**Odinaev Abdukholiq Satorovich** - senior lecturer of the department of economic analysis and statistics of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14. Phone: 919-33-63-63, E-mail: Odinaev-8686@mail.ru

**Sayali Sayalievich Mirzoev** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Statistics Department of the National University of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 919-00-11-02, E-mail: sajali_76@mail.ru

---

**УДК: 336.14(575.3)**

## ТАҲЛИЛИ МОДЕЛҲОИ МАВҶУДАИ АУДИТИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ДАР НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**
**Орзуев Парвизҷон Ҷамолидинович**

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур таҳлили моделҳои мавҷудаи аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар назорати давлатии молиявии мамлакатҳои хориҷӣ таҳқиқ карда шудааст. Алалхусус ба назария, амалия ва мушкилоти мавзуи мазкур дар таҷрибаи давлатҳои гуногун нуқтаҳои назари муаллиф хеле рузмарра баён гардидаанд. Муаллиф исбот намудааст, ки дар бахши хусусӣ, аудити молияи давлатӣ танҳо барои арзёбии мувофиқат бо сиёсат ва расмиёти созмон ва таъмини арзёбии дороиҳо пешбинӣ шудааст. Дар бахши давлатӣ эҳтиёҷоти афзоянда ба аттестатсияи хидматӣ ҳеҷ гоҳ баланд набуд. Дар баробари ин муаллиф ақидаи худро ҷиҳати кишварҳо, ки дар онҳо хатти ҳисоботдиҳӣ то сатҳи дигар тақвият дода шавад ва мавқеи аудити самаранокӣ дар сохтори ташкилӣ бояд дар сатҳи олӣ ҷой дошта бошад, то объективият ва мустақилиятеро, ки стандартҳои аудити самаранокӣ талаб мекунанд, таъмин намояд, хело бо маврид ба риштаи таҳқиқ даровардааст.Таҷрибаи як катор давлатҳоро оид ба аудити самаранокӣ баҳогузорӣ намудааст, ба монанди ФР, ИМА, Канада, Британияи Кабир, Олмон, Кения, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ.

**Калидвожаҳо:** аудити самаранокӣ, истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, назорати давлатии молиявии мамлакатҳои хориҷӣ, моделҳо, тафтишоти берунаи аудиторӣ, аудити молиявӣ, стандартҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ.

**Барои иқтибос:** Хушвахтзода Қ.Х., Орзуев П.Ҷ. Таҳлили моделҳои мавҷудаи аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар назорати давлатии молиявии мамлакатҳои хориҷӣ / Қ.Х. Хушвахтзода П.Ҷ. Орзуев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). - С. 194-204

## АНАЛИЗ СУЩЕСТВУЮЩИХ МОДЕЛЕЙ ЭФФЕКТИВНОГО АУДИТА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ В ГОСУДАРСТВЕННОМ ФИНАНСОВОМ КОНТРОЛЕ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

**Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт**
**Орзуев Парвизджон Джамолидинович**

**Аннотатсия.** В данной статье изучен анализ существующих моделей аудита эффективности использования бюджетных средств в государственном финансовом контроле зарубежных стран. В частности, весьма ежедневно высказываются авторские точки зрения на теорию, практику и проблемы данной темы в опыте разных стран. Автор доказал, что в частном секторе аудит государственных финансов предназначен только для оценки соблюдения политики и процедур организации и обеспечения оценки активов. В государственном секторе растущая потребность в сертификации услуг никогда не была такой высокой. В то же время автор высказывает свое мнение о странах, где линия отчетности должна быть усилена на другой уровень, а место аудита эффективности в организационной структуре должно быть на самом высоком уровне, чтобы обеспечить объективность и независимость, требуемые стандартами. аудита эффективности. Он случайно ввёл его в область исследований. Он оценил опыт ряда стран по аудиту эффективности, например, ФРС. США, Канада, Великобритания, Германия, Кения, Королевство Саудовская Аравия.

**Ключевые слова:** эффективный аудит, использование бюджетных средств, государственный финансовый контроль зарубежных стран, модели, внешний аудит, финансовый аудит, международные стандарты, частный сектор.

## ANALYSIS OF EXISTING MODELS OF EFFECTIVE AUDIT OF THE USE OF BUDGET FUNDS IN STATE FINANCIAL CONTROL OF FOREIGN COUNTRIES

**Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht**
**Orzuev Parvizjon Jamolidinovich**

**Annotation.** This article examines the analysis of existing models for auditing the effectiveness of the use of budget funds in state financial control of foreign countries. In particular, the author's points of view on the theory, practice and problems of this topic in the experience of different countries are expressed quite daily. The author has argued that in the private sector, public finance audits are only intended to assess compliance with an organization's policies and procedures and provide valuation of assets. In the public sector, the growing need for service certification has never been greater. At the same time, the author expresses his opinion about countries where the reporting line should be strengthened to another level, and the place of performance auditing in the organizational structure should be at the highest level to ensure the objectivity and independence required by the standards. performance audit. He accidentally introduced him into the field of research. He assessed the experience of a number of countries in performance auditing, for example, the Federal Reserve. USA, Canada, UK, Germany, Kenya, Kingdom of Saudi Arabia.

**Key words:** effective audit, use of budget funds, state financial control of foreign countries, models, external audit, financial audit, international standards, private sector.

**Гузориши масъала.** Таҳқиқотҳо нишон Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди аксарияти медиҳанд, ки методикаи аудити самаранокӣ дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ дар мисоли таҷрибаи ҷаҳонии

чунин амалиётҳо коркард шудааст. Аввалин маротиба ин мафҳум дар ҳуҷҷати ташкилоти Байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ) соли 1977 ворид карда шудааст. Илова бар ин, яке аз воситаҳои самараноки назорат ва идоракунии ахлоқӣ дар мақомоти давлатӣ метавонад вазифаи аудиторӣ бошад. Соли 2004 ташкилоти мазкур Дастуреро оид ба амалисозии аудити самаранокӣ аз нашр баровардааст, ки он маҷмӯи асосии мафҳумҳо, категорияҳо ва нишондиҳандаҳо ин намуди аудитро муфассал ифода намудааст. [8, с.361-366].

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Барои дарк намудани моҳият ва мухтавои аудити самаранокии хароҷоти давлатӣ мақбул аст, ки вай аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ карда шавад. Бинобар ин, мо барои муайян кардани ҷиҳатҳои асосии назариявии омӯзиши масъалаи мазкур асарҳои олимони хориҷиро ба таҳлил фаро гирифтем. Ин гуна таҳлил ба мо имкон дод, ки доир ба мавҷуд будани тафовутҳо дар дарки аудити самаранокӣ хулоса барорем. Масъалаҳои аудити самаранокӣ ба таври муфассал дар асарҳои ин олимони хориҷӣ: А.Н. Саунин, Е.Е. Смирнов, С.Н. Рябухин ва олимони ватанӣ: ба монанди профессорон Хушвахтзода Х.Қ., Низомов С.Ф., Калемуллоев М.В., дотсентон Мирзоалиев А.А., Мирзохонов С.О., Шобеков М.Ш., Тоҳирова Р.С., Зокирова Ф.Ҷ., Бадалов Ш.Қ. ва дигарон оид ба намудҳои аудит, шаклҳои калидии он таҳқиқотҳои муфассал гузарониданд.

**Мақсади мақола.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аудит ва фаъолияти аудиторӣ мавқеи худро аз нуқтаи назари ташкили назариявӣ ва методологӣ хеле мустаҳкам намудааст. Барои рушди иқтисоди миллӣ санҷишҳои адуиторӣ, ки дар корхонаҳо гузаронида мешаванд таъсири мусбии худро расонидаанд. Маҳз исботи сатҳи шаффофияти ҳисоботҳои молиявӣ нуқтаи асосие мебошад, ки барои таъмин намудани ахбороти муфассал дар идоракунии дараҷаи гуногун замина мегузорад. Фаъолияти пурсамари аудиторони инфиродӣ ва ширкатҳои аудиторӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамасола пас аз гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ ва пешниҳод намудани хулосаҳои аудиторӣ миқдори зиёди корхонаҳои санҷидашуда ба натиҷаҳои хоҷагидорию молиявии баланди мусбӣ ноил мегарданд. Таҷриба нишон медиҳад, ки талабот ба аудит ва фаъолияти аудиторӣ афзуда истодааст ва заминаҳои асосию объективии пайдоиш ва рушди намудҳои аудит ба миён омада истодаанд.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Дар бисёр кишварҳо ба аудити самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар назорати молиявии давлатӣ таваҷҷӯҳи калон дода шуда,он дороии муҳими идоракунии молияи давлатӣ барои баланд бардоштани самаранокии бахши давлатӣ гардидааст. Илова бар ин, яке аз воситаҳои самараноки назорат ва идоракунии ахлоқӣ дар мақомоти давлатӣ метавонад вазифаи аудиторӣ бошад. Ин изҳоротҳо равшан нишон медиҳанд, ки функсияи аудити самаранокӣ метавонад ба кӯшишҳои ҳукумат дар ҳалли мушкилоти макрокамбизоатӣ тавассути идоракунии самараноки бахши давлатӣ мусоидат кунад. Дар аксари кишварҳо бахши давлатӣ дар истифодаи стандартҳо аз бахши хусусӣ каме ақиб мондааст.

Бояд ба таснифоти моделҳо (ғайримарказонидашуда / марказонидашуда), ки аз ҷониби Ҷ. Даймонд ҷорӣ карда шудааст, диққати худро равона сохт, ки дар он дар заминаи модели ғайримарказӣ хадамоти аудити дохилиидоравӣ/байниидоравӣ – воҳидҳои махсуси сохторҳои давлатӣ, ки аз дигар воҳидҳои сохтории онҳо вобастагӣ надоранд, асос ёфтаанд. Модели мутамарказ аз тафтишоти молиявии сохторҳои махсуси давлатӣ асос ёфтаанд, ки аз вазоратҳо/идораҳо вобастагӣ надоранд. Ҳамин тавр, мо татбиқи функсияи аудити самаранокиро дар як қатор кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои ҳар яки онҳо дар асоси мансубияти иерархивии функсия, мувофиқат ба стандартҳои байналмилалӣ ва сатҳи сертификатсияи аудиторҳои дохилӣ пешниҳод менамоем.

Ҳамгироии аудити самаранокӣ ҳамчун функсия дар бахши давлатии ИМА аз якчанд омил вобастагӣ дорад. FAI бо таъсиси IIA дар соли 1941 ба вуҷуд

омадааст, ки пойгоҳи он дар Флорида ҷойгир аст, ва ин функсия дар Иёлоти Муттаҳида ба дараҷае инкишоф ёфтааст, ки пас аз афзоиш ва пайдоиши мушкилоти идоракунии дохилӣ, яъне парвандаи Энрон (Enron) (соли 2001) - қаллобӣ ё фасод ва ошкор кардани муздӣ ба як зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Илова бар ин, вазн ва фишоре, ки аз ҷониби мақомоти аудитории беруна, ба монанди OMB (Идораи маъмурӣ-буҷетӣ) ё Палатаи ҳисоб расонида мешавад. Ба сохтори давлатии ИМА тақсимоти ҳокимият ва қудратҳо хос аст. Дар ин замина, аудити давлатӣ аз ҷониби ду субъекти мустақил, ки барои ҳисобот додан ба Конгресс масъуланд, яъне Идораи Баҳисобгирии умумӣ (GAO) ва Нозирони Генералӣ (IG) амалӣ карда мешавад. GAO мақоми аудитории беруна маҳсуб меёбад, яъне аудити мувофиқат ва фаъолияти маъмурияти федералӣ мебошад, он ба Конгресс итоат мекунад, дар ҳоле ки IG субъектҳои мустақил мебошанд, ки ба ташкилотҳо вобаста карда шудаанд, ки аз як тараф ба онҳо рисолати аудиторони анъанавии дохилӣ (аудити мувофиқат ва самаранокӣ) ва сертификатсияи ҳисобҳо, аз тарафи дигар, инчунин функсияҳои аудиторони берунӣ вогузор карда шудаанд. Ин ниҳодҳо тибқи стандартҳои “китоби зард”, ки Палатаи ҳисоб таҳия кардааст, фаъолият мекунанд. Ин сохтор инъикосгари «мақомоте мебошад, ки барои маъмуриятҳои давлатӣ хос аст ва нисбати тамоми сатҳҳои идоракунандаи Иёлоти Муттаҳида (федералӣ, давлатӣ, федеративӣ ва мақомоти маҳалли ҳокимият) мавриди истифода қарор дода шудааст [10, с.45].

Супоришҳо оид ба аудити самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар назорати молиявии давлатӣ дар Иёлоти Муттаҳида аз ҷониби роҳбарони ташкилотҳои амалиётӣ, яъне, директорони генералии департаментҳо ва агентиҳо, ки дар мувофиқа бо базаи дахлдори қонунгузорӣ «The Inspector General Act of 1978 U.S. CODE» амал мекунанд, иҷро карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар бахши давлатии Иёлоти Муттаҳида мақомоти марказӣ арзи вуҷуд надорад, ки масъули ҳамоҳангсозӣ ва назорати хадамоти аудити иҷроиш ва сохторҳои марказӣ бошад. Бо вуҷуди ин, Шӯро дар назди президенти ФР оид ба масъалаҳои дурусткорӣ ва самаранокӣ (PCIE) метавонад баъзе корҳои аудиториро дар сатҳи байниидоравӣ ҳамоҳанг созад, гарчанде ки он ба таври мутамарказ ин фаъолиятро анҷом намедиҳад. [11, с.31].

Дар Канада аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар назорати молиявии давлатӣ ба муовинони роҳбар эътимодро оиди ташкил ва фаъолияти равандҳои идоракунии корпоративӣ, идоракунии хавфҳо ва равандҳои назоратро дар ташкилотҳои онҳо таъмин менамояд. Ин функсияи таъминкунӣ як қисми муҳимми кӯшишҳои ҳукумат барои таъмин ва ҳисоботдиҳӣ барои андозҳои долларии канадагиҳо мебошад. Натиҷаҳои аудитҳои дохилӣ ба муайян кардани мушкилоти пайдошуда ва таҳияи тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ мусоидат мекунанд. Ҷорӣ кардани аудити самаранокӣ дар Канада аз солҳои 1960 оғоз шудааст, дар шароите, ки роҳбарони вазорату идораҳо ба ҷустуҷӯйи роҳҳои самарабахши назорат аз болои идораҳои давлатии худ шурӯъ мекунанд.

Рушди муҳити атроф ва иқтидори ташкилӣ боиси қабули як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ гардид, ки ба қабули Қонун дар бораи идоракунии давлатӣ дар соли 2000 оварда расонд. Қонун дар бораи идоракунии давлатӣ (LAP) нишондиҳандаи тағйироти қатъӣ дар идоракунии давлатӣ дар Квебек мебошад, яъне идоракунӣ, ки аз фарҳанги ҳисоботдиҳӣ (тобеият) асос ёфтааст. Котиботи Раёсати Хазинадорӣ метавонад мувофиқи бахшҳои 72 ва 74 роҳнамо ё дастурҳоро барои пешбурди идоракунии оқилонаи захираҳо дар шӯъбаҳо ва агентиҳо таҳия намояд. Қарор дар бораи татбиқи дастурҳо оид ба аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар назорати давлатии молиявӣ дар соли 2006 бо мақсади нигоҳ доштани фалсафаи LAPA қабул карда шудааст ва дар он пешбинӣ гардидааст, ки муовини вазир ё роҳбарони агентиҳо (DOO) барои идоракунии он масъулияти аввалиндараҷа доранд ва Котибот оид ба мубориза бар зидди бемории сил бояд бо нақши мураббӣ маҳдуд карда шавад. Интихоби самтҳо ва дастурҳои

роҳбарикунанда ба дараҷаи татбиқи онҳо дар вазорату идораҳо таъсир мерасонад [10, с.45].

Ҳаминро ҳам бояд қайд намуд, ки дар вазоратҳо ва мақомоти давлатӣ нақши назорат ва аудитро ду мақомот иҷро менамоянд; аз як тараф, назоратчии молиёт, ки ба Вазорати молия итоат мекунад ва Прокурори генералӣ Q, ки аъзои Ассамблеяи миллии Квебек мебошад. Аз сабаби мустақилияти худ, аудитҳое, ки аз ҷониби ду ниҳоди охирин гузаронида мешаванд,тафтишоти берунаи аудиторӣ маҳсуб меёбанд. Ба инҳо комплаенс-аудитҳо, ки аз риояи сиёсати баҳисобгирӣ ҳангоми омода кардани ҳисоботи оммавӣ (дар ҳолати нозири молиявӣ) ва тафтиши истифодабарии дурусти маблағҳо, инчунин аудити самаранокӣ (дар ҳолати VGQ). нисбат дода мешаванд. Ҳадафҳои аудити ин ду ташкилот аз ҳадафҳои аудиторони дохилӣ фарқ мекунанд. Тафовути дигар ба гузоришҳои AGQ ва Ҳисоботи Назоратчии ҳисобҳои ҷамъиятӣ, ки ба таври оммавӣ нашр карда мешаванд, дахл дорад, дар ҳоле ки ҳисобот оид ба аудити иҷрои вазифаҳо махфӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, вобаста ба ҳадафҳои худ, нозири молиявӣ ва VGQ метавонанд ба ҳисоботи аудити самаранокӣ муроҷиат кунанд ва онҳоро ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои таҳияи ҳисоботи дахлдори худ ё истифода баранд.

Дар Британияи Кабир Институти Шоҳигарии аудиторҳои дохилӣ ягона иттиҳодияи касбии аудиторҳои дохилӣ дар Шоҳигарии муттаҳида мебошад. Он аз соли 1948 арзи вуҷуд дорад, ва қароргоҳаш дар Лондон ҷойгир буда, як муассисаи фаръӣ бо IIA мебошад. Кодекс аз ҷониби Институти Шоҳигарии молияи давлатӣ ва ҳисобгирии бухгалетрӣ (CIPFA) таҳия шудааст ва риояи он барои мақомоти маҳаллӣ дар мувофиқи бо Муқарарот дар бораи баҳисобгирии бухгалетерӣ ва аудит аз соли 2003 тибқи Қонуни соли 1972 дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ҳатмӣ мебошад. Якчанд гузоришҳо таҳия шуда, ин кишвар дар мавриди сертификатсияи аудитори дохилӣ мавқеъ нагирифтааст ва аксари кишварҳо дар бораи ҳамкориҳои аудити дохилӣ ва хориҷӣ маълумот пешниҳод накардаанд [11, с.67].

Олмон функсияи аудити самаранокиро дар қонунгузорӣ ё чаҳорчӯби қонунии худ муқаррар накардааст, аммо тамоми вазоратҳо тавсияҳои Вазорати федералии корҳои дохилиро дар мувофиқа бо дигар вазоратхонаҳо риоя мекунанд, хизматрасониҳои гуногуни машваратӣ пешниҳод мекунанд ва аудити иҷроишро талаб мекунанд, ки аудиторҳои дохилии касбӣ ва салоҳиятдориро талаб мекунанд.

Барои ба стандартҳои байналмиллалӣ мутобиқ кардани система коркардҳои ҷиддӣ анҷом дода шуданд. Дар охири солҳои 1990-ум дар вазорату идораҳои Олмон модели ғайримарказии аудити самаранокӣ ташаккул ёфт. Варианти олмонии модели ғайримутамарказ хусусияти муҳимми фарққунанда дошт, ки онро аз модели классикӣ фарқ мекард: ННД - и идоракунии давлатии Олмон ба Палатаи ҳисоби федералӣ (FCA), мақоми олии масъул барои аудити берунаи давлатӣ тобеъ буд.

Арзёбии самаранокӣ аз модели ғайримарказии олмонӣ ба модели ягона тағйир ёфт, ки дар заминаи арзёбии фаъолияти ҳукумат ва фаъолият бе кумаки ҳукумати марказӣ асос ёфтааст. Вазоратҳо ва идораҳои Ҷумҳурии Федеративии Олмон дорои аксарияти уҳдадориҳое, ки қонунгузории Иттиҳоди Аврупо муқаррар кардааст ва аллакай дар дигар мамлакатҳои тараққикарда истифода мешавад, масалан, ба монанди кумитаҳои аудит, сертификатсияи аудиторҳо ва системаҳо дар департаменти назорат, намебошанд.

Оиди идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии Руминия Кодекси назорати дохилӣ сохтори иерархиро пешбинӣ мекунад, ки дар мувофиқа бо он ки он роҳбари ташкилоти ҷамъиятӣ, ки зинаи якум маҳсуб меёфт, бояд аз болои иҷроиши тамоми супоришҳо ва амалиётҳо назорат кунад. Инчунин бо истифода аз ҷузъҳои мувофиқ истеҳсолнокиро низ назорат мекунанд. Нишондиҳандаҳои хуб, махсусан аз нуқтаи назари тиҷорат, самаранокӣ ва натиҷабахшӣ. Дар зинаи минбаъда мудирони шуъбаҳои мактабҳои халқӣ қарор доранд, ки вазифаҳои ба онҳо вогузошташударо тавассути нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ идора мекунанд, ки бояд

ченакшаванда, махсусан самаранок, муҳим, бо мурури замон эътирофгардида бошанд.Ба раванди мониторинг ҳаҷм ва мураккабии сохторҳои давлатӣ, тағйирёбии ҳадафҳо ва равандҳои корӣ таъсир мерасонад. Баҳодиҳии фаъолият дар дастгирии роҳбарияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар баҳодиҳии самаранокии фаъолият ва ошкорсозии камбудиҳо дар идоракунӣ ва мудирият нақши муҳим дорад. Инчунин оид ба такмили системаи идоракунӣ тавсияҳо дода мешаванд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки мониторинги самаранокӣ хеле муҳим аст, зеро он ҳадафи такмил додани идоракунии ширкат, тафтиши фарқиятҳои муваққатии ҳадафҳо, муайян кардани сабабҳои ин фарқиятҳо ва таҳияи чораҳоиислоҳӣ мебошад. Ҳар як шуъба баҳодиҳии истеҳсолнокиро анҷом медиҳад ва барномаҳои таъмин ва такмили сифатро барои мониторинги истеҳсолнокии ҷорӣ амалӣ менамояд. Барнома аз се қисмат ибоорат мебошад: чӣ гунна барномаро беҳтар созем; Нақшаи корӣ ва ҳисобот оиди кори анҷомшуда.

Фаҳмиши умумии арзишнокии иловагии таҳлили фаъолият арзи вуҷуд дорад, алахусус дар заминаи мониторинг ва дарки фаъолияти созмон. Аудиторҳои дохилӣ метавонанд ба роҳбарияти олӣ оид ба вазъи назорати дохилӣ, назорати тиҷорат ва идоракунии хавфҳо машварат намоянд. Тавсияҳои марказҳои баҳодиҳии самаранокӣ ҳамчун назорати пешгирикунанда амал мекунанд ва ба ташкилотҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ кумак менамоянд. Байни ин кишварҳо дар чӣ гуна андозагирии фаъолияти ҳукумат фарқиятҳои муҳим вуҷуд доранд. Дар аксарияти ҳолатҳо тартиби гузарондани аттестатсия дар қоидаву меъёрҳо муайян карда мешавад.

Дар тӯли солҳо, ҳукумати Кения нақши муҳимеро, ки аудит дар идоракунии маблағҳои давлатӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар идоракунии маблағҳои давлатӣ мебозад, эътироф намуд. Ин дар ду қонуни муҳим инъикос ёфтааст: Қонун бар бораи идоракунии молияи давлатӣ дар соли 2012 (соли 2015 аз нав дида баромада шудааст) ва Кодекси идоракунии корхонаҳои давлатии Мвонгозо, ки баҳодиҳии фаъолияти молиявиро дар тамоми шӯъбаҳои давлатӣ талаб мекунад.

Дар Кения як пурсиш дар байни 18 муассисаи давлатӣ нишон дод, ки ҳукумати Кения бештар аудиторҳои дохилиро, аз ҷумла аз ширкатҳои бахши давлатӣ ба бахшҳои гуногун ба кор ҷалб мекунад. Он дар Вазорати молия Идораи ростқавлии ҷамъиятиро таъсис дод, ки «ташкилоти сатҳи баланд барои ҳамоҳангсозӣ, дастгирӣ ва таъмини баррасии босифати фаъолияти ҷомеаи Кения» мебошад. Аудити молиявӣ дар идоракунии молияи давлатӣ яке аз роҳҳои беҳтарини назорат ва баланд бардоштани сифати менеҷмент дар ташкилот мебошад [9, с.36-40].

Ҳамин тариқ, роҳбарии хуб ҳамчун як роҳи ҳалли мушкилот дар ташкилот баррасӣ карда мешавад. Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар Кения, идоракунии давлатӣ як масъалаи муҳим арзёбӣ гардид. Ҳукумати Кения нақшаи дарозмуддати иқтисодиро бо номи Vision 2030 таҳия кардааст, ки ҳадафи асосии он табдил додани иқтисоди Кения ба як кишвари даромади миёна мебошад. Ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки кишвар аз кишоварзии камдаромад ба иқтисоди дониш, бо пули бештар ва идоракунии хуби корпоративӣ барои беҳтар кардани фаъолияти ҳукумат гузарад.

Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ба монанди Нигерия, мардум яке аз тавонотарин қувваҳои иқтисодӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳукумат иқтисодиёти кишварро назорат мекунад. Ин маънии онро дорад, ки назорати дохилӣ бояд барои таъмини мувофиқи мақсад истифода шудани маблағҳои давлатӣ муқаррар карда шавад. Роҳи муҳимми ин раванд санҷиши самаранокии фаъолияти ташкилот мебошад. Бе мавҷудияти назорат аз рӯи истеҳсолнокӣ иҷрокунандагон метавонанд заъфҳои худро ба манфиати худ истифода баранд. Тасдиқ карда мешавад, ки сохтори кӯҳнаи марказонидашуда ва бюрократии бахши давлатӣ бо сохтори мураккаби худ аксаран сатҳи оддии ҳайати кормандонро барои тақсимоти маблағҳои давлатӣ

таъмин менамояд. Азбаски мақомоти сершумори назорати ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ доранд, роҳбарон аксаран аудити дохилиро барои нигоҳ доштани боварии ҷомеа нисбати ҳисоботдиҳӣ ҳатмӣ намеҳисобанд. То солҳои 1980-ум арзёбии истифодабарии буҷетҳо дар идоракунии молияи давлатӣ ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ дар ҳолати нофаҳмӣ қарор дошт.

Ҳатто дар бахши хусусӣ, аудити молияи давлатӣ танҳо барои арзёбии мувофиқат бо сиёсат ва расмиёти созмон ва таъмини арзёбии дороиҳо пешбинӣ шудааст. Дар бахши давлатӣ эҳтиёҷоти афзоянда ба аттестатсияи хидматӣ ҳеҷ гоҳ баланд набуд.

Консепсияи муосир воқеан пас аз нашри як гузориши муҳим аз ҷониби Кумитаи ташкилотҳои сармоягузор (COSO) дар бораи ҳисоботи молиявии қаллобӣ дар соли 1987 таҳия шудааст. Вай меафзояд, ки татбиқи Қонуни Сарбейнс-Оксли дар соли 2002 ва умқи кори касбӣ, ки аз ҷониби ҷомеаи аудити самаранокӣ (1А) анҷом ёфт, ин равандро каму беш суръат бахшид. Вай чунин мешуморад, ки ҳадафи асосии функсияи муосири аудити самаранокӣ кумак ба роҳбарият дар қабули қарорҳо «бо назардошти муносибати мунтазам ва боинтизом ба арзёбӣ ва беҳтар кардани таъсири идоракунии хавфҳо, назорат ва раванди идоракунӣ» мебошад [4, с.1-8].

Функсияи аудити самаранокӣ функияи назоратро иҷро мекунад. Он дорои на ойиннома ё стратегия, арзёбии расмии хавф ё банақшагирии аудит намебошад ва фаъолияти аудиторӣ ба коркарди пешпардохтҳо нигаронида шудааст. Ихтисосмандии академикии аудиторони дохилӣ дараҷаи аввалин ва ё олиро ташкил медиҳад ва дорандагони сертификати CIA дар байни онҳо ангуштшуморанд.

Шоҳигарии Арабистони Саудӣ маҳруки (траекторияи) рушди нисбатан нав дорад. Аз замони кашфи нафт дар солҳои 1930, иқтисоди он тадриҷан пеш рафта, ба марҳилае расид, ки бузургтарин таъминкунандаи нафт дар ҷаҳон гардид. Воқеан, бузургтарин ширкати нафтии ҷаҳон ARAMCO (Arabian Oil Company Oil) комилан моликияти давлат аст ва сарфи назар аз андаке кам шудани даромади нафт дар солҳои охир, онҳо то ҳол як қисми зиёди даромади давлатро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки муҳити бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ бо мушкилоти гуногун рӯбарӯ аст, аз ҷумла муносибатҳои ҳисоботдиҳӣ, мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ ва зарурати сертификатсияи аудиторҳои дохилӣ. Дар баъзе кишварҳо, мумкин аст, ки хатти ҳисоботдиҳӣ то сатҳи дигар тақвият дода шавад ва мавқеи аудити самаранокӣ дар сохтори ташкилӣ бояд дар сатҳи олӣ ҷой дошта бошад, то объективият ва мустақилиятеро, ки стандартҳои аудити самаранокӣ талаб мекунанд, таъмин намояд. Тавре ки дар таҳлили муқоисавӣ қайд карда шуд, аксари кишварҳо сертификатсияи аудиторҳои дохилиро ҷонибдорӣ наменамоянд ва бо омӯзонидани аудити самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ба шахсони мансабдор дар назорати молиявии давлатӣ маҳдуд мешаванд. Дар робита ба риояи стандартҳои байналмилалӣ метавон гуфт, ки қариб аксарияти кишварҳои таҳлилшуда ин функсияро бо истинод ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ иҷро мекунанд, боқимонда дар чаҳорчӯбаи таъсисдодаи кишвари худ ва ё бидуни риояи стандартҳои байналмилалӣ ин вазифаро иҷро мекунанд. Таҳлили муқоисавии моделҳои аудити самаранокӣ дар замимаи 1 оварда шудааст.

**Замимаи 1. Таҳлили муқоисавии моделҳои аудити самаранокӣ**

| Мамалакат/иттиҳод | Омилҳои таъсисёбӣ | Стандартҳои байналмилалӣ | Сертификатсияи аудиторони дохилӣ |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| ИМА | FAI бо асосноксозии IIA соли 1941 бо штаб-квартира дар Флорида таъсис дода шуд | Мувофиқат бо стандартҳое, ки аз ҷониби Палатаи ҳисоб (Қонун дар бораи Нозири генералӣ аз соли 1978) коркард карда шудааст . | - |
| Канада | ИАД-и Канада (IAIC) дар соли 2006 таъсис дода шуд. | Риояи Стандартҳои байналмилалии аудити самаранокӣ | Хазинадории Канада дар моҳи июни соли 2021 қайд намуд, ки ҳиссаи фоизии кормандоне, ки дорои мақоми аудитор ва дорои дипломи касбии бухгалтерӣ (CPA) мебошанд, 38%-ро ташкил медиҳад, ва онҳое, ки дар раванди сертификатсиякунонӣ қарор доранд, 21%-ро ташкил медиҳанд. |
| Британияи Кабир | ISF аз он лаҳзае, ки институти Шоҳигарии аудиторони дохилӣ дар соли 1948 таъсис дода шуд, амал мекунад. | Мақомоти аудитории Британияи Кабир аз Стандартҳои самаранокии бахши давлатӣ, Маълумотномаи Кумитаи аудит оиди таъмини саҳеҳият иборат мебошад. | Британияи Кабир дар бораи сертификатсияи аудиторони дохилӣ изҳори назар накардааст. |
| Олмон | Дар охири солҳои 1990-ум, модели аудит як равиши ғайримарказонидашудаи Агентиҳои Олмонро истифода бурда буд. | Олмон функсияи мазкурро дар қонунгузорӣ ё чаҳорчӯби қонунии худ муқаррар накардааст, аммо тамоми вазоратҳо тавсияҳои Вазорати федералии корҳои дохилиро дар машварат бо дигар вазоратхонаҳо риоя намуда, пешниҳоди хидматҳои гуногуни машваратӣ ва гузаронидани аудити самаранокиро анҷом медиҳанд. | Олмон то ҳол дар бораи сертификатсияи аудитори дохилӣ мавқеъгирӣ накардааст. |
| Руминия | Аудити дохилӣ аз соли 2001 ҳатмӣ гардидааст. | Стандартҳои байналмилалии аудити самаранокӣ. | Тафсилот мавҷуд нест. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мамалакатҳои Аврупо | Аксари кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо дорои функсияи аудити самаранокӣ мебошанд, аммо он на ҳамаи системаҳои идоракунии давлатиро фаро мегирад. | Аксарияти кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳанд, ки фаъолияти онҳо дар самти аудит аз стандартҳои байналмилалӣ асос ёфтааст. | |
**Калидвожаҳо**: давлат, маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, шарикии давлат, танзими давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ, имтиёзҳои андозӣ.

**Барои иқтибос:** Сафаров И.Н. Роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ / И.Н. Сафаров // // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). - С. 216 - 225.

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ РОЛИ ГОСУДАРСТВА В ФИНАНСИРОВАНИИ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Сафаров Илхом Нурмахмадович**

Роль государства необходима для обеспечения финансирования инвестиционной деятельности в стране. В таких условиях возрастает роль государства как регулирующего механизма развития инвестиционных отношений и укрепления конструктивного сотрудничества с партнерами по развитию страны, а также с другими зарубежными странами ближнего и дальнего зарубежья. Государственное регулирование инвестиционной деятельности в современных условиях считается очень важным для усиления финансирования инвестиционной деятельности.
На основе изучения экономической литературы и работ отечественных и зарубежных ученых автору удалось всесторонне проанализировать роль государства в финансировании инвестиционной деятельности.
В заключение автором выдвинуты конкретные предложения по путям повышения роли государства в обеспечении финансировании инвестиционной деятельности, реализацию которых можно считать целесообразной на практике.

**Ключевые слова:** государство, финансирование, инвестиции, инвестиционная политика, поддержка бизнеса, государственное партнерство, государственное регулирование, льготы, налоговые льготы.

**WAYS TO INCREASE THE ROLE OF THE STATE IN FINANCING INVESTMENT ACTIVITIES**

**Safarov Ilhom Nurmahmadovich**

The role of the state is necessary to ensure financing of investment activities in the country. In such conditions, the role of the state increases as a regulatory mechanism for the development of investment relations and strengthening constructive cooperation with the country's development partners, as well as with other foreign countries near and far. State regulation of investment activity in modern conditions is considered very important for strengthening the financing of investment activity.

Based on the study of economic literature and the works of domestic and foreign scientists, the author was able to comprehensively analyze the role of the state in financing investment activities.

In conclusion, the author put forward specific proposals on ways to increase the role of the state in providing financing for investment activities, the implementation of which can be considered advisable in practice.

**Key words:** state, financing, investment, investment policy, business support, public partnership, government regulation, benefits, tax benefits.

**Гузориши масъала.** Дар шароити рушди муноситбатҳои бозоргонӣ ва таҳкими ҳамгироии иқтисодӣ масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ шарти муҳими инкишофи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба ва ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ мегардад. Дар чунин шароит нақши давлат ҳамчун механизми танзимкунандаи чунин муносибатҳо дар инкиофи муносибатҳои сармоягузорӣ ва таҳкими ҳамкориҳои созандагӣ бо шарикони рушди кишвар ва инчунин бо дигар кишварҳои дуру наздик меафзояд.

Танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити кунунӣ барои таҳкими маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз ба воситаи танзими давлатӣ пеш аз ҳама дар шакли маблағгузории фаъолияти хоҷагидорӣ рушди устуворро таъмин кардан мумкин мебошад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани нақши давлат дар таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ барои тақрибаи хоҷагидорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявии кишвар ба шумор меравад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Муҳимияти танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ аз омилҳои гуногун аз қабили ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон, устуворнокии бозор, ҳавасмандкунии сарсоягузорон ва соҳибкорон, назорат аз болои бахшҳои муҳими иқтисодӣ, мукаммалнамоии қонунгузорӣ, дастгирии рушди фаъолияти хоҷагидорӣ, идоракунии хатарҳои молиявӣ вобаста мебошад.

Танзими давлатӣ метавонад манфиатҳои сармоягузоронро тавассути пешгирии қаллобӣ ва таъмини шаффофият дар муомилоти молиявӣ ҳифз кунад. Инчунин баландбардории сатҳи танзим метавонад ба нигоҳ доштани суботи бозорҳои молиявӣ, пешгирӣ аз тағирёбии аз ҳад зиёд ва бӯҳронҳо мусоидат кунад ва давлат метавонад танзимро барои фароҳам овардани муҳити мусоид барои сармоягузорӣ масалан, тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андоз ё содда кардани расмиёти истифода барад.

Дар баъзе мавридҳо, давлат метавонад сармоягузориро барои таъмини назорат бар соҳаҳои стратегӣ, аз қабили энергетика, нақлиёт ва мудофиа танзим кунад. Баландбардории сатҳи танзими давлатӣ метавонад ҳамчун воситаи таъмини риояи қонунҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ дар муносибатҳои сармоягузорӣ хизмат кунад. Муқаррароти давлат сармоягузориро ба бахшҳои асосӣ равона карда, ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

Дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ метавонад ба идоракунии хавфҳои молиявӣ ва пешгирии бӯҳронҳои системавӣ кӯмак расонад. Гарчанде, ки танзими давлатӣ метавонад манфиатҳои худро дошта бошад, инчунин муҳим аст, ки ба мувозина диққат дод, то дахолати аз ҳад зиёдро пешгирӣ кунад, ки метавонад фаъолияти соҳибкориро маҳдуд кунад. Муносибат бояд мутаносиб ва ба шароиту максадҳои мушаххасӣ мамлакат мувофиқ бошад.

Ҳангоми таҳияи мақола заминаи назариявии таҳқиқот дар соҳаи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ корҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ И.Ю. Лопатина, В.И. Гайдук, *А.Д. Духаев,* Л.А. Яндарбаева, А.Н., Айриева, К.Ю. Л.Л.Игонина, И.С.Турлай, З.Ш. Бабаева, Е.В.Терехова, Л.Ҳ. Саидмуродов, М.Н. Худоиев, Д.О. Қандиёрова, Т.Н. Назаров, А.А. Солиев, Х. Умаров, Р.М. Мирбобоев, Т. Усмонова, С.Б. Шарипов, М.С. Содикова, Р.К.

Раҳимов, С.Дж. Комилов, Ф.М. Гафаров, Д.Қ. Хоҷаев баррасӣ гаштааст.

**Мақсади мақола**. Яке аз ҳадафҳои асосии маблағгузории давлатӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дар заминаи он татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва инчунин таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бо расонидани дастгирии молиявӣ давлат метавонад хатарҳои марбут ба сармоягузориро коҳиш диҳад ва даромади онҳоро бехтар созад. Ин метавонад махсусан барои лоиҳаҳои нав ва инноватсионӣ, ки хароҷот ва хатарҳои баланди оғозёбӣ доранд, муҳим бошад.

Дар шароити ҳозиразамони дигаргунсозӣ дар назди давлат танзими равандҳои сармоягузорӣ бояд ҳамчун ҷорӣ ва истифодаи шаклу усулҳои муайяни қонунгузории дорои хусусияти иқтисодӣ ва маъмурӣ, ки аз ҷониби мақомоти идоракунии ҳамаи сатҳҳо ҳангоми татбиқи сиёсати сармоягузорӣ, ки вазифаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодиро муайян мекунанд, фаҳмида шавад. Вазифаи кишвар (минтақаҳо, соҳаҳо), аз баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, таъмини шароити бехатари сармоягузорӣ ба объектҳои сармоягузорӣ иборат мебошад[6, 63-72].

**Муҳтавои асосии мавод.** омӯзиши ҷанбаҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтарсозии низоми фаъолияти сармоягузорӣ тариқи баланд бардоштнаи нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ мебошад.

Самаранок ва бомуваффакият ба амал баровардани самтҳои асосии сиёсати сармоягузории кишвар имконият медиҳад, ки проблемаи ҳавасмандгардонии афзоиши иқтисодиёт, ки яке аз масъалаҳои асосии давлат дар марҳалаи кунунӣ арзёбӣ мегардад, саривакт ва босифат ҳал карда шавад.

Бояд қайд кард, ки сиёсати сармоягузории давлат тавассути воситаҳо маҷмӯи фишангҳои таъсиррасонӣ ба иштирокчиён фаъолияти хоҷагидорӣ ва инчунин равандҳои иқтисодӣ тавассути қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ амалӣ мегардад. Воситаҳои мушаххаси сиёсати сармоягузориро метавон ба макроиқтисодӣ, микроиқтисодӣ ва институтсионалӣ тақсим кард. Ба гурухи воситахои макроиктисоди воситахое ба монанди низоми савдои беруна, меъёри фоиз дохил мешаванд, ки ба фазои сармоягузори таъсир мерасонанд. Ба воситаи чунин механизмҳо сиёсати давлатӣ дар самти таҳкими равандҳои сармоягузорӣ муайян карда мешаванд.

Ба механизми татбиқи сиёсати сармоягузории давлат инҳо дохил мешаванд:

1. Вазифаҳои идоракунӣ, ки бояд дар самти сармоягузорӣ ҳал карда шаванд, таҳияи консепсия бо муайян кардани мӯҳлатҳои татбиқи сиёсати сармоягузорӣ, манбаъҳо ва усулҳои асосии маблағгузории сармоягузориҳо;
2. Муайян намудани мақомоти мушаххасе, ки боиси татбиқи механизм (яъне татбиқи сиёсати сармоягузорӣ) гарданд;
3. Ҳачми захираҳои давлатй, ки барои ичрои ҳадафҳои сиёсат дар бахши сармоягузорӣ пешбинй шудаанд;
4. Назорат аз болои татбиқи сиёсати сармоягузории давлат;
5. Таъсиси заминаи меъёрӣ[3, 105-111].

Татбиқи ҳамоҳанги вазифаҳои зерин дар самти баландбардории нақши давлат дар таъмини имтиёзҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ мавқеъи махсусро ишғол менамояд. Дуруст дарк кардан зарур аст, ки беҳтарсозии сиёсати давлат дар самти рушди фаъолияти сармоягузорӣ аз самаранок ба роҳ мондани механизми татбиқи сиёсати сармоягузории давлат вобастагии калон дорад.




**Расми 1. Механизми татбиқи сиёсати сармоягузории давлат**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Приоритетные направления государственной инвестиционной политики / В. И. Гайдук, А. В. Кондрашова, М. Г. Паремузова // Colloquium-Journal. – 2017. – № 10(10). – С. 105-111

Механизми татбиқи сиёсати сармоягузории давлат дар маблағгузории сармоягузорӣ воситаҳо ва равишҳои гуногунро дар бар мегирад. Давлат метавонад чораҳои фискалӣ, аз қабили тағир додани меъёрҳои андоз, ҷудо кардани буҷет барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ ё имтиёзҳои андозро барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ истифода барад. Маблаггузорихои давлатиро аз хисоби буҷет маблағгузорӣ кардан мумкин аст. Ин метавонад ҷудо кардани маблағҳоро барои лоиҳаҳои асосӣ, аз қабили роҳҳо, фурудгоҳҳо, иншооти энергетикӣ ва ғайра дар бар гирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои рушди равандҳои сармоягузорӣ давлат метавонад барои маблағгузории лоиҳаҳои зерсохторӣ аз воситаҳои гуногуни молиявӣ, аз қабили барориши вомбаргҳо истифода барад. Маблағҳои давлатӣ ва бонкҳои сармоягузорӣ низ метавонанд дар ин самт истифода бурда шаванд. Татбиқи сиёсатҳои ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ, ба монанди пешниҳоди ҳавасмандкунӣ ва кафолатҳо барои соҳибкорон ва сармоягузорони хусусӣ метавонад як механизми муҳим арзёбӣ гардад.

Давлат имконият дорад, ки ба муҳити сармоягузорӣ тавассути танзим, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорӣ, таъмини шаффофият ва устувории муҳити ҳуқуқӣ таъсир расонад. Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва тадқиқот инчунин метавонад як қисми стратегияи ҳукумат оид ба ҳавасмандгардонии инноватсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт гардад. Бояд таъкид кард, ки самаранокии механизмҳо аз бисёр омилҳо, аз ҷумла вазъи иқтисодӣ, иродаи сиёсӣ, сатҳи фасод ва ғайра низ вобастагии калон дорад.

Бояд қайд кард, ки ҳадафи ҳавасманкунии давлат маҳз барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва дар ин замина таъмини рушди устувор нигаронида шудааст. Яъне функсияи ҳавасмандгардонии давлат ба ҳалли бечунучаро ва босуръати вазифаҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ нигаронида мешавад. Ин функсия тавассути ҳавасмандгардонии андоз ва молиявӣ (субсидияҳо, субвенсияҳо, дотатсияҳо), ташкили минтақаҳои оффшорӣ, сиёсати қарзӣ ва тахфиф (фоизӣ) ва воситаҳои дигар амалӣ карда мешавад[4, 39].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давлат фаъолияти сармоягузориро тавассути такмили низоми андозбандӣ, механизми ҳисоб кардани истеҳлок ва татбиқи тарҳи истеҳлок, муқаррар намудани низомҳои махсуси андоз, ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон танзим менамояд. Бешубҳа, ин ягона роҳи ноил шудан ба пешравии сармоягузорӣ аст, гарчанде дигар воситаҳо низ вуҷуд доранд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, раванди сармоягузорӣ чанд даҳсоларо ташкил дод.

Гузашта аз ин, дар ИМА, давлат пеш аз ҳама минтақаҳои ҷолиб, аз ҷумла, инфрасохтори иҷтимоӣ маблағгузорӣ мекунад. Дар баробари ин, Иёлоти Муттаҳида ҳамеша кӯшиш мекунад, ки иштироки

давлатро дар равандҳои сармоягузорӣ бо сармоягузорони хусусӣ амалӣ созад, онро бо ёрии механизми андоз (масалан, дар бораи андозбандии фоидаи дубора сармоягузорӣ) дар якҷоягӣ бо сиёсати аистеҳлок фаъолона ҳавасманд кунад[9, 120-124].

Тадбирҳо оид ба фароҳам овардани фазои мусоиди молиявӣ барои фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ бояд тибқи самтҳои зерин амалӣ шаванд:

- самтҳои асосии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ;
- ташаккули инфраструктураи соҳаи сармоягузорӣ, васеъ намудани доираи истифодаи лизинги молиявӣ;
- инкишоф додани системаи карздихии дарозмуддат, инкишофи корхонахои хурд;
- рушди бозорҳои фондии минтақавӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ;
- ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва монанди инҳом[1, 141].

Ҳамин тариқ, фаъолгардонии нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти инвеститсионӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ бо роҳҳои гуногун сурат мегирад.

**Ҷадвали 2. - Самтҳои фаъолгардонии нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти инвеститсионӣ**

| Самт | Чорабинии давлатӣ |
|---|---|
| **Барномаҳои сармоягузории давлатӣ** | Таъсиси барномаҳо ва фондҳои махсус, ки барои маблағгузории сармоягузорӣ истифода мешаванд. Инҳо метавонанд лоиҳаҳо дар инфрасохтор, илм, маориф ва дигар бахшҳои калидӣ бошанд |
| Имтиёзҳои андоз | Ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ ва ҳавасмандкунӣ барои ширкатҳое, ки ба соҳаҳои муайян ё минтақаҳо сармоягузорӣ мекунанд. Чунин иқдом метавонад сармоягузориро барои бахши хусусӣ ҷолибтар кунад |
| Кафолатҳои давлатӣ ва қарзҳо | Пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ ва қарзҳо барои коҳиш додани хатарҳои сармоягузорӣ зарур мебошанд. Чунин иқдом сармоягузорони хусусиро ҷалб мекунад, ки дар акси ҳол метавонанд ба номуайянии шарои дучор шаванд |
| Ҳавасмандгардонии тадқиқот ва рушд | Сармоягузории давлат ба тадқиқот ва инноватсия метавонад ба технологияҳои нав ва татбиқи имкониятҳои сармоягузорӣ оварда расонад |
| Шарикӣ бо бахши хусусӣ | Барқарор намудани ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ барои маблағгузории муштарак ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ хизмат мерасонад |
| Омӯзиш ва дастгирии соҳибкорӣ | Пешниҳоди барномаҳои таълимӣ ва дастгирӣ барои соҳибкорон ва навгониҳо метавонад ба рушди инноватсия ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат кунад |
| Танзим ва устуворӣ | Пешбурди муҳити устувори иқтисодӣ, аз ҷумла танзими пешбинишаванда эътимоди сармоягузоронро зиёд мекунад |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Чорабиниҳои давлатиро метавон якҷоя бо мақсади ба ҳадди аксар расонидани таъсир ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ истифода бурд. Барномаҳои сармоягузории давлатӣ дар маблағгузории сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ нақши калидӣ доранд. Онҳо ба бахшҳои асосии иқтисодиёт кӯмаки молиявӣ мерасонанд, ки ин дар навбати худ ба рушди инфрасохтор, навовариҳои технологӣ, маориф ва дигар соҳаҳо мусоидат мекунад.

Сармоягузориҳои давлатӣ инчунин ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, ки ин дар навбати худ вазъи шуғли аҳолиро дар кишвар беҳтар мекунад. Чунин чораандешӣ махсусан дар давраи таназзули иқтисодӣ ё бӯҳрон басо муҳим мебошад. Бояд қайд кард, ки барномаҳои сармоягузории давлатӣ аксар вақт ба рушди инфрасохтор, аз қабили роҳҳо, пулҳо, бандарҳо, фурудгоҳҳо ва ғайра тамаркуз мекунанд. Ин на танҳо шароити зиндагии шаҳрвандонро беҳтар мекунад, балки ба рушди тиҷорат ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Дастгирии давлат метавонад ба ҳавасмандгардонии навовариҳои технологӣ равона карда шавад. Маблағгузориҳо дар соҳаи тадқиқот ва таҷрибаомӯзӣ, технологияҳои баланд ва соҳаҳои нави саноат метавонад боиси афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар гардад.

Баъзе барномаҳои давлатӣ метавонанд ба рушди иҷтимоӣ, аз қабили маориф ва тандурустӣ нигаронида шаванд. Ин на танхо сифати зиндагии шаҳрвандонро бехтар мекунад, балки ба ташаккули кадрҳои соҳибихтисос низ замина мегузорад. Барномаҳои сармоягузории давлатӣ метавонанд василаи калидии дастгирии иқтисод, бахусус дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ ва чолишҳо аозёбӣ гарданд.

Дар баробари омилҳои дигар имтиёзҳои андозӣ барои баландбардории нақши танзими давлати дар самти маблағгузорӣ таъсири калон дорад. Имтиёзҳои андозӣ дар маблағгузории сармоягузорӣ аз он нуқтаи назар нақши муҳим мебозанд, ки онҳо ба корхонаҳо ва шахсони воқеӣ ҳавасмандии молиявӣ дода, ӯҳдадориҳои андозро паст мекунанд. Инчунин онҳо метавонанд кам кардани меъёрҳои андоз, имтиёзҳо ё таъхири андозро дар бар гиранд. Ин ба тиҷорат имкон медиҳад, ки маблағҳои бештареро нигоҳ дошта, барои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ истифода шаванд. Бо кӯмаки имтиёзҳои андоз, соҳибкорон метавонанд ба осонӣ маблағҳои иловагиро барои сармоягузорӣ ҷалб кунанд. Паст кардани бори андоз низ метавонад тиҷоратро барои сармоягузорон ҷолибтар кунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе кишварҳо барои ширкатҳое, ки ба тадқиқот ва рушд сармоягузорӣ мекунанд, қарзҳои андоз ё ҳавасмандӣ медиҳанд. Ин ба пешрафти инноватсия ва технологӣ мусоидат мекунад. Иштирокчиёни бозор метавонанд барои дастгирии соҳаҳои мушаххасе, ки барои иқтисодиёт афзалият доранд, аз имтиёзҳои андоз истифода баранд. Масалан, энергияи офтобӣ, сарфаи энергия ва дигар технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ устувор метавонанд аз имтиёзҳои андоз бархурдор бошанд.

Имтиёзҳои андоз инчунин барои ҷалби сармояи хориҷӣ, таъмини шароити мусоиди андоз ба сармоягузорон, рушди тиҷорат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ замина гузорад. Натиҷаи умумии истифодаи имтиёзҳои андозӣ барои маблағгузории сармоягузорӣ ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии тиҷорат нигаронида мешаванд.

Дар баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ инчунин кафолат ва қарзҳои давлат аҳамияти калонро доро мебошанд. Кафолатҳо ва қарзҳои давлатӣ дар маблағгузории сармоягузориҳо, таъмин намудани захираҳои иловагии молиявӣ ва кам кардани хавфи корхонаҳо нақши калон мебозанд.

Кафолатҳои давлат хатарҳои молиявиро барои сармоягузорони хусусӣ ва бонкҳо тавассути таъмини онҳо дар сурати пардохт накардан ё барнагардонидани қарзҳо коҳиш медиҳанд. Ин барои баланд бардоштани эҳтимолияти бомуваффақияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Инчунин онҳо тавассути коҳиш додани хатар сармоягузориро барои сармоягузорони хусусӣ махсусан барои лоиҳаҳои муҳим ҷолибтар мегардонанд.

Бо иртибот ба масъала бояд қайд кард, ки қарзҳои давлатӣ бо шартҳои мусоид, аз қабили фоизҳои паст ё пешниҳоди мӯҳлатҳои дароз дошта бошанд. Ин ба дастрасии бештари маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кафолатҳо ва қарзҳои давлатӣ аксар вақт барои маблағгузории лоиҳаҳои бузурги зерсохторӣ, аз қабили сохтмони роҳҳо, пулҳо, иншооти энергетикӣ ва дигар иншооти ҷамъиятӣ истифода мешаванд. Барномаҳои давлатӣ ба стартапҳо ва тиҷорати хурд кафолат ва қарз пешниҳод мекунанд, ки онҳо дар ҷалби сармояи хусусӣ мушкилот дошта бошанд.

Дастгирии давлатро метавон инчунин ба рушди минтақаҳои мушаххас равона кард, ки он ба тақсимоти баробари сармоягузориҳо мусоидат намуда, рушди иқтисодиро дар минтақаҳои сусттараккикарда ҳавасманд мекунад. Ҳамин тариқ, кафолатҳо ва қарзҳои давлатӣ дар рафъи монеаҳо дар самти ҷалби сармоягузорӣ нақши муҳим дошта, ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Яке аз омилҳои дигаре, ки нақши давлатро баланд мебардорад ҳавасмандкунии тадқиқот ва таҳияи илмии фаъолияти сармоягузорӣ ба шумор меравад. Ҳавасмандгардонии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар маблағгузории сармоягузорӣ нақши муҳим мебозад ва унсури асосии пешрафти технологӣ ва навоварӣ мебошад. Дар шароити рушди илму техника тадқиқот ва рушд муҳаррикҳои рушди технологӣ ба шумор мераванд. Инчунин сармоягузорӣ ба тадқиқот ва таҷрибаомӯзӣ технологияҳои навро ба вуҷуд меорад, ки ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии иқтисодиётро афзоиш медиҳад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки дастгирии давлат барои тадқиқот ва рушд метавонад сармоягузорони хусусиро ҷалб кунад. Шаклҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили имтиёзҳои андоз, грантҳо ва субсидияҳо метавонанд барои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ ҳавасманд гардонад. Маблағгузорӣ ба тадқиқот метавонад ба кашфи бозорҳои нав ва имкониятҳои тиҷорат оварда расонад. Рушди маҳсулот ва хидматҳои нав дар асоси технологияҳои инноватсионӣ метавонад талаботро афзоиш диҳад ва соҳаҳои нав эҷод кунад.

Дастгирии давлатӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ метавонад ба ҳавасмандгардонии воридшавии сармояи хусусӣ мусоидат намояд, аммо барои ҷалби сармояи сармоягузорони хусусӣ низоми мувофиқи мусоиди фаъолияти сармоягузорӣ ва иқтисодӣ фароҳам овардан зарур аст[5, 246].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳо ва ширкатҳое, ки ба тадқиқот ва рушд фаъолона сармоягузорӣ мекунанд, дар бозори ҷаҳонӣ бештар рақобатпазир мешаванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки технологияҳои нав метавонанд дар истеҳсолот, сифати молҳо ё расонидани хидматҳо бартариҳо фароҳам орад. Маблағгузории тадқиқот ва рушд дар навбати худ метавонад ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мусоидат кунад ва рушди инноватсия бошад аксар вақт боиси васеъшавии ширкатҳо ва пайдоиши корхонаҳои нав мегардад. Дар баробари ин тадқиқот ва коркардҳо метавонанд ба ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз қабили тағирёбии иқлим, самаранокии энергетикӣ, илми тиб ва ғайра равона карда шаванд. Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ дар ин соҳаҳо метавонад боиси рушди технологияҳои нав гардад, ки мушкилоти иҷтимоӣ ва экологиро ҳал кунанд.

Дар баробари дигар воситаҳои рушди муносибатҳои молиявӣ шарики бо бахши хусусӣ низ дар фаъолгардонии маблағгузрии фаъолияти сармоягузорӣ нақши муҳим доранд. Шарикӣ бо бахши хусусӣ дар маблағгузории сармоягузорӣ, махсусан дар лоиҳаҳои бузург нақши калидӣ дорад. Вай инчунин ба кишвар ва ширкатҳои хусусӣ имкон медиҳад, ки масъулияти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро якҷоя бар дӯш гиранд. Чунин тақсими хатарҳо ва масъулиятҳо метавонад лоиҳаҳоро устувортар гардонад.

Бояд қайд кард, ки шарикиҳо дастрасӣ ба захираҳои иловагии бахши хусусиро аз ҷумла маблағгузорӣ, таҷриба ва технология таъмин мекунанд. Ин ба иштирокчиёни бозор имкон медиҳад, ки миқёс ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузориро зиёд кунанд. Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ба навоварӣ ва қабули технологияҳои пешрафта мусоидат мекунад, зеро ширкатҳои хусусӣ аксар вақт маҳорат ва таҷрибаи худро дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо равона месозанд.

Дар шароти кунунӣ ширкатҳои хусусӣ назорати дохилӣ ва оптимизатсияро ҷорӣ мекунанд, то идоракунии лоиҳаро самараноктар ва муассиртар ба роҳ монанд. Шарикиҳо бо истифода аз таҷрибаи пешқадам ва таҷрибаи бахши хусусӣ рақобатпазириро афзоиш медиҳанд. Чунин иқдом метавонад боиси боз ҳам муваффақ ва устувории лоиҳаҳои сармоягузорӣ гашта, тақсими хавфи молиявӣ байни давлат ва шарикони хусусӣ бори андозсупорандагонро коҳиш дода, ҷалби сармояи хусусиро барои сармоягузорӣ осонтар кунад.

Саъю кӯшиши муштараки ширкатҳои давлатӣ ва хусусӣ метавонад тавассути ҳамкории муассир ва таъмини захираҳо раванди татбиқи лоиҳаро суръат бахшад. Ҳамин тариқ, шарикӣ бо бахши хусусӣ василаи муҳими таъмини рушди устувор ва татбиқи лоиҳаҳои стратегии сармоягузорӣ мегардад. Онҳо дар байни секторҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳамоҳангӣ ба вуҷуд оварда, рушд ва самаранокии устуворро дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ таъмин мекунанд.

Аз нуқтаи назари предмети тадқиқот қайд кардан зарур аст, ки омӯзиш ва дастгирии соҳибкорӣ дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, бахусус дар заминаи рушди соҳибкории хурду миёна, нақши муҳим доранд. Омӯзиши соҳибкорон ба баланд бардоштани сатҳи малака ва дониши касбии субъектон мусоидат мекунад. Соҳибкорони дорои сатҳи баланди салоҳият метавонанд тиҷорати худро самаранок идора кунанд ва дар ин замина сармоягузориро самараноктар ҷалб намоянд. Омӯзиши саводнокии молиявӣ барои соҳибкорон кӯмак мекунад, ки ҷанбаҳои идоракунии молиявии тиҷорати худро беҳтар дарк кунанд.

Омӯзиш ба иштирокчиён дар таҳияи нақшаҳои босифати бизнес кӯмак мерасонад, ки як воситаи муҳими ҷалби сармоягузорон мебошад. Чӣ қадаре ки нақшаи бизнес бештар таҳия ва боварибахш бошад, эҳтимолияти бомуваффақияти маблағгузорӣ ҳамон қадар баландтар мешавад. Донистани стратегияҳо ва равишҳои муассир ба соҳибкорон дар пайдо кардани шарикони мувофиқи молиявӣ кӯмак мерасонад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки соҳибкорон, ки бо дониши тамоюлҳо ва имкониятҳои ҷорӣ муҷаҳҳаз шудаанд, метавонанд маҳсулот ва хидматҳои инноватсионӣ эҷод кунанд, ки ин метавонад барои сармоягузорон шароити мусоид муҳайё намояд ва имкониятҳои шабакавӣ ва пайвастҳоро дар бар гирад. Доштани шабакаи қавии тиҷоратӣ барои пайдо кардани сармоягузорон ва шарикони эҳтимолӣ осонтар мекунад. Дар баробари ин дар шароити кунунӣ омӯзиш ва дастгирӣ махсусан барои стартапҳо муҳиманд, ки метавонанд бо мушкилоти беназир рӯ ба рӯ шаванд. Ин омӯзиш дар заминаи идоракунӣ, банақшагирии стратегӣ ва усулҳои пешбурди сармоягузорӣ ташаккул меёбад.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва дастгирии соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна барои рушди сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам оварда, дар ин замина ба ҷалби сармоя мусоидат мекунад. Чунин тадбирҳо ба соҳибкорон кӯмак мекунад, ки корхонаҳои худро самараноктар идора карда, лоиҳаҳои тиҷоратии устувор ва муваффақ эҷод кунанд.

Дар баробари усулҳои дар боло зикргардида танзим ва субот дар таъмини маблағгузории устувор ва самараноки сармоягузорӣ низ нақши муҳим мебозад. Танзим барои сармоягузорон муҳити пешгӯишаванда ва устуворро фароҳам меорад ва барои қабули қарорҳо дар бораи сармоягузорӣ муҳим аст, зеро он хатарҳои марбут ба тағироти эҳтимолии қоидаҳои бозиро коҳиш медиҳанд. Аз тарафи дигар танзими самаранок манфиатҳои сармоягузоронро тавассути таъмини шаффофият ва адолат дар раванди сармоягузорӣ ҳимоя мекунад. Ин эътимодро дар бозорҳои молиявӣ эҷод мекунад ва хатарҳоро барои сармоягузорон коҳиш медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки танзими низоми молиявӣ барои пешгирии бӯҳронҳои молиявӣ ва тағйироте, ки метавонанд ба қарорҳои сармоягузорӣ таъсири манфӣ расонанд, кӯмак мерасонад. Муқаррар намудани стандартҳо ва қоидаҳои рафтор ба устувории бахши молиявӣ мусоидат карда, ба таъмини бозорҳои муассир, аз байн бурдани монополияҳо, пешгирии сӯиистифода ва риояи принсипҳои рақобат тақвият мебахшад ва муҳити солими сармоягузорӣ фароҳам меорад.

Танзими давлатӣ имконият медиҳад, ки ба маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ тавассути эҷоди механизмҳои ҳуқуқӣ ва молиявии татбиқи онҳо замина гузошта шавад. Ин махсусан барои он муҳим аст, ки лоиҳаҳои инфрасохторӣ метавонанд сармоягузориҳои калонро талаб кунанд. Муқаррарот чораҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳоеро дар бар мегирад, ки хатарнок ҳисобида мешаванд, вале барои манфиати ҷамъиятӣ муҳим мебошанд. Ин метавонад имтиёзҳои андоз ё дигар имтиёзҳои молиявиро дар бар гирад.

Танзими самаранок инчунин метавонад барои сармоягузорӣ ба тадқиқот ва инноватсия шароити мусоид фароҳам оварад. Ин метавонад имтиёзҳои андоз, ҳавасмандгардонӣ барои марказҳои тадқиқотӣ ва дастгирии корхонаҳои навро дар бар гирад. Дар маҷмӯъ, танзим ва субот унсурҳои ҷудонашавандаи низоми молиявӣ мебошанд, ки субот, эътимод ва муҳити мусоид барои сармоягузорӣ таъмин мекунанд. Ҳадафи ин тадбирҳо фароҳам овардани шароитест, ки дар доираи он соҳибкорон ва сармоягузорон метавонанд бо эътимод ва амният фаъолият кунанд.

Яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодии кишвар дар робита бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар мебошад. Иштироки кишварҳо дар равандҳои ҳамгироӣ метавонад омили ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти онҳо гардад. Ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ на танҳо дар робита бо таҳияи принсипҳои умумии танзими савдо ва сармоягузорӣ, балки мустақиман тавассути ҳамкориҳои муштараки кишварҳо барои воридоти сармоя ба иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин дар ҷараёни амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак, ки барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ равона гаштаанд ба ташаккулёбии ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба таҳким мебахшад [8, 88].

Вобаста ба намуди танзими давлатӣ бояд қайд кард, ки байни танзими мустақим ва ғайримустақими давлатӣ дар раванди сармоягузорӣ фарқият гузошта мешавад. Дар шароити танзими мустақим давлат бевосита субъекти раванди сармоягузорӣ ё сармоягузор мегардад. Танзими ғайримустақими давлатии раванди сармоягузорӣ аз ҷониби давлат бо истифода аз механизмҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки ташаккули фазои мусоиди сармоягузориро таъмин мекунанд. Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ танзими давлатии ҷараёни сармоягузорӣ мустақим дониста мешуд.

Дар иктисодиёти нақшавӣ давлат дар амал ҳамчун сармоягузорӣ монополистӣ баромад мекард. Баробари гузаштан ба иқтисоди бозор усулҳои бавоситаи танзими давлатии раванди сармоягузори аҳамияти рузафзун пайдо карданд. Вобаста ба ин, айни замон вазифаи асосии танзими давлатии раванди сармоягузорӣ фароҳам овардан ва нигоҳ доштани фазои мусоиди сармоягузорӣ мебошад [2, 135-147].

Дар айни замон ба масъалаҳои сиёсати сармоягузорӣ ҳам дар сатҳи макро ва ҳам дар сатҳи микро диққати зиёд дода мешавад. Сиёсати давлатии сармоягузорӣ фароҳам овардани имконияту шароити воқеии сармоягузориро таъмин менамояд, иштироки фаъолонаи давлат дар бозори сармоягузорӣ ба рушди он мусоидат мекунад.

Сиёсати сармоягузории давлат тавре аз таҳлилҳо бармеояд, маҷмуи тадбирхое мебошад, ки давлат барои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади фарохам овардани шароити оптималии интенсификатсияи раванди сармоягузорӣ гузаронида мешавад. Мақсади асосии сиёсати сармоягузории давлат фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди раванди сармоягузорӣ мебошад [10].

Фаъолияти фаъолонаи сармоягузории давлатӣ, пеш аз ҳама, душвориҳое, ки дар низоми пулии давлати мавҷуданд, ва камбудии манбаъҳои молиявии маблағҳоро дар бар мегирад, ки асосан дар натиҷаи нигоҳдории сунъии онҳо нарасидани маблағ

барои сармоягузории дарозмуддат ба иқтисоди воқеӣ зарур мебошанд.

Татбиқи масъалаҳои сиёсати сармоягузории давлатӣ бояд барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии зерин ҳал карда шаванд:

1) ноил шудан ба баландшавии дараҷаи иқтисодии тараққиёт;

2) бартараф намудани тафовут дар низоми байни соҳавӣ ва минтақавӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ;

3) ба иқтидори иқтисодӣ расондани таклифи пул, ки ба эҳтиёҷоти рушди сармоягузорӣ барои давраҳои дарозмуддат ҷавобгӯ аст;

4) рафъи вобастагии идоракунии давлат аз сармоя ва курби асъор;

5) ташаккули консепсияи қарздиҳии давлатӣ (дар асоси ғайритиҷоратӣ) бо фоизҳои камшуда (барои дароз кардани мӯҳлати қарздиҳӣ ва барои ба вучуд овардани иқтидори хавасмандгардонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва инчунин мутаносибии сохторӣ ва минтақавии рушди иқтисодӣ барои ояндаи наздик ва дарозмуддат[7, 13-20].

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои самтҳои гуногуни фаъолгардонии фаъолият ва нақши давлат дар рушди равандҳои сармоягузорӣ барои хулосабарорӣ имкониятҳои васеъи назариявию таҷрибавии фаъолияти устуворро фароҳам меорад. Танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити рушди муносибатҳои тиҷоративу сармоягузорӣ барои таҳкими маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ шарти асосӣ ба шумор меравад. Танзими давлатӣ пеш аз ҳама дар шакли маблағгузории фаъолияти хоҷагидорӣ рушди устуворро таъмин мекунад. Самаранок ва бомуваффакият ба амал баровардани самтҳои асосии сиёсати сармоягузории кишвар имконият медиҳад, ки проблемаи ҳавасмандгардонии афзоиши иқтисодиёт, ки яке аз масъалаҳои асосии давлат дар марҳалаи кунунӣ арзёбӣ мегардад, саривақт ва босифат ҳал карда шавад.

Самтҳои асосии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ, ташаккули инфраструктураи соҳаи сармоягузорӣ, васеъ намудани доираи истифодаи лизинги молиявӣ, инкишоф додани системаи қарздиҳии дарозмуддат, инкишофи корхонаҳои хурд, рушди бозорҳои фондии минтақавӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ тадбирҳои оид ба фароҳам овардани фазои мусоиди молиявӣ барои фаъолияти сармоягузорӣ маҳсуб меёбанд.

Давлат метавонад дар маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ, барномаҳои тадқиқотӣ ва дигар соҳаҳои калидӣ бештар ҷалб карда, дар ин замина ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мусоидат намояд. Таҳияи механизмҳои нави молиявӣ ё тавсеаи воситаҳои мавҷуда, ки метавонанд сармоягузории хусусиро бо кафолат ё субсидияҳои давлатӣ ҷалб кунанд, метавонад як роҳи дастгирии сармоягузорӣ бошанд.

Давлат бояд барои маблағгузории муштараки лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ширкатҳои хусусӣ шарикиро инкишоф диҳад. Ин метавонад корхонаҳои муштарак, консессияҳо ё дигар шаклҳои ҳамкориро дар бар гирад. Барномаҳои тадқиқотӣ ва конструкториро, ки ба инноватсия нигаронида шудаанд, бояд фаъолона маблағгузорӣ карда, ба таҳкими муносибатҳои бисёрҷониба мусоидат кунад.

Дар чунин шароит ҷорӣ намудани чораҳо оид ба беҳтар намудани дастрасии корхонаҳо ба маблағгузорӣ барои корхонаҳо ва тиҷорати хурд, аз қабили қарзҳои имтиёзнок ё кафолат зарурият ба миён меояд. Сиёсати танзими давлатӣ ва андоз бояд барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ тавассути ҳавасмандкунӣ ё кам кардани бори андоз мутобиқ карда шавад.

Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва омӯзиш бояд қувваи кории соҳибихтисосро ба вучуд оварда, сармоягузориро ба бахшҳои илмталаби технология ва инноватсия ҷалб кунад. Ҳангоми таҳияи стратегияи баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории сармоягузориҳо хусусиятҳои хоси вазъи иқтисодӣ ва муҳити институтсионалиро ба назар гирифтан, муҳим мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Айриева А.Н. Государственное финансовое стимулирование инвестиционной деятельности в Российской Федерации. дисс…к.э.н. 08.00.10. Саратов 2009. С.141.

2. Бабаева З.Ш. Государственное регулирование инвестиционной деятельности в условиях рыночной экономики / З. Ш. Бабаева // Актуальные вопросы современной экономики. – 2014. – № 4. – С. 135-147.

3. Гайдук В.И. Приоритетные направления государственной инвестиционной политики / В.И. Гайдук, А.В. Кондрашова, М.Г. Паремузова // Colloquium-Journal. – 2017. – № 10(10). – С. 105-111

4. *Духаев А.Д.* Совершенствование методов государственного регулирования структурно-инвестиционных процессов. - М.: Экономист, 2005 - 116 с.
5. Игонина Л.Л. Финансирование инвестиционной деятельности в Российской экономике. Дисс…д.э.н. 08.00.10. Москва 1999. С.292.
6. Лопатина И.Ю. Государственное регулирование инвестиционной сферы экономики / И. Ю. Лопатина, А. А. Запевалов, М. А. Малышевская, Ю. С. Яковенко // Сфера услуг: инновации и качество. – 2020. – № 48. – С. 63-72.
7. Терехова Е.В. Некоторые финансово-правовые вопросы инвестиционной деятельности на макро - и микроуровне. // Вопросы экономики и права. - 2015. - № 10. – С. 13-20.
8. Турлай И.С. Влияние региональной экономической интеграции на привлечение прямых иностранных инвестиции. Монография. Москва 2016.с.88.
9. Яндарбаева, Л.А. Государственное регулирование инвестиционной деятельности в депрессивных республиках / Л.А. Яндарбаева, Н.Т. Эльгайтарова // Известия Кабардино-Балкарского научного центра РАН. – 2018. – № 6(86). – С. 120-124.
10. Государственное регулирование инвестиции. https://scienceproblems.ru/.
11. Содиков, М. С. Современные тенденции и перспективы развития интеграционных связей стран ШОС / М. С. Содиков, М. Х. Данаева // Финансово-экономический вестник. – 2019. – № 3(19). – С. 137-145.
12. Содиков, М. С. Некоторые теоретические вопросы развития международной экономической интеграции / М. С. Содиков, Ф. Х. Фародов // Финансово-экономический вестник. – 2018. – № 4(16). – С. 20-27.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Сафаров Илҳом Нурмамадович –** муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: + (992)918993363. E-mail: ilhom0604@mail.ru

**Информация об авторе:**

**Сафаров Илхом Нурмахмадович –** старший преподаватель кафедры банковское дело Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14, Телефон: + (992) 918993363. E-mail: ilhom0604@mail.ru

**Information about the author:**

**Safarov Ilhom Nurmakhmadovich -** Senior Lecturer, Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14, Phone: + (992) 918993363. E-mail: ilhom0604@mail.ru

---

**УДК: 338.48 (575.3)**

# БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ВА ОБ ДАР НОҲИЯҲОИ ТОБЕЪИ ҶУМҲУР

**Ализода Тоҳир Саидаброн**
**Шарифов Зариф Раҳмонович**

**Аннотатсия.** Дар доираи мақолаи мазкур андешаи илмии олимон оид ба равишҳои таҳқиқ ва баҳодиҳии истифодаи оқилонаи захираҳои замину об мавриди таҳлил қарор гирифта, маълум карда шуд, ки солҳои охир олимон ва коршиносони соҳа оид ба масоили истифодаи самарабахши захираҳои замину об дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хоса дода истодаанд.

Ҳамчунин, дар раванди таҳқиқот низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии истифодаи захираҳои об мавриди истифода қарор дода шуда, муайян карда шуд, ки меъёри илман асоснокшудаи обёрии зироати кишоварзӣ дар давраи нашъунамо ва боришоти атмосферӣ умумӣ хоҳад буд. Ҳамзамон, ба исбот расонидашудааст, ки обдиҳӣ бо иловаи боришоти атмосферӣ, ки махсусан дар ноҳияҳои кӯҳии НТҶ дида мешавад, чун қоида набояд аз ҷамъи обистеъмолкунии зироати кишоварзӣ дар заминҳои обии кӯҳистон киштшаванда зиёд бошад.
Бо мақсади баҳодиҳии самаранокии истифодаи захираҳои заминии ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур системаи нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ, хусусӣ ва ёрирасон иборат аз бузургии ҳаҷми фоида, арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда, истеҳсоли маҳсулот ба 100 гектар замини кишоварзӣ, ҳосилнокии зироатҳо, маҳсулнокии чорво, ҳаҷми истеҳсоли шир, гӯшт ба заминҳои кишоварзӣ, арзиши аслӣ, фондғунҷоиш ва меҳнатғунҷоиш муйян карда шуда, мавриди таҳлил ва хулосабарории илмӣ қарор дода шудааст.
Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ собит гардид, ки ҳиссаи заминҳои обёришаванда дар таркиби заминҳои умумии таъиноти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ 16,5 ва НТҶ бошад 7,9%-ро ташкил медиҳад ки ин зуҳурот дар шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи тобеъи ҷумҳурӣ хеле ташвишовар арзёбӣ мегардад.
**Вожаҳои калидӣ:** самаранокӣ, захира, замин, об, ҳосилнокӣ, кишоварзӣ, истеҳсол, нишондиҳанда, истифодабарӣ.
**Барои иқтибос:** Ализода Т.С., Шарифов З.Р. Баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва об дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур / Т.С. Ализода, З.Р. Шарифов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). - С. 225-232

## ОЦЕНКА ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ И ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В РАЙОНАХ РЕСПУБЛИКАНСКОГО ПОДЧИНЕНИЯ

**Ализода Тохир Саидаброн**
**Шарифов Зариф Рахмонович**

**Аннотация**. В рамках данной статьи было проанализировано научное мнение ученых о подходах к исследованию и оценке рационального использования земельных и водных ресурсов, было отмечено, что в последние годы ученые и эксперты отрасли уделяют особое внимание вопросам эффективного использования земельных и водных ресурсов в сельском хозяйстве Республики Таджикистан.
Также в процессе исследования была применена система показателей оценки использования водных ресурсов, и было установлено, что научно обоснованный критерий орошения сельскохозяйственных культур будет общим в период роста и атмосферных осадков. В то же время доказано, что орошение с добавлением атмосферных осадков, наблюдаемое, в частности, в горных районах РРП, как правило, не должно превышать общую сумму потребления воды сельскохозяйственными культурами, возделываемыми на горных орошаемых землях.
С целью оценки эффективности использования земельных ресурсов районов республиканского подчинения была определена система сводных, частных и вспомогательных показателей, состоящая из величины прибыли, стоимости произведенной продукции, выпуска продукции на 100 га сельскохозяйственных угодий, урожайности сельскохозяйственных культур, продуктивности скота, объема производства молока, мяса на сельскохозяйственных угодьях, себестоимости, товарно-материальных запасов и трудоемкости, подвергнута научному анализу и обобщению.
В результате научных исследований было установлено, что доля орошаемых земель в составе земель общего сельскохозяйственного назначения в республике составляет 16,5%, а в РРП-7,9%, что в отдельных городах и районах республиканского подчинения оценивается как весьма тревожное явление.
**Ключевые слова:** эффективность, ресурс, земля, вода, урожайьность, сельское хозяйство, производство, ппоказатель, использование.

## ASSESSMENT OF THE ECONOMIC EFFICIENCY OF USING LAND AND WATER RESOURCES IN AREAS OF REPUBLICAN SUBORDINATION

**Alizoda Tohir Saidabror**
**Sharifov Zarif Rahmonovich**

**Annotation.** As part of this article, the scientific opinion of scientists on approaches to research and assessment of the rational use of land and water resources was analyzed; it was noted that in recent years, scientists and industry experts have been paying special attention to the issues of efficient use of land and water resources in agriculture of the Republic of Tajikistan.

Also, during the research process, a system of indicators for assessing the use of water resources was applied, and it was found that a scientifically based criterion for irrigation of agricultural crops will be common during the period of growth and precipitation. At the same time, it has been proven that irrigation with the addition of atmospheric precipitation, observed, in particular, in the mountainous regions of the DRS, as a rule, should not exceed the total amount of water consumption by agricultural crops cultivated on mountainous irrigated lands.

In order to assess the efficiency of using land resources in regions of republican subordination, a system of summary, partial and auxiliary indicators was determined, consisting of the amount of profit, the cost of production, output per 100 hectares of agricultural land, crop yield, livestock productivity, volume of milk and meat production per agricultural land, cost, inventory and labor intensity, subjected to scientific analysis and generalization.

As a result of scientific research, it was found that the share of irrigated lands in the composition of general agricultural lands in the republic is 16.5%, and in the RRP - 7.9%, which in some cities and regions of republican subordination is assessed as a very alarming phenomenon.

**Key words:** efficiency, resource, land, water, productivity, agriculture, production, indicator, use.

**Гузориши масъала.** Дар шароити имрӯза, истифодаи самараноки захираҳои замин ва об дар назария ва амалияи хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ мавқеи асосиро касб менамояд. Натиҷаҳои ниҳоии бадастовардаи корхонаҳои кишоварзӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат аз дуруст ба роҳ мондани истифодаи самаранокии обу замин вобаста аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари камзамин ва аҳолиаш солҳои охир рӯ ба афзоиш аст, зиёдкунии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои замин ва об ҳамеша масъалаҳои мубрами таҳқиқоти илмӣ боқӣ мемонад [3, с.3].

Бинобар ин, зарурати таҳқиқоти самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва об, такмили раванди об ва заминистифодабарӣ, аз омӯхта нашудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мушкилоти мазкур дар шароити кӯҳистон асоснок мегардад. Асосҳои илмии замин ва обистифодабарӣ аз моҳияти иқтисодӣ ва махсусиятҳои ирригатсия ҳамчун омили баландбардории ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ бояд оғоз ёбад. Азбаски ҳосилнокии иқтисодии ин ё он замин бо маҷмуи унсурҳои ҳам табиӣ, биологӣ, ҳам тартиби иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ муайян карда мешавад, табиист, ки ташкили заминдории обёришаванда бояд ҳамон тавр сохта шавад, ки омили об ба тамоми ҷузъҳо (унсурҳо) таъсири мусбат расонад. Тибқи ин талабот зарур аст, ки тамоми маҷмуи низоми обёришавандаи заминдорӣ ба танзим дароварда шавад.

**Мақсади мақола** аз коркарди тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба равиши муайян намудан ва арзёбии истифодаи самараноки захираҳои замин ва об дар шароити минтақаҳои кӯҳии ноҳияи тобеъи ҷумҳурӣ, иборат мебошад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар мавриди баҳодиҳии самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об як қатор олимони ватанӣ: Ғафуров Х.Г., Пириев Ҷ.С., Воҳидов В.В., Шарифов З.Р., Носиров Р., Қудратов Р.Р., Қаюмов Н.К., Мирсаидов А.Б., Абдалимов А., Ш. Давлаталӣ, Элмуродов З.Х. Шарипов И.О. ва дигарон таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар шароити рушди иқтисоди бисёршаклаи бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии давлатии захираҳои замин ва об дар истеҳсолоти аграрӣ ба таври назаррас коста гардида, ба коҳиши ҳосилхезии хок, бадшавии ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ, афзоиши эрозияи бодӣ ва обӣ, сарфи аз меъёр зиёди об, вайроншавии иншоотҳои обрасон оварда расонд.

Ҳамин тавр, заминдорӣ дар шароити ирригатсия, раванди мураккаб ва ягонаи таъсири меҳнат, воситаҳои истеҳсолоти таъиноти кишоварзӣ ва ирригатсионию мелиоративӣ ба замин бо мақсади бадастории миқдори зиёди маҳсулот аз воҳиди майдон мебошад. Ин ҷо тамоми чорабиниҳои агротехникӣ ва гидротехникӣ бо ҳамдигар алоқаманд мешаванд.

Таъмини истифодаи нисбатан сарфакорона ва иқтисодии захираи об барои ирригатсия муҳим арзёбӣ мешавад. Реҷаи обёриро бо принсипи

«иловашавандагӣ» бояд барқарор кард. Ин маънои онро дорад, ки оби обёрикунанда ба қитъаҳои обёришаванда ба боришоти атмосферӣ ба сифати иловакунанда дода мешавад. Баробари ин, меъёри илман асосноккардаи обёрӣ барои ин ё он зироати кишоварзӣ дар байни обистеъмолкунии барои давраи нашъунамо ва боришоти атмосферӣ умумӣ хоҳад буд. Обдиҳӣ бо иловаи боришоти атмосферӣ, ки махсусан дар ноҳияҳои кӯҳии НТҶ дида мешавад, чун қоида набояд аз ҷамъи обистеъмолкунии зироати кишоварзӣ дар заминҳои обии кӯҳистон киштшаванда зиёд бошад.

Нақши асосӣ дар баландбардории самараноки истифодаи замин дар шароити бавуҷудомада ба зиммаи давлат гузошта шудааст, барои ин бояд давлат барномаи мақсаднокро оид ба ҳифзи зироатҳо таҳия ва амалӣ созад, ба ихтисор ва истифодаи ғайримақсадноки он роҳ надиҳад, ба тағйири шароити умумииқтисодие, ки барои такрористеҳсолкунии васеъ ва интенсификатсияи кишоварзӣ асос мебошанд, имконият фароҳам орад, амалисозии бартариҳои муносибатҳои нави моликият ва механизми хоҷагидориро таъмин намояд.

Барои баҳодихии самаранокии истифодабарии захираҳои замин системаи нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ, хусусӣ ва ёридиҳанда истифода мешаванд. Ба нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ: ҳаҷми фоида, арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда, истеҳсоли маҳсулот ба 100 га замини кишоварзӣ, ба нишондиҳандаҳои хусусӣ: ҳосилнокии зироатҳо, маҳсулнокии чорво, ҳаҷми истеҳсоли шир, гӯшт ба заминҳои кишоварзӣ ва ба нишондодҳои ёрирасон: арзиши аслӣ, фондғунҷоиш, меҳнатғунҷоиш мансуб мебошанд [4, С.60].

Ҳамин тавр, дар қадами навбатии таҳқиқот нишондиҳанҳои ҷамъбастӣ, ҳосилнокии зироатҳоро дар НТҶ таҳлил ва хулосагирӣ менамоем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**-Таркиби нишондиҳандаҳои табии самаранок истифодабарии замин дар НТҶ ба ҳисоби миёна соли 2022

| Шаҳру ноҳияҳо | Ҳосилноки и ғаладонаги ҳо, с/га | Истеҳсоли маҳсулоти растанӣ ба 100 га кишт, с | Истеҳсоли гӯшт ба 100 га замини кишт, с | Истеҳсоли гӯшти гусфанд ва бӯз ба 100 га замин, с | Истеҳсоли сабзавот ба 100 га майдони кишт, т | Истеҳсоли тухм бо 100 га кишти ғалладонагӣ , дона |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҶТ, ҳамагӣ** | **30,9** | **1544,6** | **81,7** | **56,7** | **3745,4** | **251115 389068** |
| **аз он дар:** | | | | | | |
| **НТҶ, ҳамагӣ** | **24,2** | **2993,0** | **56,3** | **47,6** | **4508,1** | **299575** |
| **аз он дар:** | | | | | | |
| Турсунзада | 27,6 | 666,0 | 47,0 | 45,3 | 8110,5 | 384571 |
| Ҳисор | 27,8 | 784,0 | 88,8 | 78,1 | 4878,9 | 389296 |
| Шахринав | 22,4 | 580,0 | 48,8 | 52,2 | 7256,4 | 127600 |
| Рудакӣ | 18,8 | 901,6 | 61,89 | 48,5 | 4088,5 | 49787 |
| Варзоб | 12,3 | 502,4 | 19,1 | 17,8 | 538,0 | 1108777 |
| Вахдат | 35,9 | 1179,5 | 132,9 | 87,6 | 6174,0 | 110757 |
| Файзобод | 16,6 | 2242 | 33,2 | 37,4 | 2303,2 | 170154,2 |
| Нуробод | 14,0 | 5121,8 | 47,1 | 45,8 | 1356,6 | 177320 |
| Сангвар | 35,9 | 9474 | 40,7 | 35,6 | 807,1 | 430542 |
| Рашт | 23,2 | 11401,5 | 56,1 | 52,3 | 2012,5 | 430542 |
| Тоҷикобод | 23,0 | 8501,3 | 88,9 | 90,3 | 1944,7 | 188919 |
| Лахш | 16,4 | 16252,7 | 21,1 | 37,6 | 291,1 | 138750 |
| Роғун | 12,7 | 1224,4 | 25,7 | 39,7 | 763,3 | 48297 |

**Манбаъ:** *Маҷмӯи омори Кишоварзии ҶТ. -Душанбе, 2023. -С.189 ва ҳисобҳои муаллиф*

Таҳлили ҳосилнокии ғалладонагиҳо дар НТҶ нишон дод, ки дар ш. Вахдат ва н.Сангвор ҳосилнокӣ аз ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ 14,5-17,7 % ва аз ҳисоби миёнаи НТҶ, мувофиқан 45,9-5% зиёд аст.

Ҳосилнокии ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои ш. Ҳисор (27,8 с/га), Турсунзода (27,6 с/га) аз ҳисоби миёна хоҷагиҳои НТҶ ба миқдори 14,0-14,9 % зиёд аст. Самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ин ноҳияҳо нисбатан баланд аст ва таҷрибаи истеҳсоли онҳо лоиқи

дасгирӣ мебошад. Дар шаҳру ноҳияҳо новобаста аз шароити хуби табиӣ ҳосили ками ғалладонагӣ истеҳсол намудаанд. Ҳосилнокии ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои Роғун 12,7 с/га, Варзоб 12,3 с/га, Нуробод 14,0 с/га, Файзобод 16,6 с/га, Лахш 16,4 с/га-ро ташикил дода, нисбати ҳосилнокии миёнаи ҷумҳурӣ 41,1-39,8% ва нисбати миёнаи НТҶ 50,8-27,5% кам аст. Аз ин хулоса мешавад, ки ҳоло дар хоҷагиҳои НТҶ захираи зиёд намудани истеҳсоли ғалладонагӣ зиёд аст. Аз ин рӯ, роҳбарони хоҷагиҳоро зарур аст аз таҷрибаи хоҷагиҳои пешқадам истифода карда, парвариши ин ва дигар зироатҳоро дар асоси равандҳои иноватсионӣ ба роҳ монанд, ба масъалаи таъмини зичии ниҳол дар майдон, саривақт додани ғизо, обмонӣ диққати зарур диҳанд.

Дар хоҷагиҳои НТҶ истеҳсоли картошка ба 100 га, гушт (аз рӯйи вазни зинда) ба 100 га, истеҳсоли гӯшти бузу гӯсфанд ба 100 га майдони умумии кишоварзӣ нисбат ба ҳисоби миёнаӣ ҷумҳури мувофиқан 31,1-16,6% кам мебошад. Истеҳсоли гӯшт ба 100 га майдон дар хоҷагиҳои ш. Ваҳдат 132,9 сентнер, Ҳисор 88,8 сентнер, Рашт 56,03 сентнер, Тоҷикобод 88,9 сентнер, Рудакӣ 61,9 сентнерро ташкил додаст, ки нисбатан нишондиҳандаи хуб аст. Истеҳсоли гӯшт дар хоҷагиҳои ноҳияи Варзоб 19,1 сентнер, Лахш 21,1 с, Роғун 25,7 сентнер ба 100 га замини кишоварзӣ баробар гардида, беҳбудиро талаб мекунад. Қисми зиёди саршумори чорвои калони шохдор ва моли майда (бузу гӯсфанд) дар ихтиёри аҳолӣ аст, бинобар ин бояд ба масъалаи беҳтар кардани зоти чорвои онҳо, низоми хӯрока, назорати тиббии ветеренарӣ, таркиби ғизонокӣ диққати махсус дода шавад. Дар ояндаи наздик бояд зоти чорвои калони шохдор ва бузу гусфанди аҳолӣ беҳтар карда шуда, раванди афзоиши саршумор то ҳадде нигоҳ дошта шавад. Рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим бояд дар асоси равандҳои инноватсионӣ ба роҳ монда шавад ва дар ин асос самаранокии иқтисодии ин соҳа таъмин карда шавад.

Дар ҷадвали 2 нишондиҳандаҳои нисбӣ ва ҷамъбастӣ самаранок истифодабарии заминро дар НТҶ таҳқиқ ва баҳогузорӣ менамоем.

**Ҷадвали 2.**-Таркиби нишондиҳандаҳои нисбии истифодаи самараноки замин (ҳисоби миёнаи солҳои 2019-2022)

| Шаҳру ноҳияҳо | Ҳиссаи заминҳои кишоварзӣ дар майдони умумии замин,% | Ҳиссаи замини шудгоршаванда дар таркиби замини киштзори кишоварзӣ, % | Ҳиссаи зироатҳои интенсивӣ дар таркиби майдони кишт, % | Ҳиссаи замини обёришаванда дар таркиби майдони замини киштзори кишоварзӣ, га | Миқдори ЧКШ ба хисоби 100 га киштзори кишоварзӣ, сар | Миқдори гусфанд ва буз ба хисоби 100 га киштзори кишоварзӣ, сар | Саршумори паранда ба 100 га кишти ғаладонагиҳо, дона |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҶТ, ҳамагӣ** | **26,0** | **18,0** | **45,7** | **16,5** | **65,0** | **158,0** | **2499** |
| **аз он дар:** | | | | | | | |
| **НТҶ, ҳамагӣ** | **32,6** | **10,5** | **51,3** | **7,9** | **66,0** | **160** | **3933** |
| **аз он дар:** | | | | | | | |
| Турсунзода | 58,4 | 10,9 | 68,1 | 9,8 | 61,4 | 152 | 1279 |
| Ҳисор | 74,3 | 17,0 | 47,4 | 16,1 | 102 | 175 | 3154 |
| Шаҳринав | 58,2 | 15,9 | 64,5 | 10,8 | 48 | 83 | 4098 |
| Рӯдакӣ | 73,6 | 13,8 | 60,30 | 7,0 | 57,0 | 93 | 2133 |
| Варзоб | 38,2 | 4,1 | 56,9 | 0,9 | 53,0 | 197 | 1086 |
| Ваҳдат | 25,9 | 14,6 | 53,6 | 12,3 | 84 | 165 | 9187 |
| Файзобод | 57,8 | 12,6 | 45,4 | 9,9 | 85 | 208 | 11789 |
| Нуробод | 60,5 | 5,7 | 31,9 | 3,3 | 56 | 174 | 5391 |
| Сангвар | 29,1 | 4,3 | 52,6 | 3,9 | 62,0 | 135 | 3004 |
| Рашт | 36,5 | 6,7 | 26,8 | 7,6 | 113 | 253 | 5382 |
| Тоҷикобод | 30,8 | 13,4 | 27,3 | 9,7 | 86 | 305 | 3353 |
| Лахш | 22,1 | 6,2 | 14,6 | 5,2 | 28 | 133 | 4972 |
| Роғун | 66,4 | 6,7 | 68,3 | 0,018 | 53 | 218 | 1452 |

**Манбаъ:** *Маҷмӯи омори Кишоварзии ҶТ. -Душанбе, 2023 ва ҳисобҳои муаллиф*

Аз рӯйи ҳисоби мо ҳиссаи заминҳои таъминоти кишоварзӣ дар маҷмуи заминҳои ҷумҳурӣ ба 26,0%, дар НТҶ бошад 32,6%-ро ташкил медиҳад. Ин бузургӣ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 73,6, Ҳисор 74,3%, Роғун 66,4%, Нуробод 60,5%, Турсунзода 58,4% ва Шаҳринав 58,2% -ро ташкил медиҳад. Қисми зиёди ҳудуди заминҳои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикршударо заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ 2,8 маротиба ва нисбати ҳисоби миёна НТҶ 2,3 баробар зиёд аст. Чунин ҳаҷми зиёди заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ноҳияҳои зикршуда барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, саршумори чорво ба 100 га заминҳои таъиноти кишоварзии мустаҳкам кардани бозори хӯроки чорво, мусоидат намудааст. Дар ин шаҳру ноҳияҳо ҳиссаи заминҳои алафдарав ва чарогоҳҳо нисбатан зиёд аст, ки барои рушди чорвои майда ва ба гардиши рушди заминҳои кишоварзӣ бошад, мусоидат мекунад.

Ҳиссаи замини шудгоршаванда дар таркиби замини киштзори кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба 18,0 % ва дар НТҶ ба 10,9 % баробар буда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Варзоб 4,1 %, Сангвор 4,3 %, Нуробод 5,7 %, Рашт 6,7 %, Лахш 6,2 %-ро дар бар гирифта, аз ҳисоби миёна ҷумҳурӣ аз 12,2% то 77,8% ва нисбати ҳисоби миёна НТҶ аз 36,2 то 61,0 %-ро ташкил медиҳад. Дар Рашт 29,8 %, Лахш 15,9 %, Роғун 59,7 %, Нуробод 54,8 %, Варзоб 34,1 % ҳиссаи заминҳои умумии таъиноти кишоварзиро даштҳо, чарогоҳҳо, алафдарав ва ҷангалзорҳо ташкил медиҳад, ки ҳосилнокии табии ин заминҳо ба ҳисоби миёна 6-10 с/га аст. Дар ин минтақаҳо бояд аз нуриҳои маъданӣ ва дигар тадбирҳои агротехникии инноватсионии ба зиёдшавии ҳосилнокии чарогоҳҳо (алафдарав) мусоидаткунанда гузаронида шавад.

Ҳиссаи заминҳои обёришаванда дар таркиби заминҳои умумии таъиноти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ 16,5 ва НТҶ бошад 7,9%-ро ташкил медиҳад. Чунин ҳолат дар шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи тобеъи ҷумҳурӣ хеле ташвишовар аст. Масалан, дар ноҳияи Варзоб ҳиссаи заминҳои обёришаванда 0,9 %, Роғун 0,1 %, Нуробод 3,3 %, Сангвор 3,9 %, Лахш 5,2 %-ро ташкил медиҳад. Дар ин ноҳияҳо шумораи чашмаҳо кам нестанд ва бояд бо роҳи ташкили обанборҳои хурд масоҳати заминҳои обӣ зиёд карда шавад.

Дар ҷадвали 3 нишондиҳандаҳои иқтисодии истифодаи самараноки заминро дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, Турсунзода таҳлил ва баҳогузорӣ намудем.

**Ҷадвали 3.-Самаранокии иқтисодии истифодаи замин (ҳисоби миёнаи солҳои 2018-2022)**

| Нишондиҳандаҳо | Дар НТҶ | аз ҷумла дар | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Турсунзода | Шаҳринав | Ҳисор |
| Боздиҳии замин (БЗ=МУ:АЗ), сомонӣ | 1,47 | 1,89 | 1,74 | 1,83 |
| Заминғунҷоиш (ЗҒ=АЗ:МУ), сомонӣ | 0,73 | 0,87 | 0,61 | 0,87 |
| Арзиши МУ ба ҳисоби 1 га заминҳои киштзори кишоварзӣ, сомонӣ | 58353 | 117305 | 62117 | 84503 |
| ДУ ба ҳисоби 1 га киштзори кишоварзӣ, сомонӣ | 40847 | 82113,5 | 44724 | 59152 |
| Даромади соф ба ҳисоби як га киштзори кишоварзӣ, сомонӣ | 19323 | 25624 | 21631 | 24302 |
| Фоида аз фурӯши маҳсулот ба ҳисоби як га киштзори кишоварзӣ, сомонӣ | 12621 | 15430 | 13632 | 14475 |

**Манбаъ:** *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти ҷамоати деҳоди шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав ва Ҳисор барои солҳои 2018-2023 иҷро карда шудааст.*

Боздеҳи заминҳо аз рӯйи маҳали умумии тақсими арзиши замин ба ҳисоби миёна дар НТҶ 1,47 сомониро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда дар Шаҳринав 1,74, Ҳисор 1,83, Турсунзода 1,89 соминиро ташкил медиҳад. Яъне дар ин шаҳру ноҳияҳо самаранокии истифодаи замин аз 18,4 % то 28,6% нисбати нишондоди миёнаи НТҶ зиёд аст.

Боздиҳии замин бо роҳи тақсими арзиши маҳсулоти умумӣ ба 1 га замин дар хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳринав 62117 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳисоби миёна НТҶ 6,4%, Турсунзода 2,0 баробар, Ҳисор бошад 44,8% зиёд аст. Ҳамин тавр, ҳамаи дигар нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи замин дар хоҷагиҳои шаҳри Турсунзода нисбати ҳисоби миёнаи хоҷагиҳои НТҶ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар ин хоҷагиҳо имконияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот бо роҳи баланд бардоштани ҳосилнокии аз 1 га, зиёд кардани миқдори растанӣ дар 1 га, роҳ надодан ба холигии замин дар вақти ташаккули зироатҳо, риояи реҷаи обмонӣ, истифодаи натиҷаи технологияи инноватсионӣ, мавҷуд аст.

Хамин тавр, замин ва об омили ивазнашавандаи истеҳсолот ва неъмати умумиҷамъиятӣ мебошад, ки барои ҷомеа зарур аст. Аз ин рӯ, тамоми қишри ҷомеа якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳия, ҷамоат ва деҳаҳо истифодаи самараноки захираҳои замину обро назорат, танзим ва таъмин намоянд. Дар ҳамин сурат захираи замин ва об дар минтақаиҳои кӯҳии НТҶ метавонад такрористеҳсолкунии васеъро тӯли солҳои зиёд таъмин намояд.

Ба ақидаи мо дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ амалишавии тадбирҳои зерин ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва об дар НТҶ мусоидат менамояд:

-ҷорӣ намудани таҷрибаи ҷойгиркунии маълумот дар веб-сайти расмии вазорату идораҳои дахлдор, оид ба заминҳои истифоданашуда;

-ҷорӣ намудани таҷрибаи ҷойгиркунии маълумот дар веб-сайти расмии вазорату идораҳои дахлдор, оид ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ;

-такмили низоми хизматрасонӣ ва идораи захираҳои об ва замини таъиноти кишоварзӣ, азназаргузаронии фаъолияти ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об;

-ташкили корхонаҳои саноатӣ оид ба истеҳсоли лӯлаҳо ва ҷӯйборҳои пластикии сабук, рушди истеҳсоли агрегату насосҳо;

-баланд бардоштани малака ва дониши кормандони шуъбаҳои ирригатсияи ноҳияҳо ва роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ оид ба истифодаи самараноки об ҳангоми обёрӣ, шустани заминҳо, ҳамчунин истифодаи технологияҳои коҳишдиҳандаи сарфи об;

-обёрӣ намудани заминҳои лалмии релефашан ҳамвор аз ҳисоби васеъсозии шабакаҳои обанборҳо, дар заминаи таваҷҷӯҳ ба сохтмони обанборҳои аз сел ҳифзкунанда ва обанборҳои сунъӣ;

-ҷоринамоии марҳалавии механизмҳои бозорӣ дар соҳаи обистифодабарӣ, қоидаҳои шарикии давлатию хусусӣ ҳангоми истифодабарии объектҳои хоҷагии об;

-муайянкунии тартиби ҷуброни хароҷоти давлатӣ оид ба расонидани об аз тарафи обистифодабарандагон;

-ташкили марҳалавии муҷаҳҳазгардонии обистифодабарандагон бо воситаҳои идора ва баҳисобгирии об, таҳия ва ҷоринамоии технологияҳои истифодаи самараноки захираҳои оби зеризаминӣ, пешгирии худсарона гирифтани об аз обҳои зеризаминӣ барои кишоварзӣ ва истифодаи исрофкоронаи он.

## АДАБИЁТ

1. Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. -350с.
2. Ҳисоби солонаи ҷамоати деҳоди шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав ва Ҳисор барои солҳои 2018-2023.
3. Шарипов И.О. Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон). Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. -Душанбе, 2021. -161 с.
4. Элмуродов З. Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ (китоби дарсӣ). - Душанбе: Ирфон, 2013. -116 с.

**Маводи интернетӣ**

5.https://www.stat.tj
6.3https://www.zamin.tj

**Маълумот дар бораи муаллиф (он):**

***Ализода Тоҳир Саидаброн*** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Докторант (PhD). **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. **E-mail:** alizoda.t93@mail.ru **Tel./Fax.:** (992) 55 8888 525

***Шарифов Зариф Раҳмонович***-Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, д.и.и., профессор, мудири кафедраи Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. **Tel./Fax.:** (992) 905 00 44 00

**Сведения об авторе:**

***Ализода Тохир Саидаброн*** - Таджикский аграрный университет имени Ш. Шоҳтемур, Докторант (PhD). **Адрес**: 734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рӯдакӣ, 146. **E-mail:** alizoda.t93@mail.ru **Tel./Fax.:** (992) 55 8888 525

***Шарифов Зариф Рахмонович***-Таджикский аграрный университет имени Ш. Шоҳтемур, д.э.н., профессор, зав. кафедрой Бухгалтерского учета и аудит. **Адрес**: 734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рӯдакӣ, 146. **Tel./Fax.:** (992) 905 00 44 00

**Information about author:**

***Alizoda Tohir Saidabror*** - Tajik agrarian University named Shirinsho Shotemur, Doctor of PhD . **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. **E-mail:** alizoda.t93@mail.ru **Tel./Fax.:** (992) 55 8888 525

***Sharifov Zarif Rahmonovich***-Tajik agrarian University named Shirinsho Shotemur, Doctor of Economics, Professor, head of the Department of Accouting and auditing **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. **Tel./Fax.:** (992) 905 00 44 00

---

**УДК: 338.24**

## МАБЛАҒГУЗОРӢ БА РУШДИ «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ» ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Давлатзода Абдулло Давлат**

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии ташаккули «иқтисоди сабз», маблағгузориҳо ба рушди он дар шароити муосир дида баромада шудааст. Унсурҳои асосии модели таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ҷалби захираҳои молиявӣ ба рушди иқтсиоди сабз ва омилҳои таъсиркунанда ба истеҳсоли энергияи сабз мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин тамоюли ҷалби бештари сармоягузориҳо ба рушди устувори иқтисодиёт ва маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ ба «иқтисоди сабз» ва таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ дар самти беҳдошти муҳити зист дида баромада шудааст. Самтҳои асосии маблағгузориҳо ба рушди «иқтисоди сабз», татбиқи модели самаранокии рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии давлатии рушди «иқтисоди сабз» ва роҳҳои кам намудани таъсири одамон ба муҳити зист пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** рушди устувор, «иқтисоди сабз», маблағгузориҳо ба рушди «иқтисоди сабз», захираҳои молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳо, дастгирии давлатӣ, беҳдошти муҳити зист, иқтидори захиравӣ-табиӣ.

**Барои иқтибос:** Давлатзода А.Д. Маблағгузорӣ ба рушди «иқтисодиёти сабз» дар шароити муосир / А.Д. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 232- 237.

## ФИНАНСИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ» В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Давлатзода Абдулло Давлат**

В статье рассматривается теоретические аспекты «зеленой экономики», финансирования их развития в современных условиях. Изучены основные элементы модели устойчивого развития, привлечения финансовых ресурсов в развитие зеленой экономики и производство зеленой энергии. Также рассмотрены тенденции привлечения инвестиций в устойчивое развитие экономики,привлечения внебюджетных финансирования в развитие «зеленой экономики» и опыт экономически развитых стран в сфере финансирования зеленой экономики. Предложены основные направления финансирования развитие «зеленой экономики», реализация модели эффективности устойчивого развития в Республике Таджикистан, государственная поддержка развитие «зеленой экономики» и способы снижения антропогенного воздействия на окружающей среды человечество.

**Ключевые слова:** устойчивое развитие, «зеленая экономика», финансирование развития зеленой экономики, финансовые ресурсы, привлечение инвестиций, государственная поддержка, охрана окружающей среды, природно-ресурсный потенциал.

## FINANCING THE DEVELOPMENT OF A GREEN ECONOMY IN MODERN CONDITIONS

**Davlatzoda Abdullo Davlat**

This article examines the analysis of the formation and development of theoretical aspects of financing the development of a green economy in modern conditions. The main elements of the model for providing financial resources for the development of a green economy and the factors influencing the development of green energy production have been studied. Trends in attracting investments in sustainable economic development and the experience of economically developed countries in the field of financing the green economy are also considered. The main areas of financing are the development of the "green economy", the implementation of the green economy efficiency model in a market economy, government support for attracting investments in its development and ways to reduce the anthropogenic impact on the environment.

**Key words:** sustainable development, "green economy", financing the development of a green economy, attracting investments, government support, environmental protection, natural resource potential.

**Гузориши масъала.** Иқтисоди сабз дар шароити муосир бо сабаби афзоиши мушкилоти экологӣ ва зарурати рушди устувор аҳамияти бештар пайдо мекунад. Татбиқи иқтисоди сабз инчунин метавонад манфиатҳои иловагӣ оварад, ба монанди: зиёд кардани бартариҳои рақобатӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави тиҷорат.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Вобаста ба масъалаи мазкур як қатор олимони хориҷиву дохилӣ аз ҷумла, Исайнов Ҳ., Кудинов Г. Э., Розенберг Г. С., Юрина В. С. ва амсоли онон корҳои илмиро ба сомон расонидаанд.

**Мақсади мақола** – ин арзёбии маблағгузорӣ ба рушди «иқтисодиёти сабз» дар шароити муосир маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** «Иқтисоди сабз» - ин низоми махсуси рушди иқтисодиёт мебошад, ки ба технологияи аз нигоҳи экологӣ тозаи истеҳсоли маҳсулотҳо ва рушди самараноки он нигаронида шуда, мақсади ниҳоияш таъмини рушди устувори иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, он бештар ба тавозуни иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ нигаронида шудааст. Одатан, иқтисодиёти анъанавӣ тайи даҳсолаҳои охир ҳангоми истеҳсоли молу маҳсулотҳо ба муҳити зист бештар зарарҳои иқтисодӣ-экологиро дар шакли партовҳо расонидааст. Лекин, рушди иқтисодиёти сабз, баръакс партовҳои истеҳсолиро ба сикли (занҷираи) нави истеҳсолӣ баргардонида, хатарҳои экологиро ба муҳити зист камтар ва сатҳу сифати зиндагии одамонро беҳтар менамояд.

Дар ин раванд, таҳқиқӣ масъалаҳои экологӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо ташаккули модели нави рушди устувори иктисодӣ-ичтимоӣ барои аксарияти кишварҳои дунё ба ҳисоб меравад. Барои ин модели рушд дар бисёр мавридҳо мафҳуми «иқтисоди сабз» истифода бурда шуда, аксарияти кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ майлу хоҳиши гузаштан ба ин модели рушдро доранд.

Аввалин маротиба мафҳуми «иқтисоди сабз» соли 1989 дар идеяҳои олимони иқтисодӣ-экологии Британияи Кабир - Д. Пирса, А. Маркандӣ ва Э. Барбиера истифода бурда шудааст. Баъдан таввачуҳ ба масъалаи рушди устувори иқтисодӣ, аз ҷумла иқтисоди сабз солҳои 1970 бештар гардида, имрӯз на танҳо ҳамчун ченаки асосии рушди инсонӣ, балки дар мадди аввал ва сатҳи нави рушд қарор дорад, ки тайи панҷоҳ соли охир ҷанбаҳои назариявии алоқамандии иқтисодиёт, ҷомеъ ва муҳити зистро ҳамчун унсури асосии рушди устувор эътироф гардида, дар он рушди иқтисоди сабз мақоми махсус дорад. Ин равандҳоро ба назар гирифта, соли 2012 дар конфронси сатҳи байналмилалӣ (дар формати конференсияи СММ), ки аксари кишварҳои дунё иштирок доштанд, масъалаи рушди «иқтисоди сабз» хеле баланд садо дода, рушди иқтисодиёти навинро, бо суръати баланди кайҳонии ғункунии сармояи физикӣ ва инсонӣ баҳо дода, қайд гардид, ки танҳо аз ҳисоби ноокилона ва ғайрисамаранок истифодабарии захираҳои табиӣ ва таназзулёбии сармояи инсонӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ аҳолӣ рушди иқтисодӣ таъмин мегардад.

Ин конфронси сатҳи баланд нақши махсуси ташаккул ва рушди назарияи «иқтисоди сабз»-ро қайд намуда, иштирокунандагони он ба ду ҷанбаи асосӣ, яъне «…зарурати мувофиқати байни рушди устувори экологӣ ва иқтисодӣ, диққати бештар дода, «иқтисоди сабз»-ро ҳамчун шакли нави рушд барои акасарияти кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ эътироф намудаанд...» ва ҳаҷми хатарҳои экологӣ-молиявӣ ҷомеъаи инсониро водор месозад, ки чораҳои заруриро дар самти мазкур пешбинӣ намоем. Иштирокчиёни конфронси мазкур зарурати гузариш ба «иқтисоди сабз»-ро дар ҳалли масъалаҳои мазкур: таъмини сатҳи баланди некуаҳволӣ ва баробарии иҷтимоӣ, кам кардани таваккалҳои экологӣ ва маҳдудиятҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ мебинанд. Ҳалли ин масъалаҳо бояд барои ҳар як кишвар шароитҳои муайянро дар бахши (маблағгузориҳо ва сармоягузориҳои давлатӣ, истифодаи бештари андозҳои экологӣ ва дигар фишангҳои иқтисодӣ, кам намудани таъсири беруна ба муҳити зист)-ро дар нодуруст амал намудани механизмҳои бозорӣ вобастагӣ дониста, даст кашидан аз субсидияҳои давлатӣ оиди ифлоскуниҳои экологӣ дар ҷараёни истеҳсолот, пурзур намудани танзими давлатӣ ва беҳтар намудани идоракунии ин

равандҳоро дар сатҳи байналхалқӣ, ки тавассути истифодаи бештари фишангҳои молиявӣ, барномаҳои ислоҳоти стратегӣ, пурзур намудани ҳамкориҳои баймналмилалӣ дар бахши тиҷоратӣ, молиявӣ ва рушди инфрасохтори бозорӣ амалӣ намудан зарур аст.

Ҳамзамон, фаъолияти дастаҷамъона дар самти экологикунонии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва заминаи гузариш ба «иқтисоди сабз» (яъне, муносибати одамон ва муҳити зист) ва асосҳои назариявии таҳқиқи ин нави рушд тайи садсолаҳои охир ташаккул ва рушд ёфтааст. Таҳқиқи эволютсиони он дар афкори иқтисодчиёни мктабҳои гуногун оид ба муҳити зист мебошад, ки он ба асрҳои XV11-XX рост меояд ва диққати асосӣ дар онҳо бештар масъалаҳои экологӣ аз madди аввал буда, омузиш ва амали намудани таъсири одамон ба муҳити зист мебошад.

Омӯзиши назарияи асосҳои боигарӣ, ки ҳанӯз дар асарҳои XV11-XV111 аз ҷониби олимони классики (У. Петти, Ф. Кенэ, А. Тюрго, А. Смит) таҳқиқ гардида буд, дар он мақоми махсусро омили меҳнат, замин, табиат ва кишоварзӣ, ки зери қонуни паст намудани ҳосилхезии хок, Д. Рикардо назарияи рентаи заминро пешниҳод намудааст. Оғози асрҳои XV111-X1X дар заминаи таҳқиқи алоқамндии ҷараёнҳо ва табиат Т. Мальтус ақаидаи маҳдудияти захираҳои табииро барои инсоният ташаккул додааст. Дар баробари он рушди назарияи алоқамандии омилҳои иҷтимоӣ-экологӣ дар таъмини сатҳи некуаҳволӣ ва ҷомеъи башарӣ (Ҷ. С. Милл) ва назарияи такрористеҳсоли сармояи ҷамъиятӣ (К. Маркс) низ ташакул ва рушди ёфтааст. Охири асри X1X бо ақидаҳои ҷаҳонии иқтисодӣ, яъне назарияи экстерналҳои (А. Пигу), ки ба таъсири ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба объектҳои муҳити зисти (Р. Коуз) оварда расонидааст. Ифлосҳое, ки ба муҳити зист расонида мешавад, ба андешаи онҳо бояд аз ҷониби истифодабарандагон дар шакли субсидияҳои давлатӣ, яъне дар асоси андозҳои экологӣ ҷуброн карда шавад. Илова бар ин, омузиши хеле амиқи масъалаҳои камшавии захираҳои табиӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт (Г. Хотелинг, С. Кузнец, К. Болдуинг, Р. Солоу), заминаи асоси барои назарияи ҳалли масъалаҳои экологӣ дар шароити номуайяниҳо ва маҳдудиятҳои экологӣ (К. Эрроу) мебошад.

Дар оғози асри XX1 назарияи рушди «иқтисоди сабз» дар марҳилаи нав, яъне дар шакли дастҷамъона бо кушиши СММ, самти нави рушди онро дар сатҳи байналмиллалӣ касб менамояд, ки он ба муттаҳидсозии вазифаҳои нави рушд ва муҳофизати муҳити зист нигаронида шуда, бештар ба нигоҳдории иқлими сайёра ва маҳдудиятҳои экологӣ ва ҷори намудани технологияи пешқадами аз нигоҳи экологӣ тоза дар раванди истеҳсолот нигаронида мешавад. Моҳияти ин назария дар ҷори намудани меъёрҳои маҳдудиятҳои экологӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дар ҳадди аққали маблағгузориҳо ба рушди энергияғунҷоишии истеҳсолот мебошад.

Имрӯз аксарияти кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ҳангоми арзёбии рушди иқтисодиёти худ таъсири омилҳои экологиро ба муҳити зист дар мадди аввал гузошта, таъсири манфӣ ва сатҳи зиндагии одамонро омили муҳим мешуморанд. Ин аст, ки тайи даҳсолаҳои охир мавзуи рушди «иқтисоди сабз» аз ҷониби олимону коршиносони сатҳи баландпоя дар форуму ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ садо медиҳад ва роҳбарони аксари кишварҳо ба ин мавзӯъ диққати махсус дода истодаанд. Роҳбари давлати мо низ якчанд маротиба аз минбарҳои баланд оид ба мавзуи мазкур суханронӣ намуда, «иқтисоди сабз» ва истеҳсоли энергияи камхарҷу аз нигоҳи экологӣ тозаро ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиёт ва истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, алалхусус гидроэнергетика ва шаклҳои алтернативии он (энергияи обӣ, офтобӣ, шамолӣ), нақлиёти бо қувваи барқ ҳаракаткунанда, сӯзишвории биологӣ ва амсоли инҳоро барои рушди иқтисодиёти кишвармон муҳим арзёбӣ намудааст.

Дар бораи рушди «иқтисоди сабз» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолашон (28.12.2023с.) ба Парлумони кишвар қайд намуданд, ки «…бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд…». Амалӣ намудани ин иқдомҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, бахусус рушди соҳаи энергетикӣ, кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, махсусан туризми экологӣ, ки ҳамчун соҳаи камхарҷу сердаромад шинохта шудааст, мусоидат намуда, ба сохтмони босуръати иншоотҳои табобатӣ-маишӣ, базаҳои сайёҳӣ ва ташкилотҳои тандурустӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Барои ин дар кишвар базаи институтсионалӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ ва амсоли инҳо фароҳам оварда шудааст. Ин ҷо мақомоти органҳои дахлдори давлатию маҳаллӣ ва ширкатҳои ватаниро лозим аст, ки дар таблиғи (реклама)-и сайёҳии ватанӣ бештар диққат дода, ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва истеҳсолу фурӯши обҳои нӯшокии худӣ ва дигар хизматрасониро тақвият бахшида, ба ҷалби бештари маблағгузориҳо, аз ҷумла сармояҳои мустақими хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Самти муҳими «иқтисоди сабз» ин маблағгузориҳо ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва қувваи барқ буда, он дарояндаи наздик ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар табдил меёбад, ки бо самаранокии баланди энергетикӣ ва таъсири камтар ба муҳити зист равона карда мешавад. Ҷумҳурии мо аз нигоҳи иқтидори энергияи барқароршавандаи аз нигоҳи экологӣ тоза, ба мисли сохтмони НОБ-ҳои бузурги гидроэнергетикӣ дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал меистад. Тибқи баҳои коршиносон иқтидори захираҳои гидроэнергетикии кишвари мо 527 млрд квт соат арзёбӣ гардида, зиёда аз 300 млрд квт соати он аз нигоҳи техникӣ-экологӣ дастрас мебошад. Илова бар ин, дар мамлакати мо рӯзҳои офтобӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳо хеле зиёд буда, он имконият медиҳад, ки дар баъзе аз минтақаҳои кишвар сохтмони НОБ-и хурду миёнаи шамолӣ (бодӣ)-ро ба роҳ монем, ки дар ҳолати истифодаи самараноки он истеҳсоли энергияи барқароршавандаи аз нигоҳи экологӣ тозаю камхарҷро соҳиб гардем. Ин ҷо як нукта муҳим аст, ки «сабзгардонӣ» ва экологикунонии бахши энергетикӣ яке аз самтҳои рушди «иқтисоди сабз» буда, ҳамчун унсури муҳимми нигоҳдории бехатарии энергетикии байналмилалӣ эътироф гардидааст. Ба ин раванд буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 ва буҳронҳои солҳои охир як такони ҷиддӣ бахшида, ба тақсимоти захираҳои барқароршавандаи ҷаҳонӣ нақши калиди бозидааст. Ва кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ дар шароити муосир ба манбаъҳои энергетикии алтернативӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ ва энергияи барқароршаванда бештар такя мекунанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки амалисозии бартариятҳои энергетикӣ ва иқлимӣ хатарҳои экологиро ба муҳити зист паст намуда, самаранокии истифодаи энергия, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, партовҳои газҳои гулхонаӣ ва ҳаҷми ифлосиҳоро ба муҳити зист кам менамоянд. Ҳамаи ин факту рақамҳо гувоҳи он аст, ки тайи даҳсолаҳои наздик кишвари мо метавонад ба дастовардҳои калон дар ин самт ноил гардад. Ва ин нуқтаро ҳам Президенти кишвар дар ироаи Паёми имсолаи худ хеле возеҳу равшан баён намуда, ташкили бозори минтақавии энергетикӣ (сохтмону истифодаи неругоҳҳои барқӣ ва хати интиқоли қувваи барқи CASA-1000)-ро дастоварди бузурги кишвар дар ин самт номиданд. Имрӯз истеҳсоли ин намуди энергия дар кишвари мо 98%-ро ташкил медиҳад, ки истифодаи васеи манбааҳои таҷдидшавандаи он ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва рушди иқтисоди сабз мусоидат менамояд.

Самти дигари рушди «иқтисоди сабз» ин истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, пеш аз ҳама, захираҳои замину об дар минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки натиҷаи истифодаи нодурусти захираҳои замини кишоварзӣ, бахусус, заминҳои обӣ ва риоя нагардидани қоидаҳои агротехникӣ-мелиоративӣ дар баъзе мавридҳо боиси харобшавӣ ва аз гардиши кишоварзӣ боз мондани заминҳои кишоварзӣ мегардад. Масалан, дар минтақаҳои кишвар дар майдони зиёда аз 9% заминҳои обӣ баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, 17% маъданнокии обҳои зеризаминӣ, 7% шӯрашавии заминҳо ва дар зиёда аз 5%-и заминҳои аҳамияти кишоварзӣдошта равандҳои эрозияшавӣ мушоҳида карда мешавад. Зарари иқтисодӣ аз ҳар як гектар замин бо воҳиди пулӣ ба ҳисоби миёна 1093 сомониро ташкил медиҳад ва вазъи экологии заминҳои кишоварзӣ ба пастшавии ҳосилхезии заминҳои кишт ва ифлосшавии муҳити зист оварда мерасонад. Ва ба андешаи Президенти кишвар, маҳз механизми дурусти танзими экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ метавонад бозори дохилии кишварро бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намуда, барои содироти иловагии онҳо мусоидат намояд.

Дар шароити кунунӣ амалӣ намудани ин иқдомҳо мо метавонем аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ таъмин намуда, барои ташкил ва рушди боғпарварӣ ва истеҳсолоти баландсифати маҳсулоти кишоварзӣ заминаҳои мусоид фароҳам орем. Аз руйи пешгӯиҳои коршиносон ин заминҳо зиёда аз 22,5%-и заминҳои кишти кишоварзиро, ки дар баландии аз 800-2500 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд, ташкил медиҳанд, ки миёни минтақаҳои кишвар чунин тақсим карда шудаанд: қисмати зиёди ин заминҳо - 35,9% ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ; 29,9% ба минтақаи Хатлон; 29,6% - ба минтақаи Суғд ва ВМБК-и - 4,6% рост меояд, ки бо ҷалби ками сармояҳо метавон истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тозаро ба роҳ монда, барои таъмини дарозумрии аҳолии кишвар шароитҳои мусоидат фароҳам овард, ки ин нукта ҳам дар Паёми имсолаи Президенти кишвар хеле хуб баён гардид ва ин ҳам яке аз ҳадафҳои асосии рушди «иқтисоди сабз» мебошад.

Агар ба масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза назар афканем, аз рӯйи ҳисобу китоби коршиносону мутахассисон қонеъгардонии талаботи зиёда аз 9 миллиард нафар аҳолии кураи замин то солҳои 2050-ум ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеаи ҷаҳонӣ мубаддал мегардад. Агар ба таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ назар афканем, барои ҷумҳурии мо тайи 25 соли охир (1998-2023) афзоиши аҳолӣ ба 4,6 млн нафар баробар мебошад. Аз рӯйи пешгӯиҳои коршиносон бо чунин раванди афзоиш то

соли 2030 аҳолии кишвар ба зиёда 12 млн нафар мерасад, ки ба масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бетаъсир намемонад. Ҳалли масъалаи мазкур бо назардошти ояндабинӣ зарурати воридоти маҳсулоти ғизоӣ ва таъмини аҳолии кишварро бо озуқаи ватанӣ ба миён меорад. Дар ин маврид ҳам Пешвои миллат якчанд маротиба таъкид намуда, рӯёндани 2-3 ҳосил аз ҳар як гектар заминҳои обиро дар минтақаҳои кишвар таъкид намуданд, ки ин ҳам ишора ба ҳалли яке аз се ҳадафи асосии сиёсати иқтисодии давлат, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза мебошад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақаҳои кишвар ҳамчун унсури муҳимми истиқлоли озуқаворӣ ва бехатарии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ба маънои дигар, инро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимое номид, ки ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мутобиқи меъёру миқдор ва сифати баланди маҳсулот мусоидат мекунад. Бехатарии озуқаворӣ дар ин маврид бо чунин унсурҳо, ба мисли: миқдори кофӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, мувофиқати он ба ратсион ё вояи хӯрок, миқдори моводи ғизоӣ бо мавҷудияти намаки ёддор ва ба саломатии одамон безарар ва амсоли инҳо такя мекунад. Аз ин лиҳоз, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ зарур аст, ки низоми хуби аз нигоҳи илмӣ асоснокнамудаи ташкилӣ-иқтисодӣ, рушди бозори дохилии озуқаворӣ, шароитҳои хуби таъмини маҳсулотҳои озуқавории босифат ва беҳтаршавии вазъи зиндагии аҳолиро ба роҳ монем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки норасоии оби нӯшокӣ низ имрӯз ба яке аз проблемаҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Аз руйи маълумотҳои омории ҷаҳонӣ то солҳои 2030-ум масъалаи қонеъгардонии талаботи солонаи аҳолии кураи замин бо оби нӯшокӣ ва дастрасии он аз сарчашмаҳо ба масъалаи муҳимми ҳастӣ табдил меёбад. Аз ҷониби дигар, эҳтимолияти беҳдошти вазъи санитарию гигиении зиёда 2,6 млрд аҳолии кураи замин дар назар дошта шудааст ва имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 884 млн нафар одам аз истифодаи обҳои нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Амалӣ намудани ташаббусҳои Пешвои миллат оид ба масъалаҳои байналмилалии истифодаи об ва ҳифзи пиряххо низ яке аз самтҳои муҳимми рушди «иқтисоди сабз» ба ҳисоб рафта, барои беҳдошти вазъи обҳои тозаи нӯшокӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ созгор мебошад.

Як нуктаро бояд ёдрас намуд, ки истифодаи самараноки партовҳои истеҳсолӣ ва экологикунонии ҷараёни истеҳсолот яке аз самтҳои амалисозии «иқтисоди сабз» ба ҳисоб рафта, ҳамчун унсури муҳимми беҳдошти муҳити зист мебошад. Дар иҷлосияи 70-уми СММ, ки рӯзҳои 20-28-уми сентябри соли 2015 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА баргузор гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи партовҳои гази карбонат ба фазо дар байни кишварҳое, ки камтарин ҳаҷми партовҳои газҳоро доранд, ҷойи 135-ро соҳиб мебошад. Ин партовҳо ба ҳар сари аҳолӣ рақамеро ташкил медиҳанд, ки аз нишондиҳандаи миёнаи дунё ба маротиба камтар мебошад. Аз ин хотир, рушди «иқтисоди сабз»-ро Пешвои миллат ҳамчун роҳи мубориза бо истифодаи самараноки партовҳои истеҳсолӣ, тағйирёбии иқлими сайёра ва самтҳои ояндаи баромадан аз бухрони ҷаҳонии молиявӣ-иқтисодӣ изҳор доштаанд.

**Ба андешаи мо**, дар сурати ҳалли дастаҷамъонаи рушди сифатан нави «иқтисоди сабз» ки тайи даҳсолаҳои охир ҳамчун масъалаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, дар заминаи технологияи нави аз нигоҳи экологӣ тоза, рушди соҳаи кишоварзии органикӣ, самаранокии баланди энергетикӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, кам кардани партовҳои истеҳсолӣ ба муҳити зист, шинонидани дарахтон дар макони зист, кӯчаҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳои кишвар, инчунин истифодаи наклиёти экологии тоза метавон вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии кишварро беҳ намоем. Дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳои кишвар ва беҳдошти муҳити зист ба ҳадафҳои сенарияи инерсионӣ СРМ то солҳои 2030-ум ноил гардем. Барои ин, ҳамаи имкониятҳо мавҷуд мебошад, фақат ирода, муттаҳидӣ ва дастгирии сулҳу суботи мамлакат ва ҷалби бештари маблағгузориҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат лозим аст.

## АДАБИЁТ


1. Актуальные вопросы развития региональной экономики// Коллективная монография /Под общ. Ред. Х. А. Одинаева. - Душанбе: “ЭР-граф”, 2023. -С. 211-223.
2. Аъламхон Наимӣ. Рушди молияи давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017. -52с.
3. Будущее, которого мы хотим / Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей ООН 27 июля 2012 г. 12.04.2017. URL: https://documents-dds-ny.un. org/doc /UNDOC/GEN/N11/476/12/PDF/N1147612.pdf? Open Element.

4. Бобылев С.Н. Устойчивое развитие: парадигма для будущего // Мировая экономика и международные отношения. 2017. Т. 61. № 3. С. 107-113.
5. Бобылев С.Н. Экономическая неустойчивость: шанс для «зеленой» экономики //Доклад о человеческом развитии в Российской Федерации за 2014 год / Под ред. Л.М. Григорьева и С.Н. Бобылева. М.: Аналитический центр при Правительстве РФ, 2014. URL: http://ac.gov.ru/files/publication/a/4758.pdf (дата обращения: 12.10.2017).
6. Кудинов Г. Э., Розенберг Г. С., Юрина В. С. Навстречу «зеленой» экономике: Пути к устойчивому развитию и искоренению бедности. Найроби (Кения); Женева (Швейцария); Москва (Россия): ЮНЕП, 2011. 738 с. // Принципы экологии. 2012. Т. 1. № 4. - С. 42.
7. Захарова Т.В. «Зеленая» экономика как новый курс развития: глобальный и региональный аспект //Вестник Томского государственного университета. - 2011. - № 4 (16). - С. 28-37.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12. 2023с.
9. Фюкс Р. Зеленая революция: Экономический рост без ущерба для экологии / Пер. с нем. М.: Альпина нонфикшн, 2016. - С. 12-15.
10. UNEP. Глобальный «зеленый» курс. Доклад, 2009. URL: http:// greenlogic.by /content/files/GREENTRANS-PORT/UNEP90-RUS.pdf.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Давлатзода Абдулло Давлат** – сардори раёсати корҳои тарбиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
**Информация об авторе:**
**Давлатзода Абдулло Давлат** – руководитель отдела образовании, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.
**Information about the author:**
**Davlatzoda Abdullo Davlat** - Head of education department, Tajik State University of Financial Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14.

**УДК: 330.3 (575.3)**

## ВОЗДЕЙСТВИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ ФАКТОРОВ НА ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИНВЕСТИЦИИ И ПРИМЕНЕНИЕ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА В ЦЕЛЯХ УЛУЧШЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО КЛИМАТА

**Зоиров Шукрулло Нуралиевич**

В статье рассмотрены вопросы, связанные с воздействием институциональных факторов привлечения инвестиции. Изучены институциональные реформы, показаны возможные варианты проведения институциональных реформ для привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику страны. Также в статье изучен применение опыта зарубежных стран по привлечению инвестиции.

**Ключевые слова:** инвестиции, институциональные факторы, прямые иностранные инвестиции, спрос и предложения инвестиции, финансовые институты, зарубежный опыт.

**Для цитирования:** Зоиров Ш.Н. Воздействие институциональных факторов на привлечение инвестиции и применение зарубежного опыта в целях улучшения инвестиционного климата / Ш.Н. Зоиров // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 1(40). – С. 237-243.

## ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ БО МАҚСАДИ БЕҲТАРСОЗИИ ФАЗОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

**Зоиров Шукрулло Нуралиевич**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои бо таъсири омилҳои институтсионалии ҷалби сармоягузорӣ алоқаманд буда баррасӣ гардидаанд. Ислоҳоти институтсионалӣ омухташуда, варианти имконпазири гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ барои ҷалби сармоягузори мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар нишон дода шудааст. Инчунин дар мақолаи мазкур истифодабарии таҷрибаи давлатҳои дигар оиди ҷалби сармоягузорӣ омухта шудааст.

**Калидвожаҳо:** маблағгузорӣ, омилҳои институтсионалӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ, тақозо ва арзаи сармоягузорӣ, институтҳои молиявӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ.

## IMPACT OF INSTITUTIONAL FACTORS ON ATTRACTING INVESTMENTS AND APPLYING FOREIGN EXPERIENCE TO IMPROVE THE INVESTMENT CLIMATE

**Zoirov Shukrullo Nuralievich**

The article discusses issues related to the impact of institutional factors in attracting investment. Institutional reforms have been studied and possible options for carrying out institutional reforms to attract foreign direct investment into the country's economy are shown. The article also examines the application of the experience of foreign countries in attracting investment.

**Key words:** investment, institutional factors, foreign direct investment, supply and demand for investment, financial institutions, foreign experience.

**Постановка проблемы**. Целью государственной поддержки является создание благоприятной инвестиционной среды для развития экономики и стимулирование инвесторов к созданию новых производств, обновлению существующих производств с использованием современного оборудования и технологий, сохранению и созданию новых рабочих мест, обеспечению высокого уровня услуги в экономике страны. Также привлечение инвестиций осуществляется уполномоченными органами, утвержденными Правительством Республики Таджикистан.

**Анализ последних исследований и публикаций** свидетельсттвует о том, воздействие институциональных факторов на привлечение инвестиции и применение зарубежного опыта в целях улучшения инвестиционного климата стали объектом исследовваний многих отечественных и зарубежных учёных, таких как Климова Е. С., Хидиралиев Р.З., Хофизов Х.А.

**Цель статьи** – проанализировать воздействие институциональных факторов на привлечение инвестиции и применение зарубежного опыта в целях улучшения инвестиционного климата

**Изложение основного материала.** В условиях рыночной экономики одним из основным условием развитие национальной экономики является привлечения инвестиции. Для этого необходимо пересмотреть процесс привлечения инвестиции с учетом новых стимулирующих институциональных принципов и методов. Институциональный подход подразумевает изучения совокупность финансовых предприятий, отраслей и положений обеспечивающие трансформации сбережения в инвестиции посредством предложения сбережения и спрос на инвестиции, а также установление стоимость инвестиционных ресурсов. Слабое развитие финансовых институтов усложняет процесс трансформации сбережения в инвестиции. Финансовые институты являются основополагающим для привлечения и реализация инвестиционных проектов. Сеть финансовых институтов обеспечивают реализацию инвестиционных процессов на микро и макроуровне.




**Рисунок 1.** -Процесс инвестиции с институциональной позиции

На рынке инвестиции участвуют не только группа институтов: вкладчики, которые умножают свои сбережения, субъекты финансового рынка, которые вложили свои денежные средства для получения прибыли и получатели инвестиции т. е. инвесторы.

В структуре институтов, которые вкладывают свои денежные средства можно включит домашних хозяйств, фирм и иностранных инвесторов. Эти субъекты всегда преследуют свою выгоду от инвестиции в различные отрасли экономики. Домохозяйства и фирмы вкладывают денежные ресурсы для расширения производства и получении прибили. Иностранные инвесторы также имеют одной цели и это получение прибили от вложения капитала. Исходя из этого они направляют свои денежные средства в экономику других стран мира. Одним из стимулирующих факторов инвестиции это вероятный прибил. Для этого инвесторы перед принятием решений анализируют рынок, сопоставляют вероятные потери и прибили и только после этого принимают решения вкладывать в ту или иную отрасль экономики денежные средства. Роль государства важна для привлечения инвестиции. Государства создаёт условия для бизнеса, инвестиционного климата в стране, поощряет или вставить какие-то барьеров для инвесторов. Государства также посредством выпуска ценных бумаг и налоговых поступлений может привлечь денежные средства также она является залогом для привлечения инвесторов (инвестиции) в национальную экономику. Для более глубокого анализа обратимся к некоторым теоретическим идеям ученых, которые признают важность институциональных факторов в привлечении инвестиции. В своем исследовании В.Т. Рязанов утверждает, что именно неправильное оценка институциональных вопросов становятся причиной неэффективности экономических реформ [6]. Применение институциональных подходов позволить устранить некоторые недостатки неоклассической теории. Неоклассическая теория гласит, что предприниматели направляют (инвестируют) денежные средства с целью получения оптимального размера капитала [3].

В странах где социальные институты имеют слабое развитие подает доверие предпринимателей к государству, поскольку они не могут использовать информацию о рынке целесообразно [1]. В условиях рыночной экономики инвестиционный процесс зависит от функционирования рынка ценных бумаг, который в свою очередь способствует движению инвестиционных ресурсов и получения прибыли. Также инвестиции зависит от финансово-кредитной системы где осуществляется движение капитала и ее превращение в сбережения и инвестиции, формируется спрос на инвестиционные ресурсы. Здесь огромное значение имеют банки и банковская система посредством аккумулирование денежных средств. Однако, в условиях Республики Таджикистан рынок ценных бумаг находится на стадии формирования и слабо функционирует [4]. В таких условиях в Таджикистане вложение в ценных бумаг и увеличение

портфельных инвестиции становится проблематичным. Коммерческие банки в Таджикистане не охотно берутся за крупные инвестиционные проекты в связи с вероятными рысками. Они акцентировали внимание на краткосрочные кредиты и микрофинансированием. Другой немаловажный институт, который реально может воздействовать на динамику инвестиции и решение предпринимателей для инвестиции капитала — это налоговая система, налоговые ставки и налоговая политика государства. Налоговые льготы снижение процентной ставки налога может стимулировать экономических субъектов к финансированию и вложения капитала в различные отрасли национальной экономики [7]. В налоговом Кодексе Республики Таджикистан предусмотрены стимулирующие методы для привлечения инвестиции в национальную экономику. Согласно 313 статьи настоящего Кодекса для импорта товаров для собственной необходимости освобождаются от уплаты таможенных пошлин и НДС сроком на 12 лет, со дня регистрации, предприятие которые реализуют полный цикл производства хлопка. Согласно частью 1-9 313 статьи налогового Кодекса Республики Таджикистан предусмотрена налоговые льготы для обработки кожи, меха, шелкопряда и других сырье сельского хозяйства до конечного продукта до 5-лет. Также для ввоза товаров собственной необходимости освобождается от таможенных пошлин новые предприятие занимающиеся промышленной обработкой кожи, меха, сырьё шелкопряда и другими сырьевыми продуктами сельского хозяйства сроком до 5-лет. Согласно 325 статьи настоящего Кодекса субъекты свободных экономических зон и его администрация в рамках функционирования на свободных экономических зонах освобождаются от всех налоговых платежей за исключением налогов, предусмотренных в 2-3 части данной статьи. Данные условия предусмотрены для привлечения инвестиции в СЭЗ и другие регионы страны. На правовом поле Государства с целью привлечение инвестиции даёт стимулирующие льготы предпринимателям и иностранным инвесторам. Несмотря на предоставленные налоговые и таможенные льготы ряд СЭЗ работают не эффективно. Энергетическая отрасль является приоритетным для страны и привлечение инвестиции в этой отрасли также необходимо для развития энергетической системы. В этой связи Правительства страны предоставило некоторые льготы в сфере энергетики генеральным подрядчикам и заказчикам строительство объектов ГЭС на территории Таджикистана. Эти субъекты, занимающиеся строительством ГЭС со дня регистрации компании до завершения срока сдачи объекта частично или, полностью освобождаются от оплаты налогов на использование автомобильных дорог, налог на прибыл, налог на транспорт, налог на недвижимости, а также социальные налоги для иностранцев которые непосредственно работают в ГЭС согласно статьи 312 Налоговом Кодексе Республики Таджикистан. Также данные льготы зависят от размера инвестиции. Если объем инвестиции значительно больше то и правовое стимулирование также очевидно значительно больше. Согласно статьи 110- налогового Кодекса Республики Таджикистан новые предприятия освобождаются от уплаты налогов сроком:

- на 2 года если инвестиции составляют более 200 тыс. долларов США;
- на 3-гоад если объем инвестиции составляет более 500 тыс. долларов США;
- на 4 года, если объем инвестиции составляет более 2 или 5 млн. долларов США;
- на 5 лет, если сумма инвестиции превышает 5 млн. долларов США.

Из выше приведенных примеров можно сделать вывод, что институциональные факторы в основном правовое стимулирование в значительной мере способствуют улучшению инвестиционного климату в стране. Также, по некоторым оценкам одним из немаловажным институциональным фактором воздействие инвестиции — это срок регистрации субъектов предпринимательства. Данное обстоятельства может ускорит или тормозит процесс привлечения инвестиции в экономику страны.

Закон Республики Таджикистан О «лицензировании отдельных видов деятельности », статье 18 (3) лицензия на осуществление деятельности, исходящей из соглашения о разделе продукции между государством и инвестором выдается без истребования дополнительных документов или материалов и без дополнительных согласований по истечении 30 дней со дня подписания указанного соглашения(в редакции Закона РТ от 18.06.2008г.№399) [2].

Согласно 17 статьи Закона Республики Таджикистан Об инвестиционном соглашении (в редакции Закона РТ от 30.05.2017г.№1435) указано: В дополнение к основным правам и гарантиям инвесторов, отдельные инвестиционные соглашения могут предусматривать следующие особые права, освобождения и льготы инвесторов и инвестиционных проектов: - особый налоговый режим, включая упрощенный режим налогообложения, освобождение инвестора, его подрядчиков и иностранных сотрудников от определенных или всех налогов, иные налоговые льготы, на определенный или весь период

действия инвестиционного соглашения; - особый таможенный режим, включая полное или частичное освобождение от таможенных платежей, упрощенные таможенные процедуры для инвестора, его подрядчиков и иностранных сотрудников на определенный или весь период действия инвестиционного соглашения; - особый режим валютного регулирования и контроля, включая освобождение от обязанности получения лицензии и регистрации для займов и иных форм финансирования, привлекаемых инвестором для целей инвестиционного проекта и для открытия банковских счетов в Республике Таджикистан и за рубежом, для получения займов и иных форм финансирования; - особый режим лицензирования, включая упрощенный режим выдачи, переоформления, продления лицензий, необходимых для реализации инвестиционного проекта, выдачу лицензий на срок, превышающий максимальный срок действия лицензии, предусмотренный законодательством Республики Таджикистан, полное или частичное освобождение инвестора от оплаты лицензионных сборов и пошлин; - полный или частичный отказ Республики Таджикистан от предусмотренного законодательством Республики Таджикистан преимущественного права на приобретение определенной обязательной части товаров, работ и услуг, производимых и предоставляемых в ходе реализации инвестиционного проекта; - полное или частичное освобождение от применения законодательства Республики Таджикистан в области регулирования цен и тарифов, включая антимонопольное законодательство; - особый или упрощенный визовый режим и иммиграционный контроль для работников и подрядчиков инвестора, освобождение инвестора и его предприятия от обязанности соблюдать квоты для иностранных граждан в ходе реализации инвестиционного проекта [2].

Анализ институциональных факторов стимулирования инвестиции показывает, что Правительства страны заинтересована в привлечение инвестиционных потоков. В этой цели проводятся реформы в законодательстве страны. Не смотря на имеющиеся льгот и привилегии инвесторам до сих пор есть ряд проблем, которых необходимо решить Правительстве в перспективе в целях привлечения дополнительных инвестиции в регионах страны. На наш взгляд для более привлекательности инвестиционного климата необходимо устранит барьеры таких как уставной бонус. Часть денежных средств инвесторов в место того, чтобы направит на реализации инвестиционных проектов изымается государством. Значительная часть правовых привилегий (льгот) которые предусмотрены для привлечение дополнительных инвестиции в экономику направлены на сокращении издержек инвесторов и получении высокой рентабельности инвестиции. Это и есть целесообразность экономической политики. Потому, что основная цель любого инвестиционного вложения является получение максимально возможного (прибили) дохода [8].

Вероятность получения прибили является неоспоримым фактом одновременно и фактором воздействие на инвестиции. Все предприниматели анализируют вероятность получения выгоды от вложения капитала. В зависимости от первостепенного значения в анализе инвестиции ее можно рассматривать в двух аспектах:

1. Рынок инвестиционных капиталов;
2. Рынок инвестиционных товаров.

Такой подход определяет двойственный характер инвестиции, которая с одной стороны выступает как ресурс, а с другой стороны, как процесс вложение капитала и определяет особенность инвестиции в условиях рынка. В нынешних условиях инвестиции зависит эффективности инвестиционной политики страны. Для улучшения инвестиционного климата и привлечение дополнительной иностранной инвестиции на наш взгляд необходимо изучит зарубежный опыт в особенности, развитых стран, которые смогли преодолеть барьеры на пути привлечения иностранной инвестиции [11].

7. Старилов Ю.Н. Государственная служба в Российской Федерации: теорети-ко-правовое исследование: диссертация докт. юрид. наук / Ю. Н. Старилов. Воронеж, 1996. С. 478.
8. Старилов Ю. Н. Служебное право России: уже реальность или пока научная гипотеза? / Ю. Н. Старилов // Правовая наука и реформа юридического образования. 2013. №3 (26). С. 116.
9. Чаннов С.Е. Служебное право как формирующаяся отрасль российского права / С.Е. Чаннов // Власть. 2011. № 1. С. 105-108.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

***Каримов Ҳусейн Мухторович*** *– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 93-520-19-77 (м.). E-mail: hussein77@mail.ru.*

**Информация об авторе**

***Каримов Хусейн Мухторович –*** *кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Душанбе. Республика Таджикистан.* ***Адрес:*** *734067, г. Душанбе, ул. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 935201977 (м.). E-mail: hussein77@mail.ru.*

**Information about the author**

***Karimov Hussein Mukhtorovich*** *– Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University. Dushanbe. The Republic of*

*Tajikistan. **Address:** 734067, c. Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. Tel.: (+992) 935201977 (m.). E-mail: hussein77@mail.ru.*

**УДК:** 345.85:343.

### ТАВСИФИ БАНДИТИЗМ ҲАМЧУН НАМУДИ ҶИНОЯТКОРИИ МУТАШАККИЛ

**Оралбаев Хамза Хайдарович**

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои зуҳури бандитизм ҳамчун намуди ҷинояткории муташаккил баррасӣ карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки ҷинояткории муташаккил падидаи иҷтимоие мебошад, ки дар ҷомеа дар шароити муайян ва пеш аз ҳама номусоиди рушди он ба вуҷуд омада, маҷмӯи ҷиноятҳоеро ифода менамояд, ки дар ҳудуди муайян ва дар як давраи муайян аз ҷониби ташкилаҳои ҷиноятии дар платформаҳои гуногуни мушаххаси ҷиноятӣ ё маҷмӯи онҳо муттаҳид шуда содир карда шудаанд, инчунин шумораи гурӯҳҳои ҷиноятӣ ва иштирокчиёни онҳоро дар бар мегирад. Қайд карда мешавад, ки омори ҷиноятии солҳои охир аз тамоюли чашмраси боло рафтани шумораи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии ба қайд гирифташуда ва ҷиноятҳои содиркардаи онҳо шаҳодат медиҳад. Бандитизм ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти ҷинояткории муташаккил ва дорои тавсифҳои умумие, ки аз ин ё он ҳудуди муайян вобаста нест, хусусиятҳои худро дорад.

**Калимаҳои асосӣ:** бандитизм, ҷинояткории муташаккил, фаъолияти ҷиноятӣ, ҷинояткории иқтисодӣ, иқтисоди пинҳонӣ, пешвоёни ҷиноятӣ, омори ҷиноятӣ.

**Барои иқтибос:** Оралбаев Х.Х. Тавсифи бандитизм ҳамчун намуди ҷинояткории муташаккил / Х.Х.Оралбаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). - С. 270-275.

### ХАРАКТЕРИСТИКА БАНДИТИЗМА КАК ВИДА ОРГАНИЗОВАННОЙ ПРЕСТУПНОСТИ

***Оралбаев Хамза Хайдарович***

**Аннотация.** В данной статье рассматривается характеристика бандитизма как вида организованной преступности. Отмечается, что организованная преступность является социальным явлением, возникающем в обществе при определенных и, прежде всего неблагоприятных условиях его развития, представляющее собой совокупность преступлений, совершенных на определенной территории и в определенный период времени преступными образованиями объединившимися на различных конкретных преступных платформах или на их сочетании, а также включающее в себя количество преступных формирований и их участников. Подчеркивается, что уголовная статистика последних лет свидетельствует о выраженной тенденции роста количества зарегистрированных организованных преступных групп и числа совершенных ими преступлений. Бандитизм, будучи одной из форм проявления организованной преступности и обладая общими, независимыми от той или иной территории характеристиками, имеет свои особенности.

**Ключевые слова:** бандитизм, организованная преступность, преступная деятельность, экономическая преступность, теневая экономика, криминальные лидеры, уголовная статистика.

### FEATURES OF BANDITISM AS A TYPE OF ORGANIZED CRIME

***Oralbayev Khamza Khaydarovich***

**Annotation:** This article examines the features of the manifestation of banditry as a type of organized crime. It is noted that organized crime is a social phenomenon that arises in society under certain and, above all, unfavorable conditions of its development, representing a set of crimes committed in a certain territory and in a certain period of time by criminal entities united on various specific criminal platforms or a combination thereof, and also including the number of criminal groups and their participants. It is emphasized that criminal statistics in recent years indicate a pronounced upward trend in the number of registered organized criminal groups and

the number of crimes committed by them. Banditry, being one of the forms of manifestation of organized crime and having general characteristics independent of a particular territory, has its own characteristics.
**Key words:** banditry, organized crime, criminal activity, economic crime, shadow economy, criminal leaders, criminal statistics.

**Гузориши масъала.** Ҷинояткории муташаккил омили асосии муайянкунандаи хусусияти вазъи ҷиноии кишвар гардида, миқёси рӯзафзуни он ба амнияти давлат ва ҷомеа таҳдиди воқеӣ дорад. Он фаъолона ба иқтисодиёти легалӣ ва сохторҳои ҳокимиятӣ ворид мешавад.

Бандитизм як намуди ҷиноятҳои муташаккил буда, бо он хатарнок аст, ки аъзоёни гурӯҳ мусаллаҳ буда, дараҷаи муташаккилии онҳо баланд мебошад, шумораи зиёди одамон дар мадори фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад.

Дар динамикаи бандитизм афзоиши устувори зуҳуроти бандӣ бо оқибатҳои махсусан вазнини вобаста бо гаравгонгирӣ, терроризм, одамрабоӣ, куштор ва тамаъҷӯӣ мушоҳида мешавад. Ҷараёни ҳамроҳшавии гурӯҳҳои бандитӣ ба ташкилотҳои бандитӣ рафта истода, латентнокии ҷиноятҳои содиркардаи онҳо баланд аст.

Ҳамин тариқ, дар шароити вазъияти шадиди ҷинояткорӣ проблемаи мубориза бо бандитизм ҳамчун яке аз зуҳуроти маъмултарини ҷиноятҳои муташаккил, ки бо хатарнокии баланди ҷамъиятӣ тавсиф мешавад, рӯз то рӯз мубрам мегардад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявию амалии рушди бандитизм ҳамчун намуди ҷинояткории муташаккил дар таълифоти илмии ҳуқуқшиносон ба монанди: Саидамиров Б.Ш. Рустамов А.Х. Шеслер А.В. Долгова А.И. Литвинов Н.Д., мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола** таҳлили тавсифи бандитизм ҳамчун намуди ҷинояткории муташаккил.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Яке аз хусусиятҳои асосии тавсифи криминологии бандитизм дар Тоҷикистон аз моҳияти бандитизм ҳамчун қисми таркибии ҷинояткории муташаккил бармеояд, ки хусусиятҳои зуҳури бандитизм дар давоми 20 соли охир аз он бармеояд ва ин дар навбати худ бо он вобаста аст, ки дар ҳолати мавҷудияти омилҳои зиёди криминогенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоъи мусаллаҳона имконпазир гардид. Б.Ш. Саидамиров қайд мекунад, ки бандитизм «аз нуқтаи назари ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологӣ яке аз намудҳои ҷиноятҳои муташаккил мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои марбут ба тавсифи криминологӣ, сабабҳо ва шароити он дар маҷмӯъ дар заминаи мубориза бо ҷинояткории муташаккил баррасӣ кардан комилан қонунист»[11, с.101].

Дар адабиёти криминологӣ таърифҳои гуногуни ҷинояткориҳои муташаккил дода мешаванд. Масалан, А.И. Долгова ҷинояткории муташаккилро ҳамчун системаи мураккаби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бо фаъолияти ҷиноятии васеъмиқёси онҳо ва барои чунин фаъолият фароҳам овардани шароити мусоидтарин тавсиф мекунад[3, с.20]. Ба андешаи В.Осина, «ҷинояткории муташаккил сатҳи нави сифатии ҷинояткориҳои гурӯҳии касбиро бо сохтори возеҳи ташкилӣ, ки таъсири худро ба ҷинояткориҳои умумиҷиноятӣ ва иқтисодӣ паҳн намуда, аз сарпарастии шахсони мансабдори фасодкор истифода мебарад, ифода мекунад»[8, с.7]. А.И. Гуров ба сифати аломатҳои калидии ҷинояткории муташаккил, дар онҳо мавҷуд будани робитаҳои коррупсионӣ ва касбиятро ном мебарад[2, с.207].

А.В. Шеслер аломатҳои асосии ҷинояткории муташаккилро инҳо ҳисоб мекунад: а) муташаккилии ҷиноятӣ; б) соҳибкории ҷиноятӣ ва в) мавҷудияти робитаҳои коррупсионӣ бо намояндагони дастгоҳи давлатӣ ё дигар тадбирҳои системаи ҳифз аз шаклҳои мусбати назорати иҷтимоӣ»[12, с.26].

Таърифҳои овардашуда, чунон ки таҳлил нишон медиҳад, ба шаклҳои олии ҷинояткории муташаккил қобили қабул буда, он қисми онро инъикос менамояд, ки қисми болоии пирамидаи онро ташкил медиҳад ва ба зинаҳои поёнии дахл намекунад. Дар ин замина метавон тасдиқ кард, ки ин таърифҳо ба ҳар ҳол ҷиддан пурра нестанд. Нопуррагӣ натиҷаи муносибати нокифоя дуруст, ба назари мо, ба ин масъала мебошад, ки аз ҷумла, дар тезисҳои зерини А.В. Шеслер ифода ёфтааст: «Бо истилоҳи «ҷинояткории муташаккил» фаъолияти криминалии гурӯҳҳои оддии ҷиноятӣ инъикос карда намешавад, ки ба таркиби

ҷинояткориҳои муташаккил дохил намешаванд, бо он алоқаманд нестанд ва зери таъсири он намебошанд: дастаҳое (бандаҳое), ки бо намояндагони дастгоҳи давлатӣ робитаи коррупсионӣ, гурӯҳҳои ҷинояткории динӣ-экстремистӣ, ҷамъиятҳои террористӣ, гурӯҳҳои ҷиноятӣ, ки дар заминаи ғояҳои соҳибихтиёрии миллӣ ба вуҷуд омадаанд ва ғайраҳо»[12, с. 26].

Ҳамин тариқ, А.В. Шеслер ҷинояткориҳои муташаккилро танҳо бо мавҷудияти робитаҳои коррупсионии гурӯҳҳои ҷиноятӣ бо намояндагони сохторҳои давлатӣ алоқаманд мекунад. Чунин нуқтаи назар асосноккунии кофӣ надорад. Ҷинояткорӣ мафҳуми криминологӣ аст, аммо он решаҳои худро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дорад.

Ин эрод ба мафҳуми ҷинояткории муташаккил низ дахл дорад. Қонуни ҷиноятӣ мазмуни мушаххаси кирдорҳои гуногунро, ки дар маҷмӯи худ ин ё он намуди ҷинояткориро ташкил медиҳанд, ва ҳам шакли содир намудани онҳо, дар ҳолати мазкур шарикиро дар шакли гурӯҳи муташаккил низ муайян мекунад. Ҳама кирдорҳои содиркардаи онҳо қисми таркибии ҷинояткориҳои муташаккил буда, қонуни ҷиноятӣ онро ба ҳеҷ ваҷҳ бо мавҷуд будан ё набудани робитаҳои коррупсионӣ бо намояндагони сохторҳои давлатӣ алоқаманд намекунад.

Яке аз муҳаққиқони машҳури ҷинояткориҳои муташаккил В.С. Разинкин қайд мекунад, ки ташкилаҳои ҷиноятӣ метавонанд се навъ шаванд: 1) поёнӣ, 2) миёна ва 3) олӣ. Ба навъи поёнӣ вай гурӯҳҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла аз руи навъи бандитӣ, бо шумораи аз 5 то 20-30 нафарро, ки дар сатҳи маҳаллӣ амал мекунанд, мансуб медонад. Навъи миёнаро созмонҳои ҷиноятии навъи якум ҳангоми муттаҳид шудани онҳо бо сохторҳои тиҷоратӣ ташкил мекунанд. Навъи олиро сохторҳои муттаҳидкардашуи навъҳои якум ва дуюм (ҷомеаҳои ҷиноятӣ) ифода мекунанд[9, с.75].

Таърифҳои дар боло овардашуда, чуноне ки ба назар мерасад, танҳо он гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятиро дар бар мегиранд, ки фаъолияти ҷиноятии худро дар соҳаи иқтисодӣ амалӣ намуда, ҷинояткории муташаккили иқтисодиро ташкил менамоянд. Мафҳуми ҷинояткории муташаккил бошад бояд хусусияти умумӣ дошта, ҳамаи шаклҳои гуногуни зуҳури онро дар бар гирад, зеро чи тавре ки О.В. Белокуров дуруст қайд кардааст, шаклҳои софи ҷинояткории муташаккилро тасаввур кардан мумкин нест. Аз ҷумла, ба шакли зиддирежимии зуҳуроти ҷинояткории муташаккил ишора карда, вай ба он таваҷҷуҳ намудааст, ки он метавонад бо шаклҳои умумиҷиноятӣ ва ғаразнокӣ-хоҷагӣ пайваста шавад[1, с.57].

С.В. Максимов ҷинояткориҳои муташаккилро ҳамчун маҷмӯи ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди муайян барои давраи муайян ба қайд гирифта шуда, аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил, гурӯҳҳои муташаккили ба қайд гирифташуда ва иштирокчиёни онҳо содир карда шудаанд, муайян мекунад[6, с.15].

Камбудии таърифи мазкур, ба назари мо, дар он аст, ки дар он танҳо аломатҳои тартиби баҳисобгирӣ-бақайдгирӣ инъикос ёфта, ишора ба аломатҳои сифатии ҷинояткории муташаккил мавҷуд нест. Ба таҳлили таърифҳои овардашуда асос карда ва вобаста аз муқаррароти умумиэътирофшуда дар бораи он, ки ҷинояткорӣ - ин падидаест, ки тамоми кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро дар бар мегирад, ки бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, хусусияти ин кирдорҳои содиркардаи гуруҳҳои ҷиноятиро ба наззар гирифта, мо чунин мешуморем, ки мафҳуми ҷинояткориҳои муташаккилро ба таври зерин ифода кардан мумкин аст.

Ҷинояткории муташаккил – ин падидаи иҷтимоие мебошад, ки дар ҷомеа дар шароити муайян ва пеш аз ҳама номусоиди инкишофи он ба вуҷуд омада, маҷмӯи ҷиноятҳоеро ифода мекунад, ки дар ҳудуди муайян ва дар давраи муайяни вақт аз ҷониби ташкилаҳои ҷиноятии сатҳҳои гуногун (гурӯҳҳои муташаккил, ҷамоатҳои ҷиноятӣ, ки дар платформаҳои гуногуни ҷиноятии мушаххас ё дар маҷмӯи онҳо муттаҳид шудаанд, инчунин шумораи ташкилаҳои ҷиноятӣ ва иштирокчиёни онҳоро дар бар мегирад) содир карда шудаанд.

Табиист, ки таърифи мазкур ба универсалӣ будан талабгор нест, зеро чи тавре ки дар ҳуҷҷати тайёр намудани Котиботи СММ дар конгресси ҳаштуми пешгирии ҷинояткорӣ (Гавана, Куба – 27 август – 7 сентябри соли 1990) зикр гардида буд, дар як тасвият ифода кардани ҳамаи гуногунии зуҳуроти ҷинояткориҳои муташаккил имконнопазир аст[7]. Аммо, дар маҷмӯъ, дар ин ҳуҷҷат қайд карда мешавад,

ки онро метавон ҳамчун "фаъолияти намудҳои мураккаби ҷиноятӣ, ки дар миқёси васеъ аз ҷониби созмонҳо ва дигар гурӯҳҳое амалӣ карда мешаванд, ки сохтории дохилӣ дошта, тавассути таъсис ва истифодабарии бозорҳои молу хидматрасонии ғайриқонунӣ фоидаи молиявӣ ба даст меоранд ва ҳокимиятро соҳиб мегарданд" муайян кард.

Таърифи мафҳуми ҷиноятокориии муташаккил ҳамчунин дар ҳуҷҷати ниҳоии семинари байналмилалии СММ оид ба масъалаҳои мубориза бо ҷиноятокорӣ (Суздал, ИҶШС, 21-25 октябри соли 1991) тасвият карда шудааст, ки дар он гуфта шуда буд, ки “дар таҳти ҷиноятокории муташаккил одатан гурӯҳи нисбатан оммавии ҷамоатҳои устувор ва идорашавандаи ҷиноятокорон фаҳмида мешавад, ки ба ҷиноят ҳамчун касбукор машғуланд ва бо истифода аз чунин воситаҳои ғайриқонунӣ, аз қабили зӯроварӣ, таҳдид, коррупсия ва дуздии миқёси калон системаи муҳофизатро аз назорати иҷтимоӣ ба вуҷуд меоранд”.

Ҷиноятокории муташаккил дар Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои ИДМ чанд марҳалаҳо, давраҳои рушди худро дорад. Ба таърихи ин масъала таваҷҷуҳ накарда, танҳо қайд мекунем, ки марҳалаи кунунии рушди онро муҳаққиқон бо он вазъи иҷтимоӣ-иктисодие, ки дар ҳудуди собик ИҶШС, сар карда аз миёнаҳои солҳои 80-ум ва, махсусан, дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба вуҷуд омаданд, то ибтидои даҳаи дуюми асри XXI алоқаманд мекунанд.

Чунин шароити мусоид барои фаъолияткунии ҷиноятокории муташаккил, ки давлат дар давраи зикргардида фароҳам оварда буд, қайд мекунад В.Осин нисбат ба ФР, на дар марҳалаи якум ва на дар марҳалаи дуюми такмили сифатноки ҷиноятокориҳои муташаккили Россия вуҷуд надошт [8, с.7].

Ба андешаи А.Х. Рустамов [10, с.69], рушди шаклҳои муташаккили ҷиноятокорӣ дар самтҳои асосии зерин пеш рафтааст:

Якумаш, чустуҷӯи созишҳои муайян байни навъҳои гуногуни корчалонҳо, аз як тараф ва ҷиноятокорон, аз тарафи дигар оғоз шуд. Пешвоёни ҷиноятӣ, ки қаблан танҳо ба фаъолияти корчалонии иқтисоди пинҳонӣ машғул буданд, ба зиёд кардани даромади онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекардагӣ шуда, корхонаҳои пинҳониро аз ҳисоби худ маблағгузорӣ мекарданд, иҷрои вазифаҳои марбут ба муҳофизат, ҷустуҷӯи ашёи хом, фурӯши маҳсулот, назорат аз болои шарикон, мубориза бар зидди рақибонро ташкил карданд.

Дуюмаш, васеъ шудани доираи фаъолияти ҷиноятӣ чи аз ҷиҳати минтақавӣ ва чи аз ҷиҳати байниҳоҷагӣ ба таври объективӣ дар назди унсурони ҷиноятӣ вазифаи тақсим намудани «соҳаҳои таъсиррасонӣ»-ро гузошт, ки дар натиҷа зарурати ҳамкории байни ташкилаҳои ҷиноятии алоҳидаро бо тақсимоти сатҳҳои иерархӣ ба вуҷуд овард.

Табиист, ки ҳалли масъалаҳои номбурда таъсиси чунин ташкилаҳои ҷиноятиеро талаб мекард, ки фаъолияташон бо истифодаи зӯроварӣ алоқаманд буд, яъне гурӯҳҳо ё бандаҳои устувори мусаллаҳ. Барои ин марҳалаи рушди ҷиноятокории муташаккил афзоиши таҷовузкорӣ, мусаллаҳшавӣ, пинҳонӣ будан, самтнокии ошкорои ғаразнокию зуроварӣ хос аст.

Гурӯҳҳои ҷиноятӣ шаклу манбаъҳои нави ба даст овардани даромади криминалиро ҷустуҷӯ мекунанд.

Самти муҳимтарини истифодаи иқтидори ҷиноятӣ, ки дар сохторҳои муташаккили ҷиноятӣ мутамарказ шудааст, иқтисодиёт, бахусус соҳаҳои сердаромадтарини он боқӣ мемонад.

Барои намояндагони «иқтисоди пинҳонӣ» тиҷорати қонунӣ ҳамчун рӯйпӯш барои содир намудани аҳдҳои бузургмиқёса марбут ба қочоқи кашонидани нахи пахта, металлҳои ранга, амалиёти содиротию воридотии ғайримолӣ, интиқоли маблағҳо ба хориҷа, шаклҳои гуногуни шустушӯи пулҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оварда хизмат мекунад.

Омори ҷиноятии солҳои охир аз тамоюли ифодаёфтаи афзояндаи миқдори гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии ба қайд гирифташуда ва шумораи ҷиноятҳои содиркардаи онҳо шаҳодат медиҳад.

Бандитизм, ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти ҷиноятокории муташаккил ва дорои хусусиятҳои умумие, ки аз тавсифҳои ин ё он ҳудуд мустақиланд, хусусиятҳои худро дорад.

Ин ҳолат тасодуфӣ нест, зеро чи тавре ки Н.Д. Литвинов қайд мекунад, дар рафти муборизаи

мусаллаҳона террори инқилобӣ аксар вақт ба террори ҷинояткорона мубаддал мегардад, ки бо ғоратгариҳои оммавӣ, ғоратгарӣ, таҷовуз ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон алоқаманд аст[4, с.45].

Н.Д. Литвинов якчанд намуди терроррo, аз ҷумла этномиллиро - ҳамчун тарзи таъмини террористии манфиатҳои гипертрофии шаҳрвандони як этномиллат аз ҳисоби дигарон дар ҳудуди истиқомати муштарак, ҷудо мекунад[5, с.18].

Нишондиҳандаи муҳими криминологии бандитизм миқдори иштирокчиёни ташкилаҳои алоҳидаи бандавӣ мебошад.

Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин маводҳои ҷамъбастии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шумораи аъзоёни банда аз 4 то 24 нафарро ташкил медиҳад. Чунин, алалхусус, ҳайати миқдории бандае, ки А Саидов сардорӣ мекард, буд. Иштирокчиёни банда, чун қоида, аз як маҳал буданд ва ҷиноятро ё дар ҷои истиқомат ва ё дар ноҳияҳои назди он содир мекарданд.

Банда ҳамагӣ чаҳор моҳ (аз моҳи январ то моҳи апрели соли 1996) вуҷуд дошт, аммо дар ин муддати кӯтоҳ ба онҳо муяссар шуд, ки ҳафт куштор, ду таҷовуз ба номус, панҷ ҳамлаи ғоратгарона ба муассисаҳои давлатӣ ва беш аз 90 ҳамла ба шаҳрвандонро содир кунанд. Аз рӯи парвандаи мазкур 24 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, маҳкум карда шуданд.

Синну соли аъзоёни банда аз 23 то 34-сола буд. Аксарияти куллро мардон ташкил медоданд. Танҳо аз рӯи яке аз парвандаҳои ҷиноятии омӯхташуда зан ҳамчун иштирокчии банда ба ҷавобгарӣ кашида шуда, тибқи моддаи 74 ва банди «г»-и моддаи 104 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 маҳкум карда шудааст.

Дар хусуси навъи машғулияташон бошад, он гоҳ бандаҳо асосан аз шаҳрвандони бекор иборат буданд. Чун қоида, иштирокчиёни банда дараҷаи маълумоти паст (аксаран маълумоти миёнаи нопурра) доштанд. Дар тавсифи криминологии шахсоне, ки барои бандитизм маҳкум шудаанд, танҳо як ҳолати ҷолиби диққатро, ба назари мо, қайд кардан зарур аст – дар байни онҳо шахсони доғи судӣ дошта кам вомехӯранд.

Ҳамин тариқ, муташаккилӣ дар бандитизм дар якчанд ҷанбаҳо зоҳир мешавад: этникӣ, динӣ, маҳалгароӣ, вобаста ба манфиатҳои умумӣ (асосан – криминалӣ), синну солӣ, шахсӣ ва ғайра. Халқаи пайвасткунандаи гурӯҳи муташаккил, чун қоида, пешвои расмӣ мебошад, ки иерархияи гурӯҳи муташаккили ҷиноятиро ҷамъбаст намуда, устувории онро таъмин менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Белокуров О.В. Организованная преступность: история развития и формы проявления // Вестник Московского ун-та. Сер. Право. –1992. – № 4. – С. 52-58.
2. Гуров А.И. Профессиональная преступность: прошлое и современность. – М.: Юрид. лит., 1990. – 304 с.
3. Долгова А.И. Организованная преступность, её развитие и борьба с ней. // Организованная преступность. – М.,1996. – 56 с.
4. Литвинов Н.Д. Террористические организации: формирование и деятельность: (политико-правовой анализ) безопасности. – М.: Голос, 1999. – 219 с.
5. Литвинов Н.Д. Роль идеи в развитии антигосударственного терроризма. ВИ МВД России, 1999. – 118 с.
6. Максимов С.В. Краткий криминологический словарь. – М., 1995. – С. 15.
7. Материалы секретариата ООН на восьмом конгрессе по предупреждению преступности (Гавана, Куба, 27 августа - 7 сентября 1990г.). Электронный ресурс.
8. Осин В. Правовые возможности борьбы с организованной преступностью // Советская юстиция. – 1990. – 15. – С. 7-9.
9. Разинкин В.С. Организованная преступность в период реформ в России. //Организованная преступность//. – М., 1996. – С. 74-92.
10. Рустамов А.Х. Некоторые вопросы борьбы УБОП МВД Республики Таджикистан против организованной преступности//Труды Академии МВД РТ. Душанбе, 2001. – С. 68-75.
11. Сайдамиров Б.Ш. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с бандитизмом. Диссертация … канд. юрид. наук. СПб, 2002. – 165 с.
12. Шеслер А.В. Криминологические аспекты групповой преступности. М-во внутр. дел России. Сиб. юрид.

ин-т. - Красноярск: Сиб. юрид. ин-т МВД России, 1999. – 177 с.

**Маълумот дар бораи муаллиф**
***Оралбаев Хамза Хайдарович*** *– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 919643535(м.). E-mail:* femida-80@list.ru
**Информация об авторе**
***Оралбаев Хамза Хайдарович*** *– кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 919643535(м.). E-mail:* femida-80@list.ru
**Information about the author**
**Oralbayev Khamza Khaydarovich –** Senior Lecturer, Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Tajik State Financial and Economic University. *Address:* 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14. Tel.: (+992) 919643535(m.). E-mail: femida-80@list.ru

**УДК: 347.4 (575.3)**

## ОИД БА МУШТАРИЁНИ НЕРӮИ БАРҚ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

**Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович**

**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур оид ба муштариёни нерӯи барқ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст. Муаллиф оид ба мафҳуми муштарӣ вобаста ба шартномаи таъмини нерӯи барқ таҳлилҳои мушаххас анҷом додааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба моддаи 595 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намудани таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Калимаҳои асосӣ:** шартномаи таъмини нерӯи барқ, муштарӣ, мизоҷ, муштарии фаръӣ, энергия, нерӯи барқ, энергетика, Кодекси маданӣ, маърифати ҳуқуқӣ, субъект.
**Барои иқтибос:** Мирзоев С.А. Оид ба муштариёни нерӯи барқ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ / С.А. Мирзоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 275-280

## ОБ АБОНЕНТАХ ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ КАК СУБЪЕКТОВ ГРАЖДАНСКИХ ПРАВООТНОШЕНИЙ

**Мирзоев Субхонали Ахтамджонович**

**Аннотация.** Данная статья посвящена абонентам электроэнергии как субъектов гражданско-правовых отношений. Автором проведен конкретный анализ понятия абонента применительно к договору электроснабжения. Автор предлагает целесообразно включить определение субабонентского договора в статью 595 Гражданского кодекса Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** договор электроэнергии, абонент, клиент, субабонент, энергия, электроэнергия, энергетика, Гражданский кодекс, правовое просвещение, субъект.

## ABOUT ELECTRICITY SUBSCRIBERS AS SUBJECTS OF CIVIL RELATIONS

**Mirzoev Subhonali Akhtamjonovich**

**Abstract.** This article is devoted to electricity subscribers as subjects of civil law relations. The author has carried out a specific analysis of the concept of a subscriber in relation to an electricity supply contract. The author proposes that it is advisable to include the definition of a sub-subscription agreement in Article 595 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan

**Keywords:** electricity contract, subscriber, client, subsubscriber, energy, electricity, energy, Civil Code, legal education, subject.

**Гузориши масъала.** Энергия (нерӯи барқ) ва таъминоти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаи ҳаётан муҳими соҳаи энергетикаи кишвар ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти лозимаи объектҳои ҳаётан муҳим, аз қабили корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ, бонкҳо ва дигар объектҳо ба он вобастагии калон доранд. Ҳаёти ҳарӯзаи одамонро бидуни истифодаи неруи барқ муътадил тасаввур намудан ғайриимкон аст. Дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзӯи энергетика, ба даст овардани Истиқлолияти энергетикӣ, энергияи сабз, нерӯи барқ ва сарфакорона истифода намудани он ва муҳим арзёбӣ кардани соҳаи мазкур, ки рушди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ аз он вобастааст, суханронӣ мегардад. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 қайд гардида буд, ки ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба муштариёни нерӯи барқ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар таълифоти илмии ҳуқуқшиносон ба монанди: Исмаилов Ш.М., Раҳимзода М.З., Ғаюров Ш.Қ., Сангинов Д.Ш., Суханов Е.А., Шафир А.М., Лукьянцева И.А., Огиренко Е.Б., Осипчук Е.Л. мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола** таҳлили рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини энергия (нерӯи барқ) ва муштариёни он мебошад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Вобаста ба муҳимияти энергияи сабз аз ҷумла нерӯи барқ, ки предмети шартномаи таъмини барқро дарбар мегирад ва талаботи моддӣ ва маънавии муштариёнро қонеъ мегардонад дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 ироа гардид, ки ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд [1, санаи муроҷиат: санаи муроҷиат: 19.04.2024].

Имрӯз энергияи сабз аз ҷумла нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳаётан муҳим ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти лозимаи объектҳои ҳаётан муҳим, аз қабили корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ, бонкҳо ва дигар объектҳо аз он вобаста аст. Ҳаёти ҳаррӯзаи одамонро низ бидуни истифодаи нерӯи барқ ҳамчун энергияи сабз муътадил тасаввур намудан ғайриимкон аст [5, с. 16].

Қобили қайд аст, ки дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ вобаста энергияи сабз, нерӯи барқ ва маърифати сарфакорона истифода намудани он суханронӣ мегардад. Аз ҷумла дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 қайд гардида буд, ки мардуми шарифи кишвар бояд маданияти истифодаи нерӯи барқ, яъне маърифати

сарфакориро риоя кунанд ва тавассути истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва паст кардани талафот самаранокии истифодаи онро таъмин намоянд [1, санаи муроҷиат: санаи муроҷиат: 19.04.2024].

Ҳар як шартномаҳои маданӣ тарафҳои худро доро мебошад, ки онҳо бояд дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ бошанд. Ба ҳайси тарафҳои шартномаи таъмини барқ ташкилоти таъминкунандаи барқ ва муштарӣ бaромад мекунанд. Мутобиқи муқаррароти б. 1, м. 595 Кодекси мaдании Ҷумҳурии Тоҷикистон як тараф ташкилоти таъминкунандаи барқ уҳдадор мешавад, аз тариқи хати барқи васлшуда нерӯи барқ диҳад ва тарафи дигар муштарӣ уҳдадор аст, арзиши барқи истифодашудаpo пардозад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ фикре вуҷуд дорад, ки мувофиқи он ҳамчун субъекти таъминкунандаи барқ метавонад соҳибкори инфиродӣ фаъолият намояд [4, с. 63]. Бояд зикр намуд, ки ин фикр ба қонун мухолифат намекунад. Аммо соҳибкори инфиродӣ ҳамчун субъекти таъминкунанда бо нерӯи барқ хусусиятҳои худро дорад. Ба фикри мо, соҳибкори инфиродӣ метавонад ҳамчун субъекти таъминкунанда бо нерӯи барқ амал кунад, дар сурате, ки агар муштарӣ нерӯи барқи дар нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, нерӯгоҳҳои бодӣ ва бо батареяҳои офтобӣ, бидуни хатти ягонаи интиқоли нерӯи барқ истифода барад. Вале дар ташкил ва татбиқи чунин намуди фаъолияти соҳибкорӣ мушкилоти зиёде ҷой дорад, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунад, ки ин мавзӯи тадқиқоти махсуси илмӣ мебошад [5, с. 53].

Бояд қайд кард, ки тибқи шартномаи таъмини барқ муштарӣ низ субъекти асосӣ ба шумор меравад. Бо мақсади арҷу эҳтиром гузоштан ба меъёрҳои қонуни асосии давлат ва ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа (аз ҷумла муштариёни нерӯи барқ) дар шароити муосир соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардид [2, санаи муроҷиат: санаи муроҷиат: 20.04.2024].

Дар ин замина бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри соли 2023 бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668, ба имзо расид [7, санаи муроҷиат: санаи муроҷиат: 20.04.2024].

Мақсад аз ба тавсиб расидани фармони мазкур, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумла муштариёни нерӯи барқ, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (аз ҷумла муштариёни нерӯи барқ) дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

То ба наздикӣ, таърифи «муштарӣ (истеъмолкунанда)» дар санадҳои меъёрӣ умуман вуҷуд надошт. Таърифи ин мафҳумҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» ифода шудааст. Моддаи 2 Қонуни мазкур истеъмолкунандаи (муштарии) нерӯи баркро ҳамчун як шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки намудҳои гуногуни захираҳои энергетикиро бидуни мақсади бозфурӯшӣ харидорӣ ва истифода мебарад, муайян намудааст. Таърифи дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» ҷойдодашуда, таърифи муштарӣ мебошад, чунки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муайян намудани таърифи шартномаи таъминоти нерӯи барқ, мафҳумҳои муштарӣ ва истеъмолкунандаро ҳамчун мафҳумҳои шабеҳ ҳисоб намуда калимаи мизоҷро муқаррар намудааст.

Таҳлили матн ва мазмуни моддаи мазкур имкон медиҳад, ки ба якчанд норасоиҳои дар моддаҳои ҷойдоштаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ки истилоҳи мизоҷ муқаррар шудааст таваҷҷуҳ намоем.

Аз ҷумла, ба истифода намудани калимаҳои «мизоҷ» ва «абонент», ки дар меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини энергия муқаррар шудаанд ҳамчун калимаҳои муродиф. Тарҷумаи русии калимаи «мизоҷ» калимаи «клиент» аст, на калимаи «абонент». Тарҷумаи тоҷикии калимаи «абонент» бошад, калимаи «муштарӣ» аст. Аз ин рӯ, якҷоя истифода намудани калимаҳои «мизоҷ» ва «абонент»-ро номуносиб меҳисобем. Ба фикри мо, дуруст ва муносиб мебуд, агар дар моддаҳое, ки ба шартномаи таъмини энергия бахшида шудаанд танҳо як калима – калимаи муштарӣ истифода мешуд. Ҳолати мазкур дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз **1 июли соли 2023** мавриди амал қарор дода шудааст ба инобат гирифта нашудааст.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсоне, ки муштарӣ мебошанд талаботи махсусро муқаррар мекунад. Яъне ки ба сифати чунин субъект на ҳама шахсон, балки танҳо шахсоне буда метавонанд, ки талаботҳои махсуси истифодаи таҷҳизотҳои барққабулкунандаро риоя мекунанд. Ба фикри мо, муштарӣ субъекти махсус буда, таърифи он бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шавад. Дар асоси гуфтаҳои боло, кучонидани таърифи истеъмолкунанда, яъне муштариро аз м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика», ба м. 595 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қайд намудани аломатҳои хосеро, ки қонунгузор номбар кардааст, дар м. мазкур, бо мақсад мувофиқ медонем.

Дар амалия бисёр ташкилотҳо – истеъмолкунандагони нерӯи барқ шабакаҳои бевосита ба шабакаҳои ташкилотҳои таъминкунандаи барқ пайвастшударо бинобар нерӯи барқро на аз онҳо, балки аз муштарӣ мегиранд, яъне субмуштарӣ мебошанд. Тавре ки А.М. Шафир зикр намудааст, ҳар муштарӣ истеъмолкунанда аст, вале на ҳар як истеъмолкунанда – муштарӣ мебошад, зеро боз муштариёни фаръӣ ҳастанд [8, с. 42].

Муштарии фаръии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда таъмини истеъмолкунандае мебошад, ки бевосита ба шабакаҳои барқии муштарӣ пайваст буда бо он дар шартномаи истифодаи нерӯи барқ қарор дорад. Бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, муштарӣ ҳуқук дорад нерӯи барқи аз вай қабул кардаашро тавассути шабакаи пайвастшуда ба шахси дигар, яъне муштарии фаръӣ таҳвил диҳад. Бояд қайд кард, ки анҷом додани амалҳо ҷиҳати интиқоли нерӯи барқ на ухдадории муштарӣ, балки ҳуқуқи он ба ҳисоб меравад [6, с. 81].

Сарфи назар аз саросар ҷой доштани муносибатҳои субмуштаригӣ, онҳо дар қонунгузорӣ амалан ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Ба ин масъала танҳо м. 602 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар муносибатҳои субмуштаригӣ муштарӣ дар назди ташкилоти таъминоти энергия ҳамчун истеъмолкунандаи нерӯи барқ баромад мекунад, бинобар ин, барои аз тарафи муштарии фаръӣ иҷро накардан ё ғайридахлдор иҷро намудани ухдадориҳо муштарӣ масъул мебошад. Ҳамин тариқ, муштарӣ дар назди муштарии фаръӣ ҳамчун субъекти таъминкунанда бо нерӯи барқ баромад мекунад. Азбаски интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ танҳо ҳуқуқи муштарӣ мебошад, пас вай метавонад ҳама вақт аз интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ даст кашад. Дар чунин ҳолат розигии ташкилоти таъминкунанда бо нерӯи барқ талаб карда намешавад.

Ба ақидаи мо, муносибатҳои дар боло зикршудаи байни ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, муштарӣ ва муштарии фаръӣ бояд дар шартномаи алоҳидаи байни онҳо басташуда муайян шаванд. Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем таърифҳои зеринро пешниҳод намоем:

1. Муштарӣ – шахси ҳуқуқӣ ва воқеие мебошад, ки нерӯи барқро истифода мекунад.
2. Муштарии фаръӣ – шахси сеюм мебошад, ки аз тарафи муштарӣ бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда нерӯи барқро истифода мебарад.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаи таъмини барқ баъзе мушкилотҳое

ҳастанд, ки ҳанӯз ҳалли худро наёфтаанд. Аз ҷумла, муносибатҳои байни муштарӣ ва муштарии фаръӣ баҳсталаб аст, чунки муштарӣ намехоҳад, уҳдадории иловагиро ҳангоми додани нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ пайдо кунад. Дар робита ба ин, мо дар қ. 3, м. 602 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани уҳдадориҳои муштариро ба зиммаи муштарии фаръӣ зимни интиқоли нерӯи барқ зарур медонем.

**Хулоса.** Тавре ки аён аст, аз ибтидои қарни бистум, энергетика муҳаррики прогресси илмию технологӣ ва заминаи рушди босуръати иқтисодиёти ҳар як мамлакат гаштааст [3, с. 25]. Аз ин лиҳоз масъалаи мазкур мунтазам дар зери таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии муштариёни нерӯи барқ ва маданияти баланди истифодаи он аз ҷониби аҳолӣ (муштариён) қайд гардид, ки ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад. Дар ин замина Тоҷикистон метавонад ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил ёбад [2, санаи муроҷиат: санаи муроҷиат: 20.04.2024].

Дар ин росто баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва риояи маданияти баланди истифодаи неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ (муштариён)-ро дар самти гузариш ба таҷҳизоти каммасрафи барқӣ дар иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ва истеҳсоливу коммуникатсионии мамлакат мубрам ва саривақтӣ меҳисобем.

Дар асоси таҳлилҳои болозикр ба моддаи 595 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намудани чунин таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ)-ро ба мақсад мувофиқ медонем: «Шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) чунин шартномае мебошад, ки тибқи он муштарӣ уҳдадор мешавад бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда қисми нерӯи барқи дар асоси шартномаи таъмини барқ тавассути шабакаи пайвастшуда қабул намудаашро ба субабонент (муштарии фаръӣ) интиқол диҳад, муштарии фаръӣ бошад уҳдадор мешавад, ки арзиши нерӯи барқи аз ӯ қабулкардаро пардохт намуда, реҷаи тибқи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) муқарраршудаи истифодаи онро риоя намояд, бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, бенуқсонӣ, бекамукостии дастгоҳу таҷҳизоти ба раванди истифодаи нерӯи барқ алоқамандро таъмин намояд».

## АДАБИЁТИ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 19.04.2024).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 20.04.2024).

3. Исмаилов Ш.М. Экономико – правовое обеспечение развития энергетики в Таджикистане // Энергетическое право. – 2009. – № 2. – С.25.

4. Лукьянцева И.А. Договор энергоснабжения: Теория, законодательство и правоприменительная практика: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2009. – С. 63.

5. Мирзоев С.А. Танзими шартномавии таъмини барқ: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. С. 16.

6. Огиренко Е.Б. Договор снабжения электрической энергией в предпринимательской сфере Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 81.

7. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 // Ҷумҳурият [Манбаи электронӣ] – URL: https: // jumhuriyat.tj/uato/2334-tavzeot-ba-farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html (санаи муроҷиат: 20.04.2024).

8. Шафир А.М. Энергоснабжение предприятий (правовые вопросы). – М., 1990.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 934445553, E-mail: m.subhon-85@mail.ru.

**Информация об авторе:**

**Мирзоев Субхонали Ахтамджонович –** кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, факультет менеджмента и экономического права, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 934445553. E-mail: m.subhon-85@mail.ru.

**Information about the author:**

**Mirzoev Subhonali Akhtamjonovich** - candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Faculty of Management and Economic Law, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: (+992) 934445553, E-mail: m.subhon-85@mail.ru.

---

**УДК: 347.97**

## ТАЪСИРИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДӢ

**Табаров Неъмон Амонович**

**Аннотатсия.** Мақола ба таҳқиқи таъсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ бахшида шудааст. Муаллиф ба зарурати муқаррар намудани алоқаи бевоситаи байни ҳуқуқҳои конститутсионии иштирокчиёни муомилоти иқтисодӣ ва ухдадории суди иқтисодӣ ба мусоидат намудани татбиқи онҳо ба воситаи сабт намудани ухдадориҳои дахлдор дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ишора менамояд.

**Калидвожаҳо:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ, суди иқтисодӣ.

**Барои иқтибос:** Табаров Н.А. Таъсири конститутсияи ҷумҳурии тоҷикистон ба қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ / Н.А. Табаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 280 – 285.

# ВЛИЯНИЕ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО

**Табаров Неъмон Амонович**

**Аннотация.** Статья посвящена исследованию влияния Конституции Республики Таджикистан на формирование и развитие экономического процессуального права. Автор указывает на необходимость установления прямой взаимосвязи между конституционными правами участников экономического оборота и обязанностью экономического суда содействовать их реализации посредством закрепления соответствующей обязанности в нормах права.
**Ключевые слова:** Конституция Республики Таджикистан, экономическое процессуальное законодательство, экономическое процессуальное право, экономическое судопроизводство, экономический суд.

# INFLUENCE OF THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR ECONOMIC PROCEDURE LEGISLATION

**Tabarov Nemon Amonovich**

**Annotation.** The article is devoted to the study of the influence of the Constitution of the Republic of Tajikistan on the formation and development of economic procedural law. The author points out the need to establish a direct relationship between the constitutional rights of participants in economic transactions and the duty of the economic court to facilitate their implementation by enshrining the corresponding duty in the law.
**Keywords:** Constitution of the Republic of Tajikistan, economic procedural legislation, economic procedural law, economic proceedings, economic court.

**Гузориши масъала.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули ҳамаи соҳаҳои илм, аз он ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ нақши калон дорад. Дар моддаи 84-и он қайд гардидааст, ки ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд. Маҳз ҳамин меъёрҳои конститутсионӣ имконият доданд, ки имрӯз бисёр соҳаҳои ҳуқуқи вобаста ба фаъолияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, инкишоф ёбанд. Яке аз чунин соҳаҳои илми вобаста ба фаъолияти судҳо ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ мебошад, ки маҳз ҷиҳатҳои илмӣ-мурофиавии фаъолияти судҳои иқтисодиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Фаъолияти мурофиавии судҳои иқтисодӣ бо қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ ба танзим дароварда мешавад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба нақши Конститутсия дар ташаккул ва инкишофи қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ дар таълифоти илмии ҳуқуқшиносон ба монанди: Болтуев С.Ш., Исмоилов Ш.М., Қудратов Н.А. мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола** таҳлили нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ба ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Принсипҳои конститутсионии ҳуқуқ – ин падидаҳое мебошанд, ки ҳуқуқро на танҳо бо сиёсат, иқтисодиёт ва ҳаёти маънавии ҷомеа мепайвандад, балки ин категорияҳое мебошанд, ки ягонагии равандҳо, шаклҳо, назарияҳо, ғояҳо ва консепсияҳои гуногуни ҳуқуқӣ, қатораҳои мафҳумӣ-категориалиро таъмин мекунанд. Масалан, С.Н. Абрамов принсипҳои мурофиаи граждaниро ҳамчун оғозҳои умумие муайян мекунад, ки тамоми сохтори мурофиаро дар кулл ва тамоми системаи амалу муносибатҳои мурофиавии граждaниро мувофиқи вазифаҳои адолати судӣ инъикос мекунанд [6, С. 20]. Ба андешаи С.Ш. Болтуев принсипҳо ин ақидаҳои заминавии роҳбарикунанда, сиёсӣ ва ахлоқие мебошанд, ки муносибати байни давлат ва шахсиятро дар ҷомеа ифода мекунанд ва дар меъёрҳои ҳуқуқӣ расман мустаҳкам карда шудаанд [4, С. 99; 16, С. 40]. А.Т. Боннер принсипҳои ҳуқуқро ҳамчун оғозҳои ба таври объективӣ муайяншуда баррасӣ менамояд, ки мутобиқи онҳо системаи ҳуқуқ сохта мешавад [5, С. 5]. Ш.М. Исмоилов баён менамояд, ки зери мафҳуми

принсипҳои ҳуқуқӣ муқаррароти роҳбарикунандаи ҳуқуқ, асоси танзими ҳуқуқӣ фаҳмида мешаванд, ки қонуниятҳои объективӣ, эҳтиёҷоти ҷамъият ва аҳамияти барои ҳама ҳатмӣ доштаро дар сурати муқаррарсозии ҳуқуқии онҳо ифода менамоянд [10, С. 35]. М.Н. Марченко қайд мекунад, ки принсипҳои ҳуқуқ ғояҳои асосӣ, муқаррароти ибтидоӣ ё оғози пешбарандаи раванди ташаккул, инкишоф ва фаъолияткунии ҳуқуқро ифода мекунанд [18, С. 432]. Т. Шарифзода принсипи ҳуқуқро ҳамчун ғояҳои роҳбарикунандае муайян менамояд, ки чун қоида, дар қонун ё санади меъёри зерқонунӣ сабт гардидаанд [22, С. 14; 19, С. 37]. Ба ақидаи Н.А. Қудратов ва З.И. Холхӯҷаев принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ – ғояҳо ва асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ифода гардида, мазмуни ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятиро дар умум муайян месозанд [21, С. 53]. Н.А. Рассахатская ишора мекунад, ки дар таҳти принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ муқаррароти аз ҳама бештар умумӣ, оғозҳои роҳбарикунандае фаҳмида мешаванд, ки тамоми раванди мурофиаи судиро фаро гирифта шудаанд ва нуқтаи назари ҷомеаро нисбати амалӣ намудани адолати судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ инъикос мекунанд [13, С. 21]. С.А. Алёхина қайд мекунад, ки дар таҳти принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ бояд оғозҳои асосӣ, ибтидоии меъёрӣ-роҳбарикунандаи ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ фаҳмида шавад, моҳияти соҳаи мазкур, хусусият ва мазмуни дохилии онро ошкор созанд [7, С. 243]. Е.Ю. Давидова дар таҳти принсипҳои мурофиаи арбитражӣ (иқтисодӣ – Т.Н.) муқаррароти бунёдӣ, оғозҳои асосии дар меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии арбитражӣ (иқтисодӣ – Т.Н.) муқарраршударо мефаҳмад, ки ба амалӣ намудани адолати судӣ дар соҳаи юрисдиксияи хоҷагидорӣ дахл доранд ва хусусиятҳои соҳаи мазкури ҳуқуқро инъикос менамояд [8, С. 16]. Вобаста ба принсипҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ Ш.М. Исмоилов қайд мекунад, ки усулҳо (принсипҳо)-и ҳуқуқи соҳибкорӣ чун манбаи асосии он низоми муносибатҳои соҳибкорӣ асоси сохт ва инкишофи онро муайян намуда, фаъолияти хоҷагиро ба танзим медароранд [17, С. 15]. Ф. Сабзалиев ва Т. Маҳмадхонов қайд менамоянд, ки принсипҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ асосҳое мебошанд, ки фаъолияти соҳибкориро танзим менамоянд [15, С. 9]. Вобаста ба принсипҳои ҳуқуқи зиддикоррупсионӣ Р.А. Ҳомидов ва Ч.З. Элмуродов қайд менамоянд, ки принсипҳо асосҳои поягузори фаъолияти сохтору идораҳои дахлдор дар мубориза бо коррупсия мебошанд [20, С. 18].

Ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ таъинот, мақсад ва вазифаҳои худро дорад. Ин ба андозаи пурра ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] низ ҳамчун Қонуни Асосии давлат ва ҷомеа ва сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ дахл дорад. Конститутсия ҳамчун заминаи сиёсӣ-ҳуқуқии устувории мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии шахс хизмат мекунад. Дар заминаи Конститутсия механизмҳои ҳуқуқии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба вуҷуд меоянд [3, С. 136-142].

Конститутсия чӣ дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ва чӣ дар байни ҳамаи санадҳои қонунгузории дигар соҳаҳои ҳуқуқ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Вай Қонуни Асосӣ, сарчашмаи асосии системаи ҳуқуқии миллӣ мебошад. Дар он нуктаҳои муҳимтарини ибтидоие дарҷ гардидаанд, ки консепсияи ҳуқуқии давлат ва ҷамъияти моро дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти он инъикос мекунанд. Муқаррароти Конститутсия ҳамеша асосӣ ва таъсисӣ мебошанд. Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, вобаста аз дастовардҳои назария ва амалияи доимии конститутсионӣ ҳамчун Қонуни Асосӣ муайян намудани Конститутсия бояд таваҷҷуҳ ба нақши функсионалии он нисбат ба давлат ва ҳуқуқ фаҳмида шавад. Хусусиятҳои Конститутсия ҳамчун Қонуни Асосӣ маънои онро дорад, ки вай асоси ҳуқуқии давлат ё асоси расмӣ ва мазмунии ҳуқуқ хизмат карда, эътибори олии ҳуқуқӣ дорад [11], аз ин рӯ ҳамчун заминаи ҳуқуқии рушди тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ҳамчун асос, ядрои тамоми системаи ҳуқуқӣ баромад мекунад. Давлат ба таври объективӣ ҳам ба мавҷудияти дуру дароз ва устувории конститутсия ва ҳам ба ҳифзи махсуси ҳуқуқии он манфиатдор аст.

Моҳияти Конститутсия, тавсифи он ҳамчун Қонуни Асосии давлат, шаклҳои конститутсия дар адабиёти ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд, зимнан онҳо ҳам аз ҷиҳати умуминазариявӣ ва ҳам нисбати навъҳои алоҳидаи конститутсияҳо, инчунин конститутсияҳои мушаххас таҳлил гардидаанд [12, С. 4-5].

Конститутсия нақши ҳуқуқсозиро мебозад. Вай, чуноне ки аллакай зикр гардид, як навъ маркази системаи ҳуқуқӣ ва ба фаҳмиши муайян «бештар аз қонун», чизи ибтидоӣ, асосӣ мебошад.

Се тарзи ҳамкории Конститутсия ва қонунгузории соҳавиро ҷудо кардан мумкин аст. Аввалан, ин таъсири Конститутсия ба равандҳои меъёрэҷодкунӣ мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки самти зикргардидаи ҳамкорӣ дар баробари таъсири мустақим ба ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки аз ҷониби суди иқтисодӣ амалӣ карда мешавад, вектори асосии ҳамкории Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ мебошад. Сониян, ин мақоми Конститутсия дар низоми қонунгузорӣ, эътибории ҳуқуқии Конститутсия мебошад. Дар низоми қонунгузорӣ Конститутсия мавқеи пешсафро

ишғол мекунад. Ин қонунест, ки эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, заминаи ҳуқуқии тамоми қонунгузории ҷорӣ мебошад. Ҳамаи қонунҳо ва дигар санадҳои мақомоти давлатӣ дар асос ва мутобиқи Конститутсия интишор карда мешаванд. Аз ин ҷо мантиқан уҳдадориҳои ҳамаи мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ оиди риоя ва ҳифзи Қонуни Асосӣ бармеояд. Сеюм, ин ҳамкории Конститутсия ва қонунгузории соҳавӣ мебошад. Принсипҳои конститутсионии сохтори ҷамъиятӣ ин ҳамон чизест, ки тамоми соҳаҳои ахлоқиро байни худ мустаҳкам намуда, асоси ягонагии онро ташкил медиҳад. Дар айни замон, ҳар кадоме аз соҳаҳои ҳуқуқ нисбат ба муносибатҳои танзимшаванда системаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдорро ташкил медиҳад, ки ба принсипҳои дар Конститутсия сабтгардида асос ёфтааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии қонунгузории мурофиавии иқтисодиро муайян намуда, дар навбати худ мурофиаи судии иқтисодиро ҳамчун раванди ҷомеаи демократӣ, ки давлати ҳуқуқбунёдро месозад, тавсиф мекунад. Дар мурофиаҳои судии гражданӣ ва иқтисодии имрӯза меъёрҳои конститутсионӣ на танҳо меъёрҳои қонун, балки самтҳои сиёсати ҳуқуқиро низ муайян мекунанд. Масалан, такмили минбаъдаи меъёрҳои баррасии баҳсҳои корпоративӣ ба ғояи асосии дахлнопазирии моликияти ҳамаи шаклҳо мувофиқат мекунад.

Бисёр муаллифон Конститутсияро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ таҳлил намуда, онро танҳо аз нуқтаи назари асосҳои ташаккул ва инкишофи қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ тавсиф намуда, зимнан мазмуни тезиси номбурда, эътибори олии ҳуқуқии меъёрҳои он ва дар он сабт гардидани принсипҳои мурофиаи иқтисодиро ошкор наменамоянд [14]. Чунин равиш ба равшан кардани нақш ва аҳамияти Конститутсия дар соҳаи мурофиаи судии иқтисодӣ ниҳоят ғайриқаноатбахш менамояд.

Конститутсия омилест, ки ба инкишофи тамоми соҳаи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ мусоидат мекунад. Раванди такмили қонунгузории мурофиавии иқтисодӣ бо назардошти мутобиқатии он ба Конститутсия идома дорад.

Дар бораи ташаккули Конститутсия ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ метавон аз рӯи ҷанбаи мушаххаси ҳуқуқӣ сухан кард. Масалан, ташаккули Конститутсияро ҳамчун ҳамоҳангсозии қонунгузории ҷорӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқ бо Қонуни Асосӣ тавассути асосноккунии конститутсионии мазмуни сарчашмаҳои ҳуқуқ мефаҳманд, ки дар натиҷаи он шароите ба вуҷуд меояд, ки барои амали самараноки худи Конститутсия заруранд.

Татбиқи Конститутсия имкон медиҳад, ки шумораи зиёди санадҳои қонунгузории ҷории мурофиавии иқтисодӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Меъёрҳои конститутсионӣ ишорати мустақилро ба қонунгузор дар бораи интишори бисёр санадҳои муҳим – қонунҳоро дар бар мегиранд ва аксарияти куллии онҳо сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ мебошанд [9, С. 3-4].

Барои равшан кардани мақоми Конститутсия дар байни дигар сарчашмаҳои ҳуқуқ таҳлили хусусиятҳои ҳуқуқии он аҳамияти калон дорад. Барои ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ муҳимтарини онҳо меъёрият ва волоияти ҳуқуқӣ мебошад. Конститутсия дар иерархияи санадҳои меъёрӣ зинаи баландтаринро ишғол мекунад.

Дар таҳти принсипи волоияти Конститутсия се унсури асосиро мефаҳманд: Конститутсия – ҳуқуқи олии бунёдии позитивӣ мебошад; масунияти конститутсионии ба худ хос аз дахолати мақомоти қонунгузорро дорад; эътирофи принсипҳои нонавиштаи конститутсионие, ки бо он тавсифи волоияти ҳуқуқ алоқаманд аст. Ин ягона санади ҳуқуқии миллӣ мебошад, ки худаш эътибори махсуси ҳуқуқии худро муайян мекунад. Конститутсия дорои эътибори махсуси олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои сарчашмаи асосии ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ — Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон[2], ба монанди меъёрҳои дигар сарчашмаҳои ин соҳаи ҳуқуқ бояд меъёрҳои Конститутсияро қонеъ гардонанд, муқаррароти онро мушаххас ва инкишоф диҳанд, ки ба андешаи мо, бояд ҳамчун яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии давлат нисбат ба адолати судии хоҷагӣ дарҷ карда шавад.

**Дар хотима,** меъёрҳои Конститутсия меъёрҳои амали мустақиман буда, муқаррароти он дар бораи амали мустақимани меъёрҳои конститутсионӣ таъмини муфассали танзими меъёрии муносибатҳои ҷамъиятиро бо қонунгузории ҷорӣ талаб мекунад. Татбиқи мустақимани Конститутсия - ҳолати махсуси «худтанзимкунӣ», рафъи зиддиятҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, зиддиятҳои иерархӣ, камбудиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамин тавр, робитаи органикии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Конститутсия қайд карда намешавад. Чунин ба назар мерасад, ки дар шароити баланд бардоштани нақши фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон дар мурофиаи судии иқтисодӣ Конститутсия ба такмилоти муайян ниёз дорад. Иқдоми мусбӣ барои инкишофи меъёрҳои конститутсионӣ, ки мутобиқи он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолатҳои онҳо мазмун ва самти фаъолияти давлатро муайян мекунанд, дар Конститутсия сабт намудани уҳдадории мустақими мақомоти ҳокимияти

давлатӣ, аз ҷумла ҳам судҳои иқтисодӣ ва ҳам шахсони мансабдори онҳо фароҳам овардани шароите, ки воқеият ва самаранокии ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро таъмин намуда, монеаҳоро дар роҳи татбиқи ин ҳуқуқу озодиҳо дар ҳаҷми пурра бартараф намоянд, мебуд.

## АДАБИЁТИ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе. Ганҷ. 2016.
2. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.4, мод.5 (бо тағйиру иловаҳо).
3. Авакьян С.А. Теория Советской Конституции (обзор литературы) // Советское государство и право. 1982. № 10. С. 136–142.
4. Болтуев С.Ш. Принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 112 с.;
5. Боннер А.Т. Принцип диспозитивности советского гражданского процессуального права: учебное пособие. М., 1987. - 78 с.
6. Гражданский процесс: учебник / под ред. С.Н. Абрамова. М., 1948. – 483 с.
7. Гражданский процесс зарубежных стран: учебное пособие / под ред. А.Г. Давтяна. М., 2009. – 480 с.
8. Давыдова Е.Ю. Системообразующие факторы арбитражного процессуального права: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 2007. – 30 с.
9. Ершов В. Прямое применение Конституции РФ. От решения Пленума Верховного Суда РФ до постановления Конституционного Суда РФ // Российская юстиция. 1998. № 10. - С. 2–4.
10. Исмоилов Ш.М., Арапова Ч.Б., Тоҷибоев Ш.А., Сиддиқова Н. Ҳуқуқи замини Тоҷикистон: Васоити таълим. - Душанбе: Нашриёти ҶДММ «Полиграфгруп», 2016. – 320 с.
11. Михалева Н.А. Социалистическая конституция (Проблемы теории). М., 1981. – 152 с.
12. Овсепян С.А. Конституционная законность: проблемы стабильности Конституции Российской Федерации // Конституционная законность и прокурорский надзор. М., 1997. С. 4–5.
13. Рассахатская Н.А. Гражданское процессуальное право: курс лекций: учебное пособие для вузов. 3-е изд. М., 2009. – 320 с.
14. Ржевский В.А. Общественный строй развитого социализма. Конституционное содержание, структура, регулирование. М., 1983. – 246 с.
15. Сабзалиев Ф., Маҳмадхонов Т. Лексияҳо аз ҳуқуқи соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. Душанбе Нашриёти ҶДММ «Ашуриён», 2014. – 168 с.
16. Сущность гражданского процесса. Монография (колл. авторов). Отв. ред. к.ю.н., профессор Болтуев С.Ш. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 272 с.
17. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гурӯҳи муаллифон. Воситаи таълимӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Исмоилов Ш.М.). Душанбе, Нашриёти «Деваштич», 2007. – 252 с.
18. Теория государства и права / под ред. М.Н. Марченко. М., 2000. – 756 с.
19. Ҳуқуқи андоз: Китоби дарсӣ. Нашри сеюм/Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Исмоилов Ш.М. -Душанбе, Нашриёти «Полиграф-групп», 2022. – 536 с.
20. Ҳуқуқи зиддикоррупсионӣ. Васоити таълимӣ / Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ, профессор Исмоилов Ш.М. ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҷ.Қ. Бобоев. Душанбе, «Империал-Групп», 2020. – 228 с.
21. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. Душанбе, 2016. – 528 с.
22. Шарифзода Т. Ҳуқуқи андоз. Васоити таълимӣ. Душанбе, 2023. – 166 с.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

***Табаров Неъмон Амонович*** - *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru*

**Информация об авторе**
***Табаров Неъмон Амонович*** *- кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово – экономического университета.* ***Адрес:*** *734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru*

**Information about the author**
***Tabarov Nemon Amonovich*** *- candidate of legal sciences, associate professor department of economic, financial and anti-corruption law Tajik State University Finance and Economics.* ***Address:*** *734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru*

---

**УДК-347.4.**

## ОИД БА АҲАМИЯТИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ ДАР ТАТБИҚИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дустов Сулаймон Абдуллоевич**

**Аннотатсия** Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба аҳамияти шартномаи сармоягузории шарикӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз навъҳои шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷоя буда, солҳои охир истифода аз он миёни давлатҳои ИМА, Британияи Кабир ва Федератсияи Россия афзудааст. Омили асосӣ оид ба васеъ гардидани муносибатҳо дар асоси ин шартнома, пеш аз ҳама рушди бо суръати иқтисодиёт, фаъолияти сармоягузорӣ ва муносибатҳои соҳибкорию истеҳсолӣ ба шумор меравад. Аҳамияти шартномаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки он имкониятҳои ҳуқуқиро барои фаъолияти якҷояи сармоягузорӣ хубтар фароҳам оварда, ҳуҷҷатгузориҳои зиёдатӣ ва хавфи зарарро дар муносибатҳои шарикӣ камтар мегардонад.

**Калимаҳои асосӣ**: шартномаи сармоягузории шарикӣ, фаъолияти якҷоя, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, коргоҳҳои истеҳсолӣ.

**Барои иқтибос:** Дустов С.А. Оид ба аҳамияти шартномаи сармоягузории шарикӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати ҷумҳурии тоҷикистон / С.А. Дустов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 1 (40). – С. 285-290.

## О ЗНАЧЕНИИ ДОГОВОРА ИНВЕСТИЦИОННОГО ТОВАРИЩЕСТВА В РЕАЛИЗАЦИИ ПРОГРАММ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Дустов Сулаймон Абдуллоевич**.

**Аннотация.** В данной статье представлена информация о важности договора инвестиционного товарищества. Автор отмечает, что договор инвестиционного товарищества является одним из видов договоров о совместной деятельности, и его использование в последние годы увеличилось между государствами США, Великобритании и Российской Федерации. Основным фактором расширения

отношений на основе этого договора является, прежде всего, быстрое развитие экономики, инвестиционной деятельности и производственных отношений. Важность этого договора проявляется в том, что он обеспечивает лучшие юридические возможности для совместной инвестиционной деятельности, уменьшает избыточную документацию и риск ущерба в партнерских отношениях.

**Ключевые слова**: договора инвестиционного товарищества, совместная деятельность, Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан, Концепция правовой политики Республики Таджикистан, нормативно-правовые основания, правовое регулирование; производственные мощности.

## ON THE SIGNIFICANCE OF THE AGREEMENT OF INVESTMENT PARTNERSHIPS IN THE IMPLEMENTATION OF PROGRAMS OF ACCELERATED INDUSTRIALIZATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Dustov Sulaimon Abdulloevich**

**Abstract.** This article provides information on the importance of an investment partnership agreement. The author note that the investment partnership agreement is one of the types of joint activity agreements, and its use has increased in recent years between the states of the USA, Great Britain and the Russian Federation. The main factor in expanding relations on the basis of this agreement is, first of all, the rapid development of the economy, investment activity and industrial relations. The importance of this agreement is manifested in the fact that it provides the best legal opportunities for joint investment activities, reduces redundant documentation and the risk of damage in partnerships.

**Key words:** investment partnership agreement? Team work? Program of accelerated industrialization of the Republic of Tajikistan? Concept of legal policy of the Republic of Tajikistan, regulatory and legal grounds; legal regulation, Production capacity.

**Гузориши масъала.** Шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз шартномаҳои муҳим ба шумор рафта, муносибатҳои ҷамъиятии дар доираи он танзимшаванда рӯз то рӯз тамоили афзоиш доранд. Омили асосӣ оид ба васеъ гардидани муносибатҳо дар асоси ин шартнома, пеш аз ҳама рушди бо суръати иқтисодиёт, ва муносибатҳои соҳибкорию истеҳсолӣ ба шумор меравад. Муаммоҳо дар доираи шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ бо инкишоф ёфтани муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ то рафт рӯ ба афзоиш дорад. Аз ин ру омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии шартнома ва пешниҳодҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сармоягузории шарикӣ, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва содагардонии расмиёти бақайдгирии давлатӣ амали мегардад, тақозои ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашриёҳо.** Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявию амалии шартномаи сармоягузории шарикӣ дар таълифоти илмии ҳуқуқшиносон ба монанди: Бозоров Р.Б.,

Семочкина М.А., Белицкая А. В ва Воҳидзода З.Г. мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Маҳсади мақола.** Таҳлили аҳамияти ҳуқуқии шартномаи сармоягузории шарикӣ дар рушди фаъолияти соҳбкорӣ ва зарурати амалигардии он дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла саноатикунонии босуръати. Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Саноатикунонии босуръат эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 – уми декабр соли 2018 ва солҳои “Рушди саноат” эълон гардидани панҷсолаи 2022 – 2026 санаи 21 – уми декабри соли 2021 аз ҷониби Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми ҳадафмандона буда, заминаи муҳим барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад.

Бо ин мақсад Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 – уми декабри соли 2021 ишора намуданд: «Моро зарур аст, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми сармоягузории мустақимро нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз зиёд намуда, ҳамзамон ҷалби маблағҳои имтиёзнокро тақвият бахшем ва дар 5 соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб намоем, ҳамчунин, то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкориро дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монем» [4, с. 10].

Дар ин ҷо масъалагузорӣ бояд кард, ки оё кадам роҳҳои ҷалби сармоя ва кадом заминаҳои ҳуқуқӣ барои ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок ва муфид мебошад ва дар татбиқи ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаовар буда метавонанд ва кадом роҳҳои татбиқи онҳо имрӯз дар ҷумҳурии мо имконпазир аст? Яке аз василаҳои муҳим барои татбиқи ин ҳадафҳои наҷиби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин инкишоф ва таҳкими меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузорӣ дар санадҳои қонунгузории амалкунанда ва қабули санади меъёрӣ – ҳуқуқии махсус дар бахши сармоягузории шарикӣ мебошад, ки бо ин васила мо метавонем ҳамбастагии ҳамаҷонибаи субъектҳои бозори сармоягузории кишвар, бахусус сармоягузории муштаракро, ки ба ҳадафҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2018-2028, ва Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 мувофиқ мебошад, амалӣ гардонем.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 масъалаи таъсиси субъектҳои муштараки хоҷагидорӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз ҳадафҳои муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, мақсад аз он пеш аз ҳама баркарор намудани иқтисодиёт ҷумҳурӣ пас аз таъсири бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодии солҳои охир ба шумор меравад, ки ин ҳолат такмили фаъолияти давлатро дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ баҳри мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи нави рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза, тақозо менмояд [3, с. 5-6].

Дар Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 бандҳои 2, 20, 79 низ, барои расидан ба мақсади амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини самаранокӣ ва сифати онҳо, ҷалби сармояи мустақим ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сохтани корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав, тақвияти ҳамкориҳо ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ, таъсиси корхонаи муштараки истеҳсоли техникаҳои хурди кишоварзӣ зарур шуморида шудааст, ки барои ноил гардидан ба ин мақсадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ҷиҳати такмили қонунгузории маданӣ ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти ҳатмӣ эътироф гардидааст [1, с. 28].

Бо дар назардошти иқдомҳои пешгирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсия ва барномаҳои болозикр мо чунин мешуморем, ки татбиқ гардидани сармоягузориҳои муштарак метавонад барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи дилхоҳ ба бор оварад. Аз ин рӯ фурсати он расидааст, ки дар ҷумҳурии мо ба таври ҳамаҷониба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сармоягузории шарикӣ бояд ҳарчи зудтар гузошта шавад, зеро таъсиси корхонаҳои

муштарак бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, ҳамзамон аз лиҳози ҳуқуқӣ шаклҳои содатарини бақайдгирӣ ва ҳавасмандии сармоягузоронро тақозо менамояд.

Агар мо ба таҷрибаи давлатҳои Амрико ва Аврупо дар солҳои охир назар афканем, мушоҳида мегардад, ки дар ин давлатҳо ассотсиатсияҳои зиёди сармоягузорӣ рушд намуданд ва мақсади онҳо сармоягузории шарикӣ мебошад.

Сармоягузорӣ шарикӣ дар ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Швейтсария ва Белгия маъмул буда, одатан бо истилоҳи (limited partnership) шинохта шудааст ва дар ин давлатҳо қонунҳои соҳавӣ дар бахши сармоягузории шарикӣ алакай қабул карда шудааст. Чунин иттиҳодияҳои сармоягузорӣ дар асоси шартномаи сармоягузории шарикӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд ва дар 20 соли охир муҳимтарин шакли сармоягузорӣ дар ҷаҳон эътироф гардидаанд [6].

Дар давлатҳои собиқ ИҶШС бошад, Федератсияи Россия нахуситин Қонуни худро "Дар бораи сармоягузории шарикӣ", бо назардошти талаботи қисми дуюми Кодекси граждании Федератсияи Россия, бахусус боби 55 – уми он, 21 - уми ноябряи соли 2011 қабул намуд. Дар натиҷаи қабули ин Қонун соли 2011 дар Федератсияи Россия шакли нави ташкилӣ – ҳуқуқии шартномавӣ, ки ҳамчун ширкати одӣ амал менамояд, ба вучуд омад, ки мақсади он пеш аз ҳама амалӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ бо шумораи зиёди сармоягузорон ба ҳисоб меравад. Чунин иттиҳодияҳои сармоягузорон бо истифода аз шартномаи сармоягузории шарикӣ фаъолият менамоянд.

Афзалияти ин иттиҳодияҳои сармоягузории шарикӣ дар он дида мешавад, ки онҳо танҳо дар доираи шартномаи сармоягузории шарикӣ бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд. Шартномаи сармоягузории шарикӣ на танҳо мӯҳлати кутоҳи вақт ва ҳуҷҷатгузории аз меъёр зиёдро, ки боиси ташвиши сармоягузорон дар солҳои охир мегардид аз байн мебарад, балки эътимоди сармоягузоронро дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ низ хеле зиёд гардонид.

Аҳамияти корбурд аз шартномаи сармоягузории шарикӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим ва саривақтӣ мебошад, зеро табиатан як субъекти фаъолияти сармоягузорӣ наметавонад дар алоҳидагӣ бо имкониятҳои доштааш барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ иқдом намояд, аммо иттиҳоди сармоягузорон дар асоси шартномаи сармоягузории шарикӣ метавонанд аз уҳдаи татбиқи ҳамагуна лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, ки ба фаъолияти сармоягузории шарикӣ марбут аст ба хубӣ бароянд.

Фаъолияти сармоягузории шарикӣ одатан аз ҷониби шарикони сармоягузор мутобиқи муқаррароти шартномаи сармоягузории шарикӣ барои ба даст овардан ва (ё) бегона кардани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дар бозор фурӯхтанашуда ва дигар воситаҳои молиявии муомилоти фючерсӣ, аз ҷумла саҳмияҳо дар сармояи оинномавии ширкатҳои хоҷагидорӣ вомбаргҳои ҷамъиятҳои хоҷагидории шарикӣ, амалӣ карда мешавад[5, с. 45].

Оид ба муҳиммияти сармоягузории шаркиӣ Р.Б. Бозоров ҳанӯз соли 2018 дар рисолаи доктории худ ишора намуда, ба вуҷуд овардани фазои зарурии ҳуқуқиро барои амалӣ гардидани чунин шакли сармоягузорӣ, аз ҷумла институти махсуси сармоягузории шарикӣ, ки ҷалб ва ҷобаҷокунии захираҳои молиявии сармоягузорон, ҳамзамон муайян кардани шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда тавонад зарур дониста буданд [2, с. 9].

Шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз шартномаҳои муҳим ба шумор рафта, муносибатҳои ҷамъиятии дар доираи он танзимшаванда рӯз то рӯз тамоюли афзоиш доранд. Омили асосӣ оид ба васеъ гардидани муносибатҳо дар асоси ин шартнома, пеш аз ҳама рушди бо суръати иқтисодиёт, фаъолияти сармоягузорӣ ва муносибатҳои соҳибкорию истеҳсолӣ ба шумор меравад.

Дар шароити кунунӣ муносибатҳои ҳуқуқии танзимшавандаро дар асоси ин шартнома, ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармогузорӣ, дар бахши сохмон, неругоҳҳои барқӣ обии хурд, сохта ба истифода додани иншоот ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, бакорандохтани коргоҳҳои истеҳсолии аз фаъолиятбозмаонда ва ҷиҳозонидани таҷҳизотҳои нав ва дигар муносибатҳое, ки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории муштаракро тақозо менамоянд, мушоҳида намудан мумкин аст.

Маълум аст, ки шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ яке аз шаклҳои нави шартномаи ширкати одӣ буда, аҳамияти он рӯз то рӯз дар танзими муносибатҳоии сармоягузорӣ зиёд мегардад. Ҳадаф аз бастани ин шартнома пеш аз ҳама инъикоси ҳамаҷонибаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шарикони сармоягузор буда, гирифтани фоида дар ин шартнома шарти ҳатмӣ мебошад. Аммо шартномаи сармоягузории шарикиро ба мақсадҳои дигаре низ, ки қонун манъ накардааст бастан мумкин аст ва ин ҳолат дар асоси талаботи қонун ва мувофиқаи шарикон сурат мегирад.

Шартномаи оид ба сармоягузории шарикӣ хусусияти иқтисодию истеҳсолӣ дошта, бахри танзими муносибатҳои муштрак, ки предмети шартномаи мазкурро ташкил медиҳанд мусоидат ҳамаҷониба менамояд.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон истифода аз шартномаи сармоягузории шарикӣ тақозои замон мебоашд, зеро он дар таъмини манфиатҳои ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти сармоягузории шарикӣ накши муҳим дорад. Хусусияти асосии ин шартнома дар он ифода мегардад, ки он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла муносибатҳои муштараки сармоягузорӣ мавриди корбарӣ қарор гирифта, яке аз воситаҳои асосии ҷалби сармоя ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад.

Аз ин хотир ба ақидаи мо эҳё намудани заминаҳои ҳуқуқӣ барои фаъолияти сармоягузории шарикӣ, ки бо истифода аз шартномаи сармомоягузории шарикӣ амалӣ мегардад, фазои сармоягузории кишвари моро боз такони нав бахшида шароити мусоидро барои сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ таҳким мебахшад.

**Хулоса** хусусиятҳои иқтисодию истеҳсолии шартномаи сармоягузории шаркикӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати кишвар вусъат ёбад, зеро маҳз иттиҳод ва ҳамбастагии субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ метавонад барои анҷоми корҳои бузург заминагузорӣ намуда, кишвари моро ба мақсади дар пешгузошта, зудтар дастёб гардонад.

## АДАБИЁТ


1.Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025./ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2020, №293. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:Барномаи электронии “Адлия”, (санаи муроҷиат 3.04 2022 с).

2.Бозоров Р.Б. Теоретические проблемы правового регулирования инвестиций в Республике Таджикистан: концепции иправоприменение: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук.- Душаенбе., 2018, 83 с.

3.Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. - Душаенбе., 2018. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:Барномаи электронии “Адлия”, (санаи муроҷиат 15.04 2022 с).

4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: //prezident. Tj /node /27417 # bgafurov (санаи муроҷиат: 10.03.2022 с.).

5. Семочкина Марина Алексеевна. Инвестиционная деятельность с участием иностранных инвесторов в Российской Федерации (правовой аспект): Дис. ... канд. юрид. наук. М., 2014, 179с.

6.[Захираи электронӣ].Манбаи дастрасӣ: https: //wiselawyer. ru/poleznoe /66375-investicionnoe-tovarishhestvo-priroda-specifika-grazhdansko-pravovogo-obyazatelstva.

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Дустов Сулаймон Абдуллоевич****-ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 918282148 (м). E-mail* slaimon.86@bk.ru.

**Сведения об автор:**

***Дустов Сулаймон Абдуллоевич****-ассистент кафедры экономического финансового и антикоррупсионого права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 918282148 (м) E-mail* slaimon.86@bk.ru.

**Information about the author:**

***Dustov Sulaimon Abdulloevich****-assistant of the department of economic, financial and anticorruption lav of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street. Nakhimova 64/14. Phone: 918282148. E-mail* slaimon.86@bk.ru.

---

**УДК: 347.426.637**

## МЕХАНИЗМҲОИ ЮРИДИКИИ ҶУБРОНИ ЗАРАР ВОБАСТА БА МАРГИ ШАХСИ ВОҚЕӢ РАСОНДАШУДА

**Бобоев Ҷамрод Қурбонович**

**Аннотатсия**. Дар мақолаи мазкур мушкилоти ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расонида шудааст, баррасӣ мешавад. Муаллиф меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ин соҳаи муносибатҳои ҳуқуқиро танзим мекунанд, муфассал таҳлил кардааст.

Дар доираи мақолаи мазкур масъалаҳои субъектҳои ӯҳдадорӣ, доираи шахсони ба ҷуброн ҳуқуқдошта, мӯҳлати ҷуброн, андозаи ҷуброн ва масъалаҳои дигар муайян карда мешаванд. Қайд карда мешавад, ки мақоми фавтида ҳамчун субъекти уҳдадорӣ дақиқ муайян карда нашудааст. Даромад ва манфиатҳои шахсии вобаста ба онҳо, имтиёзҳо ва дигар дастгириҳо, ки фавтида бархурдор аст, хусусиятҳои кори мавсимӣ аз мадди танзими ҳуқуқӣ дур мондааст.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки меъёрҳои ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расонида шудааст, камбудиҳои зиеди қонунгузорӣ ва номуайянӣ дорад ва аз нуқтаи назари афкори илмӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Дар мақола барои бартараф намудани камбудиҳои қонунгузорӣ ва равшан намудани баъзе фикру мулоҳизаҳои назариявӣ пешниҳодҳои муаллифӣ ироа мегарданд.

**Вожаҳои калидӣ**: ҷуброни зарар, субъекти уҳдадорӣ, марг, саробон, муҳлати ҷуброн, имтиёз, андозаи ҷуброн, Кодекси маданӣ

**Барои иқтибос**: Бобоев Ҷ.Қ. Механизмҳои юридикии ҷуброни зарар вобаста ба марги шахси воқеӣ расондашуда / Ҷ.Қ. Бобоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). - С. 290-297.

## ЮРИДИЧЕСКИЕ МЕХАНИЗМИ ВОЗМЕЩЕНИЯ ВРЕДА ВЫЗВАННОЕ СМЕРТЮ ФИЗИЧЕСКОГО ЛИЦА

**Бобоев Джамрод Курбонович**

**Аннотация**. В данной статье рассматривается проблема возмещения вреда, причиненного смертью физического лица. Автор подробно проанализировал нормы Гражданского кодекса Республики Таджикистан, регулирующие данную сферу правоотношений.

В рамках настоящей статьи определяются вопросы субъектов обязательства, круг лиц, имеющих право на возмещение, срок возмещения, размер возмещения и другие вопросы. Отмечается, что

статус умершего как субъекта обязательства не определен. Из сферы правового регулирования исключаются доходы и связанные с ними личные льготы, не учитывается особенности сезонной работы преференци и другие виды поддержки, которыми пользовался умерший.

Автор пришел к выводу, что критерии возмещения вреда, причиненного смертью физического лица, имеют множество правовых недостатков и неопределенностей и недостаточно изучены с точки зрения научной точки зрения. В статье представлено авторское предложение по устранению недостатков законодательства и разъяснению некоторых теоретических мнений.

**Ключевые слова**: возмещение вреда, предмет обязательства, смерть, заработная плата, период возмещения, пособие, размер возмещения, Гражданский кодекс.

## LEGAL MECHANISMS FOR COMPENSATION FOR DAMAGE CAUSED BY THE DEATH OF AN INDIVIDUALS

**Boboev Jamrod Kurbonovich**

**Annotation.** This article discusses the problem of compensation for harm caused by the death of an individual. The author analyzed in detail the norms of the Civil Code of the Republic of Tajikistan regulating this area of legal relations.

Within the framework of this article, the issues of the subjects of the obligation, the circle of persons entitled to compensation, the period of compensation, the amount of compensation and other issues are determined. It is noted that the status of the deceased as a subject of obligation is not defined. Income and related personal benefits are excluded from the scope of legal regulation; the peculiarities of seasonal work of preference and other types of support used by the deceased are not taken into account.

The author concluded that the criteria for compensation for harm caused by the death of an individual have many legal shortcomings and uncertainties and have not been sufficiently studied from a scientific point of view. The article presents the author's proposal to eliminate the shortcomings of the legislation and clarify some theoretical opinions.

**Key words**: compensation for harm, subject of obligation, death, wages, period of compensation, benefit, amount of compensation, Civil Code.

**Гузориши масъала**: Дар уҳдадорие, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба вуҷуд омадааст, тартиби ҷуброни зарари дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расонидашуда ҷойи махсусро ишғол мекунад. Агар дар сурати даст задан ва расонидани зарар ба молу мулк ё саломатии шаҳрвандон зарар ба худи ҷабрдида ҷуброн карда шавад, пас аз вафоти ӯ зарар ба доираи муайяни ашхоси вобастаи ӯ ҷуброн карда мешавад.

Муқаррар намудани қоидаҳои ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи марги шахс расонида шудааст, аҳамияти иҷтимоию ҳуқуқӣ дорад. Аммо дар айни замон масъала чи аз нуқтаи назари қонунгузорӣ ва чи аз мавқеи назарияи ҳуқуқ ба кадри кофӣ омӯхта нашудааст. Дар амал бисёр проблемаҳое пайдо мешаванд, ки зарурати ҳалли худро талаб менамоянд.

**Таҳлили тадқиқоти охирин ва нашрияҳо**. Масъалаи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расидааст, ба қадри кофӣ дида баромада нашудааст. Дар асарҳои муҳаққиқон: И.Ҳ Бобоҷонов, Д. В. Носов, В. Болдирев, П.В. Крашенинникова, М. Мережкина ва дигарон, масъалаи ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расидааст, кисман ва рӯякӣ таҳлил карда мешавад.

**Мақсади мақола**. Муайян намудани проблемаҳои қонунгузорӣ ва равшан кардани андешаҳои назариявӣ оид ба ҷуброни зарари дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расонидашуда. Пешниҳоди роҳҳои ҳалли масъала низ мақсади мақоларо ташкил медиҳад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ**. Аҳамияти иҷтимоии ҳаёт, аз рӯйи ақидаи дурусти И.Ҳ Бобоҷонов аз он иборат аст, ки вай бузургтарин ва муҳимтарин неъматҳои иҷтимоию ҳуқуқии шахс буда, ҳама ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои дигар дар ҳолати фавти шахс аҳамият ва муҳимияти худро гум мекунанд[1, с.9].

Маҳз омили иҷтимоӣ зарурати дар боби 66 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) ҳамчун моддаи алоҳида мукаррар намудани меъёрҳои ҷуброни зарари вобаста ба марги шахс сабаб гардидааст.

Бояд қайд кард, ки ҳаёти инсон объекти ҳифзи ҳуқуқӣ на танҳо ҳуқуқи конститутсионӣ, ҷиноятӣ, балки ҳуқуқи маданӣ низ мебошад. Дар таҳрири нави

Кодекси маданӣ муқаррар карда шудааст, ки ҳуқуқ ба ҳаёт аз шахс дахлнопазир аст ва ҳеч кас бе асосҳои қонунӣ аз ҳаёт маҳрум карда намешавад (моддаи 232 КГ). Чунин кафолати қонуни бешубҳа нишон медиҳад, ки маҳрум намудани инсон аз ҳаёт мумкин нест.

Аммо Кодекси маданӣ пешгирӣ кардани зарар ба ҳаёти инсонро гирифта наметавонад. Ин асосан вазифаи дигар соҳаҳои ҳукук мебошад. Аммо КМ имкон медиҳад, ки гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандон ҷуброни зарарро тавассути пардохти ҷуброн талаб кунанд. Дар ин самт ҳифзи ҳаёти шаҳрвандон тибқи меъёрҳои боби 66 КМ, ки ҷуброни зарари молумулкиро мукаррар кардааст, сурат мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки ҷуброни зарар дар робита ба марги шаҳрвандон камбудиҳои зиёди қонунгузорӣ ва норавшанӣ аз нигоҳи назариявӣ дорад, ин масъала ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Агар ба назар гирифта шавад, ки ҳамасолаи дар ҳаёти ҷамъиятӣ ходисаҳои расонидани зарар, ки боиси марги шаҳрвандон мегардад, зиёд ба мушоҳида мерасад, яъне як падидаи хеле маъмул аст, хоҳ но хоҳ масъалаи ҷуброни зарарро бавуҷуд меорад.

Аммо талаботи қонунгузорӣ ки ҷуброни зарари вобаста ба маргӣ шаҳрвандро муайян менамояд, айни замон ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест, маблағҳои муайянгардида баъзан вақт ночиз буда манфиатҳои шахсоне, ки таҳти саробонии шахси фавтида қарор доштан қонеъ карда наметавонад.

Аз ин лиҳоз зарур аст, ки чунин механизме коркард карда шавад, ки тавонад талаботи шахсоне, ки таҳти саробонии шахси фавтида қарор доштанд қонеъ намояд ва инчунин ба талаботи адолати иҷтимоӣ ҷавобгӯ бошад.

Инак, тибқи м.1189 КМ зарар метавонад ба шахс расонида шавад. Зери шахс дар ҳолати мазкур шахси воқеӣ фаҳмида мешавад, ки ба ҳаёт ва саломатии ӯ зарар расонида шудааст.

Моддаи 1214 КМ инчунин аз он бармеояд, ки уҳдадории ҷуброни зарар ҳангоми фавти шаҳрванд ба миён меояд, яъне марги шахси воқеӣ барои ба вуҷуд омадани уҳдадории ҷуброни зарар асос мебошад. Гарчанде дар адабиёт баъзан гуфта мешавад, ки марги шахс барои қатъи ӯҳдадорӣ асос мешавад [2, с.220].

Мафҳуми марг дар қонунгузории амалкунанда мавҷуд нест. Аммо дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минъбад – КТ ҶТ) мафҳуми «марги мағзи сар» мавҷуд аст, ки барои муайян кардани лаҳзаи марг истифода мешавад.

Аз рӯйи мафҳумҳои асосии КТ ҶТ марги мағзи сар қатъи пурра ва бебозгашти тамоми фаъолияти майна мебошад, ки ҳангоми тапиши дил ва вентилятсияи сунъии шуш ба қайд гирифта мешавад.

Чунон ки Д И. Мейер қайд менамояд «худи марг дар муносибатҳои ҳуқуқӣ тағйирот ба вуҷуд намеоварад: марг бояд исбот карда шавад; бояд далеле бошад, ки ҳуқуқи шахси маълум воқеан бо марг қатъ шудааст» [4, 86].

Факти марг бо ҳуҷҷати дахлдор тасдиқ карда мешавад. Дар асоси хулосаи муассисаи тиббӣ, мақомоти САҲШ шаҳодатномаи марг медиҳад.

Инак, агар ба проблемаҳои назариявии масъалаи мазкур назар андозем, масъалаи таркиби субъекти уҳдадорӣ диққати махсусро талаб менамояд.

Гап дар сари он аст, ки дар қатори расонандаи зарар, шахси фавтида инчунин шахсоне ҳастанд, ки дар таъминоти шахси фавтида қарор доранд. Меъёрҳои ҷуброни зарар пеш аз ҳама барои ҳифзи шахсоне, ки ба он эҳтиеҷ доранд нигаронида шудааст.

Агар масъалаи шахсе, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳалокат расидааст, таваҷҷӯҳи махсусро ба худ ҷалб накунад, пас вазъи ӯ бояд мушаххас карда шавад.

Тибқи қонунгузории ҶТ ҷабрдида шахсе дониста мешавад, ки ба вай зарар расонида шудааст (ҷисмонӣ, маънавӣ, молу мулкӣ), ин мафҳум ба шахсе мувофиқ аст, ки умраш дар натиҷаи кирдори зараррасон кӯтоҳ шудааст.

Дар қатори “ҷабрдида” дар қонунгузорӣ категория “зарардида” истифода мешавад. Категорияҳои мазкур ба ақидаи муаллиф агар фарқият дошта бошанд ҳам аммо он қадар муҳим нестанд. Ҷабрдида дар он ҳолате истифода мешавад, ки агар расонандаи зарар маълум бошад. Категорияи мазкур мурофиавӣ буда дар он ҳолатҳое истифода мешавад агар мақсад муайян намудани шахсе, ки аз амалҳои зарарасон зарар дидааст вуҷуд дошта бошад.

Зарардида метавонад шахсе бошад, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ зарари молумулкӣ ё ғайримолумулкӣ дидааст ё дар вақте, ки зарар бо гуноҳи худи ӯ расидааст. Бо назардошти он, ки ҷабрдида – ин шахсе мебошад, ки дар натиҷаи амали (беамалии) шахсони сеюм зарар дидааст, пас дар ҳолати мо зери он худи вай ҳамчун инсони вафоткарда ва инчунин шахсоне, ки таҳти таъминоти вай қарор доштанд фаҳмида мешавад.

Зарардида баъзан вақт ҳуқуқ надорад ба суд оид ба вайрон гардидани ҳуқуқҳои субъективиаш

муроҷиат намояд, зеро аввало, вайрокунӣ метавонад набошад ва дуюм, кредитор метавонад набошад ё ин ки худи вай кредитори худ мебошад.

Масалан, дар натиҷаи кор фармудани пармаи электрикӣ одам бе риояи қоидаҳои бехатарӣ ҷароҳат мебардорад. Албатта, зарар расид, ӯ азоб кашид, аммо ӯро ҷабрдида номидан душвор аст. Ӯ бар зидди кӣ даъво пешниҳод карда метавонад?

Дар адабиёт нишон дода шудааст, ки калимаи «зарардида» на ҳамчун исми мустақил, балки ҳамчун ҳисса истифода шуда, ҳамчун пайвандаки байни «субъект» ва сабаб хизмат мекунад» [6, с.128].

Бо назардошти он, ки ҷабрдида шахсе мебошад, ки дар натиҷаи амали (беамалии) шахсони сеюм зарар дидааст, пас дар ҳолати мо ба ин сифиат ӯ ҳамчун худи шахси фавтида ва ҳам шахсони дар таъминоти вай қарор доштанд фаҳмида мешавад. Аммо агар баназар гирифта шавад, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ ду тараф кредитор ва қарздор баромад менамояд, пас саволе ба миен меояд, ки метавон худи шахси фавтидаро ва инчунин шахсоне, ки таҳти таъминоти ӯ қарор доштанд кредитор номид.

Аз рӯйи КМ кредитор шахсе дониста мешавад, ки ҳуқуқи аз қарздор талаб намудани иҷрои уҳдадориро дорад.

Аммо агар ба назар гирем, ки ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт фавти шахси воқеӣ ба амал меояд, онгоҳ иштироки он ба сифати кредитор дар уҳдадорӣ зери суол гузошта мешавад. Гап дар сари он аст, ки бо марги шаҳрванд қобилияти ҳуқуқдории ӯ қатъ мегардад ва бинобар ин ӯ ҳуқуқ надорад иҷрои уҳдадориро талаб намояд.

Агар шахс воқеан имкони талаб кардани иҷрои уҳдадориро надошта бошад, пас ӯ чӣ гуна метавонад дар ин уҳдадорӣ кредитор бошад. Аз ин рӯ, муайян кардани кредитор бо ҷабрдида дар уҳдадории ҷуброни зарар ба ҳаёт баҳсбарангез ба назар мерасад.

Аммо шахсоне, ки дар таъминоти фавтида қарор доштанд, метавонанд ҳам ҷабрдида ва ҳам кредитор ҳисобида шаванд. Аввалан, онҳо дар натиҷаи амали шахсони сеюм зарар дида, аз воситаҳои рӯзгузаронӣ маҳрум гардидаанд ва онҳо кредитор мебошанд, зеро онҳо ҳақ доранд аз зараррасон ҷуброни зарарро талаб кунанд.

Дар адабиети ҳуқуқӣ ақидае ҷой дорад, ки зараррасон дар уҳдадорӣ ки боиси марги шахси воқеӣ гардидааст, қарздори он шахсоне мешавад, ки зарар бавосита расонида шудааст. Ин шахсон тарафи уҳдадорӣ бо он сабаб дониста мешавад, ки зарар ба неъматҳои моддӣ ва ғайимоддии онҳо расонида мешавад, гарчанде ки зарар бавосита – бо роҳи аз ҳаёт маҳрум намудани шахси дигар расонида шудааст [3, с. 13-14].

Чунин хулоса ба ақидаи мо баҳснок мебошад. Гап дар сари он аст, ки инсонро аз ҳаёт маҳрум намуда зараррасон бо ин амали худ ба шахсоне, ки таҳти таъминоти вай қарор доштанд аз имконияти дастгирии молу мулкӣ маҳрум месозад. Аз ин лиҳоз бавосита не балки бевосита ба шахсоне, ки дар таъминоти вай қарор доштанд зарар расонида мешавад. Бояд дар назар дошт, ки меъёрҳо оид ба ҷуброни зарар характери иҷтимоӣ доранд, ва барои таъмин намудани шахсоне, ки ба дастгирии моддӣ ниёз доранд равона гардидаанд.

Доираи шахсоне, ки тибқи меъерҳои КМ ҳуқуқи ҷуброни зарарро доранд, ба таври том нишон дода шудааст. Аммо доираи ин ашхос мафҳуми чандир аст ва метавонад ҳамаи он шахсонеро дар бар гирад, ки дар таъминоти фавтида қарор доштанд.

Шахсоне, ки ба ҷуброн ҳуқуқ доранд, инҳоянд:

– маъюбоне, ки дар таъминоти фавтида буданд ё дар рӯзи фавти ӯ ҳуқуқи аз ӯ гирифтани таъминотро доштанд;

– кӯдаки фавтида, ки баъди марги ӯ таваллуд шудааст;

– яке аз падару модар, зан ё дигар аъзои оила, новобаста аз қобилияти меҳнатӣ, ки кор намекунад ва ба нигоҳубини фарзандон, набераҳо, бародарону хоҳарони фавтида, ки ба синни чордаҳсола нарасидаанд, машғул аст ё агар ба синни муқарраршуда расидаанд, вале хулоса ба мақомоти тиббӣ, ки бо сабабҳои саломатӣ ба нигоҳубини беруна эҳтиёҷ доранд;

– шахсоне, ки дар таъминоти шахси фавтида буданд ва дар давоми панҷ соли баъди вафоти ӯ маъюб шудаанд.

Маҳаки асосие, ки қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани ҷуброни зарар истифода мебарад, ин муқаррар намудани далели ғайри қобили меҳнат ва дар таъминоти шахси фавтида қарор доштан мебошад.

Аввалин шахсоне, ки тибқи қоидаҳои қ. 1 моддаи 1214 КМ ҳуқуки ҷуброни зарарро доранд шахсони ғайри қобили меҳнат мебошанд, ки дар таъминоти шахси фавтида қарор доштанд.

Таҳлили қонунгузории ҶТ нишон медиҳад, ки ғайриқобили меҳнат бо ду роҳ муайян карда мешавад: аз рӯи синну сол ва вазъи саломатӣ.

Аз рӯи синну сол ба ин категория фарзандони фавтида дохил мешаванд. Дар ин ҷо меъёрҳои синну соли ноболиғ дар мавриди фарорасии ҷавобгарӣ ба назар гирифта намешаванд. Агар ҷавобгарии ноболиғони аз 14 то 18 сола аз хурдсолон фарқ дошта

бошад, пас аз марги падару модар ҳамаи онҳо дар парастории шахси фавтида ҳисобида мешаванд.

Аммо қоидае, ки ҳуқуқ ба ҷубронпулӣ медиҳад, то лаҳзаи ба синни 18-солагӣ расидан эътибор дорад, аммо агар донишҷӯи рӯзонаи муассисаи таълимӣ бошад, мӯҳлат то анҷоми таҳсил тамдид карда мешавад, вале на бештар аз бисту се солагӣ.

Агар фарзанди фавтида кор кунад, он гоҳ ҳуқуқи ҷуброни зарар то муҳлати муқарраршуда бекор намешавад, зеро ҳуқуқ ба меҳнат ҳуқуқи субъективии ӯ ва ҷуброни зарар уҳдадории расонандаи зарар мебошад.

Ба шахсони ғайриқобили меҳнат метавон онҳоеро дохил намуд, ки агар онҳо мутаносибан занони аз панҷоҳу хаштсола боло ва мардони аз шасту сесола боло бошанд ва ҳуқуқи гирифтани таъминотро аз шахси фавтида доштад.

Ба ин гурӯҳ волидайни фавтида дохил мешаванд, агар онҳо аз синни муқарраршуда боло бошанд, бобою биби агар муқаррар карда шавад, ки онҳо воқеан дар тобеъияти фавтида буданд ва ғайр аз ӯ хешу табори дигар надошта бошанд, метавонанд ба ин доира дохил шаванд.

Аз рӯйи саломатӣ ба шахсони ғайри қобили меҳнат фарзандони болиғи фавтида, ки ғайри қобили меҳнат эътироф гардидаанд, маъюбӣ доранд, дигар шахсони дар таъминоти фавтида қарордошта, ки дар муддати панҷ соли баъди фавти вай ғайри қобили меҳнат гардидаанд метавон дохил намуд.

Шахси дигаре, ки ба ҷуброни зарар ҳуқуқ дорад, фарзанди шахси фавтида, ки баъди марги у таваллуд шудааст, мебошад. Ин ҳуқуқ бо он муайян карда мешавад, ки кӯдаке, ки дар давоми ҳаёти шахси фавтида дар батни модар обиста шудааст, аз лаҳзаи таваллуд тамоми ҳуқуқҳоро дорад.

Дигар шахсе ки аз рӯйи КМ ҷабрдида эътироф мешавад ва ҳуқуқи ҷубронпулӣ гирифтанро дорад ин яке аз падару модар, ҳамсар ё дигар аъзои оила, ки ба нигоҳубини фарзандон, наберагон, хоҳару бародарони тахти таъмини шахси вафоткарда қарордошта машғул аст - то ба чордаҳсолагӣ расидани онҳо ё тағйир ёфтани вазъи саломатӣ мебошад.

Доираи шахсоне, ки ҳуқуқ ба гирифтани ҷубронпулиро дар сурати аз даст додани саробон доранд бо онҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинӣ гардидааст мувофиқ мебошад.

Аммо дар назар доштан лозим аст, ки меъёрҳои қонуни мазкур нисбат ба таъини нафақаи суғуртавӣ ҳангоми аз даст додани саробон истифода мешаванд ва бинобар ин меъёрҳои он табиати маданӣ-ҳуқуқӣ надоранд. Барои таъини нафақа фарқ надорад, ки сабаби зарар чист, вале барои ҳуқуқи маданӣ ин нуқтаи асосӣ мебошад.

Агар доираи шахсоне, ки ба ҷуброн ҳуқуқ доранд тибқи қонун дар шакли пӯшида муқаррар карда шуда бошад, пас муҳлати пардохти ҷуброн метавонад гуногун бошад.

Бояд дар назар дошт, ки уҳдадорӣ оид ба ҷуброн намудани зарар вобаста ба марги шаҳрванд характери давомнок дорад. Шахсоне, ки ба таъминоти моддӣ эҳтиёҷ доранд метавонанд ба муддати тӯлони ва ё умуман аз ин дастгирӣ маҳрум шаванд. Аз ин лиҳоз вазифаи қонунгузор аз он иборат аст, ки баъди марги шахси воқеӣ манфиатҳои шахсоне, ки дар таъминоти вай қарор доштанд вайрон нагарданд.

Муҳлати ҷубронпулӣ аз як қатор омилҳо ба монанди расидан ба сину соли муайян ва тағйири ҳолати саломатии шахс вобаста аст. Маҳз дар доираи муҳлат зарарасон пардохтҳое, ки бо суд муқаррар гардидааст ҷуброн менамояд. Аз ин лиҳоз муҳлат дар уҳдадорӣ яке аз унсурҳои муҳимдониста мешавад.

Чи тавре ки дар адабиет зикр кара мешавад, муҳлат дар ҳуқуқи маданӣ барои ба низом даровардан, ташкил кардани муайянӣ, интизоми иштирокчиен ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъективиро таъмин кардан равона гардидааст[5, с.12].

Аз рӯйи талаботи қ.4 м.1214 КМ муҳлати ҷуброни зарар ба шахсони ноболғ то расидан ба синни 18 солаги муқаррар карда мешавад.

Чунин талабот нисбати аъзои оилаи марҳум ба он вобаста аст, ки ноболиғи то 18-сола манбаи даромади зиндагӣ надорад ва маълум аст, ки ӯ воқеан ба дастгирии моддӣ ниёз дорад.

Бо расидан ба синни 18 солагӣ шахси воқеӣ қобилияти амалкуниро пайдо намуда метавонад дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мустақилона амал кунад. Вай метавонад аллакай ҳангоми пешбурди фаъолияти меҳнатӣ ё соҳибкорӣ манбаи мустақили даромад дошта бошад.

Аз ин рӯ, пас аз расидан ба синни 18-солагӣ, ӯҳдадорӣ метавонад қатъ карда шавад, ба шарте ки, албатта, шахси эҳтиёҷманд дар шакли рӯзона таҳсил накунад. Пас аз ба итмом расидани таҳсил, уҳдадорӣ ба итмом мерасад. Мӯҳлате, ки қонун барои донишҷӯён муқаррар кардааст, то бисту се солаги мебошад.

Чунин талабот барои онҳое ки дар шакли рӯзона таҳсил менамянд ба он хотир раво дониста шудааст, ки вай бояд дар муддати таҳсил ба мушкилоти молиявӣ (хурду хӯрок, хариди китоб, роҳкиро ва ғ.ра) рӯ ба рӯ нагардад. Мушкилоти молиявӣ метавонад барои аз худ кардани барномаи

таълимӣ ва омодагии касбӣ таъсир расонад, бинобар ин асоснок аст, ки қонунгузор чунин талаботи қатъӣ, вале одилонаро нисбат ба зараррасон муқаррар мекунад.

Агар уҳдадории ҷуброни зарар барои як гурӯҳи муайяни шаҳрвандон баъди расидан ба синни муайян ба охир расад, пас барои баъзеи дигар он то абад эътибор дорад. Ҳамин тариқ, тибқи банди 3, қисми 4, моддаи 1214 КМ ба занони аз панҷоҳу ҳаштсола боло ва ба мардони аз шасту сесола боло ҷуброни зарар умрбод пардохт карда мешавад.

Агар ба моҳияти масъала баҳо диҳем, пас қонун ҳангоми муқаррар намудани ҷуброни зарар аз он бармеояд, ки шахс манбаи даромад надорад, яъне кор намекунад ё ба синни нафақа расидааст.

Ин муҳлат ба синни нафақа ки м.13 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» пешбинӣ гардидааст мувофиқ мебошад. Аммо чунин талабот вобаста ба баъзе ҳолатҳо баҳснок ба назар мерасад. КМ намудҳои алоҳидаи касбу кор ва маҳалро, ки нисбати онҳо синну соли ба нафақа баромадан камтар пешбинӣ гардидааст ба инобат намегирад.

Масалан, тибқи м.13 Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба шахсоне, ки дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кор кардаанд ва доимӣ истиқомат мекунанд, нафақаҳои суғуртавӣ аз рӯи синну сол пас аз расидан ба синни 53 ва ба занҳо пас аз расидан ба синни 48 пешбинӣ гардидааст. Ё ин ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" имконияти баромадан ба нафақаро ба шахсоне ки собиқаи бефосилаи 25 солаи корӣ доранд баромадан ба нафақаро пешбинӣ менамояд.

Дар чунин ҳолатҳо чи бояд кард. Шахсе, ки ба нафақа баромадааст, танҳо ба нафақаи гирифтааш умед баста метавонад ва то муҳлати муқарраркардаи КМ бояд интизор шавад. Албатта, ин ҳолат баъзан беасос аст.

Ба назари мо муқаррар намудани муҳлате, ки баъди фаро расидани он корношоямӣ ба амал меояд, ба вазифаҳои КМ мансуб нест. Он танҳо бояд муносибати вобаста ба ҷуброни зарарро танзим кунад. Муқаррар намудани муҳлатро муаллиф вазифаи ҳуқуқи оммавӣ ҳисоб мекунад. Ягона роҳи ҳалли дуруст дар вазъияти бавуҷудомада ба нафақа баромадан тибқи қонун бидуни муқаррар намудани маҳакии синну солӣ ба назар мерасад.

